ИСТИҚЛОЛИЯТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН 10 СОЛ

М. ЗАЙНИДДИНОВ
А. ХУДОЙДОДОВ

# АДАБИЁТИ ҶАҲОН

## 10 - 11



## *МУРОҶИАТ*
## *БА ХОНАНДАИ КИТОБ*

*Дӯсти ҷавони ман. Бидон ва огоҳ бош, ки китоб дар радифи Модар ва Ватан арзандатарин муқаддасот ба ҳисоб меравад. Тамоми бузургон, донишмандон ва хирадмандони гузаштаву муосир китобро яке аз беҳтарин арзишҳои зиндагӣ granted дониста, онро «аниси кунҷи танҳоӣ» ва «фурӯғи субҳи доноӣ» пиндоштаанд.*

*Китобе, ки дар даст доред, бо заҳмати ниҳоят зиёд аз чоп баромадааст. То дар ин шакли ниҳоят зебо ва мазмуни баланд ба дасти Шумо расидан муаллифон, ҳуруфчинон, рассомон, саҳифабандон ва ноширон ранҷи бисёре кашидаанд, маблағи зиёде сарф кардаанд. Бинобар ин ба қадри меҳнати онҳо расидан камоли боодобист. Китобро азизу муқаддас донед, чун гавҳараки чашм онро эҳтиёт намоед. Китобро бо шавқу завқи беандоза мутолиа созед, аз мундариҷаи он донишатонро афзун гардонед ва бомаърифату соҳибхирад шавед!*

*Бидонед, ки китобхониву китобдӯстӣ инсонро ҳатман ба қуллаи мурод мерасонад, мартабаашро дар ҷамъият баланд мебардорад, ӯро ҳимматбаланду қадршинос мегардонад. Эҳтиром ба Ватан, ифтихор бо Тоҷикистони азиз, дӯст доштани ҳар гӯшаву канори он аз дуруст мутолиа кардани китоб ва азбар кардани мазмуни матнҳои он ба даст меояд.*

*Ба Шумо, дӯсти ҷавони ман, дар роҳи омӯзиш, азхуднамоии арзишҳои бузурги инсонӣ муваффақиятҳо таманно дорам.*

**Бо эҳтиром**
**Президенти Ҷумҳурии**
**Тоҷикистон**

**Э. Раҳмонов**



**ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ЭМОМАЛӢ РАҲМОНОВ**

МУРТАЗО ЗАЙНИДДИНОВ
АЪЗАМ ХУДОЙДОДОВ

# АДАБИЁТИ ҶАҲОН

**Барои синфҳои 10-11**

*Коллегияи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп тавсия кардааст*



1164

ПИК «Офсет»
2001

1164

**ББК 63.3 (5 Тад) я 721**
**И - 90**

**Зайниддинов Муртазо, Худойдодов Аъзам.**

Адабиёти ҷаҳон. Китоби дарсӣ барои синфҳои 10-11 мактаби миёна. 2001. 352 саҳ.

Муаллимони мӯҳтарам!

Хоҳишмандем фикру мулоҳизаҳои хешро оид ба мавзӯъҳои китоби мазкур ба нишонии 734024. ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 45. Пажӯҳишгоҳи улуми педагогии Тоҷикистон ирсол намоед

Истифодаи иҷоравии китоб:

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли | Ҳолати китоб | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали соли | Охири соли |
| 1 | Ошлова Фарзона | 11-б | | | |
| 2 | Тўхтоев С | 11-а | 2010 | 2010 | 2011 |
| 3 | Расулова Охуна | | | | |
| 4 | | | | | |
| 5 | | | | | |

ISBN 901533 - 02 - X

© Зайнуддинов М., Худойдодов А. 2001

## *МУҚАДДИМА*

Таълими «Адабиёти халқҳои ҷаҳон» дар синфҳои 10-11 [illegible]-яти тарбиявӣ, эстетикӣ ва сиёсӣ дошта, дар роҳи бедор намудани [illegible] худшиноси хонандагон мадад мерасонад.

Маълум, ки хонандагони ин синфҳо ба чеҳраҳои бузурги таърихи маданият, ҷараёнҳои асосӣ, вазъи сиёсиву иҷтимоии давраҳои гуногуни таърихи халқи худ ошноӣ пайдо намудаанд. «Адабиёти халқҳои ҷаҳон», ки бори аввал дар шакли китоби дарсӣ таълиф гардидааст, хонандагонро ба чеҳраҳои адабии халқҳои мухталиф ва осори онҳо шинос намуда, ба ин васила доираи дониш ва дарки дунёшиносии онҳоро ғанӣ мегардонад. Аҳамияти дигари таълими ин фан дар он зоҳир мегардад, ки хонанда бо нигоҳи дигар боз ба адабиёти халқи худ назар меандозад, яъне қиёсан ба адабиётҳо баҳо медиҳад.

Дар китоби аввал оид ба мероси шифоҳӣ ва хаттии дунёи қадим маълумоти зарурӣ дода, баъд чеҳраҳои намоёни адабӣ муаррифӣ гардидаанд ва баъди ин асарҳои зарурӣ барои омӯзиши мустақилона тавсия шудаанд.

Дар дохили китобе, ки унвони «Адабиёти халқҳои ҷаҳон»-ро гирифтааст ва миқдори соати тадрисии муайян дорад, дар мавриди адабиётҳои гуногун, чеҳраҳои зиёди адабӣ маълумот додан мушкилоти хос дорад. Муаллифон ба барномаҳои тадрисии фанҳои Адабиёти иттиҳод, Адабиёти хориҷӣ (қисматҳои гуногун) васоити таълимӣ, китобҳои дарсӣ барои мактабҳои олӣ, хрестоматияҳо, комусҳо, маҷмӯаҳои дастҷамъӣ, маводи рӯзҳо, ҳафта ва Даҳаи адабиёт, асарҳои тарҷумашуда ва мақолаву рисолаҳои муҳақ-қиқон, асарҳои адабиётшиносии муқоисавӣ такя намуда, ин китобро омода кардаанд.

Таълими ин фан дар ду синф (10-11) пешбинӣ шуд, дар интихоби мавзӯъ принсипи таърихӣ-хронологӣ риоя гардидааст. Дар синфи 10 мавзӯъҳо ва чеҳраҳои ба истилоҳ классикӣ интихоб шудаанд.

Дар синфи 11 бошад, бо назардошти нигоҳ доштани ҷараёни умумии инкишофи адабиёти садаи XX осори адибони муосир интихоб карда шуд. Дар интихоби намунаи осори адибон то ҳадде сифати асарҳои тарҷумашуда ба назар гирифта шудааст.

Дар интихоби чеҳраҳои адабии адабиётҳо то ҷое наздикӣ ва иртиботашон ба адабиёти тоҷик ба назар гирифта шуд.

Китоби дарсии «Адабиёти халқҳои ҷаҳон», ки манзури мактабиёни тоҷик мегардад, таҷрибаи аввал буда, аз камбудиҳо холӣ нест. Дар ин маврид умед ва такяи мо ба муаллимони соҳибтаҷрибаи мактабҳои таҳсилоти ҳамагониву олӣ, олимону мутарҷимони тоҷик аст.

Мо ба иҷрои ин кори масъулиятталаб бо назардошти ҳикмати «Мушкиле нест, ки осон нашавад» ва ба хотири он ки хонандаи тоҷик аз асарҳои бузургтарини адабиёти башарӣ огоҳӣ ёбад, даст задем. То кадом андоза ба ин муваффақ шуданамонро танҳо хонандагони китоб қазоват хоҳанд кард.

# АВЕСТО[1]

Яке аз ёдгориҳои қадимаи халқҳои ориёӣ Авесто буда, ба давраи пеш аз милод мансуб аст.

Дар бораи макону замони эҷод гардидани ин асар дар адабиёти илмиву таърихӣ андешаҳо якранг нестанд. Вале аксари онҳо далолат мекунанд, ки Авесто дар асри IV пеш аз мелод дар Мовароуннаҳру Хуросон таълиф ёфтааст. Аз қисматҳои қадимтарини Авесто маълум мегардад, ки он бо забонҳои эронии шарқӣ мувофиқат дошта, ақидаҳо дар бобати ҷои навишта шудани қисматҳои он гуногунанд.

Доир ба маънии номи китоб низ андешаҳо мухталифанд. Дар баъзе китобҳо он ба маънии дониш омада бошад, дар Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик онро чунин маънидод кардаанд: "Дар забони паҳлавӣ Авесто ба шакли Апастак омадааст, ки он маънои **асос, бунёд**-ро медиҳад. Дар "Бундаҳишн" Авесто бо номи "Дин" -китоби мазҳабӣ, қонуни динӣ омадааст".

Дар асарҳои паҳлавӣ, адабиёти исломӣ омадааст, ки Авесто дар ибтидо шифоҳӣ нақл меёфт, баъдтар баробари пайдоиши алифбои авестоӣ /асри III то милод/ дар рӯи пӯсти 1200 гов бо ҳарфҳои заррин китобат шуда будааст.

Аз рӯи маълумоти қомусҳо аз ин китоб ду нусха вуҷуд доштааст. Искандари Мақдунӣ ҳангоми забти Эрону Осиёи Миёна дар радифи дигар ғаниматҳо Авесторо низ ба даст овард. Бо фармони ӯ яке аз нусхаҳоро барои тарҷима ба Юнон фиристонида, дигареро оташ заданд. Мӯбадони зардуштӣ, ки онро пурра аз ёд медонистанд, бо вуҷуди оташ задани Авесто онро аз ёд мехонданду ба тоату ибодат машғул мешуданд. Баъдтар бо фармони шоҳи ашконӣ Валахаш /Вологес/ -и I /асри I милодӣ/ аз рӯи пораҳои боқимонда ва хотираи мӯбадон, ки аз ёд медонистанд, Авесто гирд оварда шуд. Пас, дар замони ҳукмронии Сосониён /а.IV/ таҳти роҳбарии Атурпати Меҳроспандом Авесто таҳрир ва китобат шудааст. Дар натиҷа "Занд-Авесто"- шарҳи мухтасари Авесто дар замони Хусрави I ба вуҷуд омад, ки он аз 21 китоб /наск/ иборат буд. Ду нусхаи мӯътабари он имрӯз низ дар китобхонаи Копенҳаген маҳфуз аст.

Аз маълумоти авестошиносони ватанию хориҷӣ бармеояд, ки ҳамаи матнҳои Авестои давраи Сосониён бояд аз 345 ҳазору 700 калима иборат бошад. Мутаассифона, дар айни замон китоби мазкур 83 ҳазор калимаро фаро мегирад. Бинобар ин, Авестои то ба мо расида аз чор як ҳиссаи он маҳсуб шуда, аз панҷ қисм: 1. Ясно; 2. Виспарад; 3. Вандидод; 4. Яштҳо; 5. Хурд-Авесто иборат аст. Инчунин дар китоб порчаҳои паро-

[1] Дар таърих ва адабиёт Авесто бо номҳои Ависто, Абастоғ, Абасто, Авасто, Апасто, Афасто, Бустак, Усто, Васто, Сто, Апастак ва ғ. ба назар мерасад. Масалан, дар як байти Рӯдакӣ бо номи Абасто омадааст:

> Ҳамчу муаммост фахру ҳиммати ӯ шарҳ,
> Ҳамчу Абастост фарзу сирати ӯ Занд.

канда низ мавҷуданд, ки ба забон ва адабиёти авестоӣ тааллуқ доранд. Шарҳи қисматҳои Авесто чунинанд:

1. Ясно – маънои қурбонӣ ва ибодатро дошта, маҷмӯи ситоишу ниёишҳоест дар ситоиши офаридагор ва офаридагонаш. Ясно 72 бахшро фаро гирифтааст, ки аз он 17-тоашро Готҳо, яъне сурудҳои пайғамбар Зардуштро фаро гирифтааст. Бахшҳои он чунин аст: Бахши 1-2 муқаддима, 3-8 қоидаҳои ба ҷо овардани қурбонӣ, 9-11 дуо дар бораи яке аз рустаниҳои муқаддас, 12-13 таърихи офариниши олам ва мавлуди Зардушт ва ситоиши оини ӯ, 14-63 наъти худованд ва ҳамду санои ӯ, 17 бахши боқимондаро суруду гуфтор ва андешаҳои Зардушт ҳамчун намунаи ойинаи зиндагии нек дар бар кардааст.

2. Виспарад – маъноаш «ҳамаи сарон», «ҳамаи сарварон» буда, намоз ва дигар маросимҳои диниро ифода менамояд. Ин бахш ифодакунандаи он маросиму намозҳоест, ки ҳар сол бо номи ҷашнҳои шашгона /Гоҳонбор/ қайд карда мешавад. Он аз 24 пора иборат буда, онро /пораҳоро/ фаргард гӯянд ва ҳар ҷашн ба муддати 5 рӯз давом карда, ҳар рӯз бахшҳои панҷгонаи готҳо қироат мешавад.

3. Яштҳо – маънии гуфтори хуш ва ситоишро дошта, асосан дар бораи ситоиши худоҳо аст.

4. Вандидод,Видевдот – маҷмӯи амрҳои динӣ буда, ба маънии қонуни зидди дев омадааст. Ин бахш аз 22 боб фароҳам омада, сурудҳои сужетнокро дарбар гирифтааст. Инчунин масъалаҳои фалсафӣ, панду ахлоқ, дастурҳо, пиромуни илму дониш, покизагӣ, фарҳанг, тиб, ҳуқуқ, пайдоиши замин ва ғайраро фаро гирифта, дар шакли саволу ҷавоби Зардушт бо Аҳура Маздо иншо шудааст.

5. Хурд Авесто – яъне Авестои хурд, ки дуову ниёиш ва гуфтаҳои чаҳор бахши аввал, инчунин ниёишҳои гирдовардаи мӯбадони замони Сосонӣ ва пас аз онро фаро гирифтааст.

Аз лиҳози мазмуну мундариҷа Авесто бою гуногунранг буда, ҳамчун қомуси зиндагии халқҳои ориёӣ, дар бораи донишҳои андӯхтаи эшон дар соҳаҳои мухталифи илм – фалсафа, ҳуқуқ, тиб, ҷуғрофия, ҳандаса, риёзиёт, нуҷум, таърих, забон, адабиёт ва ғайра баҳс мекунад.

Мо аз Авесто дар бораи қиссаву ривоят, достонҳои қадим ва асотири халқҳои эронинажод, инчунин ба эҷодиёти шифоҳии халқ, ки то замони мо расидааст, ошноӣ пайдо мекунем. Ҳангоми мутолиаи Авесто хонанда бо образҳои он - Ҳаошиянҳо, Тахма Уруна, Йима Хшоета, Гайа Маретан, Трайтаона, Ажи Даҳака ва тимсоли онҳо, ки дар "Шоҳнома" бо номҳои Ҳушанг, Таҳмурас, Ҷамшед, Каюмарс, Фаридун ва Заҳҳок омадааст, шинос мешавад.

Аҳамияти Авесторо чун асари бадеӣ боз дар он мебинем, ки санъатҳои бадеии гуногун - ташбеҳ, истиора, такрор, саҷъ, суолу ҷавоб, таносуб ва ғайра хеле зиёд истифода шуда, қисматҳои манзум /Готҳо ва Яштҳо/-и он дар вазни ҳиҷо суруда шудааст.

Хулоса, дар Авесто мо баробари андешаву акидаҳои динии Зардушт ва ҳаммаслакону пайравони ӯ, ба маҷмӯи суруду асотир, афсонаву шеърҳо, оид ба таърих, фалсафа, фарҳангу маданият ва хатту забони халқҳои эронинажод маълумоти пуркимат пайдо карда метавонем.

## БИБЛИЯ

Библия - Китоби Муқаддаси масеҳиён буда, маҷмӯи навиштаҳои муқаддасест, ки дар муддати 1500 сол аз ҷониби муаллифони аз Рӯҳулкудс илҳомёфта навишта шудааст. Библия ба ду қисм – Аҳди Қадим ва Аҳди Ҷадид тақсим мешавад. Аҳди Қадим аз чор се ҳисса ва Аҳди Ҷадид як ҳиссаи Библия -ро ташкил медиҳад. Қисмати Қадим пеш аз мавлуди Масеҳ ва Аҳди Ҷадид дар давоми садсолаи якуми баъд аз мавлуди Масеҳ навишта шудааст. Аҳди Қадим, ки ба забони ибронӣ навишта шудааст, ҳам барои яҳудиён ва ҳам барои масеҳиён китоби муқаддас ба ҳисоб рафта, аз чаҳор қисм ва 27 китоб иборат аст.

Аҳди Қадим дар бораи он ки чӣ гуна Худо дунёро офаридааст, дар бораи гунаҳкор шудани одамизод, дар бораи таърихи қавми Худо- банӣ Исроил, оид ба анбиё ва нубувватҳо, ҳикоя мекунад, дар ин ҷо китоби Забур-таронаҳо ва дуоҳои кадимӣ, Китоби Воиз, Китоби Айюб ва ғайра дохил шудааст.

Дар Аҳди Ҷадид /дар Инҷилҳои Матто, Маркус, Луқо ва Юҳанно/ дар бораи мавлуд ва ҳаёти наҷотдиҳанда -- Исои Масеҳ, оид ба таълимоти ӯ, дар бораи вафоти ӯ дар роҳи наҷоти инсонияти гунаҳкор, дар хусуси эҳёи ӯ ва дар бораи ҳаёти масеҳиёни аввалин сухан меравад. Дар ин ҷо "Номаҳо", яъне Каломи Худо ба масеҳиёни аввалин ва тамоми инсоният ва ниҳоят "Ваҳӣ", яъне ҳикояти он ки дар охири дунё бояд чиҳо ба вуқӯъ ояд, дарҷ ёфтааст. Ҳамин тавр, Инҷил таълимоти Исои Масеҳ буда, маънояш "башорати нек" аст ва ба эътибори шаҳодати маъхазҳо аввалин китобест, ки дар дунё чоп шуда баромадааст / "Библияи Гутенберг", 1452-1455/.

Ҷанбаи ахлоқӣ ва башорати неки Библия боиси афзудани нуфуз ва пайдо гардидани нусхаҳои зиёди тарҷумавӣ гардидааст. Аз ҷиҳати тарҷума ба забонҳои дигар дар ҷаҳон ҷои аввалро ишғол мекунад. Панҷсад сол пеш аз ин ба 33 забон ва дар ибтидои асри XIX ба 70 забон тарҷума шудааст. Дар давоми асри XIX тарҷумаҳои пурра ва ҷузъии он ба 400 забон пайдо гардида, дар нимаи асри XX ба онҳо боз 500 тарҷумаи пурра ва ҷузъии он ба забонҳои гуногун илова гардид. Ба ҳисоби миёна дар ҳар даҳ рӯз тарҷумаи "Библия" ба забони нав чоп мешавад ва то охири соли 1996 ба 2167 забон ба таври пурра ва қисман тарҷума гардидааст.

Аз ҷиҳати теъдоди нашр дар ҷаҳон ҷои аввалро ишғол менамояд ва китоби аз ҳама зиёд мутолиашаванда маҳсуб мешавад.

Инҷили Юҳанно /Аҳдид Ҷадид/ аз ба ҷисм мубаддал шудани каломи абадӣ то дафни Исоро фаро мегирад. Ҳама амалиёт, ҳодисаву воқеаҳо, сӯҳбатҳо, сафарҳо, боварӣ ва нобоварӣ, ки дар ин мӯҳлат ба амал меоянд, воқеаи ҷанбаи ахлоқӣ дошта, ҳар як хонанда ва шунавандаро башорат ба некиву накӯкорӣ, парҳезкорӣ, ҳақбаёнӣ ва покизагӣ далолат мекунад.

Дар боби якум Каломи абадӣ, ки ба ҷисм мубаддал мешавад, омадааст:

1. Дар ибтидо Калом буд ва бо Худо буд ва Калом Худо буд.
2. Он дар ибтидо Худо буд.
3. Ҳама чиз ба воситаи Ӯ ба вуҷуд омад ва ҳар он чӣ вуҷуд ёфт, бе Ӯ вуҷуд наёфт.
4. Дар Ӯ ҳаёт буд ва ҳаёт нури одамиён буд.
5. Ва нур дар торикӣ медурахшид ва торикӣ онро фаро нагирифт.
6. Шахсе аз ҷониби Худо фиристода шуда буд, ки Яҳё ном дошт.
7. Вай барои шоҳидӣ омад, ки ба Нур шаҳодат диҳад, то ки ҳама ба воситаи вай имон оваранд.
8. Вай он Нур набуд, балки омад, ки бар Нур шаҳодат диҳад.

## ҚУРЪОН

Қуръон маҷмӯи фиристодаи Аллоҳ таъоло ба воситаи Ҷабраил ба пайғамбар Муҳаммад буда, асоси онро қоидаю қонунҳои ҳуқуқӣ, расму оин, фалсафаи ибодоти мусулмонӣ ташкил медиҳад.

Қуръон чун дастурамали ҳаррӯзаи мардуми мусулмон маҳсуб гардида, эҷод нашудааст, балки абадӣ буда, нусхаи аслии он дар осмони ҳафтум маҳфуз аст. Дар бораи дастури ҳаррӯзаи диндорон будани он дар худи Қуръон омадааст:

"Ин аст ҳамон китобе, ки дар он ҳеҷ шакке нест. Парҳезгоронро роҳнамост: онон, ки ба ғайб имон меоваранд ва намоз мегузоранд ва аз он чӣ рӯзиашон додаем, инфоқ мекунанд. Ва онон, ки ба он чӣ бар ту ва бар паёмбарони пеш аз ту нозил шудааст, имон меоваранд ва ба охират яқин доранд" №

Аз рӯи таълимоти Қуръон ин китоби муқаддас аз Аллоҳ таъоло ба Муҳаммад ваҳйI /ба воситаи Ҷабраил/ омадааст, ки Қуръонро дар байни мардуми мусулмон паҳн намояд.

Мувофиқи гуфтаи қуръоншиносон дар замони зиндагии Муҳаммад матни хаттии Қуръон вуҷуд надоштааст. Он аз ҷониби қориёну ровиён аз ёд шуда, баъди вафоти Муҳаммад китобат шудааст.

Дар замони се халифаи аввал якчанд нусхаи хаттии Қуръон ба миён омада, боиси ихтилофу иштибоҳҳо гардид. Ин буд, ки дар аҳди халифа Абӯбакр кӯшиши гирд овардани матнҳои Қуръон ба миён омад. Дар

аҳди Усмон зери роҳбарии Зайд ибни Собит тартиб додани нусхаи ягонаи Қуръон сурат гирифтааст.

1. Қуръони маҷид. Тарҷумаи Абдулмуҳаммади Оятӣ, Теҳрон,1367 ҳ.
2. Ваҳй-паём ва илмҳое, ки худо ба пайғамбарон фиристодааст.

Қуръон аз рӯи тартиб ва он шакле, ки ба мо расидааст, аз 114 сура ё боб иборат аст, ки 6236 оятро дар бар гирифтааст. Ҳар сура номи худро дошта, ё дар Макка ё худ дар Мадина нозил шудааст. Аз ин рӯ, онҳоро маккӣ ё маданӣ меноманд. Аз рӯи ҳаҷм бошад, сураю оятҳо гуногун / дарозу кӯтоҳ/ буда, танҳо ба забони арабӣ нозил шудааст.

Қуръон аз рӯи таркиб ва унсурҳояш чунин сурат гирифтааст:

1. Ҳарф. Мувофиқи нишондоди баъзе маъхазҳо он аз 338606 ҳарф иборат аст.

2. Калима. Баъзе муҳаққиқон онро аз 77934, гурӯҳи дигар аз 79934 калима иборат донистаанд.

3. Сура. Номи бобҳои Қуръон буда, дар вақтҳои гуногун ба Муҳаммад нозил шудааст.

4. Оят /шакли ҷамъаш оёт/. Як ҷумла муҳокимаи Қуръон, ки фикри томро ифода мекунад. Дар нашрҳои гуногуни Қуръон миқдори оятҳо ҳархела аст.

5. Рукӯъ – маънои таъзим кардан ё хам кардани сарро дорад.

6. Рубъ – чоряки ҷузъ ё пора.

7. Нисф – нисфи пора

8. Сулс – аз чор се ҳиссаи пора

9. Ҷузъ – пораи форсӣ.

10. Манзил. Онҳо ҳафтто буда, дар як ҳафта хатм кардани Қуръонро раво донистаанд.

Ҳамин тавр, Қуръон аз рӯзи пайдоиш чун китоби муқаддасу илоҳӣ дониста шуда, дар он маҷмӯи амру наҳӣ, қоидаву қонунҳо: тиҷорат, оиладорӣ, молу мулк ва чун роҳнамои ахлоқӣ барои мусулмонон пазируфта шудааст. Ин аст, ки бисёр мутафаккирони дунё доир ба аҳамияти илмиву амалии Қуръон андешаҳои бикр баён кардаанд. Дар ин ҷо овардани андешаи онҳоро ҷоиз донистем:

**Гёте**:

"Вай /Қуръон/ аввал диққати моро ба худ ҷалб мекунад. Мафтун месозад ва дар ниҳояти кор водор менамояд, ки ба он бо камоли эҳтиром муносибат намоем. Услуби он мувофиқи мазмуну мақсад ва сураҳояш буда, боҳашамат ва пурэътибор аст ва бо мурури вақт эътибораш торафт меафзояд. Аз ин рӯ, ин китоби муқтадир дар тӯли қарнҳо таъсири зӯртарин хоҳад расонд".

**Крел:**

"Қуръон кодекси пурраи ахлоқӣ, инчунин қонунҳои ба он асосёфтаро дар бар мегирад. Дар он ҳамчунин асосҳои ҳар кадом муассисоти адолат, ташкилоти ҳарбӣ, риояи бодиккати ҳуқуқҳои камбағалон мавҷуданд, ҳамааш дар асоси эътиқод ба Худои ягона бунёд гардидааст, ки қисмати одамонро дар дасти худ нигоҳ медорад".

Тарзе ба назар мерасад,намояндагони халқу миллатҳои мухталиф Қуръонро чун "кодекси пурраи ахлоқӣ" эътироф намуда, омӯзиши такрор ба такрори онро ихтиёр намудаанд. Ҳамин ҷиҳати Қуръон ба адабиёти хаттӣ низ таъсир расонид ва адабиёти гузаштаи форсизабон дар такя ва омезиш ба Қуръон ҷанбаи пурқуввати ахлоқӣ пайдо намуд. Бузургтарин эҷодкорони гузаштаи мо аз таъсири файзбахши Қуръон ва манфиати омӯзиши он ёд кардаанд. Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ, ки худ қории Қуръон будааст, мегӯяд:

Субҳхезию саодатталабӣ, эй Ҳофиз,
Ҳар чи дидем, ҳама аз давлати Қуръон дидем.

Ҳамин андешаро дар бораи эҷодкорони дигари гузаштаамон, аз қабили Ҳаким Саноӣ, Шайх Аттор, Абдуллоҳи Ансорӣ, Мавлавии Балхӣ ва даҳҳои дигар низ иброз намудан мумкин аст. Яъне адабиёт, санъат, таърих ва тамаддуни баъдиисломии тоҷику форсро бе огоҳии комил аз Қуръон фаҳмидан мушкил аст. Фирдавсӣ гуфтааст:

Туро донишу дин раҳонад дуруст,
Раҳи растагорӣ бибояд-т ҷуст...
Ба гуфтори пайғамбарат роҳ ҷӯй
Дил аз тирагиҳо бад-ин об шӯй.

Ҷанбаи пурқуввати ахлоқӣ, оҳангнокӣ ва ҷозибаи гуфтор, баёни амиқи аҳком дар Қуръон диққати эҷодкорони гуногунзабонро ба худ кашидааст. Аз ин рӯ, тарҷумаи он ба забонҳои гуногун суръат гирифта, боиси афзудани нуфузи Қуръон гардидааст. Сарчашмаҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки ҳанӯз дар асри XI маълумоти аввалини хаттӣ оид ба Қуръон дар Россия пайдо шудаанд. Дар асри XVII барои шоҳзодагон Пётр ва бародари ӯ Иван нахустин навиштаҷот оид ба Қуръон таълиф гардид ва дар ҳамин давра Пётр андешаи тарҷумаи комили Қуръонро баён намуд.

Шоири шаҳири рус Пушкин А.С. бо эҳсоси амиқи шеърият ва ҷозибаи сухан дар Қуръон пайравӣ намуда, силсилаи шеърҳояш "Тақлиди Қуръон" /Подражания Корану/-ро эҷод намуд.

Бахрабардорӣ ва омӯзиши васеву озоди Қуръон ба давраи ба истилоҳ бозсозӣ рост меояд. Мусулмонони тоҷик бо вуҷуди он ки аз шарҳу тафсирҳои зиёди Қуръон то ин давра низ огоҳ будаанд, вале солҳои охир соҳиби тарҷумаи комили Қуръон ба забони тоҷикӣ гардиданд ва имрӯз ҳар инсони босавод метавонад бо забони модариаш-тоҷикӣ аз он истифода барад.

# МИФОЛОГИЯИ ЮНОНИ ҚАДИМ

Халқиятҳои юнонӣ, ки ҳанӯз дар ҳазорсолаҳои дуюми то солшумории мо пайдо шудаанд, аз худ осори зиёди фолклорӣ боқӣ гузоштаанд. Хусусияти ба худ хоси эҷодиёти даҳонии мардуми Юнон ин мифология мебошад, ки воқеан дар ташаккули адабиёти атиқа нақши асосӣ доранд. Дар мифология маълумоти инсоният оид ба табиат ва ҳодисаҳои он ва муносибатҳои ҷамъиятӣ инъикоси худро ёфтаанд. Образҳои мифологӣ ва ривоятҳо дар пайдоиши зинаҳои аввали ҷамъияти инсонӣ нақши муҳим бозидаанд ва дар ҳамон давр яке аз шаклҳои шуури инсоният ба ҳисоб мерафт. Дар замонҳои гузаштаи дур инсоният ҳар як ҳодисаи ба худаш номаълуми табиатро чун муаммо қабул мекард. Ҳар гуна зуҳуроти ҳаётро инсонияти замони қадим бо мифҳо ва мифология сахт алоқаманд менамуд. Инсони қадим оид ба қонунҳои инкишофи табиату ҷамъият маълумоти илмӣ надошт. Барои ҳамин ӯ кӯшиш менамуд, ки ин ҳамаро ба воситаи мифҳо фаҳмад ва фаҳмонад.

Дар мифологияи Юнон на танҳо боқимондаҳои муносибатҳои ибтидоии инсоният, балки ҳодисаҳое чун истифодаи оташ, ташаккули ҳунармандӣ, саёҳатҳои ғайриоддии баҳр, ҳодисаҳои таърихӣ, орзуи парвоз ба осмон ва дигарҳо низ инъикоси худро ёфтаанд. Ба фикри М.Горкий эҷодҳои мифӣ (асотирӣ) дар маҳаки худ далелҳои ҳаққониро инъикос намудааст.

Юнониён аз гузаштагони худ образҳо ва сужетҳои зиёдеро мерос гирифта, онҳоро дар асарҳои илмиву адабии худ васеъ истифода бурдаанд.

Асотири зиёди шавқоварро адибони атиқа Ҳомер ва Ҳесиод дар достонҳои худ, истифода кардаанд. Ва ҳамчунин, бозгӯ ва таҳриру такмили асотир дар фоҷианомаҳои Эсхил, Софокл, Еврипид ва дигар адибони атиқа ба назар мерасад.

Худоҳо дар пиндори юнониҳо ба одамон шабоҳат доранд. Танҳо аз одамон бо абадияти худ, намирандагии худ фарқ доранд.

Дар Юнон, дар шимоли Фессал кӯҳе вуҷуд дорад бо номи Олимп. Дар ҳамин ҷо, дар қуллаи Олимп худоҳои намирандаву ҷовидонӣ зиндагӣ доранд. Дар қуллаи баланд ва дурахшони Олимп худои рӯҳии юнониён худои олимақом, падари худоён ва одамон Зевс ҳукмронӣ дорад. Бародари Зевс – Посейдон худои баҳрҳо ва бародари дигари ӯ Аид худои зеризаминӣ, яъне худои мурдаҳо аст. Ва зани Зевс Ҳера бо ӯ ҳокимияти болоиро қисмат намуда ва дар як вақт нигаҳдорандаи оила, никоҳ ва оташи хонадон ҳисоб меёфт.

Аполлон бошад худои рӯшноӣ ва ҳомии илму санъат, Артемида – илоҳаи ҷангал ва шикор, Афина Паллада, ки аз каллаи Зевс таваллуд ёфтааст, илоҳаи ҳикмат, Ҳефест – оҳангар ва худои оташ, Афродита – илоҳаи ишқ ва зебоӣ, Арес – худои ҷанг. Хермес қосиди худоён, ҳомии

сафарҳо ва савдогарон, хоҳари Зевс Деметро илоҳаи заминдорӣ ва ҳосил ба ҳисоб мерафт.

Ғайр аз ин худоён боз худоёни дигаре низ буданд, ки қувваҳои табиатро идора менамуданд. Аз ҷумла ҷуйбору дарёҳоро – Наяди, баҳрро— Нереиди, ҷангалро Эхо ва амсоли ин идора мекарданд.

Аз рӯи фаҳмиши юнониён дар ҳаёти ҳар инсон се илоҳаи тақдир (Майри) нақши муҳим дорад. Онҳо бетаваққуф риштаи умри одамиро мекашанд ва ҳар лаҳза метавонад ин ришта канда шавад.

Инсоният ба вуҷуд доштани чунин худоён бовари дошт ва ба шарафи онҳо дар рӯи замин маъбаду ҳайкалҳо бунёд мекард ва қурбониҳо менамуд.

Ғайр аз асотири оид ба худоён дар байни юнониён дар бораи паҳлавонҳову қаҳрамонҳо низ асотири зиёде вуҷуд дошт. Дар қиёси худоён қаҳрамонҳо миранда ҳастанд, аммо корнамоиашон онҳоро абадӣ ва ҷовидонӣ гардонидааст. Дар аввалҳо, ҳангоме ки юнониён муттаҳид набуданд, байни онҳо ҷанг ва зиддиятҳо вуҷуд дошт. Аз ин рӯ, ҳар гурӯҳ қаҳрамонҳои номдори худро доштанд. Аз ҷумла, қаҳрамони хоси Афина Тезей буд. Дар Аргивян Персей шӯҳрат дошт, оне ки Медузаро кушта буду бо як нигоҳ метавонист одамро ба санг табдил диҳад. Сокинони Фракия бо ҳофизи номдор Орфей ифтихор доштанд.

Аммо қаҳрамони умумимиллии юнониён Ҳеракл ( Ҳеркулес) ба ҳисоб мерафт, ки дар тасаввури онҳо қаҳрамони бузургест ва дувоздаҳ корнамоӣ дорад. Ӯ дорои қувваи бузурги инсонӣ ва таҷрибаи хуби ҷангӣ буда, чун рамзи мардонагӣ ва ҷасорат эътироф шудааст.

Гуфторҳои мифологӣ гуногунмавзӯъ ва хело доманфароханд. Аз ин рӯ асотирҳои зиёде ба гурӯҳҳо, сиклҳо тақсим шудаанд. Аз қабили асотири троянӣ, фиванӣ ва сикли мифҳо дар бораи аргонавтҳо. Дар асоси ҳамин асотир достонҳои Ҳомер, фоҷиаҳои Эсхил, Софокл, Еврипид ва дигар адибон эҷод шудаанд. Бо образҳои мифологӣ мо на танҳо дар осори адибони атиқа дучор мешавем, балки адибони зиёди асрҳои минбаъда низ аз ин ганҷинаи ҳикмат ва корномаҳо фаровон истифода бурдаанд.

**"Илиада" ва "Одиссея" -и Ҳомер.** Эпоси қадима ва қаҳрамонии юнониён бо номи Ҳомер ва достонҳои ӯ "Одиссея" ва "Илиада" алоқаманд аст. Асоси ҳама гуна асарҳои адабиёти атиқаро асотир, ривоят ва ҳодисаву воқеаҳои таърихӣ ташкил медиҳанд. Аз ҷумла, ҳамин достонҳои зиркшудаи Ҳомер низ дар асоси як ҳодисаи таърихӣ, яъне ҷанги байни юнониён ва сокинони яке аз шаҳрҳои Осиёи Хурд Троя (Илиона), ки бо вайрон кардани шаҳри Троя ба фоидаи юнониён ҳал шудааст, эҷод гардидааст.

Дар муддати якчанд аср қиссаи ҳамин набард аз даҳон ба даҳон, аз як насл ба насли дигар гузашта дар гуфторҳои асотирии силсилаи Троя инъикоси худро ёфтааст. Сужети мухтасари набард чунин аст. Писари шоҳи Троя Парис зани зебои шоҳи Спарта Менелай – Еленаро дуздида ба шаҳри Троя мебарад. Шоҳ Менелай дар ғазаб шуда, ба шоҳони Юнон

ва қаҳрамонон ба умеди ёрӣ ва бозовардани зани зебояш муроҷиат менамояд. Ҳамин тариқ аз рӯи асотир ҷанги Троя оғоз мeёбад ва дар он қаҳрамонҳои зиёде иштирок менамоянд. Роҳбарии лашкари юнониёнро бародари калонии Менелай – Агамемнон ба ӯҳда дошт. Пешбарандаи набарди троягиҳо писари шоҳ Приама ва бародари Парис Ҳектор гардиданд. Ин набард даҳ сол давом мeёбад ва харчанд, ғолибияти юнониён аён буд, вале муддати зиёде шаҳри Трояро забт карда натавонистанд. Танҳо дар соли даҳум ба шарофати найранги Одиссей ба шаҳри Троя ворид шуданд ва онро вайрон намудаву оташ заданд.

Ҳодисаҳои соли охири набард ва муҳосираи шаҳри Троя дар достони "Илиада" нақл карда мешавад. Яъне ин достон аз рӯи он ҳодисаву воқеаҳое таълиф гардидааст, ки дар соли даҳуми ҷанги байни юнониёну шаҳри Троя рӯй додаанд.

Бозгашти яке аз қаҳрамонони достони "Илиада" Одиссей ба хонааш — ҷазираи Итака ва тасвири тамоми воқеаҳои ба ин марбут мазмуни достони "Одиссея" -ро ташкил медиҳад.

Замони навишта шудани достонҳои Ҳомер аниқ муайян нестанд ва гӯё ин кор дар охири асри IX ва аввали асри VIII то милод сурат гирифта бошад.

Дар шакли хаттӣ тартиб додани ин достонҳо ба асри VI то милод рост меояд. Худи Ҳомер гӯё баъд аз 300-400 соли набарди Троя умр ба сар бурдааст. Аз ин рӯ, дар достонҳои ӯ нисбат ба далелҳои таърихӣ гуфторҳои асотирӣ бештар мавқеъ доранд.

## "ИЛИАДА"

"Илиада" яке аз достонҳои машҳури Ҳомер буда, дар асоси асотири қадим ва ҳодисаҳои таърихӣ, аз қабили ҷанги юнониён таълиф гардидааст. "Илиада" танҳо дар бораи соли охири ҷанги Троя маълумот медиҳад, аммо на сабаби ҷанг ва на равиши он дар достон инъикос наёфтааст. Танҳо воқеаҳои 50 рӯзи ин набард дар достон тасвир шудааст. Мавзӯи асосии достони "Илиада" қаҳру ғазаби Ахилл аст, ки боиси сар задани мунoқишаи ӯ бо пешвои юнониён Агамемнон гардидааст. Ҳамин гуноҳи Ахилл боиси ҳалокати қаҳрамонони зиёди ҷанги Троя гардидааст.

Аз равиши мазмуни достон маълум мегардад, ки Ахилл аз мубориза рӯй метобад ва ба модари худ илоҳа Фетида муроҷиат менамояд, ки ӯ бо Зевс гуфтугӯ намояд, то ки душманони онҳо шикаст хӯранд ва ба ҳамин васила ӯ қасоси худро аз Агамемнон ситонад. Зевс ваъда медиҳад. Дар майдони набард байни Менелай ва Парис муборизаи тан ба тан мерафт, ки ба ғолибияти Менелай анҷом мeёбад.

Қаҳрамонон аҳдномае баста буданд. Вале бар хилофи ҳамин аҳднома паҳлавони троягӣ Пондор ба сӯи Менелай тир кушода, ӯро захмӣ менамояд. Набард аз нав оғоз мeёбад.

Дар суруди 6-уми достон сухан аз шаҳри муҳосирашудаи Троя меравад. Дар ин ҷо лаҳзаи видои яке аз паҳлавонони номдори ин шаҳр Ҳектор бо занаш Андромаха тасвир мешавад. Андромахаи аз хабари ҳамлаи юнониён ба ҳарос афтода бо кӯдаки ширмак ва писари хурдиаш назди шавҳараш мешитобад. Бо баробари дидани шавҳараш ба илтиҷо медарояд, ки ба ҷанг наравад. Барои Ҳектор зодгоҳ ва халқ аз ҳама болост.

Баъд аз ин дар достони "Илиада" дар бораи набарди юнониён ва троягиҳо муфассал маълумот дода мешавад. Дар суруди 8-ум аҳволи юнониён хеле вазнин мегардад. Мардуми шаҳри Троя онҳоро хеле танг намуда, ба лагери юнониён наздик мешаванд. Агамемнони ҳайратзада ҳозир аст, ки дар назди Ахилл ба гуноҳи худ иқрор шавад. Аммо Ахилл ба ин розӣ намешавад ва ғазаби ӯ нисбат ба Агамемнон паст намегардад. Ин радди Ахилл тарафдоронашро ба ҳолати ногувор меорад ва онҳо дар остонаи маҳвшавӣ қарор мегиранд. Рафиқи наздиктарини Ахилл Патрокл ин ҳолатро дида аз Ахилл хоҳиш мекунад, ки ба ӯ иҷозат диҳад, то ба набард ҳамроҳ гардад. Ахилл на танҳо иҷозат медиҳад, балки хушнуд ҳам мегардад. Юнониён бо кӯшиши Патрокл набардро давом медиҳанд ва ба Патрокл имконият медиҳанд, ки ба девори Троя наздик шавад. Дар ҳамин ҳолат Патрокл аз дасти Ҳектор кушта мешавад.

Марги Патрокл аз нав Ахиллро ба ғазаб меорад ва ӯ бо қувваи нав ба ҷанг медарояд. Набард байни ду лашкар ба авҷи аълояш мерасад. Ба ин ҷанг ҳатто худоён ҳамроҳ мегарданд. Дар охири набард қаҳрамонон Ахилл ва Ҳектор бо ҳам рӯ ба рӯ меоянд ва набард байни онҳо идома мёбад. Дар натиҷа Ҳектор аз дасти Ахилл кушта мешавад, аммо кушта шудани Ҳектор аламу ғазаби Ахиллро паст намекунад ва ӯ ҳатто ба мурдаи Ҳектор низ таҳқирро раво мебинад. Падари Ҳектор ин ҳолатро дида, дар назди Ахилл бо зону меафтад ва илтиҷо мекунад, ки мурдаи писарашро диҳад, то ба хок супорад. Ахилл мурдаи Ҳекторро ба падараш месупорад ва достони "Илиада" бо маросими дафни Ҳектор ба итмом мерасад.

## "ОДИССЕЯ"

Мазмуни асосии достони дуюми Ҳомер "Одиссея" нақли қиссаи бозгашти шоҳ Одиссей ба манзили худ дар ҷазираи Итака аст.

Дар атрофи ҳамин мазмуни асосӣ ҳодисаҳои дигаре тарҳрезӣ мегарданд, ки марбути зани Одиссей Пенелопа ва писари ӯ Телемах мебошанд. Дар қиёси достони аввал ин достон бо истифодаи маводи маишӣ ва афсонавии худ фарқ мекунад. Равиши мазмуни "Одиссея", ки чил рӯз давом мекунад, танҳо лаҳзаҳои охири саёҳати қаҳрамонро дар бар мегирад. Одиссей воқеаҳои аз сар гузаронидаашро дар яке аз базмҳо нақл мекунад.

... Ҷанги Троя ба охир мерасад ва юнониён бо ғалаба ба хонаҳои худ бармегарданд. Киштие, ки дар он Одиссей ва ҳамроҳони ӯ нишаста буданд, низ ба ҳаракат медароянд. Бозгашти Одиссей ба ватанаш ба назди зану писараш даҳ сол давом мекунад.

Дар чор суруди аввали достони "Одиссея" сухан дар бораи ҳамсари Одиссей Пенелопа меравад, ки солҳои дароз шавҳари худро интизорӣ мекашад. Аз набудани Одиссей истифода бурда, мардҳои зиёде ба зани ӯ хостгор мешаванд. Аммо Пенелопа бо баҳонаҳои зиёде хоҳиши онҳоро рад намуда, дар як вақт писараш Телемахро ба Спартаи дурдаст барои фаҳмидани тақдири падараш равон менамояд. Дар Спарта писари Одиссей бо Менелай ва Елена дучор меояд ва онҳо дар бораи корнамоиҳои Одиссей ба писараш қисса мекунанд.

Дар ҳамин вақт худи Одиссей дар ҷазираи Калипс асир афтода буд ва баъд бо фармони Зевс озод карда мешавад. Баъди ин Одиссей боз сӯи диёр роҳ пеш мегирад ва дар рӯзи 18-уми сафараш худо – Посейдон тӯфоне барпо мекунад ва Одиссею ҳамроҳонаш ғарқ мегарданд. Одиссей боз худро раҳо мекунад ва ба кишвари феакҳо меафтад, ки дар он ҷо шоҳ Алкин ҳукмронӣ дошт.

Ба муносибати ташрифи Одиссей шоҳ Алкин базми ҷамшедие барпо мекунад ва дар ҳамин базм хофизи нобиное бо номи Демодок аз корнамоиҳои Одиссей суруд мехонад. Чун то ин дам касе аз ҳозирон намедонист, ки дар ин базм худи Одиссей ҳузур дорад, аз сурудҳои дар васфаш сароида ба ваҷд омада, кӣ будани худро фош месозад ва худаш аз корномаву саргузашташ ба қиссагӯӣ оғоз менамояд.

Асоси қиссаҳои дар базми шоҳ Алкин баённамудаи Одиссейро қиссаҳои фолклорӣ ташкил медиҳанд. Аз қабили сафарҳои ӯву ҳамроҳонаш ба мамлакатҳои гуногун, мамлакати якчашмаҳо, мамлакати мурдаҳо ва ғайра. Дар охир гӯё ба ҷое мерасанд ва ба рамае вомехӯранд. Ҳамроҳони Одиссей гӯсфандеро аз ин рама сар мезананд. Барои ин кораши Зевс бо хоҳиши худои офтоб боз тӯфоне барпо мекунад ва киштии Одиссей пора мешавад. Худи Одиссей раҳо ёфта, баъди нӯҳ рӯз ба ҷазирае меояд, ки соҳиби он парӣ Калипсо буд.

Бо ҳамин қиссагӯии Одиссей дар базми шоҳ Алкин хотима мeёбад ва бо шарофати ин қиссаҳои аҷиб шоҳ Алкин амр медиҳад, ки Одиссейро шабона ба ватанаш ҷазираи Итака расонанд.

Бо ёрии илоҳа Афина Одиссей чеҳраи худро ба як марди пири бечора монанд месозад ва ба манзили худ мерасад.

Дар ҳамин асно, яъне омадани Одиссей зани ӯ Пенелопа, ки аз хостгории мардони зиёд ба танг омада буд, дар назди хостгоронаш шарти навбатиро гузошта буд. Шарт чунин буд, ки ҳар касе бо камони Одиссей тирро аз дохили 12 ҳалқа гузаронда, ба ҳадаф расонад, ба хамон ба шавҳар мебарояд.

Аммо худи Пенелопа боварӣ дошт, ки ҳеҷ яке аз мардони хостгор шартро иҷро карда наметавонад. Дар ҳамин асно Одиссей пайдо мешавад ва камони худро ба даст гирифта ҳамаи хостгорони занашро ба қатл мерасонад. Дар суруди 23-юм лаҳзаи ҳамдигарро шинохтани зану шавҳар тасвир мешавад. Дар суруди охир, яъне суруди 24-ум бастани сулҳ байни Одиссей ва ворисони хостгорони ба қатл расида тасвир мешавад.

## Адабиёти Юнон дар давраи тараққиёт ва бӯҳрони давлатҳо. Фоҷиаҳо. Эҷодиёти Эсхил

Воқеаи муҳимтарини таърихии ибтидои асри V то милод ин ҷанги байни Юнон ва Форс буд, ки бо ғалабаи юнониён ба анҷом расидааст. Дар ин ғалаба нақши асосиро Афина бозидааст, ки дар байни давлатҳои дигари Юнон мавқеи алоҳида дошт. Солҳои 50-30-уми асри V то милод баъд аз ҷанги юнониёну форсҳо давраи осоиштаи Афина буда, чун давраи тараққиёти демократияи ғуломдорӣ шинохта мешавад.

Ҳамин давра, ки чун "асри Перикл" дониста шудааст, аз ҷониби Маркс ҳамчун замони тараққиёти олии дохилии Юнон маънидод шудааст. Дар замони Перикл дар Афина меъморӣ, ҳайкалтарошӣ ва адабиёт инкишоф меёбад.

Аммо давраи гулгулшукуфии маданият дар давлатҳои Афина дер давом накардааст. Зиддиятҳои тезу-тунди сохти ғуломдорӣ ба таназзули системаи давлатдорӣ оварда расонд, ки боиси сар задани ҷанги Пелопоннес гардид. Тамоми ин ҳодисаҳо ва ҷунбишҳои ҳаёти ҷамъиятии Юнон дар драматургия инъикос ёфтааст, ки ба давраи олии тараққиёташ расида буд.

## Драма ва театри Юнон

Пайдоиши драмаи Юнон бо муҳаббати худо Дионис ба замин алоқаманд аст, ки соле ду бор ба шарафи ӯ дар Афина ҷашн барпо мегардид. Яке дар моҳи март ва дигаре дар моҳи декабр. Бозиҳои мимикӣ ва карнавалие, ки дар ин идҳо гузаронида мешуданд, нишонаҳои нахустини намоишҳои драмавии ояида ба ҳисоб мерафтанд. Дар ин гуна ҷашнҳо дар ҳаққи худои ангур ва коркарди шароб Дионис сурудҳои дифирамб (мадҳия) сароида мешуд. Ба таъбири Аристотел аз ҳамин дифирамбҳо драма пайдо шудааст. Одатан дар ин ҷашнҳо ба шарафи Дионис хор баромад мекард. Аз хор оҳиста-оҳиста сарахборхон пайдо шуд ва баъд байни сарахбору хор диалог пайдо шуд ва баъд актёри аввал, дуюм ва сеюм пайдо шуд. Ҳамин тариқ сурудҳои умумӣ ба драма табдил ёфт.

Истилоҳи "трагедия" ба ибодати худо Дионис вобаста аст, ки дар замонҳои қадим дар образи худои табиат зуҳур кардааст. Атрофи Диониcро махлуқоти ҳаҷвӣ, аз қабили буз ва бузмонандҳо печонида буданд.

Аз ҳамин ҳолат истилоҳи "трагос"—буз ва "оде" — суруд пайдо шудааст.

Яке аз рукнҳои чашние, ки ба шарафи Дионис барпо мешуд, гаштугузори хушнудонае буд бо номи "комос". Истилоҳи "комедия" аз ҳамин ҷост. Дар асри 6 то милод дар Афина нахустин театр арзи ҳастӣ намуд ва минбаъд театр дар ҳаёти ҷамъиятии юнониёни қадим нақши муҳим бозида, минбари асосии муборизаҳои идеявӣ гардидааст.

## Фоҷианомаҳои Юнон

Фоҷианомаҳои Юнон, тарзе ишора рафт, шабаҳи асосии худро аз сурудҳои умумихонӣ (хор) гирифтааст, ки пайдоиши онҳо ба ибодати худо Дионис алоқаманд аст. Барои ҳамин хор дар фоҷиа (трагедия) ва ҳам дар мазҳака (комедия) мавқеи асосӣ дошта, аз унсурҳои муҳимми он ба ҳисоб меравад. Дар хор шаклу усулҳои гуногуни сурудҳои лирикӣ истифода мешаванд. Аз ҷумла, сурудеро, ки хор ҳангоми баромадан бо оркестр иҷро мекунад, **парад** ва сурудеро, ки рост истода ва ҳангоми ҳаракат хондааст, **стасимов,** суруди ҷамъбасткунандаи хорро **эксодом,** саҳнае, ки бо якҷоягии хор ва актёрон иҷро мегардад, **комос** гуфтаанд. Ана ҳамин аст рукнҳои асосии трагедияи Юнон. Трагедияи Юнон монанди эпос ба мифология алоқаи наздик дорад. Аммо ба назар гирифтан лозим аст, ки драматургияи Юнон ва пешрафту инкишофи он ҳарчанд сюжетҳои мифологӣ дорад, аммо аз он эҷодкорона баҳра бардоштааст. Ҳодисаҳое низ ба назар мерасад, ки драматургҳои гуногун ба айни як миф муроҷиат кардаанд, аммо ҳар яки онҳо бо тарзи хоси худ баҳра бардошта, ба таври хоси худ маънидод намудаанд. Аз ҷумла "Хоэфор"-и Эсхил, "Электра"-и Софокл ва "Электра"-и Еврипид ҳамин гуна хусусият доранд. Фоҷианависони Юнон сюжетҳои мифологиро барои баёни масъалаҳои умдаи сиёсӣ, фалсафӣ ва маданиии худ истифода бурдаанд. Фоҷианависони асосии Юнон Эсхил, Софокл ва Еврипид мебошанд, ки осори онҳо дар байни ганҷинаи театри ҷаҳонӣ мавқеи боифтихор дорад.

## ЭСХИЛ
**(525—456 то милод)**

Ҳаёт ва эҷодиёти "падари фоҷиа" Эсхил ба муборизаи юнониён барои озодӣ ва истиқлолашон ба муқобили форсҳо ва дар бораи барқароршавии демократияи ғуломдорӣ алоқаи зич дорад. Маълумот дар бораи тарҷумаи ҳоли Эсхил торик аст ва танҳо маълум аст, ки ӯ дар оилаи заминдор таваллуд ёфтааст ва худи ӯ иштироккунандаи ҷанги Юнону Форс буд. Ӯ дар набардҳои назди Марафон, Саламин ва Плитея иштирок намудааст ва соли 456 то солшумории мо дар Силитсия вафот кардааст.

Китобхонаи мактаби

Тахмин мекунанд, ки Эсхил қариб 90 асари драмавӣ эҷод намудааст, аммо аз он танҳо 7 фоҷианома боқӣ мондааст.

Дар соли 472 то милод фоҷианомаи таърихии Эсхил "Форсҳо" намоиш дода шудааст, ки он дар бораи пахши флоти форсҳо аз ҷониби юнониён дар ҷазираи Саламин дар соли 480 то милод маълумот медиҳад.

Ғайр аз фоҷианомаи "Форсҳо" фоҷиаҳои қаблан эҷод намудани Эсхил "Илтиҷокунандагон", "Хоҳишкунандагон", "Прометейи занҷирбанд", "Орестея", "Агамемнон" маълуманд.

Асоси фоҷианомаи "Прометейи занҷирбанд"-ро асотир дар бораи паҳлавон Прометей ва барои инсоният оташро аз Зевс дуздидани ӯ ва ба ҷазои сахт гирифтор шуданаш ташкил медиҳад. Воқеаҳои ин фоҷиа дар як гӯшаи замин, дар Скиф мегузарад. Ба ин ҷо ғуломони Зевс Прометейи занҷирбандро меоранд. Бо фармони Зевс ӯро ба харсанг занҷирбанд мекунанд. Баъд Прометей ба табиат муроҷиат менамояд, аз золимӣ ва ноадолатии Зевс шикоят мекунад.

Ба назди Прометей Океанида (духтари худо Океан) меояд ва ба паҳлавони занҷирбанд ҳамдардӣ баён намуда, пурсон мешавад, ки барои чи Зевс ин қадар зулмро дар ҳаққи ӯ раво дидааст. Прометей аз муҳаббати ба инсоният доштааш ва неки ба онҳо кардааш ҳикоят мекунад. Дар ин лаҳза худо Океан пайдо мешавад ва Прометейро розӣ карданӣ мешавад, ки бо Зевс сулҳ бандад ва бадбиниашро нисбат ба Зевс хотима диҳад, аммо Прометей ин таклифро рад мекунад.

Прометей аз Зевс ҳарос надорад, чунки ӯ аз модари худ асрори Зевсро шунида буд. Дар охир Зевс ба назди Прометей Ҳермесро равон мекунад, аммо тамоми хоҳиш ва таҳдиди Ҳермес таъсир намерасонад ва Ҳермес пеш аз рафтан таҳдид менамояд, ки ҷазои сахте дар пеш аст. Зевс дар охир таҳдидҳои худро амалӣ мекунад. Харсанг ҳамроҳи Прометей нобуд мешавад.

Дар сегонаи "Орестея" дар бораи тақдири Орест нақл карда мешавад, ки бо фармони худо Аполлон модари худаш Клитемнестраро мекушад, зеро модараш замоне падари ӯро куштааст. Орест барои ин гуноҳаш боиси сарзанишҳои зиёд мегардад ва дар қисми охири сегона – "Эвменидаҳо" Ореста суд карда мешавад ва трилогия бо сафедшавии Орест ба охир мерасад.

## СОФОКЛ
**(497-400 пеш аз милод)**

Софокл яке аз адибони машҳур ва ҳамзамони Эсхил буда, осори худро дар замони тараққиёти демократияи ғуломдории Афина эҷод намудааст. Софокл дар яке аз мавзеъҳои Афина, дар оилаи соҳиби устохонаи силоҳсозӣ ба дунё омадааст. Ӯ соҳиби як қатор вазифаҳои ҷамъиятӣ буда, дар байни ҳамдиёронаш обрӯи хосае доштааст. Мероси адабии ӯ, қариб

120 асари драмавиро дар бар мегирад. Ба ҷуз порчаҳои пароканда ҳафт асари драмавии ӯ то замони мо расидааст. Аз қабили "Аякс", "Антигона", "Шоҳ Эдип", "Электра", "Эдип дар Колон", "Филоктет", "Пайшиносон".

Дар эҷодиёти Эсхил ва Софокл баробари ҳамзамонӣ дар истифодаи сужетҳои хоси эҷодӣ низ умумият ба назар мерасад. Бо вуҷуди ин фарқияти эҷодиёти онҳо мушоҳида мешавад. Фарқ дар он зоҳир гардидааст, ки Эсхил ба қисмати авлод ва қабила бештар аҳамият додааст. Ва сонияи ӯ на асарҳои сегона (трилогия), балки асарҳои мустақили ҷудогона таълиф намудааст.

Дар соли 442 то милод яке аз асарҳои драмавии машҳури Софокл намоиш дода мешавад, ки дар асоси силсилаи асотири фивӣ эҷод шудааст. Қабл аз ин дар яке аз фоҷиаомаҳои Эсхил "Ҳафт тан ба муқобили Фива" дар бораи марги фоҷиавии ду нафар писарони шоҳи Фива Эдип—Этеокла ва Полиника сухан мерафт, ки барои ҳокимият аз дасти ҳамдигар фавтида буданд.

Дар фоҷиаомаи Софокл "Антигона", ки мазмунан ба фоҷиаомаи Эсхил "Ҳафт тан ба муқобили Фива" алоқаманд аст, нақл мешавад, ки ҳокими нави Фива Креонт ҷасади Этеоклро чун муҳофизи Фива дар ҷои махсус ботантана мегӯронад ва ҷасади бародари ӯ Полиникро чун хоин иҷозати ба замин гӯрондан надода ба паси деворҳои қалъа мепартояд. Аммо хоҳари Полиник Антигона новобаста аз он, ки саркашӣ аз фармони шоҳ Креонт марг аст, ҷасади бародарашро ба хок месупорад. Баъди маълум шудани он, ки Антигона ҷасади бародари гӯё хоинашро ба хок супоридааст, Креонт фармон медиҳад, ки Антигона зинда ба зинда бв даруни девори дахма гузошта, гӯр карда шавад. Писари Креонт, домодшавандаи Антигона Гемон дар назди падараш илтиҷо мекунад, ки аз гуноҳи Антигона гузарад, аммо Креонт рад мекунад. Танҳо баъди он ки авлиёи кӯр Тиресий назди Креонт меояду мегӯяд, ки Антигонаро озод кунад, вагарна ғазаби худоён меояд ва ӯ ба бадбахтиҳо дучор мегардад, Антигонаро озод мекунад. Аммо Креонт дер карда буд. Антигона худро кушта буд. Гемон баъди ин худро бо шамшер ба ҳалокат мерасонад. Аз марги Гемон модари ӯ Эврифина огоҳӣ ёфта, низ худкушӣ менамояд. Дар охири фоҷиаома Креонт аз кардаи худ пушаймон мешавад ва худро рӯҳан азияткашида ҳис мекунад. Ҳамин тавр, дар ин фоҷиаома зиддият ва ба таъбири Ҳегел ба ҳам бархӯрдани давлат (Креонт) ва оила (Антигона) нишон дода мешавад. Инчунин дар нақши Креонт шахсе тасвир мешавад, ки анъана, одат ва эҳтироми халқро ба инобат нагирифтааст, ки оқибаташ шикаст ва пушаймонӣ аст.

Фоҷиаомаи дигари Софокл "Шоҳ Эдип", ки ба фонди адабиёти ҷаҳонӣ дохил шудааст, аз силсилаи асотири Фива маҳсуб мешавад. Дар ибтидои фоҷиаомаи "Шоҳ Эдип" қисса карда мешавад, ки таҷассумкунандаи дархостҳои шаҳрвандони Фива—Хор ба шоҳ Эдип муроҷиат мекунад, ки мардуми Фиваро аз ҷароҳати бахрӣ раҳо намояд. Аммо

Эдип қабл аз ин додарарӯси худро ба назди фолбин равон карда буд, то ӯ бифаҳмад, ки бо кадом роҳ аҳли Фиваро аз ин бемории хавфнок раҳо кардан мумкин аст. Креонт баъди бозгашт хабар медиҳад, ки ин ғазаби худо Аполлон аст ва сабаби ғазаби ӯ бар мардуми Фива он аст, ки то ҳол кушандаи шоҳи пештараи Фива – Лой беҷазо мондааст. Баъди шунидани ин хабар Эдип бо тантана қасам ёд мекунад, ки тамоми қувваашро ба кор мебарад, то қотилро пайдо кунад ва ҷазо диҳад.

Аммо дар равиши ҷустуҷӯ барои Эдип маълум мегардад, ки қотили шоҳи пештараи Фива – Лой худи ӯ мебошад. Баъди он ки Эдип пурра бовар мекунад, ки воқеан қотили падар ва шавҳари модараш худи ӯст, худро кӯр менамояд ва фоҷианома ба ин хотима меёбад.

Дар қиёси "Антигона" ва "Шоҳ Эдип" дар ин ҷо махсусияти эҷодиёти Софокл дар он зоҳир мегардад, ки ӯ ба одамон нишон доданӣ мешавад, ки онҳо дар асл чӣ хел бояд бошанд, дар ин ҷо ӯ дар образи шоҳи хирадманд, ростқавл, дасткушод ва адолатхоҳ Эдип андешаҳои худро таҷассум кардааст.

Фоҷианомаи "Шоҳ Эдип" чун фоҷиаи қисмат ё тақдир маънидод мешуд, ки дар назди он қаҳрамон нотавон ва беқувват аст. Дар ин асар воқеан ҳама чиз ба қисмат вобаста аст. Аммо Софокл аз ҳама асосӣ онро (асотирро) эҷодкорона истифода бурда, ба он новобаста аз қисмат мустақилона баъзе сужетҳо дохил кардааст. Аз ҷумла барои гуноҳи ғайри ихтиёр содир кардааш Эдип худро худ ҷазо медиҳад ва чашмонашро кӯр мекунад, ки дар асотир нест ва ба қисмат алоқа надорад.

## ЕВРИПИД
**(485 — 400 сол то милод)**

Намояндаи сеюм ва ҳамзамони Софокл ва намояндаи охирини фоҷиаи атикаи Юнон Еврипид аст. Дар асарҳои ӯ бӯҳрони давлати Афина, ки дар замони ҷанги Пелепонна (431-404) хеле тезутунд гардида буд, инъикоси худро ёфтааст. Масъалагузорӣ ва ғояи асарҳои драмавии Еврипидро бо назардошти масъалаҳои умдаи ҷамъиятиву сиёсии нимаи дуюми асри V Афина фаҳмидан мумкин аст. Еврипидро "файласуфи саҳна" гуфтаанд ва ин бо он хотир аст, ки дар фоҷианомаҳои ӯ тозатарин комёбиҳои фикрии замонааш инъикос ёфтаанд. Тахмин кардаанд, ки Еврипид қариб 90-асари драмавӣ эҷод намудааст ва аз он танҳо 19-тояш то замони мо боқӣ мондааст.

Еврипид қисмати одамони оддиро тарзе ки дар асл ҳастанд, тасвир намудааст.

Дар як қатор асарҳояш ӯ бо истифода аз шакли асотирии фоҷиаҳо муҳимтарин масъалаҳои замони худро ба миён гузоштааст. Ӯ ҳамчун ватандӯсти ҳақиқии замони худ баромад намуда, образҳои аслии қаҳрамононеро офаридааст, ки онҳо барои манфиатҳои халқ ҷони худро қур-

бои мекунанд. Ин хусусият аз ҷумла дар асари машҳури ӯ "Ифигения дар Авлида" мушоҳида мешавад. Еврипид ҷангҳои ғосибонаи замони худро маҳкум намуда, принсипҳои демократии давлатдории Афинаро дастгирӣ менамояд, ки ба ин асари ӯ "Занони Троя" шаҳодат медиҳад.

Дар фоҷианомаҳои Еврипид асосан зиддияти тези байни одамони бовари худро ба адолати илоҳӣ гумкарда ва ба машаққатҳои зиндагӣ тобовар тасвир меёбад.

Еврипид чун психологи борикбин ба дунёи ботинии инсон аҳамият дода, ҳиссиёти мутақобили ӯро тасвир намудааст.

"Медея" дар асоси сужети асотирии саргузашти аргонавтҳо бунёд ёфтааст, ки мазмуни мухтасари он чунин аст:

Ҷавони юнонӣ Ясон бо киштии "Агро" ба сӯи Колхидаи дурдаст ба ҷустуҷӯи пашми тиллоии гӯсфанди сеҳрноки кушташуда роҳ пеш мегирад.

Шоҳи Колхида аз ин огоҳӣ ёфта, барои куштани Ясон омода мешавад. Ясонро аз марги ҳақиқӣ духтари шоҳи Колхида Медея, ки ба ӯ ошиқ шуда буд, раҳо мекунад. Баъди дуздидани пашми тиллоӣ Ясон ва Медея ба Юнон мегурезанд ва дар Коринф паноҳ мебаранд.

Медея огоҳ мегардад, ки Ясон мехоҳад ӯро бо ду фарзандаш гузошта, бо духтари шоҳи Коринф – Главка хонадор шавад. Медеяи ба ғазаб омада мехоҳад аз Ясон қасос бигирад. Медея худро чунон вонамуд мекунад, ки ба ин кори Ясон розӣ аст. Медея ба рақиби худ либоси арӯсие равон мекунад, ки олудаи заҳр аст. Арӯс баробари пӯшидани ин тӯҳфаи Медея ҳалок мегардад ва ҳамроҳи ӯ падараш низ ҳалок мегардад. Аммо ғазаби Медея бо ин низ паст намегардад ва чун медонист, ки фарзандонаш барои Ясон чӣ қимате доранд, кӯшиши куштани онҳоро мекунад. Медея бо ин амалиёти худ бузургтарин ҷиноятро содир мекунад.

Ин фоҷианома бо вуҷуди баъзе умумиятҳо аз фоҷианомаҳои Эсхил ва Софокл фарқияти калон дорад. Дар он ҳодисаи мудҳиши фоҷиаи оилавӣ тасвир шудааст, ки дар маркази он образи Медея бо характери пурқувваташ қарор гирифтааст.

Дар соли 428, баъд аз се соли "Медея" фоҷианомаи дигари Еврипид "Ипполит" ба саҳна гузошта мешавад. Ин фоҷианома низ ба масъалаи ахлоқ, одоб ва ҳиссиёти инсон бахшида шудааст, ки ҳама дар шахсият ва образи Ипполит кушода мешавад.

Ҳамсари дуюми Тезея – Фёдра бо писархонди худаш Ипполит ошиқ мегардад. Худи Ипполити аз ин гуна ҳиссиёт бегона ба худо Артимид саҷда мекард. Фёдра аз ин муҳаббати пурнанги худ ботинан азоби сахт мекашад. Дояи Фёдра аз ин муҳаббати нангини ба Ипполит қисса мекунад. Ипполит ба ғазаб меояд ва ҷиддан ин муҳаббати нопокро рад мекунад ва ҳатто ба доя таҳдид менамояд, ки ин ҳамаро ба падараш маълум менамояд. Фёдра аз ин ҷавоби Ипполит огоҳӣ меёбад ва аз оқибати кор тарсида, худкушӣ мекунад. Аммо пеш аз худкушӣ барои қасос ситони-

дан аз Ипполит мактубе менависад ва тӯҳмат мекунад, ки Ипполит кӯшиши таҷовузи Фёдра карда бошад. Тезей ба ин бовар карда писарашро оқ мекунад ва фоҷианома бо марги Ипполит анҷом меёбад.

Эҷодиёти Еврипид давраи атиқии инкишофи фоҷианомаҳои Юнонро хотима мебахшад ва барои пайдоишу инкишофи жанрҳои дигар шароит фароҳам меорад.

## АДАБИЁТИ РИМ

Ҷамъияти ғуломдории Рим ҳамон зинаҳои инкишофро аз сар гузаронидааст, ки Юнон гузаронида буд. Аммо ба таъбири Ф. Энгелс ҳамин ҷараён ё зинаи инкишоф дар сатҳи олӣ такрор шудааст.

Рими Қадим аз давлатҳои зиёд, аз ҷумла, аз Юнон маданияти қадимро омӯхтааст. Римиён аз адабиёти Юнон ба саволу дархостҳои зиёди худ ҷавоб ёфта, жанрҳои асосӣ, образҳо, сужетҳо, шаклҳои адабиеро, ки барои адабиёташон хос буд, истифода кардаанд.

Аммо бо вуҷуди ин ҳама адабиёти Рим адабиёти тақлидӣ набуда, дар асоси характер ва хусусияти ҷамъияти ғуломдории Рим инкишоф ёфтааст.

Дар шаклгирии адабиёти Рим эҷодиёти шифоҳии мардуми қадими Италия низ таъсири бузург расонидааст.

Дар охири асри IV (то милод) Рим як қатор давлатҳои дигарро низ ба тасарруфи худ медарорад. Давлати Рим ҷанги тӯлонӣ ва шадиди Карфагенро аз сар гузаронидааст, ки ба ғалабаи римиён анҷом ёфтаву мавқеи Римро дар ҳавзаи баҳри Миёназамин хеле мустаҳкам кардааст.

Адибони Рим дар эҷодиёташон асосан ба таҷрибаи бадеии юнониён такя кардаанд.

Нахустин асари адабиёти Рим тарҷумаи лотинии "Одиссея" буд, ки аз тарафи **Ливий Андроник** сурат гирифтааст. Ғайр аз ин Ливий Андроник фоҷианома ва комедия низ эҷод намудааст, ки танҳо порчаҳои он боқӣ мондаанд.

Адиби дигари Рим **Гней Невий** буд, ки кӯшиши эҷоди комедияҳои сиёсӣ намудаасту ба зудӣ аз ин роҳ баргаштааст, чунки танқиди давлати Рим ғайриимкон буд. Гней Невий инчунин ҳамчун муаллифи фоҷианомаҳо дар мавзӯи Рим машҳур аст.

Адиби дигари Рим **Квинт Энний** буд, ки бо истифодаи образҳои трагедияи Юнон як қатор фоҷианомаҳо навиштааст. Ба Квинт Энний эпоси ӯ «Таърихнома» («Анналҳо») шӯҳрат овардааст, ки дар он таърихи Рим аз давраи қадимтарин то воқеаҳои замони худи ӯ бозгӯ мешавад. Достони «Таърихнома» аз 18 китоб иборат буда, аз он танҳо порчаҳои ҷудогона боқӣ мондааст. Квинт Энний инчунин муаллифи достони "Сципион" мебошад, ки ба шарафи лашкаркаши Рим навишта шудааст.

Тезутундшавии муборизаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар нимаи дуюми асри II то милод дар Рим ба ҷанг оварда расонд, ки то солҳои 30-юми асри I давом кард.

Ҳамон давра ғуломон низ пайдарпай шӯриш мекарданд. Аз ҷумла, шӯриши ғуломон бо роҳбарии Спартак аст, ки доираи хеле васеи ғуломонро дар бар гирифта буд. Дар ҳамин давра муборизаи иҷтимоӣ байни сарватмандону нодорон боло меравад ва бӯҳрони сиёсии Рим оғоз меёбад.

Дар ҳамин шароити ноустувор мақсадҳои шӯҳратпарастии ду нафар лашкаркашони Рим – Сулла ва Сезар зоҳир мешавад. Ба ҳар дуи онҳо муяссар шудааст, ки чанде ҳокимиятро ба даст гиранд ва диктатураи ҳарбиро барқарор намоянд.

Дар соли 44 то солшумории мо дар натиҷаи сӯиқасди ҷумҳурихоҳон Сезар кушта мешавад. Аммо мубориза барои ҳокимият бо ин хотима намеёбад. Дар арсаи сиёсии Рим чеҳраи яке аз тарафдорони Сезар Октавиан намудор мегардад. Октавиан мавқеъ ва таъсири худро дар натиҷаи ғалаба бар лашкари ҷумҳурихоҳони Брут ва Кассий дар муҳорибаи назди Флип ва дар ҷанги назди Аксия ба муқобили душмани сиёсии худ Антоний хеле пурзӯр намуда буд.

Октавиан баъди ғалаба бар Антоний ва забт намудани Миср ба ҷанги дохилӣ хотима медиҳад ва дар Рим сулҳро пойдор менамояд.

Дар ҳамин гуна шароит дар Рим асарҳои адабӣ пайдо мешаванд ва муаллифони онҳо кӯшиши ҳалли масъалаҳои дардиокеро намудаанд, ки дар натиҷаи ҳодисаҳои пурошӯби сиёсӣ пайдо шуда буданд. Дар радифи инкишофи жанри адабие чун драмаи миллии Рим, ҳаҷви Лусилий, инчунин, санъати суханварӣ, назми фалсафӣ ва лирика низ аҳамият пайдо мекунанд.

Октавиан, ки дар натиҷаи ғалаба бар Антоний ба сари қудрат омадааст, дар Рим диктатураи ҳарбиро ҷорӣ намуд ва ӯ баъд номи **Принсипат**ро гирифт. Октавиан, ки барояш лақаби фахрии Августро дода буданд, шаклан хусусиятҳои ҷумҳуриро нигоҳ дошт.

Аммо моҳиятан шакли давлатдории ӯ ҳамон шакли диктаторӣ дар либоси ҷумҳурӣ буд, ки ғуломдорони Рим воситаи ягонаи нигоҳ доштани ҳукмронии худро аз болои ғуломон пайдо намуданд.

Дар чунин шароит адабиёти Рим хусусияти дигар касб мекунад. Дар назм ду ҷараёни асосӣ – расмӣ ва оппозитсионӣ ба назар мерасид.

Ҷараёни аввал бо шӯҳрати Август ва тарзи идоракунии ӯ, таърифу тавсифи шахсият ва оилаи ӯ вобаста аст. Ин хусусият барои маҳфили адабии Гай Силний Метсенат, ки ҳимоятгари сарватманди санъат ва наздиктарин рафиқи Август буд, алоқаманд аст. Ба ҳамин маҳфили Метсенат шоирони бузурги Рим – Вергилий ва Ҳоратсий низ ворид буданд.

Ҳамчунин ҷараёни оппозитсионӣ низ мавҷуд буд, ки ба он Корвин Мессала роҳбарӣ мекард.

Ба ҷараёни аввал таърихнигори бузурги Рим Тип Ливий ва ба ҷараёни дуввум драматург, нотиқ ва таърихнигор Авиний Поллион наздикӣ доштанд.

## ВЕРГИЛИЙ
(70-19 то милод)

Публий Вергилий Марон дар шимоли Италия ба дунё омада, маълумотро дар Кремонс ва Рим гирифтааст. Қисмати зиёди умрашро Вергилий дар маҳалли худ, дар Андах ва баъд дар Компаний гузаронидааст.

Асари нахустини ӯ "Буколикаҳо" ё "Экологаҳо" буда, аз 10 суруди чӯпонӣ иборат аст.

Ҳаракат дар ин асар бо назардошти манзараҳои табиат, ки худи адиб мафтуни он буд, тасвир ёфтааст. Ҳамин хусусият, махсусан дар қисматҳои (буголикаҳои) якум ва сеюми он равшан ба назар мерасад. Инчунин қисмати аввал ва нӯҳум характери тарҷумаиҳолӣ дошта, дар қисмати даҳум чӯпони ошиқе тасвир мешавад, ки шоир дар ин образ рафиқи шоири худ Корнелий Галлро дар назар дорад. Аз байни сурудҳои чӯпонии Вергилий қисмати чоруми он мавқеи хоса дорад, ки характери рамзиро соҳиб аст.

Дар ин қисмати суруд сухан дар хусуси таваллуди кӯдаке дар Рим меравад, ки пайдоиши он аз фарорасии замони нек шаҳодат медиҳад.

Вергилий, ки узви маҳфили адабии Метсенат буд, бо супориши он ба навиштани достони "Георгика" машғул мешавад, ки он ба масъалаҳои хоҷагии қишлоқ бахшида шудааст.

Ҳоҷагии қишлоқи Рим, ки дар натиҷаи ҷанги бисёрсолаи граждании хеле хароб гардида буд, мӯҳтоҷи ёрӣ ва азнавсозӣ буд. Аз ин рӯ Вергилий бо таълифи достони "Георгика" хостааст, диққати мардумро ба хоҷагии қишлоқ бештар ҷалб намояд. Достон аз чаҳор китоб иборат буда, дар китоби аввал оид ба замин ва киштукор, дар китоби дуюм оид ба боғдорӣ, дар китоби сеюм оид ба чорводорӣ ва дар китоби чорум оид ба занбӯрпарварӣ маълумот медиҳад.

Вергилий даҳ соли охири умри худро ба эҷоди аҳамиятноктарин асараш – достони "Энеида" сарф намудааст, ки минбаъд ин асар намунаи классикии эпоси миллии Рим гардидааст.

Дар достони "Энеида" Вергилий доир ба тақдири давлати Рим ва шахсияти Август маълумот дода, аз маводи зиёди таърихиву асотирӣ эҷодкорона истифода бурдааст. Дар достон қиссаҳои қадимтарин оид ба шоҳ Латит, қаҳрамони италиявӣ Турне, дар бораи писари Энея Асканий, оид ба шоҳзани Карфаген Дидон ва дигар қиссаву ривоятҳо инъикоси худро ёфтаанд. Дар таълифи "Энеида" Вергилий ба таҷрибаи Ҳомер такя намудааст, ки таъсири осори ӯ дар ин достон равшан ба назар мерасад.

Вергилий "Энеида"-ро ба 12-суруд тақсим намудааст. Шаш суруди аввал достони "Одиссея"-и Ҳомерро ба хотир меорад, ки дар бораи саёҳати Энея аз Троя ба Италия кисса мекунад.

Шаш суруди дуюм, ки ба "Илиада"-и Ҳомер наздикӣ дорад, ба набарди Энея ва рафиқони ӯ бо қабилаҳои италиявӣ бахшида шудааст.

Вергилий достони "Энеида"-ро пурра ва то охир такмилу таҳрир накардааст. Аз ин рӯ ӯ пеш аз маргаш хоҳиш намудааст, ки достонро сӯзонанд, аммо Август ин хоҳиши Вергилийро иҷро накардааст.

Тарзе ишора намудем, достони "Энеида"-и Вергилий аз чанд ҷиҳат достонҳои Ҳомерро ба хотир меорад ва байни онҳо умумиятҳои зиёде ба назар мерасад. Аз ҷумла қиссагӯии қаҳрамони асосии достони "Энеида" Энея ба Дидан киссагӯии Одиссеяро дар базми шоҳ Алкиноя ва ё набарди тан ба тани Энея ва Турном аз "Энеида", набарди Ахилл ва Ҳекторро аз "Илиада"-и Ҳомер ба хотир мееоранд.

Дар як вакт достони "Энеида"-и Вергилий бо баробари чунин умумиятҳо доштан ба достонҳои Ҳомер як қатор фарқиятҳои ҷиддӣ ва принсипалӣ низ дорад.

Аз ҷумла, агар дар "Илиада" ва "Одиссея"-и Ҳомер ба гузаштаи дур рӯй оварда шавад, дар "Энеида"-и Вергелий ба замони муосир мурочиат мешавад. Ба "Энеида"-и Вергилий на танҳо римиён баҳои баланд додаанд, балки наслҳои минбаъда низ қадр намудаанд ва ин асар дар шаклгирии асарҳои эпикии Европаи Ғарбӣ низ таъсир расонидааст. Таъсири Вергилий ба адибони баъдина Данте, Ариосто, Торковато, Пассох ва Волтер ҳис карда мешавад.

## ҲОРАТСИЙ

Квинт Ҳоратсий Флакк ҳамзамони Вергилий буда, намояндаи ҷараёни анъанавии замони Август буд. Ӯ дар Венузи ном шаҳри Италия дар оилаи ғуломи озоде таваллуд ёфтааст. Падараш тавонистааст ба фарзанди худ маълумоти хуб диҳад. Дар ибтидо Ҳоратсий дар Рим таҳсил намуда, сониян ба Афина омада, назми Юнон ва фалсафаи онро омӯхтааст.

Дар ҳамин давра ба Юнон яке аз кушандагони Сезар – Брут меояд ва Ҳоратсийи ҷавон ба лашкари ӯ дохил мешавад ва дар муҳорибаи назди Флипп иштирок мекунад. Муҳориба бо шикасти лашкари Брут ба охир мерасад. Дар натиҷаи афв Ҳоратсий ба Рим бармегардад ва ба эҷоди шеър шурӯъ менамояд. Баъд ба маҳлифи адабии Метсенат дохил шуда, ёрии ҳаматарафа мебинад ва оҳиста-оҳиста аз ҷумҳурихоҳон канора ҷуста, ба Октавиан наздик мешавад ва ба таъбири Пушкин "вассофи Август" мегардад.

Дар солҳои 30-юми асри I то милод мо маҷмӯаи осори давраи пешини ӯ – "Эпод" мураттаб мегардад, ки аз 17 суруд иборат аст. Дар "Эпод"

Ҳоратсий ба мавзўъҳое дахолат намудааст, ки барои ҳақиқати замони ў хос буданд. Ў изтироби худро нисбат ба ҷанги тўлкашидаи дохилӣ, ки ба вайроншавии Рим боис шудааст, изҳор намуда, орзуи маконе мекунад, ки дар он ҷо сулҳу оромӣ ҳукмрон бошад.

Дар ҳамин давра Ҳоратсий ду китоби худро бо номи "Сатира" навиштааст. Дар "Сатира"-и худ Ҳоратсий то андозае аз таҷрибаи асосгузори жанри ҳаҷв, шоири асри II – Рим Лутсилий истифода бурдааст. Аммо дар миқёси Лутсилий ў тарғиботи сиёсии замонро танқид накарда, танҳо бо муҳокимаҳои ахлоқию фалсафӣ ва ахлоқию этикӣ қаноат намудааст.

Ҳоратсий дар як қатор ҳаҷвияҳои худ баъзе лаҳзаҳои ҳаёти худашро инъикос намудааст. Аз ҷумла, ҳаҷвияи панҷуми китоби аввал ҳамин гуна хусусият дошта, шоир дар он саёҳати худро ба Брундиз нақл намудааст.

Дар як қатор ҳаҷвияҳои дигараш, ки дар мавзўъҳои одоб эҷод шудаанд, муносибати худро ба ҳаҷви Лутсилий муайян намуда, фаҳмиши худро оид ба ин жанр асоснок намудааст.

Асари аҳамиятноки Ҳоратсий ин маҷмўаи мадҳияҳои ў мебошад. Маҷмўаи нахустини шеърҳои лирикии ў, ки бо номи "Мадҳия" (ё «Қасида») машҳур аст, соли 23 то милод ба дасти хонанда расидааст. Ба он 3 китоби мадҳия, ки аз 88 шеър иборат аст, дохил шудааст. Ин ашъор байни солҳои 31-23-и то милод навишта шудаанд. Китоби охирин—чорумин қасидаҳои ў дар соли 13 то милод ба дасти хонанда расидааст.

Дар "Қасидаҳои римӣ" Ҳоратсий Август ва риёсати ўро ситоиш менамояд.

Шўҳрати ҷаҳониро мадҳияи 30-юми китоби сеюми Ҳоратсий, ки бо номи "Ҳайкал" машҳур аст, ба даст овардааст, ки дар он шоир оид ба шўҳрати баъдимаргияш сухан мегўяд.

Асари охирини Ҳоратсий "Пайғом" буда, аз ду китоб иборат аст. Китоби аввал дар соли 20 ва китоби дуюм дар соли 14-и то милод ба дасти хонанда расидааст.

Агар Ҳоратсий дар "Ҳаҷвиёт"-аш фисқу фуҷури одамонро фош карда бошад, дар "Пайғом" принсипҳои умдаи нақшаи ҳаётиашро инъикос намудааст. Образи одамонеро тасвир намудааст, ки дар замони режими Август мустақилияти ботинии худро нигоҳ доштаанд.

Китоби дуюми "Пайғом" аз се номаи манзуми ба мавзўи адабӣ бахшида иборат аст. Умуман "Пайғом" ба унвони "Илми шеър"-низ машҳур аст. Дар шакли сўҳбат Ҳоратсий ақидаи худро оид ба назм баён менамояд ва ба эҷодкорони ҷавон маслиҳати муфид медиҳад, ки чӣ тавр бояд навишт.

Дар асрҳои баъдина осори Ҳоратсий ҳаводорони зиёде пайдо намуд. Дар замони Эҳё хусусан мадҳиёти ў шўҳрат пайдо намуд.

# ОВИДИЙ
**(43 то милод—18 милодӣ)**

Тарзе ишора рафт, дар замони ҳукмронии Август ду ҷараёни адабӣ буд, ки якеи онро оппозитсионӣ мегуфтанд. Ин ҷараён, ки камбудиҳои замонро танқид менамуд, инкишоф наёфт ва танҳо бо танқиди баъзе ислоҳоти Август, ки марбути масъалаҳои оилавию маишӣ ва ахлоқӣ буданд, маҳдуд монд. Адиби машҳури Рим Публий Овидий Назон намояндаи ҳамин ҷараён маҳсуб мешавад. Овидий дар шаҳрчаи Сулмон, ки 140 км дуртар аз Рим воқеъ буд, дар оилаи сарватманде ба дунё омадааст.

Баъди гирифтани маълумот дар Рим Овидий барои такмили савод ба Юнон, Осиёи Хурд ва Ситсилия меравад.

Эҷодиёти Овидий ба 3-давра тақсим мешавад.

I. Барои давраи аввали эҷодиёти Овидий мавзӯъҳои ишқӣ хос аст. Ин пеш аз ҳама маҷмӯаи "Сурудҳои ишқӣ" аст, ки дар он 49 шеър дарҷ аст. Ҳамаи ин шеърҳо дар атрофи шоири ошиқ Корина гурӯҳбандӣ шудааст. Роҳҳои нави инкишофи шеърҳои ошиқонаи ҳузновар дар маҷмӯаҳои дигари Овидий "Занони қаҳрамон" ё "Пайғом", ки аз 15 номаи қаҳрамонони мифологӣ ба ошиқонашон ё шавҳаронашон, ки бо ин ё он сабаб онҳоро тарк кардаанд, ба назар мерасад. Он қаҳрамонҳои мифологӣ, аз қабили Пенелопа, Фёдра, Медея, Брисеида, Дидона мебошанд. Каме дертар ба ин маҷмӯа боз 3 номаи ҷавобии ҷавонмардон ба маъшуқонашон бо ашъори ошиқонаи ҳузновар илова мегардад.

Овидий дар яке аз мактабҳои риторикӣ (омӯзиши илми маонӣ ва баён, илми балоғат, суханварӣ, назарияи санъати наттоқӣ) низ таҳсил карда буд. Супориши махсусе буд, ки ҳолати ботинии ин ё он персонажҳои мифологиро дар шароити муайяне тасвир намояд. Ҳамин хусусияти риторикию декламатсионӣ барои маҷмӯаи Овидий "Занони қаҳрамон" низ хос аст.

Аммо Овидий риторикаро барои таҳлили амиқи психологии персонажҳои занон истифода бурдааст. Овидий ба сифати муаллифи "илми эҳсосоти нозук" дар асарҳои дидактикӣ ва пародиявиаш "Санъати муҳаббат", "Давои ишқ", ва "Дору барои рӯи зан" намудор мегардад.

Овидий барои ошиқон раҳнамое бо номи "Раҳнамои ишқ" таълиф намуд. Ин достон аз 3 китоб иборат буда, бо риояи тамоми қавоиди риторикӣ эҷод шудааст. Дар китоби аввал оид ба пайдо намудани ёри мувофиқ, чӣ гуна ба даст даровардани ин муҳаббат маълумот медиҳад.

II. Дар давраи дуюми эҷодиёташ Овидий достони мифологии "Табдилот" ва достони "Фаст" ("Тақвим")-ро эҷод кардааст.

"Метаморфоза" аҳамиятноктарин асари Овидий буда, аз 15 китоб иборат аст ва 12 ҳазор шеърро дар бар гирифтааст. Бо риояи принсипи хронологӣ Овидий қариби 250 асотири гуногунро бозгӯ менамояд, ки онҳо аз пайдоиши одам то таърихи пайдоиши мифологияи Рим маълу-

мот медиҳад. Овидий дар эҷоди асарҳояш аз жанри замони Эллинизм "табдилот" истифода бурдааст. Ӯ дар бораи табдил ёфтани одам ба ҳайвон, рустаниҳо қисса мекунад.

Овидий дар ин достон аз қиссаву ривоятҳои қадимӣ фаровон истифода бурда, таъкид менамояд, ки ҳаёт абадӣ, вале мунтазам дар тағйирот аст. Овидий худоҳо ва қаҳрамонҳои мифологиро тамасхур намуда, диққати асосиро ба ишқу муҳаббат додааст ва дар бораи азобу шиканҷаи ошиқон зиёд ҳарф задааст.

Дар "Метаморфоза" як қатор лаҳзаҳо ва новеллаҳое низ ҳастанд, ки бо такмили адабиашон фарқ мекунанд. Аз ҷумла, новелла доир ба Нарсисс, ки ба акси худ дар об ошиқ шуда, ба гул табдил ёфтааст, ё қисса доир ба парвози Дедал ва Икар, ҳамин гуна хусусият доранд.

Дар достони нотамоми "Фаст" урфу одат ва иду санаҳои таърихии гуногун васф карда мешавад.

III. Давраи охири умр ва эҷодиёти Овидий бо бадарға шудани ӯ аз Рим ба шаҳри Том (ҳозира порти Констанса дар Руминия) вобаста аст. Бо фармони Август Овидий дар соли 8 то милод ба он ҷо фиристода шудааст, аммо то ҳол сабаби аниқи ин бадарға ба мо маълум нест, ҳарчанд ки ақидаҳои гуногуне вуҷуд доранд. Шояд сабаби бадарға шуданаш асари ӯ бошад, ки хусусиятҳои ахлоқию эстетикии ислоҳоти Августро зери танқид гирифтааст.

Овидий дар бадарға маҷмӯаи худ "Элегияи ҳузнангез"-ро, ки аз 5 китоб иборат аст ва 4 китоби "Пайғом аз Понта"-ро навиштааст.

Овидий дар ғарибӣ дар гӯшаи дуртарини тобеи Рим дар байни қабилаи барои ӯ бегонаи фракиҳо соли 18 милодӣ вафот мекунад ва ҳамон ҷо гӯронида мешавад.

Овидий дар инкишофи минбаъдаи назми ҷаҳонӣ таъсири муфид расонидааст. Хусусан, дар замони Эҳё маъруфияти ӯ бештар мегардад ва асари ӯ "Метаморфоза" баҳои ҳақиқиро соҳиб мешавад. Шоирони машҳури дунё аз Овидий омӯхтаанд ва дар байни ихлосмандони ӯ метавон Шекспир, Сервантес, Шиллер ва Гётеро ном бурд.

## "МАҲАБҲАРАТА"

"Маҳабҳарата" ба забони санскрит иншо шуда, маъноям "Қиссаи авлоди Бҳаратҳои бузург" мебошад. Он чун ҳамосаи Ҳинди бостонӣ дар асоси қиссаву ривоятҳои мардуми Ҳиндустони Шимолӣ дар нимаи дуюми ҳазораи дуюми то милод иншо шудааст. Муҳаққиқон онро ба қаламп ҳаким ва шоири қадими Ҳинд Кришна Двайпаяна Виаса мансуб медонанд.

"Маҳабҳарата" аз 85 ҳазор бандҳои чаҳормисрай /шлок/ иборат буда, 18 китобро ташкил додааст. Мундариҷаи асосии достон дар атрофи муборизаву набардҳои фарзандони шоҳи афсонавӣ Бҳарат барои барқарор кардани ҳукумати Ҳастинапура /Деҳлии имрӯза/ сурат гирифтааст.

Аз рӯи нишондоди муҳаққиқони " Маҳабҳарата" бармеояд, ки ҳар як китоб ба сари худ мустақил буда, мавзӯъ, сужет ва образҳои ба худ хос дорад ва китобҳо ба якдигар иртиботе надоштаанд. Ин аст, ки мавзӯи сужет ва образҳои достонҳои "Маҳабҳарата" ба адабиёти халқҳои ба Ҳиндустон наздику ҳамсоя Индонезия, Бирма, Кампучия, Шри-Ланка, Таиланд таъсири амиқе расонида, барои адабиёти ин халқҳо ва пайдоиши эпосу достонҳои халқӣ чун замина ва манбаи муҳим хизмат кардааст.

Лозим ба ёдоварист, ки "Маҳабҳарата" ва дигар достонҳои Ҳинди қадим баробари ба адабиёти халқҳои ҳамсоя таъсир доштанаш, ба адабиёти қадими тоҷику форс низ иртиботи қавӣ дорад. Махсусан, иртиботи онро бо "Авесто", "Бундаҳишн", "Ёдгори Зарирон", "Худойнома", "Динкард", "Дарахти Асурик" ва ғайра қайд кардан бамаврид аст.

"Маҳабҳарата" ба бисёр забонҳои дунё таҷрума ва нашр шудааст-.Тарҷумаҳои тоҷикии он ба асри XV рост меояд. Дар асри XVI бо супориши шоҳ Акбар як гурӯҳ донандагони забони санскрит, браҳманҳои ҳиндӣ, Файзӣ, Абдулқодири Бадоюнӣ, Нақибхон, Мулло Шерӣ, Муҳаммадсултони Таҳонсирӣ онро ба забони тоҷикӣ бо номи "Размнома" тарҷума намуданд. Махсусан тарҷумаҳои қиссаи "Нал ва Даман", қисматҳои фалсафию ахлоқии он , ки аз ҷониби Файзӣ ба риштаи назм ва таҳрир кашида шудааст, ба дилу дидаи хонанда зуд роҳ ёфта, аз ҳунари тарҷумонӣ ва донандаи хуби забони санскрит будани Файзӣ далолат мекунад. Дар асрҳои XVII - XVIII аз тарафи Дорошукӯҳ, Абулҳасани Ҷабалӣ, Абӯсолеҳи Шаиб, Ҳоҷӣ Рабеи Анҷаб ва дигарон қисматҳои гуногуни "Маҳабҳарата" ба забони тоҷикӣ тарҷума ва паҳн карда шудааст.

Хулоса, "Маҳабҳарата" тавассути мавзӯъ, образ, сужетҳои рангоранги худ ба адабиёти халқҳои олам таъсир расонида, илҳомбахши шоирону гӯяндагон, нависандагон, меъморону ҳайкалтарошон, наққошону драманависони қадим, асри миёна ва муосир гардидааст. Ин аст, ки онҳо мувофиқи завқу салиқа ва тақозои замону макон аз "Маҳабҳарата" ба ҳар восита истифода кардаанд.

## "РАМАЯНА"

Ҳиндуҳо аз халқҳои қадим ва соҳибтамаддун ба ҳисоб рафта, тавассути мероси зиёди таърихӣ, адабӣ, меъморӣ ва илмии худ дар бунёди фарҳанги умумиҷаҳонӣ мақоми муҳиммеро соҳибанд.

Адабиёту санъати муосири ҳиндӣ аз асотир ва ёдгориҳои таърихӣ маншаъ гирифта, дар заминаи онҳо ба давраи нави ташаккул расидааст..

Яке аз ҳамин гуна шоҳкориҳои адабиёти ҷаҳонӣ ҳамосаи қадими Ҳинд «Рамаяна» буда, дар олами адаби Ҳиндустон баъд аз «Маҳабҳарата» дуюмин достони бузурги эпикии ҳиндӣ ба ҳисоб меравад. Таснифи дос-

тонро ба шахси афсонавӣ, шоири Ҳиндустони қадим Валмикӣ мансуб медонанд.

Аз рӯи навиштаи муҳаққиқон достон тақрибан дар асри IV то милод дар Ҳиндустони Шарқӣ таълиф ёфта, нусхаҳои имрӯзаи он дар асри II мураттаб шудааст.

Дар "Рамаяна" оид ба қаҳрамониҳои паҳлавони ҷасуру далер Рама, ки барои аз банди ҷодугар Равана озод кардани завҷааш Сита аз Ҳиндустони Шимолӣ ба Ланка /Шри—Ланка/ омадааст, нақл мешавад. Сюжети достон дар асоси ҳамин воқеа ба вуқӯъ омада, дар он воқеаву ҳодисаҳо ба ҳам омехта қаламдод шудааст.

Аз ҷиҳати банду баст ва мазмуну мундариҷа он чун достони мукаммал аз воситаҳои тасвири бадеӣ бой буда, дар инкишофу тараққии илму маданият, фалсафа ва адабиёти ҳинд нақши муҳим бозидааст. «Рамаяна» боз аз он ҷиҳат маъруф ва маҳбуб аст, ки дар давоми солҳои дарози ғуломии мустамликавӣ дар Ҳиндустон ба дили халқ боварӣ ва умеди ояндаи дурахшонро ҷой кардааст.

«Рамаяна» бо шарофати тарҷумаи Тулси Дас аз санскрит умри дубора пайдо намуд. Аз ин рӯ ин асарро "Рамаяна"-и Тулси Дас низ мегӯянд, ки бесабаб нест. Академик А. П. Баранников, ки баъдан ҳамин "Рамаяна"-и Тулси Дасро бо маҳорат ба русӣ тарҷума намудааст, менависад, ки "Рамаяна"-и Тули Дас тарҷумаи оддии "Рамаяна"-и Валмикӣ аз санскрит намебошад ва он метавонад ҳамчун асари оригиналӣ эътироф гардад.

Ин аст, ки Рамаяна дар Хитой, Тибет ва мамлакатҳои Осиёи Ҷануби Шарқии асрҳои миёна мавриди такрор ба такрор нашр шудани он гардидааст. Дар асоси ин достон ва тарҷумаҳои он ба забонҳои банголӣ, малаялӣ, маратҳӣ, яванӣ ва ғайра эпосҳои халқҳои Ҳиндустону Индонезия ба вуҷуд омадааст.

Хонандаи тоҷик низ ба намунаҳои ин шоҳкории ҷаҳонӣ шиносоии дерина дошта, нусхаи комили он аз тарафи нашриёти "Адиб" /1987/ ба табъ расида, доираи хонандагони онро васеъ намуд. Ин ҳамосаи бостонӣ аз ҷониби шоир ва тарҷумони хушсалиқаи тоҷик Бобо Ҳоҷӣ аз рӯи нусхаи силсилаи "Китобхонаи адабиёти ҷаҳон" тарҷума гардидааст. Дар қисмати тавзеҳоти нусхаи тоҷикӣ дар бораи ин ҳамосаи бостонӣ чунин маълумот омадааст:

"Ҳамосаи бостонии ҳинд "Рамаяна" яке аз шоҳкориҳои адабиёти ҷаҳонӣ мебошад. "Илиада" ва "Одиссея" чӣ хеле ки дар Аврупо машҳур бошад, "Рамаяна" низ дар Осиё ҳамон қадар шӯҳрат дорад. Катибаҳои Камбоҷа далолат мекунанд, ки ҳанӯз дар соли шашсадум "Рамаяна"-ро дар ҳарамҳои маҳаллӣ мехондаанд. Тақрибан худи ҳамон солҳо нусхаҳои гуногуни эпоси қадимаи ҳинд дар Индонезия, Малай, Непал ва Лаос пайдо мешаванд. Дар қарни шашум "Рамаяна" дар Хитой, Тибет баъдтар дар Муғулистон паҳн мегардад.

"Рамаяна" ба забони санскрит навишта шудааст. Аз ҳамин сабаб ҳам дар Ҳиндустон "адикавя", яъне достони нахустин ва мусаннифи он Валмикиро "шоири нахустин" меноманд.

"Рамаяна" достони калонҳаҷм буда, аз ҳафт китоб иборат аст ва 24 ҳазор шлок /шлок—ба маснавии форсу тоҷик монанд/-ро дар бар мегирад. Асар ба забонҳои бисёри ҷаҳон тарҷума шудааст. Аз ҷумла, дар Россия порчаҳои алоҳидаи он дар асри XIX ба табъ расида буд. «Рамаяна» асосан достони манзум мебошад, вале баъзе бобҳои он дар шакли мансур омадаанд".

## "Рамаяна"
## Дар ситоиши салтанати Дашаратҳа ва пойтахти ӯ

Дар бари Сарё нафас гирад чу кохи сарфароз,
Давлати беинтиҳо – мулки Кошала дер боз.

Дар ҳамон ҷое, ки ҷадди мардумон Монуи род,
Кард барпо меҳри худ Айодҳаро дар роҳи бод.

Буд тақрибан дувоздаҳ йоҷан онро қадду бар,
Буд дар зебой ҳар як растааш рашки қамар.

Роҳи шоҳӣ соф чун рухсораи моҳи ҳамал,
Дошт анвои гулу себаргаҳоро дар бағал.

Шаҳ Дашаратҳа, малики пойтахти нозанин,
Шӯҳра дод онро, чу Индра шаҳри худро дар замин.

Гашта наққошӣ дару дарвозааш бо як маром,
Бонӣ мекарданд онҳоро шабу рӯзи тамом.

Ҷамъ аз ҳар сӯ ҳунармандон ба ин ҷо мешуданд,
Ҷег мезад муштариро тоҷири мулкнописанд.

Умр мебурданд дар шаҳр аз Магадха мутрибон,
Сокини он инчунин буданд гардунакашон

Ҷилвагар байроққо буданд дар рӯи манор,
Ҳифз мекарданд онҳоро ҷарию боғзор...

Ҳокими Кошала шаъни мулкро бармефузуд,
Фахр карда бо ҷалолу сарвати бисёри худ.

Гашта зуҳҳоду бараҳманҳо ба илми ғайб банд,
Бо худоён рӯзу шаб дар дайр сӯҳбат доштанд.

Сокинони он буданд аз нав таваллудгаштагон,
Тан ба қисмат дода, орифҳои номии замон.

То бувад доим фурӯзон гулхани қурбониён,
Мунтазам мерехтанд аз сархушӣ равған бар он...

## "ГӮРӮҒЛӢ"

"Гӯрӯғлӣ" эпоси машҳури халқӣ буда, миёни халқҳои Осиёи Миёна, Қафқоз ва Афғонистон маъруфият дорад. Халқи тоҷик бо унвони "Гӯрӯғлӣ" як силсила достонҳои манзуму мансур дорад. Вале аксари достонҳои ба ин ном эҷодшуда манзум буда, аз ҷониби гӯяндагон сароида мешавад. Бино ба маълумоти Энсиклопедияи Адабиёт ва Санъати тоҷик нусхаи тоҷикии "Гӯрӯғлӣ" дар охири асри XVII ва аввали асри XVIII ба вуҷуд омадааст. Ҳарчанд ки ин эпоси қаҳрамонӣ собиқаи дарози таърихӣ дорад, омӯзиши он солҳои 30-юм шурӯъ шудааст.

Бори аввал порчаҳои ҷудогонаи онро А.Н. Болдырев аз ноҳияҳои ҷанубии Тоҷикистон навишта, соли 1939 нашр намудааст. Баъд достонҳои пурраи "Гӯрӯғлӣ"-ро Л. Бузургзода ва М. Миршакар аз забони гӯяндаи халқӣ Қурбон Ҷалил навиштаанд.

"Гӯрӯғлӣ"-ҳои тоҷикӣ аз ҷиҳати шаклу мазмун асари мустақили бадеии халқӣ буда, гӯяндагон аз мазмуну образ ва воситаи тасвири эҷодиёти даҳонии халқ истифода бурда, достонҳои нав офаридаанд.

Ҳамчунин дар достони "Гуруғлӣ"-и тоҷикӣ таъсири адабиёти халқӣ мушоҳида мешавад. Аз ҷумла номи яке аз қаҳрамонҳои достон Ландаҳур буда, аз асари насри ривоятии халқӣ "Амир Ҳамза" гирифта шудааст.

Дар достони "Гӯрӯғлӣ" мисли асарҳои эпикии адабиёти классикӣ ду қувва: некӣ ва бадӣ дар мубориза ҳамешагӣ қарор доранд. Қувваҳои бадӣ дар достон дар шахси Райҳонараб, Боғлоншоҳ, Қатлоншоҳ, Ландаҳур ва дигарон амал намуда, ба осоиши Чамбули Мастон таҳдид менамоянд. Дар паҳлӯи Чамбули Мастон барои ҳимояи осоиши мардуми меҳнатӣ Гӯрӯғлӣ, Аваз ва фарзандони ӯ Нуралӣ, Шералӣ, писари Нуралӣ Шерафган мубориза мебаранд.

Ҳарчанд ки қаҳрамони асосии достон Гӯрӯғлӣ аст, вале тадриҷан ӯ аз ҳимояи мамлакат дур шуда, ба корҳои давлатдорӣ машғул мешавад. Фарқи "Гӯрӯғлӣ"-и тоҷикӣ низ дар ҳамин аст, ки бо вуҷуди номи Гӯрӯғлиро доро будани эпос Аваз чун қаҳрамони асосӣ амал мекунад.

Дар равиши мазмуни достон борҳо хунрезиҳо содир гардида, Чамбули Мастон вайрон мешавад ва муҳофизонаш асир меафтанд. Вале дар

охир қувваи нек ғалаба мекунад, шаҳр обод ва мардумаш шод гардида, аз миёни худ подшоҳи одил интихоб менамоянд. Дар "Гӯрӯғлӣ"-и тоҷикӣ образи занону духтарон равшан тасвир гардида, онҳо ғайр аз олиҳаи ҳусн буданашон дар мубориаҳо иштирок мекунанд, корнамоиҳо нишон дода, паҳлавононро аз асорати душман наҷот медиҳанд.

Хусусияти фарққунандаи дигар дар "Гӯрӯғлӣ"-и тоҷикӣ бо майлу рағбати тарафайн бунёд намудани оила аст. Аз ин рӯ, гӯяндаҳо дар тасвири ҳусну латофати зан аҳамият медиҳанд.

Ҳар қиссаи эпоси "Гӯрӯғлӣ" як достони мукаммал буда, чандин воқеаҳоро дар бар мегирад. Ҳар як достон чанд боб буда, ҳангоми ба боби дигар гузаштан оҳанги мусиқӣ ва вазни шеър тағйир меёбад. Вазни достонҳои "Гӯрӯғлӣ"-и тоҷикӣ ҳиҷоӣ буда, гӯяндагон асосан мазмунро аз ёд мекунанд ва ҳангоми иҷро онро ба вазн медароранд. Вале тасвири баъзе воқеаҳои хурд, аз қабили либоспӯшии занон, афзори асп, либоспӯшии баҳодурон, фотиҳа гирифтани қаҳрамонон, муколамаи байни ҷанговарон лавҳаҳои яклухт ва матни тайёр доранд ва гӯяндагон ин порчаҳоро тарзе ки ёд гирифтаанд, ҳамон тавр месароянд.

Достонҳои эпос аз ҷиҳати ҳаҷм тағйир меёбанд ва вобаста ба чигунагии маърака ҳар достон аз 3-4 то 8-10 соат хонда мешавад.

Ҳаҷми ҳар достон 1,5-2 ҳазор байт буда дар ганҷинаи шӯъбаи фолклори АИ Тоҷикистон вариантҳои гуногуни он нигоҳ дошта мешаванд. Ин нусхаҳо аз забони гӯрӯғлигӯёни машҳур Қурбон Ҷалил, Бобоюнус Худойдодзода, Ҳикмат Ризо, Одина Шакар, Қурбоналӣ Раҷаб, Ҳақназар Кабуд ва Талбӣ Замир навишта шудаанд.

Тадқиқи илмии ин достон солҳои 30 шурӯъ гардид ва дар баррасии он олимони номӣ А.Н. Болдырев, И.С. Брагинский, Р. Амонов ва дигарон саҳм доранд.

## "МАНАС"

Эпоси халқии қирғиз "Манас" миёни ёдгориҳои назми эпикии халқҳои ҷаҳон мақоми махсус дорад. Он чун роҳнамои ҳаёти маънавии халқи қирғиз дар муддати асрҳои зиёд маъруфияти худро ниғоҳ дошт ва имрӯз низ ҳар хонадони қирғиз метавонад ин ё он мазмун ё қисмати ин эпосро бозгӯ намояд.

Эпоси "Манас" аз ҷиҳати ҳаҷм низ мӯҳташам буда, дар бораи рӯзгору аҳволи се насли қаҳрамон - Манас, писари ӯ Семитей ва набераи ӯ Сойтек маълумот медиҳад. Дар он ҳамаи паҳлӯҳои ҳаёти таърихии халқи қирғиз дар муддати асрҳо инъикос мегардад. Ҳодисаву воқеаҳои сужетофаранда дар эпос асосан ба ҳам бархӯрдани қабилаҳои қирғиз бо истилогарони бегона, ғорати тарафайни рамаву гала, мусобиқаи сахти сарватмандони бо ҳам ҷангӣ, юришҳои дуру дароз, ғолибият ва мағлубият, барпо намудани маърака ва ҷашнҳои серодам буда, ғояи асоси он

кўшиши қабилаҳои қирғиз барои муттаҳидӣ, истиқлол ва тавоноӣ аст. Бинобар ин мероси бузурги халқи қирғиз ва анъанаи эпикии он ба ҳамин сарвати бебаҳои маънавӣ мутааллиқ аст. Агар халқҳои дигар маданияти қадим ва таърихи худро дар адабиёти хаттӣ, ҳайкалтарошӣ, меъморӣ, театр, рассомӣ ҳифз дошта бошанд, пас, халқи қирғиз идроку шуури миллӣ, орзуву андеша, мубориза ва мақсади худро дар жанри эҷодиёти даҳонии халқ инъикос намудааст. Воқеан ҳам достонҳои эпикӣ миёни қирғизҳо маъруфияти хос дошта, забони миллӣ ва таърихи онҳо аз ин намуди ёдгориҳо манша мегиранд.

Ҳарчанд, ки халқи қирғиз достонҳои зиёди эпикӣ аз қабили "Таштук", "Кожожаш", "Улжобой ва Кишимчон", "Кедейхон" дорад, аммо қуллаи аҷдодии қадими қирғизҳо эпоси азими "Манас" аст. Дар ҳақиқат ҳам эпоси "Манас" бо қувваи бадеии нотакрори худ, бо инъикоси таърихи бисёрсолаи халқ, бо мундариҷаи ғоявӣ, ахлоқӣ, фалсафӣ, бо фарогирии ҳартарафаи ҳаёти халқ: маишат, лашкар, ҳунар, санъати ҷанг, анъана, урфу одат, маданияти халқ дар радифи нодиртарин ёдгориҳои санъати шеърӣ меистад.

"Манас"-ро асари бадеии дар заминаи воқеаҳои таърихӣ эҷодшуда гуфтаанд, ки дуруст аст. Ин ёдгории нодири таърихӣ дар тӯли асрҳо пайваста саҳеҳтар гаштаву инкишоф ёфта, аз қашвҳои нодаркор халос гардида, такмилу танзим дида, то ба имрӯз расидааст. Аз ҳамин сабаб, дар ин эпос дар қатори воқеоти таърихӣ хаёлоту асотир низ ҷой доранд, ки бо ҳам иртиботи қавӣ доранд. Ҳамин тавр, эпоси "Манас" тавассути ҳофизаи таърихии халқ аз насл ба насл гузашта, такмил ёфтаву суфта гардида, то давраи мо омадааст. Сабаби умри абад пайдо намудани "Манас" ғояи он аст, ки саросари ин асарро фаро гирифтааст. Ин ғояи ҷовид ва аз замони пайдоиши оламу одам нogусастанӣ, қуввату имдоддиҳанда, ҷӯяндагиву ёбандагӣ, ҷадал ба сӯи мақсад ва физояндаи қудрату тавоноист. Тамоми бунёди бадеии эпос, рӯҳбаландии он аз оғоз то анҷом як ғояро талқин мекунад: ин ғояи озодӣ, ғояи истиқлол буда, боиси безаволӣ ва дар қатори ёдгориҳои бебаҳои маданияти ҷаҳонӣ дохил шудани он гардидааст.

Ҳамин эпоси пурқимат ва пурмӯҳтаво, ки аз ҷиҳати ҳаҷм (дар се қисм зиёда аз 1 миллион мисраъ) ва воқеоту иштирокдоронаш миёни эпоси халқҳои дигар назире надорад, то садсолаи охир варианти хаттӣ надошт. Бори аввал намунаҳои онро маорифпарвари қазоқ Чокан Валихонов аз забони гӯяндагон – манасчиҳо сабт намуд ва баъд академик В.Радлов ин кори хайрро сифати тоза бахшид. Гӯяндагони халқӣ – манасчиёни машҳур Сагимбай Уразбеков ва Саёқбай Қаралаев барои барқарории нусхаҳои хаттии эпос хизмати арзанда намудаанд. Маҳз тавассути хотира ва маҳорати гӯяндагии онҳо ин эпоси бузургҳаҷм мураттаб гардида, китоб шуд ва ба забонҳои гуногун тарҷима гардида, шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо намуд. Манасхонӣ дар қирғизҳо анъанаи дерина дошта, барои аз

насл ба насл гузаштани он манасчиёни зиёде хизмат кардаанд, вале номи аксари онҳо фаромӯш гардида, номи баъзеашон ба тарзи афсонавӣ боқӣ мондааст. Манасхонӣ санъати хоса буда, хонанда ё сароядаи он ба даст чизе намегирад, дастҳо бояд барои ишора ва ифодаи ҳаракати қаҳрамони эпос озод бошанд. Ҳамчунин ҳангоми иҷрои манасхонӣ ҳамаи узвҳои инсон – чашм, сар, лаб, даҳон, гӯш ва киёфа ба кор ва ҳаракат медароянд, маънӣ ва мақсадеро ифода менамоянд. Аз ин нуқтаи назар маҳорати гӯяндагии Саёқбай Қаралаев қадр ва эътироф гардидааст. Нусхаи аз забони ин гӯянда сабтгардида зиёда аз ним миллион мисраъро фаро гирифтааст.

Мушкилоти дигар дар таъйини замони таълифи "Манас" ба миён омадааст. Соли 1995 ҷашни 1000 солагии "Манас" таҷлил гардид. Вале ин маънои онро надорад, ки эпос соли 995 пайдо шуда бошад. "Манас" монанди ҳар як эпоси бузургҳаҷм дар муддати дарози таърихӣ эҷод шудааст ва таҷлили 1000-солагии он санаи шартӣ буда, муайянкунандаи умри ҳақиқии эпос нест.

Миёнаҳои солҳои 30-юм барои тарҷумаи бобе аз эпоси "Манас" ба забони русӣ конкурси пӯшида эълон шуд ва дар он зиёда аз 20 нафар тарҷумонҳо иштирок намуданд ва интиҳо 3 нафар - Лев Пенковский, Марк Тарловский ва Семён Липкин ғолиб ҳисобида шуданд. Аммо нашри тарҷумавии он бо сабабҳои субъективӣ хеле тӯл кашид ва танҳо соли 1946 тарҷумаи русии он нашр гардида, барои тарҷумаи эпос ба забонҳои гуногун роҳ кушод.

Тоҷикон бо тақозои наздикӣ ва гоҳо ҳамтақдирӣ аз вуҷудият ва маъруфияти ин эпос бармаҳал огоҳӣ ёфтаанд. Хоса ба он хотир, ки ин асар аз қаробат ва хешутабории деринаи тоҷикону қирғизон дарак медиҳад. Қаҳрамони асосӣ – ҷавонпаҳлавон Манас тавассути муҳаббат пайдо карданаш бо духтари Бухорхудот – Хоникей миёни тоҷикону қирғизҳо риштаи дӯстӣ ва сулҳу оштӣ васл намуд. Ҳамчунин миёни "Манас" ва "Гӯрӯғлӣ"-и тоҷикон ва миёни "Манас"-у шоҳкитоби мо "Шоҳнома" монандиҳои зиёде ба назар мерасад. Ин ҳама аз огаҳии деринаи тарафайн дарак медиҳад. Аммо кӯшиши ба забони тоҷикӣ тарҷума намудани "Манас" низ солҳои сиюм оғоз ёфтааст. Ҳарчанд дар тарҷумаи пораҳои ҷудогонаи он адибон ва тарҷумонҳои зиёди тоҷик даст задаанд, охиран, тарҷумаи устодона ва пурра аз ҷониби тарҷумони шинохта Аслам Адҳам анҷом дода шуд ва соли 1982 аз ҷониби нашриёти "Ирфон" нашр гардид. Бояд таъкид намуд, ки Аслам Адҳам дар натиҷаи омӯзиши забон, урфу одат, қиёсан аз назар гузаронидани нусхаҳои гӯяндагон тарҷумаи сареҳ ва нигоҳдорандаи рӯҳи асосии эпосро анҷом дод.

Тарҷумаи тоҷикӣ аз зоида шудани Манас то аз марг наҷот додани Манас аз тарафи Хоникейро фаро мегирад. Намуна:

**Мурочиати Хоникей ба пахлавони довталаби қирғиз:**

"Либосат мовиту сабз аст,
Кукола – тавсанат нагз аст.
Рахи дуре гузар кардӣ,
Сарат бар поям овардӣ,
Сари аспат ба сӯям тоб,
Бад-ин гуфтам чавобе ёб.
Агар ту пахлавонмардӣ
Ба ман зӯрозмо гардӣ
Маро мағлуб агар созӣ
Гар аз зинам барандозӣ,
Ба амрат сар фарорам ман,
Чӣ хохӣ, он супорам ман.
Агар бар ту зафар ёбам,
Равонат дар хатар ёбам.
Зи пушти зинат афтонам
Сар аз чисмат биғалтонам
Ризой, шарти мо ин аст,
Тахаммул кун, ки фурсат хаст.
Зафар ёбӣ дар ин майдон,
Хамебахшам бароят чон.
Биё, эй гови шӯхратчӯй,
Ба мо аслу билодат гӯй,
Сипас бо хам ба разм оем,
Чадал дар разм бинмоем.
Зи насли ман шавӣ огох,
Манам духти Қарохоншох,
Надорам номзад, хурам
Ба чанги мардхо зӯрам.
Маро номаст Хоникей,
Канӣ, о, пахлавоно, хей!"...

## "АЛПОМИШ"

"Алпомиш" — яке аз достонхои қахрамонии халқи точик буда, аз корнамой, накӯкорӣ ва устувории қахрамони асар хикоят мекунад. Мубоpизаи халқ барои озодӣ, барқарорӣ ва пойдории осоишу адолат ва орзуву омоли инсон дар зиндагӣ ғояи асосии достонро ташкил медихад. "Алпомиш" аз қабили хамон достонхои қахрамоние мебошад, ки мазмуни сайёр доранд. Достон ба хамин ном миёни халқхои ӯзбек, қазоқ, тотор, бошқирд ва қароқалпоқ низ маълум аст. Вале хар як халқи номбаршуда варианти хоси "Алпомиш"-ро дошта, ифодагари характер ва

зиндагиву рӯзгори замони пайдоиши достон махсуб меёбад. Дар натиҷаи ҷустуҷӯҳои фолклоршиносони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ Тоҷикистон солҳои 50-ум аз водии Зарафшон, шаҳри Хуҷанд ва маҳалҳои тоҷикнишини вилояти Қашқадарёи Ўзбекистон вариантҳои тоҷикии "Алпомиш"-ро ёфтанд, ки ҷиҳатҳои хос дорад. Ба таъбири фолклоршиноси тоҷик Р. Амонов "Алпомиш"-и тоҷикӣ аз доираи достонҳои қаҳрамонӣ хориҷ шуда, эҷодиёти анъанавии афсонаҳои қаҳрамониро дар бар гирифтааст. Мундариҷаи "Алпомиш" аз ба ҷустуҷӯи Қарахон сафар карда, дар иҷрои шартҳои Барчиной ном шоҳдухтар корнамоиҳо нишон додани Алпомиш ва ӯро ба занӣ гирифтану Култаи золимро мағлуб намуда, зан ва хешу таборашро наҷот додани ӯ иборат аст. Ҷиҳатҳои хоси "Алпомиш"-и тоҷикӣ дар тасвири образҳо ва баёни воқеаҳо зоҳир мегарданд.

## "КАЛЕВАЛА"

"Калевала" – эпоси халқии кареливу фин буда, аз маҷмӯи сурудҳои эпикиву маросимӣ ва матнҳои азоимӣ (илтиҷо, зорию тавалло) иборат аст. Ин эпоси халқӣ аз ҷониби донишманди фин Э. Лёнрат ба шакли яклухти қиссапардозӣ дароварда шуда, асосан аз сурудҳои халқии карелӣ, ижорӣ ва финӣ фароҳам омадааст ва аз забони сарояндаи сурудҳои халқӣ Архип Пертунен дар нимаи аввали асри XIX сабт гардидааст. Соли 1833 композитсияи аввали эпос, ки аз 32 суруд ва соли 1849 композитсияи дуюми он, ки аз 50 суруд иборат аст, нашр гардид. Сурудҳои дар сужети Лёнрат истифодагардидаи "Калевала" ҳанӯз дар замони сохти авлодӣ пайдо шудаанд.

Дар заминаи эпоси қадимаи авлодони наздибалтикаву финӣ дертар эпоси қадими карелӣ низ ташаккул ёфт. Ин эпос дар дарозои таърих хеле суфта гардида, баъдан дар паҳлӯи мазмунҳои афсонавӣ ва қаҳрамонии он оҳангҳои сурудаҳои меҳнатӣ, ҳаққоният ва таҷассумкунандаи урфу одати халқ низ пайдо гардид. Дар ин сурудҳо ба таври амиқ рӯҳбаландии офаринандагон инъикос ёфтааст. Сурудҳои "Калевала" аз назари арзиши ғоявӣ ва адабиашон аз эпоси халқҳои дигар камӣ надорад. Матни "Калевала" аз рӯи нашри соли 1849 ба забони русӣ, англисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ, шведӣ, японӣ ва забонҳои дигар тарҷума шудааст.

## "ГЭСЭРИАДА"

Ин эпоси қаҳрамониро барҳақ муҳаққиқон "Илиада"-и Осиёи Марказӣ донистаанд. "Гэсэр" воқеан достони бузургҳаҷме буда, аз гармиҳои Ганг то хунукиҳои Амур ва аз Хуанхеи офтобӣ то Ленаи тира паҳн гардидааст. Дар ҳамин қаламрави бузург пайдо гардидани шахсе муҳол аст, ки аз эпоси оид ба Гэсэр пайдо- гардида хабар надошта бошад. Халқ

дар фосилаи дарози таърихӣ шабҳои дарози зимистонро бо шунидани достон дар бораи қаҳрамони шӯҳратёр Гэсэр, ҳамсари зебои ӯ Рагмо, 30 нафар паҳлавони ҳамсафи ӯ ва чоплуси хиёнаткор Сатон мегузарониданд.

Эпоси "Гэсэр" ҳаҷман бузург буда, хондани он аз ҷониби гӯяндагон ҳафтаҳо давом меёбад. Ақидае роиҷ аст, ки варианти пурраи тибетии эпос аз 16-ҷилд иборат аст ва ҳар як боби он ҷилдҳои ҷудогона ба ҳисоб меравад. Варианти бурятии он, ки дар ибтидои асри XX сабт шудааст аз 20 ё 30 ҳазор шеър иборат аст. Бо ин ҳама вариантнокӣ ва бузургии ҳаҷм то ҳол нусхаи ниҳоии он барқарор ё сабт нагардида, дар даҳони халқ аст ва дар инкишоф қарор дорад.

Олимони муҳаққиқ ҷанбаи воқеии эпосро нисбат ба хусусияти фантастикии он пурзӯртар донистаанд. Зеро дар он даҳҳо шоҳон ва шаҳрҳои Осиё, ки аксаран дар таърих сабт ёфтаанд, номи шоҳон ва қаҳрамонон, садҳо номҳои шахсиятҳои таърихӣ ва номҳои ҷуғрофӣ сабт шудаанд.

Қаҳрамони эпос Гэсэрхон аз нигоҳи олимон шахсияти таърихӣ буда, дар шимолу шарқии Тибет дар асри XI зиндагӣ намудааст ва достон дар бораи ӯ низ дар замони зиндагии ӯ аз ҷониби шоир Чойбэбо таълиф гардидааст, аммо маъруфият ва шаклгирии эпосро ба асрҳои XVI-XVII мансуб донистаанд. Қиссаи қаҳрамонии Гэсэрхон аз аср ба аср гузашта, дар бораи шахсияти ӯ фарзияҳои гуногун пайдо шудааст. Ӯро ифодагари орзуи халқ оид ба шоҳи одил ва мамлакати раиятпарвар донистаанд. Гурӯҳе дар ақидаанд, ки Гэсэр ин худои хитоиҳо (худои ҷанг) Гуан Ди аст, дигарон гумон доранд, ки Гэсэр ин Искандари Мақдунӣ аст ва боз иддае ӯро ба Чингизхон мушобеҳ донистаанд. Аммо дар охир ҳамон ақида эътироф гардид, ки Гэсэрхон шахсияти таърихие аст, ки барои озодӣ, ҳақиқат ва адолат пайкор намуда, корнамоиҳояш тавассути гӯяндагони халқӣ дар қолаби эпоси қаҳрамонӣ боқӣ мондааст.

## "ОЛОНҲО"

"Олонҳо" эпоси қадимии ёқутҳо буда, дар бораи корнамоиҳои паҳлавонон, муборизаҳои онҳо алайҳи паҳлавонону махлуқоти бадҳайбат қисса мекунад. Этимологияи калимаи олонҳо маълум набуда, онро бо калимаи суруд ҳаммаъно донистаанд. Ин эпос аз миқдори зиёди сурудҳо ё асарҳо иборат буда, хонандаи онро олонхосутҳо ном мебаранд. Муайян намудани миқдори умумии чунин асарҳо, номбар намудани унвони онҳоро аз имкон берун донистаанд. Чунончи 125 сабти дар архиви Ёқутистон буда ва 16 матни комилу пораҳои алоҳидаи боқимондаро танҳо як қисми олонҳо шумурдаанд.

«Олонҳо» ба ҳаёту рӯзгори ёқутҳо тавъам буда, дар ҳар деҳа ё маҳал даҳҳо гӯяндагони ин мероси халқӣ вуҷуд доштанд. Солҳои 1941-1946 дар 13 маҳалли ёқутҳо 83 гӯяндаи олонхоро ба қайд гирифтаанд, ки ма-

шхуртарини онхо Т.З. Захаров, Чээбий, Н.А. Абрамов-Кынат ва Д.М. Говоров мебошанд.

Ҳаҷм ё миқдори мисраъҳои «Олонҳо» гуногун буда, дар вариантҳо ҳар хел ишора шудаанд. Дар яке аз нусхаҳои нисбатан комили он "Эрбэхтэй Берген", ки аз ҷониби Д.М. Говоров сабт шудааст, 20 ҳазор мисраи шеърӣ ишора гардидааст. Бо назардошти ҳамаи нусхаҳои сабткарда, муҳаққиқон хулоса баровардаанд, ки то ба ҳол шакли пурраи «Олонҳо» сабт карда нашудааст.

Дар "Олонҳо" пайванди силсилавӣ ба назар намерасад ва мустақиман бо номи қаҳрамонҳо ёд карда мешавад. Аз ҷумла қаҳрамонони бо номи Эр-Соготхо ёдшаванда дар аввал танҳоянд ё қисми зиёди Нюргунҳо дар бачагӣ аз осмон мефароянд ва Мюлдхо дар бачагӣ ҳама зиштрӯ ва маъюбанд, аммо дар равиши мазмун омехта мегарданд. Бинобар ин барои "Олонҳо" хусусияти хаёлӣ ва мифологӣ характернок буда, омезиши образҳои мифологӣ бо воқеият эпосро ба зиндагии муқаррарии инсоният наздик сохтааст. Дар иртибот бо ин бояд зикр намуд, ки асарҳои алоҳидаи Олонҳо сужети доимӣ надоранд. Сужетҳо озодона аз як асар ба дигаре мегузаранд ва хоси алоҳидаи ин ё он асар низ ҳисоб намеёбанд. Аммо анъанаи муайяни гуфтор, тасвир ва тавсифи ҷузъҳои ҷудогонаи мазмун ва образҳо дар фаъолияти ҳамаи олонхосутҳо мушоҳида мешавад.

"Олонҳо"дар замони гузашта вазифаи адабиёти хаттиро то андозае иҷро намудааст. Гӯяндагони он миёни халқ эътибор дошта, дар ҷашну маъракаҳо хондани "Олонҳо" ба ҳукми анъана даромадааст. Хонандагони «Олонҳо»-ро аз бачагӣ (аз 5-7 солагӣ) тайёр менамуданд, ки дар байни онҳо духтарон ё занҳо низ будаанд.

Сабти аввалини порчаҳои "Олонҳо" соли 1851 оғоз гардида, тадриҷан нусхаҳои гуногуни он сабт гардид ва ба доираи омӯзишу таҳқиқ кашида шуд.

Муайян гардид, ки пайдоиши «Олонҳо» ба асрҳои XIII—XIV мутааллиқ буда, дар он орзуву омоли ҳамешагии халқ, яъне расидан ба рӯзи нек ва халосӣ аз қувваҳои бад инъикос ёфтааст.

## "ДОВУДИ СОСУНӢ"

"Довуди Сосунӣ" эпоси қаҳрамонии халқи арман буда, ба ҷараёни инкишофи адабиёт ва таърихи ин халқ таъсир расонидааст. Ин эпос аз чаҳор рукн ё қисм иборат буда, рукни сеюми онро асосӣ донистаанд.

Рукнҳо ба таври зайл номгузорӣ шудаанд: "Санасар ва Богдасар", "Мгери калонӣ", "Довуди Сосунӣ", "Мгери хурдӣ".

Маълум, ки ҳар асар - достон, эпос таърихи пайдоиш ва омилҳои густариш дорад. Сабаби пайдоиши эпоси "Довуди Сосунӣ" шӯриши соли 851-и деҳқонони арманӣ зидди андозҷамъкунандагони Хилофати Араб дар яке аз ноҳияҳои Арманистони ғарбӣ, Сосуни кӯҳӣ мебошад. Эпос

дар муддати асрҳо аз насл ба насл, аз гӯянда ба гӯянда гузашта, бо гӯишҳои гуногуни арманӣ сабт гардида, дар худ қиссаву ривоят ва далелҳои зиёди таърихиро ҳамчун зиндагиномаи халқи арман гунҷонидааст. Эпоси "Довуди Сосунӣ" танҳо аз ривоятҳо иборат набуда, ҳодисаву воқеаҳои зиёди воқеиро, ки гузаштагони халқи арман паси сар намудаанд, инъикос менамояд, аз қабили лашкаркашиҳо, ҳуҷуми бегонагон ба хоки арман, муборизаи халқ, урфу одат ва ғайра.

Эпос бори аввал соли 1874 аз ҷониби фолклоршинос Г. Сервандзтян навишта шудааст. Эпос ҳеҷ гоҳ солномаи ин ё он воқеаи мушаххас набуда, ғояи асосии он - мубориза барои озодии Ватан аст.

Эпоси "Довуди Сосунӣ" дар муддати асрҳо бо истифода аз дурдонаҳои адабиёти шифоҳӣ бой ва суфта гардида, ба як ёдгории пуриқмати умумихалқӣ табдил ёфт.

Қаҳрамонони эпос пешбарандагони идеали халқ-накӯкорӣ, ҳақпарастӣ, мардонагӣ, қаҳрамонӣ ва миҳанпарастӣ мебошанд.

Оҳангнокӣ, соддабаёнӣ, шаҳомати образҳо, амиқияти ғоявӣ, фалсафа ва халқияти он аз хусусиятҳои умдаи эпос мебошад.

Тарзе ишора гардид, эпоси "Довуди Сосунӣ" аз ҷиҳати фарогирии ҳаҷм ва мазмун шаҳомати хос дошта, ба инкишофи баъдинаи адабиёти арман таъсир расонидааст. Аз ҷумла дар заминаи оҳангу мазмуни ин эпос адибони номии арман О. Туманян ва А. Исаакян достонҳо эҷод намудаанд.

Соли 1939 ҷашни 1000 -солагии эпос таҷлил гардид ва аз ҳамин давра тарҷумаи он ба забонҳои гуногун, аз ҷумла ба забони тоҷикӣ низ сурат гирифт. Дар тарҷума ва ба хонандаи тоҷик шиносонидани ин достони қаҳрамонӣ олимону адибони зиёди тоҷик саҳм доранд. Тарҷумаи порчае аз ин достон аз ҷониби шоир ва тарҷумон Басир Расо анҷом ёфтааст. Тарҷумаи тоҷикии эпоси "Довуди Сосунӣ" ба пуррагӣ аз ҷониби тарҷумони шинохтаи тоҷик Аслам Адҳам анҷом ёфтааст.

## Порча аз эпоси "Довуди Сосунӣ"

## Забти Сасун ва зиндон шудани Довуд

Чун Мҳер алвидо ба олам кард,
Оламеро сарои мотам кард.
Ҷоми заррин қазо ба санге зад,
Сарвати мисрӣ табли ҷанге зад.
Дод амре малик, ки Марзи Сасун,
Сӯхт боист битамом зи бун!
Лашкари мисриён чу мӯру малах,
Ҳамлаовар ба дашту кӯҳу шах.
Ҳама гулгаштҳову боғи Сасун,
Сохт огуштае ба хоку хун.

Мулки шаҳре харобазоре кард,
Ҳар кучо чон буди̅, фироре кард.
Бар асири̅ чу пиру ҳам барно,
Бурда якчо ба Овану Верго.
Бар асирон замини бегона,
Менамуди̅ харобу вайрона.
Кард Ован ба су̅и шаҳ исрор:
—Лутф, шоҳо, зи мо дареғ мадор!
Мо ҳама райъату ғуломи туем,
Шаҳсаворему банди доми туем
Аз кулаҳдори Миср шуд фармон
Лутф гу̅ё намуду ҳам эҳсон,
Амри рафтан ба марзу бар хона,
Яъне бар он Сасуни вайрона.
Субҳдам чун кушуд дида Давид,
Хештанро ба кунче танҳо дид.
Зору ошуфта гашту зад фарёд,
Ку̅фт муште ба зарбу дар бикшод,
Субҳгоҳон ба су̅и боғе рафт
Хастаҳолеву бедимоғе рафт.
Баргирифта зи шохи шамшоде,
Бегумон бар замин-ш бинҳоди̅.
Гуфт бар чу̅раҳо, ки саф бандед,
Чобукеву савораҳо чандед?
Ханда кардандy ҳоюҳу карданд,
Омадандy шуданд саворе чанд.
Баъди чанде Давиди хашмолуд,
—Нест зу̅рам дигар, — нидо бинмуд.
Ку̅дакон гу̅иё ба ру̅и зин,
Шишта будандy мезаданд қамчин.
Аз Давид чун илоҷи коре рафт,
Аз бадан қуввату мадоре рафт,
Шоху барг канда шуд, бирафт аз даст,
Ҷумла уфтода бар замин бо шаст.
Нола шуд аз канору бар боло,
Ҳама захмин танаву сар то по.
Чун падарҳо шуданди̅ з-ин огоҳ,
Арз рафти̅ ба миру ҳам бар шоҳ.
— Зери ин осмони пуранҷум,
Мо бидонем ё Давиди шум?
Бо имои малики хашмолуд,
Боз аз нав Давид ба зиндон шуд
Марде аз мисриёни донишвар,

Гашт ӯро шарику ҳам раҳбар.
Шоҳ гуфто ба пири равшанфикр:
— Эй ба дунёи фикр, маънӣ бикр.
Дур бинмо ба сеҳру роҳи ҳунар,
Саркашӣ аз вуҷуди ин худсар!
Кӯш, то бар мароми мо бошад,
Чорасозу ғуломи мо бошад.
Бо худаш гуфт марди хизматгор:
—Некӣ аз ман ҳаме умед мадор!
Аз Давид дар фиғон зи бахт шавӣ,
Оқибат бенасиб зи тахт шавӣ.

* * *

Рӯзе аз рӯзҳои фасли баҳор,
Устухоне ба даст баъди наҳор,
Ончунон зад Давид ба деворе,
К-он ҳаме тири тӯп пиндорӣ.
Зад берун аз сурох нур аз хур,
Зарра не, бар Давид ҷаҳоне шӯр.
То ба даст оварад шуои меҳр,
Бас арақҳо, ки рехт зи ҷисму зи чеҳр.
Пири доно варо навозиш кард,
Шаҳду шарбат забони пурсиш кард.
Гуфт: —эй бехабар зи ҳоли даҳр,
На фазо дидаву на ҷӯй, на наҳр,
Эй ки ҷамъе зи ту ба уммед аст,
Ин ҷаҳон ҷилвагоҳи хуршед аст.
Дида бикшову бин, ки бо тадбир,
Фатҳ созам шуову зарра асир.
Пири доно ба нӯги дастораш
Як ишорат намуду шуд кораш.
— Ҳастӣ, — гуфто Давид, — ту аз ман зӯр,
Чун намудӣ бало ба як дам дур.
—Ин бало нест, —гуфтӣ хизматгор,
Нури меҳраш бигӯӣ ё анвор.
Берун аз ин саро, ки бас тор аст,
Оламе пур зи розу асрор аст.
Рӯзи пурнури шаб сияҳ дорад,
Дар само ҷачму ҳуру маҳ дорад.
— Пас чаро, — гуфт Давид, — ту медорӣ,
Андар ин ҷо низору бо хорӣ?
Назди шаҳ рафта пири хизматгор,
Бо тавозӯъ нишасту кард исрор:

— К-эй малик ливои фатҳ ба бар,
Бар Давид аст ҳавои нав бар сар.
Ноилоҷе зи шоҳ шуд фармон,
Тарк кардӣ Давиди гурд зиндон.

## "КУТАДҒУ БИЛИҚ"

"Кутадғу билиқ" яке аз ёдгориҳои хаттии мардуми туркизабон буда, дар асри XI аз ҷониби шоир ва донишманди ҳамин давр Юсуфи Баласуғунӣ таълиф гардидааст. Муаллиф замоне ба эҷоди асар шурӯъ намуд, ки адабиёти хаттии форсизабон миёни ақвоми турк эътибори хос дошт. Юсуфи Баласуғунӣ чун донишманди замони худ аз асарҳои таърихӣ, илмӣ ва адабии мардуми форсизабон огоҳӣ дошт ва ин асари калонҳаҷми ӯ низ зери таъсири ҳамин асарҳо таълиф гардидааст. Муаллифи "Кутадғу билиқ"-ро пеш аз ҳама ғояи иттиҳодкунандаи адабиёти тоҷику форс ва мавқеи босазои забонҳои арабиву форсии тоҷикӣ дар ҳайрат гузошта буд. Аз ҳамин сабаб Юсуфи Баласағунӣ забон ва адабиёти шифоҳии мардуми туркизабонро омӯхта, кӯшиш намудааст, ки лафзи туркӣ низ монанди забонҳои форсию арабӣ нуфуз пайдо кунад. Бинобар ин ӯ бо тамоми масъулият барои офаридани аввалин асари хаттии туркӣ камар мебандад. Дар дебочаи достони "Кутадғу билиқ" зикр гардидааст, ки

Арабча, тожикча китаблар укуш,
Бизинг тилимизга бу юмғи укуш.

(Китобҳои арабию тоҷикӣ бисёранд,
Ин аввалин асарест дар забони мо).

Дар мавриди ин сухан тазаккур бояд дод, ки асар аз аввалин сарчашмаҳои туркист, ки вожаи "тоҷик"-ро дар мафҳуми забони форсӣ-тоҷикӣ истифода кардааст. Таълифи достони "Кутадғу билиқ" дар Кошғар ба анҷом расидааст ва муаллиф онро ба ҳукмдори Қарохониён Тавғач Буғрахон тақдим намудаву Буғрахон хизмати ӯро тақдир намуда, ба ӯ унвони Ҳоҷиби Хоси дарборро додааст. Аз ҳамон давр ӯ ҳамчун Юсуф Хос Ҳоҷиб шӯҳратманд гардидааст.

Достон ҳанӯз дар замони худи муаллиф шӯҳрат ёфт ва ғояҳои давлатдории одилона ва панду ахлоқии асар ба мардум хуш омад. Зеро дар он баробари ифодаи мафкураи ҳукмронон, оид ба бартараф намудани ихтилофҳои феодалӣ, ғояҳои ободонии мулк ва маърифатпарварӣ низ ақидаҳои судманд баён гардидааст: " Ин китоб бениҳоят азиз аст. Он ба шеърҳои ҳакимони Чин ороста шудааст. Ҳамаи олимон ва ҳакимони Мочин иттифоқ шуда гуфтаанд, ки дар вилояти Машриқ ва кишвари Туркистон дар лафзи Буғрахон (Забони туркӣ) ҳеҷ кас аз ин беҳтар китобе таълиф накардааст. Ба кадом кишваре, подшоҳе ин китоб расад, ула-

мою удабои он чо эҳтиромона онро номҳои гуногун доданд: чиниён "Адаб-ул-мулук", мочиниҳо "Оин-ул-мамлакат" номиданд ва дар Машрик "Зуйн-ул-умаро" ("Зинати амирон") гуфтанд. Эрониҳо "Шоҳномаи туркӣ", тӯрониён "Кутодгу билқ" ном гузоштаанд ва дар баъзе кишварҳо ҳамчун "Панднома мулук" машҳур шудааст. Ин шаҳодати он буд, ки "Кутадғу билиқ" ҳамчун панднома барои мулкдорон таълиф шудааст. Мазмун ва ғояи асар, ки пойдории давлати ягонаи Қарохониён, зисту зиндагонии осоиштаи мардум ва иттиҳодро тарғиб менамояд, ифодагари таъсири "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ аст. Ин асар низ чун "Шоҳнома" бо вазни мутақориб эҷод шудааст.

Дар мукаддимаи насрии асар зикр гардидааст, ки достон чаҳор масъалаи асосиро фаро мегирад ва онҳо дар образҳои маҷозӣ таҷассум ёфтаанд. Дар он гуфта шудааст, ки дар китоб чаҳор масъала Адл, Давлат, Акл ва Қаноат ба миён гузошта шудааст: Ба Адл Кунтуғдӣ ном ниҳода, ҳамчун шоҳ тасвир менамояд, Давлат Ойтудлӣ ном дошта, ба ҳайси вазир омадааст, Аклро Ӯгдулмиш (оқил, доно) номида, ҳамчун фарзанди вазир ба қалам медиҳад ва Қаноат, ки Удғурмиш (хушёр, далер) ном дорад, аз ақрабои вазир будааст. Дар байни онҳо суолу ҷавоб ва мунозираҳо баргузор шуда, масъалаҳои муҳимми давлатдорӣ мавриди муҳокима қарор мегирад.

Мукаддимаи достон ёздаҳ боби асарро ташкил медиҳад. Дар он баробари ҳамду санои анъанавӣ ба худову расул, тасвири манзараҳои баҳор, мадҳи Буғрахон, доир ба 7 сайёраву 12 бурҷи фалак, доир ба одоби муоширату фасоҳати сухандонӣ низ андеша баён шудааст. Қисми асосии достон аз боби ситоиши Кунтуғдӣ ном ҳукмдоре оғоз меёбад.

Чӣ хеле ки аз мазмуни достон пайдост, масъалаҳо на дар фаъолияти саргузашти онҳо, балки дар баҳсу мунозира, сӯҳбату муколамаҳо баён мегардад. Бинобар ин дар "Кутадғу билиқ" тасвири эпикӣ фақат барои бо ҳам пайвастану ривоҷи масъалаҳо воситае гардидааст. Ҳамин тарик, дар ин достон низ монанди асарҳои дигари панду ахлоқии адабиёти классикии Шарқ мақсад бидуни вокеаҳову саргузашти қаҳрамонон, дар мунозираву муколамаҳо ифода гардидааст.

Дар дастони "Кутадғу билик" қариб тамоми масъалаҳои муҳимми зиндагӣ мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Дар мавриди аввал Юсуф Хос Ҳоҷиб дар бораи сифатҳои ҳукмдори одил сухан мегӯяд ва бекҳоро (Ҳукмдор) ба андӯхтани илму маърифат даъват мекунад. "Бекҳо бо дониш халқро роҳбарӣ менамоянд, бо акл хизмати мардумро иҷро мекунанд. Номи бек ба илм иртибот дорад, агар аз калимаи БЕКЛИК (илм) ломро партоем Бек мемонад. Беке, ки илм дорад, ҳомии олимон аст". Дар баробари ин шоир таъкид мекунад, ки бек набояд ба майхӯрию ишратпарастӣ дода шавад. Ӯ бояд аз фиску фасод ҳазар намояд". "Бек май нахӯрад, фиску фасод накунад, зеро аз ҳардуи ин бахт гурезон аст". Чунин гуфтаҳои шоир эътирозе буд бар зидди майхӯрию ишратпарастии аҳли дарбор аст, ки боиси фитнаю бадбахтиҳои зиёд мегардад. Ба фикри шоир ҳукмдор бояд вақти холии худро бо донишандӯзӣ гузаронад.

Баёну фикрҳои панду ахлоқии Юсуф Хос Ҳоҷиб дар дигар бобҳои достон низ идома дорад. Ӯ мегӯяд, ки донишмандон ҳомиёни илму маърифат ҳастанд, бе онҳо давлатро идора кардан мушкил аст. Ба фикри ӯ агар ҳукмдор мамлакатро бо шамшеру сиёсат идора кунад, олим мардумро бо ақлу дониши худ пеш мебарад. "Онҳо (олимон) – мегӯяд ӯ, — раҳнамои рамаи гӯсфандон буда, онҳоро ба роҳи рост мебаранд... Нури илму маърифати олимон машъали халқ аст, ки шабонгаҳ ҳам роҳи онҳоро мунаввар месозад. Бинобар ин олимонро дӯст дор, ба сухани онҳо гӯш андоз ва ҳамаи донишҳоро аз бар кун". Аз ин рӯ, шоир лозим мешуморад, ки ҳукмдор бо донишмандон доимо дар робита бошад, аз онҳо омӯзад. Дар достон чунин омадааст, ки ҳангоми хабар ёфтан аз омадани донишманд Уғулмиш шоҳ фармон медиҳад, ки ӯро фавран ба дарбор оранд. Ба олим муроҷиат карда, шоҳ мефармояд, ки ӯ бо дониши худ ба идораи давлат кӯмак расонад. " Инсон ду хел мешавад, — мегӯяд шоҳ. Яке омӯзгор, дигаре омӯзанда. Касе, ки аз ҳар дуи ин фориғ аст аз ҳайвон фарқе надорад. Аз ҳар дуи он якеро бихоҳ".

Ҳамин тариқ шоир моҳияту мақоми илмро дар ҷомеа бузург медонад. Худ ҳамчун олим аз муваффақиятҳои илмии замонаш бо тамом истифода мекунад. Юсуф Хос Ҳоҷиб мисли файласуфони Юнону Машриқ аз чор унсур (об, оташ, боду хок) иборат будани мавҷудотро эътироф менамояд. Ақидаҳои фалсафию мулоҳизаҳои тиббии ӯ зери таъсири осори Абӯалӣ ибни Сино шакл гирифтааст, зеро ибораи "Тоҷи ҳаким" бешубҳа ишора ба Шайхурраис аст.

"Кутадғу билиқ" дар бобҳои махсус доир ба одобу ахлоқ баҳс мекунад. Масалан, боби 7-достон ба одоби сухан бахшида шудааст. Ӯ менависад: "Забон мутарҷими ақл ва дониш аст. Бидон, ки обрӯю эътибори инсон аз нутқи пурмазмуни ӯст. Забон эҳтироми одамро баланд бардошта, хушбахт мекунад. Дар мавриди дигар хору зор шудани инсон низ аз забонаш аст. Эй соҳиби забони мағрур, хушёр бош, суханони беандешаат рӯзе саратро мехӯрад... Забонатро эҳтиёт кун, то ки дандонат нашиканад! Осудагӣ хоҳӣ, суханони беҳуда магӯ...

... Бо ду чиз мард бузург аст: яке ахлоқи нек, дигаре гуфтори нек. Бингар, одам аз олам даргузарад ҳам, номаш мемонад. Агар мурдан нахоҳӣ, дар ҳаёт ҷовид бимонӣ, накӯфеълу некгуфтор бош, эй олим".

"Кутадғу билиқ" мероси бузурги адабиёти туркизабони асри XI буда, барои рушду камоли минбаъдаи ин адабиёт таъсири босамари худро расонидааст.

## «ДОСТОНИ ПОЛКИ ИГОР»

«Достони полки Игор» ёдгории умумии халқҳои славян: русу украин ва белорус буда, дар худ ғояи ватанпарастӣ, муҳаббат ба зиндагӣ ва

ситоиши ҷасорату хирадро таҷассум кардааст. Ин ёдгории халқҳои славянижод муаммои хоси худро дорад. Ба ақидае муаллифи он дар нимаи дуюми асри XII, дар замони хеле мураккаби таърихӣ, ҳуҷуми муғулҳо ва истилои дуасраи онҳо, ки бо фоҷиаи солҳои 1237-1240 ба охир расидааст, зиндагӣ ва эҷод намудааст. Руси Киевӣ, ки давлати пуриқтидор буд, дар замони князҳои бузург Владимир Святославич (980-1015) ва Ярослав Мудрий (1019-1054) ба дараҷаи баланди тараққиёт расида буд, баъди марги Ярослав ба қисмҳо ҷудо шуд ва рӯ ба таназзул ниҳод.

Тобистони соли 1185 князи бузурги Киев Святослав хост ба муқобили қипчоқҳо, ки мунтазам ба сарзамини Рус ҳуҷум карда, онро дар хатар мемонданд, юриш ташкил намояд. Аммо князи Новгороди шимол Игор баҳори ҳамон сол бар зидди қипчоқҳо мустақилона лашкар кашида, ин нақшаи Святославро барбод дод.

Ҷанг бо мағлубияти Игор анҷом ёфт, лашкари ӯро торумор карданд ва худи ӯ асир афтод. Оқибат аз асирӣ гурехт. Княз Игор бо ҳуҷуми ногаҳониаш дар ақибгоҳ хатти мудофиаро мустаҳкам намуд ва зарур буд, ки ба муқобили қипчоқҳо муборизаро дар муттаҳидӣ давом диҳанд. Вале ин тавр нашуд ва душман ба Киев ҳуҷум кард. Маҳз дар ҳамин айём ин ёдгории нодири адабӣ офарида шудааст ва муаллиф (солноманавис) аз забони князи Кабири Киев «суханони заррини ашколуд»-ро навишта, тамоми князҳоро ба муттаҳидӣ ва торумори душмани Рус даъват менамояд.

Қаҳрамони асосии достон худи княз Игор набуда, балки сарзамини Рус, ҳамон диёре аст, ки мӯҳтоҷи муҳофизат буд. Муаллифи достон бо ғазаб князҳоеро, ки ба ҷои ҳифзи Ватан ба ҳамдигар дармеафтоданд, маломат мекунад. Дар мавриди муаллифи достон низ ақидаҳои мухталиф ба миён омадааст.

Муҳаққиқи достон академик Борис Александрович Рыбаков ба аниқ набудани муаллиф ишора карда гуфтааст, ки аввалан дар замони таълифи ин достон номбар кардани муаллиф расм набуд. Сониян, ба эътибори ақидаи муҳаққиқон «Достони полки Игор»-ро нахуст барои сароидан офаридаанд.

Достонро мардум месароид ва шояд дар назди онҳо муаллиф низ ҳузур дошту аз рӯи хоксорӣ худро маълум намесохт. Ба андешаи Б.А.Рыбаков муаллифи достон солноманависе аст, ки таърихро хуб медонад. Муҳаққиқони дигар низ ба солноманависи таърихдон будани муаллифи достон ишора намуда афзудаанд, ки то мо ягон асари замони Руси Киевӣ нарасидааст, ки аз рӯи қимати бадеӣ ба «Достони полки Игор» баробар бошад. Ин асар дар адабиёти Руси Киевӣ боз аз он ҷиҳат низ ягона аст, ки қариб тамоми адабиёти асрҳои XI-XII руси қадим адабиёти калисоӣ ва ё дар таъсири калисо қарордошта мебошанд, аммо дар «Достони полки Игор» таъсири калисо тамоман дида намешавад ва муаллифи он ягона солноманависе будааст.

Аз ҷиҳати сохти композитсионӣ асарро ба чор тақсим намудаанд. Дар қисми аввал, ки қаҳрамонаш Игор аст, ҳуҷум ва шикасти лашкари ӯ, ҳамчунин раҳгум задан ва нутқи тавбаомези ӯ тасвир мешавад.

Қисми дуюм ба нутқи Святослав ва дар бораи мағлубияти Игор ва амали ӯ дар ин иртибот бахшида шудааст.

Дар қисми сеюм оид ба тохтутози қипчоқҳо дар замини Рус ва дар қисми чорум боз дар бораи Игори асирафтода, машаққатҳои асирӣ, боз ҳам нутқи тавбаомези Игор ва шароите, ки дар он Игор қарор дошт, муфассал сухан меравад.

«Достони полки Игор» аз даҳ саҳифаи чоп иборат буда, таърихи фоҷиавӣ дорад. Достон гум шуда буд ва бо шарофати ҷустуҷӯҳои граф Мусин-Пушкин дар охири асри XVIII аз дайри Спаскии шаҳри Ярослав нусхаи он ёфт шуд.

Мутаассифона, ин нусхаи «Достон» низ соли 1812, ҳангоми ҳуҷуми Наполеон ба Россия сӯхт. Наполеон Москваро сӯзонид ва ин ёдгорӣ низ тӯъмаи оташ шуд.

Бо вуҷуди ин ҳама «Достони полки Игор» дастраси инсоният гардид ва соли 1800 онро дар шакли пешинааш, яъне бо забони қадимаи рус ва тарҷумаи онро ба забони муосири рус нашр намудаанд, ки аз рӯи ин нусха тадқиқоти зиёде анҷом ёфт.

## АЛИШЕРИ НАВОӢ
## (1441 – 1501)

Шоири бузурги ӯзбек Алишери Навоӣ аз ҷумлаи суханварони ҷаҳонист, ки аз худ мероси гаронбаҳое боқӣ гузоштааст. Ҳаёт ва фаъолияти худро Навоӣ барои бахту саодати инсон, осоиштагии халқ, сулҳу амонӣ, ободонӣ, ба тараққиёти илму фан ва адабиёт бахшидааст. Шоири инсонпарвар дар баробари арбоби давлат буданаш ҳамзамон ба равнақи адабиёти ӯзбек таъсири калоне расонид ва асоси забони адабии ӯзбекро гузошт.

Алишери Навоӣ 9 феврали соли 1441 дар Ҳирот ба дунё омадааст. Дар бораи сирату сурати Алишери Навоӣ дар тазкираву асарҳои бадеии ҳамзамононаш маълумоти амиқу пуркимат оварда шудааст. Аз ҷумла: дар "Макорим-ул-ахлоқ", "Ҳабиб-ус-сияр" ва "Хулосат-ул-ахбор"-и Хондамир, "Тазкират-уш-шуаро"-и Давлатшоҳи Самарқандӣ, "Бобурнома"-и Бобур, "Бадоеъ-ул-вақоеъ"-и Восифӣ, "Юсуф ва Зулайхо", "Хиродномаи Искандарӣ" ва "Баҳористон"-и Ҷомӣ шахсияту эҷодиёти Навоӣ шарҳу тавсиф гардидааст.

Баъди вафоти бармаҳалли падараш Алишери ҷавон дар тарбияи ҳукмдори маърифатпарвар Абулқосим Бобур мемонад. Аз 15 солагиаш ҳамроҳи Султон Ҳусайни Бойқаро дар дарбор ба хизмат сар мекунад. Соли 1456 Навоию Бойқаро ҳамроҳи Бобур ба Машҳад меоянд ва таҳсилро

давом медиҳанд. Баъд аз вафоти Абулқосим Бобур /1457/ Ҳусайн Бойқаро дар талоши тоҷу тахт барои ҷамъ кардани қӯшун ба Марв меравад.

Таҳсил дар Машҳад давраи беҳтарини донишандӯзии Навоӣ ба шумор меравад. Хусусан, асарҳои Фирдавсӣ, Низомӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Атоӣ, Лутфӣ ва дигар адибонро бо шавқ меомӯзад, худ низ ба эҷод сар мекунад. Ӯ ҳамчун шоири зуллисонайн аз ибтидо ба туркию форсӣ шеър мегуфт. Дар шеъри форсӣ бо тахаллуси "Фонӣ", дар забони ӯзбекӣ бо тахаллуси "Навоӣ" шӯҳрат ёфт. Дар ҳамин ҷо Навоӣ ба шоирон ва маърифатпарварони замонаш Саид Ҳасани Ардашер ва Камол Турбатӣ шинос мегардад. Дертар Навоӣ дар бораи сифатҳои ин дӯстону ҳимоятгарони худ дар тазкираи "Маҷолис-ун-нафоис" ва рисолаи "Ҳолати Саид Ҳасан Ардашер" бо мамнуният ёдовар мешавад.

Навоӣ тақрибан дар синни 18-19 солагиаш ба Ҷомӣ шиносой пайдо мекунад. Савияи дониш, зеҳну қобилияти Навоӣ Ҷомиро дар ҳайрат мегузорад ва ӯро шогирд ва фарзанд мехонад. Ин муносибатҳои дӯстию эҷодии онҳо то вафоти Абдураҳмони Ҷомӣ давом мекунад.

Баъд аз ба Ҳирот баргаштан /1460/ Навоӣ дар хизмати шоҳ Абӯсаид буд. Шоҳи иртиҷоъпараст ба ҳамсабақи Ҳусайн Бойқаро, ки баҳри соҳибии тоҷу тахт мубориза ро давом медод, нобоварӣ изҳор мекунад ва мероси аз падар мондаашро мусодира намуда, худи Навоиро ба Самарқанд бадарға кард. Давраи Самарқанд низ дар инкишофи маънавию эҷодии Навоӣ нақши бузурге гузоштааст.

Навоӣ моҳи апрели соли 1469, баъди ба тахти салтанат нишастани Ҳусайн Бойқаро ба Ҳирот баргашт ва ба сифати мӯҳрдор ба хизмати давлатӣ пардохт. Аз соли 1472 Навоӣ вазифаи вазирӣ /амирӣ/-ро бар ӯҳда дошт. Ҳамчун амири маърифатпарвар Навоӣ ба равнақу ривоҷи илму фан, адабиёту санъат диққати махсус медод ва дар ҳаққи намояндагони аҳли илму адабиёту санъат ғамхориҳо зоҳир менамуд. Дар замони Навоӣ маданияти Хуросону Мовароуннаҳр хеле инкишоф ёфт. Навоӣ соли 1501 дар Ҳирот вафот кардааст.

Эҷодиёти пурбаракати Навоӣ серсоҳа аст. Ғайр аз девони ғазалиёт ва "Хамса" ӯ тазкира ва рисолаҳо дар мавзӯъҳои гуногун навиштааст, ки ҳатто номбар кардани он вақти зиёдеро талаб мекунад. Аксарияти ин асарҳо дар Ҳирот таълиф шудааст. Таснифи таълифи баъзе асарҳои Навоӣ чунин аст:

Соли 1488 "Таърихи мулуки Аҷам" навишта шуд, ки дар он дар баробари манбаъҳои таърихӣ аз "Шоҳнома" низ истифода шудааст. Дар он қисми афсонаҳои халқӣ низ таҳия шудааст. Соли 1491 баъди "Рисолаи муаммо" тазкираи "Маҷолис-ун-нафоис"-ро навишт. Дар он доир ба эҷодиёту фаъолияти беш аз 450 тан шоирони асри XV маълумот оварда шудааст. Навоӣ солҳои 1492-94 бахшида ба устод ва дӯсти худ Абдураҳмони Ҷомӣ асари "Хамсат-ул-мутаҳайирин" /Панҷ мутаҳайир/-ро меофарад. Дар омӯхтани муносибатҳои Ҷомию Навоӣ ва ҳаёти мада-

нии охири асри XV ин асар аҳамияти бузурге дорад. Соли 1492 мукотибаҳои худ бо Ҳусайн Бойқаро ва дигаронро бо номи "Муншоат" китобат кард. Худи ҳамон сол доир ба назария ва амалияи арӯз рисолаи "Мизонул-авзон"-ро таҳия кард. Солҳои 1491-98 тамоми шеърҳояшро дар чор девон гирд меоварад, ки бо номи "Хазойин-ул-маонӣ" машҳур аст. Ҳамаи шеърҳои форсӣ—тоҷикиашро дар шакли "Девони Фонӣ" мураттаб месозад. Соли 1499 дар мазаммати ғояҳои тарки дунёи шайхон достони фалсафии "Лисон-ут-тайр" ва асари машхури забоншиносии худ "Муҳокамат-ул-луғатайн"-ро иншо мекунад. Асари охирини калонҳаҷми Навоӣ "Маҳбуб-ул-қулуб" соли 1500 офарида шудааст. Ғайр аз ин Навоӣ доир ба масъалаҳои сохти иқтисодию иҷтимоии замонаш, дар бораи моликияти худ, иморатҳое, ки бино намудааст дар асари "Вақфия" /1482/ маълумот медиҳад. Асарҳои динию ахлоқии Навоӣ "Назм-ул-ҷавоҳир" /1485/, "Таърихи анбиё ва ҳукамо", "Рисолаи тир андохтан" ва ғайраҳо низ дар замони худ шӯҳрат ёфтаанд.

## ҒАЗАЛИЁТИ НАВОӢ

Алишери Навоӣ ҳамчун шоири ғазалсаро анъанаҳои беҳтарини Саъдию Ҳофиз, Хоразмию Сайф ва Атоию Лутфиро давому ривоҷ дод. Ӯ мисли ахтари тобони осмони шеърияти туркӣ роҳи минъбадаи онро мунаввар сохт. Шоири ҳассос дар жанрҳои зиёди лирикӣ эҳсосоти мураккаб, ҳолати рӯҳӣ ва шууру орзуи инсониро дар ғазалҳояш бо маҳорати баланд таҷассум мекунад. Таъсири пурсамари Навоиро дар тазкираву мухаммасҳои шоирони ӯзбеку туркману озар бар ғазалҳои ӯ дидан мумкин аст.

Нахустин девони шеърҳои Навоӣ соли 1476 анҷом гирифта, аз 842 шеър /аз ҷумла 585 ғазал/ иборат будааст. Девони дуюми шеърҳои Навоӣ байни солҳои 1476-1583 мураттаб шудааст ва он 628 ғазалу дигар намудҳои шеъриро дар бар гирифтааст. Девон "Наводир-ун-ниҳоя" ном дошта аз беҳтарин шеърҳои Навоӣ мураттаб шуда буд. Ҳар ду девони аввал асоси куллиёти Навоӣ "Хазойин-ул-маонӣ"-ро ташкил додааст.

Навоӣ мувофиқи чаҳор марҳалаи умри инсон ба чаҳор девони худ ном мегузорад.

1. "Ғароиб-ус-сиғар" иборат аз 480 шеър /5714 байт/
2. "Наводир -уш-шабоб" иборат аз 759 шеър /5428 байт/
3. "Бадоеъ-ул-васат" иборат аз 740 шеър /5420 байт/
4. "Фавоид-ул-кибор" иборат аз 793 шеър /5888 байт/

Дар "Хазойин-ул-маонӣ" 16 жанри шеърӣ истифода шудааст, ки бештараш ғазал аст. Аз 3132 шеъри Навоӣ, ки ба девон дохил гардидааст, 2600-тоашро ғазал ташкил медиҳад. Онҳо аз мадҳи инсон ва таронаҳои пурмеҳру муҳаббат саршор аст. Шоир даъват менамояд, ки инсон бояд ҳаётро дӯст дорад, умрашро қадр бикунад.

Жондин сени кӯп севармен, эй умри азиз,
Сандан сени кӯп севармен, эй умри азиз
Ҳар меники севмак андин ортиқ бӯлмас,
Андин сени севармен, эй умри азиз.

/Аз ҷон дӯсттар дорам туро, эй умри азиз,
Аз ҳама бештар дӯст дорам туро, эй умри азиз,
Ҳар чиро, ки дӯст доштан фузунтар аст,
Аз он бештар дӯст дорам туро, эй умри азиз./

## ДЕВОНИ ФОНӢ

Навоӣ шоири забардасти зуллисонайн аст. Эҷоди бадеии худро бо шеъри форсӣ оғоз намуда, то охири умр ҳамзамон шеърҳои ӯзбекиашро давом додааст. Навоӣ ба забони форсӣ-тоҷикӣ соҳиби девони ашъор аст, ки бо номи "Девони Фонӣ" шӯҳрат ёфтааст. Нусхаи мукаммалтарини девон нусхаи Парижӣ буда, аз 6197 байт иборат аст. Ғазалиёти Навоӣ, ки асоси ин девонашро низ ташкил кардааст, дар равияи Ҳофизу Саъдӣ, Хусрави Деҳлавӣ ва Ҷомӣ иншо шудааст. Аз 554 газал 349-тоаш татаббӯъ ба ашъори классикони адабиёти форсу тоҷик мебошад. Масалан:

ҲОФИЗ:

Воизон, к-ин ҷилва дар меҳробу минбар мекунанд,
Чун ба хилват меравaнд, он кори дигар мекунанд.

НАВОӢ:

Воизон то чанд маънӣ ҷому соғар мекунанд,
Чун димоғи хешро ҳам гаҳ-гаҳе тар мекунанд.

Шеърҳои тоҷикии Навоӣ низ аз мазмунҳои фалсафӣ, ишқӣ ва ғояҳои баланди инсонпарварӣ саршор аст. Яке аз беҳтарин асари ӯ қасидаи "Тӯҳфат-ул-афкор" мебошад, ки устод С. Айнӣ дар мақолаи худ "Алишер Навоӣ ва адабиёти тоҷик" ба он баҳои баланд додааст.. "Қасидаи аз сад байт иборатбуда ва ба Ҷомӣ бахшидаи шоир "Тӯҳфат-ул-афкор" дар адабиёти форсу тоҷик яке аз шоҳасарҳо мебошад", — қайд намудааст устод С. Айнӣ.

"Тӯҳфат-ул-афкор" қасидаи фалсафист, ки ба Абдураҳмони Ҷомӣ бахшида шудааст. Дар асари "Хамсат-ул-мутаҳайирин", ки он низ ба Ҷомӣ бахшида шуда буд, Навоӣ таърихи таълифи қасидаи "Тӯҳфат-ул-афкор"-ро гуфтааст. Рӯзе дар ҳузури Ҷомӣ Навоӣ дар бораи қасидаи "Дарёи аброр"-и Хусрави Деҳлавӣ бо таъриф сухан гуфтааст. Баъд аз чанд муддат соли 1476 Навоӣ ба сафари Марв равон мешавад. Пеш аз сафар ба дидорбинии устодаш меравад ва Ҷомӣ ба Навоӣ коғазпечеро медиҳад. Навоӣ дар роҳ, болои асп коғазпечро мекушояд, ки он қасидаи

"Луччат-ул-асрор"-и Чомӣ будааст, ки дар пайравӣ ба "Дарёи аброр" навишта шуда буд. Навоӣ аз ин илҳом гирифта, дар ҷавоби он қасидае меофарад. Матлаи қасидаро дар роҳ навишта, онро фавран ба Ҷомӣ мефиристад. Ҷомӣ ин мақсади Навоиро маъқул мешуморад. Навоӣ дар роҳ қасидаи 100- байтаеро менависад ва баъди дар Марв қарор гирифтан онро тозанавис карда, ба Ҷомӣ мефиристад. Баъд аз мутолиа Ҷомӣ ба Навоӣ нома навишта, ӯро табрик менамояд ва тӯҳфаҳо мефиристад. Қасида дар байни аҳли адаб шӯҳрат меёбад.

Қасида ба тасвири шоҳон оғоз меёбад ва бо воситаи мисраъҳои равону ҷозибанок диққати хонандаро ҷалб менамояд:

Оташин лаъле, ки тоҷи хусравоиро зевар аст,
Ахгаре баҳри хаёли хом пухтан дар сар аст.
Шаҳ, ки ёд аз марг н-орад, з-ӯст вайронии мулк
Хусрави беоқибат хусри билоду кишвар аст.

Шоир дар қасида одамонро ба ростқорӣ, беозорӣ, баландҳимматӣ ва покизагӣ даъват менамояд:

Бегунаҳро сохтан озурда аз теғи забон –
Натавон кардан раги беранҷро аз наштар аст...
Аҳли ҳимматро зи ноҳамвории гардун бок чист?
Сайри анҷумро чӣ ғам, к-андар замин ҷӯю ҷар аст?

Навоӣ дар ин асари фалсафии худ кирдорҳои шайху зоҳидони маккорро мазаммат мекунад ва аз аҳволи мардуми ҷафокашу ситамдида сӯзу гудоз дорад. Дар "Тӯҳфат-ул-афкор" масъалаҳои сиёсию иҷтимоӣ ва ахлоқию таълимии замон хеле олимона ва шоирона таҷассум гардидааст. "Тӯҳфаи афкор" номида шудани қасида низ аз ҳамин ҷост. Дар фуроварди асар шоир дар мурочиат ба Ҷомӣ чунин мефармояд.

"Тӯҳфат-ул-афкор" агар созам лақаб инро равост,
Тӯҳфа чун наздат зи баҳри фикратам ин гавҳар аст.

"Девони Фонӣ" дар баробари асарҳои дигари Навоӣ шӯҳрат пайдо кард. Бо вуҷуди он, ки бадеияти ин асар ба дараҷаи девони "Хазойин-улмаонӣ" намерасад, вале онро ҳамчун як асари хуби дар пайравии классикони адабиёти форсу тоҷик бунёдшуда қабул кардан мумкин аст.

## "ХАМСА"

Алишери Навоӣ ба "Хамса"-и туркӣ асос гузошт ва ҳамчун достонсарои бузург шӯҳрати ҷаҳонӣ ёфт. Достонҳои "Хамса" /1482 –1485/ ва

достони фалсафии ӯ "Лисон-ут-тайр" /1499/ куллаи баланди эҷоди Алишери Навоӣ ва аз шоҳасарҳои адабиёти ҷаҳон гардид.

Ба анъанаҳои ғании хамсасароии адабиёти классикии тоҷик такя намуда, Навоӣ дар муддати хеле кӯтоҳ (се сол) панҷ достони мукаммали "Хамса"-ро ба итмом расонид, ки 51 ҳазор байтро дар бар дошт. Ӯ соли 1483 достони фалсафию ахлоқии "Ҳайрат-ул-аброр", соли 1484 достони ишқию қаҳрамонии "Фарҳод ва Ширин", достони ишқию романтикӣ "Лайлӣ ва Маҷнун" ва достони ишқию саргузаштии "Сабъаи сайёра", соли 1485 достони қаҳрамонии "Садди Искандарӣ"-ро менависад.

Ҳимояттгари таълифи "Хамса"-и туркии Навоӣ устоди бузурги ӯ Ҷомӣ буд. Робитаи қавӣ доштани асари худро бо "Хамса"-ҳои гузашта Навоӣ борҳо таъкид намудааст ва бахшида ба Низомию Амир Хусраву Ҷомӣ дар дебочаи «Хамса»-и худ ишораҳои ҷолиб кардааст.

МАСАЛАН:

Йӯлдаса бу йӯлда Низомий йӯлим,
Қӯлдаса Хусрав била Жомий қӯлим.

Роҳ диҳад роҳи Низомӣ маро,
Даст диҳад Хусраву Ҷомӣ маро.
*(Тарҷумаи Ю. Аҳмадзода)*

Тадқиқгари робитаҳои дӯстиву адабии Ҷомию Навоӣ профессор С. Воҳидов дар хусуси ҳамоҳангии асарҳои Навоӣ бо Ҷомӣ мушоҳидаҳои хубе дорад, ки дар таҳлили баъзе ҷиҳатҳои эҷодии Навоӣ кӯмак расонда метавонад.

Дар маркази асарҳои Ҷомӣ ва Навоӣ образи шахсоне меистад, ки онҳо зиндагӣ ва эҷод кардан мехоҳанд ва пайваста барои ба даст овардани мақсадҳои наҷиби худ ҳар яке ба таври хеш кӯшиш ва мубориза мебарад ва агар лозим ояд дар ин роҳ ҷони худро фидо менамояд. Лайлӣ, Маҷнун, Искандар, Саломон, Абсол дар маснавиҳои Ҷомӣ: Фарҳод, Ширин, Искандар, Лайлӣ, Маҷнун дар асарҳои Навоӣ аз ҳамин қабил одамонанд.Аммо дар натиҷаи нобаробарии рӯзгори ситамкор аксари онҳо орзую умеди худро ба амал татбиқ карда натавониста, қурбони ҷаҳолат гардидаанд.

Идеали Ҷомӣ, ки дар образҳои бисёр қаҳрамонҳояш инъикос кардааст, ҳаёти хушу хуррам, ҳаёти рӯҳафзову лаззатбахш мебошад. Аз ин ҷост, ки ӯ дар асарҳояш зиндагиро бо як ҷӯшу хурӯш тасвир карда, доимӣ ва пояндаву ҷовид будани онро хоҳон аст.

Чунончи, суханони аз номи Суқрот овардаи ӯ шоҳиди ин даъвоанд:

Бигуфташ, ки чандин туро шуғл чист?
Ки бе он наёрӣ яке лаҳза зист?
Бигуфто: "Паи давлати зиндагӣ
Ҳамесозам асбоби поядагӣ".

Искандар кӯшиш мекунад, ки ранҷи ӯ роҳати дигарон бошад. Вай бе инсон, бе ёру дӯст ҳаётро тасаввур карда наметавонад:

Бигуфто, ки имрӯзро, к-аз дарам
Наёяд кас, аз умри худ нашмарам.

Қаҳрамонони Ҷомӣ доимо дӯстдор ва тарфдори зиндагии осоишта, хуррам ва ҷовидон мебошанд ва ин мақсади ягонаи онҳост:

БИГУФТАНД: "Моро дар ин хокдон,
Набояд ба ҷуз ҳастии ҷовидон.
Муроде, к-аз он бартар уммед нест,
Ба ҷуз зиндагонии ҷовид нест".

Аксари қаҳрамони асарҳои Навоӣ низ ба ҳамин сифатҳо соҳибанд. Ӯ дар образи Фарҳод як зодаи меҳнат ва муборизи матинро инъикос намудааст. Фарҳод ҷавони меҳнатдӯст ва донишманд буда, аксарияти илму ҳунари замони худро аз худ кардааст, ки дар ин хусус Навоӣ чунин мегӯяд:

Бар ҳар коре, ки афтодӣ гузораш,
Аён гаштӣ ниҳоду ошкораш...
Чу ҳар сӯ майл зоҳир кард Фарҳод,
Бишуд дар он ҳунар ҳам моҳир устод.

Фарҳод марди меҳнатӣ ва эҷодкор мебошад ва бо ҳамроҳии устодони худ иморатҳои олие бино мекунад. Ӯ илму ҳунарро аз шоҳ будан аълотар медонад. Фарҳод, азбаски худ меҳнатдӯст буд, қадр ва азоби меҳнати дигаронро низ мефаҳмид. Вай дар вақти ҷустуҷӯи Ширин ба як гурӯҳ мардикорони сангтарош вохӯрда, меҳру муҳаббати худро ба ин қабил шахсони меҳнатӣ чунин изҳор мекунад:

БИГУФТ: — Ин чанд мазлуми ситамкаш
Зи бедоди фалак гашта аламкаш.
Бувад вайронагӣ дар қалби онҳо,
Чӣ хуш бошад, диҳам ёрӣ ба онҳо.

Ба мазлумон ёрӣ додани одами меҳнатӣ ғояи олист, ки онро Навоӣ бо як ҳиссиёти самимӣ тараннум кардааст. Фарҳод мехоҳад бо тегу туфанг не, балки бо меҳнати худ ба дили Ширин роҳ ёбад ва ба ишқу муҳаббати ӯ сазовор шуда, осоишта зиндагӣ кунад. Аммо ӯ қурбони найрангу ҳилаи Хусрав мегардад.

Навоӣ дар маснавии "Ҳайрат-ул-аброр" амалдорони ғоратгар, подшоҳони золиму ҷоҳилро аз номи як нафар деҳқон ба зери танқид мегирад. Деҳқон бо як ҷасорат арз мекунад, ки ҳолу аҳволамон пеш-

тар дуруст буд. Вале зулм аҳволамонро хароб кард. Подшоҳ ба айшу нӯш машғул буда, аз аҳволи халқ хабар надорад. Бар замми ин пораву ришвахӯрӣ авҷ гирифтааст, ки он мулкро ба замин яксон мекунад:

ДЕДИ: Бурун яхши эди ҳолимиз,
Зулм хароб айлади аҳволимиз,
Шоҳ улус ҳолидан огоҳ эмас,
Жуз маю мутриб анга дилхоҳ эмас.
Хайли очибон тамаъ оғини кенг,
Айладилар мулкни ер билан тенг.
*/Навоӣ. Хамса, с.4/*

ГУФТ: Накӯ будаш агар ҳоли мо,
Зулм парешон намуд аҳволи мо.
Подшаҳ аз мулки худ огоҳ нест.
Ҷуз маю мутриб ба ӯ дилхоҳ нест.
Хайли тамаъ беш даҳон боз кард,
Мулк аз ин хок сарандоз кард.
*(Тарҷумаи Ю. Аҳмадзода)*

Ҷомӣ ва Навоӣ дар асарҳои худ оид ба ҳамдигар маълумоти пуркимат додаанд, ки он аз як тараф, ба ҳисси эҳтирому эътиқод ва қадрдониву қадршиносии онҳо далолат кунад, аз тарафи дигар, аз дӯстии самимӣ ва робитаҳои илмӣ-адабии онҳо шаҳодат медиҳад. Ин ду марди бузург дар асарҳои худ дониш, нуктасанҷӣ, ҳассосӣ, ҳозирҷавобӣ, хоксорӣ ва қобилияту истеъдоди якдигарро чи дар масъалаҳои илмӣ, адабӣ ва чи дар шеъру шоирӣ эътироф намудаанд.

На танҳо Навоӣ дар асарҳои худ ба хирад ва заковати баланди Ҷомӣ, нафосату латофат ва сеҳри суханони ӯ баҳои баланд додааст, балки Ҷомӣ ҳам дар асарҳои худ ҳамин гуна сифатҳои шахсии ӯ ва ашъорашро тавсиф менамояд. Ҷомӣ дар равзаи ҳафтуми "Баҳористон" дар сурудани шеъри туркӣ ва форсӣ устод ва дар шеъри туркӣ сардафтари шоирон будани Навоиро эътироф намуда, менависад:

"Аммо инсоф он аст, ки ин тоифа бошад, ӯ сар бошад ва ҳар ҷо ки номи ин тоифа нависанд, вай /Навоӣ М.З., Х.А./ сардафтар... Ва агарчи вайро ба ҳасби қувваи табиат, вусъати қобилият ҳар ду навъ шеър-туркӣ ва форсӣ муяссар аст, аммо майли табъи вай ба туркӣ бештар ва ғазалиёти вай бо он забон аз бисту панҷ ҳазор зиёд хоҳад буд ва маснавиёте, ки дар муқобили "Хамса"-и Низомӣ вуқӯъ ёфт, ба сӣ ҳазор наздик ва ҳамойо ки ба он забон пеш аз вай беҳ аз вай касе шеър нагуфтааст".

Навоӣ ба табъу қудрат ва осори пурмазмуни Ҷомӣ баҳои ҳаққонӣ дода, дар айни ҳол барои дар байни хонандагони туркизабон паҳн намудани онҳо бисёр кӯшиш кардааст. Чунончи, Навоӣ "Нафаҳот-ул-унс",

“Шавоҳид-ун-нубувват” ва “Арбаин Ҳадис”-и Ҷомиро ба забони ӯзбекӣ тарҷима намудааст. Ӯ дар тарҷумаҳои худ кӯшидааст, ки лаззати каломи ширини Ҷомиро чун асл нигоҳ дорад. Аммо, Навоӣ баъзан ба ин ё он муносибат ба нусхаи асл иловаҳое низ дохил намудааст. Ӯ дар муқаддимаи ба тарҷумаи “Нафаҳот-ул-унс” навиштааш /тарҷумаи ӯзбекии онро “Насоим-ул-муҳаббат мин шамоил-ил-футувват” номидааст/ қайд мекунад, ки ба забони ӯзбекӣ тарҷума намудани асарҳои Ҷомӣ кори хеле душвор аст. Он ҳиммат ва меҳнати зиёдеро талаб мекунад, оё ман аз ӯҳдаи ин кор баромада метавониста бошам?

Навоӣ дар “Насоим-ул-муҳаббат” дар хусуси Ҷомӣ низ тафаккуф карда, номи асарҳои оид ба шарҳи ҳоли ӯ навишташударо зикр намудааст.

Эҷодиёти шоир ва мутаффакири бузурги халқи ӯзбек Алишери Навоӣ ба халқу ватан, ба зисту зиндагонии осоиштаи инсоният хизмат карда меояд. Дар яке аз фахрияҳои худ ӯ мавкеи худро дар оламӣ назми туркӣ хеле хуб баён кардааст:

“Мен ул менки то турк бедодидур,
Бу тил бирла то назм бунёдидур.
Фалак кӯрмади мен каби нодире,
Низомий каби назм аро қодире.”

/Ман онам, ки то турк бедод аст,
Дар ин забон то назм бунёд аст.
Фалак надид чу ман нодире,
Чу Низомӣ дар назм қодире./

## НАМУНАҲО АЗ ДЕВОНИ ФОРСӢ-ТОҶИКИИ НАВОӢ—ФОНӢ

### Татаббӯи Хоҷа Ҳофиз

Гар он турки хитоӣ нӯш созад ҷоми саҳборо,
Нахуст орад сӯи мо турктози қатлу яғморо.
Рухаш дар нозукӣ барбод дода сафҳаи гулро,
Қадаш дар чобукӣ бар хок шонда сарви раъноро
Ба маънӣ бӯсаи лаб чун дусад тир аст он мижгон,
Кӣ дар хотир тавонад роҳ додан ин таманноро?
Баҳори оразашро тоза гулҳое аҷаб бишкуфт
Худоро муддаӣ, монеъ машав як дам тамошоро.
Ману кӯи муғон в-он муғбача к-аз лаъли ҷонпарвар
Ба нукта карда з-ин дайри куҳан берун Масеҳоро.
Чу дар кӯи хароботаш ба як соғар намегиранд,
Бар оташ афканам беҳ, ин либоси зӯҳду тақворо.

Чӣ пӯшонам зи мардум к-оташи ишқу маи равшан,
Зи чоки сина зоҳир кард сирри махфии моро.
Бигӯ к-оранд ҷоми Ҷам зи махзан, эй шаҳи динӣ,
Ки бинмоям ба шоҳон бевафоиҳои дунёро.
Ғазал гуфтан мусаллам шуд ба Ҳофиз, шояд, эй Фонӣ,
Намоӣ ҷошнӣ дарюза з-он назми ҷаҳоноро.

## ТАТАББӮИ ХОҶА

Ҳар ки сарҳалқаи риндони ҷаҳон хоҳад буд,
Маст дар кунҷи хароботи муғон хоҳад буд.
Мункири саҳл ба риндон, ки агар дарнигарӣ,
Оламе дар таҳи ҳар хирқа ниҳон хоҳад буд.
Халқ пурсанд, ки то кай бувадат мастии ишқ,
То зи майхонаву май ному нишон хоҳад буд.
З-ин ҳадисам натавонанд пушаймон кардан,
Бар ҳамонем, ки будему ҳамон хоҳад буд.
Эй хуш он шаб, ки фиғони мани маҷнун чу шунид,
Он парӣ гуфт ба ёрон, ки фалон хоҳад буд.
Ҳоли дилро набувад шарҳ намудан ҳоҷат,
Чунки донам, ки бари дӯст аён хоҳад буд.
Аз май ар умри абад касб шавад риндонро,
То абад бар дари майхона макон хоҳад буд.
Пираму шефта в-ин нақди ҳаётам ба нисор,
Баҳри хоки раҳи он турфа ҷавон хоҳад буд.
Гуфтаи Фонӣ асир аст, магар ошиқи мост,
Ҳар чӣ фармудаӣ, эй дӯст, чунон хоҳад буд

* * *

Май оинагун софу қадаҳ оинафом аст,
Ҷуз акси рухи ёр, дар ӯ дон, ки ҳаром аст.
Чун соқии маҳваш қадаҳат ишвакунон дошт,
Тақво чӣ ҳикоят бувад у зӯҳд кадом аст?
Аз оби маю донаи нуқл аст ҳамоно,
Мурғони нишотам, ки ба базм омада ром аст.
Сармастиям аз доираи ақл бурун кард,
Гӯё, ки маям то хати берунии ҷом аст.
Дар ҷилва қади чобукат афканд зи поям,
Аллоҳ-аллоҳ он чӣ равиш, в-он чӣ хиром аст.
Дар майкадаам арбада аз ҳад шуда, з-он рӯ,
Наззорачиён карда ҳуҷум аз дару бом аст.
Фонӣ, чу кашӣ ҷоми фано, бод ҳалолат,
В-ар шарбати кавсар хӯрӣ, аз зӯҳд ҳаром аст.

## АЗ "ХАМСАТ-УЛ-МУТАҲАЙИРИН"

Алишери Навоӣ асари "Хамсат-ул-мутаҳайирин"-ро баъд аз вафоти Абдураҳмони Ҷомӣ иншо намудааст, ки дар он гуворотарин ва муҳимтарин лаҳзаҳои ҳамкорӣ ва дӯстии эшон баён шудааст. Ин асари муҳимро адабиётшиноси тоҷик Абдуқодир Маниёзов ба тоҷикӣ тарҷума намуда, соли 1989 нашр кардааст. Порчаеро аз ин асар манзури хонандагон мегардонем.

"Он кас /Мавлоно Ҷомӣ-А.Х.,М.З./ бо мавлоно Соғарӣ бисёр мутоиба мекарданд. Рӯзе мавлоно Соғарӣ дар хизмати он кас ҳозир буд. Он кас ба ранги таърифи шеъри ӯ ба мутоиба пардохтанд ва мавлоно Соғарӣ шеърҳои худро бо карру фарр хондан гирифт. Агар дар назди каси андак бевуқуфтар мехонд, дар ниҳояти хубӣ мегузаронид. Фақир хонданашро низ таъриф кардам, ки:

— Бо вуҷуди хуб гуфтанашон хуб ҳам мехонанд.
Он кас бо хушҳолӣ гуфтанд:
— Моро ин тавр бозӣ медиҳад.
Он кас ин қитъаро гуфта буданд:

### Қитъа

Соғарӣ мегуфт: duздони маонӣ бурдаанд
Ҳар куҷо дар шеъри ман як маънии хуш дидаанд.
Дидам аксар шеърҳояшро, яке маънӣ надошт,
Рост гуфтаст ин ки маъниҳошро дуздидаанд.

* * *

Рӯзе фақир дар хизмати он кас будам ва дигар касе набуд. Дар боби қасоиди Анварӣ сухан мерафт. Он кас чунин таъриф мекарданд:

—Мо ашъор ва хусусан қасоиди ӯро кам дида будем, дар ҳамин наздикӣ як девони кӯҳнааш ба дасти мо афтод, гоҳе бо он машғул мешавем, дар баъзе ҷойҳо, мумкин аст гуфт, ки аз маротиби каломи башар гузашта, ба ҳадди эъҷоз расидааст, таркибҳои ғариб ва адоҳои аҷиб ба назар мерасад.

Чун дар миёни асҳоб маро ҳам аз мӯътақидони Анварӣ ва бисёр мутолиакунандагони шеърҳои ӯ медонанд ва ин дар воқеъ ҳамин тавр аст, бағоят хушвақт шуда гуфтам:

— Илтимос дорам, ки он қасидаашро:

### БАЙТ

Гар дилу даст баҳру кон бошад,
Дилу дасти худойгон бошад.

даме хонда, мулоҳиза намоянд

Он кас мутабассим шуда:

—Аҷаб сухане гуфтӣ, ки мо дар ин се-чор рӯз ин қасидаи ӯро хонда хушҳол шуда, аз ғояти шавқ ҷавоб ҳам гуфтаем, —гӯён мусаввадаро дар як вараки худранг бароварда ба дасти фақир доданд, ки "хонда бин".

Матлааш ин аст:

**Матлаъ**

Ҳар киро дар даҳон забон бошад,
Дар санои шаҳи ҷаҳон бошад.

**Савол ва супориш:**

1. Алишер Навоӣ дар куҷо, ҳамроҳи кӣ таҳсил кардааст?
2. Навоӣ кай ва дар куҷо бо Ҷомӣ шиносоӣ пайдо мекунад?
3. Шоир бо кадом забонҳо эҷодиёти худро офаридааст?
4. Девонҳои шоир чӣ ном доранд?
5. Дар мероси адабии Навоӣ "Хамса" чӣ нақше дорад?
6. Оид ба девони форсӣ—тоҷикии Навоӣ ва мавқеи он дар адабиёти тоҷику ӯзбек чӣ гуфта метавонед?
7. Ғазалҳои болоро ифоданок хонед ва аз худ кунед.

## АБАЙ
**(1845-1904)**

Халқи қазоқ бо адабиёти гузаштаи худ (чи шифоҳӣ ва чи хаттӣ) ва ҳамчунин бо адабиёту санъати муосираш дар ташаккули маданияти умумибашарӣ ҳиссаи арзандае гузоштааст. Яке аз нависандаҳои номии қазоқ Анвар Олимҷонов бо ифтихор таъкид намудааст, ки "Агар сухан аз нақши мушаххаси ба маданияти ҷаҳонӣ гузоштаи халқи қазоқ равад, таърихнигорон медонанд, ки фарзандони бузурги халқи қазоқ энсиклопедист—зодаи Утрори афсонавӣ Муҳаммад Абу Наср-ал-Форобӣ (IX-X), ҷуғрофидон ва математик Аббос Ҷавҳарӣ (асри X), муаллифи асари машҳури "Таърихи Рашидӣ" Ҳайдар Дуглат (асри XVI), солноманависи қабилаҳои қазоқ Ҷалоирӣ (асри XVI), ба тамаддуни ҷаҳонӣ чӣ ҳисса гузоштаанд. Дар ҳамин асрҳо нобиғаҳое чун Аҳмади Ясавӣ ва Юсуфи Баласуғунӣ низ зиндагиву эҷод кардаанд. Ба инҳо Чоқан Валихонов ва Абайро низ ҳамроҳ намудан мумкин аст, ки нисбат ба ҳиссаи онҳо дар пешрафти маънавиёти инсоният шубҳае нест...".

Абай Қунанбоев сардафтари адабиёти нави хаттии қазоқ буда, дар ташаккули забони адабии қазоқӣ, адабиёти хаттӣ, коркард ва ҷорӣ намудани қолабҳои нави адабӣ, ба ҳам наздиксозӣ ва аз ҳам истифодабарии адабиётҳо ва маърифатнокии халқи қазоқ ҳиссаи арзанда гузоштааст.

Абай 10-августи соли 1845 дар кӯҳдомани Чингиз, ноҳияи кунунии Абайи вилояти Семипалатинск дар оилаи заминдор ба дунё омадааст. Ӯ

маълумоти ибтидоиро дар мактаби маҳаллӣ гирифт ва аз синни 10-солагӣ таҳсилро дар мадрасаи Семипалатинск давом дода, ҳамагӣ се сол дар мадраса ва се моҳ дар мактаби русӣ таҳсил кардааст.

Таҳсили мадраса ва мактаби русӣ то андозае рағбати ин ҷавони ташнаи донишро бедор намуд ва ӯ дар лаҳзаҳои фориғ аз таҳсил ба мутолиаи мустақилона машғул гардида, дониши худро сайқал дод. Маърифати адабӣ ва динии тоҷикон аз қадим миёни халқҳои туркзабон, аз ҷумла, қазоқон нуфуз дошт ва зиёиёни қазоқ аз баҳрабардориашон бо ифтихор ёд кардаанд. Ҳамчунин забони арабӣ чун забони дин ва забони тоҷикӣ чун забони шеър миёни қазоқон роиҷ буда, аз таълифоти ба ин забонҳо анҷомёфта огаҳии комил доштанд.

Абай ҳанӯз аз овони ҷавонӣ осори классикони адабиёти тоҷику форс, араб ва туркро омӯхта, зери таъсири онҳо қарор доштааст. Муҳаққиқони осори Абай аз таъсири пуркуввати Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Абдураҳмони Ҷомӣ ва Навоиву Фузулӣ ёд карда, ашъори давраи аввали Абайро тақлид ба ин классикон донистаанд.

Бобою падари Абай аз феодалҳои маҳаллӣ буда, миёни қабилаҳои қазоқ шӯҳрат доштаанд. Падари ӯ соли 1822 ҳокими округи Қарқаралӣ интихоб шуда буд. Абаи 13-соларо барои омӯзонидани ҳунари идораи мардум ва санъати ҳукуматдорӣ ба кор ҷалб намуд. Баъди ин ӯ дигар мустақиман ба мадраса рафта натавонист ва пурра ба омӯзиши мустақилонаи адабиёт гузашт.

Ҷавонии Абай дар ҳамин гуна шароити иҷтимоию сиёсии ҷомеа сипарӣ гардид ва ӯро масъалаҳои мубрами ҳаёт ба андеша намудан водор кард. Падар низ ақлу заковати ӯро пай бурда, мехост ӯ ворисӣ ҳақиқии давлату мансабаш гардад. Абай тавассути ҳамин зиракӣ ва қобилияти фикриаш бармаҳал ба адабиёту маданияти рус ва ба воситаи он ба осори адибони Аврупо ошноӣ пайдо намуд.

Дар давраи ислоҳоти маъмурӣ (1863-1869) вазъияти сиёсии Қазоқистон хеле тезутунд гардида буд. Хусусан дар давраи интихоботи ҳокимони маҳал мубориза ҳои қабилавӣ авҷ мегирифт. Абай чунин бенизомӣ ва бедодиҳоро ба чашми худ медид, аз ҳамин сабаб дар шеърҳояш ғаму андӯҳ ва қисмати талхи мардумро ифода кардааст.

> Эй қазоқ, эй халқи мӯҳтоҷи асиру камбағал,
> Ту даҳон пӯшидаӣ бо мӯи лаб – мӯи дағал
> Сарвати бисёр дорию гадоӣ, гуштаӣ...
> Пас ҳақиқат дар куҷо? Бояд бифаҳмӣ бармаҳал.
>
> *(тарҷумаи А. Шарифӣ)*

Абай дар корҳои маъмуриву идоравӣ низ ширкат дошта, солҳои 1875-1878 се карат ба мансаби ҳокими волост интихоб ва баъд то мансаби сардори биҳо (қозиён) расид. Доир ба фаъолияти индавринаи Абай нави-

саида М. Авезов чунин гуфтааст: "Абай, ки ин бори гаронро бар дӯши худ дошт, дар чанд рӯз лоиҳаи конунеро хаттӣ мураттаб сохт. Қонун баробари урфу одатҳои бехтарини мардумӣ масъалаҳои замони ҷадидро низ дар бар мегирифт". Ҳамин тариқ Абай қариб 10 сол дар корҳои давлатию маъмурӣ ширкат дошт ва баъди аз мансабдорӣ даст кашидан ба омӯзиш ва эҷоди асарҳои хурду бузург ҷиддан машғул гардид.

Сарчашмаҳои асосии инкишофи эҷодиёти Абай аз фолклор ва мероси хаттии қазоқ, адабиёти классикии халқҳои Шарқ ва адабиёту маданияти рус маншаъ гирифтааст. Ӯ ин омилҳоро эҷодкорона мавриди истифода карор дод ва аз ҳамин сабаб дар эҷодиёти ӯ анъанаҳои миллӣ ва байналмилалӣ омехта зуҳур кардаанд. Абай ба эҷодиёти манзуми худ асоси реализми танкидиро дар адабиёти қазоқ гузоштааст. Муҳимтарин хусусияти ин метод, ки танқиди нуқсонҳои иҷтимоии ҳаёти ҷомеа ва ҷустуҷӯи роҳҳои нави зиндагонии одилона ба шумор меравад, дар шеъру достонҳои Абай ифода ёфтааст.

Ҳангоми эҷоди аввалин шеърҳои худ Абай аз классикони машҳури Шарқ Шамси Табрезӣ, Саъдиву Ҳофиз, Фузулӣ, Навоӣ, Махдумқулӣ бештар истифода мебурд ва онҳоро муаллимони худ медонист. Равияи дидактикии насри насиҳатӣ ва ахлоқӣ дар назми Абай, пеш аз ҳама, ба омӯзиши ӯ аз адабиёти тоҷику форс вобаста аст. Дар ин бора китоби шеъру ҳикояҳои ӯ шаҳодат медиҳад. Ғайр аз ин Абай сужети як қатор достонҳои Шарқиро эҷодкорона аз худ намуда, дар заминаи онҳо асарҳои эпикӣ офаридааст. Достонҳои ӯ "Искандар", "Масъуд" ва киссаи "Азим" дар ин хусус шаҳодат медиҳанд. Оғози достони "Масъуд" оғози анъанавии достонсароии классикони тоҷикро ба хотир меорад:

— Ё аллоҳ, посдорат, дӯстат Маҳмуд
Бикшо забонамро баҳри ифодаи масъуд.
Дар замони халифа Ҳорун Рашид
Ҷавоне буд дар Бағдод бо номи Масъуд.
*(тарҷумаи таҳтуллафз)*

Инкишофи ғояҳои демократӣ, халқпарварӣ ва инсониятпарварӣ дар осори Абай аз бисёр ҷиҳат натиҷаи таъсири адабиёти классикии рус низ мебошад. Абай чун донандаи забони русӣ ба эҷодиёти Пушкин, Крилов, Лермонтов, Бунин ва дигарон шинос гардида, намунаи осори онҳоро ба забони қазоқӣ тарҷума кардааст. Чуноне ки М. Авезов дар романи худ "Абай" нишон медиҳад, тарҷумаи мактубҳои Татяна ба Онегин ба қалами Абай тааллуқ доштааст. Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX ашъори Пушкин дар тарҷумаи Абай ба сурудҳои дилписанди ҷавонони қазоқ табдил ёфтааст. Абай доираи адабиёти қазоқро васеъ намуда, алоқаи онро бо адабиёти рус ва Ғарб ба вуҷуд овард. Инро дар мисоли тарҷумаи ашъори шоирони немис Гёте ва Ҳейне дидан мумкин аст.

Абай шакли бадеии назми қазоқро низ бой гардонид ва дар адабиёти қазоқ шеърҳои шашмисрагӣ ва ҳаштмисрагӣ ба вуҷуд овард.

Дар роҳи инкишоф ва вусъати ҷаҳонбинии Абай таъсири Чернишевский, Белинский ва Добролюбов барин мутафаккирони рус низ ба назар мерасад. Абай бо яке аз дӯстон ва пайравони Чернишевский Михаелс, ки дар Қазоқистон ҳаёти бадарғагӣ мегузаронид, надзикӣ ва дӯстӣ дошт. Эҷодиёти Абай намунаи барҷастаи таъсири мутақобили адабиётҳо буда, мактаби эъҷодии ӯ дар инкишофи минбаъдаи адабиёти қазоқ нақши калон бозидааст.

Асосгузори адабиёти нав ва забони адабии қазоқ, устоди шеъри қазоқӣ, тарғибгари адабиёту маданияти халқҳои гуногунзабон Абай Қунанбоев 23-июни соли 1904 вафот кардааст.

Осори ӯ ба ин бисёрии мавзӯъ ва бо ин ғановат ҳангоми зиндагии ӯ чоп нагардидаанд ва танҳо соли 1909 нахустин маҷмӯаи ашъори шоир чоп гардида, ба нашрҳои минбаъдаи мероси ӯ замина гузоштааст.

Ҳарчанд ки осори Абай ба хонандаи тоҷик бармаҳал шинос буд, вале аз солҳои 1950-ум дар бораи ӯ ва тарҷумаи шеърҳояш маълумоти сареҳ пайдо гардиданд. Ба эътибори андешаи муҳаққиқони аҳволу осори Абай аввалин тарҷумаҳо соли 1954 ба муносибати 50-солагии вафоти шоир пайдо шудаанд. Ҳамон сол маҷаллаи адабии "Шарқи сурх" 6 шеъри Абайро дар тарҷумаи шоирон Бобо Ҳоҷӣ, Ғ.Мирзо, А. Шарифӣ ба табъ расонид. Минбаъд ашъори ӯ аз ҷониби шоирони тоҷик М. Шералӣ ва С. Ҳалимшо низ тарҷума шуд ва соли 1991 асари ахлоқии Абай "Ақлия" аз ҷониби адиб ва рӯзноманигори тоҷик Ф. Азизов тарҷума ва нашр гардид.

## НАМУНАҲО АЗ ЭҶОДИЁТИ АБАЙ

### ЭЙ ДИЛ

Ту ҳастӣ толиби ишқ аз нав, эй дил,
Нахоҳад изтиробат гашт хомӯш.
Туӣ ба ҳар задан бар ишқ моил,
Туӣ аз ишқ пуранвору пурҷӯш.

Зи ҳеҷ андӯҳу озору машаққат
Нагардад оташи ту лаҳзае паст.
Асоси ҳастият—танҳо муҳаббат,
Фақат вай ҷовидонӣ бо ту пайваст.

Вале он, к-ӯ зияд бе дӯстдорӣ,
Намебошад сазои номи одам.
Ту гарчи бенаво, кун ифтихоре,
Ки дорӣ хонадону дӯстон ҳам.

Нарахшад дӯстӣ гар бахри инсон,
Тамоман зиндагӣ мегашт торик
Чӣ лозим бахри одам сарвату шон,
Набошад дар ҷаҳон гар дӯсти нек.

## ДИЛО, АЗ НАВ МУҲАББАТ МЕПАРАСТӢ

Дило аз нав муҳаббат мепарастӣ,
Зи нав гоҳе шавӣ ту ташнаи он.
Ба ҷонам нӯшдоруи ғами талх
Бувад ширин, ҳаловатбахш, ёрон.

Ба пеши оташи дил нотавон аст
Азоби рӯзҳои сахту тира,
Муҳаббат—пуштбон, зебоии мост,
Вале чун мурд кас, он ҳам бимирад.

Касе, ки бе муҳаббат зист як умр,
Варо одам шумурдан нест мумкин,
Туро, бигзор, як ҷав ҳам набошад,
Вале бошад адлу дӯст, — бас ин.

Зиёи дӯстие гар натобад,
Каси дилсоф кӯр андар шаби тор.
Шараф дуд асту давлат—хок яксар,
Набошад гар туро ёри вафодор.

* * *

Бачагӣ рафту ту надонистӣ!
Чӣ хуш айёмро ту додӣ ба бод!
Навҷавонӣ гузашту дасти варо
Натавонистӣ бидориаш, ҳайҳот!

Пас баро, пешвози пирӣ баро!
Интизораш набудаӣ асло?!

Балки дар зиндагӣ, ба роҳи ҳаёт,
Борҳо беқарорӣ мекардӣ,
Хештанро фиреб медодӣ,
Балки ноустуворӣ мекардӣ.

Балки мемирӣ, мирӣ ту бадбахт,
Чун шутурбаччае, ки бекора
Мурд дар кунҷи оғилу ҷуз он
Ҳеҷ чизе надида, бечора.

**Савол ва супориш:**

1. Абай кай ва дар кучо таваллуд ёфтааст?
2. Эҷодиёти Абай ба адабиёти тоҷику форс чӣ иртиботе доштааст?
3. Кадом шоирони тоҷик шеърҳои Абайро тарҷума кардаанд?
4. Барои чӣ Абайро асосгузори адабиёти нав ва забони адабии қазоқ медонем?
5. Шеърҳои дар боло овардашуда ба шеъру ғазалҳои шоирони тоҷику форс ягон муносибате дорад? Агар дошта бошад, маънидод кунед.
6. Порчаҳои шеъриро ифоданок хонед ва аз ёд кунед.

## МАХДУМҚУЛӢ
**(1730 – солҳои 80 асри XVIII)**

Асосгузори адабиёти туркман Махдумқулӣ соли 1730 дар авули Ҳоҷиравшани водии Гургон чашм ба дунё мекушояд. Ӯ бо кӯмаки падараш шоир ва олими намоёни давр Давлатмамади Озодӣ саводи аввалини худро баровард. Муҳаббат ба эҷодиёти шифоҳии халқи худ ва адабиёти классикии тоҷику форсро дар дилу шуури Махдумқулӣ падари донишмандаш бедор кардааст. Ин буд, ки падар барои такмили донишу малакаи Махдумқулӣ муаллими хусусиеро бо номи Ниёзи Солеҳ ба даргоҳи хеш даъват намуд. Аз натиҷаи тадрису таълими ин ҷавони ташнаи илм на фақат Ниёзи Солеҳ, балки падар ва ҳатто атрофиён мутаҳайййр буданд.

Истеъдоди фавқулоддаи писарро падари донишманду ҷаҳондидааш эҳсос намуда, ин ҷавони 14 соларо ба маркази тамаддун – Бухорои адабпарвару шоирхез барои идомаи таҳсил ҳидоят намуд. Ӯ дар мадрасаи машҳури Кӯкалтош аз дониши мударрисони оламу оламдида, уламои ҳамадону донишманд баҳра бардошта, доираи ҷаҳоншиносиашро фароҳ намуд ва аз лаззати адабиёти пурмӯҳтавои тоҷику форс ком ширин кард.

Китобхонаҳои бою ҳайратангез, баҳсу талоши толибилмони мадраса, шаҳомати Бухоро ва ошноии ӯ бо Нурӣ Козим ном ҷавон дилу дидаи Махдумқулиро нисбат ба адабиёти классикии тоҷику форс бедор намуд. Баъди як соли таҳсил бо сабабҳои номаълум Махдумқулӣ хонданро тарк намуда, бо ҳамроҳии дӯсташ Нурӣ Козим ба саёҳат баромад. Онҳо Афғонистон, Эрон ва Ҳиндустонро зиёрат намуда, баъди 15 моҳ боз барои идома додани таҳсил ба Самарқанд омаданд. Вале нияту умедҳои ин ду ҷавони ташнаи илм дар Самарқанд низ барор нагирифт.

Махдумқулӣ баъди нобарориҳо ба Хева омада, ба мадрасаи машҳури Шерғозӣ дохил шуд. Нобарориҳои Бухорову Самарқанд ва Хоразм

назару андешаҳои Маҳдумқулиро нисбат ба таҳсилу омӯзиш тағйир на-дод. Ӯ баръакс бо ҷидду ҷаҳди дучанд ба таҳсил пардохта, устодону шарикдарсони хешро ба ҳайрат овард. Махсусан, устодаш Ҳазрати Полвон аз заковату фаросат, биниши фароху андешаҳои бикри Маҳду-мқулӣ огаҳӣ пайдо намуда, дар ҳама ҳолатҳо ба ӯ кӯмак мерасонад. Ин буд, ки аввалин шеърҳои Маҳдумқулӣ дар солҳои таҳсил дар мадрасаи Шергозӣ ва шояд пештар аз он, ҳангоми наврасӣ эҷод шуда бошанд. Вале муҳиммаш он аст, ки ӯ дар ин айём /ҳангоми таҳсил/ аллакай дар байни хосу ом чун шоир ном баровардa буд. Солҳои таҳсил дар мадраса аз беҳтарин давраҳои умри шоир ба ҳисоб мерафтааст.

Маҳдумқулӣ дар синни 20-солагӣ ба Менглӣ ном духтаре ошиқ шуда, шеърҳои пурсӯзу ҷаззоби худро, ки самараи ишқи покаш ба он духтар буд, эҷод кардааст. Шоир дар "Чашмони Менглӣ" ном шеъраш /, ки аз ҷониби шоири тоҷик Бобо Ҳоҷӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума шудааст/ чаш-мони сиёҳи Менглиро ба ду ҷаллоди сиёҳ ташбеҳ дода, тамоми ҳиссиёт, шӯру шавқи хешро дар образҳои шоирона ифода кардааст:

Дилу ҷони маро карданд ғорат
Ду ҷаллоди сияҳ—чашмони Менглӣ,
Намедонанд ҳаргиз раҳму шафқат,
Ду қамчини шабаҳ-чашмони Менглӣ.

Набояд гардад ӯ якка шабона,
Набояд, ки занад бар зулф шона,
Набояд сӯи мо созад равона
Ду теғашро чу шаҳ-чашмони Менглӣ.

Аз онҳо марҳамат уммед дорам,
Фитад зулмоти шаб бар рӯи олам,
Шавад дилдодаи мискин мусаллам,
Кунад ҳолаш табаҳ- чашмони Менглӣ.

Фироқи сӯхта дар нори ҳиҷрон,
Ситоишҳо намояд аз дилу ҷон
На яздонро, мусулмонон, ба Тӯрон,
Шуморо бо фараҳ-чашмони Менглӣ.

Ишқи поку беғаши ӯро ба Менглӣ дар шеърҳои дигари шоир низ мушо-ҳида кардан мумкин аст. Вале ба ҳукми тақдир ин ишқи аввали Маҳдумқ-улӣ, ки дар фироқи он сӯхта, қалбашро ба дард оварда буд, бор наовард:

Ишқ як дарёи бетаҳ, ҳаҷр сӯзон оташе,
Дар миёни обу оташ раҳкушо гаштаст дил...

Зиндагии баъдинаи Махдумкулӣ низ дар гирдоби ҳаводиси ноҳуши рӯзгор сипарӣ гардидааст, ки таъсири он аз осори ӯ мушоҳида мешавад. Фарзандони ӯ Сорӣ ва Иброҳим, ки боиси дилгармии ӯ ба ҳаёт буданд, дар айни навъунамо вафот мекунанд. Аз чунин сурат гирифтани воқеаҳои ҳаёт шоир аз зиндагӣ дилсард мегардад, ки ин ҳолату рӯҳияи шоир дар як қатор шеърҳояш инъикос ёфтааст. Фироқӣ тахаллус гирифтани шоир шояд ба ин вобастагие дошта бошад.

Ҳаёт ва эҷодиёти Махдумқулӣ ба ин ҳама вусъат ва фароҳии назар то солҳои наздик барои хонанда ва аҳли таҳқиқ маълум набуд ва аввалин таҳқиқи эҷодиёти шоир тавассути адабиётшинос ва сайёҳи Полша Александр Ҳадзко сурат гирифтааст. Ӯ соли 1842 се шеъри шоирро дар асл ва тарҷумаи англисиаш ба дасти хонандагон расонд. Ҳадзко баробари тарҷумаи шеърҳо, ба аҳволу осори шоир диққат дода, дар бораи замону зиндагии ӯ маълумоти мухтасар додааст. Ин хидмати муҳаққиқ дар роҳи таҳқиқи ҳаёту эҷодиёти Махдумқулӣ барои пажӯҳишгарони минбаъда чун сарчашмаи нахустин хизмат кардааст. Баъд аз ин ҳаёту осори Махдумқулӣ диққати муҳаққиқон ва ҳаваcмандони зиёдеро пайваста ба худ ҷалб намуд. Дар роҳи таҳқиқ, муайянсозӣ ва муаррифии осори шоир ба хонанлаву аҳли илм шарқшиноси маҷор Герман Вамбери, олими рус И. Беляев, муҳаррири рӯзномаи "Туркистон" И.П. Остроумов, адиб ва тарҷумони тоҷик Абдураҳмони Ниёзӣ ҳисса гузоштаанд. Аз ҷумла Герман Вамбери андешаҳои худро оид ба ашъори Махдумқулӣ чунин ҷамъбаст намудааст: "... шеърҳои ҳайратангези Махдумқулӣ барои халқи туркман баъди сураҳои Қуръон аз китобҳои хонданибоб мебошад".

Эҷодиёти Махдумкулиро ба адабиёти тоҷик риштаи хеле нозук ва муҳимми иртиботи маънавӣ пайванд кардааст. Агар халқҳои Европа ба эҷодиёти шоир тавассути тарҷумаҳо шиносоӣ пайдо карда бошанд, тоҷикон ва дигар халқҳои Осиёи Миёна ашъори дилнишини ӯро бевосита дар асл мутолиа намуда, баҳра бардоштаанд. Аз ҷумла, устод Айнӣ ҳангоми ба романи "Ғуломон" мавод ҷамъ овардан, ба ашъори Махдумқулӣ шиносоӣ пайдо намуда, аз шӯҳрати шеърҳои шоир дар байни халқҳои Осиёи Миёна дарак медиҳад.

Ашъори ӯ зиёда аз 250 сол аст, ки дар байни халқ ҳамчун суруду таронаҳои рӯҳафзо аз авул ба авул парвоз намуда, шарики шодию ғами мардуми ин сарзамин гардидааст.

Эҷодиёти Махдумкулиро асосан ғазал, достон, мусаддас ва мухаммас ташкил медиҳад. Махдумқулӣ чун шахси пешқадами замони худ дар шеърҳояш шӯру шар ва нобасомониҳои замони худро ба риштаи тасвир кашида, ба сӯзу гудоз аз аҳволи бади мардум, зулми феодалону боёни маҳаллӣ шиква кардааст. Шоир дар "Гурезон" ном шеъраш ба ин масъала ишора намуда, бо як ҳисси дилсӯзӣ навиштааст:

> Фақирон хор гашта бо рухи зард,
> Ба ранги сурх соҳиб гашта номард.

Ба мазлумон ситамгар бас ситам кард,
Зи хуни қамчинаш покон гурезон...

Ӯ ҳангоми сафарҳояш ба Эрону Афғонистон, Ҳиндустону мамлакатҳои Шарқи Наздику Миёна ба чунин хулосае омад, ки зиндагии мардум, халқи заҳматкаш дар ҳама ҷо як хел аст. Аз чунин нобасомониҳои замона қалби шоир ба фарёд омадааст:

Дили оқил шуда, пора зи ғамҳо,
Паи дармони худ сарсон ба ҳар ҷо,
Навишта нобакории замонро,
Зи фонӣ гашта рӯгардон, гурезон...

Ё дар шеъри дигари худ маъюсона аз мурғи ҳумои афсонавӣ ниеиш мепурсад:

Ато фармо ба мо, мурғи ҳумо, мурғи саодатро,
Ки мискин туркман дигар нарезад ашк чун дарё!

Мавзӯи асосии эҷодиёти шоир чӣ тавре ки дар боло низ ишора рафт, асосан тараннуми ишқ ва сӯзу гудози он, муттаҳид намудани қабилаҳои парешони туркман, эҳтиром ба забон ва волидон, осудагию ободонии кишвар ва дӯстию бародарии халқҳо ташкил додааст.

Ҳангоми хондани шеърҳои ватандӯстонаи Махдумқулӣ мо рӯҳу ҷасорати қаҳрамонҳои "Шоҳнома"-и Фирдавсиро эҳсос мекунем:

Ҳеҷ аст дусад буздил дар лаҳзаҳои даркорӣ,
Бар хасм зафар ёбад сарбози фидокоре.

Ё худ ҳангоми мутолиаи ғазалиёти шоир хонанда беихтиёр андешаҳои фалсафии Хайёмро дарк мекунад. Ин аст, ки ба таъбири адабиётшинос В. Самад дар чунин шеърҳо кӯшиши хайёмона андеша рондани шоири туркман ба мушоҳида мерасад:

Дар боғ гули дирӯза гирён аст,
Як тозагуле ба ҷош хандон аст.

Аз забону адабиёти тоҷику форс бохабар будан ва ҳатто донандаи хуби ин забон будани шоирро боз аз он эҳсос мекунем, ки ҳатто образу таркибҳои шоиронаро дар шеърҳои худ айнан бе тағйирот овардааст. Масалан, дар байти поин, ки маънӣ асосан аз Мавлонои Балхӣ аст, чунин овардааст:

Об агар сад пора гардад, боз бо ҳам ошност,
Одамӣ дар як бадан гаҳ фарбеҳу гоҳе фаност

Дар шеърҳои Махдумқулӣ ба ғайр аз рӯҳу қаҳрамонҳои образҳои "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ ва андешаҳои фалсафии Хайём мо таъсири панду андарзҳои Саъдии Шерозиро низ ба хубӣ пай мебарем, ки ин аз риштаҳои ниҳону ошкори шоир ба адабиёти тоҷик гувоҳӣ медиҳад:

Аз накӯён кори бад содир нагардад ҳеч гоҳ,
Гар бувад бадасл ӯ, некӣ аз ӯ ҳаргиз маҳоҳ.

Зеро "дар рӯзгори Махдумқулӣ таъсири адабӣ ба туркманҳо ва ҳам ба худи Махдумқулӣ аз ҷониби Бухоро ва Хоразм мерасад".

Беш аз 5000 байт шеъри Махдумқулӣ то замони мо омада расидааст-.Ин аст, ки шеърҳои Махдумқулӣ аз ҷониби шоирони тоҷик М.Аминзода, Бобо Ҳоҷӣ, Ҳақназар Ғоиб, А. Воситзода, М. Фарҳат, Б. Фаррух, М. Ҳотам, Мақсуди Гулчин, Ҳадиса, Аслам Адҳам тарҷума ва ду маротиба /Махдумқулӣ. Шеърҳои мунтахаб, Сталинобод, 1959; Махдумқулӣ. Мунтахабот: Душанбе. Ирфон,1983/ нашр гардида, ба дилу дидаи хонандагони тоҷик роҳ ёфтааст.

## НАМУНАҲО АЗ ЭҶОДИЁТИ МАХДУМҚУЛӢ ФИРОҚӢ

Чӣ мардӣ, боғбони қисмати ман?
Қирав бород маро дар боғу гулшан
Шавад хушк оби дарёям тамоман
Намонда дар замин аз кӯҳам осор.

Ғулом имрӯз беку хӯҷаин аст,
Ба ҳар ҷо дузд қонунофарин аст.
Нишаста бар рухам ожангу чин аст,
Куҷо шуд давру давронам, шудам хор!

Расон дасти мадад, яздони одил,
Буғӣ созад маро ҷаллоди қотил.
Ҷасадҳо хуфта дар рӯи раҳу гил...
Дилам садпора шуд аз дарди бисёр.

Бигиряд моҳ шабҳо бар сари мо,
Ба дӯзах гашта табдил кишвари мо.
Рабуда бойҳо аспу хари мо.
Пиёда монда шал дар чӯли пурхор.

Аҷуза—сарнавишт аз он бувад шод,
Ки дӯзахро ба моён кард эҷод.

Ба ҳар ҷо дар раҳи мо дом бинҳод,
Шудам аз марҳамат маҳрум мани зор.

Туро сӯзонд дарду кулфату ғам,
Мусоҳибҳои ту рафтанд аз олам.
Бикун, Махдумқулӣ, афғон аз ин дам,
Фироқӣ номи худро мон ба адвор.

## ОТАШ

Агар илҳоми саршоре ба по хезад ба тӯфонаш,
Таманное туро дар ҷисму ҷон даргирад аз оташ.
Бихоҳӣ рафтаро созӣ фаромӯшу набитвонӣ,
Набитвонӣ, ғамаш ҳамчун хазон даргирад аз оташ.

Сахар, вақте ки мехонад намози хешро дарвеш,
Кушад худро агар бо тег гоҳи бехудии хеш.
Агар шоир кунад нафрин бар он чи ки навишташ пеш,
Самандарсон расад то арш чун пар гирад аз оташ.

Ба оқил хешро ҷоҳил агар ҳамвазн бишморад,
Чӣ ҳайронӣ, ки он ҷуз ҷоҳилӣ тухме намекорад.
Агар хоҳад, ки бахт орад, фақат бадбахтӣ меорад,
Умеду ормонат он замон даргирад аз оташ.

Ҳақиқатро агар гардун ба ман медод дар олам,
Намешуд хушк оби чашмаи илҳомаму аҳлам.
Намемонд ин замину об дар дунё Фироқӣ ҳам,-
Ба ҷуз аз оламе, ки акси дигар гирад аз оташ.

## ДИЛ

Ман надонам, бо чи дарде мубтало гаштаст дил,
Дар ҳавои дилрабои бевафо гаштаст дил.

Ишқ як дарёи бетак, ҳаҷр сӯзон оташе,
Дар миёни обу оташ раҳкушо гаштаст дил.

Бехабар, худро ба шамъи ишқ чун парвона зад,
Чорааш акнун намедонад, фано гаштаст дил.

Бехабар Исо зи ҳолу монда Луқмон гунгу лол,
Мубталои турфа дарди бедаво гаштаст дил.

Гар чи дарди ишқ шуд девона ҷонро офате,
Мисли аҳли дил ба он ғам ошно гаштаст дил.
Чанд маҳрам бенавоҳо ёфтанд аз вай наво,
Манъам аз он карда бахтам, бенаво гаштаст дил.

Арз кун, Махдумқулӣ, бар даргаҳаш бо чашми тар,
Аз чӣ хандонрӯй баъд аз гиряҳо гаштаст дил?

## МУРҒИ САОДАТ

Ато фармо ба мо, мурғи ҳумо, мурғи саодатро,
Ки мискин туркман дигар нарезад ашк чун дарё.
Шунав овози манро, ҳифз кун ин мулкро, Аллоҳ,
Қизилбошии берӯ сӯи мо аз нав кашад шамшер.

Ба даште, ки замоне монда буд Хизри бузург иқдом,
Бимон, дар мулки худ халқам намояд зиндагӣ ором.
Бимон, гарданд бар мо наҳрҳои пурталотум ром,
Бимон, аз хони алвони умумӣ халқ гардад сер.

Бимон, хонанд дарвешони бечора намози худ,
Бимон, ҷанговарон пайваста бинвозанд сози худ.
Бимон, ки навбаҳорон боз бинмояд баёзи худ.
Раҳо ёбем мо аз заҳмати сармои беохир...

Намехоҳад Фироқӣ зистан дар хорӣ баъд аз ин,
Ба бахти некфарзандони худ ҳастем мо зомин.
Бимон, дасти мадад доим диҳад йомуд бар гоклен,
Худоё, баҳри мо бинмо ато доҳии ботадбир!

**Савол ва супориш:**

1. Махдумқулӣ чун асосгузори адабиёти туркман кай ва дар куҷо таваллуд ёфтааст?
2. Чӣ сабаб шуд, ки шоир барои таҳсил рӯ ба Самарқанду Бухоро биёрад?
3. Сабаби ҳиҷрати ӯро ба Эрону Афғонистон ва Ҳиндустон чӣ гуна маънидод карда метавонед?
4. Ашъори Махдумқулӣ ба адабиёти тоҷик чӣ навъ пайвандие дорад?
5. Байти

Ҳақиқатро агар гардун ба ман медод дар олам,
Намешуд хушк оби чашмаи илҳомаму ақлам- ро

маънидод кунед.

6. Шеърҳоро хонед ва аз ёд кунед.

# Т. Г. ШЕВЧЕНКО
## (1814 – 1861)

Ғояи барқарорсозии иртибот миёни қисматҳои ҷудогонаи Украина, ки дар ҳайати Россия буд, аз ҳадафҳои асосии маданияти миллии Украина ба ҳисоб мерафт. Баъдтар дар ташаккули ҳамин ғоя Ҷангии Ватании соли 1812 ва шӯриши декабристон таъсири амиқ гузошт.

Эҷодкорони пешқадами ибтидои асри XIX-и Украин барои амалӣ сохтани ҳамин аҳдоф, реализм ва бунёди забони миллии украинӣ ҷадалҳо намудаанд. Нақши боризе дар ин кор ба номи нависандагони номӣ И.П. Котляревский (1769-1838), П.П. Гулак-Артемовский (1790-1863), Г.Ф. Квитка—Основяненко (1778-1843), Е.П. Гребенко (1812-1848) вобастагӣ дорад. Ҷамъбасти дурахшони ҳамин ҷараён бо номи Тарас Григоревич Шевченко алоқаманд аст. Маҳз ӯ тавонист адабиёти Украинаро ба як қувваи бузурги ҷамъиятӣ, ки афкори инқилобии халқи ҷабрдидаро инъикос созад, табдил диҳад.

Т. Г. Шевченко соли 1814 дар оилаи деҳқони крепостной таваллуд ёфта, хеле бармаҳал аз падару модар маҳрум гардидааст. Дар синни нӯҳсолагӣ аз модар ва баъди ду сол аз падар низ маҳрум гардида, чун писарбачаи сағирмонда батрак шуд. Дар бораи рӯзгори талхи ятимиаш дар асарҳояш "Течет вода в сине море", "Тяжко, тяжко жить на свете", "Думы мои, думы мои", "Тополь", "На что черные мне брови" сухан меравад.

Шевченкоро чун крепостной помещик Энгелгард ба мулки худ гирифта, ӯро чун ғулом кор мефармояд. Дар ҳамин давра рағбати рассомии ӯ бедор шуда буд ва помещик бо мақсади аз ӯ сохтани рассоми хонагӣ барои хондан ба Петербург, ба назди рассоми номӣ Ширяев мефиристонад.

Соли 1835 Т. Шевченко бо рассоми номӣ К. Брюлов ва шоирон В. Жуковский ва Е.Гребенкой шинос мешавад. Ин эҷодкорон дар вуҷуди Шевченко шарораҳои истеъдодро ҳис намуда, бо маблағи муайян аз асорати крепостной озод месозанд. 22-апрели соли 1838 Шевченко аз ғуломии крепостной озод гардид, вале ҳуқуқи крепостной ва ҳокимияти шоҳӣ тамоми умр барояш чун душман ва қувваи бадӣ боқӣ монд.

Шевченко дар синни 24-солагӣ шунавандаи Академияи рассомӣ ва яке аз шогирдони дӯстдоштаи К.Брюлов гардад. Тағйирот дар ҳаёти шахсии ӯ, яъне гузариш аз зиндагии ғуломона ба ҳаёти озод шавқу ҳаваси ӯро нисбат ба касби дӯстдоштааш рассомӣ дучанд намуд. Дар ҳамин давра ӯ бо шавқи беандоза ба адабиёти пешқадами рус ошно мегардад, ки ба таъсири он ақидаҳои револютсионӣ-демократии ӯ ташаккул ёфтааст.

Т. Шевченко ба эҷоди шеър низ хеле бармаҳал оғоз намудааст ва ашъори давраи ҷавонии ӯ фарогири мавзӯъҳои иҷтимоӣ, ёди бачагӣ, ёди

зодгоҳ, бардошт аз тамошои манзараҳои табиат буданд. Аз асарҳои давраи ибтидоии ӯ танҳо балладаи "Порченая" ("Причина") боқӣ мондааст, ки аз зиндагии талхи казаки танҳо , дӯстори ӯ ва марги онҳо ҳикоя мекунад.

Эҷодиёти Т.Г. Шевченко аз ҷиҳати жанр ва мавзӯъ гуногун буда, дар асарҳои назмиву насрӣ ва драмавиаш орзуву амали халқи меҳнатӣ, зиндагии пуразоби деҳқонони крепостной, муборизаи онҳо барои озодӣ ва ба ин монанд мавзӯъҳои иҷтимоӣ,демократӣ ва инқилобиро тараннум намудааст. Шеърҳои ӯ "Васият" (1745), "Хоб" (1844), "Фикрҳоям, фикрҳоям" (1839) мардуми ҷабрдида ва оммаи меҳнатиро ба бедорӣ,дифои шаъну шараф ва мубориза даъват менамояд. Ҳамчунин дар осори шӯрангези ӯ беҳуқуқии занон, зиддиятҳои ҷамъияти феодалӣ—капиталистӣ, сиёсати истилогаронаи ҳукумати подшоҳӣ ва беадолатию нобарории замони ӯ ҳаққонӣ ва ошкоро тасвир ёфтааст.

Ҷаҳонбинии Шевченко бо таъсири озодихоҳӣ, демократӣ, декабристон ва демократҳои револютсионии рус ташаккул ёфтааст.

Бо ибораи мунаққиди бузурги рус Добролюбов: "Шевченко мағз андар мағз шоири халқ буд".Вай ҳамчун ватанпарвари бузург ҳокимияти подшоҳиро маҳкум мекард ва бо револютсионерҳои демократ паҳлӯ ба паҳлӯ истода, барои аз шиканҷаи зулму асорати крепостной озод гардидани халқи украин ва дигар халқҳои славяннажод мубориза бурдааст.

Шевченко ба хулосаи ғоявӣ омада буд, ки роҳи асосии озодии халқи украин муттафиқ шудан бо халқи рус ва дигар халқҳои славян мебошад.

Соли 1840 маҷмӯаи ашъори Шевченко бо номи "Кобзар" аз нашр баромад. Шеърҳои он маҷмӯа ошкоро ба муқобили сохти крепотной равона шуда, равияи асосии эҷодиёти шоирро муайян мекарданд.

Шеърҳои романтикӣ-лирикии Шевченко ғаму андӯҳи халқ, аҳволи тоқатшикани мардуми меҳнатиро ифода намуда, рӯҳияи романтизми онҳо бо мазмунҳои реалистӣ пайваст шудааст.

Ба фикри В.Г.Белинский ин романтизм ҳаргиз реализмро инкор накарда, баръакс дар пайвастагӣ романтизми нави прогрессивӣ шуда метавонад.

Тарас Шевченко дар достони "Катерина" воқеиятро реалистона тасвир кардааст ва ғояи асосии ин асар фош намудани разолату қабоҳати ахлоки панҳо мебошад. Достони "Гайдамакҳо", ки соли 1841 навишта шудааст, бо хусусияти инқилобии худ мақоми махсусе дорад.

Дар ин достон шӯриши деҳқонон, ки соли 1768 ба муқобили панҳои Полша барпо гардида буд, тасвир мешавад.

Шеърҳои солҳои 1843-1845 навишташудаи шоир, дар маҷмӯаи "Се сол" гирдоварӣ шуда, дар он рӯҳияи ба шӯриш даъват кардан, фош намудани сохти пӯсидаи крепостной мушоҳида мешавад. Шоир дар достони "Ҷугз" ба воситаи қувваи реализми танқидӣ доираи ҷамъбастҳои бадеиро васеъ мекунад.

Достони "Хоб" бошад, сар то по бо рӯҳи баланди инқилобӣ таълиф шудааст. Агар Шевченко то ин достон дар ашъори худ ҷиҳатҳои ҷудогонаи ҳаёти замони худро тасвир карда бошад, дар шеърҳои минбаъдаи худ ва ҳаҷвияҳояш ба муқобили ҳокимияти подшоҳӣ ва крепостной ошкоро баромад мекунад.

Дар достони "Кавказ" Шевченко ба халқҳои бародар, ки дар он замон дар ҳайати Россия буданд, бо ҳисси эҳтиром муроҷиат мекунад.

Соли 1847 Шевченко барои асарҳои рӯҳи демократӣ-револютсионидоштаи худ ба ҳабс гирифта шуда, бо фармони шоҳ Николайи I ба сарбозӣ фиристода ва аз ҳуқуқи шеърнависӣ ва расмкашӣ маҳрум карда мешавад.

Вале ӯ дар бадарға ҳам фаъолияти инқилобии худро давом дода, ба муқобили сохти крепостной баромад мекунад. Шевченко ба тартибу низоми сахти таҳқиромези ҳарбии подшоҳӣ нигоҳ накарда, маҷмӯаи шеърҳои "Дар Каземат", достони "Варнак", повестҳои "Хизматгорон", "Мусиқачӣ", "Рассом", "Тавъамон"-ро эҷод мекунад. Мазмуни ғоявии ин асарҳо фош намудани симои ҳукумати подшоҳӣ, ба озодии халқҳо бо боварии комил ва оптимистона назар кардан мебошад.

Соли 1857 баъди марги Николайи I аз бадарға озод гардид. Соли 1858 ба Петербург омад ва бо Чернишевский, Добролюбов, Некрасов шинос шуд.

Соли 1861 дар Петербург аз олам даргузашт.

Роли Шевченко дар адабиёти нави украин амсоли нақши Пушкин дар адабиёти рус, роли Мискевич дар адабиёти поляк, роли Гёте дар адабиёти немис мебошад. Бо сухани М. Горкий гӯем: "Шевченко, Пушкин, Мискевич касонеанд, ки рӯҳи халқи меҳнатиро бо қувваи зӯри бадеӣ ва амиқ ифода карда тавонистаанд".

Т.Г. Шевченко барои хонандаи тоҷик чун эҷодкори асил ва адиби тавоно собиқаи дарози шиносой дорад.

Осори ӯ қариб ба пуррагӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума гардида дар бораи зиндагӣ ва фаъолияти инқилобии ӯ шоирону олимони тоҷик мақолаву асарҳо таълиф намудаанд. Дар тарҷумаву баррасии ашъори ӯ А. Лоҳутӣ, Ҳ. Юсуфӣ, А. Деҳотӣ ва М. Турсунзода барин адибони номӣ ҳисса гузоштаанд.

М. Турсунзода дар мақолаи дар бораи Т.Шевченко навиштааш зикр мекунад, ки "Соли 1941, вақте ки шеъри машҳури Шевченко "Васият"-ро тарҷума мекардам, аввалин маротиба бо образи тавонои Днепр дучор шуда, тамоман мафтуни он гардида будам. Ҳамон сол садсолагии аз чоп баромадани китоби "Кобзар" ин воқеаномаи ҳаёти вазнини халқи мазлум, ин достони дарду алам ва орзуву омоли халқ дар сар то сари мамлакат бо тантана ҷашн гирифта мешуд. Он рӯзҳо хеле аз ашъори даҳои халқи украин ба тоҷикӣ тарҷума карда шуда буд. Ба ман чунин як бахт муяссар шуд, ки васияти беғашу паямбаронаи Тарас Шевченкоро ба халқи худ бирасонам... Аз ҳамон рӯзе, ки аввалин бор "Васият"-ро

хондам, ин сатрҳо аз дили ман ҷой гирифтанд. Баъд аз ин на танҳо вобаста ба гӯяндаи "Васият", балки ҳар гоҳ, ки дар бораи халқи худам – халқи тоҷик дар бораи ҳамаи халқҳои Шарқи Шӯравӣ фикр мекардам, сатрҳои мазкурро такрор мекардам.

"Занҷирҳоро барканед,
Дар роҳи озодии худ
Резед хуни душманон!"

Ҳамчунин олимони тоҷик Раҳим Ҳошим, Субҳон Давронов, Раҳим Мусулмонқулов ва дигарон дар навиштаҳояшон дар бораи тарҷумаи осори Шевченко ба забони тоҷикӣ ва паҳлӯҳои гуногуни кору рӯзгори ӯ маълумот додаанд. Ҳамаи ин навиштаҳо саршори меҳру ихлос нисбат ба ин эҷодкори тавонои халқи украин буда, шаҳодати алоқаҳои деринаи адабиётҳои дерина ва пурғановати тоҷику украин аст. Ба таъбири М. Турсунзода "Шевченко ҳақиқатан ҳам аз мобайни баҳри шӯридаю пурталотуми ашъори худ қад барафрошта, ҳамроҳи мо, дар эҷоду эъҷозҳои бузурги ҳамзамонони беамсоли мо зиндагӣ мекунад!"

## НАМУНАИ ОСОРИ Т.Г. ШЕВЧЕНКО

## ВАСИЯТ

Вақте ки ман мурдам, шумо
Гӯрам кунед, эй дӯстон,
Дар байни саҳрои васеи—
Украинаи меҳрубон.
То киштзорони калон,
То ин Днепри кап—кабуд
Бошанд дар чашмам аён;
То ин ки шув-шуви Днепр
Ояд ба гӯшам ҳар замон.
Гӯрам кунед, исён кунед,
Занҷирҳоро барканед,
Дар роҳи озодии худ
Резед, хуни душманон!
Пас, дар ҳаёти хурраму
Даврони озодонатон,
Дар хонадони аъзами
Хушбахту пирӯзи ҷаҳон
Ёдоварӣ аз ман кунед
Бо лафзи ширин, дӯстон!

*/Тарҷумаи М. Турсунзода/*

## САРНАВИШТИ МО

Вақти ғуруби хуршед, рӯз омада ба охир,
Паррандаҳо париданд, хомӯш дашту саҳро.
Мардум ба шодмонӣ, - ҳангоми истироҳат,
Чашмам ба сӯи онҳо, майли дилам дигар ҷо:
Бар сӯи боғи торик дар хоки Украина
Торик гашт яксар домони кӯҳу саҳро,
Сайёраҳо бароянд дар осмони зебо,
Эй кавкаби дурахшон, резондай ту ашкам!
Оё қадам ниҳодӣ бар Украинаи мо?
Оё туро биҷӯянд чашмони шӯхи шаҳло,
Карданд ё фаромӯш онҳо туро дар ин ҷо?
Карданд агар фаромӯш, бигзор, пас бихобанд,
То ки дигар набинанд ин сарнавишти моро!

*/Тарҷумаи М. Миршакар/*

## ХАЙР, ЭЙ ҚӮСАРАЛ[1]

Бодбон шуд кушодаю боло
Ҷаста аз рӯи мавҷҳои кабуд,
Аз қамишзорҳои Сирдарё
Баргузаштанд бо қайиқчаи худ.
Хайр, эй Қӯсарал—ғарибдиёр,
Солҳо ту ба ман шудӣ сирдон,
Аз ғами лаънатӣ шудам афгор.
Раҳмат эй дӯст! Меравам, хуш мон!
Бин, ки мардум шуд аз ту ҳам воқиф,
Ким-чиҳо мекунад ба ҳаққи ту ҳам,
Хайр, ба таҳқири ту наомадаам.
Меравам худ ба мулкҳои дигар,
Ҳасрати кӯҳнаам ҳамеша ба ёд.

*/Тарҷумаи А. Деҳотӣ/*

## БА ГОГОЛ

Хаёли ман гаҳе парвоз дорад,
Гаҳе дилро фишорад, пора созад,
Чунин афғони беовоз дорад,
Ки ҳатто нарм санги хоро созад.

---

[1]Т.Г. Шевченко соли 1847 аз тарафи ҳукумати подшоҳӣ ба Қӯсарал ном ҷои Қазоқистон бадарға шуда буд.

Худоро нест парвои дили ман,
Ба назди кӣ барам ашъори худро?
Кӣ медонад кунун қадри суханро?
Кучо ёбам, кучо ғамхори худро?

Ҳама кӯру кару безавқ гашта,
Касе дил дошт, дар зиндон нишаста...
Ту меҳандӣ, вале ман нола дорам,
Азизи ман, уқоби болбаста.

Чӣ мерӯяд зи оби дидаи ман?
Зи оби дида танҳо шӯразор аст!...
Намеояд садо аз тӯпи даврон,
Чу мурда зиндагӣ дар як қарор аст.

Намебинам дигар ман одамеро,
Ки баҳри кишвари худ ҷон супорад,
Намебинам дигар як модареро,
Ки тифли ӯ ба мардӣ по гузорад!

Ба хуни дил калон бинмуда фарзанд,
Ба шаҳ бахшанд он гаҳ бенаворо,
Ки "ин моли ғуломони шумо аст,
Пазироед моли беваҳоро..."

Ба шоҳ бахшанд, бар даргоҳи олӣ,
Ба тозиҳои одамхори Олмон...
Чӣ чора?
Мон ки бинмоянд пора!...
Ман аз ин гоҳ гирён, гоҳ хандон.

*/Тарҷумаи М. Қаноат/*

Аз баҳри чӣ ошуфтасару ғамгинам,
Аз баҳри чӣ ояд дили зорам ба фиғон,
Ин нола барои кӯдакон! —Бош хамӯш
Эй дил, ту дар ин бора фурӯ банд забон!

Баргӯй, ки аз баҳри чӣ садпора шудӣ ту?
Аз ташнагию гуруснагӣ ё ғами инсон?!
Як умр шав ором биёмӯз хамӯшӣ,
Аз бехирадон гила макун, пӯш ту чашмон!

*/Тарҷумаи Қ. Киром/*

**Савол ва супориш:**

1. Шоир дар чандсолагиаш аз падару модар ятим мондааст?

2. Дар кадом шеърҳояш нисбат ба рӯзгори талхи хеш шиквахо кардааст?

3. Қобилияти рассомии ӯро кӣ дарк намуда барои хондан ба Петербург фиристод?

4. Шевченко бо кадом рассому шоирони номии рус шиносой пайдо кард?

5. Шеърҳои ӯ кадом мавзӯъҳоро дар бар кардааст?

6.Шоир барои кадом гуноҳаш ба ҳабс гирифта шуд?

7. Нақши Шевченкоро дар адабиёт чӣ хел маънидод мекунед?

8. Дар тарҷума ва паҳн кардани мероси адабии Шевченко кадом шоирону мутарҷимони тоҷик ҳисса гузоштаанд?

9.Шеърҳоро қироат ва ҳифз намоед.

## САЙЁДИ НАВО
**(1712—1795)**

Намояндаи барҷастаи адабиёти асрҳои миёнаи арман Арутюн Сайёдян соли 1712 дар оилаи марди ҳунарманд дар шаҳри Тифлис, дар ҳамон шаҳре, ки гӯё тамоми рангҳои табиат, халқҳо, урфу одат ва забонҳо бо ҳам омехтаанд, ба дунё омадааст. Зери таъсири муҳити гарми сиёсӣ, тиҷорат ва илмиву фарҳангии ҳамин шаҳр фаъолияти эҷодии Сайёди Наво шакл гирифт. Муҳаққиқони осору аҳволи ӯ қайд кардаанд, ки панҷ забонро медонист ва бо се забон эҷод мекард.

Фаъолияти ошуғӣ ё гӯяндагӣ боиси афзудани шӯҳрат ва эътибори Сайёди Наво гардид ва сурудҳои ӯ, ки аз ишқу муҳаббат ва меҳру вафои инсонӣ сиришта шудаанд, ба дуриҳо рафт ва боиси ба ҳам наздик гардидани халқҳои гуногунзабону гуногунмазҳаб гардид.

Овозаи ҳунари ӯ то ба дарбори шоҳи гурҷӣ Ираклии II расид ва ӯ шоирро ба назди худ даъват намуд. Муносибати хуби шоир бо шоҳ то замоне идома ёфт, ки шоир хоҳари Ираклии II-ро дӯст дошт. Ин амал боиси вайрон гардидани муносибати шоиру шоҳ гардид ва замони оворагардиву дилсардии шоир аз ҳаёт шурӯъ шуд. Ӯ либоси роҳибӣ ба тан кашид ва кунҷи калисои Анипатро ихтиёр намуда, муддате аз эҷоду сароидани шеър даст кашид. Ӯ аз дунёи пургуноҳ пурра дилхаставу безор гардида буд. Аммо ҳамон дарди модарзодии шоирӣ аз шоир ҷудо нагардид ва ӯ боз бо сурудҳои тозаи худ ба саҳнаи ҳаёт баромад. Пинҳонӣ аз калисо баромада, ба Тифлис меравад, то ки боз суруд хонад ё дар базми гӯяндагон ширкат намояд.

Замони зиндагии шоир замони нооромии сиёсӣ ва носозии муносибати давлатҳои ҳамсоя буд. Соли 1795 шоҳи Эрон Оғо Муҳаммадхон мар-

кази Гурҷистон-Тифлисро тасарруф намуд. Вафоти шоир низ ба моҳи сентябри ҳамин сол ва ҳамин воқеа алоқаманд аст. Дар бораи вафот ё қатли ӯ ақидаҳо гуногунанд. Ақидае ҳаст, ки эрониёни ба Тифлис даромада шоирро барои он куштаанд, ки ӯ аз оини худ даст накашидааст.

Ба ақидаи дигар лашкариёни Ого Муҳаммадхон аз Сайёди Наво будани ӯ хабар ёфта, имконият медиҳанд, то шоир шаҳрро тарк кунад. Вале ӯ ин корро накард ва қурбони ҷаҳолату нофаҳмӣ гардид.

Мероси комил ва кулли сурудҳои Сайёди Наво боқӣ намондаанд. Танҳо як дафтари сурудҳои ӯ боқӣ мондааст, ки бо дастони худи шоир навишта шудаанд ва он соли 1852 дар Москва ба табъ расидааст. Дар меҳвари сурудҳо ва ашъори бо се забон – гурҷӣ, арманӣ ва озарӣ навиштаи ӯ инсон ва озодии ӯ қарор дорад. Орзуи шоир дидани дунёи озод, озодӣ аз онҳое аст, ки ҳуқуқ ва эътибори инсонро паст задаанд.

Ғановат ва махсусияти мероси шоирии Сайёди Наво дар он аст, ки ӯ анъанаҳои беҳтарини адабиёти асримиёнагии арманро дар замони нави таърихӣ ҷилои нав дод. Ҳамчунин дар такмили сохтори шеърӣ, яъне поэтикаи шеъри арман низ ҳисса гузошт.

Сайёди Наво нақши амиқе на танҳо дар адабиёти арман, балки дар адабиёти гурҷиву озарӣ низ боқӣ гузошт ва эҷодиёти Сайёди Наво як давраи асримиёнагии адабиёти арманро ҷамъбаст менамояд.

Хонандаи тоҷик ба ном ва осори Сайёди Наво шиносоии дерина дорад. Муҳаққиқони эҷодиёти шоир, чи арманҳо ва чи тоҷикон алоқамандии Сайёди Наворо ба адабиёти тоҷику форс муайян намудаанд. Аз ҷумла ақидае пеш овардаанд, ки Сайёди Наво аз "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ, хусусан аз достони "Рустам ва Сӯҳроб"-и ӯ огоҳ будааст. Ҳамчунин Сайёди Наво аз эҷодиёти Рӯдакӣ, Низомӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ дарак дошт ва нақши осори ин шоирон дар тасвир ва услуби Сайёди Наво дидаву ҳис мешавад.

Муҳаққиқи алоқаҳои адабиёти тоҷику арман А. Давронов дар мавриди иртиботи Сайёди Наво ба адабиёти тоҷик навиштааст: "Пайвандҳои адабии халқҳои тоҷику арман дар аҳди Сайёди Наво аз ҳар ҷиҳат ба туфайли шеъри шоир ва имтизоҷи он дар забонҳои гурҷӣ, озарбойҷонӣ, арманӣ ва форсӣ хусусияти тоза касб кард.... Дар ҷараёни кобишҳои илмӣ аз эҷодиёти шоир шеъре ёфтем, ки бо чор забон - арманӣ, форсӣ, гурҷӣ ва озарӣ таълиф шудааст. Умуман эҷодиёти Сайёди Наво як ҳалқаи тиллоии пайвандҳои адабии халқҳои тоҷику арман ба ҳисоб меравад (А.Давронов. Сайёди Наво ва адабиёти тоҷик. Садои Шарқ, 1996, № 5-8.).

## НАМУНАҲО АЗ ОСОРИ САЙЁДИ НАВО

Хоҳам он сон зистан, к-аз рӯзи худ суде барам.
То ки садҳо гушнаю бекас равад сер аз дарам.
То бигардам дур аз шарр, аз раҳи он нагзарам,

То накӯкорӣ шавад дар зиндагонӣ афсарам.
Ҷавшан аз одамгарӣ, инсоф бошад дар барам.

Оҳ, ман девонаам, овардаам аз ҳар диёр,
Баҳри мардум ганҷҳо ёқуту лаъли бешумор.
Молҳои қимат аз Ҳиндустони беканор,
Шоҳии озодапӯшу шоҳии хушрангу бор.
Мефурӯшам, худ зи ранҷи хеш миннат мебарам.

Моли бешу атласи гулгун кашондам аз Фаранг,
Аз дигар ҷоҳо кашондам молҳои ранг-ранг,
Парчаю хилъат барои дилбарони шӯхшанг,
Молҳое, ки бибахшам, чун маро ояд ба чанг,

Он чӣ кардам, буд хоҳиши дили афсунгарам.
Пеш аз ҳар кишвар овардам матои гунагун,
Дорчинӣ, заъфаронӣ, аргувонӣ, нилгун,
Овардам тойҳои пахта бо ранги забун,
Ғалла додам, гавҳари ноёб овардам фузун.

Буд дар дунё фақат ин шодмонию ғамам
Бишнавам гӯянд, ки Сайёди мо доро бувад,
Як сурудам дар баҳои қимати дунё бувад
Ҷовидонӣ зинда мондан орзуи мо бувад,
Эй суруди ман, умед аз туст, вақте бигзарам.

## КАСРО МАЁЗОР

Дило, дар зиндагӣ касро маёзор,
Бикӯш, аз хоксорӣ баҳра бардор,
Туро ин бевафо дунё чӣ даркор?
Худоро, дилбаронро кун парастиш.

Раҳи некӣ бипаймо, то тавонӣ,
Накӯкирдор шав дар зиндагонӣ.
Бихоҳӣ ҷовидонӣ зинда монӣ,
Китобу хомаатро кун парастиш.

Дило, хомӯш, пеши ҳокимон бош,
Барои хоҷаи худ меҳрубон бош,
Бале манзил барои дигарон беш,
Ба дар ояндагонро кун парастиш.

Ту, Сайёд, оқилона зиндагӣ кун,
Ки ҳаст ин зиндагӣ чун кафки собун
Навозиш кун ғарибони ҷигархун,
Дару девори худро кун парастиш.

*(Тарҷумаи Ғоиб Сафарзода.)*

## ЁРИ БОВАФОЯТ МАН

Ба доми ишқ побандӣ, азизам, нолаҳоят ман,
Мачин хори магелон—лолаву себаргаҳоят ман.
Чиноросо ба гармо соябон гардам бароят ман,
Нахоҳам ҳеҷ гаҳ шоми туро, субҳи сафоят ман.

Макун ёди гули дигар, маранҷон ин гули худро,
Ба ними гӯшаи чашме назар гоҳе ба мо бинмо,
Ки дар олам гуле ин сон наёбӣ дилбару зебо,
Мапарвар ишқи дигарро, ки ёри бовафоят ман.

Баҳоре, ки ба ҳам пайваст моро, дар хазон дидам,
Магӯ, булбул, ки умри гул ду-се рӯз аст дар олам,
Марав Ҳинду маҷӯ аз махмалу атлас нишоне ҳам,
Варо ёбӣ дар ин ҷо—атласи қиматбаҳоят ман.

Гули ман, ҷон агар хоҳӣ, ба ҷон бахшам барои ту,
Фақат бо ту даме шодӣ маро, хоҳам бақои ту,
Намемонам, ки хоре дархалад ҳаргиз ба пои ту,
Ҳаёти ҷовидон ар хоҳӣ, бинмоям атоят ман.

Маро ғам пир кард охир, ғами дунё, аё Сайёд,
Манеҳ аз каф даме ҷоми муҳаббатро, аё Сайёд,
Манол аз ишқ дигар, ёри беҳамто, аё Сайёд.
Суруди тозае бархон, ки тори хушнавоят ман.

*/Тарҷумаи Убайд Раҷаб/*

## НИГОРИ ШӮХ

Нигори шӯхи таннозам,
Ба кӯят саҷда месозам.
Туӣ созам, ту овозам,
Нигори шӯхи таннозам.

Саропо ҷодуӣ, ҷоду,
Нигоҳат рашки ҳар оҳу,

Кучо бурдӣ диламро, гӯ,
Нигори шӯхи таннозам.

Маризам, ҳарза мегӯям,
Ба по занҷир, девона,
Туро гӯям, туро ҷӯям,
Нигори шӯхи таннозам.

Биё оҳи дилам бишнав,
Ба дарди ишқ дармон шав,
Ба ҷони ошиқон ҷон шав,
Нигори шӯхи таннозам.

Ту гул, ҷоно, гули хушрӯ,
Нигар, мурдам, кучой ту,
Дили Сайёд хун шуд-ку,
Нигори шӯхи таннозам.

*/Тарҷумаи Гулчеҳра/*

## БЕ ТУ КАЙ ГИРАМ НАФАС

Бе ту кай гирам нафас, чун дилбари ҷонпарварӣ
Баҳри ман оби ҳаётӣ, оби ҳавзи Кавсарӣ,
Дар биёбони ғамат чун соябонам бар сарӣ,
Илтиҷо, кардам гунохе, аз гуноҳам бигзарӣ.

Қоматат чун сарву чун атлас рухи хандони ту,
Оҳ, мисли зарфи миной бувад чашмони ту,
Чун асал лабҳову чун дурдона хар дандони ту,
Ёқуту лаъли маро, балки аз он болотарӣ.

Сархушам аз ишқ, дил бо ёди ту осуда аст,
Фориғ аз ғамҳои дигар, аз ту ғам афзудааст,
Бо чӣ ташбеҳат кунам, гуфтанд хар чӣ будааст.
Умрро дар зиндагонӣ афсарӣ, болу парӣ.

Лаҳзае бо сӯҳбати худ хотирамро шод кун,
Манбаи нурӣ, диламро офтобобод кун.
Эй шаҳи гулҳо, тараҳҳум: ёд аз Сайёд кун.
Аз бароям савсану райҳону садбарги тарӣ.

*/Тарҷумаи Ғоиб Сафарзода/*

## СӮХТӢ, РАФТӢ

Ба ёдат ҳамчу мурғи дар қафас сар мезанам сад ҷо,
Ту аммо бигзарӣ, бар қасди ман, бо ноз бепарво.
Бувад рухсораат садбарги тар, худ ҷаннати пайдо,
Ба поят мениҳам сар, аз чӣ лутфе нестат бар мо?

Ту дар гулзор гулро бо нигоҳе сӯхтӣ, рафтӣ,
Зи тоби ҳусн бар ҷонам чароғ афрӯхтӣ, рафтӣ.
Дили дар оташамро сӯхтан омӯхтӣ, рафтӣ
Ба сад дил оташ афканда, хиромон меравӣ танҳо.

Ғуломи хеш хонам, ман ғуломи ҳалқабаргӯшат,
Бидеҳ ҷоям паси дарвозаи сокиту хомӯшат.
Паёпай дил тапад он ҷо ба ёди бӯсу оғӯшат,
Ту кардӣ, ёри бепарво, гирифторам ба ин ғамҳо.

Касе холи рухатро дид, дар доми балоят шуд,
Агарчӣ ҳеҷ медонӣ маро, дил мубталоят шуд.
Бирафтию фиғони дарднокам аз қафоят шуд,
Бифармо, умри худро дар раҳи ту мекунам савдо.

Фурӯ резад сиришк аз дида Сайёду кунад изҳор:
Тавонам, ки кашам бори ғаматро бо дили афгор,
Бихоҳам, ки кунам дар базмҳо васфи туро бисёр,
Агар бо чашми оташбор бошӣ дар барам он ҷо.

*/Тарҷумаи Ғоиб Сафарзода/*

**Савол ва супориш:**

1. Сайёди Наво тавассути кадом ҳунараш ба дарбори шоҳ роҳ ёфт?
2. Чаро шоир тарки дунё намуда, калисоро интихоб кард?
3. Аз эҷодиёти Сайёди Наво ба мо чӣ мерос мондааст?
4. Дар тарҷумаи ашъори Сайёди Наво кадом шоирони тоҷик ҳисса гузоштаанд?
5. Шеърҳоро ифоданок хонед ва аз ёд кунед.

## ШОТА РУСТАВЕЛӢ
**(асри XII)**

Дар охири асри XI ва чоряки аввали асри XII дар давраи ҳукмронии Довуди Бинокор (1089-1125) Гурҷистон ба як давлати феодалии пуриктидоре муттаҳид мешавад ва дар ҳаёти сиёсии давлатҳои дамгаҳи Осиё нақши калон мебозад.

Асри XII давраи аз ҷиҳати сиёсӣ мустаҳкам шудани давлати Гурҷистон ва давраи нашъунамои адабиёти классикии гурҷӣ маҳсуб мешавад. Дар ин давр ҳикояҳои паҳлавонӣ-хаёлӣ ("Амиран – Дареҷаниани"), достонҳои мадҳиявӣ ("Абдул – мадҳӣ"-и Шавтели, "Тамариани"-и Чахрухадзе ва ғайра) ба вуҷуд омада, инкишоф меёбанд.

Дар ин давра (а. XII) адабиёти таърихӣ низ тараққӣ мекунад. Барҷастатарин ёдгории маданияти гурҷӣ дар ин давр достони "Палангинапӯш"-и Шота Руставелӣ мебошад.

Дар бораи классики адабиёти гурҷӣ Шота Руставелӣ ба ҷуз достони оламшумули ӯ "Палангинапӯш" дигар маълумоте оид ба ҳаёт ва эҷодиёти ӯ то замони мо нарасидааст. Аз сарсухани шоир ба достон маълум мегардад, ки Шота Руставелӣ ин асарро ба маликаи Гурҷистон Тамара бахшидааст:

... Ба тори назм ман барчидаму қарзам адо кардам,
Малика то кунад озодам аз кулфат ба лутфи худ.

Азбаски оид ба тарҷумаи ҳол, мероси адабии Руставелӣ маълумоти дигари ҳуҷҷатӣ мавҷуд нест, бинобар ин баъзе хулосаҳоро аз рӯи мазмун ва образҳои достон дар бораи зиндагии шоир баровардан мумкин аст.

Ин достон аз рафоқат ва дӯстии се паҳлавони ҷавони олимартаба баҳс мекунад, се паҳлавони наҷиб – Автандили араб, Тариэли ҳиндӣ ва Фаридуни мулғозӣ (як мамлакати хаёлӣ) бо риштаҳои маҳками дӯстӣ бо ҳам пайванд мебошанд. Онҳо барои аз фалокат раҳонидани дӯсти худ, барои аз банди асорат халос кардани маҳбубаи вай Нестандарҷаҳон аз баҳри роҳату фароғати худ гузашта, сахтиҳо ва хатарҳоро ба худ раво дида, мубориза мебаранд ва ниҳоят комёб мешаванд. Дар асар муҳаббати наҷибонаи Автандилу Тинатин ва Тариэлу Нестандарҷаҳон муҳаббатест, ки бақои як оилаи хушбахтро таъмин намуда, ба дигарон низ хушбахтӣ оварда метавонад.

Тақдири таърихии ин асари безавол ва зиндагии муаллифи он то ҳол муаммоест барои муҳаққиқон ва хонандагон. Аввалин бор барои оммаи васеъ аз ин шоҳасар ва муаллифи он дар китоби муҳаққиқи рус Евгений Болховитинов, ки соли 1802 дар Петербург нашр гардидааст, маълумот дода мешавад.

Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX доир ба "Палангинапӯш" маълумоти саҳеҳ ба даст омад ва муаллифи он рамзи ватанаш Гурҷистон гардид.

Баъдтар шоираи англис Марджори Скотт Вордрол солҳои 90 асри XIX ба Гурҷистон меояд ва адиби номии гурҷӣ Иля Чавчавадзе ӯро бо достони Руставелӣ шинос менамояд ва ӯ ба омӯзиши забони гурҷӣ машғул мешавад. Соли 1912 хонандаи англис ба воситаи тарҷумаи ин зан аз "Палангинапӯш" огаҳӣ меёбад.

Замони зиндагии Руставелӣ ва эҷоди асари ӯ ба давраи ҳокимияти маликаи Гурҷистон-Тамара рост меояд ва дар достон мисраъҳое хас-

танд, ки аз муҳаббати шоир ба малика Тамара шаҳодат медиҳанд. Аз ин рӯ баъзе муҳаққиқон маншаи достонро қиссаи ишқи Руставелӣ ба Тамара донистаанд.

Баҳси дигар дар бобати номи шоир ва зодгоҳи ӯст. Дар Гурҷистони кунунӣ ва маъҳазҳо чандин Шота ва чандин Рустави қайд шудааст. Як деҳаи Рустави 20 километр дуртар аз Тбилиси ва дигаре дар ҷануби Гурҷистон, дар сарҳади Туркия воқеъ аст.

Руставелӣ маълумоти ибтидоиро дар ватанаш Гурҷистон гирифтааст. Баъд омӯзишро дар Юнон, дар Афина ё дар кӯҳи Олимп, ки дар он замон гурҷиҳои зиёде он ҷо таҳсил мекарданд, давом додааст. Руставелӣ забонҳои юнонӣ, арабӣ ва форсиро хеле хуб аз худ кардааст. Туфайли забони форсӣ аз сарчашмаҳои бо ин забон таълифгардида истифода бурдааст. Худи ӯ дар муқаддимаи достонаш мегӯяд:

Ба лафзи гурҷӣ орам қиссаҳои форсро имрӯз,
Кашам дурдонаҳо дар силки назми хуби табъафрӯз
Басо маънои рангин ҷустаму хуни ҷигар хӯрдам,
Ба лутфи оличанобӣ ман диҳад шодии дархӯрдам.

Аз рӯи баъзе сарчашмаҳои зикршуда ва гуфтаи халқ Руставелӣ бисёр сайру саёҳат намуда, дар пиронсолӣ ба Фаластин меравад ва дар ҳамон ҷо, дар Байтулмуқаддас вафот кардааст.

Қадимтарин дастхатти "Палангинапӯш" соли 1664 китобат шудааст. Дар натиҷаи кофтуковҳо зиёда аз 150 дастхатти ин достон пайдо шудааст. "Палангинапӯш" аввалин бор бо ташаббуси асосгузори матбааи гурҷӣ Вахтанг соли 1712 чоп шудааст. Баъд аз Вахтанг барои барқарор намудани матни асл нависандаи асри XIX гурҷ Иля Чавчавадзе кӯшишҳои зиёде ба харҷ додааст.

"Палангинапӯш" яке аз бузургтарин достонҳои адабиёти ҷаҳон мебошад.

Достони Шота Руставелӣ дар заминаи ҳаёти Гурҷистон ба вуҷуд омада, дорои хусусияти миллӣ мебошад. Аммо дар баробари ин вай асари ҷаҳонии умумиинсонӣ, дорои хусусияти байналмилалӣ аст.

Достони "Палангинапӯш" аз достонҳои дигари шарқии асри миёна бо он хусусияти худ фарқ мекунад, ки дар он мазмунҳои динӣ-мистикӣ (тасаввуфӣ) дида намешаванд.

Дар достон ғояи шарафу муҳаббати инсон, қаҳрамонӣ, паҳлавонӣ мадҳ карда мешавад. Дӯстӣ, бародарӣ, вафодорӣ, садоқат, муҳаббат мағзи достонро ташкил додаанд, рӯҳи достонро фаро гирифтаанд.

Шота Руставелӣ зиндагии паҳлавонии асри XII-ро тасвир мекунад. Қаҳрамонони достон Автандил ва Тариэл – ҳардуяшон ҳам ошиқанд.

Автандил ба малика Тинатин, Тариэл ба малика Нестандарҷаҳон ошиқ аст. Ишқи Автандил ва Тинатин – дурахшон, равшан, соф ва аз бадбахтиҳо дур аст. Ишқи Тариэл ва Нестандарҷаҳон аз сабаби мамониатҳои зиндагӣ душвор шудааст, ба ғайр аз ин, ҳар дуи инҳо ҳиссиёти хешро зуд ва самимона ошкор месозанд.

Девҳо (качетҳо) Нестандарҷаҳонро медузданд. Тариэл ба ҷустуҷӯи ӯ меравад, вале аз вай нишоне ёфт намешавад. Дар вақти сафару ҷустуҷӯ Тариэл бо Автандил вохӯрда, ошно мешавад. Автандил ба Тариэл барои ёфтани маҳбубааш ёрӣ мерасонад. Ин аст схемаи зоҳирии достон. Аммо мазмуну мундариҷаи достон назар ба схемаи фабула (мазмуни асосии воқеаҳои асари адабӣ) хеле чукуртар аст, чунки достони "Палангинапӯш" проблемаи ташаккули қувваи рӯҳияи қаҳрамононро хеле чуқур мегузорад.

Яъне на қувваи дурушти ҷисмонӣ ва иззати нафс, балки покизагии хулку атвор, поктинатӣ, вафодор будан ба ишқу муҳаббат ба маҳбуба, дӯсти ҷонӣ будан ба рафиқи диловар инсонро хушбахт мекунанд.

Шота Руставелӣ қонуни анъанавии шӯҳрати мардонро бо қонунҳои инсонии паҳлавонӣ иваз мекунад. Ин қонунҳо аввалин намунаҳои гуманизм ва инсондӯстӣ мебошанд. Зан дар тасвири шоир на ғанимати ҷангии марди ҷанговар ва на дилбари мистикии шоир аст. Занро дар ҷанг ба даст намеоваранд, ишқи ӯро ба олами охират нисбат намедиҳанд, ӯро пеш аз ҳама бо муҳаббат, рафтору кирдори қаҳрамононаи ахлоқӣ ба даст меоваранд.

Шота Руставелӣ дар ин масъалаи муносибати инсонӣ ба ҷои қонунҳои кӯҳнаи ишқу ошиқ ақидаю қоидаҳои навро талқин мекунад. Ин ақидаҳо намунаҳои аввалини гуманизми шоир аст.

Қаҳрамонони шоир на тақсимоти диниро медонанд, на тақсимоти миллиро. Дар достони "Палангинапӯш" фишори калисои асри миёна ва рӯҳониён мушоҳида намешавад. Инчунин маҳдудияти миллӣ, ки он вақт дар замони феодализм ҳукмрон буд, низ дида намешавад.

Шота Руставелӣ дӯстию бародарии паҳлавононро, ки бо қаробати маънавӣ, ахлоқӣ, идеалӣ ва ягонагии вазифаҳои ҳаётиашон вобастаанд, тасвир мекунад.

Ин навъ гузориши масъала, ғоя, ахлоқ, амалиёт барои ҷамъияти феодалии асри миёна низ зуҳуроти нави ғояи пешқадам дар адабиёт буд. Дар айни ҳол вай намунаи наҳустини ҳаракати азими гуманизм гардид ва баъди дусад соли Шота Руставелӣ Аврупоро фаро гирифт. Ба ҳамин тариқ Шота Руставелӣ дар достони "Палангинапӯш" ғояҳои пешқадами худро дар масъалаҳои зерин ифода кардааст:

1. Дар шароити феодализми асри миёна зарурати давлати пуриқтидори ягонаи адолатпарвар, ки ин идея дар осори бисёр адибони асри миёнаи Шарқ ва эҷодиёти халқ ба воситаи орзую омол ва мадҳу тавсифи подшоҳи одил ифода гардидааст.
2. Ҳимояи ватан аз истилогарони хориҷӣ, муборизаи қаҳрамонона барои истиқлоли ватан ва озодӣ.

**"Палангинапӯш"** воқеан бо ғояи башардӯстӣ ва иттиҳодпарастиаш дар хазинаи маданияти ҷаҳонӣ мақоми шоиста дорад. Ҷиҳати дигари

маҳбубияти ин асар миёни тоҷикон дар он зоҳир мешавад, ки аз чашмасори Шарқ об хӯрдааст. Дар ин мавриди дар дебочаи асар омадааст:

... Ба лафзи гурҷӣ орам қиссаҳои форсро имрӯз,
Кашам дурдонаҳо дар силки назми хуби табъафрӯз.
Басо маънои рангин ҷустаму хуни ҷигар хӯрдам,
Ба лутф оличаноби ман диҳад шодии дархӯрдам.

* * *

Ба ёди як нигоҳи ӯ ду чашмам косаи хун аст,
Дили ман мубталои ӯ, диёрам дашту ҳомун аст.
Агар сӯзад саропоям, надорам бок, хурсандам,
Зи шеър афрӯхтан машъал ба он се гурди дилбандам.

* * *

Зи хатти сарнавишти худ наёяд кас бурун асло,
Ба кишташ деҳқон шоду сипаҳ бо шамшери бурро.
Ба ошиқ хуштар аз лутфи нигораш чизи дигар нест,
Чи хуш, ҳар кас ба коре банду бо ҳам кинапарвар нест.

* * *

Чаманзори диёри илму ирфон назми волояст,
Дар ӯ нури илоҳӣ ҳасту сомеъро фараҳзояст.
Аз ӯ бар меҳӯрад он кас, ки маънорас бувад, ҳаққо,
Чи хуш назм аст он қатра, ки созад акс оламро.

* * *

Бисанҷид аспро дар роҳи дуру тундпаймой,
Зи ҷустӣ марди чавгонбоз дорад дастболой.
Ҳамин сон шоир ондар шеъргӯӣ мебарад шӯҳрат,
Зи гуфтан лаб фурӯ бандад, агар байташ кунад лакнат.

* * *

Назар бар шоир андозед он гоҳе, ки илҳомаш
Бияфсурду каломаш бесафо гардиду беоташ,
Зи маъноҳои рангини фасоҳатноки оташбор
Шикоре метавонад кард оё чобуку ҳушёр.

**Савол ва супориш:**

1. Оид ба замони зиндагии Руставелӣ ва пайдоиши асарҳои таърихӣ, паҳлавонию хаёлӣ ва мадҳиявӣ боз чиҳоро медонед?

2. Ғояи шарафи инсон, муҳаббат, вафодорӣ, ҳимояи ватан дар "Палангинапӯш"-и Руставелӣ чӣ хел тасвир шудааст?

3. "Палангинапӯш" ва "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ чӣ умумияте доранд?

4. Порчаеро аз "Палангинапӯш" аз ёд кунед.

## ФУЗУЛӢ
**(1494 — 1556)**

Муҳаммад Сулаймон-ӯғлӣ Фузулӣ дар соли 1494 дар шаҳри Карбалои Ироқ дар оилаи озарбойҷонии босавод таваллуд шадааст.

Шоир аввал дар Карболо, баъд дар Бағдод таҳсил карда, умри худро дар Бағдод бо кори таълиму тадрис сарф намудааст.

Фузулӣ дар такомул ва инкишофи ғазали туркӣ ҳиссаи намоёне дошта, баъд аз Навоӣ дар ин жанр ниҳоят зебо, ниҳоят нафис ва ниҳоят оҳангдор ғазал гуфтааст.

Фузулӣ ба мисли Ҳофизи Шерозӣ шоири муштараки халқҳои туркзабон мебошад.

Фузулӣ аз ибтидои эҷодиёти худ сар карда, ба жанри ғазал аҳамият додаву дар он комёбӣ ва шӯҳрат пайдо кардааст.

Муваффақияти Фулулӣ дар жанри ғазал бештар аз гуфтаи худи ӯ бармеояд. Ӯ дар дебочаи куллиёти худ навиштааст: "Ҳамин, ки шоириам муқаррар гардид, як қисми умрамро бо омӯхтани илмҳои гуногун сарф кардам".

Аз рӯи ақидаи дурусти Фузулӣ "Шеъри хориҷ аз илм ҳамчун девори бетаҳкурсӣ басе беэътибор аст".

Ғазалиёти Фузулӣ аз чашмаи илму маърифат шодоб гардида, зиёда аз чорсад сол аст, ки хонандаро мафтун месозад.

Гарчанде ғазалиёти ширин ва дилнавози туркии Фузулӣ дар мамлакати мо асрҳо боз шӯҳрат ёфта, девони туркии ӯ ба қатори китобҳои хониши мактабҳои тоинқилобӣ даромадаву ғазалҳои самимию ҳаяҷонбахши ӯро сарояндагону ҳофизони гузашта ва ҳозира дар оҳангҳои гуногун сурудаанд, аммо девони форсӣ-тоҷикии Фузулӣ то ҳол шӯҳрат наёфтааст.

Соли 1960 бо номи "Гулчин аз гулзори назми Фузулӣ" бо саъю кӯшиши Раҳим Ҳошим китобчае нашр гардид. Раҳим Ҳошим дар сарсухани китобчаи мазкур дар бораи Фузулӣ, девони форсӣ-тоҷикии ӯ, дар хусуси ашъори шоир маълумоти мухтасар додааст.

Олими озарбойҷонӣ профессор Ҳамид Араслӣ аз як нусхаи девони форсӣ-тоҷикии Фузулӣ, ки дар соли 1589, яъне 33 сол пас аз вафоти шоир

китобат шудааст, мунтахабе тартиб дода ба муносибати ҷашни 400-солагии вафоти шоир дар Боку бо алифбои арабӣ нашр гардонид.

Фузулӣ дар як давраи пуршӯру ғавғо ва ҷангу ҷидоли Ироқ умр ба сар бурдааст. Дар замони ӯ ин мамлакат дар байни султонҳои турк ва шоҳони Эрон аз даст ба даст гузашта, хунрезиҳои зиёде рӯй медоданд. Табиист, ки ин хунрезию харобиҳо ба эҷодиёти шоири ҳассос бетаъсир намонда, дар ашъораш мӯҳри яъсу навмедӣ ва ҳасрату нокомӣ гузоштаанд.

Фузулӣ шоири лирик аст. Шоир ҳақиқат, адолат, баробарӣ ва муҳаббатро орзу мекунад, вале дар замони худ натиҷаи ин орзуҳои гуманистии худро пайдо карда натавониста, онҳоро дар олами дил, дар дунёи ишқ баён мекунад.

Шоир ин орзую идеали дурахшони худро ба риштаи умеду хаёлоти ширинаш мечинад ва дар мисраъҳои ашъораш бо дарду ҳасрат ифода мекунад ва дарун-дарун месӯзад.

Шароб дар дидаи шоир хуни дилест, ки аз ҷабру ҷафои фалак ба ҷӯш омада, гулбуни боғи ҳусн ба ҷуз фиғону нола ҳосили дигаре надорад. Ӯ аз дасти фалак доду фарёд мезанад, образҳои маҳбубагон, ки сифатҳои олии гуманистиро дар бар кардаанд, ба ӯ наздик омада наметавонанд, рақиби даҳшатнок барои шоир ҳамеша садди роҳ мегардад.

Ин рақиби маҷозӣ, рамзии шоир ҳамон золимону бедодгарони замона мебошанд, ки халқро қурбони ҷоҳилию кирду кори худ кардаанд.

Эътироз ба муқобили беадолатиҳои иҷтимоии ҷамъияти феодалӣ, бераҳмию зулми ҳокимон, мунофиқии рӯҳониён мазмуни зоҳирӣ ва маҷозии ба ҳам печидаи ашъори Фузулиро ташкил медиҳанд.

Инсондӯстӣ, меҳру муҳаббат, дилхушӣ, самимияти инсон ва гоҳо ба орзуи худ ноил шуда тавонистан дар ашъори шоир тавъам амал мекунад. Қаҳрамони лирикии шоир дар ҳолатҳои навмедӣ ва бебарорӣ гӯшаи танҳоӣ ихтиёр мекунад.

Ин натиҷаҳо фоҷиаи ҳаёти Фузулӣ, балки тақрибан фоҷиаи зиндагии ҳамаи мутафаккирон, файласуфон, шоирони асри миёна, замони феодализм буд.

Осори адабии Фузулӣ хеле зиёд аст. Яке аз машҳуртарини онҳо достони "Лайлӣ ва Маҷнун" мебошад, ки дар байни достонҳои ба ин ном таълифшуда асари барҷаста ба шумор меравад. Дар ин асар Фузулӣ анъанаи Низомӣ ва Навоиро давом дода, муҳаббати поки инсониро васф мекунад. Ӯ дар асарҳои тамсилии худ "Банг ва бода", "Сиҳат ва мариз" дар бораи масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ-ахлоқии замони худ андешаҳо изҳор кардааст.

Фузулӣ осори бисёри илмӣ ва фалсафӣ низ таълиф кардааст, ки онҳо ба забонҳои туркӣ, форсӣ ва арабӣ мебошанд.

Қиссаи фалсафии Фузулӣ "Анис-ул-қалб" дорои фикрҳои иҷтимоӣ ва пурэътирози шоир буда, "дар он афкори иҷтимоиву фалсафии худро иб-

роз дошта, ба ихлосу сипоси тамом қайд мекунад, ки асоси мазмун, маънӣ, образ ва ғояи ин асарро аз пешинагони бузурги эрониасл гирифтааст:

На ман танҳо шудам бонии ин хона к-аз аввал буд
Асос аз комилони Ҳинду Шервону Хуросонаш.
Се рукни хона буд аз Хусраву Хоқонию Ҷомӣ,
Ман аз Боғдод кардам саъй дар такмили арконаш.
Зи кони табъ фӯлоде бурун оварда Хоқонӣ,
Равон сӯи Хуросон кард аз Деҳливу Мултонаш
Ҷилое дод онро Ҷомӣ, он гаҳ ҷониби Боғдод
Фиристод аз барои ходимони Шоҳмардонаш.[1]

Воқеан, ғазалиёти Фузулӣ барои "мардуми эронинажод як ҳодисаи басо гуворои адабӣ ҳисоб меёфт, ки аз он нидои зиндагӣ, дарду сӯзиши дил, фарёди рӯҳ, ҷонбозӣ дар роҳи армонҳои башарӣ, висолу ҳиҷрони ишқ хонда мешуд".

Фузулӣ бо нозукбаёнӣ ва самимияти ҳиссиёт, эҳсоси баланди шоирона, бо сӯзу гудоз ва равонию мусиқории ашъораш, махсусан ғазалиёташ натанҳо дар адабиёти халқҳои туркизабон, балки дар адабиёти тамоми Шарқи мусулмонӣ мавқеи махсусе дорад ва ба эҷодиёти бисёр шоирон таъсир расонидааст.

## НАМУНАҲО АЗ АШЪОРИ ФОРСИИ ШОИР

Нолаи зоре, ки дар дилҳо асар дорад, куҷост?
Оҳи ҷонсӯзе, ки дилҳоро ба дард орад, куҷост?

Дардманде, к-аз муҳаббат дар дилаш дардест, ку?
Бедиле, к-аз дард доғе бар ҷигар дорад, куҷост?

Дилбарон бисёр, манзурӣ кунад айни вафо,
Гӯшаи чашме бар арбоби назар дорад, куҷост?

Кист дар роҳи вафо, к-аз ҳар чи бошад бигзарад,
В-он ки дар кӯи вафодорӣ гузар дорад, куҷост?...

Шоҳиди ҳусн аст дар ҳар ҷо ба ранге ҷилвагар,
Орифе, к-аз ҷилваҳои ӯ хабар дорад, куҷост?

Хуб мебошад Фузулӣ, шеваи озодагӣ,
Дар риёзи[2] даҳр нахле, к-ин самар дорад, куҷост?

[1] *Валӣ Самад.* Аз қаъри Хазар то авҷи Зуҳал. -Душанбе: Маориф, 1991, саҳ.74.
[2] *Риёз* - боғ, гулистон.

Дорам дар ин замонаи бад толеи забун,
Толеъ чунин, замона чунон, чун кунем, чун?!

Хур[1] нест, ҳар саҳар паи озори мо фалак
Дасте зи остини ҷафо мекунад бурун.

Кам дидаем бар рухи зарду сиришки ол
Ранги тараҳҳум аз равиши чархи нилгун.

Хун меравад зи дидаи мо, баски чун шафақ
Бемеҳрии фалак дили мо кардааст хун.

Мо дун наем, гар накунад майл дур нест
Бо ғайри ҷинси худ зи адоват сипеҳри дун.

Фарҳод дид заҳмати сайри бало басе,
Печид пои аҷз бо домони Бесутун.

Дар зикри ҷаври давр, Фузулӣ, туро чӣ суд?
Кам гӯй нуктае, ки аз он ғам шавад фузун!

* * *

Эй суханпарвар, зи назми хештан ғофил машав,
Нест фарзанде дар ин олам аз ин беҳтар туро!

Гар бувад дар вай фасоде қобили ислоҳ ҳаст,
Сар намепечад зи ҳикмат, ҳаст фармонбар туро.

Нест он худком фарзанде, ки ҳар соат диҳад
Бо тақозоҳои рангоранг дарди сар туро.

Солҳо бас бошадаш кисват[2] зи коғазпорае,
Дар хазу[3] атлас набояд кард сарфи зар туро.

Мехӯрад доим гизои худ зи бустони давот,
Нест мутлақ ғуссаи ширу ғами шаккар туро.

Меравад ҳар ҷо, ки бошад бе матоу бемалол,
Рафта-рафта мекунад машҳури баҳру бар туро.

---

[1] *Хур* – хуршед.
[2] *Кисват* – либос.
[3] *Хаз* – навъе матои абрешимӣ.

## “АНИС-УЛ-ҚАЛБ”

Дилам дурҷ[1] асту асрори сухан дурҳои ғалтонаш,
Фазои илм – дарё, файзи ҳақ – борони найсонаш.

Раҳе дорад забон, гӯё, сӯи ин дурҷу ин дарё,
Ки бе имсок[2] мебинем ҳар соат дурафшонаш.

Забон аст он, ки инсонаш ҳамегӯянд аҳли дил,
Ки ҳайвон то намегӯяд, намегӯянд инсонаш.

Касе қадри забони хеш, медонам, намедонад,
Ҳамоно қимате чандон надорад лаъл дар конаш...

Зи тан, мапсанд, ҷон берун равад бе касби ирфоне,
Ки ҷон тифл асту баҳри касби ирфон тан—дабистонаш!..

Ба ирфон кӯш, то дорӣ ҳавосу ақл дар фармон,
Чӣ кор ояд зи устоде, чу барчинанд дӯконаш!

Ба ҳар илме, ки дорӣ, эътирофе кун ба нодонӣ,
Ки доно чун шавад мағрур, мехонанд нодонаш...

На аз баҳри Худо таъмири масҷид мекунад зоҳид,
Барои худфурӯшиҳост ин тазйини дӯконаш!

Магӯ тасбеҳгардон аст ангушти риёпеша,
Паи данё харидан мешуморад нақди имонаш.

Агар пайваста пур бошад зи май паймонаи ринде,
Зи шайхе беҳ, ки бо маъбуди худ суст аст имонаш.

Касе, к-ӯ аз ҷаҳолат лофи дониш зад, макун бовар,
Ки дорад раҳ ба сӯи ҳикмату асрори пинҳонаш...

Фиғоне нест аҳли ҳирсро, зеро агар шахсе
Шаҳи Эрон шавад, албатта, бояд мулки Тӯронаш.
Диле к-аз оташи ҳирс аст сӯзон, ҳаст маҳмуме[3],
Дамодам изтироб аз баҳри зар авқоти бӯҳронаш.

---

[1] *Дурҷ* – сандуқча барои ҷавоҳирот ва зинати занон.
[2] *Имсок* – хасисӣ, мумсикӣ.
[3] *Маҳмум* – одами таблор.

Чу касро нест бар такмили асбоби ҷаҳон қудрат,
Раҳи ҳирс аст он роҳе, ки пайдо нест поёнаш.

Касе, к-аз моли мардум ин гумон дорад, ки то бошад,
Дамодам қаляву бирён шавад ороиши хонаш.

Куҷо орад тараҳҳум бар ҷигарҳои дусадпора?
Куҷо сӯзад дили бераҳм бар дилҳои бирёнаш?

Халоикро фароғе нест дар даври шаҳи золим,
Балои гӯсфанд аст ин, ки бошад гург чӯпонаш.

Мазан арра паи тартиби тахт, эй ҳокими золим,
Ба нахле, к-аз паи нафъи ту парвардаст деҳқонаш!

Гуландоме, ки аз лаб марҳами реши дилат бахшид,
Мурувват нест озурдан лаб аз осеби дандонаш.

Чӣ месозӣ чунон тахте, ки хоҳад рафт чун киштӣ
Ба он обе, ки мерезад фақир аз нӯки мижгонаш!

Ту дар амволи деҳқон чун шарикон баҳрае дорӣ,
Ба шарти он, ки аз ҳар офате бошӣ нигаҳбонаш.

Туро бояд кашидан вақти фавти моли ӯ товон,
Ту чун офат шудӣ дар моли ӯ, бар кист товонаш?

Гули қурби салотинрост хор аз чӯби дарбонон,
Намеарзад умеди ганҷ бими захри сӯъбонаш! [1]

Чу дорад қурби султон бими сад офат, гадо он беҳ,
Ки созад тахтаи таълими тарк аз чӯби дарбонаш!

Гадоро бӯса бояд зад ба чӯби ҳоҷибон[2], з-он рӯ,
Ки доим мекунад дур аз болои қурби султонаш!

Раҳи девони султон ҳар ки бишносад, маҳон мардум,
Ки мардумро на расм аст ин, ки бошад рифқи девонаш.
Шаҳонро зарра-зарра хок бар сар мекунад даврон,
Фиребе медиҳад чун тифл бо ашколу алвонаш.

---

[1] *Сӯъбон* –мори калон, аждаҳо.
[2] *Ҳоҷиб* – дарбони подшоҳон.

Ба сар гар нашъае дорӣ, макун зоеъ ба ҳар завқе,
Ба каф гар гавҳаре дорӣ, мадеҳ аз даст арзонаш.

Зи кофир меситонӣ молу мегӯӣ ҳалол аст ин,
Чӣ мегӯӣ, ки ҳоло меситонӣ аз мусулмонаш?

Ҷаҳон шӯрида дарёест, к-аз амвоҷи он мавҷе
Ба даври Нӯҳ пайдо шуд, лақаб карданд тӯфонаш...

**Савол ва супориш:**

1. Мунтахаби ашъори тоҷикии Фузулӣ кай ва дар куҷо чоп шудааст?

2. Дар ғазалиёти Фузулӣ ба ғайр аз мавзӯи ишқу муҳаббат боз ба кадом мавзӯъҳо дучор шудан мумкин аст?

3. Байти

Хун меравад зи дидаи мо, баски чун шафақ,
Бемеҳрии фалак дили мо кардааст хун. –

ро маънидод кунед.

4. Яке аз ғазалҳои тоҷикии Фузулиро аз ёд намоед.

## СОДИҚ ҲИДОЯТ
**(1903 – 1951)**

Ҳарчанд ки нисбат ба осору аҳволи адибони ҳамзабони эронии мо дар Тоҷикистон таваҷҷӯҳ зиёд буд, вале на ҳар хонанда имкони шиносоии бевосита ба маҳсули қалами онҳоро дошт. Бо шарофати истиқлол ёфтани Тоҷикистон ва аз миён бардоштани ҳадҳои сунъӣ хонандаи тоҷик имконияти шиносоии бештаре ба эҷодиёти шоиру нависандагони эронӣ пайдо намуд.

Содиқ Ҳидоят як тан аз нависандагони номӣ ва сермаҳсули Эрон буда, тозакориҳои жанрӣ ва мавзӯии зиёде дар адабиёти Эрон ба номи ӯ вобастагӣ дорад. Содиқ Ҳидоят 17 феврали соли 1903 /28-уми баҳмани соли 1281/ дар шаҳри Теҳрон дида ба ҷаҳон кушодааст.

Дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва такмили саводи ӯ дар даврони ҷавонӣ муҳити хонаводагӣ таъсир расонидааст. Замони зиндагии ӯ ба давраи хуруҷи ҳаракати озодихоҳӣ ва ҳамчунин шикасти ин ҳаракату ноумедиҳои озодихоҳон рост омадааст.

Адабиёти Эрон низ ин замон ҳамин гуна барору нобарориро аз сар мегузаронид. С. Ҳидоят бо такя ба ҳолати иқтисодии оилавӣ ва наздиконни сармоядораш метавонист чун як шахси доро мавқеъ пайдо намояд. Аммо ин ҷавони мушоҳидагар ноҷӯриҳои ҳаёти иҷтимоии Эронро ҳис намуд ва барои худ роҳи дигаре интихоб кард. Як хусусияти фарққунанда дар характери ӯ ин садоқат ва ростгӯиву ҳақпарастӣ буд. Ин буд, ки

ӯ дар натиҷаи мушоҳидаҳои ҳаёт душмани ашаддии дурӯғ, дурӯягӣ ва таассуби динӣ гардид.

Ҳарчанд ки С. Ҳидоят акидаашро нисбат ба дин ошкоро баён накардааст, аммо осори адабӣ ва кисман асарҳои илмии ба маданияти кадими Эрон ва забони паҳлавӣ /форсии миёна/ бахшидаи ӯ дар бораи ин паҳлӯи ҷаҳонбини Содик Ҳидоят маълумот дода метавонад.

Тибки маълумоти ба даст омада ва ишораҳои муҳаккикон Содик Ҳидоят ба кори эҷодӣ ҳанӯз замони мактабхонӣ оғоз намудааст. Аммо асарҳои ицдавраинаи эҷодиёти ӯ боқӣ намондааст. Танҳо як тадкиқоти ӯ дар бораи Умари Хайём маълум аст, ки соли 1923 навишта шуда, бори аввал соли 1924 дар Теҳрон нашр гардидааст. Ҳамчунин ба як асари дар синни 15 солагиаш /1918/ навиштаи ӯ низ ишора мекунанд.

Ҷаҳонбинии Содик Ҳидоят бо такя ба ду манбаъи асосӣ-маданияти гузаштаи форсизабон ва фарҳангӣ аврупоӣ ташаккул ёфтааст. Ӯ аз огози эҷодиёташ ба омӯзиши фарҳанги мардумиаш намунаҳои беҳтарини осори насриро дар адабиёти Эрон ба вуҷуд овард.

Муҳаккики асари С. Ҳидоят Д.С. Комиссаров қайд кардааст, ки роҳи инкишофи реализми танқидӣ дар Эрон бисёр мураккаб ва пурихтилоф аст. Ва куллаи баланду муваффакияти насри адабии реалистӣ дар ин адабиёт эҷодиёти Содик Ҳидоят аст. Ихлос ва муҳаббат нисбат ба мардуми оддии меҳнатӣ дар асарҳои С. Ҳидоят алайҳи нобаробарии иҷтимоӣ, таҳқири шахс ва нодорӣ нигаронида шудааст.

Новеллаҳои ӯ, ки аз ҷиҳати шаклу мазмун ва мавзӯъ халкианд дар ватани нависанда ва хориҷ аз он эътибори баланд пайдо намуд. Аз ҳамин сабаб куввахои иртиҷоӣ дар ин новеллаҳо як навъ куввааи барояшон хатарнокро ҳис намуда, барои бадном намудани ин асарҳо ва муаллифи онҳо ҷадал доштанд.

Шояд ба ҷурми муҳит бошад, ки маҳсули эҷодии С. Ҳидоят замони дар кайди ҳаёт будани ӯ мавриди таҳкик ва баррасӣ карор нагирифтааст. Ҳарчанд ки кобилияти фавкулоддаи ӯро дар эҷоди асарҳои насрӣ ҳанӯз солҳои 30-40 дӯстонаш таъкид намуда буданд.

Танҳо ду нафар аз каламкашони ҳамзамони ӯ ҷуръат пайдо намуданд, ки дар мавриди маҳорати нависандагӣ ва кимати асарҳои ӯ андеша баён намоянд. Инҳо чеҳраҳои шинохтаи адаб ва фарҳанги Эрон Эҳсони Табарӣ ва Бузург Алавӣ буданд. Танҳо баъди вафоти С. Ҳидоят дар бобати ӯ дар Эрон ва берун аз он маколаву маҷмӯаҳо пайдо шуданд, ки бештари онҳо ба солгарди вафоти ӯ бахшида шуда буд.

Ҳамаи маколаву гузоришот ва маҷмӯаҳову китобҳои алоҳида дар бораи Содики Ҳидоят ба рӯзгори шӯрангез ва пурфоҷиаи шахсии ӯ ишора мекунанд. Афтодарӯҳӣ ва гоҳо дунёбезории ӯро ба муҳити нороми замона ва ҳолати вазнини мардуми оддӣ вобаста медонанд. Ин хусусият дар осор ва зиндагии шахсии С. Ҳидоят баъди ваъдаҳои зиёд сари кудрат

омадани Ризошох ва мардумро фиреб дода, сохти диктаториро ҷорӣ намудани ӯ боз равшантар гардид.

Даврaи нави рӯхафтодагӣ барои Содик Ҳидоят ин нимаи дуюми солҳои 40-ум, замони дар Эрон ҷорӣ ва барқарор гардидани низоми харбӣ-полисӣ буд. Ин замон иртиҷоъ бо роҳбарии Муҳаммад Ризо алайҳи қувваҳои некандеш ва эҷодкор мубориза оғоз намуданд.

Содиқ Ҳидоят узви ягон ҳизби сиёсӣ набуд, аммо доимо ҷонибдори ақоиди пешқадам ва тараққихоҳ буд. Солҳои 40-ум ӯ ба роҳбарони ҳизби Халқӣ наздикӣ пайдо намуда, ба онҳо ёрмандӣ намуд. Аммо оқибат ба вазъият ва муҳити вазнини Эрони солҳои 40-ум тоб наоварда, соли 1950 ба Фаронса ҳиҷрат намуд. Ҳаёти пурҷӯшу хурӯши ӯ, ки саршори афкор ва ақоиди эҷодӣ буд, 9 апрели соли 1951 дар ғарибӣ хотима ёфт.

Аз Содиқ Ҳидоят мероси бои адабӣ ва илмӣ боқӣ мондааст, ӯро чун нависандаи реалист-воқеанигор дар Эрон ва мамлакатҳои дигар эътироф намудаанд. Фаъолияти эҷодии ӯро ба ду давра тақсим намудаанд. Ин даврахоро муҳаққиқон сифатан фарқкунанда, аммо инкишофдиҳандаи як анъана-анъанаи реалистӣ ҳисобидаанд.

Даврaи аввали эҷодиёти ӯ аз соли 1926, аз эҷоди ҳикояи нотамоми "Марг" оғоз ёфта, асарҳои то соли 1941 таълифнамудаи ӯро фаро гирифтааст.Эҷоди асарҳои "Зиндабагӯр", "Парвин - духтари Сосонӣ", "Афсонаофариниш" /1931/, "Се катра хун" /1933/, "Соярӯшан", "Улвихонум", "Мозёр" /1935/, "Буфи кӯр" /1937/ ба ҳамин давраи фаъолияти эҷодии Содиқ Ҳидоят мансубанд.

Асари "Буфи кӯр"-ро аз ҷиҳати жанр повест ва ҳам роман маънидод менамоянд. То эҷоди ин асар С. Ҳидоят асарҳои зиёди насрӣ навишта, як навъ барои офаридани асарҳои калонҳаҷм омода гардида буд.

Тарзе адабиётшинос Х. Асозода навиштааст " дар достони /романи/ "Буфи кӯр" ҳама воқеаву ҳодисаҳо аз ҷониби ровӣ ҷараён мегирад.

Ин ровӣ касест, ки барои хонандаи адабиёти форсии эронӣ ҳанӯз аз замони машрута ошно аст. Ӯ равшанфикрест, ки ҳамеша бехрӯзии иҷтимоиро талош дорад ва оқибат дар ин роҳ бо яъсу ноумедӣ гирифтор шуда, худро ба чанголи марг меандозад" /Адабиёти Эрон дар садаи XX. Душанбе,1977, саҳ.181./

Агар дар даврaи аввали эҷодиёти ӯ мавзӯъҳои иҷтимоӣ мавкеи асосӣ дошта бошанд, дар даврaи дуюм мавзӯъҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ мақом пайдо менамоянд. Ин давра асарҳои аз соли 1942 то соли 1950 навиштаи адибро фаро мегирад. Дар ин давра Содиқ Ҳидоят бештар ба масоили иҷтимоиву сиёсии ҷомеа таваҷҷӯҳ зохир намудааст. Ҳарчанд осори ин давра аз маҳсули даврaи аввал тафовутҳои зиёди сифатӣ дорад, аммо ҳамеша як мақсад-озодии инсон ва қадру манзалати он дунболагири асарҳои ӯ будаанд. Асарҳои "Саги велгард" /1942/; "Паёми Кафка" /1949/, "Қазияи зери бута" /1943/, "Оби зиндагӣ" /1944/, "Ҳоҷӣ-оқо" /1944/,

“Валангорӣ” /1943/, “Тӯпи марворӣ” /1948-49/ ва дигар асарҳои ӯ маҳсули давраи дуюми эҷодиёти Содиқ Ҳидоят буда, дар онҳо мушоҳидаҳои ӯ аз зиндагӣ, масъалаҳои мухталифи худи нависанда ҳунармандона ба риштаи тасвир кашида шудаанд.

Хонандагони тоҷикистонии осори ӯ нисбат ба навиштаҳои ин “нангу номуси Эрон” дилбастагӣ доранд ва асарҳояш дар рӯзномаву маҷаллаҳо ва нашриётҳои Тоҷикистон борҳо нашр гардидааст. Яке аз ҳикояҳои дилошӯби ӯ “Се қатра хун” ба сифати муште аз хирвор пешкаши хонандагони тоҷик мегардад.

## СЕ ҚАТРА ХУН

“Дирӯз буд, ки утоқамро ҷудо карданд. Оё ҳамон тавре ки Нозим ваъда дод, ман ҳоло ба куллӣ муолиҷа шудаам ва ҳафтаи дигар озод хоҳам шуд? Оё нохуш будаам? Як сол аст, дар тамоми ин муддат ҳар чӣ илтимос мекардам, коғазу қалам мехостам, ба ман намедоданд. Ҳамеша пеши худам гумон мекардам ҳар соате, ки қаламу коғаз ба дастам бияфтад, чӣ қадар чизҳо, ки хоҳам навишт... Вале дирӯз бидуни ин ки хоста бошам, коғазу қаламро бароям оварданд. Чизе, ки он қадар орзу мекардам, чизе ки он қадар интизорашро доштам...! Аммо чӣ фоида аз дирӯз то ҳоло ҳарчи фикр мекунам, чизе надорам, ки бинависам. Мисли ин аст, ки касе дасти маро мегирад ё бозуям беҳис мешавад. Ҳоло ки диққат мекунам, мобайни хатҳои дарҳаму барҳаме, ки рӯи коғаз кашидаам, танҳо чизе, ки хонда мешавад, ин аст: “Се қатра хун”.

“Осмон лоҷувардӣ, боғча сабзу гулҳо рӯи теппа боз шуда, насими ороме бӯи гулҳоро то ин ҷо меовард. Вале чӣ фоида? Ман дигар аз чизе наметавонам кайф бикунам, ҳамаи инҳо барои шоирҳо ва бачаҳову касоне, ки то охири умрашон бача мемонанд, хуб аст. Як сол аст, ки ин ҷо ҳастам, шабҳо то субҳ аз садои гурба бедорам. Ин нолаҳои тарснок, ин ҳанҷараи (садопарда) харошида, ки ҷонамро ба лаб расонида. Чӣ рӯзҳои дарозу соатҳои тарсноке, ки ин ҷо гузаронидаам, бо пироҳану шалвори зард рӯзҳои тобистон дар зери замин даври ҳам ҷамъ мешавем ва дар зимистон канори боғча ҷилави офтоб менишинем. Як сол аст, ки миёни ин мардумони аҷибу ғариб зиндагӣ мекунем. Ҳеҷ ваҷҳи иштироке байни мо нест, ман аз замин то осмон бо онҳо фарқ дорам, вале нолаҳо, сукутҳо фуҳшҳо, гиряҳо ва хандаҳои ин одамҳо ҳамеша хоби маро пур аз кобус хоҳад кард”.

“Ҳанӯз як соати дигар монда, то шомамонро бихӯрем, аз ҳамон хӯрокҳои ҷопӣ (маъмулӣ): оши мост, ширбиринҷ, чалав, нону панир, он ҳам ба қадри бихӯру намир. Ҳасан ҳамаи орзуяш ин аст, як дег ашканаро№ биёваранд. Ӯ ҳам яке аз одамҳои хушбахти ин ҷост, бо он қади кӯтоҳ, хандаи аҳмақона, гардани кулуфт (ғафс), сари тосу дастҳои кумухти (дағал) бастаи барои новакашӣ офаридашуда. Ҳамаи зарроти танаш гувоҳӣ медиҳанд ва он нигоҳи аҳмақонаи ӯ ҳам ҷор мезанад, ки барои

новакашӣ офарида шуда. Агар Муҳаммад Алӣ он ҷо сари наҳору шом намеистод, Ҳасан ҳамаи моҳоро ба худо расонида буд. Вале худи Муҳаммад Алӣ мисли мардумони ин дунёст, чун ин ҷоро ҳар чӣ мехоҳанд, бигӯянд, вале як дунёи дигар аст барои дунёи мардумони маъмулӣ. Як духтур дорем, ки қудрати худо чизе сараш намешавад. Ман агар ба ҷои ӯ будам, як шаб тӯи шом ҳама заҳр мерехтам, медодам, бихӯранд. Он вақт субҳ тӯи боғ меистодам, дастамро ба камар мезадам, мурдаҳоро, ки мебурданд, тамошо мекардам. Аввал, ки маро ин ҷо оварданд, ҳамин васвосро доштам, ки мабодо ба ман заҳр бихӯронанд. Даст ба шому ноҳор намезадам, то ин ки Муҳаммад Алӣ аз он мечашид, он вақт мехӯрдам. Шабҳо ҳаросон аз хоб мепаридам, ба хаёлам, ки омадаанд маро бикушанд. Ҳамаи ин ҷо чӣ қадар дуру маҳвшуда...! Ҳамеша ҳамон одамҳо, ҳамон хӯрокҳо, ҳамон утоқи обӣ, ки то камаркаши он кабуд аст".

«Ду моҳ пеш буд, як девонаро дар он зиндони поини ҳаёт андохта буданд, бо тилаи (шишаи гирде барои бозӣ) шикаста худашро пора кард, рӯдаҳояшро берун кашида буд, бо онҳо бозӣ мекард. Мегуфтанд, ӯ қассоб буда, ба шикам пора кардан одат дошта. Аммо он яке дигар, ки бо нохун чашми худашро тарконида буд, дастҳояшро аз пушт баста буданд, фарёд мекашид ва хун ба чашмаш хушк шуда буд. Ман медонам ҳамаи инҳо зери сари Нозим аст».

"Мардумони ин ҷо ҳама ҳамин тавр нестанд. Хеле аз онҳо агар муолиҷа бишаванд ва мураххас бишаванд, бадбахт хоҳанд шуд.

Масалан, ин Суғро Султон, ки дар занона аст, ду-се бор мехост бигурезад, ӯро гирифтанд. Пиразан аст, аммо сураташро гачи девор мемолад ва гили шамъдона сари хобаш ҳаст, худашро духтари чаҳордаҳсола медонад. Агар муолиҷа бишавад ва дар оина нигоҳ бикунад, сакта хоҳад кард.

Бадтар аз ҳама Тақии худамон аст, ки мехост дунёро зеру рӯ бикунад ва бо ин ки ақидааш ин аст, ки зан боиси бадбахтии мардум шуда ва барои ислоҳи дунё ҳар чӣ зан аст, бояд кушт, ошиқи ҳамин Суғро Султон шуда буд. Ҳамаи инҳо зери сари Нозими худамон аст. Ӯ дасти тамоми девонаҳоро аз пушт баста, ҳамеша бо он димоғи бузург ва чашмҳои кӯчаки ба шакли вофуриҳо таҳи боғ зери дарахти коҷ қадам мезанад. Гоҳе ҳам мешавад поини дарахтро нигоҳ мекунад, ҳар ки ӯро бибинад мегӯяд: Чӣ одами беозори бечорае, ки гири (сайд) як даста девона афтода. Аммо ман ӯро мешиносам. Ман медонам, он ҷо зери дарахт се қатраи хун рӯи замин чакида. Як қафас ҷилави панҷарааш овезон аст, қафас холист, чӣ гуна гурба қанориашро (канарейка) гирифт, вале ӯ қафасро гузошта, то гурбаҳо ба ҳавои ҳавас биёянд ва онҳоро бикушад.

Дирӯз буд дунболи як гурбаи гулибоқолӣ (ало) кард: ҳамин ки ҳайвон аз дарахти коҷ ҷилави панҷарааш боло рафт, ба қаровули дами дар гуфт ҳайвонро бо тир бизанад. Ин се қатра хун моли гурба аст, вале аз худаш бипурсанд, мегӯяд моли мурғи ҳақ аст.

Аз ҳамаи инҳо ғарибтар рафиқ ва ҳамсоям Аббос аст. Ду ҳафта нест, ки ӯро овардаанд. Бо ман хеле гарм рафта, худашро пайғамбару шоир медиҳад. Мегӯяд, ки ҳар коре, бахусус пайғомбарӣ баста ба бахту толеъ аст. Ҳар касе пешониаш баланд бошад, агар чизе ҳам бораш набошад, кораш мегирад ва агар алломаи даҳр бошаду пешонӣ надошта бошад, ба рӯзи ӯ меафтад. Аббос худашро Торзони моҳир ҳам медонад. Рӯи як тахта сим кашида ба хаёли худаш тор дуруст карда ва як шеър ҳам гуфта, ки рӯзе ҳашт бор бароям мехонад. Гӯё барои ҳамин шеър ӯро ба ин ҷо овардаанд. Шеър бо таснифи ғарибе гуфта:

Дарего, ки бори дигар шом шуд,
Саропои гетӣ сияҳфом шуд,
Ҳама халқро гоҳи ором шуд,
Магар ман, ки ранҷу ғамам шуд фузун,

Ҷаҳонро набошад хушӣ дар мизоҷ,
Ба ҷуз марг набвад ғамамро илоҷ,
Валекин дар он гӯша, дар пои коҷ [2],
Чакидаст бар хок се қатра хун...

Дирӯз буд дар боғ қадам мезадем, Аббос ҳамин шеърро мехонд. Як зану як марду як духтари ҷавон ба дидани ӯ омаданд. То ҳол панҷ мартаба аст, ки меоянд. Ман онҳоро дида будам ва мешинохтам. Духтари ҷавон як даста гул оварда буд. Он духтар ба ман механдид, пайдо буд, ки маро дӯст дорад, аслан ба ҳавои ман омада буд, сурати обилаи рӯи Аббос, ки қашанг нест. Аммо он зан, ки бо духтар ҳарф мезад, ман дидам Аббос духтари ҷавонро канор кашид ва моч кард.

То кунун на касе ба дидани ман омадаву на бароям гул овардаанд, як сол аст. Охирин бор Сиёвуш буд, ки ба диданам омад. Сиёвуш беҳтарин рафиқи ман буд. Мо бо ҳам ҳамсоя будем, ҳар рӯз бо ҳам ба дорулфунун мерафтем ва бо ҳам бар мегаштем ва дарсҳоямонро бо ҳам музокира мекардем ва дар мавқеи тафреҳ (истироҳат) ман ба Сиёвуш тор машқ медодам. Руҳсора духтари амуи Сиёвуш ҳам, ки номзади ман буд, ағлаб дар маҷлиси мо меомад. Сиёвуш хаёл дошт хоҳари Рухсораро бигирад, иттифоқан як моҳ пеш аз аҳд канораш зад ва Сиёвуш нохуш шуд. Ман ду-сё бор ба аҳволпурсиаш рафтам, вале гуфтанд, ки ҳаким қадаған (манъ) карда, ки бо ӯ ҳарф бизананд. Ҳар чӣ исрор кардам, ҳамин ҷавобро доданд. Ман ҳам попай[3] нашудам.

Хуб ёдам аст, наздики имтиҳон буд. Як рӯз ғуруб, ки ба хона баргаштам, китобҳоямро бо чандто ҷузваи мадраса рӯи миз рехтам. Ҳамин, ки

---

*Ашкана* — номи хӯрок.
[2]*Коҷ* – номи дарахт.
[3]*Попай шудан* – исрор кардан, пайгирӣ кардан.

омадам, либосамро иваз бикунам, садои тир омад. Садои он ба қадре наздик буд, ки маро мутаваҳҳиш кард. Чун хонаи мо пушти ҳандақ буд ва шунида будам, ки дар наздикии мо дузд задааст. Шашлулеро (туфангча) аз тӯи кашави миз бардоштам ва омадам дар ҳаёт (ҳавлӣ). Гӯш ба занг истодам. Баъд аз паллакои (зинаҳо) рӯи бом рафтам, вале чизе ба назарам нарасид. Вақте ки бар мегаштам, аз он боло дар хонаи Сиёвуш нигоҳ кардам. Дидам Сиёвуш бо пироҳан ва зершалворе миёни ҳаёт истода. Ман ба тааҷҷуб гуфтам:

"Сиёвуш, ту ҳастӣ?"
Ӯ маро шинохту гуфт:
"Биё, ту (дарун) касе хонаамон нест"
"Садои тирро шунидӣ?"

Ангушт ба лабаш гузошту бо сараш ишора кард, ки биё ва ман бошитоб берун рафтам ва дари хонаашонро задам. Худаш омад, дарро рӯи ман боз кард. Ҳамин тавр ки сараш поин буд ва ба замин хира нигоҳ мекард, пурсид:

"Ту чаро ба дидани ман наомадӣ?"

"Ман ду-се бор ба аҳволпурсиат омадам, вале гуфтанд ки духтур иҷоза намедиҳад".

"Гумон мекунанд, ки ман нохушам, вале иштибоҳ мекунанд".

Дубора пурсидам;

"Ин садои тирро шунидӣ?".

Бидуни ин ки ҷавоб бидиҳад, дасти маро гирифт ва бурд пои дарахти коҷ ва чизеро нишон дод. Ман аз наздик нигоҳ кардам, се чакра хуни тоза рӯи замин чакида буд.

Баъд маро бурд дар утоқи худаш, ҳамаи дарҳоро баст. Рӯи сандалӣ нишастам, чарогро равшан кард ва омад рӯи сандалӣ муқобили ман – канори миз нишаст. Утоқи ӯ сода, обиранг ва камаркаши девор кабуд буд. Канори утоқ як тор гузошта буд. Чанд ҷилд китоб ва ҷузваи мадраса ҳам рӯи миз рехта буд. Баъд Сиёвуш даст кард аз кашави миз як шашлул баровард, ба ман нишон дод. Аз он шашлулҳои қадимии дастасадафӣ буд, онро дар ҷайби шалвораш гузошту гуфт;

"Ман як гурбаи мода доштам, номаш Нозӣ буд. Шояд онро дида будӣ, аз ин гурбаҳои маъмулии гулибоқолӣ (ало) буд. Бо дуто чашми дурушт, мисли чашмҳои сурмакашида. Рӯи пушташ нақшу нигорҳои мураттаб буд, мисли ин ки рӯи коғази обхушккуни фӯлоди ҷавҳар рехта бошанд ва баъд онро аз миён (ҷудо) карда бошанд. Рӯзҳо, ки аз мадраса бармегаштам, Нозӣ ҷилавам медавид, мияв-мияв мекард. Худашро ба ман мемолид. Вақте ки менишастам, аз сару кулам (тахтапушт) боло мерафт, пӯзаш (фукаш)-ро ба суратам мезад, бо забони забар (дурушт)-аш пешониамро мелесид ва исрор дошт, ки ӯро бибӯсам. Гӯё гурбаи

мода маккортару меҳрубонтару ҳассостар аз гурбаи нар аст. Нозӣ аз ман гузашта бо ошпаз миёнаш (муносибаташ) аз ҳама беҳтар буд. Чун хӯрокҳо аз пеши ӯ дармеомад. Вале аз гиссафед (пиразан)-и хона, ки киё-биё буд[1] ва намоз меҳонд ва аз мӯи гурба парҳез мекард, дурӣ меҷуст. Лобуд Нозӣ пеши худаш хаёл мекард одамҳо заранг (боақл, хушёр)-тар аз гурбаҳо ҳастанд ва ҳама хӯрокиҳои хушмаззаву чоҳои гарму нармро барои худашон эҳтикор (банд) кардаанд ва гурбаҳо бояд он қадар чоплусӣ бикунанд ва тамаллуқ бигӯянд, то битавонанд бо онҳо ширкат бикунанд.

Танҳо вақте эҳсосоти табиии Нозӣ бедор мешуд ва ба ҷӯш меомад, ки сари хурӯси хунолуде ба чангаш меафтод ва ӯро ба ҷонвари дарранда табдил мекард. Чашмҳои ӯ дурушттар мешуд ва барқ мезад, чанголҳояш аз тӯи ғилоф дармеомад ва ҳар касро, ки ба ӯ наздик мешуд, бо хирхирҳои тӯлонӣ таҳдид мекард. Баъд мисли чизе, ки худашро фиреб бидиҳад, бозӣ дармеовард. Чун ба ҳамаи қувваи тасаввури худаш каллаи хурӯсро ҷонвари зинда гумон мекард, даст зери он мезад, бар роҳ мешуд, худашро пинҳон мекард, дар камин менишаст; дубора ҳамла мекард ва тамоми забардастиву чолокии нажоди худашро бо ҷасту хез ва ҷангу гурезҳои пайдарпай ошкор менамуд. Баъд аз он ки аз намоиш хаста мешуд, каллаи хунолудро бо иштиҳои ҳар чӣ тамомтар мехӯрд ва то чанд дақиқа баъд дунболи боқии он мегашт ва то яке ду соат тамаддуни маснуъии худро фаромӯш мекард. На наздики касе меомад, на ноз мекард ва на тамаллуқ мегуфт.

Дар ҳамон ҳоле, ки Нозӣ изҳори дӯстӣ мекард, ваҳшиву тудор (дарундор) буд ва асрори зиндагии худашро фош намекард. Хонаи моро моли худаш медонист ва агар гурбаи ғариба гузораш ба он ҷо меафтод, бахусус агар мода буд, муддатҳо садои фиф, тағйиру нолаҳои дунболадор шунида мешуд.

Садое, ки Нозӣ барои хабар кардани ноҳор медод, бо садои мавқеи лус (эрка) шуданаш фарқ дошт. Наърае, ки аз гуруснагӣ мекашид бо фарёдҳое, ки дар кашмакашҳо мезад ва марнав-марнаве, ки мавқеи мастиаш роҳ меандохт, ҳама бо ҳам тавфир дошт ва оҳанги онҳо тағйир мекард: Аввалӣ фарёди ҷигархарош, дуввумӣ фарёде аз рӯи буғзу кина, савумӣ як нолаи дарднок буд, ки аз рӯи эҳтиёҷи табиат мекашид, то ба сӯи ҷуфти худаш биравад. Вале нигоҳҳои Нозӣ аз ҳама чиз пурмаънитар буд ва гоҳе эҳсосоти одамиро нишон медод, ба тавре ки инсон беихтиёр аз худаш мепурсид: дар паси ин каллаи пашмолуд, пушти ин чашмҳои сабзи мармуз чӣ фикрҳое ва чӣ эҳсосоте мавҷ мезанад"!

"Порсол баҳор буд, ки он пешомади ҳавлнок рух дод. Медонӣ дар ин мавсим ҳамаи ҷонварон маст мешаванд ва дар таку дав меафтанд, мисли ин аст, ки боди баҳорӣ як шӯру девонагӣ дар ҳамаи ҷунбандагон медамад. Нозии мо ҳам барои аввалин бор шӯри ишқ ба каллаш зад ва бо ларзае, ки ҳамаи тани ӯро ба такон меандохт, нолаҳои ғамангез мека-

---

[1] *Киё-биё доштан* – эътибор доштан.

шид, гурбаҳои нар нолаҳояш шуниданд ва аз атроф ӯро истиқбол карданд. Пас аз ҷангҳову кашмакашҳо Нозӣ яке аз онҳоро, ки аз ҳама пурзӯртару садояш расотар буд, ба ҳамсарии худаш интихоб кард. Дар ишқварзии ҷонварон бӯи махсуси онҳо хеле аҳамият дорад. Барои ҳамин аст, ки гурбаҳои луси хонагӣ ва покиза дар назди модаи худашон ҷилвае надоранд. Баръакс гурбаҳои рӯи теғаи деворҳо, гурбаҳои дузди лоғари велгард ва гурусна, ки пушти онҳо бӯи аслии нажодашонро медиҳанд, шарафи таваҷҷӯҳи модаи худашон ҳастанд. Рӯзҳо ва ба хусус тамоми шабро Нозӣ ва ҷуфташ ишқи худашонро ба овози баланд мехонданд. Тани нарму нозуки Нозӣ кашу воқаш меомад, дар сурате, ки тани дигаре монанди камон хамида мешуд ва нолаҳои шодӣ мекарданд. То сапедаи субҳ ин кор мудовилат дошт. Он вақт Нозӣ бо мӯҳои жулида, хаставу кӯфта, аммо хушбахт вориди утоқ мешуд.

Шабҳо аз дасти ишқбозии Нозӣ хобам намебурд, охираш аз ҷо даррафтам, як рӯз ҷилави ҳамин панҷара кор мекардам, ошиқу маъшуқро дидам, ки дар боғча мехиромиданд. Ман бо ҳамин шашлул, ки дидӣ, дар се қадами нишон рафтам. Шашлул холӣ шуд ва гулӯлае ба ҷуфти Нозӣ гирифт. Гӯё камараш шикаст, як ҷасти баланд бардошту бидуни ин ки садо бидиҳад ё нола бикашад, аз долон гурехт ва ҷилави чинаи девори боғ афтоду мурд.

"Тамоми хатти сайри ӯ чаккаҳои хун чакида буд. Нозӣ муддате дунболии ӯ гашт, то радди пояшро пайдо кард, хунашро бӯйидаву рост сари куштаи ӯ рафт. Ду шабу ду рӯз пои мурдаи ӯ кашик (посбонӣ кардан) дод. Гоҳе бо дасташ ӯро ламс мекард, мисли ин ки ба ӯ мегуфт: "бедор шав, аввали баҳор аст. Чаро ҳангоми ишқбозӣ хобидӣ, чаро такон намехӯрӣ? По шав, по шав!" Нозӣ мурдан сараш намешуд ва намедонист, ки ошиқаш мурдааст.

Фардои он рӯз Нозӣ бо наъши ҷуфташ гум шуд. Ҳар ҷоро гаштам, аз ҳар кас сароғи ӯро гирифтам, беҳуда буд. Оё Нозӣ аз ман қаҳр кард, оё мурд, оё пай ишқбозии худаш рафт, пас мурдаи он дигаре чӣ шуд?

Як шаб садои мариав-мариавии ҳамон гурбаи нарро шунидам, то субҳ занг зад, шаби баъд ҳам ҳамчунин! Вале субҳ садояш мебуррид. Шаби саввум боз шашлулро бардоштам ва сариҳавоӣ ба ҳамин дарахти коҷи ҷилави панҷараам холӣ кардам. Чун барқи чашмҳояш дар торикӣ пайдо буд, нолаи тавиле кашид ва садояш бурид. Субҳ пояи дарахт се қатра хун чакида буд. Аз он шаб то ҳоло ҳар шаб меояд ва бо ҳамаи садо нола мекашад. Онҳои дигар хобашон сангин аст, намешунаванд. Ҳар чӣ ба онҳо мегӯям, ба ман механданд, вале ман медонам, мутмаъинам, ки ин садои ҳамон гурба аст, ки куштаам. Аз он шаб то кунун хоб ба чашмам наёмада, ҳар ҷо меравам,ҳар утоқе мехобам,тамоми шаб ин гурбаи беинсоф бо ҳанҷараи тарснокаш нола мекашад ва ҷуфти худашро садо мезанад.

Имрӯз, ки хона хилват буд, омадам ҳамон ҷое, ки гурба ҳар шаб менишинад ва фарёд мезанад, нишона рафтам, аз барқи чашмҳояш дар

торикӣ медонистам, ки куҷо мешинад. Тир, ки холӣ шуд, садои нолаи гурбаро шунидам ва се катра хун аз он боло чакид. То ки ба чашми худат дидӣ, ту ки шоҳиди ман ҳастӣ.

Дар ин вакт дари уток боз шуд. Рухсора ва модараш ворид шуданд.

Рухсора як даста гул дар даст дошт. Ман баланд шудам, салом кардам, вале Сиёвуш бо лабханд гуфт:

«Албатта оқои Мирзо Аҳмадхонро шумо аз ман беҳтар мешиносед, лозим ба муаррифӣ нест, ки се қатра хунро бо чашмони худашон дар пои дарахти коҷ дидаанд".

Бале ман дидаам.

Вале Сиёвуш ҷилав омад, қаҳ-қаҳ хандид, даст кард аз ҷайбаш шашлули маро дар овард рӯи миз гузошту гуфт:

— Медонед, Мирзо Аҳмадхон на фақат хуб тор мезанад ва хуб шеър мегӯяд, балки шикорчии қобиле ҳам ҳаст, хеле хуб нишон мезанад.

Баъд ба ман ишора кард, ман ҳам баланд шудам ва гуфтам:

— Бале имрӯз аср омадам, ки ҷузваи мадраса аз Сиёвуш бигирам, барои тафреҳ муддате ба дарахти коҷ нишона задем, вале он се қатра хун моли гурба нест, моли мурғи ҳақ аст. Медонед, ки мурғи ҳақ се гандум аз моли сағир хӯрда аст ва ҳар шаб он қадар нола мекашад, то се қатра хун аз гулӯяш бичакад ва ё ин ки гурбае қанории ҳамсояро гирифта буда ва ӯро бо тир задаанд ва аз ин ҷо гузаштааст, ҳоло сабр кунед, таснифи тозае, ки даровардаам бихонам, торро бардоштам ва овозро бо садои тор ҷӯр карда, ин ашъорро хондам:

Дареғо, ки бори дигар шом шуд,
Саропои гетӣ сияҳфом шуд,
Ҳама халқро гоҳи ором шуд,
Магар ман, ки ранҷу ғамам шуд фузун,

Ҷаҳонро набошад хушӣ дар мизоҷ,
Ба ҷуз марг набвад ғамамро илоҷ,
Валекин дар он гӯша, дар пои коҷ,
Чакидааст бар хок се қатра хун...

Ба ин ҷо ки расид, модари Рухсора бо тағйир аз уток берун рафт. Рухсора абруҳояшро боло кашид ва гуфт: "Ин девона аст". Баъд дасти Сиёвушро гирифту ҳар ду қаҳ-қаҳ хандиданд ва аз дар берун рафтанд ва дарро ба рӯям бастанд.

Дар ҳаёт, ки расиданд зери фонус, ман аз пушти шишаи панҷара онҳоро дидам, ки якдигарро дар оғӯш кашиданд ва бӯсиданд.

**Савол ва супориш:**

1. Эҷодиёти Содиқ Ҳидоят замони дар қайди ҳаёт будани нависанда ҷаро мавриди таҳқику тадқиқ қарор нагирифтааст?

2. Афтодарӯҳӣ ва дунёбезории нависандаро шумо чӣ хел мефаҳмед?

3. Эҷодиёти Содиқ Ҳидоятро ба чанд давра ҷудо кардаанд?

4. Ба давраи аввали эҷодиёти нависанда кадом ҳикояву асарҳоро нисбат медиҳанд?

5. Ба давраи дуюм чӣ?

6. Чаро нависанда номи ҳикояашро "Се қатра хун" номидааст? Маънидод кунед.

## БУЗУРГ АЛАВӢ

Муҷтабо Бузург Алавӣ-мунаққид, донишманди таърихи адабиёт ва нависандаи номии Эрон буда, 2 феврали соли 1904 дар Теҳрон таваллуд ёфтааст.

Ибтидои асри XX дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии Эрон дигаргуниҳои куллие ба вуҷуд омаданд. Зиёиён ва афроди пешқадами ҷомеаи ин сарзамин ба ислоҳоти иҷтимоӣ омода гардида, барои барпо намудани демократия ва истиқлоли миҳани хеш ба по хестанд. Солҳои 1905-1911 дар натиҷаи инқилоби буржуазӣ-демократӣ аввалин бор маҷлис-парламент таъсис дода шуд, ки қонуни асосии Эронро қабул кард. Ҳарчанд инқилобро шикаст доданд, вале як идда талабу дархостҳои мардуми инқилобӣ ҷомаи амал пӯшида, дар натиҷа ҳокимияти мутлақаи шоҳ маҳдуд гардид.

Матбуоти даврӣ ба вуҷуд омада, ҳизбҳои сиёсӣ ва ҷамъиятҳои гуногун дар тамоми хоки Эрон ба фаъолият шурӯъ карданд. Бар замми ин афкори маорифпарварии чанде пеш / асри XIX / ба вуҷуд омада ривоҷ гирифт.

Маорифпарварон мекӯшиданд,ки дар соҳаи илму маориф ислоҳоти ҷиддие ба амал ояд. Онҳо барои ташкили мактабҳои миллӣ / дар шакли Аврупо/, даъвати мутахассисони хориҷа ва ба мамлакатҳои Аврупо фиристонидани толибилмонро ба миён гузоштанд.

Муҷтабо Бузург Алавӣ аз зумраи ин ҷавонон буд. Падари ӯ, ки намояндаи тиҷоратии Эрон дар Германия буд, фарзандони худро ба ин кишвар бурда, барои онҳо тамоми шароитро фароҳам овард, то ки эшон баъди таҳсил дар тараққию пешравии Эрон саҳм дошта бошанд. Ин буд, ки ӯ соли 1922 ба Донишгоҳи Берлин дохил мешавад.

Шиносоӣ ба адабиёти Ғарб, махсусан забону адабиёти олмонӣ, иртиботи наздик ба олимону нависандагон, журналистону арбобони ҷамъияти Эрон: Рашид Ёсимӣ, Саид Муҳаммади Ҷамолзода, Саид Ҳасани Тақизода ва дигарон, ки бо мақолаҳои оташини худ барои озодӣ, истиқлолият ва табаддулот дар Эрон баромад менамуданд, дар дилу дидаи Бузург Алавӣ нақши муассире гузошта, ба мубориза ҳои минбаъда баҳри истиқлоли ватан тайёр мекарданд.

Бузург Алавӣ баъд аз даҳ соли таҳсил ва иқомат дар Олмон ба ватанаш Эрон баргашта, як муддат дар мактабҳои Рашт ва маҷаллаи "Парвариш" ҳамкорӣ кардааст. Чанд сол дар макотиб ва донишкадаи техникии Теҳрон омӯзгори забони олмонӣ будааст.

Алавӣ соли 1932 дар якҷоягӣ бо Содиқ Ҳидоят /1903-1951/, Масъуди Фарзод ва Муҷтабо Минавӣ маҳфили адабии "Рабъа" /манзил, кӯй/-ро ташкил ва асос гузоштанд. Марому мақсади ин созмон ба халқ наздик кардани адабиёти миллӣ ва бахшидани рӯҳи тоза дар он, инчунин офариниши қаҳрамони нав ва ба арсаи адабиёт баровардани он буд.

Бамаврид аст таъкид кунем, ки дар он солҳо насри бадеии Эрон давраи нави ташаккули худро дар ҷустуҷӯи воситаҳои реалистии баён ва ифода аз сар мегузаронд. Ин буд, ки намояндагони ин маҳфили адабии навтаъсис мекӯшиданд, ки тавассути қаҳрамонони нави худ мардумро аз банди таассубу хаёлҳои динӣ раҳо намоянд. Бар замми ин хушбахтию озодии инсон ва масъалаҳои адолати иҷтимоӣ, ки дар ҳаёти онрӯзаи Эрон аз идеалҳои нав маҳсуб мешуд, дар навиштаҳои эшон, бахусус дар каломи бадеъ мушаххас баён меёфт.

Аввалин ҳикояҳои Бузург Алавӣ низ дар солҳои сиюм дар ҳамин рӯҳия чоп шудаанд ва соли 1934 маҷмӯаи аввалини ҳикояҳои ӯ "Ҷамадон" аз чоп баромад. "Ҳамин маҷмӯа гувоҳӣ медод, ки ба майдони адабиёт нависандаи нави пуристеъдоде қадам ниҳодааст, ки ба насри муосири Эрон мавзӯъҳои нав, тарзи нигориши нав, услуби наверо, ки аз нависандагони аврупоӣ, хусусан аз нависандагони асри XX-и немис ахз кардааст, меорад".

Мавзӯи асосии ҳикояҳои ин маҷмӯа, чӣ хеле ки муҳаққиқони осори адиб қайд мекунанд, асосан ба ду самт ё ҷабҳаи рӯйдодҳои манфии ҷомеаи онрӯза: сатҳи қабул кардани маданияти аврупоӣ ва ба муқобили тамаъкорӣ ва пулпарастии ашхосе, ки ҳатто барои молу пулу чиз наздиконии хешро қурбони он мекунанд, равона шудааст. Масалан, дар ҳикояи "Қурбонӣ" Хусрав "аз беадолатиҳои иҷтимоӣ, ки дар давру бараш рӯй медод, чорае барои раҳоӣ надида, ташнагиеро, ки ба хушбахтӣ дошт, ба воситаи марг мешиканад. Муаллиф ақидаи дар бораи фалсафаи ҳаётии касоне чун Хусрав дар образи дӯст ва ҳамсӯҳбати Хусрав, ки баъзан хомӯшона ва гоҳо ошкоро бо вай ба баҳсу мунозира медароянд, равшан ифода кардааст".

Чӣ хеле ки дар фавқ низ ишора рафт ҳикояҳои аввалини Бузург Алавӣ дар зери таъсири нависандагони немис, махсусан зери таъсири ҳикояҳои Стефан Свейг (нависандаи Австрия) иншо шудаанд, ки онро дар ҳикояҳои "Сарбози сурбӣ", "Таърихчаи утоқи ман", "Арӯси ҳазор домод", "Қурбонӣ", "Рақси марг" ва ғайра мушоҳида карда метавонем.

Соли 1937 онҳое, ки ақидаи марксистиро дар Эрон тарғибу ташвиқ мекарданд ва ашхоси андешаҳои демократидоштаро бо роҳбарии Тақии Аронӣ /1902-1940/, ки гурӯҳи панҷоҳусенафара ном дошт, ба ҳабс гирифтанд, ки дар байни онҳо Бузург Алавӣ низ буд. Онҳоро ҳафт сол аз озодӣ маҳрум карданд.

Маҳбусии ҳафтсола ва ранҷу азобҳои он Алавиро аз ҷиҳати сиёсӣ пухтатару қавиирода гардонд. Ин буд, ки иштироки ӯ баъди озод шудан дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Эрон боз фаъолтар гардида, дар ташкили

матбуоти демократӣ, пайдоиши ҷамъияту маҷаллаҳои нав иштирок мекард.

Ӯ ҳангоми дар маҳбас будан китобҳои "Варақпораҳои зиндон" ва "Панҷоҳу се нафар"-ро навишта, соли 1943 интишор намуд, ки аз ёддошту санадҳо, пораҳои лирикӣ-фалсафӣ, андешаҳои публисистии нависанда иборат аст.

Мӯҳтавои китоби "Панҷоҳу се нафар"-ро асосан публисистикаи хеле тезутунд, тасвирҳои террори соли 1937, андешаҳои фалсафии Алавӣ ва бобҳои алоҳидаи онро баромадҳои доктор Тақии Аронӣ ва истинтокҳои ӯ ташкил додааст.

"Варақпораҳои зиндон"-ро аз ҷиҳати мазмуну мӯҳтаво давоми мантиқии китоби "Панҷоҳу се нафар" шуморем, хато нахоҳем кард. Зеро дар ҳикояҳои ин асар маҳорати такмилёфтаи нависанда, гояҳои нав ва ҷаҳонбинии пурратару пухтатари Алавиро эҳсос мекунем. Дар ҳикояҳои ин асар нависанда ҷӯшу хурӯши ҷавонон, ҷасорати онҳоро хеле равшану возеҳ ба қалам додааст. Қаҳрамонони ҳикояҳои ӯ акнун он ҷавонони маъюсу ноумед набуда, балки дар роҳи истиқлоли ватан ба ҷонбозиҳо қодиранд. Махсусан образи Эраҷ хеле хубу барҷаста тасвир ёфтааст. Эраҷ зоҳиран бачаи дағалу дурушт бошад ҳам, дили нарму меҳрубоне дорад.. Ӯ аз мусибату фоҷиаҳои ба сари мардум омада худро канор гирифта наметавонад. Ин аст, ки ӯ осоиштагӣ ва саломатии хешро дар осудагӣ ва оромию салом атии офатзадагон мебинад. Ё худ қаҳрамони ҳикояи "Об" Ҷаъфар мекӯшад, ки ба коргари роҳсоз Тоҳир, ки дар дами марг, аз ташнагӣ ҷон ба ҷаббор месупорад, кӯмак расонад. Вале монеаҳои зиёд ба ӯ имкон намедиҳанд, ки обро дар вақташ расонад. "Нависанда ба мухолифони мавҷуд ва мавҳуми худ ва бо шахси худаш дар бораи чӣ будани хушбахтие, ки ҳамаи инсонҳо барои расидан ба он сазоворанд, ба баҳс мепардозад ва бо мантиқи объективии инкишофи ҳодисаҳо исбот мекунад, ки аз тасаввуроти майдабуржуазӣ дар бораи хушбахтӣ, ба маънои зиндагонии мураффаҳу осуда даст кашидан лозим аст. Хушбахтӣ дар натиҷаи муборизаи сахт ба даст даровaрда мешавад... Ба фикри мо, ин қабил натиҷагирӣ ва истинботҳо аз муваффақиятҳои асосии Алавӣ ҳамчун нависанда мебошад".

Дар эҷодиёти Бузург Алавӣ романи "Чашмҳояш" ки соли 1952 интишор ёфтааст, дар байни хонандагон маҳбубияти зиёде пайдо кардааст. Ӯ байти Саъдиро:

> ГӮЯНД: Магӯ, Саъдӣ чандон сухан аз ишқаш,
> Мегӯяму пас аз ман гӯянд ба давронҳо

эпиграфи роман интихоб намудааст, ки бесабаб нест. Дар кушодани мазмуни роман ин байт чун калид хизмат кардааст. Ҳарчанд мавзӯи роман нав нест ва он дар адабиёти ҷаҳонӣ маълум аст, вале хизмати Бузург Алавӣ дар он аст, ки ӯ аз аввалинҳо шуда, давраи вазнину сахти Эронро

ба таври ҳаққонӣ тавассути образҳои зиёиёни пешқадам ба қалам овардааст.

Қаҳрамони марказии роман Мокон ном рассом аст, ки барои ӯ се чиз: зиндагӣ, эҷодиёт ва мубориза мафҳумҳои ҷудоинопазиранд. Ин аст, ки Мокон ба идеалҳои озодӣ вафодор буда, ба халқ фидокорона хизмат мекунад. Ҳатто ҳамин идеал, яъне хизмат ба халқ ӯро водор сохт, ки ба духтари дӯстдоштааш Фарангис хонадор нашавад. Ин буд, ки ӯ пеш аз марг расми ин маҳбубаи хешро, ки Мокинро хеле дӯст медошт, ба як маҳорати ба худ хос кашида буд, асоси воқеаву инкишофи романро ташкил додааст. Аз ин лиҳоз ба эътибори гуфтаи муҳаққиқон романи "Чашмҳояш" "дар таърихи адабиёти ҳозираи Эрон кӯшиши аввалин нест барои заминаи васеи таърихӣ кушодан ва нишон додани муборизаи фаъоли халқ бо режими полисиявӣ ва худсариҳои иртиҷоъ".

Бузург Алавӣ баробари нависандаи ҷирадаст будан муҳаққиқу мунаққиди адабӣ низ маҳсуб мешавад. Як силсила мақолаҳои танқидии Алавӣ ба масъалаҳои муҳимми адабиёти муосири Эрон ва нақди адабии он бахшида шудааст. Махсусан суханрониҳои ӯ дар конфронсҳои байналхалқӣ дар Эрон /с.1945/ ва Тошканд /1948/, Маскав /1960/ ҷолиб буда, масъалаҳои мухталифу мубрами адабиёти муосири Эронро фаро гирифтааст. Баробари ин силсиламақолаҳои ӯ оид ба эҷодиёти Пушкин, Достоевский, Блок, Эренбург, Гёте, Свейг ва дигарон аҳамияти бузурги илмиро дорост. Алавӣ баробари иншои мақолаҳо муаллифи рисолаҳои хеле пурмӯҳтавои "Таърих ва инкишофи адабиёти муосири Эрон" /1961/ мебошад, ки маҳсули таҳқиқоти беш аз бистсолаи ӯ ба шумор меравад.

Дар эҷодиёти Бузург Алавӣ тарҷумаи бадеӣ низ мақоми хосае дорад. Ӯ аз солҳои сиюм сар карда, ба тарҷумаи ҳикояҳои нависандагони олмониву рус Гёте, Свейг, Чехову Горкий ва дигарон машғул шуда, як силсила ҳикояҳои онҳоро дар саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳои "Дунё", "Сухан", "Паёми навин", "Раҳбар", "Мардум", "Номаи моҳонаи мардум", "Кабӯтари сулҳ" ва ғайра чоп намудааст.

Соли 1953 Алавӣ баъд аз муташанниҷ гардидани вазъи сиёсии Эрон ба Олмони Демократӣ ҳиҷрат мекунад. Чун профессори Донишгоҳи Ҳумболдт аз таърихи адабиёти форс дарс гуфта, дар бораи вазъи онрӯзаи Эрон ва муҳити сиёсиву иҷтимоии он ба забони немисӣ якчанд асарҳо навишта, интишор кардааст. Махсусан китобҳои "Эрони мубориз" /1955/, "Нафти хунин" /1956/, "Кишвару гулу булбул" /1957/ мазмуни тезутунди публисистӣ дошта, масоили муҳимми онрӯзаи Эрон-вазъи синфи коргару деҳқон, таърихи ҳизби Тӯдаи Эрон, аҳволи зиёиён ва ғайра мавриди таҳқиқ қарор ёфтааст.

Навиштаҳои Б. Алавӣ, махсусан мақолаҳои публисистӣ ва ҳикояҳои ӯ берун аз кишвари нависанда дар Прага, Варшава, Берлину Маскав низ гаштаю баргашта чоп шудаанд. Соли 1963 маҷмӯаи ҳикояҳои Бузург Алавӣ бо номи "Девори сафед" дар Маскав ва соли 1972 бо ҳамин

ном дар Душанбе чоп шудааст. Инчунин баъзе новеллаҳои ӯ ба забонҳои арманиву гурҷӣ ва озариву ӯзбекӣ низ тарҷума шудаанд. Романи "Чашмаҳояш" ба забони ӯзбекӣ тарҷума ва нашр шудааст.

## ҚУРБОНӢ

### Аз маҷмӯаи "Девори сафед"

Дарахтҳо нав муғча карда буданд. Шаби пеш андаке борон борида буд, аммо имрӯз ҳаво софу хандон. Хусрав болои кат хобидааст. Рангу рӯяш парида, чашмонаш хира ва бенур менамуданд. Баъд аз се моҳи бемории бистарӣ, аввалин дафъа дари хонаро боз кардаанд. Дар пеши дари ҳавлӣ сето мурғ ба замин нӯл мезаданд., бо поҳои худ хоки боғчаро тит мекарданд. Як мокиён ва як хурӯс лаби ҳавз рафта, об мехӯрданд ва пас аз фурӯ додани ҳар чакраи об сарҳояшонро баргардонда, ба ҳам нигоҳ мекарданд.

Ман дар канори рахти хоби Хусрав нишаста будам. Муддатҳо буд, ки ӯ касеро намепазируфт. Аммо ман ҳар ҳафта як-ду маротиба барои аҳволпурсӣ ба хонаи ӯ мерафтам, бо модараш сӯҳбат мекардам. Имрӯз намедонам чӣ шуд, ки маро ба назди худ пазируфт. Ман гуфтам:

— Ҳар чӣ ҳолат беҳтар шудааст. Акнун ду — се рӯз пас мехезӣ.

Чун ҷавобе надод, ман суханамро давом додам:

— Чандин мартаба ба аҳволпурсии ту омада будам. Ҳамеша аз модарат ҷӯёи саломатии ту будам.

Ӯ гуфт:

— Бале, медонам, —баъд рӯяшро ба тарафи боғча гардонд, мисли ин ки сӯҳбати ман ӯро хаста мекард.

Як гурбаи сиёҳ ба лаби ҳавз омада бо панҷааш обро такон медод ва мехост ба ин васила моҳиҳоро ҷалб карда, баъд бирабояд.

Хусрав боз ба тарафи ман баргашт ва гуфт:

— Чаро барои ман китоби тозае наёвардӣ? Духтур фармудааст, ки китоб нахонам. Вай девона шудааст.

— Ту ҳам набояд шитоб дошта бошӣ, сабр кун; баъди чанд рӯзи дигар беҳтар хоҳӣ шуд.

Хусравро сурфа гирифт ва баъд аз он ки туфдонро пеши даҳонаш бурд, гуфт:

—Ту якин дорӣ?

— Бале, ман яқин дорам, барои он ки ман бо ин духтур эътиқотманд ҳастам. Ғайр аз ин аз ҳоли ту пайдост. Имрӯз рангат софу чеҳраат кушода аст.

Хусрав абруҳояшро дарҳам кашид, мисли ин ки фикр кардан бароящ кори душвор буд.

— Кай роҳи муолиҷаи касалии силро пайдо карданд?

—Ту касалии сил надорӣ. Сахт шамол хӯрдаӣ ва аз бепарвоии худат беморӣ кашол ёфтааст.

— Чӣ беҳуда баҳс мекунем? Ман ҳавсала надорам, — гуфт ва боз рӯяшро аз ман гардонид.

Аз устухонҳои барҷастаи гунаҳояш пайдо буд, ки марг қурбонии тозае пайдо кардааст. Аммо ин фикр дар сари ман ба ҳеҷ ваҷҳ ҷо намегирифт. Чӣ тавр мешавад, ки Хусрав бимирад? Чӣ тавр ман бовар мекунам? Чӣ қадар умед дошт? Якбора фикри марг ва шакли ҳайбатноке дар назарам муҷассам шуд. Ниҳоят сил фақат баҳона аст. Мумкин аст, ки Хусрав дар кӯча роҳ биравад ва пораи хиште ба сараш афтода ӯро бикушад. Аз ин фикр баданам ларзид. Бо ин ҷавонӣ, бо ин ҳама фикр, бо ин ҳама умеду орзу, бо ин эҳсосоти латиф Хусрав бояд бимирад? Тамоми вуҷуди ин ҷавон нест мешавад ва ҳеҷ асаре аз он боқӣ намемонад? Магар, рӯҳаш боқӣ мемонад?! Бале, ки рӯҳ хуб лаҷомест барои мардумони саркаш, то ки аҳмақ бимонанд... Дар ҳақиқат аҳволи Хусрав аз даме ки дар бистар афтода буд, хеле тағйир ёфтааст. Пеш чӣ қадар кушодарӯ буд, ҳазлу шӯхӣ мекард, ба ҳама дармеафтод. Ҳама ӯро одами ғайриҷиддӣ тасаввур мекарданд, аммо охири шабҳо, вақте ки мо ду нафар паҳлӯи ҳам менишастем ва оҳиста қадаҳҳои шаробамонро холӣ мекардем, бе он ки бо ҳам гап бизанем, хира ба ҳам нигоҳ мекардем ва ӯ як варақ ва ё қуттии сигори худро пора-пора мекард. Ё вақте ки шароб хӯрда, картаҳои грамофонро гӯш медодем, ore, дар ин гуна мавридҳо Хусрави ҳақиқиро шинохтан мумкин мешуд, он вақт маълум мешуд, ки ин одами зоҳиран сатҳӣ ва бепарво дар ҳақиқат чӣ қадар ошуфта ва орзуманд буд. Ӯ ҳар касро лоиқ намедонист, ки бо онҳо ҳарфҳои ҷиддӣ бизанад. Ҳар вақт ки яке аз дӯстони мо зан мегирифт, ӯ мегуфт:

— Фалон кас зандор шуда, вазнину рангин шудааст, акнун чандто санги дигар ба кисаҳояш андозед, вазнинтар шавад.

Охири шабҳо, вақте ки дар доираи мо касони дигар намемонданд ҳамин матлабро таври дигар адо мекард:

—Хаёл бикун одам зан бигирад, масалан. Чӣ касеро? Духтари фалон тоҷир, ё фалон раиси идора, ё фалон вакилро. Ту хаёл мекунӣ, ки онҳо аз ин фотимаҳои муқаррарӣ беҳтар ҳастанд? Тасаввур бикун, ки пас аз хӯрок оруғ доданӣ шаванд ва ё аввали шаб бихоҳанд картаи овози Зайнабулмулукро бишнаванд. Дигар аз зиндагониат сер мешавӣ.

Аммо бо вуҷуди ин истеҳзо ва бо вуҷуди ин нафрат, ман медонистам, ки ӯ худ ошиқи зан аст... Боре дар Аврупо бо як духтар ишқварзӣ карда буд... Ин ишқбозиро ҳазор бор бо бароруу фурӯраш ба ман таъриф карда буд...

Ҳоло ин Хусрав бояд бимирад!

Даме ки ман бо оби сабзранги ҳавз бо андӯҳ нигоҳ мекардам, дидам як тарҷумаи франсавии Шопенҳауэрро аз зери болишт баровард ва каме онро варақ зад.

Вакте ки бо вай хайру хуш кардам ва мехостам аз хонааш биравам, дидам модараш дар хонаи паҳлӯӣ рӯяшро бо чодар пӯшонда, рӯи замин, нишаста суханони моро гӯш медиҳад. Ҳамин ки маро дид, аз ҷояш хест. Ман салом кардам. Баъд маро ба хонаи дуртаре бурд ва он ҷо ба ман дарди дил кард:

— Оқо, Хусрав танҳо сухани шуморо гӯш мекунад. Коре кунед, ки қадре ба фармудаҳои духтур амал кунад. Мо ҳар чӣ мегӯем, эътиное намекунад.

Ман гуфтам:

— Хонум, бо Хусрав муомилаи хуш бояд кард. Ӯ хеле ҳассос аст. Саъй бикунед, ки бештар ба майли ӯ рафтор кунед.

— Оқо, агар шумо медонистед, дар ин ҷо ҳеҷ кас коре, ки мухолифи майли ӯ бошад, намекунад. Аслан ҳеҷ каломи моро ба хонааш роҳ намедиҳад. Як чизи дигарро мехостам ба хидмататон арз бикунам. Қариб як моҳ, ки як духтар ҳар рӯз ба ин ҷо меомад. Ман ӯро намешиносам, аммо хоҳарони Хусрав мегӯянд, ки аз хонаводаи обрӯмандест. Хусрав гуфтааст, ки ҳар вақт ояд, роҳаш надиҳем. Охир ин хуб нест. Мо ба ҳар забоне мехоҳем ин мавзӯъро ба вай фаҳмонем, аммо вай гӯш намекунад. Ҳар рӯз субҳ ҳамин вақтҳо ба аҳволпурсӣ меояд. Шумо коре бикунед, худаш ба ӯ бигӯяд, ки дигар наёяд.

Ман пурсидам:

— Исмаш Фурӯғ нест?

— Гӯё ки. Аммо росташро гӯям, мо хеле хиҷолат мекашем.

Ман ба фикр рафтам ва дигар чандон ба суханони модари Хусрав, ки пур аз дарди дил ва шиква аз ин дарундории писараш буд, диққат надодам. Модари Хусрав дар зимн гӯё, ҳасад мебурд, ки писараш дар бораи ин духтар чаро то ҳол бо ӯ гап назадааст. Аз суханҳояш чунин бармеояд, ки агар ихтиёр ба дасти вай мебуд, кайҳо роҳи хонаро ба рӯи духтар мебастааст, аммо ҳайф, ки духтаронаш намегузоштаанд. Вакте ки муҳаббати ин модарро нисбат ба писар дар хаёли худ муҷассам кардам, ҳарфи Хисрав ба ёдам расид, ки рӯзе ба ман гуфта буд: "Оё мумкин аст, ки меҳру муҳаббат ҳам дар дунё сабаби дарди сари одам бошад?"

Модари Хусрав баъд гуфт:

— Духтур дирӯз гуфт, ки алҳамдулиллоҳ ҳолаш беҳтар шудааст. Агар ба парҳез риоя накунад ва ин беморӣ соли дигар дубора ҳамин вақт авҷ кунад, барои ӯ бисёр хатарнок аст. Оқо, коре бикунед, ки дигар он қадар китоб нахонад.

Аз пушти шишаи тиреза дидам, ки Хусрав аз хонааш баромада болои зинаи даруни ҳавлӣ нишастааст. Модараш курсии роҳат барои ӯ бурд. Ман ҳам ба назди ӯ рафтам. Ба ман гуфт:

— Чӣ офтоби хубе!

Модараш гуфт:

— Хусравҷон, худатро беҳтар мепӯшондӣ.

Хусрав рӯ ба ман карду гуфт:

— Ростӣ, баҳор ба ҳама кас ҷони тоза мебахшад. Ин шамшодҳои хонаи мо то дирӯз сиёҳ ва бадранг буданд. Имрӯз якбора барги онҳо сабзу латиф шудааст. Ҳатто онҳое ҳам ки тирамоҳ хушкида буданд, ҳоло дубора дар сабзишанд.

Дар ҳақиқат ин ҳолати табиии Хусрав буд. Майл дошт фикрҳои шоиронаи худро ба тарзи сода ва авомфаҳме баён кунад. Аммо гоҳе ҳамин фикрҳоро ба таври муғлақ мегуфт. Ин дам симояш як ҳолати воҳиманоке ба худ гирифта буд. Оё аз пушти дар суханҳои моро шунида буд? Чунон ба назарам намуд, ҳамин Хусрав, ки то ба ҳол ду маротиба қасди худкушӣ карда ва намурда буд, аз марг метарсид.

Палтои пашминро ба китф гирифта, сарашро даруни лабаи дарози гиребони он пинҳон карда, болои курсии роҳат дар офтоб нишаста буд. Модараш вақте ҳис кард, ки мо мехоҳем танҳо бошем, рафт.

Аммо Хусрав ҳеҷ ҳарфе намезад. Ҳафт-ҳашт гунҷишк назди пои мо дар боғча бо ҳам бозӣ мекарданд. Ҷик-ҷики онҳо ва садои гӯшткӯбӣ, ки аз ошхона ба гӯш мерасид, хомӯширо рахна мезаданд. Хусрав гуфт:

— Бо модарам дар бораи чӣ суҳбат мекардӣ? Ҳатман дар бораи Фурӯғ. Ин духтар то ба ҳол ҳазор дафъа ба ман гуфтааст: "Илоҳо, ман қурбони ту шавам. Илоҳӣ ман пешмаргат шавам". Барои ин ки ман ба ӯ изҳори лутфе бикунам. Ҳоло чӣ мешавад, ки имтиҳоне бикунем, бибинем, метавонад худашро қурбонӣ бикунад ё не?

Чашмҳои кашидаи Хусрав дар ин лаҳза ба назарам каме гирд намуд.

Мисли ин ки аз онҳо то андозае дурушттӣ таровиш мекард.

— Мақсади туро ҳеҷ нафаҳмида истодаам.

Хусрав хандиду гуфт:

— Мақсад ин ки рӯзи иди қурбон ба ҷои гӯсфанд Фурӯғро қурбонӣ мекунем.

Шояд мардум ҳақ доранд, ки мегӯянд, Хусрав девона шудааст!

Барои он ки дигар дунболаи ин матлаб кашида нашавад бо ӯ хайру хуш кардаму рафтам.

Вақте ки аз хонаи Хусрав берун омадам, қариби пешин буд. Чанд қадам нагузашта, занеро дидам, ки ба сӯи хонаи ӯ мерафт. Бо вуҷуди ин ки рӯяшро сахт пӯшонида буд, шинохтам, ки Фурӯғ аст. Сари хиёбон қадре сабр кардам, аммо ӯ наёмад. Маълум шуд, ки Хусрав ӯро пазируфтааст.

Дар воқеъ суханони охирини Хусрав маро ба хаёл андохт.

Ману Хусрав як сол пеш дар як меҳмонӣ дар манзили яке аз одамони маъруфи шаҳр бо Фурӯғ ошно шудем. Он рӯз Фурӯғ куртаи пулакдори унобӣ пӯшида буд. Вақте ки соҳибхона ману Хусравро ба ӯ ва модараш шинос кард, Фурӯғ хеле сурх шуд. Он рӯз ӯ аввалин бор буд, ки дар як маҷлиси умумӣ бо модараш бе чодар омада буд. Дар ҳамин айём Фурӯғ шаҳодатномаи синфи ёздаҳро гирифта, мактаби миёнаро тамом

карда буд. Вакти нахорхӯрӣ Фурӯғ байни ману Хусрав нишаст. Зоҳиран, мехмондорин мо ду нафарро ба ӯ супорида буданд, аммо ман аз зери чашм хуб медидам, ки Фурӯғ саросема шуда буд, мисли ин ки ба кор бурдани корду чангча, қошуқу дастмоли сафед, ки каллакандвор болои табақҳо гузошта буданд, барояш кори душворе буд.

Хусрав дар он рӯз баръакс хеле хушҳол ба назар менамуд. Ба ақидаи ман дар ин зиёфат барои масхарагиҳои як моҳи дигараш ҳадафе пайдо карда буд. Ҳангоме ки Фурӯғ зери обу арақ нишаста буд, Хусрав аз ҳама тараф ба ҳама кас саволу ҷавоб мекард ва якбора рӯяшро ба ман гардонида гуфт:

— Ману ту бояд хушвақт бошем, ки Фурӯғхонумро ҳамсояи мо кардаанд.

Фурӯғ дар ҷавоби суханони ӯ бо камоли эҳтиром гуфт:

— Баръакс, ман шодам, ки бо шахсони бузурге ҳамсоя шудаам.

Баъд аз наҳор ману Хусрав шатранҷбозӣ мекардем. Баъзе аз меҳмонҳо дар хонаҳои дигар чой мехӯрданд ва ё сӯҳбат мекарданд. Шояд бештар сӯҳбати онҳо дар бораи Хусрав буд. Барои он ки дар ҳамон айём Хусрав китоби машҳурашро навишта буд, ҳамон китобе, ки охирин асари ӯ ба шумор меравад. Модари Фурӯғ он тарафтар нишаста буд. Соҳибхона духтарашро назди мо овард, ки ӯ китоби Хусравро дар даст гирифта буд ва мехонд. Як маротиба барои он ки изҳори фазл карда ва шоистаи як нафар духтари таҳсилкардаи дорои маълумоти синфи ёздаҳ саволе карда бошад, пурсид:

— Оқо, бибахшед, ин ҷо навиштаед, ки "нури чароге, ки аз зери чатри сурхранги он таровиш мекард, ба хона як ҳолати асрорангезе медод", мақсуд чист?

Хусрав, ки аспро бардошта, рондан мехост, чанд сония бо лабханд тааммул карду гуфт:

— Мақсуд ин аст, ки Фурӯғхонум изҳори лутфе бикунанд ва ба мо ҳам чой бидиҳанд.

Фурӯғи бечора аз ин ҷавоби номуносиб каме сурх шуд ва бархосту рафт. Хусрав ба ман гуфт:

— Дидӣ нисфи олами инсониятро?

Баъдҳо Фурӯғу модарашро дар кафеи "Лолазор" гоҳе бо чодар ва ё бечодар медидем. Модари Фурӯғ, умуман бе майл набуд, ки барои духтараш шавҳаршавандаи муносибе ёбад. Хусрав ҷавони зебо ва аз хонаводаи хуб буд. Ҳоло ӯ кор ва даромад надошт, аммо ин муҳим набуд, барои он ки онҳо эҳтиёҷ ба пул надоштанд, фақат чизе ки модари Фурӯғро бесаранҷом мекард, дар хона хеле бадмуомила будани Хусрав буд. Инро ӯ аз ғайҳо шунида буд. Вале ин ҳам чандон аҳамият надошт, мумкин аст бо занаш муомилаи хуб кунад. Фурӯғ, ки ҷои нишасти моро медонист, баъдҳо ҳам гоҳе танҳо ба кафеи "Лолазор" меомад. Дар ин гуна мавридҳо Хусрав соатҳои 7 ё 8 ӯро то хонааш гусел мекард. Аммо

баъзан Хусрав дар сурате ки омадани Фурӯғро медонист, пеш аз вай мерафт ва ё ин ки маро ҳам бо худ мебурд.

То бемор шудани Хусрав равобити вай бо Фурӯғ чунин буд.

Дар ин муддат бори аввалин буд, ки Хусрав Фурӯғро медид ва Фурӯғ ба хонаи ӯ рафтанашро аз ман пинҳон кард, зоҳиран ба модараш ҳам нагуфта буд, ки он ҷо меравад.

Оё Фурӯғ Хусравро хеле дӯст медорад? Хусрав чӣ? Чаро вай имрӯз чунин ҳарферо ба забон гирифт? Мақсадаш чӣ буд? Фикрҳои парокандае, ки онҳоро ба ҳеҷ ваҷҳ ба ҳам васл карда наметавонистам, ба хаёлам мерасиданд. Ду -се рӯз дари хонаи Фурӯғ мегузаштам, беихтиёр дарро задам. Хизматгор гуфт, ки хонумҳо дар хона нестанд.

Ба хона ки баргаштам, дидам, Хусрав коғазе навиштааст, ки ман ҳар чӣ зудтар худамро ба ӯ бирасонам.

Хусрав рӯи ҳавлӣ, дар офтоб пӯстин ба китф андохта болои курсии роҳате нишаста буд. Шохаҳои дарахти зардолу, ки нав муғча бовардa буд, ба сараш соя андохта буданд. Хоҳари хурдиаш паҳлӯи ӯ нишаста барояш афлесун пӯст меканд.

— Чӣ хуш омадӣ, сафо овардӣ.

— Эй ока, сафо аз шумост, — гуфтам дар ҷавобаш.

Лабханде зад, баъд хомӯш шуд. Ин лабханд яке аз сифатҳои махсуси ӯ буд. Дилам ноором буд, аммо ӯ аз рӯи одаташ ҳама чизро бо хунсардӣ қабул мекард. Хоҳараш хандае карду рафт.

— Марҳамат афлесун хӯред, —гуфт.

— Худо сояи шуморо аз сари мо кам накунад.

— Боракалло, ширинмақол шудай.

Ман дигар ҷавоби муносибе пайдо накардам. Хусрав ҳам қиёфаи ҷиддӣ ба худ гирифт. Ман пурсидам:

— Ба ман чӣ кор доштӣ? -

Ҳамин ки ба хона рафтам, коғази туро дидам.

— Коре надоштам, мехостам дар бораи арӯсии худам бо ту сӯҳбат кунам.

Ман ҳаросон пурсидам:

— Арӯсӣ? Бо кӣ?

— Бо Фурӯғ!

— Бо Фурӯғ?

— Ту хеле тааҷҷуб мекунӣ? Чӣ аҳамият дорад?

Магар ман набояд хонадор бишавам?

Ӯ хандаи ғарибона мекард. Ман ба курсии роҳат нишаста, пойҳоямро болои ҳам кардам ва гуфтам:

— Муборак шавад.

Аммо дар дил андешаи дигаре мекардам: Охир, магар ту бемор нестӣ? Ту касалии сил дорӣ. Фурӯғи бечора магар чӣ гуноҳ кардааст, ки бо ту ошно шудааст? Хусрав аз пеши чашмам маҳв шуда, ба ҷои вай рухсо-

раҳои барчастаи устухонбанди мурдае пеши назарам меистод. Фурӯғ дастҳои нозук ва латифашро ба ин устухонҳо мемолид...

Хусрав курсии худро ба ман наздиктар оварду гуфт:

— Ҳис мекунам, ки ту каме таъаҷҷуб мекунӣ ва ин ҳаракати маро сангдилӣ медонӣ. Ҳеҷ мефаҳмӣ, ки ман чӣ азобе мекашам? Ҳеҷ медонӣ, ки ман чӣ гуна месӯзам? Ман дар айни ҷавонӣ бояд бимирам. Барои чӣ? Фақат барои он ки аз дигарон беҳтарам, фақат барои он ки ман бештар чиз мебинам ва мефаҳмам. Аз он чӣ дигарон лаззат мебаранд, ман азоб мекашам... Ғайр аз ин, аз куҷо маълум аст, ки ман мемирам. Шояд беҳтар шавад. Шояд арӯсӣ ҳоли маро беҳтар кунад. Магар худи шумо ба ман намегӯед, ки ман сил надорам? Касалии ман тамом шудааст. Аз куҷо маълум аст, ки Фурӯғ бо ман бадбахт мешавад? Шояд хушбахт шавад.

Ӯ муддате ҳарф зад ва ман хира ба ӯ нигоҳ мекардам. Ҳарфҳои охираш ин буд:

— Барои чӣ ман бояд худамро мудофиа кунам? Оё қуввае, ки маро гирифтори сил карда ва мехоҳад бикушад, магар худашро мудофиа мекунад? Ман ҳам қуввае ҳастам ва бояд майдоне барои болу пар задан пайдо кунам.

Суханҳои ӯ маро қонеъ накарданд. Аммо рост мегуфт.

Гуфтаҳояш ба дили ман таъсир кард. Ба ҳар ҳол симе, ки ба хабари арӯсии ӯ лаҳзаи аввал дар ман рӯй дода буд, тадриҷан бартараф шуд. Аммо аз ваҷҳи дигар дар ташвиш будам. Метарсидам, ки тамоми нақшаҳои худашро барои ман баён накарда бошад. Ба ҳар ҳол бо ӯ мувофиқат кардам. Ӯ худаш бо Фурӯғ аз ин хусус сӯҳбат карда буд. Модари Хусрав низ аз ин арӯсӣ хушҳолӣ мекард ва тайёр шуда буд, ки ҳама навъ кӯмак кунад. Духтур ҳам арӯсиро савоб ёфта, дар охир бо эҳтиёт гуфта буд: — Мумкин аст барои Хусрав хеле хуб бошад ва шояд ҳам барои ҳар ду хатарнок бошад.

Хусрав нақшаи худро барои ман баён кард:

— Қарор додаам мулкеро, ки дар Шаҳриёр ба ман мерос расидааст, бифурӯшам. Тақрибан даҳ-дувоздаҳ ҳазор туман мешавад. Бо ин пул дар Гелон, шояд дар Лоҳайҷон ва ё наздикиҳои баҳр як порча замине мехарам ва дар ҳамон ҷо хонае месозам ва машғули деҳқонӣ мешавам. Ният дорам, ки дар ҳамон хонаи нав арӯсӣ бикунам.

Хусрав маро вазифадор кард, ки бо модари Фугӯғ гуфтугӯ бикунам.

Анҷоми ҳамаи ин корҳо қариб ҳашту ним моҳ тӯл кашид. Модари Фурӯғ, агарчи зоҳиран аз бемории Хусрав каме дар андеша буд, вале умуман аз дилу ҷон ин арӯсиро орзу мекард. Модари Хусрав аз ин ки писараш хушҳолӣ мекунад ва гоҳе ҳам мешавад, ки бо ӯ ҳам механдад, хеле шод буд. Ҳақ ҳам дошт: арӯсии писарон ва духтарон барои падару модарон ёдбуди зиндае аз арӯсии худашон аст.

Дар Рӯдсар, дар соҳили дарё хонаи хушҳавое бино ёфт, ки рӯ ба дарё, дорои айвони пахне буда, пеши он яксара шишабанд карда шуда буд. Се

мохи тобистон ману Хусрав машғули сохтмони он будем. Мо мувакқатан фақат барои хона сохтан замин харидем? Хусрав мақсад дошт, ки заминро баъдҳо, вақте ки бо аҳли маҳал ошно шудем, хоҳем харид. Дар сохтмони он хона хеле диққат мекард. Аммо фармоиши Хусрав тавре буд, ки хонаро бадвоҳима ҷилва медод.

Асбобҳои хонаро аз беҳтарин дӯконҳо бо беҳтарин салиқа харидем. Ман мегӯям, беҳтарин салиқа, аммо ин салиқаи ман набуд. Мебелҳои нарм, қолинҳои хушнақшу нигор, пардаҳои ҳарир, овезаҳо ва қандилҳои биринҷикории Исфаҳон, чароғпояҳо, ки аз чӯбҳои вазнин сохта шуда буд, ҳамаи инҳо агарчӣ зебо буданд, аммо рангҳои аҷибе доштанд, ки Хусрав махсус интихоб карда буд. Беш аз ду ҳазор туман барои анҷоми хонаи хоб, ки Хусрав онро "ҳаҷлагоҳ" ном гузошта буд, харҷ шуд. Ранги тамоми анҷоми хона тиллоӣ буд. Аммо боз мегӯям, ин мувофиқи салиқаи ман набуд.

Рӯзи бахман чун дар тақвим навишта шуда буд, ки дар ин рӯз заношӯӣ муборак аст, арӯсу домодро дар хонаи модари Фурӯғ ақд карданд ва ҳамон рӯз Фурӯғу Хусрав ба сӯи Рӯдсар ҳаракат карданд.

Пасфардои он шаб мадари Хусраву модари Фурӯғ бо ман дар як автомобили "Худсен" аз Лоҳайҷон гузаштем. Қарор ин буд, ки арӯсу домод бегоҳӣ хонаи нав шаванд ва мо субҳ он ҷо бошем. Дар роҳ боди шадиде мевазид, ба тавре ки барфпораҳоро аз рӯи дарахтон дар ҳаво пароканда мекард. Наъраҳое, ки маълум набуд аз ҳалқуми бод берун меояд ва ё ин ки табиат аз худ медамад, таъсири ғарибе дар гӯши шунаванда эҷод мекард. Модари Фурӯғу модари Хусрав механдиданд, аммо ман мунтазири балое будам. Дилам дар таҳлука буд. Автомобил аз роҳи пур аз барфу лой мегузашт ва ҳар лаҳза моро ба сӯи он хона, ки имрӯз ба назарам хонаи ваҳшатноке шуда буд, назиктар мекард.

Соати нӯҳу ним автомобили мо пеши дари хона истод. Дар боз буд. Бар хилофи интизор ҳеҷ кас ба пешвози мо набаромад. Ҳанӯз чароғи дишаба месӯхт, дуд мекард. Дар чунин як рӯзе, ки бояд арӯсӣ ҷашн гирифта шавад, ки ин хона ин тавр хомӯш бошад. Аз зинаҳо боло рафтем. Дар даҳлези ошёнаи якум як нафар арманӣ ғижжак дар даст бо гиребони кушода болои нимкате хобида буд ва хур-хур мекард. Дар толори бузург чандто шиша ва қадаҳ рӯи замин афтода буд. Баъзе аз чароғҳо ҳанӯз фурӯзон буданд. Аз кадом як гӯшаи номаълум, боди сахту сарде дар тамоми хона мевазид, ба тавре ки тамоми пардаҳо дар талотум буд ва қандилҳоро такон медод. Ҳар лаҳза яке аз дарҳо боз мешуд ва бо садои маҳибе ба деворҳо мехӯрд. Ман, ин хонаро мешинохтам, ба зинаҳо нигоҳ накарда, аввал ба хонаи хоб рафтам. Кӯрпаҳо дарҳаму барҳам буданд, аммо касе он ҷо набуд. Бод аз айвон меомад. Бошитоб он ҷо рафтам, ки тирезаро бибандам. Боди сахте ба дохили иморат мевазид ва барфпораҳо дар фазои он мерақсиданд. Аз пушти тирезаҳо дарё намудор буд. Дарё ҷӯш мезад, мавҷҳо ба шиддат ба девори хона бармехӯрданд, гӯё асоси ин хонаро сарнагун кардан меҳостанд. Фурӯғ перохани

сафед дар тан бо мӯйҳои парешон назди тиреза ба замин афтода буд. Ман гумон кардам, мурдааст ҳеҷ ҳаракат намекард, баданаш сард, поҳояш бараҳна буд. Вақте ки наздикаш рафта, ӯро аз замин бардоштам, ба рӯяш нигоҳ кардам, бо чашмаш ба дарё ишора кард.

* * *

Як сол баъд Фурӯғ ҳам аз бемории сил мурд.
Ӯ қурбони ҳама буд, ин қурбони ӯ шуд.

**Савол ва супориш:**

1. Бузург Алавӣ кай ва дар куҷо ба дунё омадааст?
2. Дар бораи вазъи сиёсию иҷтимоии Эрони ибтидои асри XX чиро медонед?
3. Маҷмӯаи аввалини ҳикояҳои Алавӣ чӣ ном дорад?
4. Дар эҷодиёти нависанда кадом асарҳояш мавқеи муҳим доранд?
5. Тарҷума дар эҷодиёти Алавӣ чӣ мақом дорад?
6. Оё ба шумо ҳикояи "Қурбонӣ" маъқул шуд? Чаро?
7. Мавзӯи асосии навиштаҳои нависандаро чӣ ташкил мекардааст?

## РОБИНДРОНАТ ТАКУР
**(1861 – 1941)**

Нависанда ва шоир, ходими намоёни ҷамъиятӣ ва маърифатпарвари бузурги ҳинд Робиндронат Такур дар даврaи мураккаби таърихӣ, замони дар тасарруфи Англия қарор доштани Ҳиндустон зиндагӣ кардааст. Ҳиндустон чун мамлакати ганҷҳои бебаҳо диққати аҷнабиёнро ба худ ҷалб сохта, дар натиҷаи ғасбу ғорат осеб ва хисорати калоне дидааст. Аз ин рӯ, эҷодкорони равшанфикри он дар асарҳояшон ба масъалаи бедорӣ ба худшиносии миллӣ ва озод намудани ватанашон аз ғосибон аҳамияти бештар додаанд.

Р.Такур аз зумраи ҳамин эҷодкорон аст, ки бо фаъолияти озодипарастӣ ва таълифи асарҳои гуногунжанру гуногунмавзӯаш дар адабиёти Ҳиндустон мақом ва мартабаи баланд дорад.

Р.Такур 7-майи соли 1861 дар шаҳри Калкаттаи Ҳиндустон дар оилаи ходими ҳаракати озодихоҳӣ ва маърифатпарвар ба дунё омадааст. Падари ӯ Дебендранот Такур, ки фарзанди заминдори калон Дварканот буд, ҳаёти худро дар роҳи Эҳёи маънавии Ҳиндустон сипарӣ намудааст. Аз ҳамин сабаб ғояҳои озодихоҳӣ ва мубориза барои зиндагии озод барои Робиндронат Такур аз муҳити хонаводагӣ ошно аст.

Р.Такур дар ибтидо дар Калкатта, баъд дар донишгоҳи шаҳри Лондон таҳсил намудааст. Ба кори эҷодӣ бармаҳал марок зоҳир намуда, андешаҳои худро аз соли 1875 рӯи когаз овардааст. Ӯ солҳои 1878-80 дар Англия ба омӯзиши адабиёт ва мусиқӣ машғул гардид.

Маҷмӯаи шеърҳои ӯ "Сурудҳои шомгоҳон" /1883/ фарогири оҳангҳои пантеистӣ буда, маҷмӯаҳои "Сурудҳои пагоҳӣ" /1883/, "Манзараҳо ва сурудҳо" /1883/ ва драмаи "Қасоси табиат" /1884/ рӯҳияи комили ҳаётдӯстдорӣ ва зиндадилиро фаро гирифтааст. Маҳорати эҷодӣ ва нигоҳи ӯ ба рӯйдодҳои ҳаёт зина ба зина ташаккул ёфта, асарҳои гуногунжанри ӯ масоили дардноки ҷомеаро бештар инъикос мекардаанд. Дар романҳои таърихии ӯ "Соҳили Бибҳӣ" /1882/ ва "Роҷаи хирадманд" / 1887/ бедодгарии ҳокимони мустабид маҳкум карда мешавад.

Солҳои 90-ум замони эҷоди ҳикояҳои беҳтарин ва силсилаи ашъори шоиронаи ӯ ба ҳисоб меравад. Дар ҳамин давра маҷмӯаҳои "Молижи" /1895/, "Рухи тиллоӣ" /1893/, "Ҷамъоварии ҳосил" /1896/ ба табъ расидаанд.

Замони болоравии ҳаракати миллӣ—озодихоҳӣ, ки баъди тақсими Бангола дар соли 1905 сар зада буд, Р. Такур чун яке аз сарварони ин ҳаракат ашъори зиёди ватанпарастона сароид ва ҳамчунин маҷаллаи сиёсӣ-ҷамъиятии "Бҳандар"-ро нашр намуд. Аммо замоне, ки ин ҳаракат аз қолаб баромад, шоир аз онҳо канораҷӯӣ намуда, ба корҳои маърифатӣ машғул гардид.

Дар романи машҳури ӯ "Завол", ки солҳои 1907-1910 таълиф гардидааст қаҳрамони асоси он барои тараққиёт ва озодӣ мубориза мебарад. Р.Такур ҳамаи халқҳои Ҳиндустонро новобаста аз дин ва ирқашон ба мубориза барои озодӣ даъват менамояд.

Ҳамин рӯҳия дар драмаи "Интиқом" /1909/ боз равшантар зоҳир гардида, ғояи ҳаракате ташвиқ мегардад, ки бояд ба ҳукумати мустамликавӣ 11аздиқиву ҳамкорӣ нашавад.

Солҳои 1912-13 Р. Такур ба Британиёи Кабиру Амрико сафар намуда, дар мавзӯи фалсафа ва маданияти ҳиндӣ суханрониҳо менамояд. Обрӯи ҷаҳонии ин адиби ҳинд сол то сол боло рафта, фаъолияти сиёсиву озодихоҳӣ ва асарҳои ӯ диққати доираи васеи хонандагонро ба худ ҷалб месозад. Барои маҷмӯаи шеърҳои "Сурудҳои қурбонӣ", ки худи Р.Такур соли 1912 ба забони англисӣ тарҷума намудааст, сазовори мукофоти байналхалқии Нобелӣ гардид ва номи ӯ дар тамоми олам машҳур шуд. Инсон ва қисмати ӯ дар асарҳои Р.Такур мавқеи асосӣ пайдо намудаанд. Ӯ гоҳо дар қолаби ашъори лирикӣ, гоҳо дар шакли гузоришҳои сиёсӣ ва асарҳои калонҳаҷм нисбат ба ин масъала андеша баён менамояд. Роҳи наҷоти халқи Бангола ва кулли Ҳиндустонро меҷӯяд. Ӯ чун адиб дили ҳассос ва нозуке дорад. Аз ҳамин сабаб аз ташвиқи зӯрӣ ва муборизаи мусаллаҳона гоҳо худдорӣ менамояд. Силсилаи шеърҳои "Парвози турнаҳо" /1914-16/ як навъ изтироб аз тақдири инсон, сафари мардум ба Ғарб ва Ҷанги Якуми Ҷаҳон аст.

Солҳои 20-ум Р. Такур ба Аврупо, Осиё ва Амрико сафар мекунад. Натиҷаи ҷанги якуми ҷаҳон, таассуроти шахсии ӯ аз Аврупои баъдиҷангӣ ва андешаҳо оид ба тақдири халқҳо инъикоси худро дар асарҳои публисистии шоир ёфтаанд.

Китоби ӯ "Миллатгарой" (тарҷумаи русиаш соли 1922) як нав огоҳ намудани моҳияти милитаристии шовинизм дар Ғарб ва Шарқ аст.

Фаъолияти сиёсӣ, шахсият ва осори ба мубориза даъваткунандаи Р. Такур доираҳои ҳукмрони замон, госибони бегона ва хушомадгӯёни дохилиро ба таҳлука андохта буд. Борҳо кӯшиши ба ҷониби худ кашидан, вазифа муайян намудан ва унвонҳои расмӣ пешниҳод намудани онҳо қотеона аз ҷониби ин муборизи роҳи адолат рад карда шуд.

Аз ҷумла, соли 1919 Р.Такур аз ҷанги хунини дар шаҳри Амритсар ташкилнамудаи империалистони англис ба ғазаб омада, ба ноиби шоҳи Ҳиндустон номаи ғазаболуд ва пуризтиробе менависад ва чун нишони эътироз аз унвони расмии давлатдорони англис пешниҳоднамуда даст мекашад.

Соли 1930 орзуи деринаи ӯ - дидани Иттиҳоди Шӯравӣ ҷомаи амал пӯшид. Дар асараш "Номаҳо дар бораи Россия" /1931/ ин адиби куҳансол ба дастовардҳои Иттиҳоди Шӯравӣ дар соҳаи маориф,сиёсати инсондӯстонаи он баҳои баланд додааст.

Р. Такур воқеан аз қабили эҷодкорони сермаҳсул буда, дар ҳаёти эҷодиаш зиёда аз 100 ҳикоя, 12 роман, повестҳои зиёд, даҳҳо маҷмӯаи шеърҳо, песаҳо, мақолаҳои публисистӣ, асарҳои фалсафӣ-динӣ, адабиётшиносӣ ва китобҳои мактабӣ таълиф намудааст. Ӯ аз зумраи эҷодкоронест, ки дар ҳамаи зинаҳои умр асар эҷод кардаанд. Аз ҳамин сабаб санаи таълифи асарҳои ӯ аз ибтидо то охири умр як навъ солномаи ҳаётро мемонанд.

Эҷодиёти Р. Такур дар ташаккули забони адабии банголӣ ва шаклгирии реализми танқидӣ нақши ҳалкунанда бозидааст. Ӯ назми ҳиндиро бо қолабҳои тоза ғанӣ намуда, асоси жанри ҳикояро бунёд намуд ва доираи жанри романро васеъ намуда, барои лирикаи сиёсӣ замина тайёр намуд. Таъсири эҷодиёти у ба адабиёти ҳиндӣ пурқувват буда, шеъри машҳури ӯ «Рӯҳи мардум» суруди миллии Ҳиндустон гардида буд.

Асарҳои Р.Такур ҳанӯз пеш аз Инқилоб ба забони русӣ тарҷума гардида, диққати мунаққидону хонандагонро ба худ кашидааст.

Номуи осори ин адиби номии ҳинд, ки ба забони банголӣ эҷод намуда, обрӯи ҷаҳонӣ касб намудааст, ба хонандаи тоҷик низ шинос ва азиз аст. Асарҳои ӯ ба забони тоҷикӣ тарҷума гардида, миёни эҷодкорону хонандагони тоҷик маҳбубият пайдо намудааст. Хусусан романи машҳури ӯ "Завол" дар тарҷумаи тоҷикиаш дилбастагони зиёде дорад. Ҳикояҳои "Қозӣ", "Қурбонӣ" ва "Мактуби зан" дастраси хонандагон гардидаанд.

## НАМУНА АЗ ОСОРИ РОБИНДРОНАТ ТАКУР

## ҚУРБОНӢ

Бойдонатхро дар қишлоқ марди одилтарин ҳисоб мекарданд, бинобарин ӯ бештар на ғами ҳастии ҳозираро мехӯрд, балки пешомадро меанде-

шид. Ҳатто дар вақти тӯи худ ӯ симои ворисиояндаашро назар ба симои арӯсаш равшантар медид. Дар тӯй ин гуна пешбинӣ кардан кори ҳар кас нест. Бойдонатх марди солхӯрдае буд, ки дар ин синну сол қурбонӣ додан ба шарафи аҷдоди марҳум аз муҳаббат дида бештар кори муҳим мегардид: ӯ бо ягона мақсади писар ёфтан Бинодиниро ба занӣ гирифт.

Аммо дар ин дунё оқилон ҳам хато мекунанд. Вақте ки Бинодини ба балоғат расида, вазифаи асосии худро ба ҷо наовард, Бойдонатх ба ташвиш афтод: ӯ дарвозаи дӯзахеро, ки насиби ҳамаи мардумони беписар мегардад, ба худ тасаввур намуд. Ғайр аз ин, андешаи он ки баъд аз маргаш ин ҳама сарвати калони ӯро кӣ мерос мегирад, дар вақти зинда буданаш ҳам ба истифода бурдан аз он сарватҳо халал мерасонд. Чуноне ки дар боло гуфтам, ояндаро аз ҳозира авлотар медонист.

Албатта, ин гуна дурандеширо аз Бинодинии ҷавон чашм доштан мумкин набуд. Бечора хеле афсӯс мехӯрд, ки зиндагии ҳозираи азизаш, умри ҷавониаш ношод ва бе муҳаббат мегузаранд. Оташи орзуҳои индунёияш аксар вақт ӯро маҷбур менамуд, ки ҳаёти он дунёиро фаромӯш кунад. Ва чи маҷмӯаи Қонунҳои Ману[1] ва чи панду насиҳатҳои динии Бойдонатх дили ҳарису пуризтироби ӯро таскин дода наметавонистанд.

Ба ҳар ҳол, барои зан дар айёми ҷавонӣ дӯст доштан ва маҳбуб шудан аз ҳама авлотар ва назар ба ҳамаи вазифаҳои дигар муҳимтар аст.

Вале ба ҷои сели баҳорони ишқи нахустин жолаи сахти ғур-ғур ва таънаҳое, ки аз осмони баланди маскани шавҳар, модаршӯ, аммаю холаҳо ва хешу табори дигар мебориданд, насиби Бинодини гардид. Ҳама ӯро барои фарзанд надоштанаш таъна мекарданд.

Умри ҷавонии хазоншудаи Бинодини ба гули ношукуфтае монанд буд, ки дар хонаи торик ва беҳаво пажмурда мегардад.

Бинодини дар хонаи Кушум қартабозӣ карданро дӯст медошт, вай аз таънаҳо ва айбҷӯиҳои доимӣ гурехта, ба он ҷо мерафт. Дар ин ҷо сояи дӯзахе, ки насиби занони бефарзанд аст, доимо ба назараш намудор намегардид ва дар ин ҷо ба ҳазлу шӯхӣ ва чақ-чақи ӯ касе халал намерасонд.

Баъзан Кушум шарики қартабозӣ намеёфт, бинобар ин вай Ногендро ном додаршӯи ҷавони худро чеғ мезад, ки бо ӯ бозӣ кунад. Бинодини аввал эътироз кардани мешуд, аммо Ногендро ба эътирози вай фақат механдид. Кас дар ҷавонӣ бовар кардан намехоҳад, ки дар зиндагӣ як майл аксар вақт боиси майли тамоман дигаре мегардад ва масалан, бозии муқаррарӣ рафта-рафта боиси ягон ҳодисаи ҷиддие шуда метавонад.

Дар ин бобат Бинодини ҳам қатъияте зоҳир намекард. Вақте ки кор ба қартабозӣ оид мешуд, аз вай бисёр илтимос кардан лозим набуд.

Инак, Ногендро қариб ҳар рӯз ба дидори Бинодини мерасид. Ӯ бисёр вақт бой медод, чунки аклу ҳушаш ба қарта не, балки бештар ба чизи

---

[1] *Ману* — сарнасли афсонавии навъи башар, таълифи "Қонунҳои Ману" ба ӯ нисбат дода мешавад, ки он қонунҳо қоидаҳои рафтор ва вазифаҳои ҷамъиятии ҳиндиҳоро муайян мекунанд.

шавқовар ва зинда банд мешуд. Сабаби ҳақиқии бойдиҳии Ногендро аз Кушум пинҳон намонд. Аз Бинодини ҳам.

Ман дар боло гуфтам, ки кас дар овони ҷавонӣ маънои кирдору рафтори худро намефаҳмад. Кушум хаёл мекард, ки ин дилхушии ғалатест, бинобар ин мехост оқибати онро бинад. Кас дар овони ҷавонӣ аз зери замин фаввора задани чашмаи поки муҳаббатро дида, ҳама вақт шод мегардад.

Бинодини ҳам инро айб ҳисоб намекард: майли қувваи мафтунсози худро дар дили мард озмудан баъзан айб ба шумор равад ҳам, вале табиӣ ва мафҳум аст.

Боре дар вақти картабозӣ, ки панҷӣ чориро гирифт, ду нафар бозингарон дар як маврид матлаби ҳамдигарро фаҳмиданд. Ғайр аз худованди таоло, инро ҳарифи сеюм ҳам дид ва аз тахти дил хурсанд шуд.

Боре дар нимаи рӯз Бинодини, Кушум ва Ногендро картабозӣ мекарданд. Кушум гиряи кӯдаки бемори худро шунида, рафт. Ногендро хост, ки Бинодиниро ба гап гирад. Аммо худаш ҳам намефаҳмид, ки чиҳо гуфта истодааст: дилаш гурс-гурс метапид, ду гӯшаш ғуввос мезад.

Дар ин дам ҷавонии ғалабаовар аз таҳаммули Ногендро зӯр баромад. Ӯ дасти Бинодиниро гирифта, вайро сахт оғӯш намуда бӯсид.

Ин кирдор Бинодиниро маҷбур намуд, ки аз қаҳру хиҷолат ба шӯр ояд. Вай дастони худро халос кардан мехост ва дар ин дам шахси сеюм ба хона даромад. Онҳоро диданд! Ногендро аз хиҷолат сар бардошта натавониста, ба сӯи дар рафт.

— Хонум, хола шуморо чеғ мезананд, — гуфт хизматторзан бепарвоёна. Бинодини гиряи худро базӯр нигоҳ дошт ва худдорӣ намуд, ба Ногендро чашм ало карда, аз паси хизматторзан рафт.

Хизматтор дидаю надидаашро сад баробар муболиға намуда, гуфта доду бо ҳамин ҳавлии даруни Бойдонатхро ба ошӯб андохт. Қалам аз тасвири ҳолу аҳволи Бинодини оҷиз аст. Вай сарҳам нишаста, ба ҳамаи сарзанишҳо тоқат мекард ва худро сафед карданӣ ҳам намешуд. Он гоҳ Бойдонатх ба чунин қарор омад, ки аздусар рӯи фарзандро намебинад ва вазифаи худро дар назди аҷдодаш ба ҷо оварда наметавонад, бинобар ин сухани қатъии худро гуфт: "Дафъ шав аз хонаи ман, ҳайвони мурдор!"

Бинодини ба хобгоҳ даромада, худро ба рӯи кат партофт.

Чашмони вай хушк, вале ҳамчун офтоби нисфирӯзии биёбон фурӯзон буданд. Баъд, ки рӯз торик шуд ва аз боғ овози қар-қари зоғҳо ба гӯш мерасид, вай аз хона баромад. Ситораҳо дар болои сараш барқ мезаданд. Вай падару модари худро ба хотир оварду оби дида аз рухсораш шашқатор ҷорӣ шуд.

Худи ҳамон шаб Бинодини хонаи шавҳари худро тарк намуд. Аз он вақт ин ҷониб касе ӯро ёфта натавонист. Дар ҳамон шаб Бинодини ҳанӯз намедонист, ки вазифаи худро ба ҷо оварда буд ва дар батнаш он чизе буд, ки роҳи биҳиштро ба рӯи шавҳараш кушода метавонист.

## II

Аз ҳодисаҳои дар боло тасвиршуда қариб даҳ сол гузашт. Дар ин муддат Бойдонатх боз ҳам бештар бадавлат шуд. Ӯ қишлоқро тарк намуда, дар Калкатта ҳавлию хонаи калоне харид ва акнун дар шаҳр зиндагӣ мекард.

Ҳар қадаре ки сарвату давлаташ меафзуд, ғами набудани меросхӯраш ҳамон қадар зиёд мешуд. Ӯ дар давоми даҳ сол ду бор зан гирифт, аммо ин зангириҳо ба ҷои меросхӯр ҷангу ҷанҷолҳои хонагиро ба вуҷуд меоварданду бас. Дар хонаи Бойдонатх ҳама вақт мунаҷҷимон, уламои рӯҳонӣ, афсунгарон ва қаландарон ҷамъ мешуданд. Бисёр тӯмору бозубандҳо, доруҳои гиёҳӣ ва воситаҳои дигар ба кор андохта шуданд. Аз устухонҳои бузғолаҳое, ки дар Калигхат[1] қурбон карда шуда буданд, тӯдае пайдо шуд, ки калламанораи Темурланг назар ба вай ҳеҷ менамуд. Аммо ҳамаи ин устухончаҳои маҳин ҷисми зиндаи тифлеро, ки бояд дар қасри бузурги Бойдонахт ҷои асосиро ишғол мекард, ба вуҷуд оварда наметавонист. Чун Бойдонатх фикр мекард, ки писараш не, балки ягон одами бегона нони ӯро хоҳад хӯрд, луқма аз гулӯяш намегузашт.

Бойдонатх боз як зан гирифт – дар ин дунё орзую умеди одамизод ҳадду канор надорад ва духтарони лоиқи шавҳар бешуморанд!

Мунаҷҷимон ҷадвали толеи арӯсро омӯхта гуфтанд, ки бо ҳам рост омадани ситораҳо бар он шаҳодат медиҳад, ки ба наздикӣ дар хонаи Бойдонатх фарзанде ба дунё меояд. Аммо боз шаш сол гузашту бо ҳам рост омадани ситораҳо мисли пештара натиҷае набахшид.

Бойдонахт навмед мегардид. Ниҳоят, аз рӯи маслиҳати уламое, ки китобҳои диниро нағз медонистанд, ӯ қарор дод, ки қурбонии бузурге диҳад. Бойдонатх молу ҳолашро дареғ намедошт: камаш сад нафар барахман ба хотири ӯ ба дуохониҳои бепоён машғул шуданд.

Дар он рӯзҳо ба сари мардуми Биҳор, Бангола ва Орисса қаҳтию гуруснагии сахте омада, бошандагони он шаҳрҳоро пӯсту устухон карда монд. Вақте ки Бойдонатх бо хавотир андеша мекард, ки нони ӯро кӣ хоҳад хӯрд, гуруснагон бо аламу ҳасрат ба табақҳои холии худ нигоҳ мекарданд.

Инак дар яке аз он рӯзҳо зани чоруми Бойдонатх оби табаррукеро, ки сад нафар барахман пойҳои худро дар он шуста буданд, нӯшид. Баъд сад нафар барахман пагоҳӣ то шикамсерӣ оши палав хӯрданд. Дар нимаи рӯз боз то шикамсерӣ хӯрок хӯрданд. Кӯзаю табақҳои сафолӣ ва баргҳои олудаи ҷурғоту равғанро, ки баъд аз хӯрокхӯрӣ монда буд, бо аробаҳои ахлоткашонии идораи шаҳрбон кашонда бурдан лозим шуд. Вале дар ин ҳангом гуруснагон бӯи хӯрокро ҳис карда, дар пеши хонаи Бойдонатх ҷамъ шуданд, бинобар ин ба ӯ лозим шуд, ки якчанд дарбони

[1] *Калигхат* – қишлоқи калон дар самти ҷануби Калкатта, ки дар он ибодатхонаи машҳури олиҳа Кали воқеъ шудааст.

иловагиро киро кунад, набошад мардуми гуруснаро аз пеши дарвоза дур кардан мумкин набуд.

Бо вуҷуди ин боре ногоҳирӯз ҳодисаи зерин рӯй дод:

Қаландари шикамгафсе дар айвони мармарии ҳавлии Бойдонатх нишаста, табақи дуюми ошро баҳузур мехӯрд, баъд аз он якуним коса шир нӯшид. Бойдонатх яктаҳи худро пӯшида ва ду дасти адаб ба сина гузошта, дар рӯи замин хоксорона менишаст ва хӯрда шудани таоми табаррукиро тамошо мекард. Дар ин дам занаки гуруснаю бемадоре бо кӯдаки лоғараш чӣ навъе карда, аз пеши назари ҳушёри қаровулон гузашт, ба айвон даромад ва бо овози хастае гуфт:

—Хӯҷаин, ба мо як андак хӯрок деҳ.

— Гурудоял! — дод зад Бойдонатхи ошуфтаҳол. – Ҳой, куҷой, Гурудоял!

Занак чун дид, ки қаҳри хӯҷаин омад, оҳистаяк илтимос намуд:

— Ба ман лозим не. Лоақал ба ин писарак бидеҳ. Ба ман ҳеҷ чиз лозим нест....

Вале дар ин дам Гурудоял пайдо шуд, модар ва бо якҷоягии ӯ писаракро, писараки аз гуруснагӣ бемадор ва пӯсту устухоншудаеро, ки ягона писари Бойдонатх буд, зада пеш кард.

Дар ин ҳангом сад нафар бараҳмани шикамғафс ва се нафар қаландари тануманд ба Бойдонатх умеди беҳуда талқин мекарданд, ки ӯ соҳиби фарзанд хоҳад шуд ва хӯроки сари дастархонро баҳузур нӯши ҷон менамуданд.

***С. 1895.***

## МАКТУБИ ЗАН

Садқаи хоки поят шавам![1]

Имрӯз аз рӯзи тӯи мо понздаҳ сол гузашт, вале то ҳол ман ба ту ягон бор хат нанавиштаам—ба ин ҳоҷат набуд. Мо ҳама вақт як ҷо будем ва гапҳое, ки ба ҳамдигар мегуфтем, комилан кифоя буд.

Аммо имрӯз ман дар ин ҷо, дар Пури мебошам,ту—дар идора, дар ҷои корат. Ту нобанди Калкатта мебошӣ, чуноне ки тӯкумшуллук побанди садафи худ аст. Ин побандӣ исту бисти туро—тамоми аклу ҳуш ва дили туро мисли тори анкабут бастубанд карда гирифтааст. Бинобар ин ту ба таътил ҳам наомадӣ. Хости худоён ҳамин будааст, онҳо ба доди ман расида, маро озод карданд.

Ман дар хонадони падари ту келини миёна будам. Лекин имрӯз дар ин ҷо, дар соҳили укёнус истода, баъд аз понздаҳ соли хонадорӣ бо ту, фаҳмидам, ки роҳи ман дигар аст. Бинобар ин ҷуръат намуда, хат навиштам. Акнун ин мактуби келини миёна нест.

[1] Дар тамоули ҳиндӣ яке аз шаклҳои салом додан ва табрик намудани шахси мӯҳтарам.(Тарҷимон.)

Дар овони бачагӣ, ки фақат қазою қадар муносибати ману туро пешакӣ муайян карда буд ва сарнавишти маро медонист, ману додарам ба табларзаи сахт гирифтор шудем. Бародарам мурд. Ман сиҳат шудам. Ҳамаи занони қишлоқ он вақт мегуфтанд:

— Мринал духтар буд, ки сиҳат шуд! Писарбача мешуд, зинда намемонд.

Оре Яма[1] кори худро нағз медонад: вай азизонро ба пеши худ мебарад.

Ман намурдам. Зинда мондам! Ман маҳз барои он менависам, ки ҳамаи шумо инро фаҳмед.

Вақте ки амакат ва дӯстат Нирод барои хостгорӣ ба хонаи мо омаданд, ман дувоздаҳсола будам. Ман дар қишлоқи дурафтода зиндагӣ мекардам,—дар ин ҷо ҳатто рӯзона уллоси шағолон шунида мешавад. Барои аз стансия ба қишлоқи мо расидан ба ароба савор шуда, дувоздаҳ фарсанг ва баъд боз се фарсанг бо тахти равон роҳ гаштан лозим аст. Он вақт онҳо азоби бисёре кашида буданд! Хӯроки қишлоқи банголии моро, ки ба хӯрок монанд ҳам нест, амакат то ҳол дар хотир дорад.

Зани бародари калонии ту хушрӯ набуд, бинобар ин модарат қарор дод, ки ин "нуқсони оиларо» аз ҳисоби келини миёна ислоҳ кунад. Агар ин набошад, пас чаро хешҳои ту ба қишлоқи мо омада буданд?

Дар он рӯз дасту пои падарам меларзид, модарам номи худои Дургаро гаштаю баргашта ба забон мегирифт. Чӣ тавр онҳо, бошандагони қишлоқ, раҳми ҳазратҳои шаҳриро оварда метавонистанд. Тамоми умед ба хушрӯии духтар! Оҳ, вай мағрур нест, вай ба ҳар нархе, ки таклиф кунанд, розӣ хоҳад шуд. Вай аз чӣ такаббур ҳам дорад? Духтар ҳазор хушрӯ бошад ҳам, шарму ҳаё забони ӯро занҷирбанд мекунад.

Таҳдиди аҳли хона дили маро ба ваҳм андохт. Ҳамаи қувваҳои осмон ва ҳамаи қувваҳои замин дар он рӯз духтараки дувоздаҳсоларо гӯё мепоиданд, то ки вайро дар пеши назари ду нафар хостгор намоиш диҳанд. Дар дунё ҷое набуд, ки ман аз он чашмҳо пинҳон шуда тавонам! Инак овози сурнай баланд шуда, садоҳои ғамангезро ба фалак расонд ва ман ба хонадони шумо рафтам.

Занон ҳамаи камбудиҳои маро якояк мулоҳиза намуда, ба чунин қарор омаданд, ки умуман дар ҳақиқат ҳам ман назар ба дигарон хушрӯтарам. Вақте ки зани бародари калониат инро шунид, чеҳрааш турш шуд. Вале хушрӯии ман ба дарди кӣ даво буд? Агар ягон олими рӯҳонӣ ин ҳусиро аз лои Ганг меофарид, шумо ба қадри он мерасидед. Вале ҳусни маро Брама[2] офаридааст ва барои авлоди шумо аҳамияте надошт.

Ба ҳамаи шумо вақти бисёре лозим набуд, ки хушрӯии маро фаромӯш кунед, вале шумо дар ҳар қадам ақли маро ба хотир меовардед.

---

[1] *Яма* – худои аҷал, худои салтанати зеризаминӣ дар асотири ҳиндӣ.

[2] *Брама ё Браҳма* — дар асотири ҳиндӣ асоси ҳамаи махлуқот, "ҷони олам".

Чи пухтупаз ва чи корубори хона ақли табиии маро нест карда натавонистанд,—вай то ҳол ҳам боқист. Модарам ҳама вақт аз ин хавотир мекашид: зеро зани доно ба бало гирифтор мешавад! Касе ки ба ҳақиқати ҳол тан дода, ба ақли зан қоил шуд, дар ҳар қадам пешпо мехӯрад ва дар оқибат ҳаёти худро барбод медиҳад. Вале ман чӣ кор карда метавонистам? Худованд аз ман иҷозат напурсида, ба ман назар ба он чи ки барои келини миёна лозим аст, бисёртар ақл додааст. Ман инро ба кӣ баргардонда метавонистам? Ҳамаи шумо маро "бародаркалон" гуфта мазоҳ мекардед, лекин ман аз гуноҳи шумо гузаштам, чунки дағалӣ аломати заифист.

Ман як шуғл доштам, ки дар хонадони шумо ҷоиз набуд,—рустию пинҳонӣ шеър менавиштам, касе аз шумоён инро намедонист. Бигузор шеърҳои ман қадру қимате надошта бошанд, аммо деворҳои хонаи шумо онҳоро манъ карда наметавонистанд ва ман дар он шеърҳо худро озод ҳис мекардам, рози диламро баён менамудам. Ба ҳамаи шумо маъқул намешуд, ки ягон кор аз доираи рафтори келини миёна берун бошад, вале инро шумо ба худ ақаллан тасаввур карда наметавонистед. Касе аз шумоён пай намебурд, ки шоире понздаҳ сол бо шумо дар як хона истиқомат дошт.

Аввалин таассурот ва равшантарин ёддошти ман дар бораи хонадони шумо говхонаи шафати зинапояи ҳавлии дарун буд. Говҳо фақат аз ҳавлии берун гузашта ба он ҷо даромада метавонистанд. Дар худи ҳамин ҷо, дар кунҷи ҳавлӣ охуре буд. Саҳариҳо хизматгорон серкор мешуданд, бинобар ин ҳар пагоҳ говҳо дар пеши он охур ҷамъ шуда, кавша карда меистоданд. Дили ман ба ҳоли онҳо месӯхт. Охир ман зани қишлоқиям! Вақте ки ман ба шаҳри шумо омадам, ин ду гов ва се гӯсола барои ман махлуқони азизтарин буданд. Вақтҳои аввал худам хӯрок нахӯрда, ба онҳо хӯрок медодам. Вале дере нагузашта, хешҳои нави ҳазлбози ман диданд, ки ман ба говҳо меҳр бастаам ва аз табақаю мазҳаби ман гумони бад бурданд.

Баъд духтар зоидам, вале вай дере нагузашта мурд. Вай маро ҳам аз паси худ чег зад. Агар вай зинда мемонд, ба ман умри дароз мебахшид, аз тамоми нишоти бузурги ҳаёт ва ҳақиқати он баҳраманд мекард. Он гоҳ ман келини миёна намешудам, оҳ, ман модар мешудам! Модар бошад, на фақат ба оилаи худ, балки ба тамоми ҷаҳон ҳам тааллуқ дорад. Ман ба азобу уқубат тан додам, ки модар шавам, вале соҳиби озодӣ нашудам.

Дар хотирам ҳаст, як духтури англис ба хонаи мо омада буд. Ӯ манзили шуморо дида, ҳайрон шуд, вале ҳуҷрае, ки ман дар он ҷо фарзанд ёфтам, дида ба ғазаб омад. Чӣ ҷои таажҷуб? Дар беруни ҳавлиятон боғе парварида шудааст. Анҷоми ҳуҷраҳои беруни нуқсоне надорад. Вале ҳавлии даруни гӯё монанди пӯсти чапагардонест, ки барахна аст, ороиш ва намуди зебо надорад. Ба он ҷо базӯр рӯшноӣ

медароянд, шамол бошад дузд барин рустию пинҳонӣ медароянд; хасу хасрӯбае, ки аз ҳавлӣ ба хонаҳо медароянд, рӯфта намешавад; стол ва деворҳои хона ҳама вақт пур аз доғҳои ифлосӣ... Вале духтур дар як чиз хато кард.ӯ хаёл мекард, ки мо аз ин азоб мекашем. Баръакс! Беилтифотӣ ба хокистар монанд аст: зоҳиран хунуку ботинан гарм. Кас, ки ҳурмати худро аз даст дод, беҳурмати ҳаққонӣ менамояд ва озор намедиҳад. Ба сари зан фикре ҳам намеояд, ки аз ин азоб кашидан мумкин бошад.Дар хонадони шумо дар ҳаққи зан беҳурматӣ кардан дарди бахайр аст! Агар шумо занро озор додан хоҳед, дар ҳаққи ӯ ягон ғамхорие кунед, он гоҳ дарду аламн вай зиёдтар мешаваду бас.

Ба ҳар ҳол ман ҳаргиз хаёл намекардам, ки аз беилтифотӣ азоб кашидан мумкин бошад. Ман дар вақти таваллуд ёфтани духтарам дар дами марг будам, аммо аз марг наметарсидам. Ҳаёт барои ман чӣ қадру қимат дорад? Чаро аз марг тарсам? Онҳое, ки муҳаббат ва ғамхорӣ мебинанд, аз марг метарсанд, онҳо ба зиндагӣ сахт мечаспанд. Агар худои аҷал маро ба назди худ чеғ мезад, ман бемалол мерафтам, чуноне ки решаҳои алаф бемолол ба даруни замин медароянд. Дар кучоҳо, ки намемуранд занони Бангола!

Вале аз марги ман чӣ суд? Кас аз марги осон шарм медорад!

Духтари ман умри дароз надид—ситораи шом барин барқ заду хомӯш шуд. Ман боз аз сари нав ба кору бори муқаррарии хона, ба гову гӯсолаҳо машғул шудам. Ҳамин тавр умри ман гузашта, хазон мегардид ва ба навиштани ин мактуб ҳоҷат намешуд. Вале боде вазида, тухмии дарахтро ба рӯи сангҳои қаср пош медиҳад, баъд тухмӣ неш мезанад ва рафта-рафта ин ниҳол синаи сангро мешикофад. Инак ба хонадони бенуру сафои шумо ҳар як зарраи хурди ҳаёт афтод ва рӯзгори оилаи шуморо талх кард.

Хоҳари келини калонӣ Бинду баъд аз вафоти модараш аз зулми амакбачаҳояш гурехта, ба хонаи мо, ба назди апаи худ омад. "Ин бало ба сари мо аз куҷо омад!"—мегуфтед ҳамаи шумо. Вале ман бадфеълам,— чӣ илоҷ?! Вақте ки қаҳру ғазаби шуморо медидам, дилам ба ҳоли он духтараки бехонумон месӯхт. Ба хонаи бегона омаду хору зор шудан ва таъна шунидан барин кори мушкил нест. Ва магар касеро, ки ба ин кор маҷбур шуда буд, ранҷондан равост?

Ман ба доди келини калонӣ мерасидам.Вай хоҳарашро хеле дӯст медошт ва бинобар ин вайро ба назди худ овард. Аммо вақте ки норизоии шавҳарашро дид, тавре рафтор мекард, ки гӯё омадани хоҳараш барои вай як фалокати калоне бошад ва чунин вонамуд мекард, ки ба ҳама кор тайёр аст, то ки навъе карда аз Бинду халос шавад. Вай ҷуръат надошт, ки духтари сиёҳбахтро рӯирост навозиш кунад, зеро шавҳари худро дӯст медошт ва ба ҷон баробар медонист.

Ҳамаи ин ба ман сахт алам мекард. Ман медидам, ки келини калонӣ қасдан ва дидаю дониста ба Бинду хӯрок ва пӯшок намедиҳад ва бо вай

хизматгор барин муомила мекунад. Ин на фақат маро азоб медод,—ман хиҷолат мекашидам. Охир вай ба ҳама нишон доданӣ мешуд, ки оилаи шумо Биндуро бо роҳи фиреб ва хеле фоиданок ба хонаи худ овардааст. Вай бисёр кор мекунаду харҷаш кам аст!

Келини калонӣ ғайр аз асилзодагӣ чизе надошт,—на пул ва на ҳусни расо. Ту нағз медонӣ, ки аз падарат бо чӣ азоб илтимосу илтиҷо намуданд, ки ба ин никоҳ розӣ шавад. Дидӣ ҳам худро дар назди ҳамаи шумоён гунаҳкор медонист ва кӯшиш мекард, ки ба назари ҳама хоксор намояд. Вай дар хонадони шумо қадру қимате надошт!

Аммо ибрати хуби вай ба сари мо оқибати бад овард. Ман тамоми иззати нафси худро маҳдуд карда наметавонистам. Ҳар чанд одамро ҳурмат кунам ҳам, аз барои ӯ шуда хубро бад ҳисоб карда наметавонистам—худи ту чандин бор ба ин боварӣ ҳосил кардӣ. Бинобар ин ман Биндуро ба хонаи худ овардам.

— Келини миёна духтари оилаи камбағалро аз роҳ мебарорад,—мегуфт келини калонӣ. Вай ба ҳама аз ман шикоят кардан гирифт, ки вай дар дил хурсанд аст: акнун бори хато ба гардани ман афтод. Ӯ, ки худаш ба хоҳараш меҳрубонӣ карда наметавонист, ба воситаи ман вайро дӯстдорӣ намуда, таскин мееёфт.

Келини калонӣ синну соли Биндуро якчанд сол кам карда нишон доданӣ мешуд. Вале агар ба касе дар омади гап гӯед, ки Бинду камаш чордаҳсола аст, ҳеҷ кас баҳс намекард. Дар хотир дорӣ, ки чӣ хел вай нодон буд ва агар рӯяшро ба стол зада мекафонд, одамон ғами вайро не, ғами столро мехӯрданд. Вай на падар дошт ва на модар, бинобар ин касе набуд, ки вайро ба шавҳар диҳад. Вайро кӣ ба занӣ мегирифт?

Бинду тарсону ҳаросон ба хонаи ман омад. Вай гӯё матарсид, ки маро мурдор кунад. Шину хези вай тавре буд, ки гӯё ба дунё омадан ҳақ надошт: ҳама вақт дар кунҷе сархам мешишаст, то ки ба назари одамон наафтад. Охир ҳатто дар хонаи падар амакбачаҳо барои Бинду гӯшае ёфта натавонистанд! Вай ба касе лозим набуд! Чизҳои нодаркор ва зиёдатӣ дар хона ба осонӣ ба худ ҷой меёбанд, зеро одамон он чизҳоро фаромӯш мекунанд. Вале зани нодаркор гапи дигар аст. Аввалан вай нодаркор аст, сониян, вайро фаромӯш кардан мумкин нест. Бинобар ин ба вай ҳатто дар қуттии ахлот ҷой нест. Ин ки худи амакбачаҳои Бинду дар ин дунё ба дарди касе даво намешаванд гапи дигар аст. Ман, рости гап, баръакси инро даъво карданӣ нестам. Вале ба худашон маълумтар аст.

Ана аз ҳамин сабаб Бинду аз тарсу ваҳм меларзид, ки ман вайро ба хонаи худ овардам. Ин хотири маро парешон намуд. Ман хеле мулоим карда фаҳмондам, ки вай фақат дар хонаи ман зиндагӣ карда метавонад.

Вале хонаи ман фақат хонаи худам набуд. Аз ин рӯ вазифаи ман ҳам осон набуд.

Баъд аз якчанд рӯз дар бадани Бинду ким-чӣ хел доғҳои сурх пайдо шуданд,—эҳтимол захми бад ё ягон касалии дигар буд. Аммо ҳама дар хона дод мегуфтанд, ки ин нағзак аст. Охир, вай Бинду буд!

Табиби бетаҷрибае омад, ӯ дар ҳамон маҳаллаи мо истиқомат дошт ва таклиф намуд, ки боз ду рӯз сабр кунем,—зеро ягон гапи муайян гуфта натавонист. Вале касе сабр кардан нахост. Бинду ба хиҷолат монда, ба мурдан розӣ буд. Ман гуфтам, ки хоҳ нағзак бошад, хоҳ чизи дигар, ман бо Бинду дар қуттии ахлот бошад ҳам, зиндагӣ мекунаму намегузорам, ки вайро озор диҳанд. Ҳамаи шумо тайёр будед, ки маро дошта занед ва фақат хоҳари Бинду худро ранҷидагӣ вонамуд карда, гуфт, ки ин духтараки сиёҳбахтро ба касалхона фиристанд. Вале дар ин муддат ҳамаи доғҳои сурхи бадани Бинду нест шуданд ва ин ҳамаи шуморо боз ҳам зиёдтар ба ташвиш андохт. Шумо мегуфтед, ки ин фақат нағзак буда метавонист. Охир, вай Бинду буд!

Одаме, ки аз нозу неъмат эрка нашудааст, як сифат ҳосил мекунад: аъзояш бақувват, аз касалиҳо фориғ ва роҳи аҷал ба рӯяш баста мешавад. Бинобар ин он касалӣ Биндуро каме бесаранҷом карду зарари ҷиддӣ нарасонд. Лекин ман нағз фаҳмидам, ки одами нодаркорро сарпаноҳ додан дар дунё аз ҳама душвортар аст. Ҳар қадаре ки одам бехонумон бошад, дар роҳи зиндагияш ҳамон қадар душвориҳои калон вомехӯранд. Вақте ки Бинду бо ман улфат шуд, як балои нав рӯй дод. Вай чунон маро дӯст медошт, ки дили худамро ваҳм зер кард. Ман то ҳол аз касе чунин муҳаббат надида будам. Рости гап, дар китобҳо хонда будам, ки ин хел муҳаббат дар байни марду зан рӯй медиҳад.

Муддате ҳеҷ кас хушрӯии маро хотиррасон намекард – ин гуна касе набуд! Аммо акнун ин духтараки баднамо хушрӯии маро дида монд. Ӯ асло аз дидори ман сер намешуд. Ӯ мегуфт:

— Апаҷон, охир касе ғайр аз ман намебинад, ки ту чӣ хел хушрӯй!

Вақте ки худам гесуи худро мебофтам, вай ранҷида гиря мекард.

Вай молидан ва бофтани мӯйҳои маро дӯст медошт.

Худро оро дода торо лозим намешуд, ғайр аз баъзе вақтҳое ки моро ба меҳмонӣ чег мезаданд. Аммо Бинду ҳар рӯз маро як қадар оро медод. Духтарак тамоман ақлашро гум карда буд.

Дар ҳавлии дарун ягон порча замин набуд. Фақат дар самти шимолии ҳавлӣ, дар таки девор, дар канори ҷӯй бо кадом як мӯъҷиза дарахте калон шудааст. Вақте ки сурх шудани муғчаҳои дарахтро дидам, фаҳмидам: барои решаҳои дарахт фасли баҳор сар шудааст. Вақте ки шод гаштани дили ин духтараки ҷафокашро ҳис кардам, фаҳмидам, ки ба хонаи дили вай ҳам боди баҳорон вазидааст. Вале аз кадом кишвари саодатманд? Охир аз тангкӯчаи ҳамсоя не-ку?

Қувваи муҳаббати ӯ маро ба ҳаяҷон овард. Ман чандин бор Биндуро сарзаниш кардам, аммо вай гӯш додан намехост. Лекин ман дар муҳаббати ӯ он чиро дидам, ки пештар ҳаргиз пай намебурдам: ботини худ, дили озоди дӯсти худро дидам.

Дилбастагии ман ба Бинду, ғамхории ман дар ҳаққи ин духтарак ба табъи ҳамаи шумо намефорид. Таънаю дашномҳои шумо бепоён буданд! Вақте ки дастпонаи маро аз ҳуҷраам дуздиданд, ҳамаи шумо беибо киноя мекардед, ки ин кори дасти Бинду аст. Вақте ки политсия дар рӯзҳои бетартибӣ хона ба хона даромада иштирокчиёни ҳаракати ватандӯстиро кофтуков мекард, ҳамаи шумо мегуфтед, ки Бинду ҷосуси политсия аст. Далеле набуд. Охир вай Бинду аст!

Хизматгорони хонаи шумо барои вай ҳеҷ кор кардан намехостанд, вақте ки ба ягон хизматгор мефармуданд хизмати Биндуро ба ҷо оварад, духтарак аз хиҷолат карахт шуда мемонд. Бинобар ин хароҷоти ман ба вай зиёд мешуд: ман хизматгори алоҳида гирифтам. Ин қаҳри ҳамаро овард. Худат ҳам боре либосеро, ки ман барои Бинду харидам, дида чунон ба ғазаб омадӣ, ки ба ман барои хароҷоти майда-чуйда пул намедодагӣ шудӣ. Он гоҳ ман барои вай ба панҷ танга куртаи карбосӣ харидам.

Акнун худам дегу табақҳоро дар рӯи ҳавлӣ шуста, саркутро ба гӯсолаҳо медодам. Гуфтан мумкин нест, ки ту боре маро дар ин шуғл дида, ғамгин шуда бошӣ. Гарчанде ки ман сиёҳбахт будам, ин асло чунин маъно надошт, ки ту ҳам сиёҳбахт будӣ, — то ба имрӯз ҳамин ҳақиқати оддӣ ба фикри ман намеомад.

Бинду калон мешуд, дар як вақт қаҳру ғазаби шумо ҳам аз ӯ меафзуд. Ҳодисаи табиии сабзиши ӯ аз чӣ сабаб бошад, ки боиси хашму ғазаби ғайритабиии ҳама мегардид. То ҳол ман аз як чиз дар тааҷҷубам, ки чаро шумо ӯро аз хона пеш накардед? Зимнан, ман сababи инро нағз мефаҳмидам: шумо дар даруни дилатон аз ман метарсидед. Парвардигор ба ман ақл додааст, — шумо ботинан онро ҳурмат накарда наметавонистед.

Вақте ки бо қуввai худ аз Бинду халос шуда натавонистед, ба ёрии бегонаҳо мурочиат кардед. Ба Бинду шавҳар ёфтед.

— Акнун кори нағз шуд, — мегуфт келини калонӣ, — худованд шаъни авлоди моро нигаҳ дошт.

Ман домодро надида будам ва фақат шунида будам, ки ӯ умуман ҷавони хуб аст.

Бинду пойҳои маро оғӯш намуда гиря мекард:

— Апаҷон, чаро маро ба шавҳар медиҳед?

— Бинду, натарс, — ӯро тасаллӣ медодам ман, — ман шунидам, ки номзади ту одами бад нест.

— Агар ӯ нағз бошад, пас барои чӣ маро дӯст дошта метавонад?

Хешу табори домод дар бораи рӯбинон гап намезаданд ва ин хоҳари калониро хотирҷамъ кард.

Бинду шабу рӯз гиря мекард. Ман аз мисоли худам медонистам, ки аҳволи вай чӣ гуна бад буд. Ман дар оилаи шумо аз барои ин духтарак бисёр талош мекардам, вале ҷуръат надоштам, ки ба тӯи ӯ монеъ ша-

вам. Ман ин корро карда наметавонистам. Агар ман мемурдам, холи ӯ чӣ мешуд? Охир ӯ духтар аст ва илова бар ин духтари сиёҳпӯст. Он гоҳ ӯ дар кучо зиндагӣ мекард? Ҳолу аҳволи ӯ чӣ мешуд? Не, инро фикр накардан беҳтар аст, — чун фикр кунам, дилам заъф мекунад.

Боре Бинду ба ман гуфт:

— Апачон, ба тӯй панч рӯз монд, чӣ мешавад, ки дар ин муддат мурда монам?

Ман ӯро коҳиш кардам, вале – осмон гувоҳ аст – агар Бинду он вакт бе азобу уқубат чашм аз чаҳон мепӯшид, дарди дилам таскин меёфт.

Бинду дар арафаи тӯй ба назди хоҳараш омада, зорию таваллокунон гуфт:

— Апачон, ман дар говхонаи шумо зиндагӣ мекунам, ҳар чӣ фармоянд, мекунам! Садқаи хоки поятон шавам, маро пеш накун!

Дар вақтҳои охир келини калонӣ баъзан рустию пинҳонӣ гиря мекард, дар он рӯз ҳам гиря карда менишаст. Вале охир ғайр аз дил конун ҳам ҳаст!

— Медонӣ, Бинду, — гуфт вай, — шавҳар барои зан аз ҳама зарур аст: ҳам ҳаёт ва ҳам озодист. Сонӣ, агар насибат сиёҳбахтӣ бошад, дар ҳар ҳол раҳой намеёбӣ.

Оре, илочи дигаре набуд: Бинду бояд ба шавҳар мерасид, баъд ҳар чӣ бодо бод.

Ман хостам, ки тӯй дар хонаи мо шавад, вале ҳама гуфтанд, ки ин мумкин нест – чунин аст таомули онҳо.

Ман фаҳмидам: худои шумо раво намедонад, ки ба тӯи Бинду харчи зиёдатӣ кунед. Бинобар ин ман ночор гап назадам. Аммо касе аз шумоён ҳеч чизро намедонист, — ман инро ба келини калонӣ гуфтан хостам, вале гап назадам, чунки вай дилкаф шуда мемурд – ман рустию пинҳонӣ Биндуро бо баъзе аз зару зеварҳои худ оростам. Ба фикри ман, келини калонӣ инро дида буд, вале худро ба нодонӣ зад. Инсоф кунед: ин гуноҳи вайро бубахшед!

Бинду пеш аз рафтан маро оғӯш намуда гуфт:

— Апачон, шумо тамоман аз ман чудо мешавед?

— Не, Бинду, ман ҳаргиз аз ту дил намеканам.

Се рӯз гузашт. Муддате пеш аз ин ичорагири мулки шумо як кӯчкорро барои кушта хӯрдан фиристод. Ман онро аз дандони хешу таборат халос карда, ба ангиштхона чой додам. Ҳар саҳар худам ба вай хӯрок медодам. Аввалҳо ба хизматгорон умед мебастам, вале онҳо бештар дар ғами сер кардани шиками худ буданду ба кӯчкор хӯроке намедоданд.

Дар рӯзи чорум, ки ногоҳӣ ба таҳхона омадам, Биндуро дидам, ки дар кунче беҳаракат нишастааст. Вай маро дидан замон фиқ-фиқ гиря кард.

Шавҳари вай девона будааст.

— Наход ин гап рост бошад, Бинду?

— Магар ман дурӯғ гуфта метавонам, апаҷон? Ӯ девона аст. Падаршӯ ба тӯй розӣ набудааст, вале ӯ аз модаршӯ бало барин метарсидааст. Ӯ ҳанӯз пеш аз тӯй ба Банорас рафта буд. Модаршӯ ҳам фурсатро ғанимат дониста, маро ба писараш келин кардааст...

Ман ба болои ангишттӯда нишаста мондам. Ин чӣ гап, ки зан раҳми зани дигарро нахӯрад!

— Вай зан асту бас, — мағрурона гуфтааст модаршӯ, — бигузор писар девона бошад, аммо ба ҳар ҳол вай мард аст.

Шавҳари Бинду на ҳама вақт ақлашро гум мекард. Вале баъзан чунон шӯрида ҷинигӣ мекард, ки дасту пои ӯро баста мондан лозим мешуд. Дар шаби якуми баъд аз тӯй девонагиаш гирифт. Дар нимаи рӯз Бинду аз табақи мисин шавла мехӯрд. Ногаҳон шавҳараш табақро гирифта ба рӯи ҳавлӣ ҳаво дод. Ӯ девонавор ба ғазаб омада, хаёл кард, ки Бинду маликаи Рашмонӣ мебошаду хизматгорон табақи тиллои ӯро дуздида, дар табақи худ шавла додаанд!

Бинду қариб дилкаф шуда мурда буд. Вақте ки модаршӯ шаб ба вай фармон дод, ки ба пеши шавҳараш равад, дили Биндуро ваҳм зер кард. Аммо қаҳри модаршӯ ояд, ӯро бо ҳеҷ як далели дуруст ба гап даровардан мумкин нест. Вай ҳам девона аст, лекин аз писараш ҳам бадтар, чунки ҳама вайро солимфикр ҳисоб мекунанд. Бинду аз даҳшат карахт шуда, ночор ба болохона баромад. Нисфи шаб, ки шавҳарашро хоб бурд, пинҳонӣ аз хона баромада, ба пеш ман тохта омад. Ҳамаи инро муфассал нақл кардан хоҷат нест.

Хунам аз хашму ғазаб ба ҷӯш омад.

— Агар онҳо ҳамин хел фиреб карда бошанд, ин никоҳро қонунӣ шумурдан мумкин нест, — гуфтам ман. – Бинду, ту мисли пештара дар хонаи ман зиндагӣ кардан мегирӣ ва бинам канӣ кӣ ҷуръат карда туро гашта мебурдааст.

Лекин ҳамаи шумо он вақт гавғо бардоштед.

— Бинду дурӯғ мегӯяд!

— Вай ҳаргиз дурӯғ намегӯяд.

— Аз куҷо медонӣ?

— Ман аниқ медонам!

Шумо маро тарсонданӣ шудед:

— Агар одамони хонаи падаршӯи Бинду ба политсия арз кунанд, мо ба бало мемонем!

— Қозӣ ба арзи онҳо гӯш намедиҳад, — мегуфтам ман. – Биндуро фиреб дода, ба одами девона додаанд.

— Чӣ аз барои ҳамин ҳам ба қозихона рафтан мехоҳӣ? Ин ҷанҷол ба мо чӣ лозим?

— Худам зару зеварамро фурӯхта, ҳар чӣ ки аз дастам ояд, мекунам.

— Худат ҳам ба пеши муфтӣ меравӣ?

Ман гап назадам. Аз дасти ман чӣ меомад!

Дар ин муддат бародари калонии шавҳари Бинду омада, дар рӯи ҳавлӣ мағал бардошт. Ӯ дӯғ зад, ки ба участкаи политсия шикоят мекунад.

Намедонам, ки аз куҷо қувват пайдо кардам, аммо гарданам ёрӣ намедод, ки аз политсия тарсида, он касеро, ки аз дами марг гурехта ба пеши ман омадааст, ба дасти ҷаллод дошта диҳам.

— Хеле хуб, — гуфтам ман, — бигузор ба политсия арз кунанд!

Ман қарор додам, ки Биндуро дар ҳуҷраи худ қулф карда монам, вале ӯро аз ҳеҷ куҷо ёфта натавонистам. Вай худаш ба назди падаршӯ рафтааст: фаҳмидааст, ки агар дар ҳамин ҷо монад, ба сари ман ҷанҷол меояд.

Бинду ҳар сари чанд вакт аз хонаи падаршӯ гурехта меомад, вале бо ин азоби худро зиёд мекарду бас. Модаршӯ мегуфт: "Писарам вайро нахӯрдааст-ку! Дар ин дунё шавҳарони бад кам нестанд, писари ман назар ба онҳо тиллост".

— Аҷаб сиёҳбахт аст вай, — мегуфт келини калонӣ, — вале ман чӣ илоҷ сохта метавонам? Хоҳ мард бошад, хоҳ ҳайвон ба ҳар ҳол шавҳар аст!

Шумо вафодории занро таъриф намуда, аксар вакт саргузашти марди махавро ки занаш ӯро ба даст бардошта ба фоҳишахона овардааст, такрор мекунед. Шумо, мардон, дар асонои накл намудани ин воқеаи разил хиҷолат намекашед. Бинобар ин шумо аз рафтори Бинду ба ғазаб меомадед. Шарму ҳаё ном чизе надоред шумо!

Ман зани қишлоқиям, ба хонаи шумо афтодаам. Вале ба ҳамаи он чи ки дар ин ҷо аз зан талаб доранд, тоқат кардан ва ҳар чиро, ки шумо одат кардед, нагз ҳисоб карда наметавонам. Чаро худованд ба ман ин қадар акл додааст!

Ман аниқ медонистам, ки агар ман мурам ҳам, Бинду дигар ба хонаи мо намеояд. Вале дар арафаи тӯй ман ваъда дода будам, ки аз ӯ ҳаргиз ҷудо нашавам.

Шорот ном додарам дар Калкатта таҳсил мекард. Ҳамаи шумо медонед, ки ӯ дар ҳар кори ҷамъиятӣ фаъолона иштирок мекунад, — дар районҳои вабозада, калламуш мекушад ё бо обхезие, ки дар натиҷаи дамидани оби дарёи Дамодар рӯй медиҳад, мубориза мебарад, — аз ҳамин сабаб ӯ ду бор имтиҳони худро дода натавонист. Аммо дили ӯ аз ин ба хондан хунук нашуд. Бинобар ин ман додарамро ҷег зада ба ӯ гуфтам:

— Шорот коре кун, ки ман аз ҳолу аҳволи Бинду хабар гирифта истам. Худи вай ҷуръати хат навиштан надорад, агар нависад, аздусар хати вай ба дасти ман намерасад.

Агар ман аз Шорот илтимос мекардам, ки Биндуро duздида биёрад ё худ каллаи шавҳари девонаи вайро зада кафонад, ӯ хеле хурсанд мешуд!

Вакте ки ман бо Шорот гап мезадам, ту ба хона даромада пурсидӣ:

— Боз ягон фалокат рӯй дод? Боз чӣ шуд?

— Он шуд, ки ман ба хонадони шумо афтодам, вале дар ин худат гунаҳгорӣ.

— Ту боз Биндуро дар ягон ҷо пинҳон кардӣ?

— Агар Бинду меомад, албатта ӯро пинҳон мекардам. Лекин хотирҷамъ бош, вай дигар намеояд.

Омадани Шорот гумони туро зиёдтар кард. Ман медонистам, ки ба хонаи мо омадани Шорот ба табъи ту намефорид. Ҳамаи шумо метарсидед, ки политсия вайро таъқиб карда мегардад: мабодо Шорот бо ягон кори сиёсӣ ба даст афтода, шуморо ҳам ба бало монад! Бинобар ин ман ба ӯ бхайпото[1] намекардам ва то он рӯз ба хонаи худ меҳмон накарда будам.

Ту гуфтӣ, ки Бинду боз гурехтааст ва падаршӯяш боз ба суроғи вай омадааст. Дилам аз дарди ғам месӯхт, ман мефаҳмидам, ки бечора духтарак чӣ азобҳое мекашад ва дар айни замон илоҷе сохта наметавонистам.

Шорот рафт, вале бегоҳӣ баргашта, ба ман хабар дод:

— Бинду ба хонаи бародаронаш гурехта рафтааст. Онҳо хашмгин шуда, вайро фавран ба хонаи падаршӯ гашта фиристодаанд. То ҳол дашному ҳақорат медиҳанд, ки барои ин духтарак пул харҷ намуда, асп киро кардаанд!

Дар ин дам аммаи падаратон омада гуфтааст, ки барои намозхонӣ ба Пури меравад. Ман гуфтам, ки ҳамроҳи вай меравам.

Ҳамаи шумо аз ногаҳон диндор шудани ман чунон хурсанд гардидед, ки дарҳол розӣ шудед. Ғайр аз ин, ҳама метарсиданд, ка агар ман дар Калкатта монам, аз барои Бинду шуда боз ягон ҷанҷол мекунам. Бе ин ҳам ҷанҷоли ман бисёр аст!

Ман бояд дар рӯзи сешанбе мерафтам, вале ҳанӯз дар рӯзи якшанбе тамоми чизҳои сафар тайёр буд. Он гоҳ ман Шоротро ҷеғ задам.

— Коре карда,—гуфтам ман, —дар рӯзи сешанбе ту бояд Биндуро ба поезде, ки ба Пури меравад, оварӣ.

Чеҳраи Шорот шод гашт

— Натарс, апа, — ҷавоб дод ӯ, —ман вайро бо поезд то худи Пури гусел мекунам—бигузор вай Ҷаҳоннатхро[2] бинад!

Бегоҳии худи ҳамон рӯз Шорот боз омад. Вақте ки ман ба рӯи ӯ нигоҳ кардам, ба дилам оташ афтида, хавотир кашидам.

— Чӣ гап Шорот? Чӣ шудааст?

— Не, — ҷавоб дод Шорот, —ҳеҷ гап не...

---

[1] Маросими махсусест, ки хоҳар ба пешонаи додараш бо ранги сандал хол мезанад. Ин маросим ҳар сол такрор мешавад ва рамзи орзуи хушбахтиву саломатӣ мебошад.

[2] *Ҷаҳоннатх* – тасвири худои Вишну дар шаҳри Пури (штати Орисса)

— Магар Бинду розӣ нест, — кунҷковӣ кардам ман.

— Акнун розӣ шудан ба вай ҳоҷат нест. Дина шаб худашро куштааст. Вай ба сару либоси худаш оташ задааст. Ман бо ҷияни онҳо гапзанон кардам: ӯ гуфт, ки Бинду ба ту хат монда буд, вале онҳо он хатро дарронда партофтаанд.

Ана ҳамин. Биндуи бечора аз азобу уқубат халос шуд.

Дӯстдорони расму одат ба ғазаб омада мегуфтанд: сарулибоси худро оташ дода худкушӣ кардан, боз чӣ расми навест!

Ҳамаи хешовандони ту мегуфтанд, ки ин мазҳака асту бас. Бигузор ҳамин тавр бошад. Аммо чаро оташи ин мазҳака либоси мардони банголиро не, балки куртаи занони банголиро фаро мегирад? Аз ин хусус фикр кардан меарзад.

Тақдири Бинду ҳақиқатан ҳам ғамангез аст! Вақте ки вай зинда буд, на ҳусни расо дошт ва на сифатҳои дигар; аҷалаш омад, дар ин кор ҳам вай чунин усули маргро наёфт, ки мардонро ба қоил шудан маҷбур кунад. Ҳатто марги Бинду одамонро норохат мекард.

Келини калонӣ ба ҳуҷраи худ даромада, гиря карда менишаст. Вале дар оби дидаи вай як қадар тасаллӣ ҳам буд. Ҳар чӣ ҳам бошад, акнун ҳама гап тамом шуд. Бинду мурду халос. Кӣ медонад, ки агар зинда мемонд, боз чӣ рӯзҳое медид!

Баъд ман ба Пури рафтам. Акнун ба Бинду ба ягон ҷо рафтан лозим нест, лекин ба ман лозим.

Ман дар хонаи шумо он чиро, ки одамон зиндагонии сахт меноманд, ҳис накардаам. Ман чи дар хӯрок ва чи дар либос норасоӣ надоштам. Бигузор бародари калонии ту бадфеъл бошад, — дар феъли ту хислате нест, ки ман аз барои он ба худо шикоят карда тавонам. Агар ҳатто ту бародари калонӣ барин мешудӣ, он гоҳ ҳам, эҳтимол, ман зани вафодор, шавҳарро не, балки келини калонӣ барин худоро таъна мекардам. Бинобар ин ман шикоят кардан намехоҳам, ман на ба ин мақсад хат менависам.

Лекин ман ба хонаи шумо, ба хонаи № 27 дар тангкӯчаи Макхон Борал дигар барнамегардам. Ман Биндуро дидам, ман ҳолу аҳволи занони оилаҳои шуморо дидам. Дигар лозим нест.

Рости гап, баъд фаҳмидам, ки Бинду зан бошад ҳам, осмон ӯро тарк накард. Ҳар чанд аз ӯ қаҳратон меомад, қаҳру ғазаби шумо акнун оҷизу нотавон аст. Вай аз ҳаёти сиёҳбахтонаи худ баландтар меистад! Пойҳоятон чандон дароз нест, ки шумо Биндуро пештара барин поймол карда тавонед. Марг аз шумо зӯртар аст! Бинду мурда бошад ҳам, аз шумо бузургтар аст! Дар ин марг вай на фақат зани банголӣ, на фақат хоҳари бародарони худ, на фақат зани номаълуми шавҳари девона аст. Вай зиндаи ҷовид аст!

Вақте ки чанголи аҷал дили абгори ин духтаракро ором кард, ба синаи ман гӯё тире халид. Ман аз худо пурсидам:

— Чаро зиндагонии одамони майдаи ин дунё аз ҳама душвортар аст? Чаро ин хонаи майдаи тангкӯчае, ки аз чор тараф девор дорад, даҳшатангез аст? Чаро ҳар чанд барои чашидани як қатра оби ҳаёт даст дароз мекардам, то ҳол аз остонаи ҳавлии дарун берун баромада наметавонистам? Чаро умри ман дар хонадони ту бояд дар паси он девори хиштии нафратовар оҳиста—оҳиста хазон мешуд? Аҷаб бемаънӣ аст ҳаёти ман! Аҷаб бемаънианд ин қонунҳои мақарраршудаи ҳаёт, расму таомули вай, ҳамаи ин гапу гапчаҳо, хабаркашиҳо, ҷанҷолҳо! Наход, ки ин доми азобу кулфат ғолиб ояд ва ҷаҳони шоди одам шикаст хӯрад?

Инак вақту соати аҷал расид—куҷост он деворе, ки гилкорон сохтаанд? Куҷост он садди хорсиме, ки қонунҳои даҳшатангези шумо ороста-анд? Шумо барои кадом кирдор, барои кадом ҳақорат одамро ба зиндон меандозед? Бинед, байрақи ҳаёти ғалабаовар дар дасти аҷал чилва мезанад! Келини миёна, натарс! Он рӯз дур нест, ки занҷирҳои дасту пои ту пора-пора хоҳанд шуд!

Ман аз дӯғу пӯписаи шумо дигар наметарсам! Имрӯз дар пеши ман укёнуси кабуд мавҷ мезанад ва аз болои сарам абрҳои тобистон мегузаранд.

Ман дар зулмоти қонунҳои шумо умр ба сар мебурдам. Бинду як лаҳза омаду рафт ва ман аз сӯрохи хурди ин зулмот худамро дидам. Ин занак бо марги худ ҳамаи занҷирҳои асоратро аз ман гусехт. Акнун, ки ба рӯшноӣ баромадам, мебинам, ки фақат дар ҳамин ҷо шаъну эътибори худро муҳофизат карда метавонам. Он марди хубе, ки бар хилофи ҳама маро писандид, акнун маро дар назди худ мебинад. Келини миёна дигар вуҷуд надорад.

Ту, эҳтимол, гумон кунӣ, ки ман худкушӣ кардан мехоҳам? Натарс, ман ин шӯхии кӯҳнаро дар ҳаққи ту намекунам! Мирабай[1] ҳам зан буд ва ишкелҳои вай аз ишкелҳои ман суստтар набуданд, аммо ба вай марг ҷустан лозим нашуд. Мирабай дар таронаи худ чунин месуруд:

> Бигзор аз Мира рӯ тобад падар!
> Бигзор модар рӯ тобад аз ӯ.
> Бигзор рӯ гардонад, ҳам, лек матин аст ӯ!
> Ҳар чӣ бодо, бод!

Ин суханон ба кас ҳаёт мебахшанд.
Оре, ман зинда хоҳам монд! Ман наҷот ёфтам.

Хонадони шуморо тарк карда:
МРИНАЛ.

*С.1914*

---
[1] *Мирабай* – шоир ва ҳофизи асри миёна

**Савол ва супориш:**

1. Нисбат ба давраҳои аввалини эҷодиёти нависанда шумо чӣ андеша доред? Ва он кай оғоз ёфтааст?

2. Ҳикояҳои индавраинаи Такур кадом масъалаҳоро дар бар гирифтаанд?

3. Чаро Р. Такур аз ҳаракати миллӣ—озодихоҳӣ, ки худ яке аз сарварони он буд, канорачӯӣ намуд?

4. Романи "Завол"-и нависандаро хондаед? Агар хонда бошед, мавзӯъ ва ғояи онро чӣ ташкил кардааст?

5. Р.Такур барои кадом хизматҳо ва асараш ба мукофоти Нобелӣ қадр карда шуд?

6. Кадом роман ва ҳикояҳои ӯ ба забони тоҷикӣ тарҷума шудаанд?

7. Дар бораи қаҳрамонони ҳикояҳои боло андешаатонро баён кунед.

## НОЗИМ ҲИКМАТ
**(1902—1963)**

Шоир, нависанда, ходими намоёни ҷамъиятӣ ва асосгузори назми инқилобии Туркия Нозим Ҳикмат аз худ зиндагиномаи ибратомӯз ва мероси ғаниву пурмӯҳтаво боқӣ гузоштааст.

Нозим Ҳикмат 20-январи соли 1902 дар оилаи ашроф тавлид ёфта, ҳанӯз аз наврасӣ бо воқеаву ходисаҳои пуртӯфони ҳаёти он давр ошно шуд ва тадриҷан яке аз муборизони асили роҳи озодӣ гардид. Фаъолияти эҷодӣ ва сиёсии Н. Ҳикмат мусовӣ ҷараён гирифтааст. Аз соли 1917 маҳсули қалами ӯ нашр гардид ва тавъам иштирокчии фаъоли ҳаракати озодихоҳии миллии Туркия дар солҳои 1918-1922 буд. Дар авҷи камоли эҷодӣ, соли 1920 аз ватанаш—Истанбули забтгардида ба шаҳри Анатолия омад, ки ин ҷо ҷанги миллию озодихоҳӣ дар авҷ буд. Н. Ҳикмат, ки зери таъсири воқеаҳои Истанбулу Анатолия таҷриба андӯхтаву роҳи ҳаёташро муайян сохта буд, бори аввал соли 1921 ба мамлакати Шӯравӣ омад ва дар Университети Коммунистии меҳнаткашони Шарқ таҳсил намуд. Бо бардошт ва натиҷагирии амиқ ва бо ниятҳои ватанхоҳӣ ва озодипарастӣ соли 1924 ба мамлакати худаш – Туркия баргашта, ба сафи ҳизби коммунистии Туркия ворид гардид. Чанд муддат бо кори эҷодӣ машғул шуда, ба рӯзномаву маҷаллаҳои инқилобӣ ҳамкорӣ намуд. Соли 1927 бо сабаби авҷ гирифтани таъқибот боз ба Иттиҳоди Шӯравӣ омад.

Маҷмӯаи нахустини ашъораш бо номи "Таронаи нӯшандагони офтоб" соли 1928 дар Боку нашр гардид.

Шоири озодихоҳ соли 1928 боз ба Туркия баргашт ва якчанд маҷмӯаи ашъораш "835 сатр" (1929), "Варан" (1930), "Шаҳри овозгӯшкарда" (1931)-ро нашр намуд, ки дар онҳо тинати нопоки империализмро фош намуда, халқи Туркияро ба мубориза даъват менамояд. Ҳамин рӯҳия дар достони "Ҷоконда ва Си-Я-у" (1929) ва романи манзуми "Барои чӣ

Бенерчӣ худро халок сохт?" (1935) боз ҳам кавитар ва часурона садо медиҳад. Эчодиёти Н. Ҳикмат гуногунжанр буда, дар ҳама қолаб мақсади асосӣ-озодӣ ва истиқлол мавқеи асосӣ дорад.

Дар намоишномаҳои "Косахонаи сар" (1932), "Хонаи марҳум" (1932), "Одами фаромӯшшуда" (1937) ва дигар асарҳояш тақдири шахс (инсон) бо тамоми фочиаҳояш дар чамъияти сармоядорӣ инъикос ёфтааст. Нигоҳи ҳақпарастона ба равиши ҳаёт, мушоҳида ва муқоисаи ҳаёти мамлакатҳои гуногун Н. Ҳикматро ба як мубориза асилу бебок ва барои чамъияти сармоядории Туркия хавфнок мубаддал сохт.

Баъди нашри мачмӯаи шеърҳои "Телеграммаи шабомада" (1932), ки дар он мардуми Туркияро ба мубориза даъват менамуд, ба ҳабси панчсола маҳкум гардида, баъди 1-сол пас аз афви умумӣ озод гардид.

Н. Ҳикмат ба хубӣ дарк намуд, ки бар замми фочиаҳои дохилии Туркия, фашизми қувватгирифтаистодаи немис низ дар мамлакати ӯ тарафдорон пайдо намуда, дастгирӣ меёбад. Дар мачмӯаи "Симоҳо" (1935), достони "Мактубҳо ба Таранта Бабу" (1935) ва асари публисистии "Фашизми немис ва назарияи нажод" (1936) маҳз тарафдорони дар Туркия будаи фашизмро фош ва маҳкум месозад. Ибрози ошкорои чунин ақоид ва эчоди асарҳои "Достон дар бораи шайх Бадруддини Шимавӣ", "Ифтихори миллӣ", тарчумаи асари В. И. Ленин "Дар бораи ифтихори миллии великорусҳо" боиси он гардид, ки шоири мубориэро соли 1938 ба муддати 28-сол ба ҳабс маҳкум намоянд. Эпопеяи "Манзараҳои ҳаёти инсон", мачмӯаи шеърҳои "Мактубҳо аз зиндон", намоишномаҳои "Афсонаи ишқ", "Юсуф ва Зулайхо" дар маҳбас навишта шудаанд. Муаллифро баъди 12 соли зиндонӣ будан, соли 1950 ҳукумати Туркия зери фишори афкори чамъиятии чаҳон аз ҳабс озод намуд.

Н. Ҳаким соли 1951 боз сӯи ватани дуюмаш – Иттиҳоди Шӯравӣ шитофт ва то нафаси вопасин ба кори пурмаҳсули эчодӣ пардохт.

Дар ин давра ӯ намоишномаҳои "Ҳикояҳо доир ба Туркия" (1952), "Шахси ачиб" (1953) ва "Оё Иван Иванович вучуд дошт?" (1936)-ро навишт, ки ба забонҳои гуногун тарчума гардида, дар театрҳои чандин мамлакатҳо намоиш дода шудаанд. Таъсири Н. Ҳикмат дар чараёни инкишофи адабиёти Туркия зиёд буда, бо номи ӯ як равияи томи адабӣ алоқаманд аст.

Хонандагони точик ба ном ва асару амали шоири муборизи турк Н.Ҳикмат собиқаи деринаи ошноӣ дошта, ашъори ӯро ба забони модариашон хондаву қазоват мекунанд. Романҳои "Шаби арафаи зилзила" (1963), "Романтика" (1966), мачмӯаи ҳикояҳои "Чанд ҳикоя" (1967), мачмӯаи "Шеърҳо" (1957-68), мачмӯаи афсонаҳои "Абри ошиқ" (1972) ва ғайра бо забони точикӣ тарчума гардида, миёни хонандагон маъруфият пайдо кардаанд.

Дар тарчумаи шеърҳои шоир адибони маъруфи мо М. Турсунзода, А. Деҳотӣ, М. Аминзода ва М. Фарҳат саҳм гузоштаанд.

## НАМУНАИ ОСОР:

### Мактубҳо аз зиндон

Шавҳарат бастаи зиндон. Писарат бемор аст;
Қади мавзуну тавонои ту гаштаст дуто;
Сари ту монда шуд аз фикру ғаму кулфатҳо,
Ки ба дастони ситамдидаат акнун бор аст!
Қисматат қисмати хоси ҳамаи Туркия аст.

Лек ин аст яқинам, ки аз ин рӯзи сиёҳ
Мулкам озоду амон мешаваду бахташ ёр.
Писарат гашта сиҳат, шавҳарат аз маҳбаси тор
Мераҳад солиму дар хонаи чашмони ту боз
Медурахшад абадӣ нури табассум он гоҳ
Қисматат қисмати хоси ҳамаи Туркия аст.

***Соли 1948***

## АСРИ БИСТУМ

— Маҳбуби ман, ин лаҳза хаёлат, ки ба болин
Сар монию сад сол бихобию замоне
Бедор шавӣ, рӯи замин гашта навоин,
Аз зиллату аз ашк на номе, на нишоне.

— Ҳаргиз на! Гурезон наям аз дасти замона,
Худро накашидам зи ғаму кулфати он дур.
Ин аср бузург асту ҷафоҳош баҳона
Аз саршавию муждаи ояндаи масрур.

На! Ман на пушаймон, ки таваллуд шудам он сол,
Соле, ки ниҳод аср ба бистум қадами хеш.
Фахрандаям аз қисмати худ. Аз паи иқбол
Ёрам ба касоне, ки мубориз. Сафи мо беш.

— Маҳбуби ман, он сохти дилхоҳу зафар дур.
— Ҳаргиз! Наздик асту яқин. Боварият ҳаст:
Чун чашми дурахшони ту, зебову пур аз нур
Озод шафақ хуб ба мо ҳам бидиҳад даст,
Бахт аз дари мо ҳам бидарояд хушу маъмур.

**Савол ва супориш:**

1. Чаро Нозим Ҳикматро асосгузори назми инқилобӣ медонанд?

2. Эҷодиёти ӯ аз кадом сол оғоз ёфтааст?

3. Маҷмӯаи нахустини шоир кай ва дар куҷо, бо кадом унвон нашр шудааст?

4. Сабаби ба Иттиҳоди Шӯравӣ ташриф овардани шоирро шумо чӣ хел маънидод мекунед.

5. Барои кадом ақидаҳояш ба муддати 28 сол ҳабс шуд?

6. Чаро Иттиҳоди Шӯравиро Н. Ҳикмат Ватани дуюми худ меҳисобад?

7. Дар тарҷумаи асарҳои Н. Ҳикмат кадом шоирони тоҷик ҳисса гузоштаанд?

8. Шеърҳоро хонед ва мазмунашонро маънидод намоед.

## ТСЮЙ ЮАН
**(340-278 то милод)**

Хитоиҳо соҳиби адабиёт, санъат ва тамаддуни дерина мебошанд. Дар қатори соҳаҳои дигари санъат, адабиёт ва назми классикии он собиқаи зиёди таърихӣ дошта, намунаи барҷастаи маданияти ҷаҳонӣ аст.

Дар Чин назм аз давраҳои қадим чун як рукни зиндагӣ мақом ва манзалат пайдо кардааст. Миёни мероси зиёди боқимонда, ки бо унвони китобҳои классикӣ ёд мешаванд ва мактаби зиндагӣ ном гирифтаанд, як китоби шоирона, ки "Шисзин" – "Китоби сурудҳо" ном дорад, миёни чиниён мақоми ҷудогона дорад. Дар ин китоб сурудҳои халқӣ ва эҷодӣ ба расму оини мардуми Чин марбут, ки дар давраҳои гуногун – асрҳои XII- VII то милод пайдо шудаанд, гирдоварӣ гардидааст.

"Китоби сурудҳо" дорои қимати баланди бадеӣ ва ҳаётӣ буда, аз он таърихнигорон далелҳои арзишмандеро оид ба ҳаёт ва рӯзгори чиниён пайдо намудаанд. Мо ба он одат кардаем, ки замони қадим ба мо дар қолаби назми эпикӣ маълумот диҳад. Аммо нисбат ба маданияти гузаштаи чиниён ин меъёр дуруст намеояд ва мероси гузаштаи онҳо дар шакли назми лирикӣ боқӣ мондааст.

Дар маҷмӯаи (сурудҳои лирикӣ) "Китоби сурудҳо" зебоӣ ва зиндагипарастӣ, расму оин, меҳру муҳаббат, ғаму андӯҳ ва интизорӣ бариш эҳсосоти инсонӣ таҷассум ёфтаанд. Духтар интизори эътирофи муҳаббати дӯстдораш, зан муштоқи дидори шавҳари ба ҷанг рафта, модар ба ёди фарзанд гиря мекунад, ҷанговарон дар орзуи бозгашт ба ватан ва ғ., сужети сурудҳои лирикии ин китобро ташкил додаанд. Сурудҳои ин асар на танҳо ба назми хитоӣ ифтитоҳ медиҳанд, балки дар давраҳои баъдина зиндагӣ намуда, ба адабиёту ҳаёти ин халқ таъсир мерасонанд.

Ҳарчанд забони ин асар кӯҳна шудаву бе шарҳ фаҳмида намешавад, то ҳол қисми зиёди сурудҳо боқӣ мондаву ба адабиёти давраҳои нави

чинӣ ворид шудаанд. Гузашти таърих ному нишони гӯяндагони ин сурудҳоро низ бо худ бурдааст ва ин сурудҳо чун офаридаи халқ эътироф гардидаанд.

Нахустин шоири маъруфи Чинӣ, ки ному насабаш боқӣ мондааст, ба асрҳои IV-III то милод тааллуқ дорад. Он замон дар хонигарии Чу дар қисмати ҷанубии Хитои имрӯза шоири маъруф Тсюй Юан (340-278 то милод) зиндагӣ кардааст. Тсюй Юан ҳаёти фоҷиавиро аз сар гузаронидааст. Ӯ чун шахси амалдор барои осоиштагии хонигарии Чу кӯшиш намуда, хостааст миёни хонигариҳо сулҳу оштӣ барқарор намояд. Вале ин амали шоир боиси алайҳи ӯ бархостани дарбориёни дигаре гардид, ки танҳо дар фикри осоиштагии худ буданд. Аз ҷониби ҳамин доираи худхоҳи дарборӣ ӯро ба тӯҳмат аз мамлакат ронданд. Аз ҳамин сабаб дар ашъори ӯ оҳангҳои андӯҳу ёд аз ватан зиёд садо медиҳанд.

Ман нигоҳи худро медӯзам
Ба Шарқу ҳам ба Ғарб.
Вале кай ман хоҳам тавонист
Ба манзили худ дубора баргардам.
Паррандагон низ бозгарданд
Ба манзили худ дубора.
Ва рӯбоҳ низ ҷон диҳад
Сар ниҳода ба домани теппа.
Чун гунаҳкори бегуноҳ
Овораам дар дунё.
На шабу ва на рӯз
Насозам фаромӯш инро.

*/тарҷумаи таҳтуллафз/*

Тсюй Юан аз рӯи гуфтаи таърихшиноси қадими Чин Сима Тсян аз ғалабаи ҳақиқат умедашро канда, ба расми эътироз худро бо оби дарёи Мило партофтаву ҳалок гардидааст. Халқи Чин то ҳол хотираи ӯро зинда медоранд ва ҳар сол рӯзи панҷуми моҳи панҷум дар дарёҳои Чин мусобиқаи қаиқронӣ ташкил мекунанд. То имрӯз бисту панҷ асари Тсюй Юан маълум аст ва дар тамоми онҳо андеша ва ноором нисбат ба ҳаёти инсон дар рӯи замин, шикояти талх оид ба ҳаёти шахси аз ватан рондашуда ва дар ҷустуҷӯи некиву ҳақиқат таҷассум ёфтаанд. Дар ашъори ӯ аҳамияти комил ба инсон дода мешавад, қувваҳои ғайризаминӣ ба ошӯб меоянд ва табиати ҳайратангези кишвараш тасвир мегардад.

Дар асари калонтаринаш достони "Лисао", ки маънои "Ғуссаи бадаргашуда"-ро дорад, тамоми ҳаёти худро тасвир намудааст. Ӯ ба он умед бастааст, ки агар дар рӯи замин ҳақиқатро наёбад, лоақал дар само мёбад. Тсюй Юан ҳам бо ҳаёти гузаронидааш ва ҳам бо ашъораш садоқаташро нисбат ба Ватан нигоҳ доштааст. Ӯ монанд ба ҳамон ҷанговароне

аст, ки дар ашъораш тасвир шудаанд. Яъне қаҳрамонони ӯ, аз ҷумла қаҳрамонони ашъори "Марг барои ватан" бо мурдани худ бар марг ғалаба мекунанд.

Ашъори Тсюй Юан аз бисёр паҳлӯҳо ба сурудҳои "Китоби сурудҳо" наздикӣ ва умумият дошта, пайравони зиёде пайдо намудааст. Офаридаҳои Тсюй Юан ва пайравони ӯ бо унвони "Ашъори Чу" ёд мешаванд.

**Савол:**

1. Барои кадом хизматҳояш ӯро ба тӯҳмат гирифтор намуданд?
2. Ғоя ва мазмуни шеърҳои шоирро асосан кадом мавзӯъ ташкил додааст?

## ДАНТЕ АЛИГЕРИ
**(1265 – 1321)**

Алигери Данте аз чеҳраҳои маъруфи тамаддуни ҷаҳонӣ ва аз шахсиятҳои барҷастаи адабиёти замони Эҳёи Италия буда, барои озодии инсон, қадри хиради инсонӣ ва барқарор намудани забони модарияш-италиявӣ то охири ҳаёташ мубориза бурдааст.

Ф. Энгелс дар бораи Данте чунин гуфтааст: "Вопасин шоири асрҳои миёна ва нахустин шоири замони нав"

Данте ҳанӯз аз қайди як қатор фаҳмишҳои асримиёнагӣ раҳоӣ наёфта, дар як вақт ба адабиёти ҷаҳон ақоиди тозаи гумнистиро ворид сохт. Муборизаи наву кӯҳна дар фаъолияти Данте бо бартарии нав инъикос шудааст. Фаҳмиши амиқи инкишофи ҷамъият ва дурнамои он Дантеро, ки аз табақаи ашроф аст, маҷбур кардааст, ки худро ба ҳаёти мардуми оддии шаҳр бипайвандад. Минбаъд Данте чун чеҳраи намоёни сиёсӣ ба муқобили онҳое мубориза бурдааст, ки ба озодӣ ва мустақилияти шаҳр таҳдид менамуданд, хусусан, ба муқобили папаи Рим – Бонифатсии VIII, ки шаҳри Флоренсияро тобеи ҳокимияти худ кардан мехост.

Баъдан Данте (охири соли 1301) бо сабаби ғалабаи гурӯҳҳои тарафдори папаи Рим аз Флоренсия ронда мешавад ва дар ҳолати бозгашти беиҷозат ба Флоренсия дар оташ бояд сӯзонда мешуд.

Аммо фаъолияти сиёсии Данте дар бадарға на танҳо суст нагардид, балки такомул ёфт ва минбаъд на танҳо аз номи Италияи тақсимшуда, балки аз номи тамоми инсоният баромад мекард.

Нововарӣ ҳанӯз дар асарҳои давраи ибтидоии эҷодиёти ӯ, аз ҷумла, дар асари "Ҳаёти нав" (1291) мушоҳида мешавад. Ин асарест, ки дар он насри бадеӣ ба назм омезиш ёфта, фарогири мавзӯи муҳаббат аст ва аз ишқи самимии ӯ ба дӯстдораш Беатрича ҳикоят мекунад. Ин китоб ба ҳимоя ва шӯҳрати ишқ бахшида шуда, ҳолатҳое тасвир шудаанд, ки дар адабиёти мазҳабӣ мамнӯъ буд ва дар адабиёти моҷаронигорӣ на ҳама вақт самимӣ инъикос меёфт.

Дар осори ӯ, аз ҷумла дар рисолаҳои илмиаш "Доир ба нутқи халқ", "Дар бораи монархия" низ навоварӣ ва ситоиши ақидаи гуманистӣ мушоҳида мешавад. Дар рисолаи "Доир ба нутқи халқ" исбот кардааст, ки забони модарии ӯ – италиявӣ низ метавонад забони илм ва адабиёт бошад.

Рисолаи "Дар бораи монархия", ки то соли 1896 дар номгӯи китобҳои хонданаш мамнӯъ зикр мегардид, як навъ изҳори норизоӣ ба муқобили калисои римӣ – католикӣ аст.

Дар бадарға Данте ба эҷоди бадеӣ баргашта, дар ибтидо силсилаи ашъори лирикӣ меофарад, ки чун нашиди ғолибияти муҳаббат садо медиҳад.

Баъд асари асосии худ – достони эпикии "Мазҳакаи илоҳӣ"-ро эҷод менамояд. Ин асар қуллаи олии эҷодиёти Данте буда, аз 3 қисм иборат аст: "Дӯзах", "Аъроф", "Биҳишт". Унвони қисматҳо ба фаҳмиши асримиёнагии католикии Европаи Ғарбӣ оид ба охират мувофиқ аст.

Данте бофтаҳои хаёлии инсониятро дар бораи охират ба зиндагии заминӣ муқоиса намуда, биҳишт ва дӯзахро тасвир мекунад. Мақсади Данте дар ин ҳолат низ мубориза ба муқобили бадӣ ва бадхоҳон аст. Аз нигоҳи Данте ҳар шахси ба инсон бадикарда ба дӯзах меравад.

Аз ин нигоҳ ба дӯзах ҷой додани папа Николаи III ва ҷой омода намудан барои ҷойнишини ӯ Бонифатсий на догмаи католикӣ, балки сирф фаҳмиши гуманистии ҳаёт ба ҳисоб мерафт.

Данте дар ин асар барои одамони бад намудҳои гуногуни ҷазоҳо низ тасвир намудааст. Аз ҷумла, барои онҳое, ки халқро ба ҷангу хунрезӣ водор сохтаанд, ҷазои сахттарин, яъне зинда ба оби ҷӯш андохтанро раво дидааст. Аз ин ҳам ҷазои сахттаринро барои хоинон раво дидааст.

Ақидаҳои гуманистии Данте асосан дар қисматҳои дуюму сеюми ин асар "Аъроф" ва "Биҳишт" инъикос ёфтаанд.

## Мазҳакаи илоҳӣ

## СУРУДИ АВВАЛ

Нимароҳи зиндагӣ аз сар гузашт,
Хешро дидам ба ҷангалзори тор,
Баски роҳи рости ман гум бигашт.

Сахт душвор аст васфи бешазор,
Бошад он торику анбуҳ, пурхатар,
Ки кунад ёдаш диламро беқарор.

7 Талхиаш аз марг бошад талхтар,
Лек дар васфи сафо, ки доштам,
Ман суханҳо гӯям аз боби дигар.
10 Нест ёдам по чи сон бигзоштам,

Баски чун гаштам бурун аз шоҳроҳ,
Чашми худ аз хоб кай бардоштам?

13 Даррасидам бехабар дар мунтаҳо
Ман ба пои теппаи воломақом,
Ки диламро дошт дар ранчу ано.

16 Чашм бикшодам, бидидам рӯи шом,
Теппа аз анвор рангин буд каме,
Рафта буд сайёра кайҳо аз қиём.

19 Қалби ман вораст аз дарду ғаме,
З-он шабу з-он бими дармоннопазир
Шуд талотумҳои дил таскин даме.

22 Чун касе, к-аз қаъри гирдоби кадир
Вораҳонда бо азобе чону тан,
Бингарад бар мавчҳои муқтадир,

25 Буд ларзону парешон рӯҳи ман.
Рӯҳи ман бар роҳи рафти худ нигашт,
К-интиҳояш буд марги марду зан.

28 Хастагии чисму чонам чун гузашт,
Омад андар дасту пои ман мадор,
Сӯи боло рафтам аз паҳнои дашт.

31 Ман бидидам дар нишеби кӯҳсор,
Як паланги чобуке истода буд,
Пӯсташ буд парлаки нақшу нигор,

34 Дар миёна роҳи ман омода буд,
Гуфтам аз ин партгоҳи пурхатар
Боз гардам, пас равам бо нақши худ.

37 Чун баромад шамси тобони саҳар,
Фавчи ахтар буду гардун нилгун,
Он чунон, к-аз ибтидои баҳру бар

40 Будашон лутфи Илоҳӣ раҳнамун.
Кард аз ин фоли неке огаҳам,
Дар танам акнун намешуд сард хун,
43 Гарчи дидам ваҳшии пурмӯй ҳам.

Гарчи дидам вахшии пурмӯй ҳам.
Боз дар як он дилам афшурда шуд,
Шери ёлафшон баромад аз раҳам.

Ҳамла мекарду хуҷуме менамуд
Ҷониби ман гушна, бадхашму ғазаб,
К-аз ғиреваш осмон дар ларза буд.

Ҳамраҳаш буд модагурги хунталаб,
Бемуҳобо нақши шаҳват буду оз,
К-эй басо ҷонҳо аз он шуд дар тааб.

Ҷону дил дар тарсу ларз афтод боз,
Аз нигоҳи гушнаву пурбими он
Аз дилам гум гашт армони фароз.

Нест маҳзунтар зи мумсик дар ҷаҳон,
Он даме, ки гардад аз ганҷаш ҷудо,
Гиряд ӯ дар ёди ганҷи шойгон.

Музтару ошуфта будам рӯи роҳ,
Модагургам баски буд дунболагир
Бар нишеби тангу тори безиё.

Мефитодам ман ба варта сар ба зер,
Марде он дам гашт пайдо бесадо,
Марди солору хамӯшу гӯшагир.

Дидамаш дар водию кардам нидо:
«Ҳастӣ инсон, ё шабаҳ, ё ину он,
З-ин фалокат вораҳон ҷони маро».

Гуфт: «Инсон будаам ман як замон:
Асли ман аз тухмаи ламбардиёст,
Ки диёри Монтуво буд мулкашон

Зодрӯзам давраи Суб Чулиост,
Зистам айёми Августӣ ба Рим.
Бур парастиш дошт халқу роҳи рост.

Ман сутудам — шоири қарни қадим, —
Пури Анхизро, даме киштисавор
Аз Трои сӯхта рафт ӯ салим.

76 Аз чӣ кардӣ бозгаштан ихтиёр?
Рав ба сӯи қуллаҳои пурзиё,
То шавӣ он ҷой шоду бахтёр».

79 «Верҷил астӣ, чашмаи беинтиҳо,
Он ки шеърат рафт ақсои ҷаҳон?—
Гуфтам, ӯро сархам аз шарму ҳаё—

82 Шаъну шони шоирони ҳар замон,
Кошкӣ кор оядам он эҳтимом,
Ки ба девони ту медодам нишон!

85 Будиям устод назди хосу ом,
Аз ту меросам расидаст ин ҳунар,
Ин ҳиҷои олию сеҳри калом.

88 Танг карда ҳолам ин ҳайвон, нигар!
Эй ту пайғамбар, маро имдод кун,
Мӯ ба мӯ ларзам ман аз хавфу хатар!»

91 Роҳи дигар боядат ҷустан кунун,—
То равӣ з-ин тангно озодаҷон,—
Гуфтам ӯ чун дид гирёну забун:

94 Модагурге, ки ту гирёнӣ аз он,
Ҷумлаи болоравонро медарад,
Мекунад садпора ҷисму ҷонашон;

97 Нест вахшие бад - ин сон хулқи бад,
Ки хӯрад, аммо нагардад ҳеҷ сер,
Гуштатар гардад, чӣ миқдоре хӯрад.

100 Ҷуфт гаштаст он ба ҳайвони касир,
Ҷуфт гардад боз бешу беадад,
Лек рӯзе Саг биояд қасдгир.

103 Саг на хоку на зару гавҳар хӯрад,
Баски донад тақвию ишқу субот,
Назди ӯ нодору доро як бувад.

106 Медиҳад Итолиёро ӯ наҷот,
К-аз бароят Комилаю Авриал,
Турну Нис рафтанд бар коми мамот.

109 Гург бигрезад ба сад макру ҳиял,
Лек Саг дар Дӯзах андозад варо,
Дӯзахаш гардад мукофоти амал.

112 Лоҷарам гӯям туро: «Бо ман биё,
Раҳ намоям з-ин макони пурхатар,
То барам бар мулки ҷовиди бақо.

115 Бишнавӣ фарёди арвоҳи башар,
Шеваи шаккокҳои бемаҷол:
Кош мемурдем, як бори дигар.

118 Зумрае бинӣ дар оташ бемалол,
Дар дилаш уммед аз айёми дод,
Ки бипайвандад ба қавми некҳол.

121 Гар ту болотар равӣ сӯи мурод,
Рӯи волотар туро ҳаст интизор,
Ту равӣ бо ӯ, кунемат хайрбод,

124 Чун манам осии ҳукми шаҳрёр,
Гар касеро бинадам ҳамроҳ ӯ,
Сӯи шаҳраш роҳ надҳад ҳеҷ бор.

127 Шоҳи олам ӯст, шоҳаншоҳ ӯ,
Шаҳраш он ҷо бошаду тахти равон,
Ҳар касе он ҷост, волоҷоҳ ӯ»

130 «Шоири ҷонам, — бад ӯ гуфтам ҳамон, —
Ман бихоҳам аз ту бо номи худо:
То аз ин ранҷу шикан бошам амон.

133 Сӯи он ки васф кардӣ раҳ намо,
То дари Петерс бинам рӯ ба рӯ,
В-он асиронро, ки ноланд аз ҷазо»

136 Ӯ равон гашту ман аз дунболи ӯ,

## СУРУДИ ДУЮМ

Рӯз бегаҳ мешуду ториктар
Менамуд андар назар рӯи само,
Хастагии хокиён мешуд бадар.

Биспарам бояд раҳи бемунтаҳо,
Сахт бистезам ба раҳми хештан,
З-он чи дидам, боз гӯям бехато.

7 Бишнав, эй Илҳом, ин ҳарфу сухан!
Ҳам зи ту мехоҳам, эй ақли нацҷиб,
З-н чӣ дидам, кун музайян шеъри ман!

10 Гуфтам: «Эй шоир, раҳомӯзи ҳабиб,
Бошадам қудрат ба коре инчунин,
Ки маро фатҳу зафар гардад насиб?

13 Волиди Силвию гӯӣ дарзамон
Буд гарчи одаму хокинасаб,
Зинда рафт ӯ бар ҷаҳони ҷовидон.

16 Он ки бахшояндаи ҷурм аст, раб
Азми ӯ диду бибахшид айби ӯ.
Кард лутфу меҳрубонияш аҷаб,

19 Пеши ҳар кас дорад акнун обрӯ;
Арши аъло баски кардаш интихоб,
Шуд сари Руму дувал, шаъну шукӯҳ.

22 Чун паяфкананд, ҳар ду бошитоб,
Аз барои ноиби Петерс зуд,
Шуд бапо аврангтоҳи босавоб.

25 Шеъри ту ҳамди сафарҳояш намуд,
Илми пирӯзӣ бидонисту зафар
То ки пирӯзе ридои поп шуд.

28 Рафт он ҷо Зарфи бас олигуҳар,
То қавитар гардад имон аз наҷот,
Армуғони растагории башар.

31 Кистам ман? Нестам з-ин аслу зот,
Павлису Эней куҷову ман куҷо?
Бошадам з-онҳо магар хулқу сифот.

34 Гар шавам бар ин сафар ногаҳ ризо,
Бим дорам, гардам аз худ бехабар,
З-он чи мегӯям, ту беҳ донӣ маро».

37 Чун касе, ки раъйи ӯ гардад дигар,
Мешавад дигар варо фикру карор,
Пас кунад з-андешаи аввал гузар.

40 Доштам ин ҳол дар аъмоқи тор,
Ман аз он ки пешвозаш бошитоб
Рафта будам, даргузаштам дилфигор.

43 Ҳаст агар дарёфтам айни савоб,
Гашта рӯҳи ту забуну нотавон,
Рӯҳи воло гуфт ин сонам ҷавоб.

46 Ақлро раҳбар набошад тарси ҷон,
В-арна доим меҳаросем аз амал,
Ҳамчу ҳайвоне зи хавфи дар гумон,

49 То раҳоят созам аз бими аҷал,
Гӯямат, баҳри ту сӯзад қалби ман,
Бишнав акнун з-омаданҳоям масал.

52 Дар бари арвоҳ будам анҷуман,
Хонд бонуи биҳиштирӯ маро,
Гуфтамаш хидмат гузорам бесухан.

55 Дидагоне дошт з-ахтар шӯълазо,
Ҳарфи ӯ ширин буду ороми ҷон
Ҳамчу овози фаришта аз само.

58 Рӯҳи монтуӣ, бирафт андар ҷаҳон
Шӯҳрату овозаи номат дигар,
Кам нагардад ҳеҷ дар даврӯ замон.

61 Дӯстро толеъ набуд имдодгар,
Дар сарошебе, ки побарҷо бишуд,
Бозгаштан хост аз ваҳму хатар.

64 Бими он дорам, ки ӯ раҳ гум намуд,
Ман надонам чун ба сарвақташ расам,
Кард қурбон шояд ӯ буду набуд.

67 Лаҳзае аз тарси ҷонаш нағнавам,
Кун мадад ӯро ту бо ҳарфу ҳиҷо,
Деҳ наҷоташ, то даме таскин шавам.

70 Ман Биатрисам, ки бифристам туро,
Оям аз ҷое, ки гардам бозпас,
Гар набудам дар дил ишқи ҷонфазо.

73 Дар шарофат нест монанди ту кас,
Инчунинат назди раб хоҳам сутуд,
Шуд хамӯш ӯ. Ман баровардам нафас:

76 Пок бонуе ба монандат набуд,
Бо ту дар кӯчак фалак навъи башар
Аз дигар махлуқҳо боло бишуд.

79 Хидматат бахт аст-ҳастам бахтвар,
На даранге мекунам, на ину он,
Зудтар фармо, давон оям ба сар.

82 Пас чаро зер омадӣ аз он макон,
Баски дорӣ бозгаштан ихтиёр,
Чун шудӣ дар варта бетарсу гумон?»

85 Дар вуқуфи роз гаштӣ хостгор,
Мекушоям роз-ӯ додам ҷавоб —
Аз чӣ бимам нест з-ин аъмоқи тор.

88 Бим аз чизе бувад айни савоб,
Гар ба ҷони дигаре дорад зиён,
В-арна тарсуӣ макун дар ҳеҷ боб.

91 Офаридгор офаридам ҳамчунон,
Ки наорад ранҷатон бар ман зарар,
Шӯъла ҳам бар ҷони ман н-орад зиён.

94 Дар само бошад зани некӯгуҳар,
Аз гирифтории рӯҳи бесукун,
Кард аз расми само қатъи назар!

97 Лучиёро хонду гуфташ ин сухун:
«Он муриди бовафо дорад ниёз,
Месупорам ман варо бар ту кунун.»

100 Лучиё хасми тазаллум гашт боз,
Бар ману Роҳил, ки бо ҳам рӯ ба рӯ
Менишастему ҳамегуфтем роз.

103 Эй Биатрис, бошадат имдодчӯ
Он ки аз ишқат чунон шуд беқарор,
К-аз авоммуннос ҳам бигзашт ӯ.

106 Ё ба гӯшат н-ояд он зории зор,
Ё намебинӣ, ки рӯди мавҷхез,
Бадтар аз дарёш бошад мавҷбор.

109 Кас набуд аз ғам чу ман андар гурез,
Бандаи андешаи осебу суд,
Чун шунидам он калимоти азиз.

112 Омадам аз ҷойгоҳи худ фуруд,
Дар суханҳои ту бастам эътимод,
Буда, к-онон мояи фахру суруд.

115 Ӯ, ки гуфтам ин суханҳои мурод,
Кард сӯям дидаи пурнури нам,
Дошт таъҷилам ба оҳанги видод.

118 Лоҷарам, чун хост, наздат омадам
То туро дар кӯҳраҳ додам раҳо
Аз даде, ки дошт бар ҷонат ситам,

121 Ин ҳама таъхиру истодан чаро?
Дил ба дасти тарс биспурдӣ ту низ,
Бе хурӯшу ҷӯш бошӣ то куҷо,

124 Ё намебинӣ, се бонуи азиз,
Ки нигаҳбони туанд аз осмон,
Нек мебинам раҳатро бо ғариз.

127 Чун гули аз жола сархам, бегумон,
Ки кушояд чеҳра аз нури саҳар,
Қад фарозад ҳамчу зеби гулситон.

130 Боз бистондам шукӯҳи пештар,
Дар дилам ҷӯшида шавқу эҳтирос,
Ҳамчунон озода кардам ҳарф сар.

133 Шукри бонуе, ки ҷон кардам халос!
Ин ту ҳам, ки нестӣ бахш интизор,
Ҳарфи ӯро кардаӣ панду асос!

136 Ту ба ҳарфи хеш додиям мадор,
Роҳи аввалро диҳам акнун давом,
Мекунам ман азми пешин ихтиёр.

139 Дар дили мо хости воҳид бувад,
Мешавиям устоду раҳнамо!
Ин варо гуфтам, ки ӯ гоме бизад.

142 Мо ба роҳи саъб бинҳодем по.

## ФРАНСУА РАБЛЕ
**(1494 — 1553)**

Дар адабиёти аҳди Эҳёи Фаронса Франсуа Рабле аз зумраи чеҳраҳои бузургтарини тахайюли адабӣ буда, чун донандаи забонҳои атиқа, илмҳои дақиқ, табиби таҷрибадор ва ниҳоят чун адиби ҳаҷвнигор дар тамоми Европаи Ғарбӣ машҳур гардидааст.

Рабле зиндагии аҷиб ва дар айни ҳол пурпечутобро аз сар гузаронидааст. Ӯ соли 1494 таваллуд ёфта, дар 7-солагӣ ӯро волидонаш ба мактаби роҳибӣ супориданд. Мактаби роҳибӣ қонунҳои катъии худро дошт, аз ҷумла хонандаи ин мактаб ё роҳиби оянда ғайр аз китобҳои динӣ ҳуқуқи илмомӯзӣ ва китобхонӣ надошт.

Аммо Рабле чун ҷавони ташнаи илму дониш пинҳонӣ ба хондан машғул гардида, забонҳои қадими юнонӣ ва лотиниро аз худ намуд, файласуфон ва шоирони қадимро омӯхт ва ба хулосае омад, ки ҳаёти роҳибӣ мувофиқи табъи ӯ нест ва ӯ аз мактаб гурехт.

Ӯ дар назди яке аз дӯстонаш паноҳ ёфт ва пурра ба омӯзиши забонҳои қадим, илмҳои дақиқ ва хоса ба омӯзиши илми тиб машғул шуд. Солҳои дароз ба табобати дардмандон машғул гардид ва дараҷаи бакалавру доктори тибро соҳиб гардид. Аммо бо ин ҳама Рабле ҳамагӣ роҳиби гуреза буду халос. Аз ҳамин сабаб, ба хулоса омад, ки барои созиш бо ҳокимияти динӣ бояд аз папаи Рим барои худсарона тарк намудани дайр бахшиш пурсад. Барои ин мақсад Рабле сафари дӯсти бачагиаш дю Беларо ба Рим фурсати муносиб ҳисобид ва чун котиби ӯ ба сафар баромад.

Онҳо оромона ва бо фурсат сафар мекарданд, дар ҳар шаҳр таваққуф менамуданд, ки ин мувофиқи завқи Рабле буд. Дар Рим онҳо дуру дароз истоданд ва Рабле бо ин "Шаҳри абадӣ" ба хубӣ ошно гардид. Боқимондаҳои шаҳомати деринаи ин шаҳр, калисоҳои зиёди он, зиёраткунандагону намозгузорон, ки аз гӯшаҳои гуногуни католикӣ омадаанд, диққати Раблеро ҷалб менамуд. Дар Рим Рабле бо корҳои дипломатӣ низ алоқа пайдо намуда, бо ходимони давлатӣ ва олимони машҳури Фаронсаву Европа иртибот пайдо мекунад.

Бо нояи шудан ба афви папаи Рим Рабле ба Фаронса баргашт ва акнун ӯ метавонист мустақиман чун рӯҳонӣ амал намояд. Аммо Рабле бо вуҷуди ин ҳама шахси диндор набуд ва ба зиндагии пас аз марг бовар надошт.

Рабле соли 1553 дар синни шастсолагӣ вафот кард.

Замони зиндагии Рабле мамлакатҳои Европаи Ғарбӣ давраи Эҳёро аз сар мегузарониданд ва буржуазияи навтавлид ҷаҳонбинии диниро, ки дар асрҳои миёна ҳукмрон буд, маҳдуд месохт. Ин замон илмҳои нав ташаккул ёфт, омӯзиши табиат, илмҳои дақиқ, омӯзиши адибони атиқа оғоз ёфт. Дар ҳама соҳаҳо рӯҳи таҳқиқгарӣ пайдо шуд ва ин ҳама боиси сар задани ноормӣ ва норозигии дини католикӣ гардид ва баъд "Ислоҳоти калисо" оғоз ёфт.

Ислоҳотгарон ба муборизаи ошкорои ҳокимияти динӣ баромаданд ва дигар дайру роҳибонро эҳтиром намекарданд. Аз ҷониби дигар ҳокимияти диниву калисоӣ низ низоми кори худро тағйир дод, озодихоҳонро зери таъқибу шиканҷа гирифтор менамуд, дар оташ сӯзондан, куштор ва намудҳои дигари ҷазо аз ҷониби диндорон роиҷ гардид.

Оқибат дар Германия ва Нидерландия миёни ислоҳотгарон ва католикҳо оташи ҷанг забона зад. Фаронсаву Англия ва тамоми Европаро фаро гирифт.

Дар ҳамин гуна давраи ноороми ҷамъияти Фаронса асари машҳури Франсуа Рабле "Гаргантюа ва Пантагрюел" эҷод гардид.

Таълифи ин романи ҳаҷвӣ ва гуманистӣ ба Рабле обрӯи ҷаҳонӣ овард. Дар асар ҷаҳонбинии нави буржуазии замони Эҳё инъикос меёбад. Муаллиф бо истеҳзои хушҳолона низоми асримиёнагии тарбия ва таълимро зери танқид мегирад, рӯзгори роҳибон ва пайравони онҳоро масхара менамояд. Истеҳзои ӯ нисбат ба онҳо ошкоро ва хеле сахт инъикос ёфтааст. Аз ҳамин сабаб факултети Сорбони донишгоҳи Париж ин асари Раблеро чун китоби зараровар ва вайронкунандаи асосҳои дин (католикӣ) маҳкум намуда буд.

"Гаргантюа ва Пантагрюел" инъикоси ҳамаҷониба ва муфассали ҳақиқати Фаронсаи замони Рабле мебошад. Муаллифи асар Фаронса ва Италияро саёҳат намуда, дар дайрҳои гуногун зиндагӣ ба сар бурда, дар университетҳо лексия хонда, ба табобати дардмандон машғул гардида, тамоми илмҳои асосии замонашро омӯхтааст. Аз ҳамин сабаб дар асараш нисбат ба ҳамзамононаш бештар ва беҳтар ҳақиқати замони худро инъикос карда тавонист. Романи "Гаргантюа ва Пантагрюел" асари сирф халқӣ буда, бо сурудҳои халқии франсавӣ ва расму оини гузаштаи ин халқ алоқаманд мебошад. Роман аз панҷ қисм ё китоб иборат буда, қисмҳои якум ва дуюм солҳои 1532-1534 ва се қисми охири ин асар дар замони сохти реаксия ва таъқиби гуманистон ба табъ расидааст. Қисми сеюм соли 1564 баъди вафоти Рабле ба табъ расид ва ақидае низ пайдо шудааст, ки қисми охирини роман аз рӯи маводи ҷамъкардаи Рабле аз ҷониби шахси дигар навишта шудааст.

Роман маводи зиёди халқӣ, саргузашти шахсиятҳои бузурги таърихӣ, тафсил ва шарҳи одатҳои гуногун ва воқеаҳои таърихиро фаро гирифта, хислатҳои наҷиби инсонӣ, аз қабили қаҳрамонӣ, инсондӯстӣ, ҷавонмардӣ, сарфаи мақсадноки вақт ва омӯзиши илм ташвиқ мешавад.

Боварӣ ба тараққиёт, даъват ба омӯзиши илму дониш дар қисми дуюми роман, аз ҷумла дар мактуби Гаргантюа ба Пантагрюел равшан ба назар мерасад. Дар он Гаргантюа ба сифати гуманисти солхӯрда аз аҳамияти илму дониш сухан мегӯяд ва писари худро ба омӯхтани илм даъват менамояд. "Ҷавонии худро барои такмили илм ва накӯӣ сарфа бояд кард" – чунин аст хулосаи қисми дуюми асар.

Рабле дар саҳифаи аввали роман ба хонандааш мулоқот мекунад. Ҳаёт ва рӯзгори Суқротро, ки хеле оддӣ ва шахси дар зоҳир бадафту назарногир буд, мисол меорад ва таъкид месозад, ки бо ин ҳама Суқрот аз хирадмандтарин донишмандон буд. Баъди ин ба хонанда муроҷиат менамояд, ки "Оё боре сагеро дидаед, ки аз партавгоҳ устухони сарро ёфтааст? Бибинед, ки саг онро чӣ тавр муҳофизат мекунад, чӣ тарз нигоҳ медорад, чӣ хел бо дандонҳояш сахт медорад, чӣ хел ба оҳистагӣ мешиканад, чӣ тарз ботоқатона мегазад, чӣ хел тоза мемакад, барои чӣ ин ҳама заҳмат, чӣ лозим барои ӯ ин устухони ифлос. Маълум: Саг мехоҳад аз ин устухон мағзашро ба тамом бимакад. Ба ҳама маълум, ки ин хӯроки бомазза аст.

Ҳамин тавр ман низ мехоҳам, ки Шумо, дӯстони азизам, китоби маро аввал бӯ кашед, ламс намоед, бодиққат хонед ва мағзашро дарёбед"

Воқеан, ин асар яке аз ёдгориҳои беҳтарини маданияти аҳли Эҳё ва яке аз асарҳои шоистаи адабиёти Фаронса буда, дар инкишофи тафаккури ҷамъият ва адабиёти франсавӣ ҳиссаи арзанда гузоштааст.

## СЕРВАНТЕС
**(1547 – 1616)**

Мигел де Сервантес аз чеҳраҳои маъруфи адабиёти ҷаҳонӣ ва муваффақияти адабиёти замони Эҳёи Испания дар соҳаи насри бадеӣ ва драматургия ба ҳисоб меравад.

Мигел де Сервантес моҳи сентябри соли 1547 дар шаҳри Алкалъа де Энареси наздикии Мадрид дар оилаи ашрофи камбағалгардида ва табиб Родриго де Сервантес ба дунё омадааст. Маълумот дар бораи саводи ибтидоӣ ва таҳсили ӯ якранг нестанд. Дар ҷое таъкид шуда, ки ӯ зоҳиран таҳсили мукаммал ва мунтазаме накардааст ва ҷои дигар таҳсили университетро зикр намудаанд. Вале мусаллам аст, ки истеъдоди нависандагии ӯ ҳанӯз дар мактаб зоҳир гардид ва соли 1569 нахустин бор дар матбуот якчанд шеърҳояш чоп шуд.

Бино ба ахбори сарчашмаҳо оилаи Сервантес рӯзгори мураккаб дошт ва пайваста аз шаҳре ба шаҳре кӯчида бо мӯҳтоҷӣ ҳаёт ба сар мебурд.

Бинобар ин Сервантес, ки пайваста перомуни чӣ тарз ва бо кадом маош зистан андеша менамуд, дар бистудусолагӣ хизмати аскариро ихтиёр намуд ва сарбози яке аз полкҳои испании дар Италия қарордошта гардид. Ин замон дар шоҳии Неапол, ки тобеи шоҳи Испания буд, кувваҳои ҳарбӣ ҷамъ гардида, дар ҳолати ҷангӣ бо империяи Туркия буданд. Чунки Туркия дар ҳавзаи баҳри Миёназамин ба марказҳои ҳаётӣ ва роҳҳои тиҷоратии Аврупо, хусусан Испания, таҳдид мекард.

Сервантес аз ҷанги қувваҳои ҳарбии баҳрии Туркия дар халиҷи Лепанто бо якчанд захм баргашт ва ба қавли худаш дасти чапаш "аз барои шаъну шӯҳрати дасти рост" ҳамешагӣ аз кор баромад. Муддати панҷ соли дар хизмати ҳарбӣ дар Италия будан ӯ бо маданияти итолиёии Интибоҳ ошно гардида ёдгориҳои бузурги санъати Италия, осори адибону эҷодкорони он аз Данте то Ариосто ва Тассоро омӯхт, ки доираи биниши бадеӣ ва ғоявии ӯро васеъ гардонид.

Тирамоҳи соли 1575 Сервантес хизмати ҳарбиро тарк намуда, ба тақдирномаи сарфармондеҳи лашкари испании дар Италия буда ва ноибкороли Неапол озими ватанаш гардид, аммо киштии сафари ӯ "Офтоб" дар соҳилҳои Фаронса ба ҳуҷуми роҳзанҳо дучор гардид ва бо вуҷуди задухӯрди шадид Сервантес ва ҳамроҳони ӯ асир афтода худи ӯ ба Алҷазоир фиристода шуд ва миёни ғуломони ҳокими маҳал Ҳасан-пошо қарор гирифт. Тақдирномаи зотҳои олӣ, ки аз ҷайби Сервантес пайдо шуд, Ҳасан-пошоро ба андеша овард, ки шояд ба ивази Сервантес соҳиби маблағи калоне гардад. Аз ҳамин сабаб низоми нигоҳдорӣ нисбат ба Сервантес сабуктар буд ва бо истифода аз ин нависанда нақшаи шӯриши бандиҳоро мекашид ва ба Испания номаҳои махфӣ ирсол мекард. Вале бо вуҷуди ин ҳама мӯҳлати асорат панҷ сол тӯл кашид. Соли 1577 падару модари Сервантес бо азобҳои зиёд барои озод намудани Сервантеси асирафтода кӯшиш намуданд. Оқибат 19-сентябри соли 1580 Сервантес ба озодӣ баромад ва 24-октябр Алҷазоирро тарк намуда, ба хоки ватанаш по ниҳод.

Дар ватанаш талоши зиндагӣ ӯро водор намуд, ки боз муддате хизмати ҳарбиро адо намояд.

Солҳои 1580-1581 Сервантес дар истилои Португалия иштирок намуд ва боре чанд чун қосид ба Африкаи Шимолӣ низ сафар намуд. Имконият барои эҷоди асар баъди дар Мадрид муқимӣ гардидани ӯ соли 1583 фаро расид ва ӯ дар услуби маъмули он замон қиссаи "чӯпонӣ" романи "Галатея"-ро таълиф намуд. Қаҳрамонони ин асар "чӯпонҳо" ва "чӯпондухтарон"-и хаёлии аз зиндагии воқеӣ дур буданд.

Ҳарчанд давраи аввали фаъолияти эҷодии Сервантес ба таълифи чунин асарҳо оғоз ёфт, вале ӯ солҳои охири умраш ба жанри романҳои "чӯпонӣ" танқидкорона баҳо дода, изҳор доштааст, ки "онҳо асарҳои сохтаи хаёлие мебошанд, ки барои дилхушии одамони бекоргард навишта мешавад".

Соли 1584 бо духтари камбизоати музофотӣ доня Кателина де Саласари-Палисиос издивоҷ намуд. Асари нахустини навмашқонаи драмавии ӯ "Ахлоқи алҷазоирӣ", ки як навъ бозгӯ ва инъикоси асорати ӯ мебошад, дар ҳамин давра таълиф гардидааст. Баъди як соли таълифи ин асар Сервантес боз макони зисташро тағйир дод ва дар пойтахти Андалусия шаҳри Севиля сукунат ихтиёр намуд ва соли 1587 соҳиби вазифаи хурди давлатӣ – вакили харид ва мусодираи озуқа барои урдуи ҳарбии баҳрие, ки бояд ба муқобили Англия ҳуҷум мекард, таъйин мешавад. Бо тақозои вазифа Сервантес ба гӯшаву канори Андалусия сафар карда, бо одамони табақаҳои гуногуни ҷамъият муомилоту мубоҳисот намуда, таҷрибаи зиёде андӯхт, ки минбаъд барои таълифи романи "Дон Кихот" ба кор омад. Соли 1590 аз ин вазифа даст кашид ва дар амали дигарчидани бақияи андозҳо дар музофоти Гренада ба кор шурӯъ намуд. Ин амал ба нависанда имкон дод, ки ба аҳволи пурфоҷиаи халқаш хубтар ошно гардад. Сервантес дар ин амал муносибати пулиро ба воситаи як банкири Севиля анҷом медод ва ҳамин муомилот ба сари ӯ бадбахтии наве бор кард. Ин банкир худро варшикаста эълон намуд ва маблағи давлатие, ки Сервантес ба ӯ дода буд, барбод рафт. Ба ҷурми ин гуноҳ ӯро ду бор – солҳои 1597 ва 1602 ба зиндон андохтанд. Баъди раҳоӣ аз зиндон ба Валядолида кӯчида, хизмати давлатиро батамом тарк намуд ва бо ҳамин давраи дуюми севилии ҳаёти ӯ анҷом пазируфт.

Бо вуҷуди ин ҳама ноҷӯриҳои рӯзгор ин даври умри адиб танҳо аз нокомиҳо иборат набуда, эҷоди чандин песаҳо аз қабили фоҷиаи машҳури "Нумансия", новеллаҳои "Риконте ва кортадило" ва "Эстрамадурии бадрашк" ба ҳамин солҳо рост меояд. Ҳамчунин муҳаққиқон изҳор намудаанд, ки фикри навиштани романи "Дон Кихот" низ ҳамин айём пайдо шудааст.

Фоҷиаи "Нумансия" дар заминаи воқеоти ҷанги истилогарони румӣ бо иберҳо-қабилаҳои сокини Испанияи қадима таълиф гардида аз далерию қаҳрамонии халқи Испания ҳикоят мекунад. Ин фоҷианомаи ватандӯстона соли 1937 дар рӯзҳои муборизаи қаҳрамононаи халқи Испания алайҳи фашизми байналхалқӣ дар саҳнаи театри испанӣ аз нав зинда гардид.

Мавзӯи "Эстрамадурии бадрашк" эътирози инсон муқобили ҷаҳонбинии хоси моликияти хусусии буржуазӣ мебошад. Дар "Риконте ва кортадило" бошад Сервантес макони households дуздону авбошони Севиляро моҳирона тасвир намуда, хулку атвори даррандавори онҳоро ҳаҷву масхара менамояд.

Ин ду асари Сервантес дорои қимати калони бадеӣ ва иҷтимоӣ буда, шоҳиди он аст, ки нависанда ба ҳалли проблемаҳои реализми танқидӣ наздик шудааст.

Дар бораи давраҳои охири ҳаёти Сервантес маълумот хеле кам аст ва танҳо аз муқими шаҳри Мадрид, ки аз нав пойтахти Испания эълон

шуда буд, гардидани ӯ ишора меравад. Ба Мадрид пеш аз нашри ҷилди аввали романи "Дон Кихот" кӯч баста то таълифи ҷилди дуюм, асарҳои дигари ӯ "Ҳикояҳои пандомӯз" (1613), достони манзуми сатиравии "Саёҳати Парнас" (1614) ва маҷмӯаи "Ҳашт комедия ва ҳашт интермедия" ба табъ расидаанд. Ҷилди дуюми "Дон Кихот" охири соли 1615 аз чоп баромад ва тавъам бо он нависанда нияти деринаи худро амалӣ намуд ва романи "қаҳрамонӣ" – "Саёҳати Персилес ва Сихизмунда"-ро навишт, ки асари охирини ӯ буд.

Сервантес солҳои охири умр гирифтори касалии дил буд ва 23-апрели соли 1616 вафот кард. Ӯро аз ҳисоби пули хайрия дар гӯристони ғарибон дафн намуданд. Баъди марги ӯ ҳамсараш дастхатти асари охирини ӯ «Саёҳати Персилес ва Сихизмунда»-ро ба яке аз нашриётҳои Мадрид фурӯхт ва он дар соли 1617 аз чоп баромад. Дар ин асар нависанда зимни тасвири ишқу дӯстии қаҳрамонона ба мавзӯи асосӣ ва ҳамешагии эҷодиёташ – мавзӯи инсонияти ҳақиқӣ бармегардад.

Бо ин ҳама шебу фарози кори эҷодӣ асаре, ки ба Сервантес ва адабиёти Испания шӯҳрат овард, ҳамоно романи "Дон Кихот" аст. Мунаққиди бузурги рус В.Г. Белинский дар бораи ин асар навишта буд: "Офаридаи бузурги Сервантес ба шӯҳрати бузурги худ комилан сазовор аст. Бо «Дон Кихот» давраи нави санъат – санъати навтарини мо оғоз ёфт. Вай ба равияи идеалии роман зарбаи қатъӣ дода, онро ба ҳақиқати ҳастӣ руҷӯъ кунонд. Ин корро Сервантес на фақат бо оҳанги сатиравии асараш, балки бо фазилати олии бадеии он ҳам анҷом дод".

Романи "Дон Кихот" ғайри чашмдошти муаллифу ноширон шӯҳрат пайдо намуд. Вақте ки дар Мадрид ин асар аз чоп баромад, ношир ба шӯҳрат ёфтани асар бовар надошт, аз ҳамин сабаб асар асосан ба дӯконҳои китобфурӯшии музофотҳо роҳӣ карда шуд. Зеро дар Испания замони Сервантес миёни шаҳру деҳот тафрикаи ҷиддӣ мегузоштанд ва гӯё хонандагони пойтахт танҳо ба осори нависандагони маъруфу машҳур одат кардаанд. Аммо ин роман ба зудӣ шӯҳрат пайдо кард ва танҳо дар давоми соли 1605 панҷ нашр ва баъд боз чаҳор нашри он ба фурӯш рафт. Ҳамин муваффақияти роман Сервантесро водор сохтааст, ки соли 1614 давоми онро нависад, бинобар ин қисми дуюм назар ба қисми аввал аниқтар ва мазмунноктар баромадааст.

Сервантес дар тамоми равиши роман муқобили таълифи романҳои баҳодурӣ мебарояд, зеро ин намуди асарҳо сохти феодалӣ ва ҳукмронии аристократияро ҳимоят ва ҷонибдорӣ менамуд. Сервантес чун василаи муборизаи зидди романи баҳодурӣ пародия – нақизаи масхараомезро интихоб намуд. Ӯ ба ин амалаш ба "равияи идеалии" романнависии замонаш зарба зад ва беасосиву бебунёдии адабиёти баҳодурии феодалию аристократиро исбот намуд.

Ба қавли Белинский "оҳанги сатиравӣ"-и асари Сервантес адабиётро "ба ҳастӣ" рӯй оваронд ва асаре ба вуҷуд овард, ки дар вай реализми

фавкулодда ба танкиди сатиравии чаҳони кӯҳнашудаи аристократияи феодалӣ хизмат мекард.

Дар маркази романи "Дон Кихот" ду қаҳрамони асосӣ идалгои ламанчӣ Алонсо Киана ва Санчо Пансаи деҳқон қарор гирифтаанд. Дар равиши воқеа аввалӣ ба баҳодури девонафеъл Дон Кихот, дуюмӣ ба хизматгори ярокбардори ӯ ва сонияи ба ҳокими хаёлии чазираи Баротарияи бофта табдил меёбанд. Ин нақшҳоро аз чумлаи дурахшонтарин ва барчастатарин нақшҳои адабиёти чаҳонӣ донистаанд.

Бесабаб нест, ки дар давоми бештар аз се аср романи Сервантесро на танҳо дар Испания, балки дар саросари чаҳон ҳамчун дилангезтарин китобҳои адабиёти чаҳонӣ мехонанд ва қадр мекунанд.

Ин асар бешубҳа бузургтарин ҳиссагузории халқи Испания ба ганчинаи маданияти чаҳонӣ мебошад.

Хонандаи точик бо иловаи ошноии дерина ба Сервантес ва асари ӯ ду нашри тарчумаи точикии онро дар даст дорад, ки аз чониби нависанда ва тарчумони бомаҳорат Сотим Улуғзода анчом ёфтааст. Нашри дуюми он соли 1989 аз тарафи нашриёти "Адиб" ба табъ расид ва бо иловаи сарсухану шарҳу тавзеҳ аз нашри якум фарқ дорад.

## "ДОН КИХОТ"

## ПОРЧА АЗ ДОСТОН

### Ҳикояти бемор шудани Дон Кихот, васиятномааш ва вафоташ

Дар олам ҳама чиз бебақост, ҳама чиз ва хусусан умри одамизод аз ибтидо то лаҳзаи охирин рӯ ба фано меравад, аз ин рӯ, чун худованд ба умри Дон Кихот чунин қудрате надода буд, ки чараёни худро сусттар кунад, вафоташ тамоман аз ғайри чашмдошти ӯ рӯй дод. Шояд Дон Кихот баъди мағлуб шуданаш ба шиканчи ғаму ғусса афтида буд ва хости худо буд, ки вай гирифтори табларза гардида, ба ин дард шаш рӯз дар бистар хобид; дар ҳамаи ин муддат дӯстонаш, кашиш, бакалавр ва сартарош ӯро аёдат мекарданд, ярокбардори некӯкораш Санчо Панса бошад як дам аз сари болини ӯ дур намешуд. Дӯстонаш гумон мекарданд, ки вайро фикру хаёли аламноки мағлуб шуданаш ва ба озод кардану аз чоду баровардани Дулсинея қодир набуданаш ба ин ҳол андохтааст. Бинобар ин ҳар тавр мекӯшиданд, ӯро дилхуш кунанд, бакалавр бошад як зайл ба ӯ талқин мекард, ки худро нақоҳонад, аз бистар бархезад ва ҳаёти чӯпониро пеш гирад, —"ман, — мегуфт бакалавр, — аз як нафар чорводори кинтанарӣ ба пули худам ду саги зӯр харидам, номи якаш Муруги, номи дигараш Паррандагир аст, ҳар дуяш рамаи моро

посбони мекунанд". Аммо ин гапҳо Дон Кихотро аз ғаму ғусса фориғ карда наметавонистанд.

Дӯстон ба табиб кас фиристоданд; вай набзи беморро санҷида мушаввашхотир шуд, ба Дон Кихот маслиҳат дод, ки дар ҳар сурат ба сиҳати рӯҳии худ аҳамият диҳад, зеро ба фикри вай сиҳатии ҷисмонии ӯ дар зери хатар буд. Дон Кихот сухани табибро оромона шунид, аммо калиддор, ҷиян ва ярокбардораш аз сухани вай ба хавотир афтода, мисли ин ки Дон Кихот мурда бошад, гиря бардоштанд. Маънои гапи табиб ин буд, ки Дон Кихотро ғаму ғусса ба ҳалокат бурда истодааст. Дон Кихот майли хоб доштанашро баҳона карда хоҳиш намуд, ки ӯро танҳо гузоранд. Хоҳишашро ба ҷо оварда буданд, ки ӯ пайваста беш аз шаш соат ба хоби сахт рафт, ба тавре ки калиддораш ва ҷиянаш мабодо ӯ мурда намонда бошад гуфта безобита шуданд. Лекин дар охир вай аз хоби тӯлонӣ бедор шуда, бо овози баланд чунин суханронӣ кард:

— Ҳамди беҳад ба худои қодир, ки бар ман чунин лутфи азиме кард-!Карами ӯ бепоён аст ва гуноҳи одамизод ҳар қадар зиёд бошад ҳам, карами ӯро на қатъ карда метавонад ва на маҳдуд.

Ҷияни Дон Кихот ба гуфтори тағояш бо диққат гӯш мекард, он гуфтор ба вай нисбат ба он чи ки Дон Кихот одатан мегуфт ва ба ҳар ҳол дар вақти бемориаш ба забон меронд, оқилонатар намуд, бинобар ин духтар ба вай муроҷиат карда, чунин гуфт:

— Тағоҷон, шумо чиҳо гуфта истодаед? Он чи мегӯед, гапи нав барин-ку? Вай кадом лутфу карам ва кадом гуноҳи одамизод?

— Ҷигарам, ин ҳамон лутфу карамест, ки худои таоло дар ҳамин лаҳза ба ман зоҳир кард, — ҷавоб дод Дон Кихот. – Ба ақлам рӯшноӣ дамид, акнун ақли ман аз ҷаҳолати тиравu торе, ки аз хониши доимии офатбори романҳои мурдори баҳодурӣ пайдо шуда буд, наҷот ёфт. Алъон тамоми бемаъноӣ ва дурӯғии он романҳо бар ман аён гашт ва ман фақат аз як чиз: аз он надомат мекунам, ки хеле дер ба ҳуш омадам ва акнун вақт надорам, хаторо ислоҳ кунаму ба хондани китобҳои дигаре, ки рӯҳу равони башарро мунаввар месозанд, шурӯъ кунам. Гӯш кун, ҷиянам: ман ҳис мекунам, ки мемирам, ман мехостам тавре бимирам, ки одамон бовар кунанд, ки ман беҳуда умр ба сар набурдаам, тавре бимирам, ки дар ман номи девонагӣ боқӣ намонад, — бигузор ман девона будам, лекин бо марги худам акси инро исбот кардан мехоҳам. Азизам, дӯсти меҳрубонам, кашиш, бакалавр, Самсон Карраско ва устои сартарош Николасро садо кун, — ман мехоҳам тавба кунам ва васиятнома нависонам.

Ҷияни Дон Кихотро пайи даъвати онҳо рафтан лозим наёмад, зеро дар ҳамон асно ҳарсеяшон ба хона ворид ва назди Дон Кихот ҳозир гардиданд. Дон Кихот онҳоро дидан замон чунин суханҳо бар забон овард:

— Азизон, маро табрик кунед: ман дигар Дон Кихоти Ламанҷӣ нестам, балки Алонсо Кихано мебошам, ки аз барои хулқу атвори некам

ба лақаби Некӯкор мушарраф шуда будам. Аз ин баъд ман душмани Амадиси Галлӣ ва ҳамаи авлоди бешумори вай мебошам, минбаъд аз китобҳои мурдори доир ба баҳодурони чаҳонгард безорам, акнун ман кӯтоҳандешии худро фаҳмидам, то чӣ андоза ба худам таъсири зарарнок расонидани он китобҳоро фаҳмидам ва бо лутфи раббонӣ аз таҷрибаи талхи худам сабақ гирифтам ва ба он китобҳо лаънат мефиристам.

Он се нафар аёдаткунандагон ин навъ гуфтори Дон Кихотро шунида, чунин хулоса баровtriданд, ки зоҳиран ин дафъа ба сари вай савдои чизи дигаре задааст. Самсон ба вай гуфт:

— Боз ин чӣ гап, сенёр Дон Кихот, дар айни вақте ки ба мо хабари аз ҷоду халос шудани сенёра Дулсинея расидааст, шумо аз ниятатон мегардед? Акнун ки мо азму ҷазм кардаем, ки чӯпон шавему дурудгӯён шоҳона зиндагӣ кунем, шумо зӯҳду тақво ихтиёр мекунед? Ба ҳаққи худо, аз ин роҳ гардед, ба худ оеду ин ҳазён, ин сафсатаро партоед.

— Ҳазёну сафсата гуфта, ман он чиро ки то алвақт буд, меномам, — эрод расонд Дон Кихот, — он ҳазёну сафсата ҳақиқатан барои ман ҳалокатовар буд, аммо бо мадади худованд ман онро дар дами маргам ба манфиати худ мегардонам. Сенёрҳо, ман ҳис мекунам, ки ба зудӣ мемирам, бинобар ин шӯхиро як сӯ мегузорем, ҳозир ба ман рӯҳонӣ даркор аст, зеро мехоҳам тавба кунам, сониян барои васиятнома навиштан котиб даркор аст. Дар ин хел дақиқаҳо ба инсон бо ҷони баромаданистодааш шӯхӣ кардан норавост, бинобар ин аз шумо хоҳиш мекунам: то ман назди кашиш маросими тавбаро ба ҷо меорам, шумо ба котиб кас фиристед.

Ҳозирон дар ҳайрат монда, ба якдигар нигоҳ карданд, ҳамаашон агарчи бо як қадар гумону шубҳа бошад ҳам, моил буданд ба суханони Дон Кихот бовар кунанд; якбора аз девона ба ҳушёри солимулақл табдил ёфтани Дон Кихот бароящон аломати расидани аҷали вай буд, зеро вай ба гуфтори лар боло овардашудааш боз суханони дигаре илова кард ва ин суханонаш он қадар бомантиқ, бо рӯҳи исавият ороста ва чунон оқилона буданд, ки дар охир ҳамаи гумону шубҳаи ҳозирон бартараф шуд ва ҳамаашон бовар карданд, ки ақлу ҳуши солим ба Дон Кихот баргаштааст.

Бо хоҳиши кашиш ҳама баромаданд, вай бо Дон Кихот танҳо монда, ӯро ба тавба овард. Бакалавр барои котиб рафта ба зудӣ бо ҳамроҳии котиб ва бо Санчо Панса баргашт; Санчо пештар ҳам дар ин ҳолат будани мавлояшро аз бакалавр фаҳмида буд, ҳозир гиристани занаки калиддор ва ҷияни Дон Кихотро дида, рӯй ва лабонаш кач шуданд, аз чашмонаш ашк борид. Баъди маросими тавба кашиш баромада гуфт:

— Алонсо Кихanoи Некӯкор ҳақиқатан дар дами ҷонканист ва ақлу ҳушаш барҷост. Биёед, ҳамаамон ба сари болинаш равем, вай ҳозир васиятнома менависонад.

Инро шунида калиддор, ҷияни Дон Кихот ва Санчо Панса аз нав гиряву фиғон бардоштанд, аз чашмонашон, ки бе ин ҳам тар буданд, ашк чун оби равон мерехт ва аз ҷигарашон пайваста оҳи ҳасрат мебаромад, зеро Дон

Кихот, чунонки дар боло зикр ёфт, дар ҳамин ҳолати Алонсо Кихонаи оддӣ будан ҳам мисли Дон Кихоти собиқ ҳалим, хушхулқ ва хушфеъл буд, ки аз барои ҳамин вайро на танҳо аҳли хонаводааш, балки ҳамаи шиносу ошноҳояш ҳам дӯст медоштанд. Ба назари вай бо ҳамроҳии дигарон котиб низ ҳозир гашт ва пас аз он ки ӯ сарлавҳаи васиятномаро навишт, Дон Кихот ибодати худо ва дигар ҳар он чи аз рӯи оини исавият дар ин маврид лозим буд, ҳамаро ба ҷо оварда, ба нависонидани васиятнома шурӯъ кард:

— Нависед: Дар дасти Санчо Панса, ки ман дар вақти ихтилоли шуурам ба хидмати ярокбардорӣ гирифта будамаш, пули амонатии ман аст, ин пулро аз вай нагиранд ва ҳисоботашро талаб накунанд, зеро ману вай дар байнамон ҳисоби худӣ дорем:агар баъди баровардани ҳаққи Санчо Панса аз он пул чизе зиёдатӣ кунад, бигзор он пули зиёдатӣ бисёр набошад ҳам, ба вай даркор мешавад ва ҳам агар ман дар вақти аз ақли солим бегона буданам сабабгори ҳокими ҷазира таъйин гардидани ӯ шуда бошам, пас ҳозир, ки ақлу ҳушам солим ва барҷост, агар аз дастам меомад, ба вай подшоҳии як мамлакатро ато мекардам, зеро дилсофӣ ва садоқати вай ба ин меарзад.

Дар ин ҷо Дон Кихот ба Санчо рӯ оварда гуфт:

— Дӯстам, бубахш, ки аз боиси ман ту ҳам ба девонагӣ ном баровардӣ ва монанди ман гумроҳ шуда, бовар кардӣ, ки замоне дар дунё баҳодурони ҷаҳонгард будаанд ва гӯё, ки ҳозир ҳам ҳастанд.

— Оҳ! -гириста нидо кард Санчо. – Намуред, ҳазратам, маслиҳати маро гиред: солҳои бисёр умр бинед, чунки охир, одамро ғайр аз як ғаму ғусса ҳеҷ кас накушад, ҳеҷ кас нест накунаду худаш якбора мураду монад—охир ин тамомаи беақлӣ, девонагист! Дар ҷогаҳ хоб карданатон бас, акнун хезед, либоси чӯпонӣ пӯшед – ба дашту саҳро мебароем, чунон ки худатон ҷазм карда будед; як вақт мебинед, дар ягон гӯшаи дашт, дар паси ягон бутта сенёра Доня Дулсинеяро кофта меёбем, ки аз ҷоду халос шудааст, ана ба ин чӣ расад! Агар шумо аз хафагӣ мурда истода бошед, ҳамаи айбро ба гардани ман занеду гӯед, ки: "Ман аз Росинант ғалтида, лат хӯрдам, чунки Санчо аили вайро суст баста будааст"; ғайр аз ин, ба соҳибмарҳаматам аз китобҳои баҳодурӣ маълум аст, ки одатан як баҳодур баҳодури дигарро ба замин меғалтонад; имрӯз вайро ғалтонданд, пагоҳ вай меғалтонад.

— Ҳамин тавр, -тасдиқ кард бакалвр. — Санчо Пансаи некӯкор рост мегӯяд.

— Бас аст, сенёрҳо, — овоз баровард Дон Кихот, — паррандагони нав ба лонаҳои кӯҳна наменишинанд. Ман девона будам, ҳозир ҳушёрам! Дон Кихоти Ламанчӣ будам, ҳозир — такрор мекунам—Алонсо Кихонои Некӯкорам. Умедворам, ки бо пушаймонии самимии худ иззату ҳурмати пештараамро ба худам баргардонам; шумо, ҷаноби котиб, давомашро нависед; тамоми доронии худамро ба хоҳарзодаи дар ин ҷо ҳозирбудаам Антония Кихано мерос мегузорам, аммо ба шарте ки нахуст аз доройям як қисмаш баровардa шавад: ман таъйин мекунам, ин қисмат ба ҷоҳои дигар

сарф карда шавад; ва ҳам пеш аз ҳама, ба кадбонуи калиддори ман барои тамоми муддати хизматаш музди муқаррариаш дода шавад, аз ин гузашта, хоҳишмандам, ки вай барои сару либосаш боз бист дукат диҳад. Ҷаноби кашиш ва ҷаноби бакалавр Самсон Карраскоро, ки дар ин ҷо ҳозиранд, вакилони худ тайин мекунам. Мехоҳам, ки ҷиянам Антония Кихано, агар шавҳар ихтиёр кунад, касеро ихтиёр кунад, ки аз романҳои баҳодурӣ бехабар буданаш пешакӣ ба вай маълум бошад; агар маълум шавад, ки он кас романҳои баҳодуриро мехондааст ва бо вуҷуди ин агар ҷияни ман вайро шавҳар ихтиёр кунад ва ба вай расад, дар ин сурат ман ҷиянамро аз мерос маҳрум месозам, аз вакилонам хоҳиш мекунам, ки дороии маро бо савобдиди худашон ба корҳои хайр сарф кунанд.

Бо ҳамин Дон Кихот васиятномаашро нависонда тамом карду аз хуш рафта, дар бистар дасту по ёзонд. Ҳама тарсида, худҳошонро ба сӯи ӯ афканданд. Дон Кихот баъди нависонидани васиятнома боз се рӯз зиндагӣ кард ва дар ҳамин муддат дам ба дам бехуш мегардид. Ҳамаи аҳли хонаводааш дар изтироб афтода буданд; аммо ин ҳол монеъ намешуд, ки ҷиянаш хӯрок бихӯрад ва калиддор аз шароб баҳра барад, инчунин Санчо Панса ҳам хӯру нӯшро фаромӯш намекард: бояд эътироф кунем, ки андешаи мерос ҳамеша дар дили меросхӯрон аламли ҷонкании шахси меросгузорандаро кам ва суст мегардонад. Ниҳоят баъди иҷрои расму русуми лозима дар ҳакқи Дон Кихоти мурдаистода ва пас аз он ки вай бо далелу бурҳони бисёр романҳои баҳодуриро маҳкум ва мазмум кард, охирин соати умри ӯ фаро расид. Котиби дар он дам ҳозирбуда гуфт, ки ӯ дар ҳеҷ як романи баҳодурӣ нахондааст, ки касе аз баҳодурони ҷаҳонгард монанди Дон Кихот ин қадар ором у осуда ҳамчун исавии покдин ҷон дода бошад; ҳамаи ҳозирон аз марги вай ғамгин буданд ва мегиристанд. Дон Кихот бошад, дар он дам ҷон ба ҷонофарин супурд, яъне, сода карда гӯем, — мурд.

**Савол ва супориш:**

1. Сервантес кай ва дар куҷо таваллуд ёфтааст?
2. Чаро Сервантес хизмати ҳарбиро ихтиёр намуд?
3. Ба ҷурми кадом гуноҳ ӯро ба маҳкама кашиданд?
4. Асарҳои дар солҳои 80-ум навиштаи Сервантесро номбар кунед.
5. Чаро нафрати Сервантес ба асарҳои баҳодурӣ зиёд шуд?
6. Романи "Дон Кихот" чӣ хел шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо намуд?
7. Дар бораи қаҳрамони марказии асар — Дон Кихот андешаатонро баён кунед.
8. Чаро Дон Кихот дар арафаи марг аз ақидаву андешаҳои худ дар бораи романҳои баҳодурӣ даст кашид, онҳоро "романҳои мурдори баҳодурӣ" номид?
9. Аз рӯи имкон романи "Дон Кихот"-ро пурра мутолиа намуда, ба рафтору кирдори қаҳрамонҳо диққат диҳед ва дар бораи онҳо мулоҳизаҳоятонро баён намоед.

## ВИЛЯМ ШЕКСПИР
**(1564 – 1616)**

Шекспир на танҳо драматурги номии Англияи аҳди Эхё, балки бузургтарин драматурги тамоми дунё ва ҳама давраҳо ба ҳисоб меравад. Шекспир фарзанди хунарманди оддии яке аз шаҳрҳои Англия буда, поягузори театри Англия ҳисоб меёбад. Ҳарчанд аз эҷоди асарҳои оригиналии Шекспир ҳама огоҳӣ доштанд, гурӯҳҳое низ буданд, ки баромади иҷтимоии ӯро ба назар гирифта, ба муаллифи чунин асарҳои оригиналӣ будани ӯ шубҳа мекарданд. Шекспир дар яке аз театрҳои пешқадами замонаш – театри "Глобус" кор кардааст.

Вилям Шекспир 23-апрели соли 1564 дар шаҳраки Стратфорди соҳили дарёи Эйвон таваллуд шудааст. Падари Шекспир ба табақаи хунармандони шаҳр дохил мешуд ва зиндагии камбағалона дошт.

Шекспир аз 7-солагӣ дар мактаби грамматикӣ таҳсил намуда, асосан забонҳои лотинӣ ва юнониро омӯхтааст. Инчунин дар ҳамин мактаб асосҳои мантиқ ва риторикаи схоластикии асримиёнагиро аз худ намудааст. Аммо курси пурраи мактабро аз сабаби ноомади корҳои падар хатм накарда, аз рӯи эҳтиёҷ ба фурӯши гӯшт машғул шудааст.

Дар синни 18 солагӣ бо духтари як фермере издивоҷ мекунад ва зодгоҳро тарк карда соли 1585 ба Лондон меояд.

Дар давраҳои аввал барои рӯзгузаронӣ ҳама гуна кори пешомадаро иҷро кардааст, аз қабили нигоҳбонии аспони шахсоне, ки барои тамошои театр меомаданд.

Аввалин бор номи Шекспир дар матбуот соли 1592 пайдо мешавад, ки ӯ дар ин давр аллакай актёр ва муаллифи намоишнома буд. Чун актёр Шекспир фаъолияти андаке дошта, чун драматург ба зудӣ ном баровардааст. Соли 1599 труппае, ки Шекспир низ аз ҷумлаи он буд, аз ҳисоби маблағи худ театри "Глобус"-ро таъсис доданд.

Дар даврам зиндагиаш дар Лондон Шекспир ба ҷавонон-донишҷӯён иртибот пайдо намуда, дунёи маънавии худро бой гардонид ва ин иртибот барои шаклгирии ҷаҳонбинии гуманистиаш низ таъсир расонид. Соли 1612 Шекспир тарки Лондон намуда, ба зодгоҳаш Стратфорд баргашт ва дар ҳамин ҷо 23-апрели соли 1616 вафот кард. Маҷмӯаи нахустини намоишномаҳои ӯ бо кӯшиши рафиқони саҳнавиаш Ҳеминг ва Кондел соли 1623 нашр гардид. Аз осори ӯ то ба мо ду достон – "Венера ва Адонис", "Лукретсия", 154 сонет, песа, фоҷиаломаҳо ва таърихномаҳо боқӣ мондаанд.

Эҷодиёти Шекспирро ба се давра тақсим мекунанд.

Давраи аввали эҷодиёти Шекспир ба замони ҳаракати ватанхоҳӣ дар Англия ва шикасти "Армадаи мағлубнашаванда"-и Испания рост меояд. Бинобар ин дар эҷодиёти ин давраи Шекспир хусусияти ҳаётдӯстӣ ва зиндагидӯстдорӣ бештар мушоҳида мешавад. Ба ин давра эҷоди мазҳа-

каҳои машҳури "Ром шудани саркаш", "Ду веронагӣ", "Хоб дар шаби тобистон", "Як пула гап - сад пула ғавғо", "Ин ба шумо хуш меояд", "Шаби дувоздаҳум" ва фаҷианомаҳои "Ромео ва Ҷулиетта" ва "Юлий Сезар" рост меоянд.

Дар давраи дуюм, ки замони тезутундии гуногунақоидии ҳақиқати Англия ба ҳисоб меравад, дар эҷодиёти Шекспир як нав фаҳмиши зиддият ва фоҷиаи ҳаёти мардум ба назар мерасад. Дар ин давра фоҷианомаҳои фалсафии ӯ эҷод шудаанд, аз қабили "Ҳамлет" (1601), "Отелло" (1604), "Шоҳ Лир" (1605), "Макбет" (1605).

Дар давраи сеюм, ки ба замони режими феодалию иртиҷоии Якови I Стюарт рост меояд ва мардум аз ғалабаи ақоиди гуманистӣ умеди худро кандаанд, Шекспир барои пардапӯшона иброз намудани ақоиди гуманистиаш ба афсона ва хаёлот рӯ овардааст. Дар ин давр як қатор трагикомедияҳои ӯ пайдо мешаванд, ки беҳтарини онҳо "Афсонаи зимистон" ва "Тӯфон" аст.

Дар ҳар кадом давраҳо Шекспир асарҳое офаридааст, ки қимати баланди идеявию бадеӣ доранд. Ҳарчанд осори ғайридрамавии ӯ нисбат ба драматургияаш шӯҳрати камтаре доранд, ба ҳар ҳол, мавқеи сазовор пайдо намудаанд.

Достонҳои "Венера ва Адонис" ва "Лукретсияи доро", ки дар мавзӯъҳои мифологӣ ва қаҳрамонӣ – таърихӣ эҷод гардидаанд, ҳунармандона буда, аз асарҳои дар ҳамин мавзӯъҳо навиштаи ҳамзамононаш бо реалияти амики худ фарқ мекунад.

Ба қатори асарҳои машҳури шоиронаи Шекспир 154 сонети ӯ, ки миёни солҳои 1592-1598 эҷод гардида, соли 1609 нашр шудааст, низ дохил мешаванд. "Сонет" калимаи итолиёвӣ буда, маънои "садо додан"-ро ифода менамояд. Чун жанри адабиёт сонет жанри лирикӣ буда, аз 14 мисраъ иборат аст ва қофияаш абаб, абаб, абаб, аа мебошад. Қонунҳои жанри сонет қатъӣ буда, он бояд ҳатман аз 14-мисраъ иборат бошад. Аммо гоҳо аз ҷониби шоирони алоҳида ба миқдори мисраъҳо ва қофиябандии он тағйирот низ ворид сохтаанд.

Аз 154 сонети Шекспир 74-тои он дар тарҷумаи Қутбӣ Киром (Шекспир. Сонетҳо. Душанбе: «Ирфон», 1965) ба забони тоҷикӣ нашр шудааст. Шоир дар сонетҳои худ муҳаббати пок, садоқат ба дӯст, ному кори накӯ мондан дар зиндагӣ ва амсоли инҳоро тараннум кардааст.

Осори Шекспир намиранда аст, умри абадӣ дорад. Қимати бадеии он давра ба давра бештар зоҳир мегардад. Ҳарчанд доираҳои иртиҷоӣ борҳо кӯшиш намудаанд, ки мероси ин нобиғаи ҷаҳониро чун асарҳои қиматгумкарда арзёбӣ намоянд, вале худи ҳаёт эҳтиёҷи ҳамарӯзаро ба асарҳои гуногунжанру гуногунмавзӯи Шекспир тасвиб месозад ва ин мерос дар сабзиши маърифати инсонӣ ҳисса мегузорад.

Шекспир аз ҷумлаи он адибони нобиға аст, ки барои мардуми тоҷик собиқаи деринаи шиносоӣ дорад, зеро «асарҳои гаронмояи ӯ корвони

азимест, ки аз Мағриб то Машрқ роҳ мепаймояд ё худ дарёи бекаронест, ки бо ҳазор печу тоб ҷорист ва ҳар соат шохобҳои тозае пайдо мекунад — ин дарё ба укёнуси маданияти ҷаҳонӣ рафта мерезад».

Намоишномаҳои "Отелло", "Ромео ва Ҷулиетта", "Шоҳ Лир", "Ду веронагӣ", "Ҳамлет" дар театри академикии драмаи ба номи Лоҳутӣ ба забони тоҷикӣ намоиш дода шудаанд. Дар тарҷума ва ба хонанда расонидани асарҳои Шекспир ба забони тоҷикӣ Абулқосим Лоҳутӣ, Сотим Улуғзода ва Қутбӣ Киром ҳиссаи арзанда гузоштаанд.

## Сонетҳо

Ман ғалат кардам, ки боре гуфта будам худ ба худ,
Ҳеҷ гоҳе ишқи ман аз иқтидорам зӯр нест.
Охир, он вақтам ба дил ин оташи сӯзон набуд.
Пайкарам акнун даме аз шӯълаи он дур нест.

Хок бар сар кардаму шӯридаму ғамгин шудам,
Нола кардам, сӯхтам, садранг гаштам дар нафас,
Гоҳ зин бар дӯш гаштам, гоҳ рӯи замин шудам.
Гаҳ қасам бишкаста, бурдам гоҳ қонунро ба пас,

Ман ба ҳарфи қисмати қаҷрав накардам боварӣ,
Сӯи он рӯзе, ки андар пеш буд, гуфтам чунин:
Зӯртар аз ишқи ман ишқе набошад, эй парӣ.
Ишқи манро не фалак бошад ҳарифу не замин.

Ишқ тифл аст, эй азизон, тифл-аммо баркамол,
Ман ғалат кардам, ки гуфтам ӯ зани соҳибҷамол.

* * *

Дилбари тороҷгар тороҷ сози бар абас
Дар миёни шӯриши девонагиҳо сарватат.
Тӯҳфа набвад ҳусн аз дасти табиат баҳри кас,
Қарз бошад аз дигарҳо ин шукӯҳу давлатат.

Хоҳӣ з-они худ кунӣ, эй зиҳнаи олиҷаноб,
Он чи ки бахшидаандат аз барои дигарон.
Руст кардӣ махзани бисёр дар зери ҳиҷоб?
Давлатат аз ин наафзояд! Ту инро нағз дон.

Дур карда аз сарои нозу неъмат хешро,
Банд гаштӣ дар камингоҳат мисоли анкабут.

Вой аз он соат, ки кисмат бар ту бинмояд нидо.
Чист дастовези ту аз умри нофарҷоми худ.

Бе нишоне меравӣ аз даҳр, чун дар об хас,
Ҳайфи вақту ҳайфи умре, ки рабудӣ барабас!

* * *

Ишқ ҳамчун мардумак дар дидаи ман ҷо гирифт,
Дар дилу дар пайкару дар хуни ман маъво гирифт.
Дар бисоти даҳр оё ҳаст он сон сарвате,
То тавонад ин мараз аз синаҳои мо гирифт.

Дар гумонам, нест ҳаргиз, нест дар рӯи ҷаҳон
Сарвате монанди ҳусну нашъаю эъҷози он,
Дар хаёлам, ки мисоли ман бузургу арҷманд
Нест мавҷуди дигар андар замину осмон.

Чашми ман дар чашми оина фитад гар ногаҳон,
Сурати ҳаққонии худро ҳамебинам дар он.
Солҳо дар шакли оҷинганд — инро дида мон,
Мешавам иқрор бар ҳар як хатояш, дӯстон

Хештанро монда дар ҷои ту, эй моҳи мунир,
Ман ҷавонӣ ёфтам аз давлати дунёи пир.

* * *

Гусастан тори пайванди ду дил — ин нест кори ман,
Хиёнат метавонад ишқро барҳам занад оё?
Ҳамин ишқ асту олам мерасад бар дидаҳо равшан,
Ҳамин ишқ аст бо куштан намирад дар ҷаҳон асло.

Чароғи раҳнамо дар шоми тӯфон ишқ мебошад,
Ки онро аз ҳалокат бок не, рахшандатар тобад.
Ҳамин ишқ ахтари укёнуси бесоҳиле бошад,
Ки раҳгумкардаро бар манзили мақсуд меорад.

Вале ин ишқ лухтак ё гуле дар дасти гардун нест,
Ва ё ранги шаробе дар лабу рухсори гулгун нест.
Ки онро хоҳ сӯзонад фалак, хоҳад фано созад,
Натарсад ишқ аз офат, ки он помоли гардун нест

Ғалат кардам агар ман, ё хато бошад дар афкорам,
Сипас не ишқ монад дар ҷаҳон, не сели ашъорам.

* * *

Ман туро сарчашмаи илҳоми худ номидаам.
Он қадар бисёр акнун шоирони рӯзгор,
Якдигарро пешбозак карда пеши дидаам,
Медиҳанд аз шавкати ту шеъри худро рангу бор.

Чашмҳоят гунгҳоро бар забон оварда худ,
— Оҳ, бар деви ҷаҳолат то фалак парвоз дод.
Санъати нозук сазовори қаноти хеш шуд,
Бар қашангиву нафосат - ин бувад мӯҳри ҳаёт.

Гар надорам қувваи парвозу ин сон болу пар,
Ҳар чи бошад, ман аз ин афтодагиҳо сарбаланд,
Гар диҳӣ шеъри дигарҳоро ту рангу зебу фар,
Шеъри ман бо ту таваллуд ёфт, бо ту арҷманд.

Ту худат шеърӣ, ки ҳисси сардро ҳам дар нафас,
Медиҳӣ парвоз то афлоки пур ишқу ҳавас.

**Савол ва супориш:**

1. Барои чӣ Шекспир курси пурраи мактаби миёнаро ба итмом нарасонд?
2. Ба номи Шекспир чун шоир хонандагон кадом сол ошноӣ пайдо карданд?
3. Эҷодиёти Шекспирро ба чанд давра ҷудо намудаанд?
4. Тавассути кадом асарҳояш ӯ шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо намуд?
5. Кадом асарҳои ӯ ба забони тоҷикӣ тарҷума ва нашр шудаанд?
6. Мутарҷимони осори шоирро номбар кунед.

## ИОҲАНН ВОЛФГАНГ ГЁТЕ
**(1749 - 1832)**

Яке аз ситораҳои тобони Ғарб Иоҳанн Волфганг Гёте соли 1749 дар Франкфурти лаби Майн дар оилаи ҳуқуқшинос ба дунё омадааст. Ӯ аз илму фарҳанг, махсусан, таъриху ҷуғрофия, риёзиёт ва мусиқию рассомӣ рағбату дилбастагии зиёде дошта, ҳатто барои аз худ кардани маданияту фарҳанги халқҳо забонҳои зиёдеро аз худ намудааст. Чунин дилбастагию шефтаи илм будан ӯро ба факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи Лейпсиг /1765/ овард. Вале бо вуҷуди таъсири пурзӯр доштани ғояҳои маорифпарвари барҷастаи немис Лессинг дар Донишгоҳ Гётеро усули таълиму тадриси адабиёту ҳуқуқ ва дигар фанҳои ҷамъиятӣ қано-

ат кунонида натавонист. Аз ин рӯ, ӯ тарки Донишгоҳ намуда, ба эҷоди шеърҳои ошиқона ва омӯзиши фанҳои табиатшиносиву сураткашӣ машғул мешавад. Ин буд, ки соли 1767 маҷмӯаи нахустини ашъори хешро бо номи "Сурудҳои нав", ки аз шеърҳои ошиқона иборат буданд, нашр намуд.

Соли 1770 ба Донишгоҳи Страсбург дохил шуда, аз паи амиқтар аз худ кардани илмҳои замонааш ва омӯзиши забонҳо гардид. Гёте ҳангоми таҳсил ба донишманди машҳур Ҳердер ошноӣ пайдо намуд, ки дар тақдири минбаъдаи ӯ дар арсаи илму адабиёт нақши муҳимме бозид. Ба воситаи Ҳердер ва ҷадвалҳои ӯ Гёте ба омӯзиши амиқи эҷодиёти шифоҳии халқ ва ашъори шоирони пешгузаштаву ҳамасрони худ, махсусан ашъори рангину баландпарвози Шекспир /1564-1616/ машғул гардид.

Таълифи романи "Гётс фон Берлихинген" /1773/ ва романи "Ғаму андӯҳи Вертери ҷавон" /1774/ дар шӯҳрат ва мавқеъ пайдо намудани Гёте дар байни аҳли илму адаб боис гардид.

Гёте баъди хатми Донишгоҳ соли 1775 ба Ваймар баргашт ва ба таъбире давраи дуюми эҷотиёти ӯ оғоз ёфт.

Бо вуҷуди дар вазифаҳои баланд ва ба корҳои давлатӣ машғул будан ӯ аз кори эҷодӣ дур нашуд. Баръакс, ба эҷоди шеърҳои лирикӣ машғул шуда /"Нағмахон", "Ба сӯи камар", "Шоҳи беша" ва ғайра/ тавассути образи қаҳрамонҳои лирикиаш инсони аз ҷабру зулм озодро тараннум кардааст.

Зиндагии якмарому якнавохт ба рӯҳи шоир созгор наомада, ӯро рӯҳафтода намуд. Ин буд, ки Гёте соли 1786 ба сафари Италия баромада, чанд муддат дар ватани Дантею Рафаэл монда, ба омӯзиши асарҳои классикӣ ва аз худ кардани ботаникаю минералогия ва анатомия машғул мешавад. Бо иловаи омӯзиши фанҳои гуногун ва шиносоӣ бо тамаддуни қадими Италия дар ин ҷо асарҳои "Ифигения дар Таврид" /1787/, "Эгмонт" /1788/ ва "Торквато Тассо" /1780-1789/-ро эҷод намуд.

Гёте баъди бозгашт аз Италия /1790/ аз корҳои давлатӣ ва вазифаҳояш даст кашида, ба тарғибу ташвиқи адабиёту санъат омода мегардад. Ин ба ӯ имконият медиҳад, ки барои аз саҳна тоза кардани асарҳои сусту берӯҳ мубориза барад. Дар ҳамин солҳо балладаи "Арӯси Коринфӣ"-ро навишт, ки як навъ эътирози шоир нисбат ба таълимоти насроӣ буд.

Дар солҳои 90-ум ва минбаъд Гёте ба навиштани силсилаи асарҳои худ: "Марсияҳои Рим" /1788-1790/, "Ҳудуди инсоният" /1788-1791/, "Илохинома" /1782/, "Илменау" /1783/, "Эпиграммаҳои Венетсия" /1790/, драмаи "Гражданин-генерал" /1793/, новеллаи "Мусоҳибаҳои муҳоҷирони немис" /1794-1795/, достонҳои "Рӯбоҳ Райнекс" /1793/, "Герман ва Доротея" /1797/, романҳои "Солҳои таҳсили Вилгелм Мейстер" /

1793-1796/, "Солҳои мусофирати Вилгелм Мейстер" /к. 1-3,1821-1829/, асарҳои "Шеър ва ҳақиқати ҳаёти ман" /қ.1-4,1811-1832/, "Саёҳати Италия" /ч.1-3,1816-1829/, фоҷиаи "Фауст" /қ.1,1808, қисми 2, 1825-1831/ ва "Девони Ғарбию Шарқӣ" /1814-1819/ ва ғайра машғул шудааст, ки онҳо дар таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ беҳамто буда, номи шоирро дар радифи ситорагони илму фарҳанг ҷовид гардонидаанд.

Дар бораи муносибатҳои Гёте ба Шарқ, махсусан назари ӯ ба адабиёти тоҷику форс андешаву ақидаҳои муҳаққиқони осори шоир басо ҷолиб аст. "Девони Ғарбию Шарқӣ" бо маводи фаровони худ муносибати Гётеро ба Шарқ равшан менамояд. Ба ақидаи муҳаққиқон "то бунёди романтизм адибони аврупоӣ бештар ба илму фарҳанги юнониву румиҳои қадим эътиқод доштанд. Ба фикри онҳо гӯё маҳз Юнону Рими бостонӣ дорои тамаддуни қадима бошанд. Романтикҳо ин андешаи гузаштагони худро нодуруст эълон карда, баръакс тамаддуни халқҳои машриқзаминро қадимтар ва нерӯмандтар хонда, бахри омӯхтани он рӯ ба Шарқ овардаанд. Дар замони Гёте элленизмпарварӣ ба ориентализмпарастӣ табдил ёфта буд. Сабаби ба ватани шеъру шоирон майл кардани Гёте ҳам ҳамин буд. Вай тамоми қувваи худро ба хондани асарҳои сершуморе роҷеъ ба Шарқ бахшид ва "Девони Ғарбию Шарқӣ" барин асаре офарид, ки мислашро назми пешинаи немис надида буд"[1].

Маълум мегардад, ки муносибати Гёте ба Шарқ, маҳз тавассути хониши ғазалҳои Ҳофизи Шерозӣ ба забони олмонӣ сурат гирифта, ӯро шефтаву ошиқи Шарқ гардонида будааст. Ин буд, ки ӯ "баъди хондани ғазалҳои Ҳофиз дар тарҷумаҳои озоди немисии Шосеф Фон Ҳаммер тамоми қувваташро бахри омӯзиши осори адибони Шарқ, бахусус форсу тоҷик бахшид. Ҳаммер мушовири дуюми Гёте оид ба адабиёту санъати Шарқ мегардад"[2].

Аз навиштаҳои адабиётшинос Шокир Мухтор бармеояд, ки Гёте танҳо ба ғазалҳои Ҳофиз қаноат накарда, инчунин аз ғазалу маснавиҳои Саъдӣ ва асарҳои Абдураҳмони Ҷомӣ, "Қобуснома", асарҳои Фирдавсию Низомӣ ва Анварию Румӣ барин шоҳсутунҳои адабиёти форсу тоҷик аз наздик шиносоӣ пайдо намуда, баҳраҳо бардоштааст. Ҳатто дар қисмати "Қайдҳо"-и "Девон"-аш дар бобати эҷодиёти онҳо махсус таваққуф намуда, андешаҳояшро баён кардааст. Масалан, дар бораи Саъдӣ менигорад: "Саъдӣ шоири бисёр хуб аст. Таълим додан ё насиҳат карданро қарзи инсонии худ мешуморад". Ё худ дар бораи таъсири "Қобуснома" навиштааст: "...Вақте ки ман ба омӯзиши адабиёти Шарқ аз таҳти дил машғул шудам, ба дастам китоби "Қобуснома" афтид ва ба ман ин асар чунон таъсир бахшид, ки барои он бисёр вақтро сарф ва

---

[1] *Шокир Мухтор.* Иоханн Волфганг Гёте. Дар китоби "Савтҳои Ховар". - Душанбе: Ирфон, 1986, саҳ.59-82.

[2] Ҳамон ҷо

бахри мутолиаи он рафиқони зиёдеро ҷалб намудам..." Ё ин ки дар бораи Анварӣ овардааст: "Анварӣ шоири доно, ки аз рози дилу муаммои рӯх огоҳ буд, чунин гуфт: "Ҳама ҷову ҳама вақт дурусткору додгустару хатобахш бош!",

Чунин андешаҳо дар қисмати "Қайдҳо"-и "Девони Ғарбию Шарқӣ" хеле зиёд буда, ӯ кӯшиш намудааст, ки дар бораи эҷодиёти онҳо андешаву фаҳмиши худро баён созад. Вале бо вуҷуди чунин андешаву ақидаҳои бикр нисбат ба ин классикони адабиёти тоҷику форс /Саъдию Фирдавсӣ, Низомиву Анварӣ ва дигарон/ муносибати ӯ ба ғазалиёти Ҳофиз дигар хел, яъне самимӣ ва барҷаста ифода ёфтааст. Ҳатто дар "Девон" боби махсусеро "Ҳофизнома" номгузорӣ намудааст. Муҳаббати худро дар шеъри "Бепоён" ба Ҳофиз чунин баён кардааст:

Ҳофиз, ту мисоли ҷовидонӣ,
Чун умри абад надорӣ поён.
Ҳар як ғазалу чакомаи ту,
Ҳар нақши сарир хомаи ту,
Вобаста фақат ба хеш бошад,
Чун чанбари осмони гардон...
*/Тарҷумаи Лоиқ/*

Ё дар шеъри "Ба Ҳофиз" бахшидааш ашъори ӯро "ҳадди ҷамолу камол" дониста, худро муриде аз муридони Ҳофиз хондааст:

Ҳофизо, бо ту баробар будан?
Чӣ хаёлест маҳол!
Хешро чун ту ба қадр афзудан?
Нест ҷуз айни вубол!...
Шеъри ту ҳадди ҷамол асту камол
Гоҳ чун мавҷи шарар ҷону диламро сӯзад
Гоҳ монанди насими саҳар аз тарфи чаман,
Ба дилам нақҳати гулбоди баҳор андӯзад.
Ба забони қаламам ҷуръати гуфтор бидеҳ,
Ман муриде зи муридони туам, эй устод...

Дар шеъри "Пайравӣ" бошад, Ҳофизро маликушшуарои ҳамаи дунё дониста, худро пайрави ашъори ӯ ва дар шеъру ғазалнависӣ тарзу тариқаи Ҳофизро интихоб карданашро ба таъкид гуфтааст:

Ҳофизо, кош чу ту нодирагуфторӣ кунам,
Пайравaт бошаму гӯям сухани хостае.
Резакорӣ зи ту омӯхтаву пардозам
Шеъри мумтозу гаронмояву перостае.

Гар тақозои маонӣ надиҳад дастурам,
Суханеро паи такрор наорам ҳаргиз,
То ба тарзи ту кунам шеъру газалпардозӣ,
Эй маликушшуарои ҳама дунё, Ҳофиз!...

Омӯзиши пайвастаи осори классикони тоҷику форс ӯро ба хулосае овард, ки "мардуми форс дар тӯли панҷ аср аз ҳама шоирони худ ҳафт танро /Фирдавсӣ, Низомӣ, Анварӣ, Румӣ, Саъдӣ, Ҳофиз ва Ҷомӣ/ эътироф кардаанд ва ҳол он ки дар байни шоирони нописандидаи онҳо мардони аз ин ҳам бузургтаре ҳастанд".

Хонандаи тоҷик бо шеърҳои Гёте аз "Девони Ғарбию Шарқӣ" тавассути тарҷимаҳои С. Ҳалимшо, Ш. Шифо, Лоиқ, Ҳ. Файзулло ошноӣ пайдо намуда, аз шоҳкориҳои ин нобиғаи тамаддун баҳравар гаштаанд. Инчунин дар муаррифӣ намудани тарҷумаи ҳол ва мероси адабии ин шоири нобиға ва баҳрабардориҳои ӯ аз адабиёти Шарқ донишмандони зиёди тоҷик ибрози андеша намудаанд.

## НАМУНАҲО АЗ "ДЕВОНИ ҒАРБИЮ ШАРҚӢ"-И ГЁТЕ

"Ҳар ки худ ва дигаронро бишносад, ночор бад-ин нукта пай барад, ки аз ин пас Шарқу Ғарб аз ҳам ҷудо наметавонанд зист!" Дерест, ки ман дар олами андеша миёни Машриқу Мағриб роҳ мепаймоям. Эй кош, роҳпаймоёни воқеӣ низ ба сафар бархезанд ва Шаркро ба Ғарб наздик кунанд".

### ҲИҶРАТ

Шуд шимолу ғарб вайрона,
    Мулки мағриб шудаст бесомон.
Бояд акнун ба Шарқ ҳиҷрат кард—
Кишвари ишқу шеъру паймона.
В-аз насимаш, ки чун дами Исост,
Бар тани мурда ёбӣ аз нав ҷон.

Рав ба он ҷой—мулки пайғамбар,
Хираду нур чашмаҳо дорад.
Марди хокӣ зи ғояти дониш
Баҳси андеша бо худо дорад.
Он, ки дар ҷабҳаи хирадмандиш,
Нури ғайби худо ҷило дорад.
Рав ба он ҷо, ки бар ниёгонаш
Ҷумла ҳаст фарохмайдоне.

Бастарохе ба ҳилаю бӯҳтон,
Шеър дорад таҷаддуди ҷовид,
Баски з-аввал шифоӣ будаст он.
Бар чарогоҳ рав, шӯбонӣ кун,
Пои сабзи чанор шав гохе
Корвоне бубар зи регистон,
Бораш аз мушку қаҳваю шоҳӣ.
Аз биёбони бераҳму тафбод
Гар гузар созӣ гоҳу бегоҳе,
Ҳар куҷо роҳ пурнаҳиб ояд,
Зуд оғоз кун ғазалхонӣ.
То тавонӣ, суруди Ҳофиз хон,
Аз ҳама бим то амон монӣ,
То ҳама ахтарон ба рақс орӣ,
То ҳама роҳзанон гурезонӣ.
Ғазали Ҳофизи лисонулғайб
Боз бархон ба базми маҳрӯён.
К-ӯ ба зону фитода мебӯсид
Аз лабони чу ёқути рахшон;
К-ӯ ҳаме бо таровиши табъаш
Гарм медошт маҷлиси ҳурон,
Дур, ҳосид, дур, эй бадгӯй!
Баски ин ҷост маскани шоир.
Меравад то биҳишт бетаъхир,
Мезанад панҷа бар дари ҷаннат,
То биёбад ҳаёти беохир.

## БЕПОЁН

Ҳофиз, ту мисоли ҷовидонӣ,
Чун умри абад надорӣ поён.
Ҳар як ғазалу чакомаи ту,
Ҳар нақши сарири хомаи ту
Вобаста фақат ба хеш бошад
Чун чанбари осмони гардон.
Сарчашмаи умри лоязолӣ,
Шеъри ту мисоли оби ҳайвон.
Лабҳои ту баҳри бӯса бурдан,
Ҳам аз лаби ёр бода хӯрдан.
Табъи ту барои хуш сурудан,
Ақли ту паи гиреҳ кушудан,
Қалби ту барои меҳрубонист,
Бар шоҳиди маст армуғонист.

Бигзор фурӯ равад ҷаҳоне,
Ман боки шикасти он надорам.
Хоҳам, ки миёни шодию ғам,
Худро чу бародарат шуморам.

Ҳофиз, ману ту чу тавъамонем,
Ҳамқисмати рӯзгори фонӣ.
Гар ҳамдилу ҳамдами ту бошам,
Он аст ҳаёту шодмонӣ.

Эй шеър,
Ту лек дар амон бош,
Такрор машав: ки ҷовидон бош.
Ту дер зи мою пиртар ҳам
Ҳам дер бимон зи мо ба олам!

## ФАТВО

Чеҳраи шоиронаи Ҳофиз,
Бар дили кас ҳақиқат ангезад.
Нашиносад вале шариатро,
Аз гуноҳу хато напарҳезад.
То ки бошем мӯъмини комил,
Фарқ созем нӯшро аз неш—
Бояд умре нишот бигзинем,
Нашавем аз ғаму алам дилреш.
Оташи бодаро барафрӯзем,
Тухми дарду алам дар он сӯзем.
Роҳи шодию хайрият ин аст,
Ҳам шариат ва охират ин аст.
Инчунин мефиристад Эбусуд,
Он чи Ҳофиз ҳамеша мефармуд.

## БА ҲОФИЗ

Ҳофизо, бо ту баробар будан?
Чӣ хаёлест маҳол!
Хешро чун ту ба қадр афзудан?
Нест ҷуз айни вубол!
Ту чунон киштии паррон биравӣ,
Карда огард дили дарёро.
Нашавӣ дастхуши тӯфоне,
Ғулғул андозӣ ҳама паҳноро.

Шеъри ту ҳадди ҷамол асту камол.
Гоҳ чун мавҷи шарар ҷону диламро сӯзад,
Гоҳ монанди насими саҳар аз тарфи чаман
Ба дилам накҳати гулбоди баҳор андӯзад.
Шӯъла зан бар сарам, эй барқи мунир,
Ба забони қаламам ҷуръати гуфтор бидеҳ.
Ман муриде зи муридони туам, эй устод,
Баски дар кишвари нуронӣ чу Шерози ту
Умр варзидаву ошиқ шудаму будам шод.

## ПАЙРАВӢ

Ҳофизо, кош чу ту нодирагуфторӣ кунам,
Пайрават бошаму гӯям сухани хостае.
Резакорӣ зи ту омӯхтаву пардозам
Шеъри мумтозу гаронмояву percтае.

Гар тақозои маонӣ надиҳад дастурам,
Суханеро паи такрор наорам ҳаргиз,
То ба тарзи ту кунам шеъру ғазалпардозӣ,
Эй маликушшуарои ҳама дунё, Ҳофиз!...

Ҳамчунон ки шараре тахтгаҳи шоҳонро
Эй басо сӯхта дар ҳоли хароб афкандаст,
Ҳофизо, ҷону тани шоири олмониро
Оташи шеъри ту андар табутоб афкандаст.

## ЗУЛАЙХО

То пайкари нозукат муаттар
Аз анбару аз гулоб бошад,
Нашкуфта ҳазор ғунча мирад,
Сад боғу чаман
хароб бошад.

То он ки гулобдони лабрез
Оранд барои ту фароҳам,
Дунёи шукӯҳманди гулшан
Яксар бишавад
сарои мотам.

Садҳо гули ҳамчу ҷоми ёқут—
Саршори умеди зиндагонӣ,

Нашнида навои булбулеро,
Рафтанд
ба коми бенишонӣ.

Аммо ту манолу аз ғами гул
Мебош ҳамора шоду хандон.
Ин гуна магар
Зи теғи Темур
Қурбон нашуданд бегуноҳон!?

## ҚИТЪАҲО

Ҳофизо, вақте ки ба ёди дилдори зебо ғазал месароӣ, ба чӣ лутфе аз хоки кӯи ӯ сухан мегӯӣ. Зеро барои ту хоки остони ёр аз фарши зарбофти Маҳмуди Ғазнавӣ гаронбаҳотар аст. Агар бод бар кӯи дӯст вазад ва хокашро бипароканад, ту атри онро аз мушку гулоб азизтар хоҳӣ дошт.

Вале ман солҳост дар сарзаминҳои маҳолудаи шимолӣ ғуборе ба чашм надидаам, дилдоре низ дари хонаи худро ба рӯям накушуда. Агар бороне фурӯ наборад, бӯи кӯи ёрро аз кӣ хоҳам шамид?

* * *

Ҳар ки худ ва дигаронро бишносад, ночор бад-ин нукта пай барад, ки аз ин пас Шарқу Ғарб чудо наметавонанд зист. Дерест, ки ман дар олами андеша миёни Машрику Мағриб роҳ мепаймоям. Эй кош, раҳпаймоёни воқеӣ низ ба сафар бархезанд ва Шарқро бо Ғарб наздик кунанд.

* * *

Мачнун ошиқе буд, ки номаш ба забони араб маънии "девона" медод. Бигзоред ман низ дар ин дунёи шумо - - оқилон, хешро "Мачнун" бихонам ва аз ин сифат тафохур кунам.

Магар на ҳар вақт диле пур аз меҳру вафо ранч мебарад, то шуморо шодмон кунад ва чун шамъ месӯзад, то роҳи шуморо равшан намояд. Фарёд мезанед: "Барои ин девона занчир биёваред!" Ва чун дар охири кор оқилон худро дар банд мебинанд, бо оҳу асаф мегӯед: "Чӣ рӯзгорест! Доноён ҳама дар банданд!"

## АЗ "ҲИКМАТНОМА"

Имрӯз ҳамон чизеро аз чаҳон бихоҳ, ки дирӯз рӯзгор ба ту арзонӣ дошта буд.

* * *

Некиро фақат ба хотири накӯӣ кун. Агар аз ин бобат ҳам ба кӯдаконат подоше нарасад, ба яқин, наберагонат аз он баҳра хоҳанд бурд.

* * *

Ин нуктаро бипазир, ки сухансароёни Шарқ аз мо шоирони Ғарб тавонотаранд. Танҳо дар ин ҷо мо ба эшон баробарем, ки пои бугз ба дигар шоирон дар миён ояд.

* * *

Ҳар кас ба ҷаҳон омад, хонае нав сохт ва чун мурд, хона ба дигаре гузошт. Дуввумӣ биноро ба салиқаи худ иваз кард, аммо ҳеҷ кас дар паи итмоми он барнаёмад.

* * *

Бикӯш, то некро аз бад бозшиносӣ ва аз хеш номе накӯ гузорӣ; беш аз ин чизе махоҳ, ки ҳама чизро аз даст хоҳӣ дод.

**Савол ва супориш:**

1. Гёте кай ва дар куҷо ба дунё омадааст?
2. Чаро ӯ донишгоҳро тарк намуд?
3. Давраи дуюми эҷодиёти шоир аз кадом сол оғоз ёфтааст?
4. Чӣ боис шуд, ки Гёте ба сафар барояд?
5. Дар Италия ба омӯзиши кадом фанҳо машғул шуд?
6. Асарҳои дар сафар навиштаи Гётеро номбар кунед.
7. Эҷодиёти Гёте ба Шарқ чӣ муносибате дорад?
8. Асарҳои дар мавзӯи Шарқ навиштаи шоирро номбар кунед, кадомҳоянд?
9. Бештар ба кадом шоири форсу тоҷик дилбастагӣ доштааст? Чаро?
10. Шеърҳоро аз ёд кунед ва порчаҳои таронамонанди онро дар хотир гиред.

## ҶОРҶ БАЙРОН
**(1788-1824)**

Ному насаби ин шоири машҳури англис, ки бо асарҳои гениалии худ дар таърихи адабиёти ҷаҳон шӯҳратёр гаштааст, Байрон Ҷорҷ Ноел Гордон буда, 22 январи соли 1788 дар Лондон чашм ба олам кушодааст.

Аз рӯи навиштаи муҳаққиқони осори шоир маълум мегардад, ки ӯ аз сулолаи лордҳои англис буда, ҳангоми туфулият ва наврасии Байрон ин сулола дар арафаи ба қашшоқию нодорӣ гирифтор гардидану завол ёфтан қарор доштааст. Шояд ин байтҳои шоир ишора ба ин қисмати хеш бошад:

Чӣ берабтӣ, чӣ беназмӣ, чӣ тақдире, чӣ фарҷоме,
На рӯди кӯҳро ҷӯше, на баҳрерост тӯфоне...

Дар рӯзномаҳои шахсии шоир дар бораи айёми туфулият, наврасӣ ва ҷавонии ӯ маълумоти кофиро пайдо намудан мумкин аст. Аз навиштаҳои Байрон дар яке аз рӯзномаҳои давраи мактабхониаш бармеояд, ки воқеан ҳам ин сулола ва авлоди қадим хеле қашшоқу нодор шуда, бо чӣ азобҳои сахте рӯзгор мегузаронианд ва ӯ бо як ифтихор ва ғурур менависад, ки онро пахш намуда, шикаста, бояд ба қуллаҳои мурод роҳ кушояд.

Байрон бесабаб бо ифтихор ва бо боварӣ ба худ чунин андешаро талқин накарда буд. Ӯ тавассути навиштаҳои хеш дар байни мардум, махсусан давлатмандону ашрофони англис обрӯю мавқеи ашрофии худро баркарор намуда, гули асри сабади маҳфилу маҷлисҳои эшон гардид. Давлату савлат низ насибаш гардид.

Мутарҷими осори Байрон Нарзуллои Раҳматулло дар муқаддимаи хеш ба "Рӯҳи озод" ном маҷмӯаи шоир менависад, ки "шоир аз боби садду монеаҳо беҳуда суханронӣ накардааст. Мавқеи бозмондагии авлодӣ, аз як тараф, табиати сарбаланду саркаши шоир аз тарафи дигар, рӯву риё, лутфу тавозӯи сохтаи хукумати атрофи ӯ ҳақиқатан ҳам барои чунин мард садду монеаҳои мушкил мегузоштанд.

Дар ин маъни гуфтааст:

Шукӯҳи сарвати саксониёни боғурур асло,
Ҳамоҳангӣ намесозад ба рӯҳи марди кӯҳистон.
Ки умре чун уқобон аз баландӣ лона мехоҳад,
Бувад умре ҳама дар орзӯи сабзаю борон.
Садои он касоне, ки зи дасти сарвату савлат,
Бароям не рақибу не рафиқи ҷониам буданд,
Ба гӯшам мерасад ҳар лаҳзаву дилтанг мегардам,
Агарчанде ки бо ҳам дар сухан шодону хушнуданд.

Байрон, ки чун ашрофзода таълиму тарбияи хуб дида буд ва инчунин дастпарвари Донишгоҳи Кембриҷ аз ибтидои фаъолияти адабии хеш чун шахси меҳнатдӯсту собитқадам ва бо ғояҳои маорифпарварӣ мусаллаҳ баҳри озодии инсону инсоният баромад намудааст. Ҳамин рафтору кирдор ва хислатҳои муборизии шоир буд, ки ӯ соли 1823 барои озодии халқҳои Юнон ба муқобили мустамликадорони турк ба ҷанг рафта, дар озод кардани он ширкат намудааст. "Тақдири шоири маҳбуб анҷоми зебои шоирона ёфтааст. Ҷони ӯ ҳама умр дарди қашшоқон ва мазлумон-

ро мекашид. Ба Юнон низ маҳз барои иштироки бевосита дар муборизаи муқаддаси юнониён барои истиқлолияти худ омада буд. Ӯ дар шаҳри муҳосирашудаи Мисолунгӣ дар майдони муҳориба вафот кард".

Байрон чун шоири ҳассосу ватанпарвар ин чизро дарк намуда, дар яке аз шеърҳояш ба қисмати умри кӯтоҳи хеш ишора ҳам намудааст:

Дар ин дунё, азизон, умри ман бисёр кӯтоҳ аст,
Ва дунё ҳам на баҳри ман чунин рангину мавзун аст.
Чаро асрори ҳастиро зи чашми мо панаҳ карданд
Чаро асрори мурдан аз маҷоли ақл берун аст?

Ё худ дар ҷои дигаре навиштааст:
Фақат ҷӯяндаро ранҷи зиёд аст,
Туро ҳам қабри сарбозӣ сазовор...

Ин шоири мубориз ватандӯст барои саодату озодӣ, истиқлолияти инсоният, баҳри озод кардани ҳаммиҳанони хеш аз зери зулми мустамликадорон ҷони худро дареғ надошт. Ин буд, ки ӯ пеш аз марг навишта буд: "Ман барои Юнон умри худ, сарвату молу мулк ва саломатиамро фидо кардам. Акнун ҳаёти хешро мебахшам".

Халқи Юнон баъд аз мотами чандрӯза, ҷасади шоирро ба ватанаш — Англия бо эҳтирому сипоси зиёд, бо гулу гулдаста чун сарбози содиқ фиристоданд. Мутаассифона, ҷасади шоирро ҳукуматдорону душманони ӯ барои дар қабристони "аббати Вестминстер" дар "Гӯшаи шоирон" дафн намудан роҳ надоданд. Ӯро дар қабристони авлодиаш Нюстед ба хок супориданд.

**Мероси адабии шоир.** Байрон ҳамагӣ 36 сол умр дидааст. Ӯ дар ин умри сиюшашсолаи худ тавонист ганҷинаи адабиёти ҷаҳониро бо шоҳасарҳои бемисли худ ғанӣ гардонад. Маҷмӯаҳои аввалини шоир "Шеърҳои хаёлӣ" /1806/ ва "Сурудҳои пароканда" /1807/ беимзо чоп шудааст. Аввалин маҷмӯаҳои ашъори шоир бо имзои Байрон "Соатҳои фароғат" /1807/ ном дошта, асосан аз шеърҳои ошиқона ва андешаҳои иҷтимоии Байрон нисбат ба нобасомониҳои рӯзгор ҳикоят мекунад. Баъд маҷмӯаҳои дигари шоир: "Кофар", "Ғоратгар", "Арӯси абиддосӣ", "Лира", "Дон Жуан", "Зиёрати Чайлд Ҳаролд" ва ғайра пайҳам чоп шуда, манзури ҳаводорони шеъри шоир гардидааст.

Агар дар маҷмӯаи "Соати фароғат" шоир аз бобати орзуву омоли ҷавонӣ, лаззати ишқу муҳаббат ҳарф зада бошад, дар "Дон Жуан" ном асари манзумаш ҳаҷви тезутунди ӯ нисбат ба урфу одатҳои пошоистаи шарқи исломӣ, маҳкум ва сарзаниш намудани сохти ғуломдорӣ, нобаробариҳои ҷамъиятӣ ва ғайра инъикос ёфтааст.

Махсусан нутқи шоир дар парламент /с.1812/ ба муқобили истисморкунандагон ва ба муҳофизати луддитҳо эътибори ӯро боз ҳам баланд кард. Дар палатаи лордҳо баромад намудани шоир ба ҳимояи халқи Ирландия ӯро "ба шоири инқилобӣ табдил дод".

Дар байни асарҳои дар мавзӯи Шарқ иншонамудаи Байрон "Ҳур", "Арӯси абиддосӣ", "Корсар", "Лира", "Муҳосираи Коринф" шӯҳрати беандоза дошта, зуд ба дилу дидаи хонанда ҷой гирифт. Мо шӯҳрати Байрон ва асарҳои ӯро аз гаштаю баргашта нашр шудани онҳо эҳсос мекунем. Масалан: дар солҳои 1813-1814 достони "Ҳур" 13 маротиба, "Корсар" дар соли 1814 ҳафт карат ва "Арӯси абиддосӣ" дар муддати ду сол /солҳои 1813-1814/ ёздаҳ маротиба чоп шудааст. Нашри китоби "Оҳангҳои яҳудӣ" /1815/, ки ба мавзӯи китоби Таврот рӯ овардааст, мавқеу мақоми Байронро дар адабиёти нимаи аввали асри XIX-и англис боз ҳам мустаҳкам намуд.

Достони "Манфред" /1817/ асари фалсафӣ буда, дар бораи қаҳрамоне, ки бештар аз зиндагии худ андеша меронад, ҳикоят мекунад. Дар достони "Маҳбуси Шилён" бошад, шоир дар бораи яке аз инқилобгарони шветсарӣ Франсуа де Бонивар /1496-1570/, ки ҳаёти худро дар маҳбас гузаронидааст, нақл мекунад.

Дар эҷодиёти Байрон шеъру достонҳои давраи итолиёвии ӯ мавқеи муҳиммеро дорост. Байрон чун шахси озодманиш дар ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳии карбонариҳо дар Италия ширкат намуда, як силсила шеъру достонҳои худро эҷод намудааст. Достонҳои "Шикваи Тассо" /1817/, "Пайғамбарии Данте" /1819/, "Марино Фалиери дожи Венетсия", "Ду фоксар" /1821/ ва ғайра маҳсули ин давраи ҳаёти Байрон буда, ҳар яке ба масъалаҳои муҳим бахшида шудааст.

Дар эҷодиёти Байрон Шарқ ва образҳои шарқӣ мақоми махсусеро соҳиб аст. Чӣ хеле ки адабиётшинос Шокир Мухтор менависад, "Байрон аз ҷавонӣ ба мутолиаи асарҳои адибони Шарқ, бахусус форс-тоҷик шавқ пайдо мекунад. Дӯсташ Томас Мур, ки осораш низ саршори оҳангҳои шарқист, қайд кардааст, ки Байрон аз осори Фирдавсию Саъдию Ҳофиз балад буданашро дар дафтарчаи хотироташ ишора намудааст... Шарҳҳо ва повестҳои шарқӣ, дафтарчаи хотироти Байрони ҷавон ва гуфтаҳои ҳамзамононаш шаҳодат медиҳанд, ки Байрон ба забонҳои англисию фаронсавӣ асарҳои зиёдеро роҷеъ ба Шарқ мутолиа кардааст. «Библиотек Ориентал»-и д' Эрбело, тарҷумаи Қуръон /тарҷумаи англисии Ҷ. Сейл/, "Ватек"-и Бекфорд, асарҳои шарқии маорифпарварони Англияю Фаронса Монтескё, Волтер, Флориан, Робертсон, Гибон ва дигар рисолаҳои илмӣ, илмию оммавии донишмандонро оид ба Шарқ аз назар гузаронидааст... Хулоса, Фардавсию Саъдию Ҳофиз мураббиёни рӯҳии адиби англис буданд. Ӯ аз образҳою оҳангҳои назми онон ва дигар асарҳои шарқӣ васеъ истифода бурда буд".

Ба эҷодиёти Байрон ва тарҷумаи шеъру достонҳои ӯ шоирони тоҷик барвақт таваҷҷӯҳ зоҳир намуда буданд. Соли 1938 ба муносибати 150 солагии шоир тарҷумаи шеърҳои "Ту гиря кардӣ", "Ту роҳи ҳаётро тай кардӣ" ва мақолаҳо дар бораи тарҷумаи ҳол ва мероси адабии шоир дар саҳифаҳои маҷаллаи "Шарқи Сурх" ва рӯзномаҳо чоп шуда, дар бораи ин шоири шаҳири англис маълумоти пуркимат дарҷ шудаанд.

Дар тарҷумаи шеъру достонҳои Байрон ба забони тоҷикӣ ҳиссаи шоирон Р. Ҷалил, А. Деҳотӣ, Ҳ. Юсуфӣ, Бозор Собир ва махсусан Нарзулло Раҳматуллоев бузург аст. Н. Раҳматуллоев шеърҳо ва достонҳои "Кофар", "Маҳбуси Шилён"-ро бевосита аз англисӣ ба тоҷикӣ тарҷума намуда, пешкаши хонандагон кардааст.

## НАМУНАҲО АЗ ЭҶОДИЁТИ ҶОРҶ БАЙРОН

### КОФАР

Хиромон меравад амвоҷи ором,
Канори турбати марди накӯном.
Нахустин мефиристад сӯи дарё,
Саломи шӯълавар Юнонзаминро
Замине, ки дифояш барҳадар кард,
Дигар кай хезад аз он инчунин мард.

Замини нозанино! Ҷовидонӣ,
Ба баҳру бар ҳарорат мефишонӣ.
Назар кун бар Калонна, то ниҳодат
Шавад лабрези шодиву фароҳат.
Ба оғӯшаш бихонад ин малоҳат,
Бибинӣ акси зебо қуллаҳоро
Даруни тӯри ожангии дарё.
Даме, ки шӯри ҷазраш ҷӯш гирад,
Заминро танг дар оғӯш гирад.
Агар бози муроди шӯхчангаш
Кунад пора булӯри нилрангаш,
Ва ё аз шохаҳои анбарафшон,
Парешон мекунад атри фаровон,
Аҷаб бӯи хуше густурда гардад,
Самояш пур зи мушки суда гардад.
Ва садбарги абирафшон шукуфон,—
Худояш булбули масти ғазалхон.
Бароящ месарояд мурги шайдо,
Ба сад лаҳҷа зи ишқи шоҳи гулҳо.
Сурудаш бишнавад шоҳи чаманзор,
Зи шавқи ранги сурх орад ба рухсор.
Гуле ки бехабар аз барфу тӯфон,
Гуле дур аз дами сарди зимистон.
Ҳамеша сери гармии баҳорон
Ба шукри рӯзи саъду бахти воло,
Фиристад атри худ бар осмонҳо...

Ба парвози латифи шаҳпараквор,
Баҳори Шарқ дилҷӯй аст бисёр.
Чу тифли сода, лаҳви шаҳпаракгир
Шавӣ шайдои ҳусни сабзи Кашмир.
Барад ӯро зи гулшан то ба гулшан,
Ва чун монад зи по он тифли бефан.
Шавад пинҳону монад тифли музтар
Ба қалби холиву бо дидаи тар.
Ҳамин сон кӯдакони пир машғул,
Паи парвозҳои ҳусни сунбул.
Равӣ аз пушти уммеду маломат,
Равӣ аз орзу то ашки ҳасрат.
Ба даст орӣ, шавад пажмурда яксар,
Чӣ ҳусни шаҳпарак, чӣ ҳусни духтар,
Ба бахти талх он ҳар ду баробар.
Ки нози кӯдакону нози мардон,
Кунад афсурда шавқу ҳусни онон.
Ҳавас ҷӯиву онро бар каф орӣ,
Ту ҳусни он ҳавасро хор дорӣ.
Пари парвонаҳо озурда гардад,
Гули гулдухтарак афсурда гардад
Чу ҳуснаш рафт, ӯ гулшан набинад,
Кунад парвоз ё дар раҳ нишинад.
Ба ҷони хаста бо боли шикаста
Куҷо оромӣ ҷӯяд паршикаста.
Ба он боли шикаста шаҳпари ман,
Чӣ сонояд зи лола то ба савсан
Чӣ сон ёбад фароғат ҳусни олӣ,
Даруни лонаи макрӯҳу холӣ.
Чу шаҳболи сиҳат ояд парида,
Равад марҳуми ҳамтанро надида.
Занон бахшанд ҳар як айби мардон,
Магар таҳқири ҳусни хуби эшон.
Ба ашки зан ғами ношустанӣ нест,
Магар бепардагӣ к-он шустанӣ нест.

Хирадро гар гунаҳ оташ ниҳонад,
Ба сони ақрабе дар лахча монад.
Даруни давраи оташ фитода,
Ва оташ ғори ҳалқашро кушода.
Тапад дар ваҳшати мушкили мурдан,
Шавад девона аз ҷонро супурдан,
Нахоҳад зад ба худ заҳре, ки дорад,

Ки ҷонашро ба осонӣ супорад,
Ҳамон заҳраш ба душманҳо биборад
Хирад к-осӣ шавад бошад бад-он сон,
Ки акраб дар миёни оташистон.
Барои осмону арзи ахзар,
Бувад бегона он бешарми музтар,
Замину осмонаш тору мубҳам,
Миёни оташу дар сина мотам.
Ҳасан дар хашм гашта аз ҳарамгоҳ,
Нигоҳаш баста аз ҳурони чун моҳ.
Бувад машғули сайду дарди ҷонаш,
Дигар сӯ мебарад тири камонаш.
Дигаргун буда ӯ вақте ки Лайло,
Буд андар қасри ӯ зеби сароҳо.
Куҷо шуд Лайлӣ танҳо ӯ бидонад,
Ҳасан донад, вале гуфтан натвонад.
Шуда овоза к-он беҳини хубон
Ниҳон шуд вақти иди рӯзадорон
Маҳи рӯза бирафту дар манора
Чароғи иди рӯза зад шарора.
Зи гармоба маҳи хубон куҷо рафт?
Ҳама саъйи Ҳасан ҳам барҳаво рафт.
Либоси ходими гурҷӣ ба бар кард,
Зи хашми хоҷааш ҷонро бадар кард.
Равона нозанин паҳлӯи Кофар,
Ба он ҷое, ки Қуръон нест, раҳбар...

## ҚАСИДАИ ИШҚ

Эй ишқ, дамон бодо!
Ҷони ту чу дарёҳо
Бодо бари ту музтар,
    Чархи фалаки ахзар.

Занҷири ту дар поям,
Озодаму шайдоям,
Талхии ту дар комам
    Аз ширинӣ ширинтар.

Ҳайфо, гузарон астӣ,
Чун барқи парон астӣ,
Бисёр шитобонӣ,
    Эй ишқи баландахтар!

Ёрон ҳама бархезем,
Бо ишқ биёмезем.
Ишке, ки баҳор ояд,
Пурфайзтару хуштар.

Ҳиҷрони ҳарифон аст,
Дил пораву ларзон аст,
Ҳайронӣ, дило, ҳоло,
Фардои ту нопайдо!

Соле гузарад якчанд,
Сардӣ кунадат побанд,
Аз дил биравад дилбанд,
Оҳе шавадат ҳамроҳ!

Он гаҳ, ки бувад дар бар,
Он мурғи баландахтар,
Боист ки болу пар
Барканда аз он ҳоло.

Монад бари мо барҷо,
Он мурғи ҳумо аммо
Афтодаву парканда
Аз панҷаи мо ҳайфо!

Солори силаҳ ишқ аст,
Худ пушту панаҳ ишқ аст,
Бечурму гунаҳ ишқ аст,
Ҳам саркашу ҳам солор.

З-он рӯ ки шавад музтар,
Гирад ҷилав аз дигар,
То марзи шукуфонтар,
Бе шикваву беозор.

Боре накунад парво,
Боре нахӯрад ҳайфо,
Вопас наравад асло.
Он чо, ки кунандаш хор.

Сад тавбаи бечора
Дар ӯ накунад кора,

Тоҷе, ки шуда пора,
    Дигар ба сараш магзор.

Умри ту шитобон аст,
Ишқ аз ту гурезон аст
Эй ошиқи бечора,
    Танҳо манишин ҳайрон.

Чун ишқ равад аз ҷо,
Навмедӣ шавад барпо
Айби кӣ, гуноҳи кӣ?
    Беҳуда шавӣ ҷӯён.

Дидӣ, ки кунун аз сад
Афтод яке баргат,
Музтар манишин—афтад
    Сад баргу шавӣ урён.

Як барги хазон ояд,
Яъне, ки мизон ояд,
Ҳоло ки шукуфонӣ,
    Бо ишқ бигӯ, "Хуш мон"!

Рафтиву ба ёд орӣ,
Аз рафта чу ҳар боре,
Поянда ҳамедорӣ
    Бахти шуда нопайдо.

Рафтӣ зи диёри ишқ,
Ҳастӣ ба мадори ишқ,
Худ рафтӣ, ба пои худ?
    Не, ронда туро з-он ҷо!

Таъзими адаб кардӣ?
Озодӣ талаб кардӣ?
Не дар ҳарами ушшоқ
    Хам кардӣ сари боло.

Дар барқи нигоҳи ту,
Рахшанда видои ту,
На шӯълаи навмедӣ
    Дар мардумакат барҷо.

Бо ишқ видо гуфтан,
Бояд ба садо гуфтан,
Озурдагӣ бинҳуфтан
    На лоиқи ин кишвар.

Дар гардани дил занҷир
Дилсардиву ҳам дилгир,
Маҳбусии ҳар маҳбус
    З-он ошиқиҳо бехтар.

Ишқ аст басе ҷолок
Чун тифл басе бебок,
Ин шӯхиву чолокӣ
    Вақти самараш хуштар.

Талх асту гулӯгир аст,
Бурранда чу шамшер аст
Кошо, ҳама дам бошам
    Афканда ба пояш сар!

**Савол ва супориш:**

1. Ҷорҷ Байрон дар куҷо таваллуд ёфтааст?
2. Дар айёми туфулият ва наврасии Байрон сулолаи онҳо ба чӣ мусибате гирифтор шуда будааст?
3. Чаро шоир ба муқобили мустамликадорон ба мубориза бархост?
4. Маҷмӯаи аввалини шоирро номбар кунед ва гӯед, ки он чӣ ном доштааст?
5. Дар парламент баромад намудани шоирро чӣ тавр фаҳмидан мумкин?
6. Кадом асарҳои шоир оҳангҳои шарқиёна доранд?
7. Муносибати Байрон ба Шарқ чӣ гуна будааст?
8. Мутарҷими асарҳои шоир ба забони тоҷикӣ киҳо будаанд?
9. Достони "Кофар" ба Шарқ чӣ иртиботе дорад, хонда маънидод кунед ва образҳои шарқиёнаашро ҷудо кунед.

## СТЕНДАЛ
**(1783-1842)**

Фредерик Стендал аз нависандагони намоёни адабиёти Европаи Ғарбӣ ва асосгузори реализми танқидӣ дар адабиёти асри XIX Фаронса ба ҳисоб меравад. Зиндагии Стендал тӯфонӣ ва пурпечутоб буда, дар омехтагии ҳодисаву воқеаҳои замон ҷараён доштааст.

Стендал соли 1783 дар оилаи адвокат ба дунё омада, аз револютсияи охири асри XVIII ҳамагӣ шаш сол калон буд. Аз ҳамин давра нисбат ба гуфтугузорҳои оилавӣ, ҳодисоти атроф, шӯришҳо ва хабарҳои гуногуни аз марказ расида аҳамият медодагӣ шуд. Пас аз як сол модари ӯ вафот кард ва то охир симои зани меҳрубон, орзупарвар ва симои падари нисбат ба зан-модар бепарво ва номеҳрубон дар лавҳи хотираш монд. Дар хонаи бобои модариаш, чун марди ба ақидаҳои маорифпарварӣ моил ба камол расид ва таҳсил дар мактабе, ки мувофиқи декрети республикачиён таъсис ёфта буд, ӯро ба пуррагӣ аз таъсири оилаи падарӣ ҷудо намуд.

Дар ин мактаб ғояи фалсафаи материалистӣ, риторика, риёзиёт ва механикаро омӯхт ва эҳсоси донишҳои аниқи аналитикӣ то охир нигоҳ дошта шуд.

Соли 1799 Стендал бо нияти идомаи таҳсил дар мактаби политехникӣ ба Париж омад. Аммо ин орзуяш амалӣ нагардид ва гирифтори гирдбоди юришҳои Наполеон гардида, ба армияи ӯ дохил шуд. Ба ин васила нахустин бор Италияро дид ва тамоми умр мафтуни санъат ва тамаддуни он гардид.

Сиришти маънавии Стендал зери таъсири фалсафаи маорифпарварии фаронсавиву англисӣ ва инқилоби солҳои 1787-1794 Фаронса шакл гирифтаву ташаккул ёфтааст. Ҳаёти ӯ муддати мадиде ба хизматаш дар лашкари Наполеон алоқаманд аст. Дар ҳайати ҳамин лашкар Стендал дар юриши Россия низ иштирок намуда буд.

Муносибати Стендал бо Наполеон, ки дар бораи ӯ ду асар – "Ҳаёти Наполеон" ва "Ёддоштҳо дар бораи Наполеон" навиштааст, ихтилофнок аст.

Аз як тараф нависанда бозёфтҳои мусбиву қадрнок ва паҳлӯҳои характерноки роҳбарии ӯро қадр намояд, аз ҷониби дигар ташвишу беқарорӣ, истибдод ва ситамгариҳои низоми наполеониро ба мушоҳида гирифтааст.

Ӯ новобаста аз садоқаташ ба лашкари Наполеон мардонагӣ ва қаҳрамонии халқи русро, ки фидокорона ватани худро аз урдуи наполеонӣ муҳофизат намудаанд, қадр менамояд. Дар китоби "Таърихи наққошӣ дар Италия" ҳамин эҳсос равшан мушоҳида мешавад.

Зиндагии зиёда аз бистсолае, ки Стендал дар Италия паси сар намуд, ӯро ба ватанпарастони Италия, ки барои мустақилияти миллӣ ва иттиҳоди давлатии ватанашон мубориза мебурданд, қарин намуд.

Стендал аз ҳаммаслакони афкори фалсафии материалистии асри XVIII буд ва дар ин самт таъсири осори Гелветсий –"Дар бораи ақл" ва "Дар хусуси инсон" равшан эҳсос мешавад. Ақоиди атеистии ӯ низ аз ҳамин ҳаммаслакӣ маншаъ гирифта, дар иртиботи сиёсӣ ӯ демократи мӯътақиде буд, ки пайваста ба сӯи халқ мешитофт, дар халқ созандагони ҳақиқии арзишҳои маънавиро медид. Ҳамин эътиқод ба демократизм василаи офаридани образҳои барҷаста гардид, ки барои хушнудии халқ мубориза ме-

бараид. Ба монанди Жюлиен Сорел аз романи "Сурх ва сиёх", Ферранта Палла аз "Дайри Парм", Петро Миссилли аз "Ванина Ванинӣ" ва ғайра. Эчодиёти Стендал характери равшани зиддибуржуазӣ дорад. "Ман ҳамеша ба таври инстинктӣ ба буржуа нафрат доштам" навишта буд ӯ.

Ақоиди эстетикии Стендал дар асари илмии ӯ "Дар хусуси муҳаббат" (1822), ки аз рӯи шакл ва ғояи эчод ғайриоддӣ аст, тачассум ёфтааст.

Стендал яке аз иштирокдорони чараёни романтикии солҳои 20-уми асри XIX-и Фаронса ба ҳисоб меравад, ки ба ин эчоди асарҳои "Таърихи наққошӣ дар Италия" ва "Расин ва Шекспир" мисол шуда метавонад. Аммо ӯ дар давраи камолоти эчодӣ ҳамчун нависандаи реалист баромад менамояд.Рисолаи машҳури ӯ "Расин ва Шекспир" (1823-1825) моҳиятан манифести санъати реалистӣ мебошад, ҳарчанд ки муаллиф дар он худро романтик эълом медорад. Романтизм дар шинохти Стендал бояд санъате бошад, ки асарҳои адабии дар ин қолаб офарида бо назардошти анъана ва эътиқод ба халқ ҳаловат бахшад. Маълум, ки ин талабот худ аз принсипҳои реалистии эчод аст.

Мероси адабии Стендал фарох ва пурвусъат буда, аз романҳо, асарҳои илмӣ, қайдҳои сафар, асарҳои тарчумаиҳолӣ ва асарҳо оид ба шинохти санъат иборат аст. Ӯ муаллифи панч роман буда, нахустини он романи "Арманс" (1817) аст, ки дар замонаш ба чурми сохта будани мазмун ва нобарории композитсия муваффақият наёфта буд. Вале ду романи минбаъда –"Сурх ва сиёх", "Дайри Парм" ба фонди классикии адабиёти чаҳонӣ ворид гардиданд. Романҳои "Люсиен Левен" ("Сурх ва сафед)" ва "Ламиел" нотамом монда ва баъди вафоти муаллиф ба табъ расидаанд.

Ба қалами Стендал ҳамчунин "Воқеаномаҳои Итолиёвӣ" мансуб аст, ки ба он асарҳои таърихии "Ванина Ванинӣ", "Виттория Аккорамбонӣ", "Ченчӣ", "Аббатзан аз Кастро" ва дигар таърихномаҳо, ки солҳои 1828-1839 эчод шудаанд, дарч гардидаанд. Мурочиати нависанда ба гузаштаи таърихии асрҳои XVI-XVIII гурез аз замон ва чустучӯи ачоиботу ғароибот, ки барои романтикҳо хос набуда, диққати ӯро характери пурзӯри одамони гузашта ба худ кашидааст, ки дар онҳо иртиботи зинда ба ҳақиқатро эҳсос менамояд.

Ҳамчунин Стендал як қатор асарҳои тарчумаиҳолӣ, аз қабили "Ҳаёти Анри Брюлар", "Ёддоштҳои худпараст" қайдҳои сафарии "Рим, Неапол, Флоренсия", "Гаштугузор дар Рим", асарҳои доир ба таърихи наққошӣ, мусиқӣ ва театр "Таърихи наққошӣ дар Италия", "Рӯзгори Гайдн, Мотсарт ва Метастазис", "Ҳаёти Расин" ва ғ. навиштааст.

Бо ин ҳама вусъати эчод ва фаровонии маҳсули қалам ҳамоно қуллаи эчоди Стендал романи "Сурх ва сиёх" аст. Ин асар ҳам қуллаи эчодиёти Стендал ва ҳам асари аҳамиятноктарини тамоми адабиёти реалистии асри XIX-и Фаронса ба ҳисоб меравад. Ин роман баъди чанд моҳи инқилоби баржуазии моҳи июли соли 1830 рӯй дода, таълиф гардид.

"Сурху сиёҳ" инъикоси пурвусъати ҳаёти иҷтимоии Фаронса дар замони барқароркунӣ мебошад. Унвони роман чунин маънидод шудааст: "Сурх" — ин ранги инқилоб ( инқилоби 1-уми Фаронса ва замони ҷанги Наполеон), "Сиёҳ" – ин ранги рӯҳониёне, ки ба иртиҷоъ ихтиёр додаанд.

Дар романи "Сурх ва сиёҳ" Стендал табақаи ашрофу рӯҳониёни иртиҷоиро маҳкум менамояд. Дар ин роман аввалин бор проблемае пайдо мешавад, ки баъдан мавриди муҳокимаи адабиёти реализми танқидии асри XIX гардид. Ин масъалаи одами ҷавон дар ҷамъияти буржуазӣ буд. Ин муамморо нависанда дар мисоли образи деҳқонбачаи 23-сола Жюлиен Сорел, ки алайҳи низоми пурфитнаи давр ба шӯр омадааст, мавриди муҳокима қарор медиҳад.

Стендал барои изҳори нафрати бепоёнаш нисбат ба ҳақиқати буржуазии Фаронса, барои ҷустуҷӯи характерҳои устувор, тарзе ишора гардид, ба таърихи Италия муроҷиат мекунад.

Романи дигари ӯ "Дайри Парм" (1839) низ аз ҳамин хусусият бархурдор аст. Амалиёти он дар яке аз шаҳракҳои Италияи шимолӣ дар Парм сурат мегирад. Дар ин роман нависанда муваффақ шудааст, ки саҳнаҳои ҳаёти Италияро ба риштаи тасвир кашад, қувваҳои иртиҷоие, ки баъди шикасти Наполеон дар Парм зиндагӣ доранд, дар симои образҳои гуногун тасвир мешаванд.

Романи охирини калонҳаҷми Стендал «Люсиен Левен» ("Сурх ва Сафед") буда, як навъ мавзӯи романи "Сурх ва сиёҳ"-ро идома медиҳад. Амалиёти ин роман аллакай дар давраи нави таърихӣ—давраи монархияи июлӣ, замони ҳукмронии аристократияи молиявӣ сурат мегирад. Стендал дар ин роман ҷамъияти буржуазии ба танқиди маҳвкунанда гирифторшударо тасвир намуда, аз умеди неки маорифпарварони асри XVIII ва сохти ҷамъиятӣ–сиёсии нав мужда медиҳад.

Ҷанбаи пурқуввати роман тасвири ҷудогонаи саҳнаҳои ҳаракати коргарии солҳои 30-юми Фаронса ва инъикоси симои синфи коргар аст.

Хонандаи тоҷик ба осори ин устоди романҳои психологӣ ва тасвиргари моҳири дунёи маънавии инсон шиносоии дерина дорад. Асарҳои ӯ дар қатори забонҳои зиёди олам ба забони тоҷикӣ низ тарҷума гардидааст. Романи машҳури ӯ "Сурх ва Сиёҳ" аз ҷониби нависанда ва тарҷумони тоҷик Бахтиёр Муртазоев ба забони тоҷикӣ тарҷума гардида ба табъ расидааст.

## ПОРЧА АЗ РОМАНИ «СУРХ ВА СИЁҲ»

## ШАҲРЧА

Шаҳрчаи Вериер дар саросари музофоти Франш-Конте яке аз зеботарин мавзеъҳост. Кулбаҳои сафеди бомҳояшон бо сафоли сурх таври пуш-

тимоҳӣ пӯшида дар ҳамии теппае афтодаанд, ки он ҷо дарахтони азими кастона аз ҳар дара сар афрохтаанд. Дарёи Ду ба масофаи якчанд сад қадам поёнтар аз истеҳкоми шаҳр равон аст; ин истеҳкомро замоне испаниён сохтаанд, вале аз он ҳоло харобае мондаасту бас.

Аз шимол Вериерро кӯҳи баланде муҳофизат мекунад, ки он як шохаи силсилакӯҳи Юра аст. Қуллаҳои дандонадори Верра бо аввалин сармояи мизон барфпӯш мешаванд. Аз кӯҳ маҷрое ҷорист; пеш аз он ки вай ба дарёи Ду бирезад, аз байни Вериер гузашта дар роҳи худ бисёр дастгоҳҳои ҷӯббуриро ба кор меандозад. Ин коргоҳҳои наҷандон мураккаб ба аксари сокинони Вериер, ки аз шаҳриён дида бештар ба деҳқонон шабоҳат доштанд, як қадар фоида меоварад. Зимнан, ин шаҳрчаро на дастгоҳҳои ҷӯббурӣ сарватманд мекарданд; истеҳсоли матоъҳои гулдор ё худ матоъҳои мюлузӣ[1] — ин буд сарчашмаи беҳбудии умум, ки баъди Наполеон имкони зинат додани пештоқҳои қариб ҳар як ҳавлии Вериерро таъмин кард.

Ҳамин ки вориди шаҳр шудед, ғуррасу фашшосзании сахти дастгоҳи зоҳиран даҳшатноке гӯшатонро кар мекунад. Бист болғаи гарон бо гулғула афтида, роҳи асфалтро ба ларза меорад; ин болғаҳоро чархи аз маҷрои кӯҳӣ ба ҳаракатдароянда боло мебардорад. Ҳар яке аз ин болғаҳо намедонам рӯзе чандин ҳазор мехча месозанд. Духтараконн шукуфтарӯю дилбаре ба зери зарби ин болғаҳои бузург пораҳои оҳан мегузоранд ва он пораҳои оҳан ҳамон дам ба мехчаҳо табдил мейбанд. Ин истеҳсолоти зоҳиран ин қадар дурушт, - яке аз он чизҳоест, ки сайёҳони нахустин бор дар кӯҳсор байни марзи Франсия ва Гелветсия омадаро маҳви ҳайрат месозанд. Агар сайёҳи ба Вериер омада ба назари маъниҷӯӣ соҳиби ин корхонаи хуби мехсозиро, ки гӯши раҳгузарони кӯчаи калонро кар мекунад, аз касе пурсон шавад, ба ӯ мад кашида, ҷавоб медиҳанд: «Ҳа-а, корхонаро мегӯед-аз они ҷаноби ҳоким».

Ва агар сайёҳ дар Кӯчаи Калони Вериер, ки аз соҳили Ду ба қуллаи теппа тӯл кашидааст, якчанд дақиқа таваққуф кунад, сад фоиз имкон дорад ҳатман бо шахси қадбаланди босавлат ва чеҳрааш пурташвише вомехӯрад.

Ин шахс ҳамин ки намудор гардид, ҳама кулоҳҳояшонро фавран аз сар мегиранд. Дар мӯяш сафедиҳо пайдо шуда, либосаш саропо хокистарранг аст. Ӯ соҳиби чандин орденҳост, пешонавасеъ, уқоббинӣ ва умуман тарҳи чеҳрааш чандон номутаносиб набуда, дар назари аввал ҳатто чунин менамояд, ки дар вай обрӯмандии ҳокими музофотӣ бо як дараҷа дилкашӣ мувофиқ афтодааст, ки ин гоҳо ҳанӯз хоси шахсони чиҳилу ҳашт — панҷоҳсола аст. Вале дере нагузашта, сайёҳи парижӣ аз зуҳуроти мағрурию такаббури ӯ, ки дар он як навъ маҳдудию нокисии тасавворогаш бармеояд, ба ҳайрати ногувор мемонад. Ҳис карда мешуд, ки ҳама истеъдоди ин одам иборат аз он аст, ки ҳар як шахси аз худаш

---

[1] *Мюл* - дастгоҳи бофандагӣ

карздорро маҷбур кунад ҳар чӣ зудтар адои қарз намояд, аммо худ ҳар чӣ тавонад ба муддати дароз қарздор бимонад.

Ҳамин гуна одамест ҳокими Вериер, ҷаноби де Ренал. Ӯ бо савлату виқор аз кӯча қадам зада, ба идораи худ медарояд ва аз назари сайёҳ ғоиб мешавад. Вале агар сайёҳ ба сайри худ давом диҳад, боз сад қадам рафта, бинои басе зебо ва сипас дар қафои панҷараи чӯянӣ, ки он мулкро иҳота кардааст, — боғи дилороеро мебинад. Дар паси ин боғ баробари хатти уфуқ пуштаю талҳои Бургунд падидор мегарданд, ки гӯё ин ҳама қасдан барои он офарида шудаанд, ки ба дидаҳо нур бахшанд. Сайёҳ ин манзараро дида, он фазои бо ғубори майдаҳаннотӣ сироятшударо, ки нафасгираш менамуд, фаромӯш месозад.

Ба сайёҳ мегӯянд, ки ин бино ба ҷаноби де Ренал тааллуқ дорад. Ҳокими Вериер ба фоидаи фабрикаи азими мехсозӣ ҳавлии зебои худро аз санги чортарош андохтааст, ки ҳоло онро сайқал медиҳад. Гӯянд, ки ниёгони ӯ аз сулолаи қадими испаниҳо буда, ҳанӯз хеле пеш аз тасарруфи Людовики XIV дар ин сарзамин муқимӣ гардидаанд.

Соли 1815 боз ҷаноби ҳоким аз фабрикант будани худ дар хиҷолат аст: соли 1815 ӯро ҳокими шаҳри Вериер гардонд. Деворҳои паҳни зинадоре, ки масоҳати фароҳи боғи хушманзараи то соҳили дарёи Ду тахта-тахта фуромадаро иҳота кардааст, — ин низ ба ҷаноби де Ренал мукофоти сазоворест дар соҳаи челонгарӣ, ки вай дар он дониши амиқ андӯхта буд.

Дар Франсия ба тамошои он боғҳои фараҳфизой, ки шаҳрҳои саноатии Германия — Лейпсиг, Франкфурт, Нюренберг ва ғайраро иҳота кардаанд, умедвор ҳам нашавед. Дар Франш-Конте ҳар қадар мулкатон бо девор гирифта ва ҳар чӣ бисёртар бо сангҳои паиҳам ғарамшуда печида шавад, шумо ҳамон қадар ба иззату ҳурмати ҳамсоягон шарафманд мешавед. Аммо боғҳои ҷаноби де Ренал, ки сар то по девор болои девор аст, боз аз он ҷиҳат шавқангез мебошанд, ки ҷаноби ҳоким баъзе қитъаҳои хурди ба дохили мулки худ даромадаро ба қимати зар гирифтааст. Масалан, ҳамон дастгоҳи чӯббурии соҳили Ду, ки шуморо вақти ворид шуданатон ба шаҳр маҳви ҳайрат сохта буд ва бо номи «Сорел», ки бо ҳарфҳои калон дар тахтаи бом сабт шудааст, диққат намудед, — шаш сол қабл дар мавқее меистод, ки ҳоло он ҷо ҷаноби де Ренал девори чоруми боғоти худро мебардорад.

Ба ҷаноби ҳоким бо ин қадар ғурур лозим омад, ки барои пирамарди якраву дағал Сорелро розӣ кунонидан аз вай хеле илтимосҳо намояд. Ба ӯ лозим шуд як миқдор зари нақди ҷарангосӣ фишонда, мӯйсафедро барои ба ҷои дигар кӯчонидани дастгоҳи чӯббурӣ розӣ намояд. Дар хусуси рӯдхонаи умум, ки он арраро ба ҳаракат меовард, гап ҳамин ки ҷаноби де Ренал ба шарофати ошноҳои парижии худ муваффақ шуд, маҷрои онро тағйир диҳад. Ин нишони хайрхоҳонаро ӯ пас аз интихоботи соли 1821 ба даст овард.

Вай дар панҷоҳ қадам поинтар ба маҷрои Ду бар ивази як ба Сорел чор арпан[1] бибахшид ва ҳарчанд ин мавқеъ барои таҳияи тахтаи дарахти сӯзанбарг хеле судманд буд, падар Сорел — ӯро пас аз сарватманд шуданаш ҳамин тавр меномиданд, — аз бекорорӣ ва манманию ҷоҳпарастии ҳамсояаш ҳилае ба кор бурда, маблағи калонакак — шаш ҳазор франк[2] биситонд.

Рости гап, донотарошони таҳҷоӣ дар бораи ин муомила бадгӯиҳо мекарданд. Боре, рӯзи якшанбе, чор сол пеш ҷаноби де Ренал худро орою торо дода, аз калисо бармегашт, ки аз дур пирамард Сорелро бидид: мӯйсафед бо се нафар писарони худ ба ӯ истеҳзоомез менигарист. Ин истеҳзо ба ҷаноби ҳоким сахт алам кард — ва аз ҳамон вақт ӯро андешае азият медиҳад, ки ҳамон муовизаро хеле арзонтар карда метавонист.

Барои сазовори эҳтироми умум шудан дар Вериер ҳамин чиз хеле муҳим аст, ки ба кадом як ҳунари хиштчинҳои италиявӣ, ки онҳо баҳорон аз дараи Юра озими Париж мешаванд, фирефта нашуда, деворро ҳар қадар боло бардоранд. Ин зайл навигарӣ хиштчини беэҳтиётро асрҳои аср ба девонагӣ машҳур мекард ва он ба ақидаи одамони хирадманд ва қаноатпеша, ки бахшиши эҳтироми умум дар Франш-Конте ба ихтиёри онҳост, абадӣ нобуд мешуд.

Аз рӯи инсоф гӯем, ин доноякон ситамгарии сахту тоқатшикане мекунанд ва ҳамин сухани қабеҳ барои ҳар касе, ки дар Париж ном республикаи бузург зистааст, зиндагиро дар шаҳрҳои хурд тоқатфарсо месозад. Тазйиқи афкори умум дар шаҳрҳои хурди Франсия ҳамчунон бемаънигист, ки он дар Штатҳои Муттаҳидаи Америка низ дида мешавад.

## II
## ҶАНОБИ ҲОКИМ

Обрӯю эътибор! Ба хаёли шумо, ҷаноб, инҳо чизи беҳудаанд? Эҳтироми аблаҳон, ба ҳайрат боз гаштани чашмони кӯдакон, ҳасади давлатмандон, нафрати хирадмандон.

**Барнав**

Ба хушбахтии ҷаноби де Ренал ва обрӯю эътибори ҳокимони ӯ зарур буд, то гулгашти шаҳрро, ки садҳо фут[3] баландтар аз Ду дар нишебии пушта афтодааст, ба девори азими тамбадор иҳота кунад. Аз ин ҷо ба ваҷҳи хеле мувофиқ будани мавқеаш яке аз манзараҳои дилработарини Франсия падидор мегардад. Вале дар ҳар фасли баҳорон гулгаштро обҳои борон мешусту пайроҳаҳо ба обхӯрдаҳо бадал гашта, дигар қобили сайру сайёҳат намешуд. Ин нобобӣ, ки ҳама ҳис мекард, хушбахтона, ҷано-

---

[1] Меъёри ченаки ғалла.
[2] Воҳиди пули Франсия, Белгия ва мустамликаҳои он.
[3] *Фут* — меъёри дарозӣ, баробари 30 см 472 мм.

би де Реналро ба зарурате водор кард, то ба баландии бист фут ва ба тӯли сӣ-чил туаз[1] девори сангине бардошта, ба ин тариқ ҳукумати худро ҷовидонӣ гардонад.

Пешдевори ин сохтмон, ки ҷаноби де Ренал барои он се бор ба Париж сафар кард, зеро вазири пештараи корҳои дохилӣ худро душмани ашаддии гулгашти Вериер эълон намуда буд, - ҳоло тақрибан чаҳор фут баланд шудааст. Ва гӯё бар қасди тамоми вазирони гузашта ва ҳозира инак, онро бо тахтасангҳои хоропӣ зинат медиҳанд.

Ман борҳо бо хотироти базмҳои Парижи ба қарибӣ таркгуфта андармон шуда, ба тахтасангҳои мӯҳташами кабудчатоби дилоро, ки омехта ба ранги нафиси минӯӣ метобиданд, сандуки дил суда, бо чашм дар воҳаи Ду сайр кардаам. Ба дуродур, дар соҳили чап панҷ-шаш дараҷаи печон падидоранд, ки маҷрои ҷӯйчаҳои қаъри онон бар чашм равшан метобанд. Ин ҷӯйчаҳо ба поин тохта, ҳар ҷо-ҳар ҷо шаршара андохта, пас ба дарёи Ду фурӯ мерезанд. Офтоби кӯҳсори мо тафсон аст, вале ҳангоме ки он ба қиём ояд, сайёҳи дар ин майдонча ба хаёл фурӯрафта дар сояи ҷанорҳои мӯҳташам хоҳад буд. Ҷанорҳои аз хоки кӯҳна ғизогирифта зуд қад мекашанду сояи бошукӯҳи онон ранги кабудтоб мерезад, зеро ҷаноби ҳоким фармудааст, ки қад-қади тамоми пешдевори азими худ хок бирезанд; бо вуҷуди муқобилати идораи шаҳр ӯ гулгаштро тақрибан ба шаш фут васеъ кард (ки барои ин вайро васф менамоям, харчанд ӯ аз салтанатталабони ашаддӣ ҳасту камина аз либералҳо мебошам) ва ба сабаби ҳамин майдончаи мазкур ба ақидааш, ҳамчунин ба салоҳдиди мудири хайрҳоҳи хонаи парастории Вериер, ҷаноби Вално ба ҳеҷ ваҷҳ аз майдончаи Сен-Жермени шаҳри Лэ мондани надорад.

Агар аз ман пурсон шаванд, пас ба як нуқси Хиёбони Садоқат шикоят дорам-ин номи расмиро дар понздаҳ ё бист лавҳаи мармарин хонда метавонеду барои инҳо ба ҷаноби де Ренал салиби дигаре марҳамат карданд, — ба ақидаи ман, нуқси Хиёбони Садоқат ин ваҳшиёна баднамуд кардани ҷанорҳои мухташам аст: ба амри саркарда онҳоро бераҳмона каллак мекунанду мебуранд. Дар акси ҳол бо шоху баргҳои ҳалқашакли каллакшуда ба пайколи сабзавоти батамом назарногир монанд нагашта ба мисли ҳамнавъони дар Англия будаи худ сурати зебою боҳашамате медоштанд. Вале иродаи ҷаноби ҳоким қатъист ва ҷумлаи дарахтоне, ки аз они ҷамъиятанд, соле ду дафъа бераҳмона каллак карда мешаванд. Дар байни либералҳои маҳаллӣ гап-гап ҳаст, — зимнан, ин албатта, муҳобот мебошад, ки гӯё баъди он ки ҷаноби викарий[2] Малон барои азхуд кардани ҳосили дарахтбурӣ одат намуд, дасти боғбони шаҳр хеле вазнин шудааст.

Ин рӯҳонии ҷавон якчанд сол муқаддам аз Безансон барои назорати кори рӯҳонӣ Шелан ва чанд тан аз пирони дайри ноҳияҳо фиристода

---

[1] *Туаз* — меъёри қадимаи дарозӣ, ки баробари 1 м 949 мм аст.

[2] Муовини сарруҳонӣ

шуда буд. Табиби кӯҳансоли полк, иштирокчии ҷанги Италия, ки дар Вериер ба истеъфо баромада буду оромиш меёфт, дар ҳаёт, ба қавли ҳоким, якбора ҳам якобипараст[1], ҳам бонапартхоҳ[2] буд, боре ҷуръат пайдо намуда, барои ҳамвора буридаю безеб шудани ин дарахтони зебо ба ҳоким забони маломат кушод.

— Ман сояро дӯст медорам, — ҷавоб дод ҷаноби де Ренал ба он оҳанги ғурурмандӣ, ки вақти сӯҳбат бо табиби полк, дорандаи нишони Легиони фахрӣ раво бошад, - ман сояро дӯст медорам ва фармудаам, ки дарахтони маро каллак кунанд, то онҳо серсоя шаванд. Ва ман намедонам, дарахтон агар ба монанди масалан, чаҳормағзи баровар фоида наоваранд, чӣ зарурате доранд.

Ин аст суханони баланде, ки дар Вериер мушкилкушои ҳама мебошанд: фоида овардан; фикру зикри бештар аз чор се ҳиссаи аҳолии ин шаҳр ба ҳамин, фақат ба ҳамин мақсад пайвастагии мудомӣ дорад.

Фоида овардан — ин аст сарриштае, ки ҳамаро дар ин шаҳрча идора мекунаду он ба чашми шумо ин қадар безоб менамуд. Ҳар аҷнабие, ки ба ин ҷо омада, мафтуни зебоии дараҳои салқину хуррам ва амиқи атрофи шаҳр мешавад, аввал тасаввур мекунад, ки бошандагони ин мулку манзалат басо парасторони зебоӣ ҳастанд: онон ҳусни кишвари хешро ҳамвора тасдиқу таъкид менамоянд; вале инкор карда намешаванд, ки онҳо зебоии шаҳрашонро иваз медоранд, зеро маҳз ҳамин зебоӣ хориҷиёнро ҷалб менамояду пули онон соҳибони меҳмонхонаҳоро давлатманд мекунад ва ин дар навбати худ бо қонуни мавҷудаи боҷситонӣ ба шаҳр фоида меорад.

Боре дар як рӯзи босафои тирамоҳон ҷаноби де Ренал даст ба соиди симини ҳамсараш бурда, дар Хиёбони Садоқат сайр мекард. Хонум де Ренал ҳарзагӯии мутакаббиронаи шавҳари худро гӯш андохта, ба чашмони ноором ҳаракати се писаращро назорат мекард. Бачаи калонтаринаш, ки тақрибан даҳ-ёздаҳсола буд, ҳамин лаҳза барои ба болои пешдевор баромадан оҳанги қатъие кард. Пас овози фораме номи Адолфро ба забон оварду бача ҳамон замон аз қасди бачуръатонаи худ даст кашид. Хонум де Ренал сисола намояд ҳам, ҳоло басе малеҳчеҳра ва хушгил буд.

— Оқибат он бодичаи парижӣ пушаймон хоҳад шуд, — мегуфт ҷаноби де Ренал ба оҳанги таҳқирдида ва дар ин ҳолат рӯи рангпаридааш боз камхунтар мешуд. — Дар дарбор дӯстони ман пайдо мешаванд.

Ман ба ҳаҷми дусад саҳифа аз музофот ҳикоят карданӣ бошам ҳам, ба ҳар ҳол чандон бетамаддун нестам, ки бо гапҳои дурмадароз ва кинояҳои обинарасидаи гуфтугӯи музофотӣ шуморо дилгир созам.

Ҳамон бодичаи парижӣ, ки ҳоким ин қадар ба ӯ нафрат дошт, каси дигар набуда, худи ҷаноби Аппер аст,ки дар ду рӯз пеш на танҳо ба

---

[1] Револютсионер-демократи буржуазии франсавӣ
[2] Тарафдорони ду императорон-Бонапартҳо

маҳбас ва хонаи парастории Вериер, ҳатто ба беморхона, ки тахти ғамхории бемузди ҷаноби ҳоким ва бодавлаттарин соҳибони ҳавлиҳои шаҳр буд, ҳилагарона сар даровардааст.

— Вале, — беҷуръатолна ҷавоб дод хонум де Ренал, - ин ҷаноби парижӣ шуморо чӣ кор ҳам карда метавонад, модом ки шумо ба молу ҳоли камбағалон бо ин покизагии дақиқе муносибат кунед?

Вай фақат барои он ба ин ҷо омадааст, ки ба мо фишор орад ва пас баргашта дар газетаҳои либералӣ мақолачаҳо чоп кардан гирад.

— Ҳабиби ман, охир шумо ҳаргиз онҳоро намехонед.

— Ба ҳар ҳол ин мақолачаҳои якобипарастонро ҳамеша ба мо таъкид мекунанд; ҳамаи ин диққати моро ба дигар тараф мекашад ва ба кори хайрамон халал мерасонад. Не, ман ҳаргиз гуноҳи пири дайрро намебахшам.

**Савол ва супориш:**

1. Чи боис шуд, ки Стендал ба лашкари Наполеон ба хизмат равад?

2. Муносибати Стендал нисбати Наполеон дар кадом асарҳояш инъикос ёфтааст?

3. Ақидаҳои эстетикии ӯ дар кадом асарҳояш инъикос ёфтаанд?

4. Дар мероси адабии Стендал кадом асарҳои ӯ мавқеи муҳим доранд?

5. Дар романи «Сурх ва сиёҳ» Стендал ба кадом проблемаи ҳаётан муҳим, ки баъдан мавриди баррасии адабиёти реализми танқидии асри XIX қарор гирифт, диққати ҷиддӣ додааст?

6. Давоми романи «Сурх ва сиёҳ»-ро ёфта хонед ва андешаҳоятонро дар бораи мавзӯи асар баён кунед.

## ВИКТОР ҲЮГО
**(1802 — 1885)**

Виктор Ҳюго аз зумраи нобиғагонест, ки чун шоир, драманависи навовар ва романнависи беҳамто дар таърихи адабиёти ҷаҳонӣ мавқеи хоса дорад. Роҳи ҳаётиву эҷодии Виктор Ҳюго тамоми асри XIX-ро фарогир аст ва ҳодисаву воқеаҳои ин аср, таърихи ташаккули адабиёт ва қолабҳои гуногуни онро бе назардошти фаъолияти сиёсӣ ва адабиву эҷодии ӯ аз назар гузаронидан душвор аст.

Виктор Ҳюго соли 1802 дар шаҳри Безансон ба дунё омад. Падари ӯ, ки фаъолияташро чун аскари қаторӣ оғоз намуда буд, дар замони инқилоб ба сифати генерали бригада дар лашкаркашиҳои Наполеон ба Италияву Испания иштирок намудааст. Дар ҳамин юришҳо ҳамроҳи падар

Виктори хурдсол низ иштирок дошт ва мушоҳидаҳои батадриҷи ӯ аз равиши ҳаёт ӯро ба муборизе табдил дод, ки озодиву истиқлол ҳадафи асосиаш буд. Ӯ мушоҳиди се инқилоб гардид ва дар шоҳидии ӯ ду империя барҳам хӯрд, ду шоҳигарӣ иваз шуд ва ҷумҳурии ҷавон низ ба ҳалокат расид.

Ҳамзамонон ва дӯстони Виктор Ҳюго устодони бузурги адабиёти Фаронса Оноре де Балзак, Жорж Санд, Александр Дюма ва дигарон буданд.

Аммо миёни ин қабил устодони сухан низ даҳои Виктор Ҳюго, адиби заҳматкаш ва устуворақида фарқ мекунад. Фаъолияти эҷодии ӯ хеле бармаҳал оғоз гардида, мероси бое ба ёдгор гузоштааст. Асарҳои мунтахаби ӯ наздик ба 90 ҷилдро фаро мегирад. Илова бар ин ӯ ба корҳои сиёсӣ фаъолона иштирок намуда, алайҳи ҳама гуна ноадолатӣ садо баровардааст. Тарзе ишора гардид, Виктор Ҳюго аз ҷавонӣ бо носозиҳои ҳаёт рӯ ба рӯ гардид, ки ибтидои он вазъи носолими оилавӣ буд. Ҳамин ноҷӯрии ҳаёти оилавӣ ва аз ҳам ҷудо гардидани падару модар нигоҳи фарзандонро бо рӯйдодҳои зиндагӣ тағйир дод.

Модари Виктор Ҳюго зани дар азми худ қатъӣ ва устуворандеша Софи Ҳюго замоне, ки аз шавҳар ҷудо гардид, фарзанди хурдии ӯ Виктор ҳанӯз сесола набуд. Ин зани тундмизоҷ ва дар айни ҳол ба фарзандон меҳрубон аз ҷавонӣ Виктор ва бародарони ӯ Абел ва Эженро дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ тарбия намуд. Аз ин сабаб, Виктор Ҳюго муносибат ба адабиёт ва кори эҷодиро хеле бармаҳал омӯхт ва дар синни 14-солагӣ дар рӯзномааш навишта буд, ки "Мехоҳам Шатобриан бошам ё ҳеҷ чиз".

Чунки ин замон нависандаи романтик Шатобриан овозаву шӯҳрати ҷаҳонгире дошт. Бо вуҷуди меҳрубонӣ ва ғамхориҳои ҳамешагии модар, фарзандонро хумори падар мегирифт ва Виктор Ҳюго борҳо кӯшиши вохӯрӣ бо падар намуда, доимо аз ин вохӯриҳо бо хотираи мушаввaш баргаштааст. Ҷудоии дуру дароз ва гуногунақоидии дуру дарози падару модар ба душманӣ ва бадбинии ҳамдигар табдил ёфта буд. Ин ҳама Виктор Ҳюгоро водор карда буд, ки хеле бармаҳал бачагиро фаромӯш созад. Дар 15-солагӣ ӯ ба кори хеле ҷиддӣ даст зад – дар озмуни шоирон, ки Академияи Фаронса созмон дода буд, иштирок намуд ва мукофот гирифт. Ин ҷавони қобилиятнок диққати академикҳоро ба худ кашид.

Ашъори давраи аввали Виктор Ҳюго бо таъсири классисизм эҷод шудаанд. Дар маҷмӯаи "Қасидаҳо ва шеърҳои дигар" (1822) ӯ шоҳро ситоиш мекунад, ашрофонро тасвир менамояд, аммо ба зудӣ аз ин роҳ баргашта, дар сафи муборизони алайҳи классисизм қарор мегирад.

Дар муқаддимаи драмаи "Кромвел" (1827), ки як навъ манифести романтикҳои демократи франсавӣ қарор гирифта буд, бо назарияи асосноки драмавии нав баромад намуд, ки бояд дар саҳна драмаи классисиз-

мро иваз менамуд. Ҳамчунин Ҳюго реформаи забони адабӣ, забони шоиронаро ба миён гузошт ва дар ақидае буд, ки забони кӯчаву бозорро пурра аз адабиёт берун сохтан нодуруст аст.

Дар песаҳои солҳои 30-юми Ҳюго аз қабили "Эрнани", "Марион Делорм", "Рюи Блас" ба адабиёт далерона қаҳрамони нав, қаҳрамони аз миёни халқи оддӣ пайдошударо ворид месозад.

Ҳюго дар ақидае буд, ки барои драматургҳои нав такягоҳ боз ҳам бояд Шекспир бошад, бояд ба ҳунари образофаринии ин нобиғаи ҷаҳонӣ такя кунанд ва бояд баду неки зиндагӣ дар асарҳо, дар саҳна мусовӣ инъикос ва тасвир шаванд.

Кӯшиши иҷрои ҳамин талаботи адабӣ дар романи таърихии ӯ "Калисои ҷомеи модари Масеҳи Париж" (1831) баръало мушоҳида мешавад. Тамоми мазмуни роман, ки дар асоси бархӯрди қувваҳои некиву бадӣ фароҳам омадааст, диққати хонандаро ба худ мекашад. Ҳюго қаҳрамонони романро дар ҳолатҳои гуногун – заҳмат, азоби рӯҳӣ, барору нобарорӣ тасвир мекунад, чеҳраи манфури ҷинояткору ҷиноятпешаҳоро мекушояд. Маҳз дар симои образҳои халқӣ нависанда нишон медиҳад, ки зебоии ҳақиқии инсон ва бузургиву шаҳомати он дар муҳаббат ва некӯӣ падид меояд.

Мубориза алайҳи бадӣ, ки қаҳрамонҳои романтикии Виктор Ҳюго мебаранд, аз ҷониби нависанда дар зиндагии реалӣ давом дода мешавад.

Аз ҷумла аз омодагии табаддулоти монархистӣ-давлатии Луи Бонапарт (соли 1851) бо таассуф огоҳ гардид ва новобаста аз қуввaю силоҳи онҳо инро ғайриқонунӣ ҳисобида, халқро ба шӯриш даъват намуд.

Баъди ба сари қудрат омадани Наполеони III Виктор Ҳюго маҷбур шуд, ки 19 соли ҳаёти худро дар бадарға дар ҷазираҳои океани Атлантика гузаронад. Дар муҳоҷират ӯ китоби ашъори ҳаҷвиаш "Қасос"-ро эҷод намуд, ки муқобили Наполеони III нигаронида шудааст. Таълифи романҳои шоистаи "Мардудон" (1862), "Заҳматкашони баҳр" (1866), "Одаме, ки механдад" (1869) низ ба ҳамин давра рост меояд.

Дар романи "Мардудон" адиб ба таври қатъӣ ҳуқуқи инсонро ба озодиву хушбахтӣ дифоъ менамояд. Ин эпопея танҳо таърихи романтикии маҳбуси гуреза Жан Валжана нобуда, ҳақиқати маҳз дар мавриди беадолатӣ, беҳуқуқӣ ва нодурустии қонунҳои ҷамъиятӣ буржуазӣ мебошад.

Дар шароити даҳшатовар, ки инсонҳои Париж зиндагӣ доранду дар романҳо тасвир шудаанд, ба ақидаи Виктор Ҳюго халқ ҳуқуқи комил дорад, ки ба муборизаи мусаллаҳ барои озодӣ бархезад. Ҳюго ташнагии озодиро бо қаҳрамонони асарҳояш якҷоя ҳис мекунад, якҷоя барои озодӣ мубориза мебарад, азоб мекашад. Ӯ натанҳо ҳамроҳи озодихоҳони франсавӣ аст, балки ҳимоятгари озодихоҳони Италия, Крит, Куба низ мебошад.

Соли 1870 ба Фаронса баргашта дар ситоиши ҳисси ватанпарастии коммунарҳо шеър эҷод мекунад, ки дар маҷмӯаи "Соли мудҳиш" (1872) ҷой дода шудааст.

Виктор Ҳюго то охири умр (1885) ба идеяҳои демократӣ содиқ монд. Дар романи таърихии "Соли 93" (1874) боз аз нав дар бораи озодӣ, халқ, мубориззон, некиву бадӣ дар таърихи Фаронса ва дар рӯзҳои инқилоби соли 1879 андеша меронад.

Умуман Виктор Ҳюго дар тӯли 63 соли фаъолияти адабӣ дар ҳамаи риштаҳои адаб, аз назму насру песаи театрӣ ва тарҷумаву танқиди адабӣ шоҳкориҳо падид овард ва мероси бое боқӣ гузошт.

"Бенавоён"-и ӯ асаре аст, ки аз бузургтарин осори адабии тамоми ҷаҳон шуморида мешавад. Аз осори боқимондаи Виктор Ҳюго маълум мешавад, ки ӯ баробари донандаи хуби тамаддуни Ғарб будан, ба эҷодиёти шоирони Шарқ, махсусан ба шеъру фарҳанги тоҷику форс дилбастагии махсус доштааст, ки мо онро аз маҷмӯаи шеърҳои "Оҳангҳои шарқӣ", ки консепсияи синтези ғарбию шарқии муаллифашро таҷассум кардааст, мушоҳида мекунем.

Ин аст, ки "агар "Девони Ғарбию Шарқӣ"-и Гёте илҳом аз Ҳофиз бошад, пас "Оҳангҳои шарқӣ"-и Ҳюго китобест, ки бо иштироки фаъоли Саъдии Шерозӣ бунёд шудааст".

Дар мактаби романтизм низ ҳеч кас мисли ӯ муборизаи тезутунд набурдааст, бинобар ин ӯро метавон роҳбари ин мактаб дар Фаронса шуморид.

Осори ӯ, ки зикри номашон рафт ва ҳам "Нағмаҳо ва таронаҳои шарқӣ", "Охирин рӯзи як маҳкум", "Баргҳои хазон", "Шоҳ тафреҳ мекунад", "Овозҳои ғуруб", "Нурҳо ва торикиҳо", "Наполеони кӯчак", "Афсонаи асрҳо", "Ҳунари бобо будан", "Таърихи як ҷиноят", "Поп" ва ғайра ба хонандаи тоҷик шинос буда ба ин мерос чун ганҷинаи адабиёти ҷаҳонӣ муроҷиати ҳамешагӣ доранд. Дар тарҷумаи онҳо А. Лоҳутӣ, Лоиқ Шералӣ, М. Юсуфӣ, Р. Ҳодизода ва дигарон ҳисса гузоштаанд.

## НАМУНАҲО АЗ ЭҶОДИЁТИ ВИКТОР ҲЮГО

### ОЗОДӢ

Ба чӣ ҳақ мурғони озодро зиндонӣ мекунед? Ба чӣ ҳақ ин нағмагарони осмониро аз решаҳову чашмаҳо ва сапедадаму абру бод дур месозед ва сармояи зиндагиро аз ин зиндон медуздед?

Эй башар, ростӣ гумон дорӣ, ки худованд барои он бад-ин мавҷудоти зариф болу пар додааст, ки ту пару болашонро бичинӣ? Магар бо ин ситамгарӣ хушбахт метавон зист? Охир ин бегуноҳон чӣ кардаанд, ки бояд умри хешро дар зиндони ту бигзаронанд?

Аз куҷо маълум, ки сарнавишти ин зиндониёни бегуноҳ бо сарнавишти мо дарометха набошад? Аз куҷо маълум, ки оҳи парандае ки дасти ситами мо ӯро аз ошён ҷудо мекунад ва золимона дар доми асорат меафканад, бо сурати фармонравоёни сафолу ситамгар ба сӯи мо бознагардад?

Овах, кӣ медонад, ки аз рафтори мо дар ин чахон чӣ натича хосил мешавад ва аз ин чиноёте, ки мо бо лаби пурханда анчом медихем, дар чахоррохи асрор чӣ бармехезад? Вақте ки ин сабукболони осмони лочувардиро, ки барои парвоз дар фазои беинтихо офарида шудаанд, дар пушти миллахои қафас зиндонӣ мекунед, вақте шиногарони дарёи нилгуни осмонро ба банди ситам меафканед, хеч фикр мекунед, ки мумкин аст рӯзе нӯли хунини онхо аз миллахои қафас бигзарад ва ба шумо бирасад? Ростӣ, хеч фикр мекунед, ки хар чо ки асире аз дасти чавру ситам менолад, худованд бад-ӯ менигарад?

Барои худо калиди киштзорхои пахноварро ба дасти ин зиндониёни асир бадихед. Булбулонро озод кунед! Парастухоро озод кунед!

## ИН ГУЛРО БАРОИ ТУ ЧИДАМ

Ин гулро барои ту чидам. Пеш аз он, ки онро бичинам, дар шикофии сахрое рӯи доманаи пуршеби теппае, ки болои рӯди хона сар хам карда ва чуз укоби баландпарвозро рохе бад-он нест, ором-ором мерӯид. Бодбонхои қаиқхо андак-андак махв мешуданд ва бомхои хонахо чунонки гӯё аз нишон додани худ бим доранд, дуздона медурахшиданд.

Дилдори ман, ин гулро барои ту аз доманаи теппа чидам. Рангаш қирмизӣ нест, атр хам намеафшонад, зеро решаи он аз сахраи сахт чуз талхӣ насибе набурдааст.

Хангоми чидани он ба хеш гуфтам: "Гули бечора! Шояд сарнавишти ту ин буд, ки хамчун хазахову абрхо аз болои қулла ба даруни дараи амиқ сарозер шавӣ. Аммо дигар чунин нахохад шуд, зеро ман туро ба дилдори худам арғувон хохам кард, то рӯи қалби ӯ, ки аз ин дара низ амиқтар аст, чон супорӣ. Туро бад-ӯ медихам, то рӯи пистонаш, ки дар даруни он дунёе дар тобу таб аст, бипажмурӣ. Осмон туро аз он падид овард, ки рӯзе бо дасти насим пар-пар шавӣ ва хамрохи амвочи рӯдхона ба укёнус пайвандӣ, аммо ман туро ба чои дарё ба дасти ишқ медихам".

Вақте ки гулро чидам, бод амвочи рӯдро меларзонид ва аз рӯз ба чуз рӯшноии паридаранге, ки андак-андак махв мешуд, чизе боқӣ набуд. Овах! Намедонед дили ман чӣ қадар афсурда буд, зеро дар он хине ки ба сарнавишти гул меандешидам, эхсос мекардам, ки хамрохи насими шомгохон гирди оби тирае, ки дар пеши пои ман чой дошт, рӯхи маро дар худ фаро мебарад.

## АЗ КИТОБИ "САВТХОИ МАШРИҚ"
## ФИРДАВСӢ

Варо дар шахри Майсур дида будам,
Ба сар дастор аз нури сахар дошт.

Ҷалоле чун шукӯҳи подшоҳон,
Қабои арғувонранге ба бар дошт.
Ҷабин бикшода ҳамчун бомдодон,
Зи байни шаҳр чун султон гузар дошт.

Сияҳпӯшаш бидидам баъди даҳ сол,
Саволаш кардам: "Эй пири хирадманд,
Туро, ки доштӣ дастори гулгун,
Туро, ки орзуманди ту буданд,
Чаро ин гуна мебинам сияҳпӯш.
Ки гӯӣ зулматат чодар кашида?"

Ҷавобам дод ӯ: "Афсӯс, афсӯс,
Ғуруби офтоби ман расида".

## ШОҲИ ФОРС

Подшоҳи Форс дорад зиндагӣ бо тарсу бим,
Дар тамуз ояд ба Тифлис, фасли дай дар
Исфаҳон.
Баҳри тоҷу тахт дорад тарс аз ёрони худ,
Бӯстонаш гулфишону посбон ҷанговарон,
Лек ӯ бедорхобу музтариб аз бими ҷон.

Як сабо бархӯрд андар роҳ бо пири шубон,
Кӯзапуште лек ҳамроҳаш ҷавони сарвқад.
— Кистӣ, —пурсид аз ӯ. Гуфт:Номи ман
Карам,-
/Як нафас нои шубониро гирифта аз лабон/
Ман шубонам, сайргоҳам даштҳои пурсукут,
Паҳлуям фарзанди ман, меросам аз дори вуҷуд.
Месароям, менавозам бо наи пуршеванам
Ҳамчу Ҳофиз як замоне, ҳамчу Саъдӣ ин замон
Аз саҳар то шом байни даштҳои бекарон"...
Он писар, фарзанди ӯ, бӯсид дастори варо,
Дасти пиреро, ки чун Саъдию Ҳофиз шеърхон,
"Дӯст медорад падарро ин писар, —мегуфт шоҳ—
Бояд ин сон буд моро низ бо ҳам меҳрубон!"

**Савол ва супориш:**

1. Дар ҷавонӣ ба носозиҳои ҳаёт рӯ ба рӯ омадани Ҳюгоро шумо чӣ хел мефаҳмед.

2. "Мехохам Шатобриан бошам ё ҳеҷ чиз" гуфтани Ҳюгоро чӣ хел маънидод кардан мумкин аст?

3. Барои кадом хизматҳояш ӯ ба мукофоти олии Лилии тиллоӣ соҳиб шуд?

4. Образҳои халқӣ дар эҷодиёти нависанда чӣ мавқеъ доранд?

5. Ба бадарғаи 19 - сола маҳкум шудани Ҳюгоро чӣ тавр маънидод мекунед?

6. Маҷмӯаи шеърҳои "Оҳангҳои шарқӣ" ба кадом мавзӯъ бахшида шудааст?

7. Шеърҳоро ифоданок қироат намуда, аз ёд кунед.

## СИНФИ 11

# ҲАМЗА ҲАКИМЗОДА НИЁЗӢ

Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ аз чеҳраҳои шинохтаи адабу фарҳанг ва таърихи халқи ӯзбек буда, як давраи комил ва хеле ҳассоси инкишофи адабиёти ӯзбек ба номи ӯ марбут аст. Ӯ аз зумраи эҷодкоронест, ки дар заминаи маданияти гузаштаи халқҳои Шарқ – тоҷику ӯзбек ва халқҳои дигар бо эҳсоси рӯҳи замон ба кори эҷодӣ ва пешрафти мактабу маориф камар баст ва воқеан дар ташаккулу нумӯи маданияти замони гузариши халқҳои Осиёи Миёна хизмати шоиста намуд. Ҳамза аз зумраи эҷодкороне нест, ки танҳо як шохаи муайянро пеша намуда бошад, балки ӯ аз қабили он заҳматкашони фидоие будааст, ки бо алоқамандӣ ба инкишофи ҷомеа дар пешрафти кори мактабу маориф, адабиёт, санъат ва дигар соҳаҳои ҳаёти халқ хизмат намудааст.

Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ 6 марти соли 1889 дар шаҳри Қӯқанд дар оилаи марди босавод Ибни Ямин Холбой углӣ ба дунё омадааст. Падари ӯ дар синни 16-солагӣ озими Бухоро гардида, аз он ҷо чун табиб бармегардад ва дар заминаи табиби халқӣ ба табобати мардум машғул мешавад.

Модари ӯ Ҷаҳонбибӣ зани аз таъриху фарҳанг огоҳ ва донандаи афсона ва қиссаву ривоятҳои халқӣ буда, ба тарбияи фарзанди хурдии худ Ҳамза аҳамияти ҷиддӣ додааст.

Саводи аввалинро Ҳамза дар назди падар бароварда, аз забонҳои арабию форсии тоҷикӣ огоҳии комил ёфта, баъдан дар мактаби усули кӯҳна таҳсил кардааст. Солҳои 1899 - 1906 Ҳамза дар мадраса таҳсил намуд, аммо усули таълими мадраса ӯро қонеъ насохт ва ӯ ба худомӯзӣ пардохт.

Солҳои 1907—1908 Ҳамза дар заводи Обидҷон Маҳмудов чун котиб адои вазифа намудааст.

Вале ба зудӣ аз ин завод барои эҷоди шеърҳои ҳаҷвие, ки соҳиби завод мавриди истеҳзо қарор гирифта буд, ронда мешавад. Бинобар ин

Ҳамза аввал ба Намангон ва баъд ба Қӯқанд баргашта, кори таълимро дар мактаби русӣ—туземӣ идома медиҳад. Дар ҳамин давра ӯ бо рағбати том ба омӯзиши "Гулистон" ва "Бӯстон"-и Саъдӣ, "Маснавӣ"-и Ҷалолиддини Румӣ, ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил ва ҳамчунин осори Турдӣ, Гулханӣ, Муқимӣ, Фурқат ва Завқӣ машғул гардидаву баҳра бардоштааст. Ҳамчунин ба намунаҳои осори адибони рус Пушкин, Лермонтов, Маяковский ва дигарон шиносоӣ пайдо намуда, ба мутолиаи рӯзномаву маҷаллаҳои русзабон оғоз менамояд. Албатта, ин ҳама дар шаклгирии ҷаҳонбинии Ҳамза ва қувват гирифтани шохаи демократии эҷодиёти ӯ таъсири амиқ расонид.

Ҳамза эҷоди шеърро хеле бармаҳал, ҳанӯз аз синни 10-солагиаш шурӯъ намуда, аллакай соли 1914 кӯшиши тартиб додани девоне кардааст, ки ба он ғазал, мухаммас, рубоӣ, ҷамъ 197 шеърро дохил намуда, бо тахаллуси "Ниҳон" ном баровардааст.

Ҳамза низ чун пайгири адибони классики тоҷику форс ва эҷодкорони туркзабон Навоӣ, Гулханӣ, Муқимӣ, Фурқат ва Завқӣ дар ашъори худ ба мавзӯъҳои муҳаббату рафоқат, гуманизму ситоиши инсони хирадманд аҳамияти бештаре додааст.

Минбаъд ҳамин омӯзиши ҷиддии мероси гузашта ва сарфаҳм рафтану дарк намудани равиши ҳаёт боиси дар шохаҳои гуногун ривоҷ ёфтани офаридаҳои Ҳамза гардид. Маълум, ки Револютсияи якуми рус чун воқеаи азими давр ба бедории шуури озодихоҳии халқҳои мусулмон низ таъсир расонид. Ҳамза чун як эҷодкори озодфикр ба чунин воқеаҳои замон сарфаҳм рафта, миёни халқ ғояҳои озодӣ ва маърифатпарвариро паҳн менамуд.

Тарғиби чунин ғоя дар як шеъри (соли 1914) ба забони тоҷикӣ эҷоднамудаи шоир, ки дар маҷаллаи "Оина" чоп шуда буд, ин тавр ифода ёфтааст:

> То ба кай мо хоб мебинем, эй аҳли диёр!
> Хоби бисёре, ки охир кард моро бемадор.
> Қофила аз огаҳӣ рафта, ба манзилҳо расид,
> Мо зи ғафлат ташналаб мондем дар гарми наҳор.
> Фатҳ карда ҳар касе ганҷи фунун аз ҷустуҷӯ,
> Мо зи лоқайдӣ кунун ҳастем бо афғону зор
> Сохт ҳар миллат ба худ гулзорҳо аз маърифат,
> Миллати мо чун надорад ғайри саҳро шӯразор...

Тарзе ишора гардид, Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ аз зиёиёни равшанфикр ва сермаҳсул буда, дар ҷабҳаҳои гуногун кору эҷод намудааст.

Муҳаққиқони ҳаёту асори ӯ фаъолияти кориву эҷодии ӯро ба чунин қисматҳо ҷудо намудаанд: Ҳамза – шоири маорифпарвар ва омӯзгор, Ҳамза вассофи револютсия ва ҳаёти нав ва Ҳамза – оҳангсоз, драматург ва ходими ҷамъиятӣ.

Кори мактабу маориф аз соҳаи асосии фаъолияти Ҳамза буда, то охир аз ин соҳаи муҳим дурӣ наҷустааст. Ӯ дар Самарқанд, Қӯқанд, Намангон ва Тошканд ба кори омӯзгорӣ пардохта, бо ёрии мардуми оддӣ ба кушодани мактаби "Дорулайтом" (хонаи ятимон) муваффақ гардид. Солҳои 1911 - 1915 дар шаҳрҳои Қӯқанд, Марғилон, Фарғона ӯ мактабҳои бепул кушода, худаш таълим медиҳад. Барои мактабҳои ибтидоӣ ба мисли "Китоби хониш" ва "Адабиёти совук" китобҳо тартиб дода, барои саводнок намудани фарзандони мардуми бенаво камар мебандад. Аммо ин ҷадалҳои маърифатии шоири равшанфикр ба доираҳои ҳукмрони давр маъқул нагардид ва мактабҳо баста гардида, Ҳамза ба таъқиб гирифтор шуд.

Аз ҳамин сабаб шоир соли 1913 ба сафари хориҷа баромад. Баъди бозгашт аз сафари хориҷа ба кори маориф боз ҳам ҷиддитар машғул гардид ва соли 1915 ба Марғилон рафта, боз мактаби усули нав кушод. Муайян намудаанд, ки қисми муайяни назми тореволютсионӣ ва баъдиреволютсионии Ҳамза Ҳакимзодаро асарҳои педагогӣ ташкил медиҳад. Шоир дар манзумаҳои "Илм биҳоҳ", "Олим шавем", "Китоб", "Қалам" ва дигар асарҳояш илмомӯзӣ, ростқавлӣ, меҳнатдӯстӣ ва дӯстию рафоқатро тарғиб намуда, дар шеърҳои "Рамазон", "Як ҳазрати эшон гуфтааст" ва дигарҳо дурӯғу фиреб ва ҳолати рӯҳониёнро фош намудааст. Дар доираи ҳамин мавзӯъ зиндагии талху беҳуқуқонаи зани мусулмон мавриди андешаи Ҳамза қарор гирифта, лаънат мехонад.

Эҷодкоре, ки бо ин шӯру шавқ пайи маърифатнокии халқ ҷадал дошт, наметавонист Инқилоби Октябрро бо хушнудӣ пешвоз нагирад. Ҳамза Ҳакимзода аз рӯзҳои нахустини револютсия ба ситоиши ҳаёти нав шурӯъ намуд ва дар партави Инқилоби Октябр барои инкишофи адабиёту санъати ӯзбек ҷадал намуд. Дар асарҳои ин ҳангом эҷоднамудааш бо як маҳорати хубе аз шаклу усулҳои нави эҷодӣ истифода намуда, тасвири образи аз халқ баромадаро пешниҳод менамояд. Ҳамза Ҳакимзода, ин ҳангом бахшида ба музаффариятҳои Октябр, меҳнати озод, тарғиби маорифу маданият, омӯзиши забону адабиёти халқҳои бародар шеъру сурудҳо эҷод намуда, ба онҳо оҳанг баст ва миёни халқ тараннум сохт. Сурудҳои "Зинда бод шӯро", "Бедор шав", "Бедор шавед, коргарон", "Зинда бошед, коргару деҳқон", "Ба занони ӯзбек" ва ғ. ба ин мисол шуда метавонад.

Ҳамза Ҳакимзодаро чун нахустин оҳангсози шӯравии ӯзбек низ эътироф намудаанд. Ҳамза Ҳакимзода санъат ва адабиётро силоҳи асосии мубориза меҳисобад. Соли 1926 навишта буд, ки "василаи ҳақиқии тарғиб дар Ӯзбекистон аз саҳна сароидани суруд ва ашъори ҳаяҷоновар аст". Ҳамин андешаи худро тақвият дода, дар андешаҳои эстетикиаш таъкид сохтааст, ки "Шӯҳрати халқро адабиёти ӯ нигоҳ медорад" Аз ҳамин сабаб Ҳамза Ҳакимзода ба омӯзиши адабиёти гузашта, ба хусус назми шифоҳӣ аҳамият додааст.

Солҳои 1918-1919 Ҳамза Ҳакимзода бо ёрии рафиқони рус дар Фарғона гурӯҳи артистӣ ташкил мекунад, ки он баъдан ба труппаи драмавии сайёри ҳарбӣ табдил меёбад. Тематикаи фаъолияти Ҳамза дар ин давра гуногун мебошад. Нишон додани аҳамияти ҷаҳонии револютсия, муҳаббати халқ ба сохти Шӯравӣ, тавсифи илму маърифат, дӯстии халқҳо ва ғ.

Ҳамза Ҳакимзода асосгузори драматургияи муосири ӯзбек буда, дар инкишофи санъати драматургии халқҳои Осиёи Миёна саҳм дорад. Ӯ дар асарҳои драмавӣ, мазҳака ва фоҷиаиомаҳояш "Ҳаёти заҳрнок", "Одати бад", "Бой ва хизматгор", "Фоҷиаи Фарғона", "Ҷазои тӯҳматчиён", "Найрангҳои Майсара", "Женотдел", "Интихоботи собиқ" ва ғ. ҳаёти тиραву тори пешазреволютсионӣ, аҳволи бади бенавоён, муносибатҳои кӯҳнаи оилавӣ, системаи интихоботии он айём, кирдорҳои ношоями диндорон ва монанди инҳоро танқид намудааст.

Дар шеърҳои ҳаҷвӣ, песа ва фелетонҳои солҳои 1926-1927 навиштааш бойҳои золим, рӯҳониёни риёкор ва қаллобро фош намуда, занонро ба муборизаи зидди одатҳои иртиҷоӣ даъват менамояд.

Маълум, ки омили муҳимми пурқувват будани алоқаи миёни адабиёти тоҷику ӯзбек ин дузабонӣ аст. Ҳамза Ҳакимзода монанди Садриддин Айнӣ эҷодкори дузабона буда, бо ӯзбекиву тоҷикӣ асар навиштааст. Аз ҳамин сабаб ҳар як асари Ҳамза аз замони таълифаш миёни тоҷикон низ паҳн гардида, шӯҳрат меёфт. Ашъори револютсионии ӯ дар радифи ашъори Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ дар бедории шуури халқҳои тоҷику ӯзбек хизмат намудааст. Асарҳои саҳнавии ӯ хеле бармаҳал рӯи саҳнаҳои тоҷик намоиш дода шуда, драматургҳои тоҷик аз он илҳому баҳра бардоштаанд.

Мирзо Турсунзода ҳамин паҳлӯи эҷодиёти Ҳамзаро ба эътибор гирифта навиштааст: "Ба мо, қаламкашони тоҷик асарҳои Демян Бедный, Лоҳутӣ, Айнӣ ҳар қадар азиз бошанд, асарҳои Ҳамза Ҳакимзода низ ҳамон қадар азиз ҳастанд.

Солҳои 1923-26 санъати драматургия барои мо рӯйдоди навин буд. Ман он вақтҳо дар Тошкент таҳсил мекардам. Дар вақтҳои фориғ, ё рӯзҳои камдарсӣ бо шавқ ба кинотеатру театрҳо мерафтем, спектаклҳои навро тамошо мекардем. Театрҳои ӯзбек моро ба ваҷд меовард. Театри академии драмаи ба номи Ҳамза дер боз спектаклҳои "Бой ва хизматгор" ва "Корномаи Майсара"-ро намоиш медод. Ин песаҳо ба қалами устоди мумтози сухан, мутриби инқилоб Ҳамза Ҳакимзода мансуб ҳастанд. Дертар ин асарҳо ба забони тоҷикӣ тарҷума карда шуданд, театри навбунёди драмаи тоҷик намоиш дод... Аз ин рӯ, Ҳамза Ҳакимзода яке аз асосгузорони драматургияи Советии тоҷик низ ба ҳисоб меравад".

Ин гуна иртиботи ҷиддии осори Ҳамзаро ба адабиёту маданияти тоҷик адибону олимони Тоҷикистону Ӯзбекистон дар асару мақолаҳояшон бо меҳр таъкид намудаанд. Умуман, ҳаёту осори Ҳамза Ҳакимзода тимсоли равшани кору пайкор, ҷалал барои бедорӣ ва озодӣ, маърифат-

нокӣ, ғамхорӣ бо санъату адабиёт, ба мероси гузаштагон ва намунаи равшани алоқаҳои гуногуни ҷабҳаи адабиёти тоҷику ӯзбек аст.

## НАМУНАҲО АЗ ОСОРИ ҲАМЗА ҲАКИМЗОДА НИЁЗӢ

### НА НОЛАМ АЗ ТУ ТО КАЙ?

На нолам аз ту то кай, эй фалак, бар ман чиҳо кардӣ?
Ба кулфатҳои бесомон ахираш мубтало кардӣ.
Якеро карда мустағнӣ, якеро шод аз ҳар сӯ,
Дар ин ҷо ин ғарибро бо ба сад ғам ошно кардӣ.
Ба ту гуфтам, даво деҳ, дардмандам раҳм кун бо ман,
Задӣ бар сина ханҷар, гашта дардам бедаво кардӣ.
Гуноҳи ман чӣ буд, эй бевафо дунёи каҷрафтор,
Зи айши коми ин сарравза умрам мосиво кардӣ.
Намедонам, ки ҳайронам сарам афтода дар зулмат,
Чӣ кардам бо ту ман, ту ин қадар бар ман ҷафо кардӣ.
Ҷудоӣ як тараф, аз як тараф ҳаҷри сияҳчашмон,
Зи дасти ғурбатат бо мурданам охир ризо кардӣ.
Чӣ гӯяд, ин Ниҳонӣ, ғайр аз афғон бахтёрӣ нест,
Ту аз амри ҳамон қолу бало бар ман бало кардӣ.

### ДИЛО, ҒОФИЛ МАШАВ!

Дило, ғофил машав, ҳаргиз нигар гардуну дунёро,
Шумор имрӯзро фурсат, махӯр андӯҳи фардоро.
Дар ин ҷодуи каҷпаҳлӯ фиреби сад ҳазоронест,
Куҷо бигзошт Луқмону Сикандар, дори Синоро.
Макун асрори худ зоҳир ба назди ҳар касу нокас,
Кушоди ғунчаҳо орад хазони барги зеборо.
Мазан дар ҳар куҷо оҳу фиғон монанди булбул,
Ки созӣ оқибат бо сар қафас рӯи чаманҳоро.
Ҳазорон беҳ хамӯшидан ва гар хуни ҷигар гардӣ,
Кӣ орад лола бо сад доғ сайри файзи саҳроро.
Гуҳар пайдо кунад дар вақти худ як қатраи найсон
Чӣ ҳосил аз шитоби абри борон санги хороро.
Сукуте беҳ бувад ҳар дам, Ниҳон, аз носазо гуфтан
Кушода моҳиён лаб, мекунад хун оби дарёро.

**Савол ва супориш:**

1. Чаро Ҳамзаро шоири дузабона меноманд?
2. Мавзӯи асарҳои шоирро кадом масъалаҳои ҷиддӣ ташкил кардааст?

3. М. Турсунзода барои чӣ Ҳамзаро асосгузори драматургияи Советии тоҷик гуфтааст?

4. Шеърҳоро қироат ва маънидод кунед.

## ОЛЕС ГОНЧАР

Инкишофи бузурги адабиёти Украина баъди ғалабаи халқи шӯравӣ дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ рӯй медиҳад. Ин адабиёт на танҳо дар миқёси Иттиҳоди Шӯравӣ, балки дар миқёси ҷаҳон шӯҳрат ва мавқеъ пайдо мекунад. Дар ин бобат хизмати Олес Гончар, И.Муратов, М.Стелмах ва дигарон хеле бузург аст.

Олес Гончар (1918) ва Михайло Стелмах намояндагони барҷастатарини насри муосири Украина мебошанд.

Олес Гончар (Александр Терентевич) 3 апрели соли 1918 дар шаҳри Полтава таваллуд ёфта, тирамоҳи соли 1938 баъди хатми техникуми рӯзноманигорӣ ба факултети филологияи Университети Давлатии Харков дохил шудааст. Соли 1941 дар сафи донишҷӯёни ихтиёрӣ ба фронт рафт, аввал чун аскари қаторӣ ва баъд чун сержант дар полки миномётӣ хизмат кардааст. Дар ҷанг ду маротиба захмӣ гардида, бо орденҳои "Шараф", "Ситораи сурх", медалҳои "Барои шуҷоат" ва "Барои мудофиаи Киев" сарфароз гардидааст.

Баъди ҷанг (соли 1946) Университети Давлатии Днепропетровскро хатм карда, аз соли 1978 чун академики АФ Украина ва дар муддати 20-сол (1959-1979) чун сарвари Иттифоқи нависандагони Украина адои вазифа намудааст. Соли 1939 ҳикояҳои "Гелос гул мекунад", "Иван Мостовой" ва г. нашр гардида, номи ӯро чун нависандаи қобилиятнок муаррифӣ намуд. Аммо шӯҳрати асосиро баъди нашри асари сегонаи "Байрақбардорон" соҳиб гардид.

Асарҳои О. Гончар ба забонҳои зиёде тарҷума гардида, ба шӯҳрати нависандагии ӯ шӯҳрат зам кардааст. Барои хонандаи тоҷик ҳам романи сегонаи "Байрақбардорон", ки қаҳрамони марказиаш тоҷик аст ва ҳам асарҳои дигари ӯ ба тарҷумаи тоҷикиву дар оригинал шинос аст. Аз ҷумла асарҳои ӯ "Арчаи он сӯи дарё" (повест, тарҷумаи Тоҷибоев У), "Байрақбардорон" (роман, тарҷ. Э. Муллоқандов, оғози тарҷ. С. 1951), "Раъди бебарк" (ҳикоя, тарҷ. М.Шарқӣ), "Роҳи кӯҳӣ" (ҳикоя тарҷ. И. Қосимов), "Ғалла" (ҳикоя, тарҷ. Ш. Шараф), "Қиссаи як муҳаббат" (роман, тарҷ. Ш. Собир, соли 1966 бо сарсухан) роман «Перекоп» (Тарҷумаи Ш. Саидов) ба забони тоҷикӣ тарҷума шудаанд.

Асари сегонаи Гончар "Байрақбардорон", ки аз романҳои "Алпҳо", "Дунаи осмониранг", "Прагаи тиллоӣ" иборат аст, дар тасвири ҳаққонии ҷанговарони шӯравӣ муваффақияти адабиёти шӯравӣ мебошад. Дар адабиёти шӯравии украин, дар яке аз асарҳои машҳури вай, "Байрақбардорон"-и Олес Гончар образи подполковники Армияи Шӯравӣ намо-

яндаи халқи тоҷик Самиев инъикос ёфтааст. Романи "Байрақбардорон", ки соли 1951 аз ҷониби Эммануел Муллоқандов ба забони тоҷикӣ тарҷума ва нашр шудааст, аз се китоб иборат аст ва муаллифи он дар соли 1947 барои китобҳои якум ва дуюми роман – "Кӯҳсори Алп" (Алпҳо) ва "Дунаи кабуд", дар соли 1948 барои китоби сеюми он "Прагаи заррин" сазовори мукофоти давлатӣ гардидааст. Дар романи "Байрақбардорон", ки ба воқеаҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бахшида шудааст, мубориза̄и диловаронаи Армияи Шӯравӣ дар роҳи озодии мамлакати мо, барои аз зери фишор ва зулму ситами фашистони истилогар наҷот додани халқҳои Аврупо, инчунин дӯстию ягонагии маънавии мардумони шӯравиро дар солҳои пуршиддати ҷанг ҳамчун яке аз омилҳои муҳимми ғалабаи Иттифоқи Шӯравӣ бар фашизм нишон медиҳад.

Дар роман амалиёти ҷангии фарзанди далери халқи тоҷик командири полк Самиев хеле равшан нишон дода шудааст. Подполковник Самиев яке аз арбобони баландихтисоси Армияи Шӯравӣ буда, пас аз хатми академияи ҳарбӣ ба фронт меравад ва полки худро аз хоки Украина сар карда, бо ғалабаҳои пай дар пай то пойтахти Чехословакия – Прага бурда мерасонад. Дар асар хислатҳои Самиев ҳамчун роҳбари пуртаҷрибаю кордон ва ҷанговари далер, ҳаққонӣ тасвир ёфтааст.

Мубориза̄и одами шӯравӣ, вазифаи муқаддаси ӯ дар роҳи ба озодӣ баровардани мардумон дар асарҳои Гончар "Замин сухан мегӯяд", "Инсон ва яроқ" бо санъати баланду маҳорати беназир ва ҳаяҷон тараннум шудааст. Дар романи ӯ "Зангӯла" ("Тронка") қадру қимати инсон, проблемаҳои ҷангу сулҳ аз нуқтаи назари одамони шӯравӣ муҳокимаю таҷқин карда мешавад. Ин асар сазовори мукофоти ленинӣ гардидааст.

## «БАЙРАҚБАРДОРОН»

### Порча аз роман

...Кӯҳ чунон калон буд, то аз вай фуромадан як рӯзи дароз гузашт. Аробаҳоро якбора аз ду чархашон тормоз додан лозим меомад ва онҳо ба сангҳо бархӯрда мисли он ки дар даруни оташ бошанд,метафсиданд. Баъд қариб тамоми шаб боз боло мебаромаданд.

Аз нисфи шаб як пос гузашта буд, ки баногоҳ колонна истод ва аробакашон ба таги чархҳои пеш санг монданд, ки аробаҳо ақиб наравconfigure ва аспҳо камтар дам гиранд. Барои ин хел мавридҳо ҳар аробакаш сангҳоро ба аробааш мекашонд, то ин ки дар вақти даркор шуда мондан дар торикӣ сангкобӣ карда нагарданд. Мунтазири фармони ба аспҳо хӯрок додан буданд, аммо аз фармон дарак набуд. Ба ҷои он аз боло фармони дигар меомад, ки ҷанговарон онро даҳон ба даҳон ба поён мерасониданд:

— Командирони ротаҳо, ба сари колонна!

Ин аз хатар хабар медод. Офитсерон пеш тохта, дар вақти тохтан гимнастёркаҳояшон ва тасмаҳояшонро тахт мекарданд. Бисёр нагузаш-

та онҳо ба подразделенияҳои худ баргаштанд. Колонна ба зудӣ ба ҳар ҷо-ҳар ҷо ҷудо шуда рафтан гирифт. Транспорт аз роҳи шоссе ба канори роҳ мефуромад ва дар миёни дарахтон пинҳон мешуд. Ҳоло ҷои пеш рафтан набуд. Дар сари транспорт хеле кам одам монд. Ба сари якчанд ароба як нафар аробакаш. Боқимондагон якбора қиёфаи ҷиддӣ ва кордоронае гирифта, ба аспҳо бор бор кардан гирифтанд. Эҳтиётан ҳамроҳ бисёртар арғамчин мегирифтанд. Касе ки фляга надошт, аз старшина мегирифт. Аз дур аз тарафи кӯҳсор овози якчанд навбат тирпарронии оддии пулемёт ба гӯш расид, гӯё ин ки ба осмон парронда бошанд.

Дар ин мобайн разведка хабарҳои нав ба нав меовард. Дар он ҷо, дар боло, дар яке аз баландтарин ағбаҳо душман ҷой гирифта буд. Вай деҳаи майдаи кӯҳиро ба пункти такягоҳии мустаҳкаме мубаддал гардонда буд. Роҳи пеши деҳа бо танаи дарахтони ғалтондашуда, бо душохаҳои оҳанин банд карда шуда буд. Дар таги баландӣ якчанд хат траншеяҳо, дзотҳо ва нуқтаҳои оташфишонии саркушода воқеъ буданд, ки ба ин тарафи шоссе ҳам мегузаштанд. Доманаи баландиро симхорҳо саросар печонда гирифта буданд. Дар хусуси аз рӯ ба рӯ ба ағба ҳуҷум овардан ҷои гап ҳам набуд. Ин қурбониҳои зиёдеро талаб мекард ва ба даст омадани муваффақият ҳам таъмин набуд. Командири полк разведкаи савораро хеле дур ба тарафи росту чапи роҳ фиристод, ки чӣ гуна будани характери мудофиа ва системаи оташфишонии душман муайян карда шавад.

Разведкачиҳо қарибиҳои саҳарӣ баргаштанд. Аз рӯи хабардиҳии онҳо маълум шуд, ки вазъият он тавре будааст, ки командири полк тахминан ба худ тасаввур мекард. Дар ҳар ду паҳлу на фақат ягон роҳе набуд, балки ҳатто аз пайраҳа ҳам нишонае набуд. Дар қуллаҳои кӯҳ душман пулемётҳои якка гузошта буд ва он тарафтар, дар болои кӯҳ гӯё ҷонзоде ҳам наменамуд. Дар он ҷо бешаҳои гӯл ва деворҳои фарози ростфуромадаи кӯҳсангҳои ваҳшӣ сар мешуданд. Душман яқин дошт, ки бешаҳо ва кӯҳсангҳо пособонони дилпуршавандаи ӯ мебошанд ва касе аз онҳо гузашта наметавонад. Лекин Самиев разведкачиҳоро боз ба паҳлуҳои чапу рост фиристода, дар пеши онҳо вазифа гузошт, ки барои гузаштан роҳе пайдо кунанд, чунки ҳам ӯ ва ҳам Воронтсов вазъиятро таҳлил карда, ба чунин хулоса омада буданд: ағбаро маҳз аз он ҷо, аз бешаҳои касногузари ғӯл, аз кӯҳсангҳои одамногузар, аз он ҷое ки душман асло чашм надорад, ки мо аз он ҷо мегузарем, ба даст овардан лозим мешавад. Онҳо аз ин паҳлу набошад, аз паҳлуи дигар бояд аз ин ағба гузаранд ва аз ақиби душман дароянд.

Нисфи рӯз разведкачиҳо баргаштанд. Маълумотҳои иловагӣ натиҷаҳои разведкаи шабонаро тасдиқ карданд: дар дарунтари паҳлуҳо он чунон маҳалли нообод пои одамизод нарасидае сар мешуд, ки душман ҳатто дар он ҷо каминҳои якка гузоштанро ҳам лозим надидааст.

Самиев бо сардори штаб ба сари тартиб додани плани муфассал нишастанд.

Майор Воронтсов коммунистон ва комсомолетсҳоро ҷамъ кард. Полк мебоист ба отрядҳои ҷудогона ва ба гурӯҳҳои майда тақсим шуда пеш мерафт, ки ин отрядҳо ва гурӯҳҳо эҳтимол то муддати муайяне ҳар кадоме ба сари худ амал мекарданд. Роли коммунистон ва комсомолетсҳо дар гурӯҳҳои мустақил махсусан калон ва ҳалкунанда буд. Умуман роли ҷанговарон якка дар шароити кӯҳсор назар ба шароити пастҳамӣ хеле зиёд мешуд. Дар ин ҷо муваффақияти умумӣ ба ташаббус, зиракӣ, рӯҳи ҷангии ҳар кас вобаста буд. Воронтсов, ки ин мақсадро ба хубӣ мефаҳмид, одамонро тавре тақсим мекард, ки дар ҳар гурӯҳи мустақилона амалкунанда коммунистон бошанд. Маҳз коммунистон бояд пешрав шуда ва рӯҳи ҷангии солдатҳоро доимо баланд нигоҳ доранд.

Ин маҷлиси аз одат беруне буд. Коммунистон ва комсомолетсҳо ба фармони майор дар ҳолате ҳозир шуда омада буданд, ки ҳама комилан ба ҷанг омода, дар кифту миёнашон гранатаҳою дискҳо овезон ва дар сари синаашон автомат доштанд. На раису котиб интихоб карданд, на протокол навиштанд ва на резолюцияе тартиб доданд. Барои ин фурсат набуд — фавран ба роҳ баромадан лозим буд.

Баъзеҳо ба болои кунда ва танаҳои дарахтон менишастанд, дигарон рост меистоданд. Воронтсов дар мобайни онҳо қадам зада гап мезад. Баргҳои хазон дар зери мӯзаҳои рангпаридааш хишир-хишир мекарданд. Майор бо овози на чандон баланд гап мезад, овозаш монанди ҳамин баргҳо хишир-хишир мекард ва бо вуҷуди ин ҳар як суханаш ба гӯши ҳама баръало мерасид.

— Мо ба тактикаи нав мегузарем, — мегуфт ӯ, — То ҳоло мо бо душман дар даштҳо ва ҳамвориҳо, дар бешаҳо ва ботлоқҳо меҷангидем. Аз ҳамин рӯз сар карда, мо бо вай дар кӯҳсор меҷангем. Аксар на рӯзона, балки шабона меҷангем. Мақсади мо ағбаҳоро ба даст даровардан, роҳҳоро ба даст даровардан аст. Чи тавре ки мебинед, дар шароити кӯҳсор ҷанг кардан — яъне пеш аз ҳама барои ба даст даровардани роҳҳо ҷангидан аст. Аммо мо, ки аскарони пиёдаи гвардия ҳастем, худамонро дар сари роҳҳо баста монда наметавонем. Мо бояд дар кӯҳҳо, дар ҳар ҷӣ хел ҷои пасту баланд манёвр карда тавонем. Он гоҳ ин қаторкӯҳҳои бекас, ин кӯҳҳои печ дар печи касногузар аз душманони мо ба дӯстони мо мубаддал мешаванд. Немисҳо онҳоро касногузар ҳисоб мекунанд. Вале мо аз онҳо мегузарем. Немисҳо аз онҳо метарсанд, лекин мо онҳоро мағлуб мекунем. Чунки тактикаи мо — тактикаи сталинӣ — аз тактикаи немисӣ печонтар, ҷасуронатар ва тактикаи замони ҳозира аст.

Черниш аз майор чашм наканда, ба суханҳои ӯ бодиққат гӯш медод. Ӯ Воронтсовро баъд аз он мулоқоти аввалин, ки вай дар он вақт дар табу ларзи варача дар блиндаж хобида буд, бори якум медид. Воронтсов дар ҳамин қарибиҳо сиҳат шуда, хеста буд. Чеҳраи ӯ баъд аз касалӣ хароб ва пажмурда менамуд. Ин дафъа ҳам Черниш ба Воронцов нигоҳ карда истода, падарашро ба хотир овард, ки Воронцов ҳам монанди падараш

на он қадар намуди одами ҳарбӣ, балки бештар суроби шахси гражданиро дошт. Ин овози нимхиррӣ... фуфайкаи кӯтоҳе ки аз таги домони он гимнастёркааш аён аст... Қомати андак ҳамида... гӯё тасдиқи фикри Черниш буданд.

Барои бисёр касон муаммо буд: ин майори назарногир, ки бо осудагии ба муаллими қишлоқӣ хос гоҳ-гоҳ сулфида-сулфида гап мезад — бо кадом ҳолати худ ба ҷанговарон ва офитсерон ин қадар таъсир мекард? Ягон бор касе дод задан ва саросема шудани ӯро нашунидааст ва надидааст. Ӯ монанди гап заданаш ҳамаи корҳоро ҳам ҳамин тавр оромона, асабонӣ нашуда ба тартиб адо мекард ва дар чашмони хокирангаш, ки аз зери абрӯвони парешонаш дурахшида меистоданд, ифодаи гоҳе ҷиддӣ ва гоҳе пурнавозиш намоён мешуд. Ҳама ба гуфтаҳои ӯро итоат мекарданд. Фармонҳои ӯро ҳам монанди фармонҳои командири полк ҳама вақт нуқта ба нуқта ба ҷо меоварданд. Полк ӯро дӯст медошт.

— Муваффақияти ин ҷанг пеш аз ҳама ба мову шумо вобаста аст, — мегуфт Воронтсов бурро-бурро гап зада. — Мо, коммунистон ва комсомолетсҳо дар поход ва дар ҷанги шабона дар куҷо будани ҷоямонро бояд хуб бидонем. Ҷои мо дар сафи якум аст. Шабона овози мо бояд ҳамеша аз пешопеши ҷанговарон шунида шавад. Ҷанговар ба мо бовар мекунад ва ҳамон дақиқае, ки мо ба ҳуҷум сар бардоштем, ҷанговар ҳам ҳамон замон аз паи мо мехезад.

«Ҳамин тавр ҳам мекунем! — мехост гӯяд Черниш — Мекунем».

Нӯги тирдонҳои шохшакли автомат, ки онҳо пур аз тир буданд, аз ду соқаи мӯзааш намуда меистод.

— Мо на аз кӯҳҳои бероҳу бепайраҳа тарс дорем ва на аз ҷойҳои дурдасти хилват, ки эҳтимол ҳанӯз пои одамизодро надида бошанд. Мо аз ин ҷо мегузарем, чунки мо болшевиконем. Суханони фелдмаршал Суворовро бештар ба ёди ҷанговарон расонед, ки гуфта буд: «Аз он ҷое ки гавазн мегузарад, аз он ҷо солдати рус ҳам мегузарад. Аз он ҷое ки гавазн намегузарад, аз он ҷо ҳам солдати рус мегузарад».

**Савол ва супориш:**

1.Барои кадом хизматҳояш О. Гончарро ба ордену медалҳо сарфароз гардонидаанд?

2.Тавассути кадом ҳикояҳояш ӯ чун нависандаи қобилиятнок муаррифӣ шуд?

3.Сегонаи (трилогия) «Байрақбардорон» дар эҷодиёти нависанда чӣ мавқеъ дорад?

4.Романи «Байрақбардорон» ба кадом мавзӯъ бахшида шудааст?

5.Дар тарҷумаи асарҳои О. Гончар кадом мутарҷимони тоҷик саҳм гузоштаанд?

# ХАЧАТУР АБОВЯН
**(1805 –1848)**

Адабиёти нави арманиро бе ном ва кори Хачатур Абовян тасаввур кардан аз имкон берун аст. Хачатур Абовян дар замони нави таърихӣ дар давраи ба имтиҳонҳои ҷиддии ҳаёт рӯ ба рӯ гардидани халқи арман ба арсаи эҷод омад.

Ин замоне буд, ки халқи арман ба зулму ҷафои султонҳои турк ва шоҳони Эрон гирифтор гардида, барои мавҷудияти худ мубориза мебурд.

Ба таъбири Аветик Исаакян дар ҳамин гуна шароити таърихӣ барои халқи арман пешвое лозим буд, ки садои хирадмандонаи эҳёро расонад, халқро бедор ва рӯҳбаланд намояд ва роҳи ӯро равшан намуда, дар вуҷудаш ҳисси озодихоҳӣ ва муборизаро бедор намояд.

Ҳамин гуна шахсият барои халқи арман Хачатур Абовян гардид.

Хачатур Абовян соли 1805 дар деҳаи Канакори назди Ереван дар оилаи марди деҳқон ба дунё омадааст. Маълумоти ибтидоиро дар мактаби назди дайри Эчмиадзин гирифта, сипас дар Тифлис таҳсил кардааст. Дар Тифлис аввал дар омӯзишгоҳи Погос Карадхси ва баъд дар мактаби Нерсесян таҳсил намудааст.

Соли 1828 ба Эчмиадзин баргашт ва чун тарҷумону котиби саррӯҳонии калисо ба кор шурӯъ намуд.

Ин замон воқеае роҳи ҳаёти ӯро ба куллӣ тағйир дод. Соли 1829 ба Эчмиадзин бо роҳбарии профессори Донишгоҳи Дерптек Фридрих Паррот экспидитсияе омад, ки Хачатур Абовян чун тарҷумон ба он экспидитсия ҳамроҳ гардид. Фаъолияти ҷавони кунҷкову зирак диққати Фридрих Парротро ба худ кашид ва бо дахолату кӯмаки ӯ Абовян иҷозати таҳсил дар Дерптекро соҳиб гардид ва соли 1830 роҳ сӯи Дерптекро гирифт.

Аврупо ин романтики ҷавонро мафтун сохт. Ӯ аз комёбиҳои маданин он дар ҳайрат афтод ва бо шӯру шавқ ба омӯхтани осори нобигагоне чун Локк /1632 –1704/файласуфи англис. Лейбнис /1646-1716 - файласуф, математик, физик ва забоншиноси немис, Монтескё /1689-1755/ - маорифпарвар ва файласуфи франсавӣ/ Дидро /1713-1784/ - нависанда ва файласуфи франсавӣ, Руссо /1712-1778/ -нависанда ва файласуфи франсавӣ, Лессинг /1729-1781/—нависанда ва мунаққиди немис, Ҳердер /1744-1803/ -файласуф ва мунаққиди немис, Ломоносов /1711-1765/ -шоир, муаррих, рассом ва асосгузори забони адабии рус, Радищев /1749-1802/ - мутафаккир ва нависандаи рус, Н.В.Гогол /1809-1852/ –нависандаи рус ва ғайра машғул гардид. Ҳамчунин Абовян таърихи умумиҷаҳонӣ, таърихи Шарқи Қадим, Юнону Римро аз худ намуда, баҳраҳо мебардорад ва ҳамин тариқ ҷаҳонбинии ӯ ташаккул меёбад.

---

*Аветик Исаакян /1875-1957/* - нависандаи машҳури арман

*Дерпт* – номи қадимии шаҳри Тарту /Эстония/ дар солҳои 1224-1893

*Эчмиадзин* - номи шаҳр дар Арманистон

Вафоти Абовян муаммои таърихӣ аст. Ӯ субҳи 2 апрели соли 1848 аз хона берун баромаду дигар барнагашт ва ҳолати марги ӯ номаълум ва муаммо монд.

**Мероси адабии Абовян.** Аз Хачатур Абовян мероси бузурги адабӣ боқӣ мондааст. Ба ӯ асарҳои дар жанрҳои гуногун офарида – шеърҳо, достонҳо, хикояҳо, романҳо, масалҳо, офаридаҳои публисистӣ, тадқиқоти этнографӣ ва таърихнигорӣ ва тарҷумаҳои адабӣ мансуб аст. Аммо бо ин ҳама паҳнои фаъолияти эҷодӣ ҳангоми зиндагии ӯ танҳо васоити педагогии "Предтрапье" /1839/ ба табъ расидааст.

Бо эҷоди ин асарҳо хизмат ва саҳми Х. Абовян дар он зоҳир мегардад, ки ӯ вазифаи демократикунонии адабиётро иҷро намуд ва дар шаклу мазмуни адабиёт табадуллоте ворид намуд.

Маҳз ӯ ба забони нави арманӣ ҳуқуқи зиндагӣ ва амал дод. Хачатур Абовян ба фолклор чун сарчашмаи асосии адабиёти хаттӣ эътибори ҷиддӣ дода, ба мавзӯи /тематикаи/ адабиёт низ тозагӣ ворид сохт. Ӯ мавзӯи адабиётро аз таърих ба сӯи ҳаёти муосир барои ҳалли масъалаҳои миллӣ ва сиёсиву иҷтимоӣ ворид сохт. Қаҳрамонони осори ӯ аввалин бор дар адабиёти арман инсонҳои аз халқ баромада қарор гирифтаанд.

Хачатур Абовян чун зиёии бедорфикр ба санъати гузаштаи халқи арман эътибор дода, нақши созандагии санъатро дар мушоҳидаву гуфторҳояш баён намудааст, ки дар таърихи афкори эстетикии Х. Абовян саршори идеяҳои маърифативу ватанпарастӣ аст.

Санъатро раҳнамои ақидаҳои пешқадами худ донистани Х.Абовян бесабаб набуда, дар натиҷаи дарк карда тавонистани нақши санъат дар пешрафти ҳаёти ҷомеа ва инкишофи тафаккури миллии халқ рӯи кор омадааст. Аз ҳамин сабаб ӯ тадриҷан аз фаҳмиши ҳиссии санъат ба фаҳмиши фалсафӣ ва аҳамияти амалии он мегузарад. Ин гуна гузариш ва дарки эстетикӣ аз таҷрибаи адабиёти рус ва Аврупои Ғарбӣ манша мегирад. Маншаи назарии он бо ақоиди эстетикии Лессинг, Шиллер ва Ҳердер иртибот дорад.

Хачатур Абовян ба офаридаҳои халқӣ бо муҳаббат муносибат намуда,ба дунёи мутамаддин фаҳмондан мехоҳад, ки забони арманӣ серпаҳно аст ва имкони комили ифодаи ҳама гуна эҳсоси шоиронаро дорад.

Мақсади Х.Абовян кашфи дунёи бадеии Арманистон ва шеърияти халқи арман, барқарор намудани санъат ва исботи он, ки ҳаёти арманҳо на танҳо воқеият, балки мазмунҳои бадеӣ низ дорад.

Идеали эстетикии Х.Абовян ифодагари талаботи ноҷӯрии таърих дар тақдири халқи арман аст. Қаҳрамони ӯ инсони замони нав аст, ки барномаи амалии миллӣ—ватанпарастӣ дорад.

Аз нигоҳи ӯ бояд инсон ҳақпараст, душмани дурӯғу бӯҳтон, миҳанпараст, ёрманди нодорон ва мубориз бошад. Ин гуна андешаҳои ахлоқии худро Х. Абовян дар асарҳои ба жанрҳои гуногун—сӯҳбат, повест, масал, романи педагогӣ ва ғайра ифодаву тасвир намудааст.

Силсилаи масалҳои ӯ "Бозиҳо дар вақти фароғат" аз ин ҷиҳат мақоми шоиста дорад. Дар масалҳои ӯ андешаҳои ахлоқӣ бо танқиди лаҳзаҳои ҷудогонаи ҳаёт тавъам омада, ҳадафро муайян месозад. Х.Абовян идеали ҷамъиятиро пешниҳод менамояд, ки бунёдаш муҳаббат, хирад ва виҷдон аст.

Х. Абовян фаъолияти эҷодии худро чун шоир оғоз намуда, назми арманиро бо жанру қолабҳои тоза бой гардонид, ки барои инкишофи минбаъдаи ӯ нақши муҳим дошт. Дар ибтидои фаъолияти эҷодии ӯ назми арманӣ дар ду шакл ё қолаб—сурудҳои ошуғӣ ва шеъри классистӣ баён мешуд. Х. Абовян бо назардошти нозокат ва фазилати ин қолабҳо назми арманиро ба сатҳи тозаи адабӣ баровард. Ӯ ба қолабҳои зиёди образнок –шеъри лирикӣ, қасида, рубоӣ, достон, масал ва ғайра мустақилияти адабӣ дод, ки эҷодӣ асарҳои "Суруди Агасӣ", "Баромадан ба кӯҳи Арарат", "Тулӯи Нойк дар Арманистон" гувоҳи ин аст.

Достони ӯ «Ҳамадон» намунаи памфлети сиёсӣ буда, тавонистааст, ки оид ба зебоии табиат ва ишқу муҳаббат қисса гӯяд.

Бо вуҷуди дар жанрҳои гуногуни шеърӣ асар офаридан қобилияти бадеии Х. Абовян дар эҷоди асарҳои насрӣ бештар зоҳир гардидааст. Дар ин самт низ ӯ созандаи чандин жанрҳои нав –роман, ҳикоя, назм дар наср, ёддошт ва ғайра дар адабиёти нави арман аст. Ҳикояҳои "Ишқи аввал", "Турчанка", назм дар наср "Даромади баҳор", "Субҳи баҳорӣ дар деҳот", "Шоми баҳорӣ" ва охирин романи "Ҷароҳатҳои Арманистон" дар таърихи насри бадеии арман саҳифаҳои нав кушодааст.

Консепсияи фалсафиву эстетикии эҷодиёти Х. Абовян ифодаи мақсадноки худро маҳз дар романи "Ҷароҳатҳои Арманистон" ёфтанд. Ин роман соли 1840 навишта шуда, соли 1858 баъди вафоти муаллиф нашр гардидааст. Аҳамияти ин роман аз ҳудуди адабиёт низ берун баромада, чун қомуси ҳақиқати Арманистон орзуву омоли халқи арманро баён намуда, ифодагари рӯҳи миллӣ ва психологияи таърихии ин халқ гардидааст.

Воқеаҳои давраи ҷанги русҳову форсҳоро /1826-1828/ чун асоси роман қарор дода, Х.Абовян аҳамияти таърихии ҳамроҳшавии Арманистони Шарқиро ба Россия дар тақдири халқи арман дар қолаби бадеият баён месозад.

Романи "Ҷароҳатҳои Арманистон" асари дард ва эҳсос буда, дар он қаҳрамонон қудрату ҷозибаи муҳаббат, аҳамияти дӯстиву бародарӣ, фироқи марги наздикон, муҳаббати волидайн ва муҳаббат ба Ватанро дар вуҷудашон дарк ва эҳсос менамоянд. Муаллиф ҳунармандона ҳаёти шахсиву ҷамъиятии персонажҳояшро тасвир намуда, бо як нозукии психологӣ характери онҳоро мекушояд. Қаҳрамони роман Назлу барои марги дӯстдораш Агасӣ талх ва бодард гиря мекунад ва муаллифи роман ғаму ғуссаи онро эҳсос менамояд. Ӯ ҳамроҳи қаҳрамонони асараш

ғам мехӯрад, шодӣ мекунад. Барои ӯ ин одамон азизанд, вале муҳаббат ба ин одамон ва бо халқаш аз муҳаббати ӯ бо Ватан ҷудо нест. Дар ҳамин аст мазмуни ғояи асосии роман.

Х.Абовян дар симои қаҳрамони асосии роман Агасӣ зиндагӣ, кору пайкор ва дар охир марги ӯ инкишофи ботадриҷи як нафар шахси оддӣ, нафареро, ки дар вуҷудаш ғами халқу ватанашро мепарварад, тасвир менамояд. Дар роман ду ҷониб, ду қувва, пешбарандаи ҳаракати озодӣ ва ҷонибдори бузургманишӣ муқобил гузошта мешавад. Инҳо –Агасӣ ва Ҳасанхон буда, вохӯрии онҳо дар майдони набард нуқтаи олии инкишофи сужети роман аст. Агасӣ чун гирандаи интиқоми халқи таҳқирдида Ҳасанхонро маҷбур месозад, ки сар пеши пои ӯ гузорад.

Муаллиф бо қаҳрамононаш аз таърихи ватанаш қисса мегӯяд ва ба ин васила таърихи пурфоҷиаи Арманистонро бозгӯ менамояд.Дар дили қаҳрамононаш нисбат ба Ватан муҳаббат ва нисбат ба душманони он нафратро бедор месозад. Дар ҳамин аст, аҳамияти ин роман ва асарҳои дигари Хачатур Абовян.

## НАМУНА АЗ ОСОРИ ХАЧАТУР АБОВЯН

## ҚАЛЪАИ ЕРЕВАН

Қалъаи Ереван – ҷодугарзани ҳазорсолаи афсурда, аз болои харсанги ғафсе сари бадҳайбатонаро ба қафо хамонда, ба атроф бепарвоёна назар меафканад. Вайро аз ҳар сӯ ҷариҳо фаро гирифта, бурҷу манораҳои маҳкам, қатори кунгураҳои тез иҳота кардааанду девори дуқабатаи ғафсиаш ба андозаи даҳ оринҷ камарбандаш шудааст. Вай як пойро ба Конд, дигар пойро ба фарқи Дамурбулоқ ниҳода, як даҳон ба шимолу дигар ба ҷануб кушода, сари қоқашро ба осмон бардошта, домани васеашро ба замин паҳн намудааст; аз рӯи ҳамвор, андовакардашудаи бешармонаи вай ҳазорон чашм—тиркаш ба ҳама ҷониб тег кашида менигарад.

Ин одамхӯри бемӯи гунг ба панҷаҳои тезчангол дараи сангини тарсону ҳаросони сияҳрӯи Зангро гирифта, ба сина пахш намудааст, ҳамеша саъй дорад, ки қиёфаи зардашро ниҳон намуда, чашмони ҳарисашро накушояд ду роҳгузари содалавҳро соз карда аз роҳ барорад, фирефта, ба оғӯш гираду бе ғавғо фурӯ бибарад ва маҳв созад.

Форси маккору каззоб сохтааст онро ё турки ҷоҳили оштибезор бино кардааст—дар ин бобат санаде ё асаре нест. Таърихи он ниҳони торикист—ҳеҷ кас чизе дар ин хусус намедонад ва нашунидааст. Вале ҳоло ҳазор сол аст, ки вай пойдор истодааст ва чеҳраи чун рӯи ҳайвони ваҳшӣ бешармашро бепарвоёна нишону намоиш медиҳад. Ба тахтапушти қоқ, синаи афсурда, сари лучи вай чӣ қадар тирҳои тӯп фурӯ рафтаанд!—вале вай парвое надорад.

Пару боли шикастаро пайванд карда, вай сарашро боз бардошт, умедвор шуд, бархост, қомат рост кард ва чун пештара оби даҳон мепошад ва ба онҳое, ки сари ӯро хориданд, бо ӯ бозиданд, заифӣ ва буздилӣ, нотавонӣ ва густохии аблаҳонаи вайро масхара намуданд, таҳдид менамояд. Ин калъаи куҳнадевор, на сангин, қоҳ-қоҳ ханлида, каф ба каф зада, зуд аз ҷой бархост, шах шуд, пойҳои шикастаашро ба дарёи Занг фаровард. Дарёи Занг бошад, шубу рӯз нахобидаву наоромида, чун девона вайро бо шамшери об паёпай мезанад ва сари синаи луч, дили бешармашро метарошад, вале хашми худро фурӯ бурда, аламашро гирифта, манфурро хароб карда наметавонад; бо ғелу ғулғула рафта-рафта хомӯш гардида ва охиста рӯй пинҳон карда, ба оғӯши Занги ба сар даромада ва навмедонаву шикастадилона бо андӯх тохта ба ҳар сӯй меравад ва хазорон неъмати рӯи замин ва дигар хубиҳоро мебараду эҳсон менамояд ва аз ҳар роҳ берун омада, гум мешаваду ба хоҳари азизаш дарёи Аракс аз худ хабаре фиристода наметавонад: ереваниҳои ташнаи намӣ роҳи ӯро мебанданд ва бо муҳаббат ба канор гирифта, ба сӯи заминҳои худ мебаранд, ки бо оби неъматбахши ширтаъм дилҳои аз ташнагӣ беҳолу мадорро сероб гардонад, араки шӯрро бишӯяд ва ба самараҳои бахшиши вай қувваҳои худро зиёд намояд.

Қалъаи Ереван замини Арманистон аст, ки дар он даҳ қарн боз дуздон ва роҳзанон сар-сарӣ мегарданд, —ин ҳамон сарзамини зебоест, ки боғи биҳиштро дошт ва дар он баъди тӯфон дар кӯҳи Арман Масис худованд амр намуд, ки киштии Нӯҳ қарор бигирад, то ин ки авлоди ҳазрати Одам афзуда, ба мамолики дигар низ паҳн шаванд. Ин он замини муқаддасест, ки ҷадди арман Гайки Музаффар бо хонадон, сипоҳи диловару шикастнопазири худ омада, дараи Эдем монанди Занг, чараёни ғул-ғулаандозу пурзӯри он, водии оромӣ дарёи Аракс, куллаҳои осмонхароши Масис ва Алгиёс, водиву кӯҳсори шукуфони Севанро дида, ба ин ҷо чӯбдасти салтанати худро халид ва ба ин сарзамин номи муқаддаси Айастан /мамлакати Айк/-ро дод... Ин ҳамон заминест, ки дар он ҷо Варда Мамиконян ва бародари наҷиби ӯ Ваган бо диловарии беҳамто хуни худро рехта, дорои ҳуқуқ, шараф шуданд; он замини зебоест, ки Рубениҳо ва Багратиҳо ватани худро, ки дар зери пои душманони бешумор нола мекард, ба ҷон дароварданд; ин ҳамон замини назаркардаест, ки онро ошуриён, форсҳо, эллиниён, аланон, мақдуниён, румиён, арабҳо, туркҳо бо лашкарҳои беҳисоб пахш намуда, шустанд, рӯфтанд, аз дами шамшер гузарониданд, оташ заданд; он заминест, ки аз он садҳо қабилаҳои ҳамсоя даргузар шуданд, асаре аз худ боқӣ нагузошта, несту гум шуданд.

Халқи арман, халқи авлоди Айк, салтанату шӯҳрат, ҳокимият ва сипоҳро аз даст дода, дид, ки ин тӯфони харобиовари ҳамдигарро поймолкунандаи халқҳо ба ҳар сӯ, ки равад—хоҳ ба Аврупо, хоҳ ба Осиё, албатта бояд замини арманиро зер карда гузарад,—ба осмон нигарист ва

аз байни ҳазорон оташ, ҳазорон шамшер гузашта, дилро маҳкам карда, то айёми мо эътиқод ва қонунҳои муқаддаси худро начибона нигоҳ дошт. Ин халқ нафас ба дарун гирифта, дар рӯзҳои мо чашм ба осмон дӯхта, нигарони он шуд, ки Симурғи тавонои рус парида ояд ва сояи болҳояшро ба замину бачагони вай афканад.

Дар зарфи ягон бист сол пои насрониёни бомаърифат, аврупоиёни салибпараст Америкаи шӯрбахтро чандон хароб намуд ва бо замини сиёҳ яксон кард, ки аз тоифоти панч—шаш миллиони он ҳоло ҳазор кас намондаасту онҳо ҳам дар кӯҳсору дараҳо ҳамчун ҳайвони ваҳшӣ сарсону саргардон мегарданд, ба тақдири худ мегиряну нобуд мешаванд. Барои халқи шӯрбахти арман, ки аз тӯфони Нӯҳ ин тараф дар зери асорати бутпарастон, мусулмонон азобу уқубат кашида, ба онҳо мубориза бурдан, гоҳо ва ба андак муддат голиб омадан то чӣ андоза душвор буд?

Оё садбарг дар баҳр мешукуфад, бунафшаро тоби оташ аст? Оё хӯшаи гандумро тоби барқу жола аст, ки халқи мо ба фишори аҷнабиён тоб оварад?

Халқи арман, арманӣ қурбонат шавам! Ҷон ба ту қурбон, сарзамини арман!

Арманиён, рӯзи ба сарзамини мо қадам ниҳодани русҳоро ба некӣ ёд кунед, бо онҳо якдилу ҷон бошед, ҳамдигарро дӯст доред, ҳамчун бобоёни мо ҳамдигарро муҳофизат намоед!

Гардед, ба қалъаи Ереван меравем. Рӯз ба охир мерасад; пеши чашмам торик мегардад. Дил сих мезанад; замине, ки дар он таваллуд шудаам, он ҳам хас ба чашму ханҷар ба дил мешавад. Ҳатто парранда лонаашро дӯст медораду ман аз маъвои худ нафрат дорам: охир он чи ки ман дидаам, шунидаам, ба оташ мубаддал шуда диламро месӯзад, хокистар мекунад, зеро ҳам замин ва ҳам санги қалъаи Ереван—яқинан исрор намудан мумкин аст! — бо хуни арман васл гардидаанд. Чӣ кунам, худро ба кадом об занам, ки дилам таскин ёбад? Магар хубтар нест абадӣ чашм пӯшам, набинаму насӯзам?!

Қалъаи Ереван, қалъаи Ереван!

Аз бозе, ки арманиён дар мамлакати худ аз ҳукмронӣ маҳрум шудандy форсҳову усмониён дар Аврупо ба румиён фишор оварда, дар ин ҷо халқи Юнонро азоб дода, дар Осиё ошуриёну бобулиёнро қир карда, ба шамшерҳои бурро чун галаи хашмини шеру палангон аз ду тараф тайёр мешуданд, ки хуни моро хӯранд ва шиками носерашонро пур кунанд, — гоҳе, ки яке мехоиду ба дигари медод, яке баъди макидани хун ғаниматашро ба чанголи дигар мепартофт,—аз ҳамон вақт қалъаи Ереван боз саду панҷоҳ сол дар дасти туркони усмонӣ уқубат дид.

Соати саъд аст он соат, ки қадами тавонои рус ба замини арман ниҳода шуд ва чинни носеризадаи бадхашми қизилбошро зада пеш кард! То даме, ки нафас дар сина аст, мо рӯзҳои аз сар гузарондаамонро бояд ба

ёд оварем ва чун русеро бинем, эҳтиромаш кунем, ба худое, ки дуои маро иҷобат намуда, моро ба дасти пурқуввати рус додааст, шукр гӯем.

Вале барои ин бахту толеъ чӣ рӯзҳои пурдаҳшатро аз сар гузаронидем, ба сари халқи балокаши арман тири кӣ буд, ки наборид, чӣ шамшерҳое бадани ӯро чок-чок ва замини азизи онро ғарқи хун накардаанд; чанд борҳо манзилу маъворо партофта, кишвар ба кишвар гашт, чӣ қадар князҳоямон ҷон дар зери зарбаҳои бераҳмона доданд!...

Аммо ҳоло, ки чеҳраи русро надидаем, бори дигар ба Ереван медароем, — ин ватани мост, гузаштагони мо дар ин ҷо умр ба сар мебурданд, ҳукм меронданд, мемурданд, дафн мешуданд ва фақат он вақт мо тамоми некӯкориҳои русро ва қадри бахтамонро мефаҳмем.

Ҳар кас, ки хоҳад пайрави мо бошад!

Қалъаи Ереван, қалъаи Ереван!

Оҳ! Чун субҳдам ба сари бешармонаи вай чашм афтод, ба назар чунин намуд, ки худи ҷаҳаннам даҳон кушода, дандон месояд, бадқаҳрона нафас гирифта, нафаси палиду заҳролудро аз худ дур меафшонад, то ин ки дар рӯдаҳои пӯсидааш ҷисмҳои маъсумро ҳазм намояд ва боз ҳазорон қурбониҳои бегуноҳро ба даҳон гирифта, нахоида, фурӯ бараду нафси носерашро қонеъ гардонад...

Дар ҳангоми ғуруби офтоб чунин намуд, ки хешовандону ақрабоёни ҷин, сипоҳҳо ва сипоҳсолорони ӯ дар ин ҷо чинвор мебозанд, базми дӯзахро мероянд ва дар болои манораҳо, дар ину он ҷо сарҳои буридашуда меҷаҳанд, танаҳои бесар метапанд, ба онҳо туф мекунанд, каф мезананд, коҳ-қоҳзанону ҳаёҳуйкунон бо шамшеру найза ва чӯбдаст, қабри қадомеро такурӯ мекунанд, онҳоро бо пой мезананд ва ба дара меандозанд.

Нисфирӯзӣ чунин вонамуд, ки дар ин ҷо кӯҳи оташ барқарор аст ва синаи он пури олтингӯгирди фурӯзон, вай дуд менамояд, дармегирад, гумон мебарӣ, ки тайёр аст ҳозир гулдурос зада во мегардад ва ҳамаю ҳар чизро зеру забар мекунад ва фурӯ мебарад.

Ҳар як манораву бурҷи пури устухони одам ва басе қурбониҳои бегуноҳи маҳбус чун хукҳои бордор вазнин шудаанд, —дигар онҳо ёрои ҷунбонидани шиками калонро надоранд ва ба қадре варамидаанд, ки гумон мебарӣ ҳозир мекафанд.

Шӯълаҳои офтоб гунбазҳои заргандуди масҷидро навозиш намуда, гӯе бо нафаси одамони бевиҷдон, сангдиле, ки дар зери ин гунбаз намоз мехонанд, варам карда, ба ҷои шукронаву илтиҷо ба парвардгор—илоҳӣ сулҳу амониро диҳад—онҳо интизори аз осмон ба замин фаровардани оташи пуршӯру шаре буданд, ки вай кӯҳу кӯталро сӯзаду хокистар кунад.

Чӣ ҳам мегӯию нақл мекунӣ! Шояд рӯзи қиёмат ба умеди марҳамати худованд ба ин дараҷа нашавад чу ин рӯзҳое, ки шабона одам намедонист, ки пагоҳ ба сараш чӣ меояд ва субҳдам боварӣ надошт, ки то бегоҳ зинда мемонад, — одамон ба ин андоза мevaҳмиданд ва меларзиданд.

Қалъаи Ереван, қалъаи Ереван!

**Савол ва супориш:**

1.Чаро адабиёти нави арманро бе номи Хачатур Абовян тасаввур кардан мумкин набудааст?

2.Тағйироти куллии дар ҳаёти Абовян ба амал омадаро чӣ хел фаҳмидан мумкин аст?

3.Чаро марги ӯро муаммо мегӯянд?

4.Муҳаққиқони осори шоир романи "Ҷароҳатҳои Арманистон"-ро қомуси ҳақиқати Арманистон маънидод

кардаанд, инро чӣ хел маънидод мекунед?

5.Ҳикояи "Қалъаи Ереван" ба шумо маъқул шуд? Агар маъқул шуда бошад, бо кадом хусусиятҳояш,

маънидод кунед.

## ҶУБРОН ХАЛИЛ ҶУБРОН
(1883 - 1931)

Ҷуброн Халил Ҷуброн яке аз нависандагони овозадори араб буда, соли 1883 дар деҳаи Башарраи Лубнон ба дунё омадааст. Соли 1885 оилаи Ҷуброн дар ҷустуҷӯи қути лоямут аввал ба Париж /Франсия/ баъд ба шаҳри Бостони Иёлоти Муттаҳидаи Америка ҳиҷрат мекунанд.

Туфулият ва наврасии Ҷуброн бо азобу машаққат ва маҳрумиятҳои зиёде гузаштааст. Бо вуҷуди ин, ӯ барои кӯмак расонидан ба оила ва соҳиби маълумот шудан аз кори ҷисмонӣ рӯ наметофт. Ин буд, ки ӯ тавассути кӯшишу ғайрат соҳиби хату савод ва маълумот гардида, дар ибтидо касби суратгириро пешаи худ қарор медиҳад.

Пас аз чанд муддате, баъди саёҳати марказҳои тамаддуни ҷаҳонӣ чун Рим, Лондон, Париж, Брюссел ва ғайра аз ҳайкалтарош ва рассоми бузурги фаронсавӣ Огюст Роден /1840-1917/ нозукиҳои ин касбро аз худ мекунад. Баробари пайдо кардани малакаю маҳорат ва аз худ кардани нозукиҳои ин касб ӯ ба омӯзиши асарҳои шоир ва рассоми номии англис Уилям Блейк /1757-1827/, ки дар доираҳои онрӯзаи адабиёту санъати Фаронса хеле машҳур ва таъсири амиқе дошт, машғул шуда, баҳраҳо бардоштааст. Чунин иштиёқу рағбат ва ташнаи илму адабиёт будани Ҷубронро устодаш Роден эҳсос намуда, навишта буд, ки "...ҷаҳон аз ин лубнонии хушқариҳа –Уилям Блейки садаи бист бисёр чизҳоро чашмдор аст".

Ибтидои фаъолияти илмиву адабӣ ва қории Ҷуброн аз рассомӣ оғоз ёфтааст. Вале ӯ дар ин ҷода /суратгарӣ ва рассомӣ/ комёб нагардида, баъди фурсате аз ин кор даст мекашад.

Баробари омӯзиши пайваста, худ низ ба навиштани очерку новелла ва таронаву асарҳои мансур машғул мешавад. Навиштаҳои Ҷуброн дар байни зиёиён, донишҷӯён ва хулоса миёни мардуми араб маҳбубияти зиёд ва шӯҳрат пайдо мекунад.

Мусибатҳои пай дар пай - вафоти хоҳар ва баъд модару бародар ӯро ба гӯшанишинию азобҳои рӯҳӣ гирифтор намуд. Дар чунин лаҳзаҳои риққатовару танҳоӣ ҳамоно адабиёт ва фалсафа ҳамдаму ҳамнафаси Ҷуброн гардид. Ӯ дар ин айём ба омӯзиши фалсафаи Фридрих Нисше /1844-1900/, ки бо сабки хосу шеърияти волои худ ақлу идроки Ҷубронро рабуда буд, машғул шуда, дар пайравии ӯ ба иншои таронаҳои фалсафӣ машғул мешавад.

Ҷуброн Халил соли 1920 бо ҳамроҳии дӯстонаш Рашид Айюб, Михаил Нуайме, Насиб Ариза, Абдулмасеҳи Ҳаддод ва дигарон ташкилоти "Ар-робитату-л-қаламия"-ро ташкил мекунад, ки роҳбарӣ ва сарварии онро ба зиммаи Ҷуброн гузоштанд. Ин ташкилоти адабӣ дар ташаккул ва эҳёи чараёни нав дар адабиёти араб – мактаби адабии суриёвию амрикоӣ, ки намояндагони он аз маданияти бегонагон /нисбат ба маданияти араб/ бисёртар истифода кардаанд, хизматҳои шоистаеро ба ҷо овардаанд. Марому мақсади эшон дар асарҳояш ифода намудани андешаҳои бикр, хаёлоти рангину суханҳои хушоҳанг буда, ҳисси ватанхоҳӣ, истиқлол, нафрат ба чабру зулм ва ҷангу зӯроварӣ маромн онҳо буд.

Ранҷу азобҳои давраи наврасиву ҷавонӣ ва машаққатҳои зиёди зиндагӣ ӯро ба касалии сил гирифтор намуда буд. Ҷуброн соли 1931 дар айни авҷи камолоти эҷодӣ аз бемории сил вафот мекунад.

**Мероси адабӣ.** Ҷуброн Халил чун сарояндаи шеъри мансур, яъне таронаҳо ба забонҳои арабиву англисӣ асарҳо эҷод намудааст. Китобҳои ӯ "Арӯсҳои марғзор", "Ошӯбгарон", "Девона", "Ашкею табассуме ", "Арвоҳи осӣ", "Болҳои шикаста", "Бӯронҳо", "Пайғамбар", "Рег ва кафк", "Пешрав", "Ҳайрат ва мӯъчиза", "Исо—зодаи одам", "Мусиқӣ" ва ғайра дар таърихи адабиёту фарҳанги араб мавқеи муҳимме дошта, ба забонҳои бисёри дунё тарҷума шудааст. Ӯ ба воситаи тарҷумаи асарҳояш, махсусан тавассути шеърҳои мансураш шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо намуд.

Эҷодиёти Ҷубронро асосан тарона ташкил медиҳад, ки "таҳаввули ин жанри адабиро дар адабиёти ҷаҳон бе осори ӯ /Ҷуброн/ тасаввур кардан душвор аст".

«Мӯҳтавои таронаҳои Ҷубронро асосан "зебоиҳои хаёломезона", андӯҳу шодӣ, муҳаббат ва нафрат, зебоӣ ва безебӣ ташкил додааст", — навишта буд, мутарҷими осори Ҷуброн адабиётшинос Фотеҳи Абдулло.

Агар ба осори Ҷуброн жарфтар назар андозем, ӯ орзуву омоли мардуми заҳматкаш ва аҳли ҳунару меҳнатро тараннум намудааст, ки "онҳо касоне мебошанд, ки ҳама ҷо бар атрофиён забардастӣ мекунанд ва устувор аз ҷодаи ҳақиқат сӯи зебоӣ ва камолот роҳ месипаранд".

Ҷуброн адиби файласуф ва мутафаккири воқеъбин буда, "дар шарҳу тафсири ҷамъият ва табиат диди хоссаи ҷамъиятию эстетикӣ дошта, дили нозукпарвараш дар оташи ғаму дарди инсон ҳамвора тапида, инсонро аз заволҳои асорати моддиву маънавӣ во раҳонидан мехоҳад, дар ин роҳ болу пар мезанад ва барои соликони роҳи озодӣ чун чароғ месӯзад, аммо

роҳи дурусти халосиро нишон дода наметавонад. Инсони исёнпешаи безавол, инсони озоди инсондӯст, инсони соҳибхиради покдил,— хуллас инсони комил идеали эстетикии Ҷуброн мебошад.

«Бо ҳама ихтилоф ва иштибоҳи фикр, навиштааст Фотеҳ Абдулло - - рӯҳи бузург ва ҷасоратманд, рӯҳи зебоипараст ва ҳаётдӯст, рӯҳи ошӯбгар ва озодихоҳ алайҳи истисмор ва бадбахтӣ, ҷаҳолат ва бадӣ овоз баланд мекунад. Ҷавҳари асори Ҷуброн башардӯстист. Ӯ имони комил ба тантанаи некӣ ва адолат, озодӣ ва саодат дорад".

Осори Ҷуброн аз солҳои хафтодум дар рӯзномаву маҷаллаҳои тоҷикӣ қисм-қисм чоп шуда, ба дилу дидаи хонандаи тоҷик ҷой гирифтааст. Дар тарҷума ва паҳн намудани шеърҳои мансур – таронаҳои Ҷуброн хизмати мунаққид, мутарҷим ва адабиётшиноси тоҷик Фотеҳи Абдулло бузург аст. Соли 1977 тавассути нашриёти "Ирфон" китоби шеърҳои мансур—таронаҳои Ҷуброн бо номи "Табассум ва ашк" дар тарҷумаи Фотеҳ Абдулло дастраси хонандаи тоҷик гардида, ба зуди ба дилу дидаи онҳо ҷой гирифт.

## НАМУНАҲО АЗ ЭҶОДИЁТИ ҶУБРОН ХАЛИЛ

### (Аз китоби "Табассум ва ашк")

### Абадият ва миллат

Дар теппаҳои Лубнон, назди ҷӯе, ки бо ранги нахи нуқрафом байни саҳроҳо ҷорист, шубондухтаре менишаст; дар бараш рамаи гӯсфандони лоғар хушкалафро аз зери хорҳои сабз пайдо карда, кавша мезаданд; духтар гӯё қиссаи ояндаро дар саҳифаҳои фазо мехонда бошад, ба уфуқи дур назар меафканад, ашкҳо, ба ранги қатраҳои дурахшони шабнами рӯи гулбаргҳои наргис, чашмонашро зинат медоданд, андӯҳ гӯё дили варо рабуданӣ бошад, даҳон мекушод.

Шомгоҳ, оне ки пардаи торикӣ ба пӯшонидани пуштаҳову кӯҳҳо оғоз кард, назди духтар ногаҳон пирамарде сапедриш, бо мӯйҳои ғулии ба бару дӯш парешон, доси тез дар даст пайдо шуд. "Дуруд, Сурия", — гуфт ӯ бо садои мавҷосо.

Ва духтар ҳаросон бархеста, бо биму андӯҳ ба ӯ посух дод: "Барои ту эдун чӣ даркорам, эй абадият?"

Ва сӯи гуспандонаш ишоракунон давом дод: "Ана бақияи рамаи аз тамау ҳирси ту амонмонда, ки замоне водӣ аз он пуропур буд. Магар барои дуздидани бақия омадӣ?

Ана заминҳои лагаткӯби ту шуда, ки пеш фарбеҳу зархез буданд; гӯспандони ман гули алаф мехӯрданд, акнун аз хавфи ҳалокати гушнагӣ хор ва решаи дарахтон мехоянд.

Эй абадият, аз худо тарс ва аз ин ҷо бирав; зиндагӣ дар ман ба беадолатиҳоят адоват талқин кардааст ва марг маро гиромитар аз ситами доси туст.

Маро бигзор, то танҳо ашк резам, нақҳати андӯҳро фурӯ барам. Мағриб бирав, ки мардум ҷашнҳову пирӯзиҳо мешароянд; ман вале чун пешинзамон дар мотамҳои барпокардаат зор-зор мегирям".

Аммо пирамард ба ӯ падарвор нигарист ва досро дар бари пероҳанаш руст карда, гуфт:

"Ман, эй Сурия, ба худ фақат як ҳиссаи бахшидаамро гирифтаам ва яғмогар нестам, балки мадюне ботақво ҳастам, ки қарзашро бармегардонад. Бидон, ки ба хоҳаронат—миллатҳое, ки пеш канизак буданд, муяссар шуд, ки шаъну шӯҳрат лаззат баранд ва қабои туро бипӯшанд. Ман ва адолат ду тан аз хилқатем, ба ман хоҳаронатро аз инъом маҳрум кардан ҳаром аст ва ман маҷоли гузаштан аз муҳаббате надорам, ки ба ҳиссаҳои баробар қисмат мешавад.

Ту, эй, Сурия, мисоли ҳамсоягонат – Миср, Эрон ва Юнонӣ, ки ҳамин қадар рама, ҳамин тавр чарогоҳ доранд ва чизе ки таназзул номидаӣ, хобе гарон аст, ки аз пасаш бедорӣ ва меҳнат меоянд: гул танҳо баъди хазон ба ҳаёт бармегардад, ишқ танҳо баъди ҷудоӣ бузург мешавад".

Ва пирамард назди духтар рафта гуфт: "Дастамро бифишур, эй духтари пайғамбарон!" Ва ӯ ба вай бо чашмони ашкполо нигоҳ карда, дастонашро гирифт ва гуфт: "Падруд, эй абадият, падруд!" Ва ӯ посух дод: "То боздид, эй Сурия!"

Ва пирамард барқсон аз назар ғайб зад, духтар гӯспандонро нидо кард ва бо наҷво ин суханонро такроркунон дур шуд: "Оё ин воҳурӣ баргузор мешавад?"

## СУЛҲ

Тӯфон навдаҳоро шикаста, алафҳоро пахш карда, ором шуд, дар гунбади афлок аҳтарон, ҳамчун барқпораҳо, падид омаданд ва дар даштҳо хомӯшӣ ҳукмфармо гашт, гӯё ки корзори офатҳои табиат рӯ нагода бошад.

Духтаре ба хона ворид шуда, рӯи бистар парӯ афтод, талх гирист ва нафаси сӯзонаш дар чунин вожаҳо таҷассум ёфт: "Худоё, ӯро ба ман бигардон, охир оби дидаам хушкид, ҷавониам хазон шуд. Эй рӯҳи мутлақи беҳад, ӯро ба ман баргардон, зеро ғам фартутам карду сабр диламро пажмурд. Ӯро аз чанголи ҷанг раҳоӣ деҳ, аз марги ҷонситон наҷот бахш, ба ҷавони нотавон, ки аз ман қувваи мудҳише гирифта будаш, тараҳҳум кун. Эй ишқ, душманат—ҷангро мағлуб соз ва маҳбуби ман яке аз фарзандонатро озод кун. Эй марг, дур шав аз ӯ ва бинмо, то бибинамаш ё маро наздаш бибар!"

Дар ин дам ба хона ҷавоне бастасар даромад: қатраҳои хуни сурх—нишонаҳои пайкор—аз зери докаи сафед метаровиданд. Ӯ ба духтар наздик шуда, бо ашку лабханд дуруду паём дод ва бо лабони оташнокаш дастони варо бӯсида, бо овози омехтаи шаафи ишқ ва сурури мулоқот гуфт: "Матарс! Оне, ки сӯг медоштияш, баргашт. Шодӣ кун, зеро баро-

ят сулҳ рабудани ҷангро бозгардониду одамият дуздидаи ҳирсро! Гиря макун, лабханд зан, зеро қазову қадари ба мардум ситамгар баъзан шафиқи ёрони ҷанговар аст. Тааҷҷуб макун, ки ман зинда баргаштам, зеро ишқ тилисмест, ки аз дидани он марг пас мешинаду душман рӯ ба гурез мениҳад. Ман баргаштам, маро шабаҳи аз дайри марг ба маъвое, ки дар он зебоӣ ва осудагии ту сукунат дорад, омада машумор. Матарс, ман ҳақиқати аз шамшеру оташ наҷотёфтаам, ки ба мардум дар бораи ғалабаи ишқ бар ҷанг нақл мекунам, ман сухани гӯёи инсони сулҳам, то сарогози ҳикоят дар бораи саодати ту бошам".

Ва ӯ дигар сухане гуфта натавониста, гирист ва пайкҳои шодӣ кулбаи ҳақиронаро гирд карданд ва ҳар ду дил ба чизе, ки дами ҷудоӣ маҳрум шуда буданд, доро гаштанд.

Ҳангоме ки сапеда дамид, духтару ҷавон ба дашт баромаданд, ки аз ҳусни табиат баҳравар гарданд. Ва баъди лаҳзаҳое сукут, ки равшантар аз сухан буд, ҷанговар ҷониби ховар нигарист ва ба дилбараш гуфт: "Нигоҳ кун, чӣ сон хуршед аз торикистон баланд мешавад!".

## ЁР

### Нахустин нигоҳ

Лаҳзаи мастиву хушёрии ҳаётро ҷудоибахш аст, нахустин шарораи фурӯзандаи ниҳонхонаи дил аст, нахустин садои сеҳромези нахустин тарҳои қийсори дили инсонист, лаҳзае беш нест, ки ба рӯҳ аз ваҷҳи рӯйдодҳои гузаштарӯзҳо ҳикоят мекунад, ба чашмони ӯ муаммои шабро мекушояд, ба ӯ корномаҳои хирадро дар ҷаҳон дарак медиҳад ва асрори абадиятро дар оянда ҳувайдо месозад. Тухмест, ки аз сипеҳр Зӯҳра афшондааст, ки дар чашмҳо акс ёфта, ба мазраи дил меафтад ва бо эҳсосот сабз шуда, ба рӯҳ мева медиҳад. Нахустин нигоҳи ёр шабаҳи рӯҳест, ки рӯи обҳо мегашт, аз он арзу само пайдо шуданд. Нахустин нигоҳи ҳамнафаси ҳаёт шабеҳи каломи оллоҳи таолост: "Бош!"

### Нахустин бӯса

Нахустин ҷуръаи паймонаест, ки худоён аз нӯшобаи ишқ лаболаб кардаанд. Ҳаддест байни гумон, ки дилро афсурда месозад ва ҳақиқат, ки онро мамлӯи шодмонӣ мекунад. Сарогози достони ҳаёти рӯҳ ва нахустин боби китоби хиради инсонист. Риштаест, ки мӯъҷизоти гузаштаро бо ҳашамати оянда мепайвандад, сукут ва таронаи эҳсосотро меомезад. Суханест, ки навҷавону дӯшиза иброз медоранд, ки абадулобод дилро маснад эълон мекунад, муҳаббатро шоҳаншоҳу садоқатро тоҷ. Расише нозук аст монанди насиме, ки гулбаргҳоро менавозад; дар он—оҳе даро-

зу гуворанда ва нолае пинҳону дилфиреб. Ибтидои изтиробҳои мӯъҷизавор аст, ки дилбохтагонро аз олами воқеӣ ба олами рӯъёҳо мебарад. Пайванди мехчагул ва савсан, омезиши нафаси онҳоест, ки гули нав тавлид мекунад. Агар нахустин нигоҳ тухми илоҳии ишқ ба мазраи дили инсон афгандаро ба ёд орад, пас нахустин бӯса ба нахустин гули нахустин навдаи дарахти ҳаёт шабоҳат дорад.

## Никоҳ

Маҳз дар ин ҷо ишқ ба офариниши достони ҳаёт ва аз маънои ҳастӣ ба сохтани ҳисори дархури замон шурӯъ менамояд. Маҳз дар ин ҷо эҳтирос аз муаммоҳои гузашта пардаҳо мебардорад ва аз зарраҳои лаззат бахте меофарад, ки ба он танҳо бахти рӯҳи фармонравояшро каноргир метавонад, монанд бошад. Никоҳ иттиҳоди ду худовандист, барои дар замин пайдо кардани худовандие сеюм; васлати ду тани дар муҳаббати худ қавӣ, дар муқовимат бо даҳри дар адовати худ заиф мебошад; омезиши маи каҳрабогун бо хокаи лаълфом аст, ки нӯшобаи норанҷӣ падид меорад, ки ба ранги осмони пеш аз тулӯи офтоб шабоҳат дорад. Аз мухолифатҳо даст кашидани ду дил ва ба иттифоқ пайвастани онҳост. Ҳалқаи зарандуди занҷир аст, ки оғозаш нигоҳ асту анҷомаш анҷом надорад, борони оинафом аст, ки аз гунбади равшан ба табиати муқаддас мерезад, то неруи даштҳои ҳуҷастаро ба зиндагӣ бедор кунад. Агар нахустин нигоҳи дилбохта тухми ишқи ба мазраи дил афкандаро ба ёд орад, нахустин бӯсаи лабони ӯ ба нахустин гули навдаҳои ҳаёт монанд бошад, пас никоҳ нахустин гули аз нахустин тухм рустааст.

## АЗ КИТОБИ "РЕГ ВА КАФК"

Қадри инсон на дар он аст, ки ба чӣ комёб шудааст, балки дар он аст, ки ба чӣ ҷаҳду ҷадал дорад.

* * *

Шуҷоат вулқонест, ки дар теғаи он гиёҳи шубҳа намерӯяд.

* * *

Бедалел эътироз кардан дар пасттарин зинаи хирад будан аст.

* * *

Ҳақиқате, ки ба далел эҳтиёҷ дорад, танҳо нисфи ҳақиқат аст.

* * *

Бояд ҳамеша ҳақиқатро донист ва гоҳо дар бораи он бо овози баланд сухан гуфт.

## ШОИР

Риштае, ки ҷаҳонро ба оянда мепайвандад. Чашмае ҷонфазо, ки аз он рӯҳҳои ташнагон менӯшанд. Дарахте, ки канори рӯди зебой сабз шудаасту дилҳои гурусна меваҳои расидаи онро мечӯянд. Ҳазордастоне,ки дар навдаҳои сухан пар зада, гулбонге дармедиҳад, ки аз назокат жарфои ҷаҳонро лаболаб мекунад. Абре сапед, ки дар уфуқ пайдо шуда, афзуда, рӯи осмонро мепӯшад ва қатраҳои боронро ба рӯи гулҳои пажмурдаи киштзори зиндагӣ фурӯ мерезад. Шохе фиристодаи яздон, ки ба инсон худовандиро дидан меомӯзад. Нуре фурӯғогину зулматсӯз, вуҷудпазируфта дар чароге, ки онро аз равғани Астарта—худозани ишқ пур кардаву Аполлон худои нағмаву суруд барафрӯхтааст.

Танҳое, қабои фурӯтанӣ пӯшидае, таоми назокат хӯрандае, дар оғӯши табиат пинҳоншудае, ки эҷод кардан омӯзад; дар сукути шаб бедоре, ки дилинтизори ташрифи рӯҳ аст; кишоварзе, ки ба боғи эҳсосот тухмҳои дили хеш мефишонад, ки фаровон ҳосил медиҳанду онро инсоният ва худи ӯ мебардоранд.

Чунин аст шоир, ки мардум варо, то даме ки байни эшон мезиҳяд, намедонанд, танҳо вақте огоҳ мешаванд, ки ӯ ин ҷаҳонро падруд гуфта, ба ватани илоҳии хеш бармегардад. Ӯ аз инсоният чизе илло лабханде нарм намехоҳад; нафаси ӯ фазоро мамлӯи шабаҳҳое зиндаву зебо мекунад, вале мардум бе маъво мегузорандаш.

То кай, эй инсон, то кай, эй кайҳон, онҳоеро офарин мехонед, ки заминро бо хуни ноҳақ, обёрӣ мекунанд ва онҳоеро нафрин мекунед, ки ба зебоии равонҳояшон барои дигарон хушиву фараҳ мебахшанд? То кай, эй инсон, то кай, эй кайҳон, онҳоеро меситоед, ки гардан ба асорати ғуломӣ мегузоранд ва онҳоеро фаромӯш мекунед, ки бо нури дидагон зулмати шабро медаранд, то дигаронро дидани шавкати рӯз омӯзанд ва барои саодати онҳо худро мубталои уқубату фалокатҳо мекунанд?

Эй шоирон, эй ҳаёти ҳаёт, қарнҳоро шумо бо ҳама бераҳмиашон фатҳ кардед ва бо тоҷи ифтихор сарфароз шудед; ба васвасаю иғвоҳо нигоҳ накарда, дилҳоро ба даст овардед! Ҳукумати шумо беканор ва безавол аст, эй шоирон!

**Савол ва супориш:**

1.Туфулият ва наврасии Ҷуброн чӣ хел гузаштааст?

2.Барои чӣ оилаи Ҷуброн ба ҳиҷрат рӯ овард?

3.Ташкилоти "Ар-робитату- л-қаламия" чӣ хел ташкилот будааст? Марому мақсади онҳо чӣ буд?

4.Дар бораи мероси адабии Ҷуброн боз чӣ маълумот доред?

5.Кадом хусусиятҳои таронаҳои Ҷуброн ба шумо маъқуланд?

6.Таронаҳоро ифоданок хонед ва дар пайравии он аз рӯи имкон чанд лавҳае иншо намоед.

# МУҲАММАД ИҚБОЛ
**(1877-1938)**

Муҳаммад Иқбол аз бузургтарин симоҳои тамаддуни ҷаҳонӣ буда, бо ғояҳои пешқадаму андешаҳои бикри худ дар самои илму адаб ва фарҳанги башарият мавқеи хос дорад.

Ӯ 9 сентябри соли 1877 /мутобиқ ба 3-юми зилқаъдаи 1294 ҳиҷрӣ/ дар шаҳри Сиёлкути музофоти Панҷоб по ба арсаи вуҷуд гузоштааст.

Гузаштагони шоир асосан аз бараҳманҳои Кашмири Ҳиндустон буда, бо амри тақдир ба Сиёлкути Панҷоб омада, исломро қабул кардаанд. Дар бораи бараҳманзода будани худ Иқбол ишораҳои ҷолиб кардааст:

> Маро бингар, ки дар Ҳиндустон дигар намебинӣ,
> Бараҳманзодае рамзошнои Руму Табрез аст.
>
> Танам гиле зи хиёбони ҷаннати Кашмир,
> Дил аз ҳарими Ҳиҷозу наво зи Шероз аст.

Падари Иқбол бо вуҷуди ба корҳои савдою тиҷорат шуғл доштан, мухлиси эҷодиёти шоирони мутасаввиф Саноию Шайх Аттор ва дигарон буд. Инчунин ба омӯзиши Қуръону тафсири он, ҳадис ва фиқҳу дигар илмҳои динӣ завқи беандозае доштааст. Ин буд, ки Иқболро низ ба омӯзиши Қуръону дигар илмҳои динӣ ташвиқу тарғиб менамуд.

Муҳаммад Иқбол дар синни ҳафтсолагӣ Қуръонро ҳифз намуда, минбаъд таҳсилро дар мактаби ибтидоӣ ва мадрасаи Сиёлкут давом медиҳад. Ташнаи илм будан ва шавқу рағбати зиёд доштани Иқболро яке аз дӯстони падари ӯ, донишманди замон Шамсулуламо Мавлавӣ Мир Ҳасан эҳсос намуда, чанд муддат ба тарбияи шоир машғул мешавад. Иқбол аз ӯ забону адабиёти араб, забонҳои форсӣ, урду ва ғайраро меомӯзад. Бо ташвиқу тарғиби Мир Ҳасан ба навиштани шеърҳо ба забони урду ва форсӣ шурӯъ мекунад.

Муҳаммад Иқбол баъд аз хатми мадраса ба коллеҷи техникии Сиёлкут дохил шуда, онро бо баҳои аъло хатм мекунад. Донишҷӯёне, ки коллеҷро бо баҳои аъло тамом менамуданд, имтиёзи гирифтани робита /стипендия/-и дусолаи ҳукуматӣ доштанд. Ин ба Иқбол имкон дод, ки минбаъд таҳсилро дар коллеҷи давлатии Лоҳур /с.1896/ давом диҳад.

Ҳангоми таҳсил ӯ бо олимону адибон ва донишмандони замонаш шиносоӣ пайдо намуда, бо онҳо дар иртибот будааст. Чӣ хеле ки муҳаққиқони осори шоир ҳадс мезананд, шеърҳои ба забони урду иншонамудаи ӯро яке аз донишмандони замон Маликушшуаро Доғи Деҳлавӣ таҳрир ва ислоҳ намуда, маслиҳатҳо медодааст.

Шиносоии Иқболро бо профессори донишкадаи олии давлатии Лоҳур Томас Арнолд /шарқшиноси маъруфи англис/ махсус таъкид намудан бамаврид аст. Зеро бо тарғибу ташвиқ ва роҳбарии бевоситаи ӯ Иқбол ба

омӯзиши адабиёт ва фалсафаи Ғарбу Шарқ ҷиддӣ машғул мешавад. Ин буд, ки ӯ соли 1899 донишкадаи олии Лоҳурро бо медали тилло ба итмом расонида, унвони магистри фалсафаро соҳиб шуд. Ва чанд муддат дар коллеҷи шарқшиносии Лоҳур аз фалсафа ва иқтисодиёт дарс гуфта, дар як вақт рисолаи илмии худ "Илм-ул-иқтисод" /1903/-ро ба табъ мерасонад.

Лоҳур дар он замон яке аз марказҳои фарҳангии Ҳиндустон маҳсуб шуда, адибону олимон ва донишмандони зиёде дар ин ҷо гирд омада буданд. Дар маҳфилҳои уламову удабо Иқбол бо шеърҳои худ баромад намуда, мавқеъ ва шӯҳрат пайдо намуда буд. Вале бори аввал шеъри ӯ "Ҳимолой" дар маҷаллаи "Махзан" тавассути дӯсти наздики шоир Шайх Абдулқодир, ки сардабири маҷалла буд, дастраси хонандагон гардидааст.

Баъд аз ин шеърҳои ӯ пайваста дар маҷаллаҳо чоп шуда, нафрати шоирро нисбат ба истибдод, зулму тааддӣ нишон медиҳад.

Иқбол ҳангоми дар донишкадаи олии Лоҳур кор карданаш ба таҳқиқи киёсии фалсафаи Шарқу Ғарб машғул шуда, барои такмили донишу ҷамъоварии мавод /2 сентябри соли 1905/ ба Аврупо сафар мекунад. Ӯ дар Англия таваққуф намуда, дар дорулфунунҳои Лондон ва Кембриҷ ба омӯзиши фалсафаю адабиёт машғул шуд. Шиносоии Иқбол бо мусташриқони машҳур Э. Броун, Р. Николсон ва М. Теггерт дар ҳамин давра ба вуқӯъ омад, ки дар ин бора навиштааст:

Хирад афзуд маро дарси ҳакимони фаранг,
Сина афрӯхт маро сӯҳбати соҳибназарон.

Шиносоии ҳаматарафа ба осори мутафаккирони Шарқ Синою А. Форобӣ, Берунию Ибни Рушд, Шабистарию Носири Хусрав ва дигарон дар ҳамин ҷо ба амал омада, дар асоси маводи гирдовардааш рисолаи "Таҳаввули илми мовароуттабиа дар Эрон"-ро иншо намуд.

Соли 1908 ба Олмон омада, бо донишкадаҳои Мюнхен ва Ҳейделберг шинос мешавад. Дар Мюнхен дар мавзӯи "Таҳаввули илми мавароуттабиа дар Эрон", ки дар Кембриҷ навишта буд, рисолаи докторӣ дифоъ мекунад. Баъд бо хоҳиши устодаш Томас Арнолд ба Лондон баргашта, аз забону адабиёти араб дар донишгоҳи Лондон ба донишҷӯён дарс мегӯяд. Чӣ хеле ки муҳаққиқони осори шоир навиштаанд, "Иқбол баъд аз се соли дар Аврупо ба таҳсилу тадқиқ машғул шудан ва аз университети Мюнхен дипломи доктори илми фалсафа ва аз университети Лондон дипломи ҳуқуқшиносӣ гирифтан, моҳи июни соли 1908 ба Лоҳур баргашт. Ӯро ба вазифаи профессори фалсафа ва забони англисии коллеҷи шарқшиносии давлатии Лоҳур таъйин мекунанд. Ҳукуматдорон Иқболро ба корҳои масъули давлатӣ ҷалб карданӣ шуданд, аммо ӯ бо мақсади таъмини маишати оилааш фақат додгустарии /адвокатии/ идораи адлияи Лоҳурро қабул кард. Баъди 18 моҳ бинобар нисбат ба ӯ муносибати дағалона кардани Робсон ном амалдори англис аз хизмат даст кашида, вақти худро бештар ба кори эҷодӣ сарф менамояд".

Мавзӯи асосии асарҳои дар ин солҳо эҷоднамудаи Иқбол асосан ба истиқлолу озодии мардуми Шарқ бахшида шуда, сиёсати мустамликадорону кирдорҳои разилонаи онҳо ба зери тозиёнаи сахти танқид гирифта шудааст. Инчунин дар шеърҳояш Иқбол ба бедор кардани шуури халқҳои Шарқ, ки аз шартҳои муҳимми мубориза аст, диққати ҷиддӣ додааст. Маснавиҳои "Асрори худӣ" /с.1915/ ва "Румузи бехудӣ" /с.1917/ ба ҳамин масоил бахшида шуда, на танҳо дар дилу дидаи мардуми Ҳиндустон ва дигар халқҳои Шарқ, балки тавассути тарҷумаи онҳо ба англисӣ /мутарҷим Р. Николсон/ писанди халқҳои дигар низ гардида, шӯҳрати Иқболро дучанд намуд.

Ба муносибати истиқлолият пайдо намудани Афғонистон Иқбол соли 1922 девони "Паёми Машриқ"-ро мураттаб намуда, ба шоҳ Амонуллохон бахшид, ки он як навъ ҷавоб ба "Девони Шаркию Ғарбӣ"-и Гёте ҳисоб мешавад. Худи шоир дар муқаддимаи девон ба ин масъала ишора кардааст:

Ӯ чаманзоде, чаманпарвардае,
Ман дамидам аз замини мурдае
Ӯ чу булбул дар чаман "фирдавсгӯш",
Ман ба саҳро чун ҷарас гарми хурӯш...

Девони дигари Иқбол "Забури Аҷам" ном дошта, соли 1927 интишор ёфтааст. Иқбол тавассути девонҳои "Паёми Машриқ" ва "Забури Аҷам" на танҳо дар Ҳиндустон, балки дар Эрону Туркия, Осиёи Марказию Афғонистон низ маҳбубу мақбули ҳаводорони назм гардид.

Сафи дӯстон, ҳаводорон ва пайравони Иқбол сол аз сол зиёд мешуд. Ӯро ба конференсияҳои илмиву адабӣ ва ҳатто маъракаҳои сиёсӣ бештар даъват менамуданд. Масалан, ӯро соли 1928 "Ассосиатсияи таълимоти мусулмонони Ҳиндустон" барои хондани маърӯзаву баромадҳо ба Мадрас даъват карданд. Иқбол дар донишгоҳу донишкадаҳои Мадрас ва маҳфилу анҷуманҳои илмӣ бо масъалаҳои муҳимму мухталиф ва баҳсталаби фалсафӣ баромад ва маърӯзаҳо мекунад. Пас аз он Иқболро ба Майсур—Ҳиндустони Ҷанубӣ даъват мекунанд. "Ба истиқболи шоири шаҳир ҳазорон нафар сокинони Ҳиндустони Ҷанубӣ, ҳатто сарвазири Майсур Аминулмулк Мирзо Исмоил ва дигар арбобони намоёни давлатӣ ба стансияи Банголур мебароянд. Ба шарафи ӯ дар "Китобхонаи мусулмонӣ" ва идораи маҳкамаи таълимоти Майсур маҷлисҳои тантанавӣ ташкил мекунанд. Иқбол бо даъвати низоми Дакан Осафҷоҳи VII ба шаҳри Ҳайдаробод низ сафар кард. Аҳолии Ҳайдаробод Иқболро бо тантана пешвоз гирифт". Махсусан баромад ва маърӯзаҳои илмии ӯ писанди донишҷӯён, аҳли илму адаби Ҳайдаробод гардид. Ин буд, ки ӯ баъди бозгашт бо дархосту хоҳиши донишҷӯён ва олимони донишгоҳи Олигарх ба он ҷо сафар намуда, бо гузоришоти пурмӯҳтавои илмӣ оид ба фалсафаи исломӣ маърӯзаҳо хонд. Мӯҳтавои баромаду гузоришот ва маърӯзаҳои илмии ӯ бо унвони "Таҷаддуди фалсафаи исломӣ" дар шакли китоб пешкаши хонандагон гардид.

Баромад ва маърӯзаҳои Иқбол дар Лигаи умумиҳиндии мусулмонон дар Оллоҳобод /декабри с.1930/, иштирок дар конференсияи мизи мудаввар /17 сентябр то 1 декабр с.1931// дар Лондон ва ширкати ӯ чун намояндаи Ҳиндустон дар маҷлиси байналхалқии мамлакатҳои исломӣ дар Фаластин дар рушд ва озодиву истиқлолияти Ҳиндустон заминаҳои мушаххас гузоштаанд. Махсусан иштирок ва баромади ӯ дар конференсияи сеюми мизи мудаввар /с.1932/ дар Лондон боиси таъкид аст. Зеро ӯ як моҳ пеш аз оғози конференсия ба марказҳои илмии Вена, Будапешт ва Берлин ташриф оварда, баъд ба Лондон меояд. Баъди тамом шудани конференсия Иқбол дар ҷаласаи илмии Академияи улуми Англия /10 декабри соли 1932/ дар бобати вазъияти мусулмонони Ҳиндустон маърӯза намуд.

Дар байни солҳои 1932-1935 Иқбол ба якчанд мамолики дигар, монанди Париж, Испания, Афғонистон сафар намуда, оид ба вазъи мусулмонони Ҳиндустон ва вазъи сиёсию иҷтимоии он бо маърӯзаҳои пурмӯҳтавояш баромадҳо намуд.

Соли 1934 Иқбол чун яке аз арбобони сиёсиву фарҳангии Ҳиндустон барои иштирок дар ҷашни ҳазораи Абулқосим Фирдавсӣ ва барои аз забону адабиёти араб дарс гуфтан ба Донишгоҳи Оксфорди Англия даъватнома гирифт. Вале аз сабаби бад шудани вазъи саломатиаш аз чунин сафарҳо худдорӣ намуд.

Ин шоири фарзона, ватанпарвару мубориз ва инсони комил 21 апрели соли 1938 дар Лоҳур аз олам гузашт. Чӣ хеле ки менависанд, ӯ ним соат қабл аз маргаш чунин мисраъҳоро эҷод кардааст:

Суруди рафта боз ояд, ки н-ояд,
Насиме аз Ҳиҷоз ояд, ки н-ояд,
Сар омад рӯзгори ин фақире,
Дигар донои роз ояд, ки н-ояд.

Дар дафни Иқбол зиёда аз ҳафтод ҳазор нафар табақаҳои гуногуни аҳолӣ иштирок доштанд. Марги ӯ барои тамоми халқи Ҳиндустон талафоти бузург буд. Ин буд, ки дар сӯгвории шоир марсияву байтҳои зиёде гуфта шудааст:

Ҳомид Ҳасани Қодирӣ:
Бод раҳматҳои ҳақ бар турбаташ,
Омад "ал-мағфур" соли реҳлаташ.
Ё худ шоири дигаре гуфтааст:
Иқбол чун зи дунё вақти саҳар бирафта,
Мурғи саҳар наво зад: "соҳибназар бирафта".

Робиндронат Такур дар марги Иқбол навиштааст: "Доктор Иқбол ба марги хеш дар адабиёти мо ҷоеро холӣ кардааст, ки ҷароҳати он муддати мадиде ҳам шифо нахоҳад ёфт. Имрӯз рутбаи Ҳинд дар ҷаҳон ба қадре кампоя аст, ки мо дар ҳеҷ сурате мутаҳаммили талаф додани шоире, ки шеъри вай шӯҳрати ҷаҳонгирӣ дорад, наметавонем шуд".

## МЕРОСИ АДАБИИ МУҲАММАД ИҚБОЛ

Муҳаммад Иқбол аз худ мероси бузурги илмиву адабие боқӣ гузоштааст, ки аз лиҳози мазмуну мундариҷа дар таърихи адабиёти чӣ Шарқу чӣ Ғарб мавқеи муҳиммеро дорост.

1. **"Асрори худӣ"** – маснавии фалсафии ба забони форсӣ эҷодкардаи шоир буда, соли 1915 таълиф шудааст. Мӯҳтавои маснавии мазкур ба нерӯи азим, ки дар вуҷуди инсон мавҷуд аст ва ба мушкиливу печдарпечиҳои зиндагӣ мардона мубориза бурдан бахшида шудааст.

2. **"Румузи бехудӣ"** –низ маснавии фалсафии ба забони форсӣ эҷоднамудаи шоир буда, соли 1916 иншо шудааст.

Дар ин маснавӣ Иқбол асосан ба масъалаҳои иртиботи фарду миллат диққат дода, андешаҳои фалсафии хешро нисбат ба ин масоил баён кардааст.

3. **"Паёми Машриқ"** – ин ҷавоб ба "Девони Шарқию Ғарбӣ"-и Гёте буда, байни солҳои 1918-1922 иншо шудааст. Он 42 ғазал ва 168 рубоиву қитъа ва дигар навъҳои шеърии дар мавзӯъҳои сиёсиву иҷтимоӣ, фалсафӣ ва панду ахлоқии Иқболро дар бар гирифтааст.

4. **"Бонги даро"** –маҷмӯаи ашъори ба забони урду эҷодкардаи Иқбол дар байни солҳои 1902-1924-ро фаро гирифтааст.

5. **"Забури Аҷам"** – ин маҷмӯа аз чаҳор қисм иборат аст: қисми аввал 56 ғазалу тарона; қисми дуюм 75 ғазал; қисми сеюм аз маснавии "Гулшани рози ҷадид" ва қисми чорум аз маснавии "Бандагинома" иборат аст.

6. **"Ҷовиднома"** – аз асарҳои муҳимтарини манзуми Иқбол ба ҳисоб рафта, дар зери таъсири Ҷалолиддини Румӣ /байни солҳои 1929-32/ иншо шудааст.

7. **"Мусофир"** – таассуроти сафарҳои Иқбол аз Афғонистон, махсусан аз шаҳрҳои Кобул, Ғазна ва Қандаҳор аст.

8. **"Боли Ҷабраил"** — ашъори ба забони урду иншонамудаи шоирро дар байни солҳои 1924-35 дар бар карда, асосан бо санъати суолу ҷавоб байни Иқбол /муриди ҳиндӣ/ ва Ҷалолиддини Румӣ /пири румӣ/ сурат гирифтааст.

9. **"Зарби Калим"** — низ шеърҳои ба забони урду иншонамудаи Иқболро /солҳои 1935-36/ фаро гирифтааст.

10. **"Пас чӣ бояд кард, эй ақвоми Шарқ"** – ин маснавӣ соли 1935 таълиф шуда, аз муждаи шоир ба давлатҳои Шарқ, ки давраи тираву тор ба поён расида, онҳо ба хушбахтӣ мушарраф хоҳанд шуд, иборат аст.

11. **"Армуғони Ҳиҷоз"** —маҷмӯи охирини Иқбол буда, соли 1938 чоп шудааст. Он аз ду қисм фароҳам омадааст. Қисми аввал 394 рубоӣ, дубайтӣ ва қитъаҳои форсӣ ва қисми дуюм беш аз 50 шеъри ҳаҷман хурди ба забони урду эҷодкардаи Иқболро дарбар гирифтааст.

Ба қалами Иқбол рисолаҳои "Илм-ул-иқтисод", "Таҳаввули илми мовароуттабиа дар Эрон", "Таҷаддуди фалсафаи ислом" ва "Ислом ва аҳмадизм", инчунин "Мантиқ-ут-тайр", "Китоби фаромӯшшудаи пайғамбар", "Мулоҳизаҳои ман дар бораи Қуръон", "Ислом аз нуқтаи назари ман" барин асарҳои нотамом мутааллиқ аст.

## НАМУНАҲО АЗ ОСОРИ МУҲАММАД ИҚБОЛ

**Аз "Паёми Машриқ"**

### ҶӮИ ОБ

Бингар, ки ҷӯи об чӣ мастона меравад
Монанди Каҳкашон ба гиребони марғзор.
Дар хоби ноз буд ба гаҳвораи саҳоб,
Во кард чашми шавқ ба оғӯши кӯҳсор.
Аз сангреза нағма кушояд хироми ӯ,
Симои ӯ чу оина берангу беғубор.
Зӣ баҳри бекарона чӣ мастона меравад,
Дар худ ягона, аз ҳама бегона меравад.
Дар роҳи ӯ баҳор парихона офарид,
Наргис дамиду лола дамиду суман дамид.
Гул ишва доду гуфт: —Яке пеши мо бииист!
Хандид ғунчаву сари домони ӯ кашид.
Ноошнои чилвафурӯшони сабзпӯш,
Саҳро буриду синаи кӯҳу камар дарид.
Зӣ баҳри бекарона чӣ мастона меравад,
Дар худ ягона, аз ҳама бегона меравад.
Сад ҷӯю дашту марғу кухистону боғу роғ,
Гуфтанд:—Эй басити замин бо ту созгор.
Моро, ки роҳ аз тунукобе набурдаем,
Аз дастбурди реги биёбон нигоҳ дор.
Во карда синаро ба ҳавоҳои Шарқу Ғарб,
Дар бар гирифта ҳамсафарони забуну зор.
Зӣ баҳри бекарона чӣ мастона меравад,
Бо сад ҳазор гавҳари якдона меравад.
Дарёи пурхурӯш зи банду шикан гузашт,
Аз тангнои водию кӯҳу даман гузашт.
Яксон чу сел карда нишебу фарозро,
Аз кохи шоҳу бораву кишту чаман гузашт.
Бетобу тунду тезу ҷигарсӯзу беқарор,
Дар ҳар замон ба тоза расид, аз куҳан гузашт.
Зӣ баҳри бекарона чӣ мастона меравад,
Дар худ ягона, аз ҳама бегона меравад.

### МАИ БОҚӢ

**(Аз ғазалиёт)**

Баҳор то ба гулистон кашид базми суруд,
Навои булбули шӯрида чашми ғунча кушуд.

Гумон мабар, ки сириштанд дар азал гили мо,
Ки мо ҳанӯз хаёлем дар замири вуҷуд.
Ба илм ғарра машав, кори майкашӣ дигар аст,
Фақеҳи шаҳр гиребону остин олуд.
Баҳор барги парокандаро ба ҳам барбаст,
Нигоҳи мост, ка бар лола рангу об афзуд.
Назар ба хеш фурӯбастаро нишон ин аст,
Дигар сухан насарояд зи ғоибу мавҷуд.
Шабе ба майкада хуш гуфт пири зиндадиле,
Ба ҳар замона Халил асту оташи Намруд
Чӣ нақшҳо, ки набастам ба коргоҳи ҳаёт,
Чӣ рафтанӣ, ки нарафту чӣ буданӣ, ки набуд...
Ба хоки Ҳинд навои ҳаёт беасар аст,
Ки мурда зинда нагардад зи нағмаи Довуд.

* * *

Аз мо бигӯ саломе, он турки тундхӯро,
К-оташ зад аз нигоҳе як шаҳри орзӯро.
Ин нуктаро шиносад он дил, ки дардманд аст,
Ман гарчи тавба гуфтам, нашкастаам сабӯро.
Эй булбул, аз вафояш сад бор бо ту гуфтам,
Ту дар канор гирӣ боз ин рамидабӯро.
Рамзи ҳаёт ҷӯӣ? Ҷуз дар тапиш наёбӣ,
Дар қулзум орамидан нанг аст оби ҷӯро.
Шодам, ки ошиқонро сӯзи давом додӣ,
Дармон наёфаридӣ озори ҷустуҷӯро.
Гуфтӣ, маҷӯ висолам болотар аз хаёлам,
Узри нав офаридӣ ашки баҳонаҷӯро.
Аз нола бар гулистон ошӯби маҳшар овар,
То дам ба сина печад, магзор ҳою ҳуро.

## АЗ "ЗАБУРИ АҶАМ"

### Ба хонандаи китоб

Мешавад пардаи чашмам пари коҳе гоҳе,
Дидаам ҳар ду ҷаҳонро ба нигоҳе гоҳе.
Водии ишқ басе дуру дароз аст, вале
Тай шавад ҷодаи садсола ба оҳе гоҳе.
Дар талаб кӯшу мадеҳ домани уммед зи даст,
Давлате ҳаст, ки ёбӣ сари роҳе гоҳе.

* * *

Зи буруни дар гузаштам, зи даруни хона гуфтам,
Сухани нагуфтаеро чӣ қаландарона гуфтам.

## АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Ғазал сарою навоҳои рафта боз овар,
Ба ин фасурдадилон ҳарфи дилнавоз овар.
Куништу Каъбаву будхонаву калисоро
Ҳазор фитна аз он чашми нимбоз овар.
Зи бодае, ки ба хоки ман оташе омехт,
Пиёлае ба ҷавонони навниёз овар.
Нае, ки дил зи навояш ба сина мерақсад,
Мае, ки шишаи ҷонро диҳад гудоз, овар.
Зи найситони Аҷам боди субҳдам тез аст,
Шарорае, ки фурӯ мечакад зи соз, овар.

* * *

Фасли баҳор инчунин, бонги ҳазор инчунин,
Чеҳра кушо, ғазал саро, бода биёр инчунин.
Ашки чакидаам бубин, ҳам ба нигоҳи худ нигар,
Рез ба найситони ман барқу шарор инчунин.
Боди баҳорро бигӯ, пай ба хаёли ман барад,
Водию даштро диҳад нақшу нигор инчунин.
Зодаи боғу роғро аз нафасам таровате,
Дар чамани ту зистам бо гулу хор инчунин.
Олами обу хокро бар маҳаки дилам бисой,
Равшану тори хешро гир аёр инчунин.
Дил ба касе набохта, бо ду ҷаҳон насохта,
Ман ба ҳузури ту расам рӯзи шумор инчунин.
Фохтаи куҳансафир нолаи ман шуниду гуфт:
Кас насуруд дар чаман нағмаи пор инчунин.

**Савол ва супориш:**

1.Муҳаммад Иқбол кай ва дар кадом шаҳр таваллуд ёфтааст?

2.Бо тарғибу ташвиқи кӣ ӯ ба омӯзиши фалсафаи Шарқу Ғарб ҷиддӣ машғул шудааст?

3.Сафари ӯро ба Аврупо чӣ хел фаҳмидан мумкин аст?

4.Чаро Иқбол корҳои масъули давлатиро қабул накард?

5.Сафарҳои Иқболро ба Англия ва дигар мамлакатҳои Аврупо маънидод кунед.

6.Мероси адабии Иқболро тавсиф ва маънидод кунед!

7.Намунаҳои ашъори Иқболро, ки дар боло оварда шуд, ҳифз намоед.

# АЗИЗ НЕСИН
(1915 - 1995)

Ходими намоёни сиёсиву ҷамъиятӣ, нависанда ва публиcисти номии Туркия Азиз Несин мақом ва мартабаи байналхалқӣ додад.

Азиз Несин (номи аслиаш Маҳмуд Нусрат) дар айни авҷи бедорӣ ва ҳаракатҳои истиқлолхоҳии мардуми Туркия соли 1915 дар Истанбул ба дунё омадааст. Замони ширину наврасиву ҷавонии ӯ дер давом накард ва дар синни 12 - солагӣ аз падару модар ятим монда, дар дорушшифо (мактаб-интернат)-и Истанбул тарбия меёбад. Сипас ба омӯзишгоҳи ҳарбӣ дохил гардида, баъди хатми он таҳсили худро дар Академияи санъати нафиса давом додааст.

Ба кори эҷодӣ хеле бармаҳал марок зоҳир намуда, чун ҳар эҷодкор аз навиштани хабару мақола барин жанрҳои хурд тадриҷан то таълифи ҳикояву романҳо расидааст. Нахустин шеър, ҳикоя ва новеллаҳояш дар рӯзномаҳои "Еди гён", ("Ҳафт рӯз"), "Корагёз", "Акбаба", "Инсони нав", "Тан", ("Субҳ") ва маҷаллаҳои "Маркопошо", "Зубуқ" чоп шудаанд. Азиз Несин аз зумраи адибони боистеъдод ва сермаҳсул буда, ба эътибори таъкиди худаш зиёда аз 2-хазор ҳикоя ва романи 6-ҷилдаи тарҷумаиҳолӣ навиштааст. Ӯро чун адиби ҳаҷвнигор дар саросари олам эътироф намудаанд, ки ин бар асари муаллифи ҳикояву романҳои ҳаҷвии сиёсию иҷтимоӣ будани ӯст.

Азиз Несин дар асарҳои хурду бузургаш нобаробариҳои иҷтимоии замон, ихтилофи ҳизбҳо, ахлоқи фосиди буржуазия, мансабтарошию риёкории амалдоронро ҳаҷв мекунад.

Дар асарҳои "Хари мурда" (1958), "Офарин" (1959) ва ғ. характеру воқеияте, ки ӯ ба таҳқиқи бадеӣ гирифтааст, мураккабии табиати инсон ва тазодҳои ҷамъиятиро таҷассум ва инъикос намудааст.

Қобилият ва маҳорати эҷодии Азиз Несин аз як асар то асари дигар сайқал ёфта, мушоҳида ва бардошти ӯ аз ҳаёт ва низому пешрафти он моҳиронатар тасвир меёбанд. Як силсила ҳикояҳои ҳаҷвии ӯ, ки дар маҷмӯаҳои "Агар зан мебудам" (1961), "Биёед дами беғам занем" (1966) гунҷоиш ёфтаанд, натиҷаи мушоҳидаи зиракона нависанда аз ҳаёт аст. Тарзе ишора гардид, нависанда аз эҷоди асарҳои хурди насрӣ тадриҷан ба таълифи роман расидааст. Романи ӯ "Шоҳи футбол", ки соли 1978 нашр гардидааст, як навъ қуллаи баланди эҷодии ӯ буда, ба зудӣ дар Туркия ва мамлакатҳои дигар шӯҳрат пайдо намуд. Маҳорати эҷодии Азиз Несин дар жанрҳои гуногун зоҳир гардидааст. Таълифи маҷмӯаи "Песаҳо" (1985) аз қобилияти драматургии ӯ шаҳодат диҳад, маҷмӯаи шеърҳои "Азизнома" гувоҳи қобилияти шоирии ӯ мебошад.

Фаъолияти драматургии ӯ баъдан ривоҷ ёфта, песаҳои "Як дақиқа наздам оед", "Кадом партия ғолиб меояд", "Дар мамлакате" таълиф гардидаанд, ки аз мавзӯъҳои дардноки замони нависанда маҳсуб мебошанд.

Азиз Несин ҳангоми дар қайди ҳаёт будан, чун ҳаҷвнигори номӣ эътироф гардида, асарҳои ҳаҷвияш ба забонҳои гуногун тарҷума гардид. Ӯ дар Конкурси умумиҷаҳонии ҳаҷвнигорон, ки дар Италия барпо гардида буд, ду бор ба гирифтани мукофоти "Шохаи нахл" (1956,1957) сарфароз гардид. Ҳамчунин барои ҳикояҳои "Базми дегшинонӣ", "Фил Ҳамдӣ", "Қарзи ватандӯстӣ" ва "Вай бояд бимонад" (солҳои 1952, 1956, 1959) ба мукофотҳои "Хорпуштаки тилло" ва "Крокодил" мушарраф гардидааст.

Хонандагони тоҷик низ ба асарҳои Азиз Несин рағбат доранд ва асарҳои ӯ дар рӯзномаву маҷаллаҳои тоҷикӣ ба табъ расидаанд. Ҳамчунин ду маҷмӯаи ӯ "Фонус" (1963) ва "Мактубҳо аз он дунё" (1978) ба забони тоҷикӣ нашр гардидааст. Худи ӯ соли 1978 ба Тоҷикистон омада, дар таҷлили ҷашни 100 –солагии Садриддин Айнӣ иштирок ва суханронӣ намудааст. Баъдан низ асарҳои Азиз Несин аз ҷониби адибони тоҷик тарҷума гардида, ба воситаи рӯзномаву маҷаллаҳо дастраси хонандагон гардидааст.

Ҳикояи "Тарзан" аз дилошӯбтарин асарҳои ин нависандаи турк аст, ки мавзӯи он аз рӯзгори муқаррарии наврасон интихоб шудааст.

Ҳикоя дар тарҷумаи адиби ҳаҷвнигори тоҷик А. Маҳмадшоҳ пешкаши Шумо мегардад.

## ТАРЗАН
## (Ҳикоя)

Мо дар маҳаллаи Монтени Анқара зиндагӣ мекунем. Дуруст, аҳли Анқара нестем, вале солҳои зиёдест сокинони ин ҷоем. Хонаи сеюме, ки дар ин маҳалла бунёд ёфтааст, аз холаи ман буд. Вақте холаам ин ҷаҳонро падруд гуфт, мо соҳиби хонаи вай шудем.

Дар маҳаллаи мо саге ҳаст Тарзан ном. Касе намедонад вай аз куҷо омадааст. Шояд дар ҳамин ҷо чашм ба олам кушода бошад. Синну солашро ҳам касе дар ёд надорад. Аз нафаре бипурсӣ, мегӯяд: "Вақте ман ба ин маҳалла омадам, Тарзан ҳамин қадар буд".

Вале синни вайро тахмин задан мумкин. Масалан, мо ҳаждаҳ сол аст сокини ин маҳаллаем. Вақте холаам казо карду мо ба хонааш кӯчидем, Тарзан аллакай саги калон буд. Ҳамсояамон Мамдӯҳбей бисту як сол қабл ба ин ҷо омадааст. Вай мегӯяд, ки Тарзан он вақтҳо ҳам саги баркамол буд. Илёси баққол гумон дорад синни Тарзан кайҳо аз сӣ убур кардааст. Аз ин хотир, ки вақте ӯ ба ин маҳалла омад, вай саги бузурге буд. Ба ақидаи коргари роҳи оҳан Маҳмад—афандӣ, синни Тарзан бояд аз чил боло бошад. Зеро вақте ӯ сокини ин маҳалла шуд, Тарзан ё сесола буд, ё чорсола.

Холаи Дурия мегӯяд, ки Тарзан аз вай калонтар аст. Агар ба гапи кампир бовар кунем, умри Тарзан кайҳо аз панҷоҳ гузаштааст.

Инчунин маълум нест – кӣ ба вай ном мондааст. Тахмин задан мумкин, ки худи вай ба одамон гуфтааст: "Номи ман – Тарзан"

Тарзан малларанг буда, калон ё хурд нест – як саги оддии бесоҳиб.

Бачаҳои маҳалла Тарзанро бисёр азият медиҳанд, ҳамеша ба сўяш санг меандозанд. Барои ҳамин ҳеҷ нашудааст, ки чор пои вай сиҳат бошад. Бехтарин шуғли бачаҳо тарзансаворист. Ягон бача, фаразан, пушти Тарзан мебарояд, Тарзан гўё аз ин нороҳат намешавад, — миёнаш ҳам хўрда, итоаткорона саворашро ба манзил мебарад. Вақте ки ин ҳам ба назари бачаҳо нокифоя менамояду якбора ду нафар ба вай савор мешаванд, шикамаш ба замин расида, аз шиддати дард ба чашмонаш шаб меравад, бо вуҷуди ин Тарзан "эътироз" намекунад, — гаронборона дар кўчаи пурхок мехазад.

Бачаҳо аз думаш мекашанд, ба тахтапушт ва паҳлўҳояш мех мехалонанд. Аммо Тарзан бетоқат намешавад. Гўё саг неву гўсола бошад. Фақат... агар дард зўрӣ кунад, норозиёна чашмони зарду ифлосашро ба дилозори худ медўзад. Ё паст-паст нолиш мекунад.

Мешавад, ки бачаҳо Тарзанро ба таки девор монда, бехато ба нишонаш мегиранд. Шабе хона меомадам; дидам, ки чордаҳ бача дар як хат саф кашидаанд. Дар дасти ҳар кадом санг – ҳама мунтазири фармони сардоранд. Сардор онҳоро маътал накард ва дод зад: "Оташ!"

Якбора аз чордаҳ нукта ба сўи Тарзан санг парид. Наздиктар рафта гуфтам:

— Чӣ кор мекунед?

— Машқи тирандозӣ, — ҷавоб доданд онҳо.

Чӣ ҳам мегўӣ? Онҳо бачаанд. Худи мо ҳам дар бачагӣ ба Тарзан ҳамин хел бозӣ мекардем.

Бо вуҷуди ин азобу ранҷҳо Тарзан аз маҳаллаи мо намеравад. Вай нозбардори мост. На фақат аз бачаҳо, балки аз калонсолон ҳам меҳрубоние намебинад. Сангборонии Тарзан барои сокинони Монтен як кори муқаррарист. Вай аз ҳама лагад хўрда, ба замин мегелад. Аз ин рў танаш ҳамеша олудаи хоку лой аст. Ман сиҳатии Тарзанро ёд надорам, — доимо мелангад, ё худ бо ҷароҳатҳои хуншор мегардад. Мо дар бачагӣ гўши Тарзанро бурида будем, бачаҳои мо думашро буридаанд.

Маълум нест, ки Тарзан аз куҷо ва чӣ мехўрад. Ҳаммаҳаллаҳои мо ба вай чизе намедиҳанд. Ҳатто як пора нони қоқ пешаш намепартоянд.

Боре сагҳои бесоҳибу дайдуи шаҳрро медоштанд. Оё медонед чӣ сурате дорад ин кор? Мошин меояд, аз он чанд мард мефуроянд бо асбобҳои оҳанини гоз ё анбўрмонанд. Ин асбобҳоро ба кор бурда, сагҳоро ба бордони болопўшидаи мошин мепартоянд.

Сагдорон Тарзанро ҳам миёнагир намуда, асбоби худро ба кор андохтанд. Вақте нўки асбоби онҳо ба шикамаш халид, Тарзан нолиши ҷонкоҳ бароварда, бо андўҳ ба мо — аҳли маҳалла нигарист. Сипас воқиаи хилофи чашмдоште рўй дод: Тарзан тани хуншори худро аз нўги асбоби сагдорон раҳонид ва гурехт.

Рӯзи дигар Тарзан боз дар маҳаллаи мо пайдо шуд. Чанд рӯз беҳолу бемадор дар кӯчаҳо мегашт, баъд шифо ёфт.

Кадоме гуфт, ки доштани саг ба асбобҳои махсус номувофиқ аст. Он гоҳ ба парондани онҳо тасмим гирифтанд. Аз ташрифи навбатии сагпаронҳо хабар ёфта, сагҳои худро дар хонаҳояшон пинҳон карданд сагдорон.

Дар кӯча фақат Тарзани бесоҳиб монд. Вале вайро парондан... Воқиан, тир ба кифти чапаш расид, бо вуҷуди ин ба "мерганҳо" даст надода, гурехт вай.

Дере нагузашта Тарзани маҷрӯҳ боз дар маҳаллаи мо пайдо шуд.

Маълум гардид, ки ҳамон рӯз мерганҳо саҳван саги соҳибдореро парондаанд. Соҳиби саг одами "хапгир"-е буд. Бинобар ин камонро зидди сагҳо ба кор набурда, ба заҳролуд кардани онҳо камар бастанд.

Боре сагдорон ба маҳаллаи мо омада, ба сагҳо гӯшти заҳролуд дода рафтанд. Он гӯштро якҷоя ба Тарзан ду саги дигар хӯрд. Бояд гуфт, ки ин сагҳо соҳиб доштанд. Дере нагузашта ҳоли сагҳои соҳибдор табоҳ шуд – ба замин афтида, пой дароз карданд. Соҳибонашон ба онҳо шавла ва сирпиёз медоданд, вале муроде ҳосил нашуд. Аммо Тарзанро балое назад. Гумон доштем, ки вай ҳам... Не, то як поси шаб ба худ печида, нолиш кард. Вале... саҳарӣ вай сари по буд. Бачаҳо Тарзанро дида, нидои хушҳолона бароварданд:

— Офарин, Тарзан!

Баъд боз сангборон карданд.

Пас аз муддате як хонаводаи амрикоӣ ба маҳаллаи мо омад ва ҳамин тариқ, соати бахти Тарзан фаро расид. Рӯзҳои аввал писари чордаҳсолаи амрикоиҳо ба Тарзан нигоҳубин мекард. Баъдтар меҳри амрикоиҳо ба вай тофт, — дар як гӯшаи боғи худ барояш сарпаноҳ сохтанд.

Дар арзи се-чор моҳ вазъи Тарзан тағйир ёфт. Тарзане, ки пӯсту устухон буд, гӯшт гирифт, — мӯйҳояш барроқ шуда, чашмонаш нур пайдо карданд.

Бешубҳа, зоҳири зебои Тарзан дилпазир буд. Мо вайро дӯст доштем. Акнун бачаҳо тарафаш санг не, пораҳои нону ҳар гуна ширавор мепартофтанд. Занҳо устухонро аз гӯшт ҷудо карда, ба бачаҳояшон мегуфтанд:

— Инро ба Тарзан баред!

Баъзеҳо ҳатто махсус барои Тарзан гӯштқима мепухтанд. Номи Тарзан вирди забони ҳама буд.

— Воҳ, фаромӯш кардем, ки ба Тарзан об диҳем. Бечора забон надорад, ки худаш пурсад. Шояд аз ташнагӣ...

— Гир, ана ин гӯштро ба Тарзан бар!

Амрикоиҳо ҳафтае ду бор Тарзанро мешустанд. Мӯйҳои тани вай чун оина дар офтоб барқ мезад. Бо вуҷуди ин занҳо қонеъ набуданд.

— Зуд—зуд Тарзанро шӯед, — мегуфтанд онҳо ба амрикоиҳо.

Зимистон, ки наздик расид, амрикоиҳо дар таҳхонаи манзили худ барои Тарзан ҷои роҳат тайёр карданд. Вале то он рӯз чӣ гапҳое, ки вирди забони аҳли маҳаллаи мо буд.

— Бечораро сармо мезанонанд...

— Наход зимистон сагро дар таҳхона нигоҳ доранд? Виҷдон надоранд онҳо...

Зимистон гузашту баҳор омад. Амрикоиҳо ба бозгашт омодагӣ мегирифтанд. Як рӯз хабар ёфтем, ки онҳо Тарзанро ба худ мебурдаанд. Гӯё дар маҳаллаи мо нохост гулӯла таркид. Аҳли маҳалла якдилона ғавғо бардоштанд. Даъвои онҳо беасос набуд.

Коргари роҳи оҳан Маҳмад-афандӣ дод мезад:

— Ҳақ надоранд! Наметавонанд! Ин саги мо!

Холаи Дурия, оби дидааш шашкатор, мегуфт:

— Ин ҷонвар дар бағали ман калон шудааст. Тарзанҷонакамро ба ҳеҷ кас намедиҳам! Ба Амрико мебаранд - а! Хонаашонро месӯзонам!

— Истед, ки кадом сагро мебаранд? — аз шиддати ғазаб меларзид Илёси баққол. – Аввалан, Тарзан саги ман аст. Сониян, ман вайро барои он калон накардаам, ки ҳар кас хоҳад, ба ватанаш барад!...

Пири маҳалла Мамдӯҳ-бей мегуфт:

— Беҳуда ҷор назанед. Вайро ҳеҷ кас бурда наметавонад.

— Барои чӣ ? - пурсидем мо.

—Барои он ки хуни нофаш дар ин ҷо рехта, дар ҳамин ҷо тарбия дидааст. Касе ҳақ надорад Тарзани моро ба ватани бегона барад. Гузашта аз ин, кӣ ба вай паспорт медиҳад?...

Тамоми аҳли маҳалла ба як по хест. Айтени мошинаҷӣ мегуфт:

— Нури чашмам, Тарзан, дар ватани бегона аҳволат чӣ мешавад? Охир иқлими он ҷо дигар... Одам нестӣ, ки рафту обу ҳавояш нафорад, баргардӣ. Ту сагӣ...

Моҷарои Тарзан боиси тазоҳури зиддиамрикоӣ гардид. Андаке монда буд, ки фоҷиаи ҳақиқӣ сар занад. Озгюр ном ҷавоне низ дар маҳаллаи мо мезист. Худи ман нашунидаам, вале дигарон гуфтанд, ки вай дар қаҳвахона чӣ рақам пӯкидааст.

— Сар диҳед вайро, — гуфтааст Озгюр. – Монед, баранд. Шояд дар Амрико роҳат бинад саги бечора.

— Барои чӣ мемондаем? Роҳат бинад мегӯӣ, — яъне чӣ?

Озгюри донишҷӯ даступо мехӯрад.

— Шумо мақсади маро нафаҳмидед. Ман гуфтам, ки...

Вале намонданд, ки вай мақсадашро фаҳмонад. Донишҷӯи бечора чанд мушту лагад хӯрда, базӯр мегурезад.

Мо дар назди дарвозаи амрикоиҳо гирд омада, дод задем:

— Тарзани моро диҳед!

Аз ҷониби амрикоиҳо садое нашуд. Амини гузар пеш даромад, ҳама ба идораи полис рафтем.

— Америкоиҳо Тарзани моро мебаранд! —арз кардем мо.

Комиссари полис гуфт:

— Ариза нависед, ки Тарзан аз шумост.

Аҳли маҳалла ариза навиштанд: Тарзан ба онҳо тааллуқ дорад. Ғайр аз ин, бо имзои ҳама қатъномае тартиб дода шуд: "Мо Тарзанро ба ҳеҷ кас намедиҳем!" Ҳар кас собит менамуд, ки соҳиби Тарзан маҳз ӯст. Тадриҷан қазия доман густурд. Ба мо аҳли маҳаллаҳои ҳамсоя ҳамроҳ шуданд. Ва ногоҳ фаҳмидем, ки америкоиҳо асбобу анҷоми хонаро фурӯхта, омодаи рафтан будаанд. Ба дарвоза часпидем. Америкоиҳо Тарзанро ба мошин бор карданд, ки ба аэропорт баранд.

Марди америкоӣ гуфт:

— Ман ба шумо панҷоҳ доллар медиҳам, Тарзанро дар ихтиёри мо гузоред.

Косаи сабри мо лабрез шуд. Ин чӣ гап? Наход вай хаёл кунад, ки ба доллар ҳама чизро харидан мумкин аст?!

—Ба сад, ҳатто ба ҳазор доллар намедиҳем Тарзанро! — дод мезадем мо.

Дар он дақиқаҳо Тарзан аз пушти тирезаи мошин ба мо менигарист. Нигоҳи маҳзуни вай чунин маънӣ дошт: "Илтиҷо дорам, маро аз дасти америкоиҳо халос кунед!"

Оби дидаи занон ва бачаҳо шашқатор буд. Полисҳо омаданд, онҳо сари вақт аз қазия огоҳ буданд. Комиссар ба марди америкоӣ гуфт:

— Ҷаноб, шумо ҳақ надоред сагро бубаред.

— Барои чӣ?

— Саг соҳиб дорад.

Бо ёрии полис мо Тарзанро аз америкоиҳо наҷот додем, — онҳо дасти холӣ рафтанд. Акнун Тарзан аз мо буд. Тахмин дар зарфи даҳ рӯз вай ба намуди аслиаш баргашт, — ба саги ҳақиқии маҳалла табдил ёфт. Бачаҳо аз субҳ то шом сӯяш санг меандохтанд, ба пушташ савор мешуданд.

Дирӯз, вақти баргаштан аз кор, дидам, ки бачаҳо пойҳои Тарзанро баста, ба дарахт овехтаанд. Дар дасти ҳар кадоме як кордча.

— Чӣ кор мекунед? — пурсидам ман.

Онҳо бо ифтихор ҷавоб доданд, ки имрӯз муаллимашон дар мактаб шиками қурбоққаеро чок карда, дилашро нишон дод. Мехоҳанд ҳамин таҷрибаро ба Тарзан гузаронанд.

Ҷароҳатҳои Тарзан чанд рӯз хуншор буданд. Баъд сиҳат шуд. Инак вай чун пештара дар кӯчаву тангкӯчаҳои маҳалла аз дасти бачаҳо сангу чӯб хӯрда мегардад.

**Савол ва супориш:**

1.Чаро даврай наврасиву ҷавонии А. Несин дер давом накардааст?

2.Нахустин ҳикояву шеър ва новеллаҳои нависанда дар кадом рӯзномаҳо чоп шудаанд?

3.Барои кадом корҳояш А. Несин ба мукофоти «Шохаи нахл», «Харпуштаки тилло» ва «Крокодил»
шарафёб гардид?
4.Азиз Несин ба кадом муносибат ба Тоҷикистон омада буд?
5.Ҳикояи хондаатон дар кадом мавзӯъ иншо шудааст?
6.Оё ҳикоя ба шумо маъқул шуд?

## АДАМ МИСКЕВИЧ
**(1798—1855)**

Яке аз симоҳои барҷастаи адабиёти Лаҳистон (Полша) Адам Мискевич 24 декабри соли 1798 дар Заосеи наздикии Новогрудка /дар айни замон тобеи Ҷумҳурии Белорус/ дар оилаи ҳуқуқшинос ба дунё омадааст. Туфулият ва наврасии Адам дар Новогрудка гузашта, таҳсилро низ дар ҳамин ҷо гирифтааст. Ӯ соли 1815 баъди тарк намудани мактаб ба факултаи физикаю математикаи Донишгоҳи Вилно дохил мешавад. Вале муҳаббати адабиёту таърих ва фанҳои ҷамъиятӣ ӯро водор сохт, ки ба факултаи таъриху филология роҳхат гирад. Мискевичи ташнаи илму дониш барои пурра фаро гирифтани илмҳои замонааш, махсусан эҷодиёти шифоҳии халқ, адабиёту забони лаҳистонӣ, таъриху адабиёти Юнону Рим дар назди профессорон, олимони варзида Гроддек /адабиёти Риму Юнон/ ва Л. Боровскию И. Лелевел /забону адабиёти лаҳистонӣ/ сабақ гирифтааст. Бар замми ин ӯ мустақилона ба омӯзиши забонҳо машғул шуда, дар тарҷумаи асарҳои нобиғаҳои тамаддуни ҷаҳонӣ ба забони лаҳистонӣ ҳисса гузоштааст. Ӯ ба осори маорифпарварони Фаронса, бахусус Волтер дилбастагии махсус дошта, достони "Бокираи орлеанӣ"-и ӯро ба забони лаҳистонӣ тарҷума намудааст. Ҳатто дар пайравии достонҳои "Тарбияи духтар" ва "Тарбияи шоҳзода"-и Волтер достонҳои худ "Анеля" ва "Мешко шоҳзодаи Новогрудка"-ро иншо намудааст.

Адам Мискевич дар ташкил ва фаъолияти кружокҳои ҷавонони ватанхоҳи Лаҳистон – "Филоматҳо" ва "Филаретҳо" /Дӯстдорони накӯкорӣ/ ширкат варзида, дар васфи онҳо силсилаи шеърҳояшро эҷод намудааст.

Адам Мискевичро баъди хатми Донишгоҳ /с.1819/ бо роҳхат ба шаҳри Ковно ба кори муаллимӣ мефиристанд, ки ӯ то соли 1824 дар ин шаҳрча зиндагӣ ва эҷод кардааст.

Фаъолияти шоирии Адам Мискевич аз овони таҳсил дар мактаби миёна оғоз ёфта, минбаъд пайваста ба эҷоди ҳикояву шеърҳои лирикӣ машғул шудааст. Чопи ҳикояҳои "Живила", шеърҳои "Суруди Адам", "Суруди филаретҳо", "Қасидаи ҷавонӣ" ва ғайра аз истеъдоди худодод ва маҳорати шоирии ӯ башорат медоданд.

Аввалин маҷмӯаи ашъори шоир бо унвони "Назм" /ҷилди аввал/ соли 1822 интишор ёфтааст, ки онро муҳаққиқони осори Мискевич чун сарохбори ҷараёни романтикӣ дар адабиёти Лаҳистон маънидод кардаанд.

Чӣ тавре ки дар боло низ ишора шуд, ӯ барои иштирок ва фаъолияташ дар кори созмони филарету филоматҳо соли 1824 ба Литва бадарға карда мешавад. Аз ин пас то соли 1829 /5 сол/ зиндагиву эҷодиёти шоир дар Россия гузаштааст. Мискевич ба зудӣ бо декабристони рус А.Бестужев—Марлинский ва К.Ф. Рылеев ошноӣ пайдо намуда, аз наздик ба фаъолияти сиёсии онҳо шинос мешавад. Ӯ эҳсос намуд, ки онҳо /декабристон/ на танҳо барои озодии халқи худ, балки барои озодии халқҳои дигар, аз ҷумла халқҳои Лаҳистон низ мубориза мебаранд. Ба андешаи адабиётшинос Шокир Мухтор "ҳам Мискевич ва ҳам декабристони рус вазифаи адабиётро дар дигаргунсозии ҷамъият медиданд, онҳо зарурати адабиёти инқилобиро пеш гузоштаанд".

Шиносоии Мискевич бо доҳии адабиёти рус А.С. Пушкин дар тафаккуру ҳаёти шоир гардиши куллиеро ба вуҷуд овард. Дертар ин шиносоии онҳо ба дӯстӣ мубаддал гашта, дар тақдири эҷодии Мискевич нақши муҳиме бозидааст. Ӯ тавассути дониши бою ҷаҳонбинии васеаш нисбат ба адабиёт, бахусус адабиёти Риму Юнон ва дигар халқҳои ҷаҳон дар тамоми сӯҳбатҳои адабӣ фаъолона ширкат варзида, ба дилу дидаи шоирон-декабристони рус ворид шуда буд. Ин аст, ки "адибони декабрист ҳам ба дӯсти лаҳистонии худ меҳр монданд. Ксанофонд Полевой овардааст: "Касе, ки бо Мискевич вохӯрдааст, ӯро филфавр на чун шоир, балки чун инсони доною босавод дӯст медорад..."

Ӯ дар фаъолияти доираи адабии Москва иштирок намуда, дар ҳамин ҷо ва шаҳри Қрим "Сонетҳои Қрим"-ро бо тамоми ҷузъиёташ /таҳриру такмилаш/ ба охир мерасонад. Китоб ҳаждаҳ сонетро дарбар гирифта, дар вақтҳои гуногун, ҳангоми сафарҳои шоир иншо шудаанд. Шоир пеш аз сурудани сонетҳо ба асарҳои А.С. Пушкин "Фонтани Боғчасарой", О. Сенковский "Сафар ба Шарқ", Шлегел "Ҳиндустон" ва "Сафар ба Таврид"-и И. Муравёв-Апостол, ки оҳангу таъсири Шарқ хеле пурзӯр аст, шиносоӣ пайдо намуда, баҳраҳо бардоштааст. "Сонетҳои Қрим" шоирро дар байни уламою удабои русу халқҳои дигари Аврупо маҳбуб гардонид.

Дар эҷодиёти Адам Мискевич мавзӯи Шарқ ва образҳои шарқиёна мавқеи муҳим дорад. Зеро "шарқиёти осори ӯ аз нахустин қадамҳои шоириаш оғоз ёфтааст. Чунончи, дар шеърҳои аввали китобаш – "Свитез", "Кӯргони Марыли", "Ренегат" ва "Пан Твардовская" мо ба вожаву таркиботи шарқиёна—шайтон, подшоҳ, афандӣ, ҳарам, ғазал, байт ва ғайра рӯ ба рӯ мешавем".

Муҳаққиқони осори шоир нишон медиҳанд, ки дилбастагии ӯ ба Шарқ ҳанӯз ҳангоми донишҷӯи Донишгоҳи Вилен буданаш тавассути устодонаш Г. Гроддек, Я ва А. Сиядескиҳо, Лелевел, ки донандагони хуби тамаддуни Шарқ буданд, ба амал омадааст.

Худи Мискевич пайваста асарҳои дар мавзӯи Шарқ офаридашуда, махсусан осори шарқии Гёте, Шиллер, Волтер, Мор, Байрон ва дигарон-

ро мутолиа намуда, ҳатто достони "Хур"-и Байронро ба забони лаҳистонӣ тарҷума намудааст. Дар омӯзиш ва аз худ намудани мавзӯи Шарқ ва образҳои шарқиёна махсусан таъсири дӯстони шоир – мусташриқони варзида Хадзко, Верниковский, Ковалевский, ки ҳар яке дар паҳлӯҳои гуногуни тамаддуни Шарқ тадқиқоти пурарзишеро ба анҷом расонида буданд, бузург аст.

Дар байни солҳои 1827-1829 Мискевич баробари эҷод ба тарҷумаи қасидаҳои Ал-Мутанаббӣ ва Шанфаро /тавассути тарҷумаҳои фаронсавии Силвестер де Саси ва Лагранж аз забони арабӣ/ машғул шудааст, ки мо таъсири ин асарҳоро дар достонҳои ӯ "Конрад Валленрод" /1827/ ва "Фарис" эҳсос карда метавонем. Баъд аз ин /с.1829/ Мискевич Россияро тарк намуда, ба сафар мебарояд. Аввал ба Олмон /Германия/ ҳиҷрат намуда, дар ин ҷо бо шоири забардасти немис И. В. Гёте шиносой пайдо намуда, аз сӯҳбатҳои ӯ баҳраманд мегардад. Маълум мегардад, ки "тавассути оҳангсоз Селтер ба Мискевич муяссар гардид, ки бо Гёте мулоқот бикунад. Сӯҳбатҳои шоири ҷавон бо адиби номдори немис басо завқовар буданд. Бори охир Мискевичу Одинс бо муаллифи "Фауст" дар меҳмонхонаи келини Гёте Оттилия вохӯрданд ва суханронии шоири бузурги немис ба ҳар ду адиби лаҳистонӣ таассуроти хубе бахшидаст. Мискевич ба ақли адиби немис сар хам карда, ӯро тамоми умр дӯст дошт".

Онҳо баъд ба сафари Италия баромада Милан, Венетсия, Ферар, Флоренсия ва Римро тамошо намуда, чанд муддат дар Швейтсария зиндагӣ ихтиёр мекунанд. Соли 1832 боз ба Рим омада, бо баҳонаи чопи китобҳояш ба Париж меравад. Дар ин муддат ӯ қисми сеюми достони драмавии "Дяздҳо"-ро /1832, қисми 1-2-и асар с.1823 интишор шудааст/ ба итмом мерасонад. Дар ин драма Мискевич ҳамватанонашро барои давом додани мубориза даъват намуда, қаҳрамонӣ ва устувории ҷавонони ватандӯстро ба созишкорӣ ва худхоҳию худпарастии роҳбарону сарварони ҷамъият муқобил мегузорад. Достони "Пан Тадеуш /с.1834/ охирин достони калонҳаҷми шоир аст, ки онро муҳаққиқони осори шоир эпопеяи миллиини халқҳои Лаҳистон шуморидаанд.

Ӯ чанд муддат /аз с.1838/ чун профессори Донишгоҳи Лозанна аз адабиёти Рими Қадим ба донишҷӯён лексия хондааст. Мавзӯи лексияҳои профессор Мискевич боиси таъкиди махсус аст, зеро "шоир аз боби эпосҳои Ғарбу Шарқ сухан ронда "Маҳабҳарата", "Сакунтала" ва "Шоҳнома"-ро бо асарҳои Ҳомеру Вергилий қиёсу таҳлил карда буд. Ба шунавандагонаш, ки на танҳо аз донишҷӯён, балки аз профессорони Донишгоҳи Лозанна иборат буданд, хабар медиҳад, ки "Шоҳнома"-и Абулқосим Фирдавсӣ "Энеида"-и Осиё аст. Мискевич ҳамчунон таъкид карда буд, ки "Шоҳнома"-ро аз сар то по мутолиа кардан кори саҳл нест". Адам Мискевич дар Париж рӯзномаи "Минбари халқҳо"-ро /с.1849/ таъсис дода, як қатор мақолаҳои сиёсии худро дар бораи муборизаи ха-

лкҳои Аврупо баҳри истиқлолияту озодӣ дарҷ мекунад. Баъдтар /1852/ Мискевичро бо супориши Наполеон китобдори китобхонаи машҳури Арсенал таъйин мекунанд. Рӯҳи озодманишии шоир ба ӯ имкон намедиҳад, ки дар як ҷо қарор гирад. Бинобар ин ӯ моҳи сентябри соли 1855 барои саёҳат ва идома додани силсилаи "Сонетҳои Қрим" роҳ сӯи Қустантания мегирад. Вале беморӣ имкон надод, ки орзуҳои Мискевич амалӣ гарданд. 26 ноябри соли 1855 дар натиҷаи бемории вабо аз олам чашм пӯшид. Дӯстон ва ҳаводорони эҷодиёти шоир моҳи январи соли 1856 ҷасади ӯро ба Париж оварда ба хок супориданд.

Эҷодиёт ва умри пурбаракати шоир баҳри озодию истиқлолияти халқҳо сарф шудааст. Ӯ дар шеъру достонҳои худ, ки "назми романтикии Лаҳистонро ободу пурфайз намудааст, сухани нав дар адабиёти ин халқ маҳсуб мешавад, зеро он аз замини шеъри Аҷам, бахусус назми инсонпарваронаи Фирдавсию Саъдию Ҳофиз сарчашма гирифтааст. Шеъри Мискевич назми Лаҳистонро аз қонуниятҳои кӯҳнаю принсипҳои классисизм раҳо дода, онро ба дараҷаи назми халқҳои соҳибшеър бардошт. Сухани тозаи Мискевич – синтези назми Шарқу Ғарб, синтези шеъри Петрарка, Гётею Пушкин ва Фирдавсию Саъдию Ҳофиз аст"

Шеърҳои Адам Мискевич аз солҳои 50-ум сар карда дар тарҷумаҳои М. Қаноат, А. Шарифӣ, А. Адҳам, Ҳикмат Раҳмат ва махсусан Қутбӣ Киром ба дилу дидаи хонандаи тоҷик роҳ ёфтааст. Соли 1969 мухтахаби шеърҳои Мискевич бо номи "Қасидаи ҷавонӣ" тавассути нашриёти "Ирфон" ба дасти хонанда расид.

Хулоса, Адам Мискевич ва асарҳои ӯ дар инкишофу пешрафти ҳаракати миллӣ-озодихоҳии халқи Лаҳистон, дар инкишофу азнавсозии адабиёту санъати ин халқ нақши муҳим бозидааст.

## НАМУНАҲО АЗ АШЪОРИ АДАМ МИСКЕВИЧ

## СОНЕТҲОИ ҚРИМ

Ҳар кӣ хоҳад шоире бишнохтан,
Бояд ӯ сайри қадамгоҳаш кунад.
Гёте
Дӯстнома барои сайёҳони Қрим
Муаллиф.

### БИЁБОНИ АККАРМАН

Шино варзад дар укёнуси беоб,
Гиёҳу хирмани гул бекарона.
Ароба, чун қаиқ андар карона

Равон аз он биёбон коҳилона.
Бишуд бегаҳ. На пайроҳе, на қӯрғон
Биҷӯям раҳнамо исторагонро,
Бипӯшид абр уфқи бекаронро:
Дар Аккарман маяк гардид рахшон.
Сукунат! Ист" Ин дам бишнавам ман,
Ки моро шуд ниҳон, парвона пар зад,
Ки чашмони укобаш ҳам набинад,

Кунад дар осмонҳо турна қур-қур,
Садое ояд ар аз Литваи дур,
Тавон бишнид... Сокит! Вақти рафтан.

## СУКУНАТ

Ливое ҷилва зад аз боди гармо,
Каме дар чунбиш омад мавҷи дарё.
Чу духтар, дида хоби бахти худро,
Бишуд бедору хуфт аз нав ба нармӣ.

Паси пайкор , чун байроқи ҷангӣ,
Хамида бодбонҳои таранге.
Ба лаппиш киштии занҷирбаста,
Мусофир хандарӯ. Маллоҳ хаста.

Аё дарё! Ба қаърат зинда полип[1]
Ки дар бӯрони сарде мекунад хоб,
Валекин панҷа меёзад чу толиб.

Аё андеша! Дар ту— мори хотир,
Бувад вақти азобу ранҷ бетоб,
Дар оромӣ дилам озурд ҳозир.

## БОҒЧАСАРОЙ

Қасри серодам кунун холист, маъвои Гирой,
Тахти шӯҳрат, маъбади ишқ—остону зинаҳо.
Як замон пешонасой карда онро авлиё,—
Гашта бар мӯру малах акнун дилоро як сарой.

---

[1] *Полип* – ҷонвари беҳаракати баҳрӣ.

Тортан сақфу девораш дар нигористони он.
Дасти одам ба дунё баст нақши пурнигор
Ҳамчу дар нақши нигини Валтасар: "Вайрона!" дон

Фонтане боқист танҳо байни явшонзору хор—
Фонтани занҳои зебои ҳарам бар ёдгор,
Ашк мерезад ба ҳасрат нисбати вайронаҳо;

Салтанат! Шӯҳрат! Муҳаббат! Фатҳу базми босафо!
Боядӣ поист ҷовид, ман чӣ як оби равон,
Рӯзгоронам дароз, аммо шумоён-бенишон.

## ШАБОНГАҲИ БОҒЧАСАРОЙ

"Шафақ чун лолагун гардад намози шом бар гардун",
Маҳи тобон ҳам зулмати шабро ҳукмрон гардад,
Парешон дар фазояш овози азон гардад,
Ба ҳар ҷониб равад мардум, шуда, аз хонаҳо берун.

Фурӯзон, дар самои чун ҳарам, аз наҷм машъалҳо
Дар он ҷо пораи абре ӯ шино мекард фикронӣ,
Чу мурғи қуи хоболуду ӯ ба рӯи ороме;
Ки гӯё, синааш симину ҳар ду бол аз тилло...

Ба як ҷо, сояафкан сарв бар рӯи хиёбонаш;
Зи дуре—шӯхҳо амсоли девони танумандe—
—Ситода, гӯиё гардида аз душман нигаҳбонаш...

Зи пушти торикӣ—аз қуллаи он кӯҳҳо, тозон,—
Ба мисли Фориси сӯзон—ҳуҷум гаҳ барқ меорад;
Намояд то ки он оромии афлокро вайрон...

## ШАРҚ ВА ШИМОЛ

Макони худсарии боду тӯфон мулки мо бошад,
Ҳасад бурдан ба аҳли Шарқ аммо носазо бошад.
Агарчи манзараш чун қолини Кашмир-рангин аст.
Пагоҳон шуълаи хуршед гулро тоҷи заррин аст...
Дар он ҷо булбулон, аз завқи дил, то субҳ бедоранд.
Ба завқи хандаи гул, ҷон фидо кардан раво
доранд;
Сабо бар дидаи бечора булбул лек хоб орад,
Гули бераҳм он фурсат ниқоб аз рӯй бардорад.

Бувад иклими моён сарду ӯро мӯътабар донем,
Варо оромгоҳи пушту авлоду падар донем.
Ба он ҷое, замин иззат намояд мурдагонашро,
Фаромуш мекунанд, оё ба асре зиндагонашро?

**Савол ва супориш:**

1. Туфулият ва наврасии Мискевич дар куҷо гузаштааст?
2. Шоир дар кадом кружоки ҷавонон иштирок дошт ва он чӣ ном дорад?
3. Фаъолияти шоирии Мискевич кай оғоз шуда будааст?
4. Барои кадом амалҳояш шоир бадарға шудааст ва ба куҷо?
5. Аввалин маҷмӯаи ашъори шоир чӣ ном доштааст?
6. Сабаби сафарҳои шоирро чӣ хел мефаҳмед? Маънидод кунед.
7. Шиносоии ӯ бо Гёте кай ба вуқӯъ омад?
8. Шарқ дар эҷодиёти шоир чӣ тавр инъикос ёфтааст?
9. Оҳангҳои шарқиёнаро аз шеърҳои дар боло овардашуда ёбед ва маънидод кунед.
10. Дар тарҷумаи шеърҳои Мискевич кадом шоирони тоҷик ҳисса гузоштаанд?

## РАСУЛ ҒАМЗАТОВ
(1923)

Ҳангоме ки номи Расул Ғамзатовро ба забон мегирем, пеши назарамон симои шоири шаҳири тоҷик Мирзо Турсунзода ҷилвагар мешавад ва дӯстии ин марди бузург бо Р. Ғамзатов ба хотир меояд. Эшон чун мунодии сулҳ дар пойдор ва мустаҳкам шудани амнияти дунё саҳми арзандае гузоштаанд.

Расул Ғамзатов соли 1923 дар оилаи шоири халқии Доғистон Ғамзат Садаса таваллуд ёфтааст. Туфулияти ӯ дар авули Сада гузашта, омӯзгори нахустинаш падар буд. Ин буд, ки Расул китоби нахустини саводи худ-сурудҳои халкиро аз падар омӯхт ва онҳо дар фитрату шуури ӯ ҷунбишеро ба амал оварданд. Худи шоир дар ин бора дар бароmаду гузоришот ва чакидаҳои хомааш бо як сӯзу гудоз ишора намудааст: “Сурудҳои кӯҳистониён бо сиёҳӣ не, балки бо сиришки дидагон ва қатраҳои хуни ҷигар навишта шудаанд. Сурудҳои халқӣ-ин аввалин суруди аллаест, ки инсон мешунавад ва охирон наҳваи сӯгворист, ки бар сари тобут садо медиҳад. Охир, ҳар як суруде, ки ба забони халқҳои камшумор сиришта мешавад, таърихи ғамангез ва ҷасоратхез дорад, ки ба шарҳи рӯзгори офаридагони он ҳамсангу ҳамоҳанг аст”.

Расул Ғамзатов соли 1940 омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Буйтакро хатм намуда, дар ибтидо чун омӯзгор ва дертар чун артисти театр кор кардааст. Аз хотираву ёддоштҳои ӯ бармеояд, ки шеърҳои аввалини ӯ

ҳангоми донишҷӯи омӯзишгоҳ будан дар саҳифаҳои рӯзномаи девории омӯзишгоҳ ба табъ расида будаанд. Худи шоир қайд кардааст, ки "ман дар оилаи шоир таваллуд ёфта, ба воя расидаам ва бармаҳал ба иншои шеър оғоз кардаам. Ҳанӯз бистсола набудам, ки китобчаи аввалини ман ба забони аварӣ чоп шуд, вале он ибтидои фаъолияти шоиронаи ман набуд. Ман оғози фаъолияти эҷодии худро ҳамон вақт меҳисобам, ки мардум онро барои хондан мегирифтанд, на барои газетаро оташ гирондан. Шеърҳои аввалини ман вобаста ба ин ё он сана эҷод шудааст, ки онро Е. Евтушенко низ хеле хуб дарк намуда «шеърҳои санавӣ» маънидод кардааст».

Вале ӯ чун шоир дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ном ва шӯҳрат пайдо намуд. Дар ин бора навиштаанд, ки "барои шоир шудани Расул як омили дигари хеле муассир боис шуд. Ду бародари калонии худро бо нигоҳи кӯдакона аз дарвозаи хонаашон, ки имрӯзҳо зиёратгоҳи аҳли дил шудааст, ба ҷанг гусел карду умре интизор монд. Нигоҳи интизори ӯ аз шеъру таронаҳои ҳузнангези ногуфта пур шуд. Чашмони пурнури падарро дами дарвоза пурнам дид ва тапиши дили модарро, ки олами дардҳову уммедҳоест, пай бурд. Қисмати шоиронаи ӯ аз ҳамон лаҳза сар шуд".

Чоп шудани асарҳои нисбатан бузурги ӯ бо номҳои "Хоки Ватан" ва "Суруди кӯҳ", ки аз маъниҳои тозаву рангин ва образҳои ҷадид саршор буданд, Расул Ғамзатовро бори дигар маҳбуби хонандаи авар гардонид.

Расул Ғамзатов соли 1948 барои касби камол ва рушду нумӯи шоириаш ба институти адабии ба номи Горкии ш. Москва дохил шуда, онро бо дипломи аъло /с.1950/ хатм намуд. Худи ҳамон сол барои китоби "Соли таваллуд" ба Лауреати мукофоти Давлатии СССР сазовор дониста шуд.

Дар байни хонандагони умумиттифоқ бошад, Р. Ғамзатов баъди нашри достони "Духтари кӯҳсор" дар саҳифаҳои маҷаллаи "Дружба Народов" /с.1958/ маҳбубият пайдо намуд. Дар саҳифаҳои маҷаллаи "Новый Мир" /с.1958/ нашр шудани силсилашеърҳои ӯ бо унвони "Ситораҳо месӯзанд" номи шоир ва шеъри ӯро манзури хонандагони қитъаҳои гуногуни олам гардонид.

Ба таъбири адабиётшинос Валӣ Самад "ин хусусиятҳо дар осори ӯ оҳанги ҳаққоният ва навовариро беш аз пеш пурқувват намуда, тавачҷӯҳ ва рағбати хонандагонро дар тамоми гӯшаю канори олам ба Доғистон, дурусттараш ба назми Расул даҳчанд менамуданд... Хонандагон хуб мефаҳмиданд, ки сурудаҳои Расул танҳо дар ҷасорат ва назокат, виҷдон ва зебоӣ, мукофот ва танбеҳ, муҳаббат ва хиёнат, шодӣ ва ғазаб, писханди душман ва нигоҳи гарми дӯст, шабҳои бехобӣ ва рӯзҳои тӯфонӣ, донаҳои ашк ва қатраҳои хун, шип-шип садо додани хома ва гуп-гуп задани дил эҷод шудаанд".

Бозёфтҳо ва образҳои нави шоирона аз як шеър то ба шеъри дигар, аз маҷмӯа то маҷмӯаи дигар дар эҷодиёти шоир афзуда, сафи мухлисонашро зиёд менамуд. Ин буд, ки Р. Ғамзатов барои маҷмӯаи шеърҳояш

"Ситорахои дуродур" /Москва,1962/ сазовори Лауреати мукофоти Ленинӣ гардид.

Ин ҷо саволе ба миён меояд, ки чӣ боис шуд Р. Ғамзатов ва эҷодиёти ӯ дар радифи беҳтарин шоирони асри XX ҷой гирад?

Ба ин савол маҷмӯаҳои шеъру достонҳои шоир "Номаҳо", "Зарима", "Паёми авул", "Ситораҳои Доғистон", "Ситора бо ситора роз гӯяд", "Китоби сонетҳо", "Афсарони Русия", "Доғистони ман" ва ғайра ҷавоб мегӯяд. Ва сонияи, худи шоир ба ин масъала рӯшноӣ андохта навиштааст, ки "шоир набояд сояи замони худ бошад. Чунин воқеа ба ман низ рӯй додааст. Воқеа ин буд, ки замоне қаҳрамони халқи мо Шомилро бо бӯҳтон ҷосуси англисҳою туркҳо номида, эълон карданд, ки ӯ барои озодии халқҳои Доғистон мубориза набурда, баръакс дар байни халқҳо низоъ ва адовату хусуматро барангехтааст. Ман шеъре навишта, Шомилро гӯё фош намудам. Аз таърих, ки бехабар будам, ба моҳияти воқеаҳои рӯйдодаистода сарфаҳм намерафтам. Камина ба он кӯҳистоние монанд будам, ки саҳифаҳои Қуръонро варақ мегардонаду ба ягон ҳарфи забони арабӣ ошно нест, вале аз он ба завқ меояд... Аз ин рӯ, шоир набояд соя бошад".

Аз ин андешаҳои шоир бармеояд, ки ӯ ҳаёти инсонро ба таври такрорнаёбанда эҳсос менамояд. Дар пайдо намудани вожаю ибораҳои шоирона ва тавлиди шеъри нав "ҷон меканад" ва ҳамарӯза дар олами андешаҳои қаҳрамонони хеш бо онҳо дар гуфтугӯ ва иртибот аст:

Ҳанӯзам дар сари тиғи илҳом,
Ба азми навҷавонӣ менишинам.
Ҳанӯзам бар сари ҳар сатр то субҳ,
Ба уммеди равонӣ менишинам!

Яке аз мавзӯъҳои муҳимме, ки сабаби муваффақиятҳо ва маҳбуби хосу ом гаштани шоир гаштааст, ин мавзӯи муҳаббат ба Ватан ва ҳисси ватанпарастии шоир мебошад. Ӯ оид ба ин масъала таъкид мекунад, ки "барои адиби оламшумул шудан, аз ҳаёти ҳамаи халқҳои ҷаҳон асар навиштан шарт нест. Танҳо дарк карда тавонистани он лозим аст, ки инсон бо чӣ хушбахт ва хушбахтиро чӣ тавр дарёфт мекунад. Барои ин пеш аз ҳама ҳодиса ва воқеаҳои зиндагиро бо чашми дил дида, гарду ғубори онро бо нафаси гарми рӯзгор тоза кардан лозим аст. Ҳамқисмати халқи худ бошад ва дар ҳаёт баробари ӯ пой гузорад". Бо таъбири ӯ дар байни мо бисёр касоне ҳастанд, ки дар дил оташи ҷовид, оташи назм, оташи ривоят, оташи муҳаббати Ватан доранд, ин оташро ҳифз менамоянд ва ба дигарон эҳдо мекунанд.

Ман ҳам дар дили худ шарфаи оташи ҷовидро эҳсос мекунам. Вазифаи худ низ мешуморам, ки ин шарораро хомӯш гардидан намонам, онро доман занам, маҷбур созам, ки рӯшноӣ диҳад, гарм кунад, то каси аз қафои ман меомада ин оташро аз ман қабул карда, ба сӯи оянда барад».

Шоир, воқеан вазифаи муқаддаси худро дар назди Ватани хеш сарбаландона ва бошарафона иҷро намуд. Ин буд, ки ҷаҳониён Ватани кӯчаки шоир — Доғистонро ба воситаи асарҳои ӯ, махсусан тавассути асари безаволу ҷаҳоншумули ӯ "Доғистони ман" шинохтанд. Дӯст доштани Ватан, меҳру муҳаббат бастан ба он ва халқи онро аз Расул омӯхтанду меомӯзанд.

Дил на як тору на се хоҳад маро,
Бо ду тор, эй сози ман, овоз деҳ,
Ишқ як тори ману тори дигар
Мулки Доғистон бо ҷонам гиреҳ!
Ё худ дар китоби "Доғистони ман" навиштааст:
Ба мисли кӯдаке к-андар дабистон
Ҳарфҳоро ҷанг андозад,
Ҳамеша вирд месозам,
Ҳамеша мекунам такрор: Доғистон.
Ба ҳар як пурсиши кӣ ё чӣ бетардид
Кунам изҳор: Доғистон.
Ба номи кӣ суруди ман? Ба номи ӯ!
Ба кӣ? Аз баҳри Доғистон!

Аз навиштаҳои Р. Ғамзатов хонанда эҳсос мекунад, ки ӯ ҳамеша ҳамқисмату ҳамтақдири халқу миллати худ буда, барои пос доштани номи он ва шаъну шарафи Ватани худ ба мисли Шомилу Ҳоҷӣ Мурод, Маҳмуд ва дигарон мубориза мебарад, зеро "... миллатро интихоб намекунанд, он ба мисли падару модар интихобнашаванда аст. Фарзандони ҳақиқӣ дар ҳама ҳолат падару модари худро мешиносанд".

Р. Ғамзатов чун мунодии сулҳ ба мамлакату кишварҳои зиёде сафар карда, аз наздик ба зиндагӣ ва адабиёту фарҳанги онҳо ошноӣ пайдо намудааст. Аммо "тоҷикон ва Тоҷикистон ва махсусан адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик дар олами рӯҳии шоир мақоми хосе дорад. Вай дилдодаи маданияти тоҷик, махсусан адабиёти оламшумули он аст".

Воқеан рӯҳи ватанхоҳии Фирдавсӣ, рубоиёти оламгири Хайём, панду андарзҳои Саъдӣ, ғазалҳои пуршӯби Ҳофизу Ҷомӣ ба эҷодиёти Р. Ғамзатов бетаъсир намондааст. Ба таъбире "байни "Гулистон"-и Саъдӣ ва "Доғистони ман"-и Расул аз як тараф, рубоиҳои даҳрошӯби Хайём ва чаҳорбайтиву сонетҳои Расул аз тарафи дигар, як шабоҳат ва наздикии пинҳонӣ ба мушоҳида мерасад: Дар шеър баробари Хайём шуда наметавонам гуфтани Расул, "ки аз Хайём шуд Ғамзат дилафрӯз" навиштани шоири рус Марк Максимов; "Ҳамқадаҳ ҳастанд бо Хайём доғистониён" ишора кардани М. Турсунзода моро водор месозад, ки ба тадқиқи оҳангҳои Хайём дар ашъори Расул амиқтар сар дарорем".

Р. Ғамзатов бо шоирони муосири тоҷик, махсусан ба М. Турсунзода иртиботи қавӣ дошта, дӯсти хеле наздику қадрдон низ будаанд. Ин аст, ки ҳар ҷо дар бораи сулҳу ваҳдат, халқу миллат ва илму фарҳанг сухан равад, аз ҳаммаслакиву дӯсти худ ёдовар мешавад:

Ҳар куҷо Мирзо маро пеши назар ояд ҳанӯз,
Он гули сурхе, ки чун лахти ҷигар гул мекунад.

Ё худ дар яке аз мақолаҳои хеш ба муносибати 80-солагии Мирзо Турсунзода /газ. "Согласие", 13.XII.1991/ аз муносибати самимии М. Турсунзода ба худ едовар шуда менависад, ки дар дӯстӣ ӯ чун шеър бисёр самимӣ ва олиҳиммат буд.

Шеъру достонҳои Расул Ғамзатов ба дилу дидаи хонандагони тоҷик кайҳо боз ҷойгир шудааст. Аз солҳои 50-ум сар карда, шеърҳои алоҳидаи ӯ тавассути рӯзномаву маҷаллаҳои ҷумҳурӣ манзури хонандаи тоҷик гаштааст. Дар тарҷума ва паҳн намудани ашъори шоир хизмати М. Турсунзода, Лоиқ Шералӣ ва Абдулло Зокир бузург аст. Ду маҷмӯаи шеърҳои шоир "Суруди авул" /Душанбе:Ирфон, 1969/ ва "Модаронро пос доред" /Ирфон, 1983/ бо сухани пурмӯҳтавои адабиётшинос Валӣ Самад ва повести "Доғистони ман" /Душанбе: Инфон,1975; Адиб: 1984/ дар тарҷумаи Абдулло Зокир ба табъ расидааст.

## НАМУНАҲО АЗ АШЪОРИ РАСУЛ ҒАМЗАТОВ

### ЭЙ ҲАЁТИ МАН

Ҳаёти пуршару шӯрам
Пур аз уммеду армонам,
Ту будӣ бахти бисёре
На танҳо бахти ман, ҷонам.

Аз ин рӯ ҳар ғаму дардам,
Дили хунин, дами сардам,
Ба ёрон беасар нагзашт,
Ғаме дидам, асар кардам.

Ман аз дарду ғами ёрон
Набудам бетараф ҳаргиз,
Ғами эшон ғами ман буд,
Ками эшон ками ман низ.

Ғами бегонае чун тир
Зи ҷонам бигзарад якдам...
... Агар як шоха пажмирад,
Бигардад буттае сархам...

## ЁД МЕКУНАМ

Ҳар лаҳза ёд мекунам маъвои дурро,
Дуошёна ошёни пурсурурро.
Ҳар лаҳза ёд мекунам саҳрову сангро
Аҳди шубобу ҷилваи аспи қашангро.

Ҳар лаҳза ёд мекунам он чашмасорро
Наздаш ба кӯза рафтани зебонигорро!
Пайроҳаи азиз ҳам бар ёд оядам,
Субҳи гусели дилбарам дилро кушоядам!

Аммо ба ёд н-оварам чун дӯст дорамаш,
Зеро нашуд,
ки як нафас аз дил барорамаш.

## МОДАРОНРО ПОС ДОРЕД!

Месароям он чиро, ки ҷовидонӣ нав бувад,
Гарчи онро ман нахоҳам хонд монанди суруд,
Лек чун ҳарфе ки зояд созу оҳанги наве,
Андаруни синаи ман мекунад арзи вуҷуд!
Ин наво аз синаи ман сар ба боло мекашад,
Дар само хоҳад, ки паҳлу дар бари ахтар занад,
Аз ғаму шодӣ бароям достон гӯяд ҳаме,
Чун садои синаам ҳар сӯй болу пар занад.

Лек вақте ки бигӯям ман ба эъҷози тамом
Ин сухан—Эъҷоз, балки ин сухан Нуру сафост,
Мурдагону зиндагон, хезед рӯи по шавед,
Ҳам шумо, эй кӯдакон, дар ҷои
худ истед рост!

Ҳам шумо, эй коҳсори ҷангалистони абад,
Ҳам шумо, эй соҳаҳои сабзаю гулҳои тар.
Ҷумла бархезед! Бархезед аз ҷо, кӯҳҳо
Осмонҳоро ба каф бардошта болои сар!

Ҷумла бархезеду гӯши хуш бар ҳарфам диҳед,
Ин сухан маҳфуз монда бо ҳама рангу ҷило,
Бо ҳама ҳуснаш муқаддас монда аз аҳди қадим,
Бар сипосаш ҷумла бархезед бо ҳурмат зи ҷо!

Мисли ҷангалҳо, ки бархезанд аз хоби саҳар,
Мисли ҳар як сабза, ки ҷӯяд нигоҳи офтоб,

Ҷумла бархезед аз ҷо бар сипоси ин сухан,
Чунки маънояш ҳаёт асту паноҳи офтоб.
Ин сухан бо сеҳру афсун даъвати айёмхост,
Бӯи ҷон меояд аз он, бӯи дилбози ҳаёт.
Балки он бошад шарори гулхани дарки наҳуст,
Балки он дар рӯи тифлон ханда бошад аз нишот.

Ин сухан, бигзор, бошад ҷовидону ҷовидон,
Бигзарад пайваста аз байни ҳазорон садду банд,
Бигзарад монанди тир аз синаи сангиндилон
Қадри он донад ҳамеша ҳар ҷавони ҳушманд.

Ин сухан ҳаргиз набуд олуда аз макру фиреб,
Андар он бинҳуфта ҳастию ҳаёти ҷовидон,
Ман даҳон пур карда гӯям бар сипосаш—рост ист!
Ин сухан Модар бувад, Модар бувад,
Модар, бидон!

## АЗ "ДОҒИСТОНИ МАН"

### ЗАБОН

...Забони халқҳо барои ман чун ситораҳои осмонанд. Намехостам, ки ҳамаи ситораҳо як шуда, ба ситораи бузурге табдил ёбанд. Ба ситораи бузург ҳоҷат нест, зеро як офтоб бас аст. Аммо бигзор ситораҳо ҳам нур пошанд. Бигзор ҳар кас худ ситорае дошта бошад...

**Аз дафтарчаи хотирот**. Боре дар Париж ман як рассоми доғистониро дучор кардам. Пас аз револютсия дере нагузашта, ӯ ба Италия хонданӣ рафта, он ҷо зани италиёнӣ гирифта, ба ватанаш барнагаштааст. Ин доғистонии ба гиру мони кӯҳистон омӯхташуда ба ватани наваш бо душворӣ одат мекунад. Ӯ тамоми рӯи заминро чарх мезанад, дар шаҳрҳои зебои мамлакатҳои бисёр иқомат мекунад, аммо куҷое равад, ғусса ҳамроҳаш. Хостам ин ғуссаи ӯро, ки бо рангҳо акс ёфтааст, бинам. Бинобар ин хоҳиш намудам, ки расмҳои кашидаи худро нишон диҳад.

Як сураташ "Ёди ватан" ном дорад. Дар ин сурат зани италиёнӣ / ҳамон зани худаш/, ки дар бар либоси қадимаи аварӣ дорад, тасвир ёфтааст. Зан дар лаби чашма. Ба даст кӯзаи миси зарробони машҳури госатлинӣ, нишастааст. Дар нишебии кӯҳ авули хонаҳояш сангини аварӣ бо рангҳои ҳузновар тасвир шудааст, кӯҳҳо сархам. Қуллаҳои кӯҳҳо туманпӯш.

– Туман—ашки кӯҳсор,—гуфт рассом,— ҳангоме ки нишебии кӯҳҳоро туман мепечонад, аз ожанги ҷабини шаҳҳо донаҳои шаффофи об ҷорӣ мешавад... Ин туман—манам.

Дар сурати дигар паррандаеро дидам, ки бар шохи олуи кӯҳӣ нишастааст. Олу дар миёни сангистон рӯидааст. Парранда хониш дорад, кӯҳистонизане аз тирезаи хона ба ин парранда бо чашми ҳасрат менигарад. Рассом дид, ки ба расмаш бо рағбат менигарам, чунин шарҳ дод:

—Ин расм аз рӯи афсонаи қадимии аварӣ.

—Кадом афсона?

—Ҳамон ки паррандаро дошта, ба қафас меандозанд. Парранда дар банд афтода, шабу рӯз ватан, ватан... мегӯяд. Худи ман барин... Ба ватани худ ман ҳам аз тирезаи қафаси худ менигарам.

—Чаро гашта намеравед?

—Дер шуд. Дар вақташ аз ватанам дили ҷавони пурҳарорате оварда будам, оё метавонам, акнун ба ҷои он устухонҳои фартути худро бибарам?

Аз Париж баргаштам ва хешу табори он рассомро ҷуста ёфтам. Ҳайрате доштам, ки модараш ҳанӯз зинда аст. Хешу табор ҳикояи маро дар ҳаққи фарзанди ғарибашон, ки тарки ватан карда, диёри азизи худро ба сарзамини бегонае иваз намудааст, бо дили пурҳасрат гӯш мекарданд. Аммо, ба назарам, онҳо аз гуноҳаш гузашта буданд ва ба ҳар ҳол, зинда будани ӯро шунида, шодӣ мекарданд. Баногоҳ модараш пурсид:

— Ба аварӣ гап задед?

— Не, ба воситаи тарҷумон. Ман ба русӣ, писаратон ба франсавӣ.

Модар рӯяшро ба рӯмоли сиёҳ пӯшонд, чунон ки ҳангоми шунидани марги писар мепӯшонанд. Болои бом борон меборид. Мо дар Аваристон нишастем. Дар гӯшаи дигари дунё, дар Париж ҳам шояд он фарзанди ноқобили Доғистон садои бориши боронро гӯш мекард. Пас аз хомӯшии дуру дарозе модар гуфт:

— Ту ғалат кардӣ, Расул, писари ман кайҳо мурдааст. Вай писари ман не, писари ман забони ман, забони модари авар ёддодаро фаромӯш намекард.

**Савол ва супориш:**

1.Барои кадом асараш Р. Ғамзатов Лауреати мукофоти Давлатии СССР гаштааст?

2.Чӣ боис шуд, ки Р. Ғамзатов ва эҷодиёти ӯ дар радифи беҳтарин шоирони асри XX ҷой гирад?

3.Мукофоти Лениниро кадом сол, барои кадом асараш гирифтааст?

4.Чаро Р. Ғамзатовро мунодии сулҳ меноманд?

5.Шеъру достонҳои шоирро кадом мавзӯъҳо дар бар гирифтааст?

6.Р. Ғамзатов бо кадом шоирони тоҷик иртиботи дӯстию рафоқат дошт?

7.Шеърҳо ва повести машҳури ӯ "Доғистони ман" аз тарафи кадом шоирону мутарҷимони тоҷик тарҷума ва нашр шудааст?

8.Порчаи мансур оё ба шумо маъқул шуд? Агар маъқул шуда бошад, андешаатонро дар бораи он баён кунед.

9. „Ту ғалат кардӣ, Расул, писари ман кайҳо мурдааст" гуфтани модари он рассом чӣ маънӣ дорад? Фаҳмонед.

## МӮСО ҶАЛИЛ
**(1906-1944)**

Халқ далериву шуҷоат ва корнамоиву мардонагии фарзандонашро ҳеҷ гоҳ наметавонад фаромӯш созад. Ҳанӯз аз қаъри асрҳо овозаи қаҳрамонии Рустами достон ба гӯш мерасад ва ё ҳар лаҳза аз далерии Темурмалику Спитамон ва Муқаннаъу Восеъ сухан ба забон меояд.

Фарзанди баруманди халқи тотор Мӯсо Ҷалил низ аз ҷумлаи ҳамон қаҳрамонҳоест, ки ба қаламу бо ярок барои ҳифзи номусу ному имони Ватан мубориза бурдаву дар ин роҳ қурбон шудааст.

Мӯсо Ҷалил соли 1906 дар деҳаи Мустафинаи вилояти Оренбург таваллуд шуда, саводи ибтидоияшро низ дар ҳамон ҷо гирифтааст. Қисмат барои М. Ҷалил табъи баланду истеъдоди фитриро саховатмандона бахшида буд. Қобилияти шеърфаҳмӣ ва шеъразхудкунии ӯро атрофиёнаш гувоҳии оянадаи дурахшони ӯ донистанд. Чунон ки худи ӯ дар "Васият" ба дӯсташ Азиз Кашшоф ишора кардааст, ба шеъру шоирӣ хеле бармаҳал дил баставу худаш низ бармаҳал ба эҷоди шеър пардохтааст.

"Аз соли 1916 менависад ӯ, ба шеърнависӣ сар кардам. Шеърҳои солҳои 1916-1917 эҷодкардаам нигоҳ дошта нашудааст. Як шеъри соли 1917 ба муқобили ҷанг дар Аврупо навиштаамро ба "Вақт" фиристодаам, аммо он шеър чоп нашуд". Баъди як соли ин , яъне соли 1919 нахустин шеъри ӯ бо номи "Бахт" дар рӯзномаи "Қизил Юлдуз" (Ситораи Сурх) бо имзои "Кечкене Ҷалил" (Ҷалили хурдакак) аз чоп баромад. Ҳамин рӯзнома М. Ҷалилро чун шоир кашф кард ва номи ӯро бо чопи пайҳами шеърҳояш чун шоир ба атрофиён шиносонд. Фаъолияти шоирии М. Ҷалил ҳамчунон ки ҳамсараш Аминахонум дар хотираҳояш қайд мекунад, баъди аз Оренбург ба Қазон омадани ӯ хеле ташаккул ёфт ва пеш рафт. Маҷмӯаи нахустини шеърҳояш дар ин ҷо соли 1925 бо номи "Мо меравем" аз чоп баромад. Баъди ин маҷмӯаҳои дигари ӯ "Ба рафиқ" (1929), "Шеърҳо ва достонҳо" (1934), "Шеърҳо" (1939) ва як қатор асарҳои дигараш рӯи чопро диданд. То саршавии Ҷанги Бузурги Ватанӣ фаъолияти ӯ хело доманадор буда, якбора дар чандин ҷабҳаҳо амал кардааст. Хусусан дар корҳои комсомолӣ фаъолона иштирок карда, дар ин соҳа ба муваффақиятҳо ноил гардидааст.

Худи ӯ қайд мекунад, ки "кори комсомолӣ таҷрибаи хаётии маро бой гардонд, маро обутоб дод ва бо рӯҳи дилгармиву муҳаббат ба ҳаёт тарбия намуд".

Ӯ то оғози ҷанг чун шоир ва шахси ба идеалҳои олии ҳаёт содиқ роҳи худро дар зиндагӣ ба мавқеи хеш дар ҷамъият муайян намуда буд. Бинобар ин, бо баробари шунидани хабари шуми ҷанг ӯ ихтиёрӣ ба комиссариати ҳарбӣ рафт ва хоҳиш намуд, ки ӯро ба сафи аскарони шӯравӣ — муҳофизони Ватан фиристонанд. Дигар хел шуданаш ҳам мумкин набуд, охир чӣ тавр шоире, ки тамоми сурудҳояш оташ буданду дар онҳо

садоқатро ба Ватан ва идеяҳои бохирадонаи он ташвиқ мекарданд, аз муҳофизати Ватан дар канор мемонд. Ӯ 23 июни соли 1941 ба муҳофизати Ватан рафт ва дар қатори муҳофизони дигар ба ҷанги зиддифашистӣ дохил шуд. Аз рӯзҳои нахустини ҷанг ба ғалабаи халқи шӯравӣ бовар дошт ва дар шеърҳояш аскарону халқро низ бо ин боварӣ рӯҳбаланд менамуд. Дар мактуби 24 марти соли 1942 ба духтараш Чулпон навиштааш аз зафарҳои армияи шӯравӣ қаноатмандиашро чунин изҳор намудааст: «Ба ту саломи оташин мефиристам ва туро мебӯсам. Ман танҳо ҳамин лаҳза аз ҷанг ба ҷои хобам омадам. Мо фашистонро сахтакак кӯфтем. Онҳо ба ақиб нигоҳ накарда мегурезанд. Пушкаҳои мо онҳоро ба снарядҳои худ меҳмондорӣ мекунанд ва онҳо, ҳарчанд ки ин ҷо хунуки сахт аст, дар оташи ӯ месӯзанд»...

Ин муҳофизи содиқи Ватан дар яке аз муҳорибаҳои шадид ба дасти душман афтод ва муддате аз ӯ дараке пайдо нашуд. Ва баъд маълум гардид, ки ӯ бо асирони ҳарбӣ якҷоя аз дохил ба муқобили фашистон мубориза мебаранд. Асирони ҳарбиро, ки фашистон ба муқобили армияи шӯравӣ бо роҳу усулҳои гуногун тайёр мекарданд, бо ҳам муттаҳид намуда, чӣ будани Ватан ва муқаддас будани онро мефаҳмонанд. Бо варақаҳои пинҳонӣ ба асирони ҳарбӣ роҳу усулҳои гуногуни муборизаро нишон медиҳад ва бӯҳтон будани суханҳои бардурӯғи фашистонро фош карда, онҳоро ба мардиву мардонагӣ даъват мекунад.

Мард бошӣ, тан мадеҳ бар бандагӣ,
Ҷанг бо дандон бикун бо бандагӣ.
Мард бошӣ, ҷон деҳу бандӣ машав,
Бошад истиқлол ҳусни зиндагӣ.

*(Тарҷумаи Ҳ.Раҳмат)*

Баъди ошкор шудани сирри пинҳонкорон онҳоро бо роҳбарии М. Ҷалил ҳабс намуданд. Аммо фашистони гитлерӣ аз истифодаи маҳбусони ҳарбӣ ҳанӯз даст накашида буданд ва барои ташвиқи идеяҳои разили худ ба камераҳои маҳбусон рӯзномаву варақаҳои қалбакии немисиву русӣ пахн мекарданд. Аммо ашъори парокандаи М. Ҷалил, ки танҳо дар ҳошияҳои рӯзномаҳо сабт мешуд, ташвиқи идеяҳои фашистонро пахш мекард. Ҳар як сатри он ашъори ҷонсӯз ва интиқомхоҳона ҷои садҳо рӯзномаҳои фашистонро мегирифт ва ба таъбири шоир ва тарҷумони лазгӣ "ашъори М. Ҷалил мисли тирҳои сайёде буданд, ки танҳо ба нишон мерасиданд". Ҳамин ашъори нишонраси ӯ аз маҳбасҳои фашистӣ дар шакли ду дафтарчаи кисагӣ берун баромад ва имрӯз бо номи "Дафтари Маобит" машҳур аст. Дафтарчаи якум ба воситаи дӯсти шоир собиқ асири ҳарбӣ Аббос Шарифов ва дафтарчаи дуюм ба воситаи ватанпарасти белгиягӣ Андре Темерманс ба дасти адибони тотор расид ва минбаъд ба саъю кӯшиши онҳо дар шакли китоби алоҳида борҳо нашр

гардид. Дар сахифаи охирини дафтарчаи якум васияти шоири қаҳрамон чоп шудааст, ки ҳаёту зиндагии ӯро метавонад равшан намояд.

"Ба рафике, ки бо забони тоторӣ хонда метавонад ва ин дафтарчаро мехонад. Инро шоири намоёни тотор Мӯсо Ҷалил навиштааст. Қисмати таърихии ӯ чунин аст: ӯ соли 1906 таваллуд шудааст. Дар Қазон ва дар шаҳри Москва хонаи истиқоматӣ дорад. Дар диёраш ӯро чун шоири намоён эътироф мекунанд. Ӯ соли 1942 дар вақти муҳорибаи фронтӣ асир афтод. Ӯ дар асирӣ ҳама гуна ваҳшониятро дид, аз 40 марг гузашт ва баъд ба Берлин оварда шуд. Дар ин ҷо барои иштирокаш ба дастаи пинҳонкорон ва ташвиқи ақидаҳои шӯравӣ ба ҳабс гирифта шуд. Ӯро ба ҳукми қатл маҳкум мекунанд. Ӯ мемирад. Аммо аз ӯ 115 шеъри дар асирӣ ва ҳабс навиштааш мемонад. Дили ӯ барои ин шеърҳо парешон аст. Барои ҳамин ӯ кӯшиш намуд, ки аз ин 115 шеър ақаллан 60 тоашро тозанавис кунад. Агар ин дафтарча ба дасти ту афтад, озода ва бодиққат онро тозанавис кун, баъди ҷанг низ нигоҳ дор ва эҳтиёт намо ва ба Қазон хабар расон ва онро ҳамчун шеъри шоири шаҳиди тотор чоп намо. Ҳамин аст васияти ман. Мӯсо Ҷалил. 1943, декабр".

Дар ҳақиқат ӯ аз тақдири худ огоҳӣ дошт ва ӯро ҳамроҳи 11 нафар пинҳонкорон 25 августи соли 1944, соати 12 рӯз дар ҳабсхонаи Шпандау ба қатл расониданд.

Барои Мӯсо Ҷалил дар роҳи мубориза баҳри истиқлоли Ватан мурдан ин шараф буд. Бинобар ин ӯ марги худро осудаву оромона ва бо лабони майли табассум пешвоз гирифт. Ба ҷаллодони фашистӣ дар як шеъри пеш аз маргаш чунин хитоб кардааст.

Ман асирам, асири зиндонам,
Сари худ хам намекунам аммо!
Ба сарам гар табар занӣ, ҳатто
Нашавад таҳ ягон зи мижгонам!
*(тарҷумаи А. Қаҳҳорӣ).*

Фашистон танҳо тавонистанд ҷисми ӯро нобуд созанд, номи ӯ тавассути ашъораш абадан зинда монд ва имрӯз низ ашъори ӯ халқро ба мубориза барои осудагӣ ва озодиву истиқлол даъват менамояд. Ашъори ӯ бо забонҳои гуногун тарҷума шудаанд. Доир ба фаъолияти ҷангӣ ва пинҳонкории ӯ ва доир ба эҷодиёташ китобҳои зиёде навишта шудаанд, кӯчаву хиёбонҳо, колхозҳо, совхозҳо, театру мактабҳо ва параходи азиме номи бошарафи ин шоири қаҳрамонро гирифтаанд.

Мероси адабии М. Ҷалил ба мавзӯъҳои гуногун бахшида шуда, дар онҳо ҳам ҳаёти одамони озоди шӯравӣ, меҳнати софдилонаи онҳо барои ободии кишвар ва ҳаёти ҷавонони саодатманд ва ҷаҳду ҷадалҳои онҳо васф шудааст.

Аз ҷумла дар шеъри "Нома аз Волга" (1933) образи колхозчии пир, дар шеъри "Суруди мохигирдухтар" (1933) образи духтари меҳнатдӯст

ва дар достони "Хаткашон" (1938, нашраш 1940) ҳаёти ҷавонони шӯравӣ акс ёфтааст. Ӯ барои эҷоди либреттои "Заринмӯй" (1941) соли 1948 сазовори Мукофоти давлатии Иттиҳоди Шӯравӣ гардид. Ашъори давраи ҷангии ӯ бошад, аз некбинӣ ва боварӣ ба ғалабаи мубориздони зидди фашизм ва шуҷоату мардонагии онҳо саршор аст. Шеърҳои "Пеш аз ҳуҷум" (1942), "Аз госпитал" (1941) ва китоби "Нома аз хандак" (1944) намунаи лирикаи замони ҷангӣ мебошад.

Мӯсо Ҷалил соли 1957 барои силсилаи шеърҳои "Дафтари Маобит" сазовори мукофоти Ленинӣ (баъд аз маргаш) гардид.

Хонандагони тоҷик низ дар қатори хонандагони халқҳои дигар ашъори ӯро ба забони модариашон мехонанд. Шоирони зиёди тоҷик аз қабили М. Қаноат, А. Қаҳҳорӣ, Ф. Ансорӣ, У. Раҷаб, Г. Сулаймонова, Ш. Ёдгор, А. Адҳам, Ҳ. Раҳмат, А. Шарифӣ ва дигарон ашъори ӯро тарҷума кардаанд ва қисми дигаре дар ситоиши қаҳрамонии ӯ шеър гуфтаанд.

"Дафтари Маобит", ки маҳсули охирин рӯзҳо ва дилу дидаи пурхуни ӯст, соли 1966 ба забони тоҷикӣ бо сарсухани Нурмуҳаммад Табаров аз тарафи нашриёти "Ирфон" нашр гардид.

Гурӯҳи калони олимони тоҷик аз қабили В. Асрорӣ, А. Сайфуллоев, Ҳ. Шодикулов, Валӣ Самад ва Муртазо Зайниддинов доир ба соҳаҳои гуногуни ҳаёту эҷодиёти ӯ андеша баён кардаанд, ки ҳамаи ин гувоҳи муҳаббат ва самимияти халқи тоҷик ба рӯҳи оташбори шоири қаҳрамон аст. Ва ҷиҳати дигаре низ ҳаст, ки сабабгори дучандии муҳаббати тоҷикон ба ӯ шуда метавонад. Ин ҷиҳат ҳамин аст, ки худи ин шоири қаҳрамон ба адабиёти классикии тоҷику форс дилбастагӣ дошта, ҳанӯз дар синни 13 солагиаш аз намунаҳои ин адабиёт баҳраманд шудааст. Ин матлабро худи ӯ дар "Роҳи ҳаёт"-аш қайд кардааст. Як далели дигари таърихӣ низ метавонад гувоҳи ин гардад. 4 марти соли 1935 дар Кремл ба тоҷикдухтари 11-сола Мамлакат Наҳангова Ордени Ленин супориданд. Дар ҳамин форум М. Ҷалил бо М. Наҳангова ҳамсӯҳбат шуда, дар ҳаққи ӯ бо номи "Пионерка Мамлакат турында жыр" ("Суруд дар ҳаққи Мамлакат") шеъре эҷод кардааст.

Ҳамин аст, ки ному ашъори М. Ҷалил дар дилу дидаи хонандагони зиёде ҷой шудааст ва зиндагиву марги ӯ чун суруди интиқом ба гӯш мерасад.

Ҳаёти ман суруде буд, к-оҳанги вай охир шуд,
Садо бидҳад суруди интиқоми гашта марги ман.

## БЕПО

Бозгаштам, Дилбар, истиқбол кун!
Гарчи бепоям, ту хурсандӣ намо,
Пеши душман ҳам накардам коматам,
З-ин сабаб ҳам канд ӯ пои маро.

Зад ба тире хасм, афтодам ба хок.
— Сар фаровардӣ! —бигуфту шод шуд,
Лек дархол он ба ваҳм омад, чу ман
Хестам бепо, ситодам рост худ.

Баҳри хуни ман замин омад ба қахр,
Сар фаровард ашколуд ҳар ниҳол,
Дод қувват баҳри ман модар—замин,
Ҳам намонд афтодану бахшид бол.

Ҳар як аз маҷрӯҳи мо бошад чунин:
Ҳар яки он зидди чандин душман аст,
Гарчи ин бедаст, вай бепо бувад,
Лек рӯҳи мо матин чун оҳан аст.

Бозгаштам, Дилбар истиқбол кун!
Гарчи бепоям, машав хуни ҷигар,
Рӯҳи виҷдонам бувад оинавор,
Маънии одам дар ин набвад магар?

## БОВАР МАКУН

Ҳар касе дар ҳаққи ман гӯяд агар:
"Монда шуд, афтид, тарсид аз хатар".
Не! Азизам ту ба ин бовар макун!
Дӯсти ман нест шахси бадхабар.

Дар ливо бо хун навиштастам: ба пеш!
Ёд кардам ман қасам ҳар дам: ба пеш!
Ҳақ ба тарсу ларз дорам баъд аз ин?
Монда гардам? Дар сухан гӯям: ба пеш!?

Ҳар касе дар ҳаққи ман гӯяд агар:
"Ӯ Ватан бифрӯхт ҳангоми хатар".
Не! Азизам, ту ба ин бовар макун!
Дӯсти ман нест шахси бадхабар.

Ман "Ватан" гӯён, "ту" гӯён омадам,
Байни оташ ҷанг кардам ҳар қадам,
Гӯ: кӣ мемонад бароям дар ҷаҳон
Гар диҳам аз даст ёру кишварам?

Ҳар касе дар ҳаққи ман гӯяд агар:
"Мурд Мӯсо –шавҳарат вақти хатар".
Не! Азизам, ту ба ин бавар макун!
Дӯсти ман нест шахси бадхабар.

Хок созад ҷисми инсонро ниҳон,
Лек натвонад кунад хомӯш он
Қалби аз ашъор ҷӯшони маро!
Он касеро, ки диҳад мардона ҷон,
"Мурд" мегӯянд оё дӯстон!

## ШОИР

Тамоми шаб асар бинвишт шоир,
Фурӯ мерехт ашкаш рӯи коғаз.
Ба берун муттасил шӯрида бӯрон,
Зи раъду барқ таркиш дошт гунбаз.

Шамол аз дар дарун мезад, чу гумроҳ,
Парешон менамуд авроқи шоир.
Зи дар берун давида сахту мудҳиш,
Ба ҳар сӯ мекашид уллос дилгир.

Ба дарё хест мавҷи кӯҳмонанд,
Сафедоре зи бех афтод аз барқ,
Сипас хомӯшии шаб соҳирона
Намудӣ кулбаҳоро яксара ғарқ.

Тамоми шаб даруни хона шоир
Ба мисли офтобе оташ афрӯхт.
Зи қалби ҳамчу бӯрон дархурӯшаш
Ба коғаз ҳиссиёти хеш андӯхт.

Зи ҷояш хест ҳангоми сапеда,
Ҳама бинвиштаҳои хеш сӯзонд.
Бадар рафт аз дари хона...
Сукунат
Фаро омад, шафақ ҳар сӯ фурӯзон.

Чиҳо бинвишт шоир андар ин шаб?
Чӣ эҳсосе варо медошт сармаст?
Варақҳои дилаш бар бод дода,
Куҷо ғоиб бишуд аз хона бошаст?

Шавад бўрон, шамоли тунд хезад,
Ҳама шаб хоб аз чашмон гурезад
Шуморо нури субҳу боду бўрон
Ба дил эҳсоси шоир мебирезад.

**Савол ва супориш**:

1.Тарҷумаи ҳоли Мӯсо Ҷалилро бо тарҷумаи ҳоли шоири ҷанговари тоҷик Ҳабиб Юсуфӣ муқоиса кунед, дар он чӣ умумиятҳоро мебинед.

2.Ватан дар эҷодиёти шоир чӣ мавқеъ доштааст?

3.Байти:

Ҳар касе дар ҳаққи ман гӯяд агар:
"Ӯ Ватан бифрӯхт ҳангоми хатар"-ро

чӣ хел мефаҳмед, маънидод кунед.

4.Шеърҳоро хонед ва аз ёд кунед.

## ҲЕРМАН ҲЕССЕ
**(1877-1962)**

Ҳерман Ҳессе шоир ва нависандаи бузурги олмонизабони швейтсарӣ буда, соли 1877 дар шаҳри Колу ба дунё омадааст. Падараш табаъаи давлати Русия ва модараш духтари як миссионере буд, ки дар Толочрии Ҳиндустон ба дунё омадааст. Модари Ҳиссе дар китобчаи хотироти худ менависад:

«Дар рӯзи якшанбе дуюми июли 1877 марҳамати илоҳӣ насиби ман шуд ва дар соати 5 тифле бисёр зебо ва бузург ба дунё овардам, ки бо чашмони обии равшанаш ба рӯшноӣ назар афканд».

Дар айёми ҷавонӣ на танҳо падар ва модари ӯ моил буданд, ки Ҳерман илоҳиёт биёмӯзад, балки ин арзонтарин риштаи таҳсил ба шумор мерафт. Зеро ҳар сол дар ҳудуди 45 нафар аз писарони чордаҳсола бо истифода аз як кӯмаки таҳсилӣ дар яке аз донишгоҳҳои он замон таҳсил мекарданд ва баъд аз гузаронидани имтиҳони махсус ба калисои «Молбрун» мерафтанд. Тасвири ин имтиҳон ва хулосаи аҳволи ин давронашро дар достони «Зери чарх» пайдо намудан мумкин аст.

Дар соли 1891 Ҳерман имтиҳони мазкурро супорида, ба калисои «Молбрун» дохил мегардад. Таълими хушки мазҳабӣ рӯҳи пуршӯру ҳарорати ӯро меафсурад ва вайро сахт ба ёди зодгоҳи хеш меандозад. Дар соли 1892 аз муҳити мазҳабӣ ба танг омада, роҳи фирорро пеш мегирад ва аз дарсу қилуқолаш рӯ тофта ба ҷониби Колу раҳсипор мешавад. Дар он ҷо ба китобфурӯшӣ ва чанде ба корҳои дигар машғул мешавад.

Ҳессе дар баъзе осори хеш Колу — зодгоҳи худро сеҳросо тавсиф кардааст ва шаҳри худро бо хонаҳои чӯбин ва рӯдхонаи зебои хурӯшони он ва бо турраи гесувони духтарҳо ва рӯдборҳо ва дастаҳои зебои гул

шарҳ додааст. Ин манзараҳо дар достонҳои «Ҷавонӣ зебост», «Зери чарх», «Достонҳо ва қитъаи «Кунули» ба чашм мехӯрад.

Аз осори номаъруфи Ҳессе, ки қабл аз «Патар Комин Синд» навишта шудааст, қитъаи «Гуфтугӯе бо як гунг»-ро бояд ном бурд, ки дар он ишқе бас ҷолиб ва амиқ нишон дода шудааст: «... Ту чӣ фикр мекунӣ, агар бигӯям чаманзор. Ту дар он калима садои насимро дар миёни дарахтони булут намешунавӣ ва бӯи гулҳои ёсро истишмом намекунӣ ва сутуҳи рангини чаманзорро, ки пӯшида аз гулҳост, намебинӣ...»

Он чӣ ки Ҳессе муддатҳо худро бо таассуроти Колу машғул кард, ҳамоно зебоиҳои ин шаҳри кӯчак ва таассуроти ҷаҳонӣ ва барҳамой буд, ки баъдҳо поя ва асоси мавҷудияти маънавӣ ва тарзи зиндагии ӯ гашт. Дар чунин дунёе рӯҳи Ҳессе парвариш ёфт ва бо мутолиоте, ки дар китобхонаи падари бузургвораш мекард, ба илми забоншиносӣ ва дастури забон иҳота ёфт. Инҳо ҳама сабаби он шуданд, ки сухани ин шоир ва нависанда сохтмони равшан пайдо кунад ва натиҷаи комилан мантиқӣ ва фалсафӣ ба худ бигирад.

Ҳессе дар соли 1899 дар 22-солагӣ ба Базел муроҷиат кард ва аввалин асари худро бо номи «Ашъори романтикӣ» дар таҳти таъсири қитъаи «Як соат баъд аз нимашаб» — ном асари Рилке мунташир сохт. Ҳессе дар ин шаҳр низ дубора ҳирфаи китобфурӯширо пеша кард ва бо осори Ҳофман, Тик, Наволис, Ҳайне ва Клаф ошно шуд ва аз лиҳози фалсафӣ низ китоби «Чунин гуфт Зартушт»-и Нитшеро мавриди омӯзиш қарор дод ва таълими вайро сахт баррасӣ кард.

Вай дар соли 1903 баъд аз мусофирати Итолиё романи «Патар Комин Синд»-ро интишор дод, ки бо муваффақияте, ки ӯ интизораш набуд, рӯбарӯ гашт Ин роман, ки таъсире аз Клаф дар он ба чашм мехӯрад, достони ҷавонест, ки деҳкадаи худро тарк мекунад ва дар ин дунёи бекарон яккаву танҳо худро ба дасти ҳаводис месупорад ва ҳангоме, ки солҳо аз умраш гузашт, ба деҳкадаи худ бозмегардад ва ҳамон тариқи зиндагонии падарони хешро пеш мегирад. Забони Ҳессе дар ин роман ба қадре шево ва равон аст, ки бино ба гуфтаи мунаққидон ҳеҷ асаре то бад-ин ҳангом инчунин гиро ва ҷаззоб ва дар айни ҳол сода ва пур аз лутф нигошта нашуда буд.

Ҳессе баъд аз ин муваффақияти аввалини адабияш ба Гайнҳоф, воқеъ дар Швейтсария муҳоҷират кард. Тобистони ҳамон сол (1904) вай бо духтаре бо номи Мари Барнули издивоҷ кард.Хусусиятҳои ин заиро Ҳессе дар соли 1919 баъд аз ҷудоияшон дар китоби ҷолиби худ ба номи «Достонҳо» муҷассам сохтааст.

Ҳерман Ҳессе дар байни солҳои 1907 то 1912 маҷаллаи «Марс»-ро интишор медод. Дар соли 1910 «Гертруд»-ро навишт ва як сол баъд мусофирате ба Ҳиндустон кард ва дини Буддо ва бараҳманони он диёрро мавриди мутолиа қарор дод. Сипас дар соли 1912 ба Берн бозгашт ва то поёни ҷанги ҷаҳонсӯзи аввал дар он ҷо маскан гузид.

Дар байни ин солҳо Ҳессе «Русҳолд» (1914), «Кнулб» (1915), «Достонҳо» (1919) ва «Демиан»-ро, ба риштаи таҳрир даровард. Сипас аз соли 1919 то ҳангоми маргаш дар Монтогнуло дар наздикии Лугону дар Тисип маскан гузид.

Аввалин асари адабии ӯ, ки дар ин шаҳр ба вуҷуд омад, «Охирин тобистони Клингсур» ном дошт. Баъдҳо се достон «Клин ва Вагнир» ва «Сидҳорта» ва ҳамон достони фавқуззикрро таҳти унвони «Роҳе ба дарун» интишор сохт. Як сол баъд аз ин достони «Ашъори наққош»-ро таълиф намуд. Соли 1922 таҳти таъсири сафари Ҳиндустон достони беназири «Сидҳорто»-ро навишт ва он андешаҳое, ки дар «Демиан» оғоз карда буд, дар ин асари қолиб ва арзандаи худ такмил ва инкишоф дод. Таърихи вуқӯи ҳаводиси ин достон ба эътибори таваллуди Буддо дар соли 560 қабл аз милод (қарни шашум ва панҷуми пеш аз милод) аст.

«Сидҳорто» достони писари бараҳманест ба ҳамин ном, ки ҷавонии хешро ба маросимҳои мазҳаби худ ғарқа сохта ва аз ҷавонҳои ҳамсинну соли хеш дар ин ҷода бартарӣ ҷустааст, вале бо ҳамаи инҳо ӯ худ аз ин вазъ қонеъ нест. Бо мурури замон ҳатто аз он ки Прочопоти дунёро офаридааст, шак меоварад.

Бино ба гуфтаи Ҳугубол Ҳессе дар ин достон саъй кардааст, ки ҳикмат ва ирфони Шарқу Ғарбро ба ҳам пайвандад ва бо чунин ойине биҳишти заминии худро поя гузорад.

Усулан биниши ҳиндӣ ва юнонӣ дорои ихтилофот аст. Мутафаккири ҳиндӣ мушкилоти фалсафиро бо мантиқи дарунӣ ва эҳсосоти шоиронаи худ бозгӯ мекунад. Вале файласуфи ғарбӣ ба мантиқ ва истидлол пайбанд аст ва таҳқиқоти ӯ ба пояи илмӣ қарор дорад. Яке аз усули фалсафаи ҳиндӣ мавзӯи «Отман», «бараҳман», яъне «нафси фардӣ» ва «нафси кул» аст, ки Ҳессе онро даҳҳо бор дар достони «Сидҳорто» ба миён гузоштааст. Ин ҳамон чизест, ки дар достони мавриди баҳс борҳо аз забони Сидҳорто мешунавем.

Чунин ҳикматҳоро Ҳессе аз фалсафаи Шарқу Ғарб ба ҳам омехтааст ва аз он миён достони шигифтангези мазкурро ба қалам овардааст.

Баъд аз интишори ин асар Ҳессе, ки ба Швейтсария муҳоҷират карда буд, дар соли 1923 расман тобеъияти он давлатро пазируфт. Чаҳор сол баъд аз он ӯ яке аз бузургтарин осори тахайюлӣ ва ирфонии худро бо номи «Гурги биёбон» мунташир сохт. Осори барҷастаи Ҳессе, ки баъд аз интишори «Гурги биёбон» ба вуҷуд омадааст, иборат аз инҳоянд: «Таселлои шаб» (1929), достони «Нарсис ва Голдмунд» (1930), се достон таҳти номи «Роҳе ба дарун», ки шарҳи он батафсил омад, «Сафари Машриқзамин» (1932) ва билохира шоҳкории ҷовидони ӯ бо номи «Бозии марворидҳои маснӯъ» дар соли 1943. Достони ин китоб аз соли 2400 милодӣ ва аз камоли маънавияте, ки дар он сол таҳаққуқ мепазирад, сухан меронад. Дар ин асар Ҳессе бо баёни дақиқ аз ирфони Машриқзамин натанҳо

замони ояндаро пешбинӣ мекунад, балки дар айни ҳол андешаҳои киноомези худро нисбат ба замони худ баён мекунад.

Дар соли 1946 академияи Шветсия Ҳерман Ҳессеро бо эҳдои ҷоизаи Нобел дар адабиёт ба бузургтарин ифтихори адабии Ғарб муваффақ сохт. Бо чунин ифтихоре Ҳессе дар радифи бузургтарин нависандагони қарни бистум даромад ва номи ӯ дар канори нависандагони саршиноси қарн нақш баст. Ин шоир ва нависандаи бузурги ҷаҳонӣ 9 августи соли 1962 дар Монтогнуло, воқеъ дар хоки Швейтсария дида аз ҷаҳон пӯшид.

СИДҲОРТО
ҚИСМАТИ АВВАЛ
ПИСАРИ БАРАҲМАН

Дар сояи хона, дар офтоби каронаи рӯдхона, канори қаиқ, дар сояи банон ва дарахти анҷир он шохини ҷавон Сидҳорто[1], писари зеборӯи бараҳман бо дӯсташ Гюндо парвариш мейфт. Офтоб шонаҳои лухташро ба ҳангоми ғуслҳои муқаддас ва қурбониҳои рӯҳонӣ дар канори рӯдхона тира месохт. Ҳангоми бозӣ дар анбазор, замоне ки модараш суруд мехонд, дар аснои таълими падар ва бузургони дигар ва замони сӯҳбаташ бо бузургон сояҳое аз муқобили чашмонаш мегузаштанд.

Аз муддатҳо пеш Сидҳорто дар мубоҳисоти донишмандон ширкат меҷуст ва бо Гуюндо дар атрофи ҳунари «Муроқибат ва таъаммуқ» ба баҳс мепардохт. Ба ҳамин зудӣ фаро гирифта буд, ки «ам»-ро чӣ гуна хомӯш бар забон оварад ва чӣ гуна ин калимаро, ки офаринандаи тамоми калимот аст, ба ҳамроҳи дам фурӯ бурдан ба даруни хеш кашад ва онро бо тамоми вуҷуди худ ба ҳангоми боздам бар забон ҷорӣ созад.

Дар ин лаҳза буд, ки пешониаш бо дурахшиши як рӯҳи пок метобид. Вай ба ҳамин зудӣ омӯхта буд, ки чӣ гуна «атман»-ро даруни вуҷуди хеш бозшиносад ва ба лоязолӣ ва ҳамбастагии он бо оламӣ ҳастӣ пай барад.

Қалби падар аз ҷониби писар, ки донишпажӯҳ буд ва ташнаи илм, саршор аз шодмонӣ буд ва медид, ки ӯ онҷунон бор меёбад, ки дар оянда ҳакими бузург ё воизи олиқадр гардад ва шоҳзодае дар миёни бараҳманон шавад.

Ба ҳангоми қадам задан ва нишасту бархости ӯ ва замоне, ки вай қавӣ ва зебо бо пойҳои борикандом, бо ойини тамом ба модари хеш салом медод, синаи модар мамлӯ аз сурур мегашт.

Замоне, ки Сидҳорто бо андоми борик, пешонии дурахшон ва чашмони шоҳвораш аз миёни кӯчаҳои шаҳр мегузашт, қалби духтарони ҷавони бараҳманон ба хотири ӯ ба тапиш дармеомад.

Дӯсташ Гюндо, писари бараҳман ӯро беш аз дигарон дӯст медошт. Вай шефтаи чашмон, овои мулоим ва ҳаракоту хиромидани бакамоли ӯ буд.

[1] *Siddhartha* - ин ном дар забони санскрит Сизорто талаффуз мешавад.

Ӯ ба ҳар чи Сидҳорто мегуфт ва мекард, дил баста буд ва беш аз ҳар чиз мафтуни рӯҳу афкори олӣ ва оташин, иродаи халалнопазир ва даъвати муқаддаси ӯ буд.

Гунд ба хубӣ медонист, ки Сидҳорто ҳаргиз як бараҳмани маъмулӣ, як сарпарасти таносои қурбониён ва ё савдогари таммоъ бо фусунҳои ҷодувона нахоҳад шуд ва воизе худбину нодон, хатибе бадтинату фиребгар ва ё гӯсфанде аҳмаку сарбазер дар миёни ин галаи бузурги одамиён бор нахоҳад омад. На, Гюндо худ низ намехост чунин шавад, бараҳмане дар миёни даҳҳо ҳазор бараҳмани дигар. Ӯ мехост Сидҳортои маҳбубу воломақоми худро пай гирад. Ва агар вай рӯзе худо шавад ва ё ба даруни «дурахшонон» фурӯ равад, Гюндо бо унвони як дӯст, ҳамроҳ, ходим, найзадор ва ё сояи ӯ дар пеш равон гардад.

Бад-ин сон буд, ки ҳама Сидҳорторо дӯст медоштанд ва ӯ барои ҳама кас шодиофарин ва роҳатбахш буд.

Аммо Сидҳорто худ шодмон набуд. Дар роҳҳои мамлӯ аз гули сурх, боғи анҷир саргардон мегашт. Дар сояи нилгуни ҷангал ба муроқибат менишаст. Андоми хешро бо оби тавбаи рӯзона мешуст ва дар сояи анбӯҳи анбазор бо ойини тамом қурбонӣ мекард.

Маҳбуби ҳамагон ва шодибахши ҳамагон буд, вале дар дили худ сурурe намеёфт. Руъёҳо ва афкори бероме аз даруни оби ҷорин рӯдхона, аз ситорагони шаб, ки чашмак мезаданд ва аз партави сӯзони офтоб ба даруни ӯ роҳ меҷуст ва дуди қурбониҳо, абёти «Ригвед» ва такомули бараҳманони пир рӯҳи ӯро бером месохт.

Сидҳорто кам-кам риштаи нохушнудиро дар даруни хеш борвар месохт. Ӯ эҳсос мекард, ки дигар муҳаббати падару модар ва ҳамчунин муҳаббати дӯсташ Гюндо барои ӯ басанда ва оромибахш нест. Ва ӯро барои абад шодмон ва хурсанд нахоҳад дошт. Ба мурур дармеёфт гарчи падари гиромӣ ва бараҳманони донишманд он чӣ аз ҳикмат медонистанд, ба ӯ арза намуданд ва тамоми дониши худро дар зеҳни ӯ мутамарказ сохта буданд, вале ин муҳайялаи ӯ ҳанӯз анбошта набуд ва ҳуши ӯро кофӣ наменамуд — равонаш осоиш надошт ва қалбаш ором набуд.

Ғуслҳо ба зоҳир писандида буд, вале ҳаргиз наметавонист гуноҳонро бишӯяд, ташнагии рӯҳро илоҷ бахшад ва ваҳшати ботиниро бартараф дорад, чаро ки ба ҳар чизе ҷуз об набуд. Қурбониҳо ва фарёди худоён низ писандида буд, вале оё метавонист он ҳама чизро бигирад?

Оё қурбонӣ саодате дар пай дошт?

---

Сурудҳои динии «Вед» кӯҳнатарин бозмондаи забонҳои санскрит хонда мешаванд ва иборатанд аз чаҳор маҷмӯа ба ин қарор:
Ригвед (вед-сурудҳо) шомили беш аз ҳазор суруд.
Соивед (вед-овозҳо) баргузидае аз Ригвед ва ба андозаи як шашуми он.
Яҷурвед, ки назм ва наср дар он омехта аст.
Отрувед, ки чуи Ригвед аст ва наср ҳам дорад — ин сурудҳо (Ведҳои чаҳоргона) аз ҳазораи саввум ва дуввуми пеш аз милод боқист. (Мутарҷим)

Дар боби худоён чӣ тур?

Оё ин ҳақиқат дошт, ки «Прочопоти» дунёро халқ карда буд?

Пас оё ин «атаман» набуд, ки ба танҳоӣ ҳастиро ба вуҷуд оварда буд?

Оё худоён суваре ба сони инсонҳо миро ва гузарон офарида нашуда буданд?

Бад-ин васф оё боз ҳам қурбонӣ барои онон амале оқилона ва муқаддас буд?

Ба кӣ ғайр аз «атаман»-и ягона мебоист намоз бурд ва қурбонӣ дод?

Ва куҷо мешуд «атаман»-ро ёфт, Ӯ куҷо зист дошт ва қалби ҷовидониаш дар куҷо ба тапиши худ идома медод? Ба ғайр аз дар даруни «худ» ӯро ҷои дигаре набуд, дар аъмоқи даруни хеш, дар он ҷовидонагӣ, ки ҳар кас дар ниҳоди худ дорад. Аммо ин «худ» ва ин аъмоқи дарун куҷо бувад?

Бинобар таълими ҳукамо, ин «Худ» гӯшту устухон ва ё андешаву худогоҳӣ танҳо набуд?

Пас ӯ куҷо буд?

Бояд роҳе ба даруни хеш, ба даруни «атаман» пайдо мекард. Магар роҳи дигаре шоистаи ҷустуҷӯ буд?

Вале ҳеҷ кас ин роҳро нишон намедод. Ҳеҷ кас онро намедонист на падар ва на ҳукамою муаллиминаш ва на сурудҳои муқаддаси Қурбонӣ! Бараҳманон ва китобҳои муқаддасашон ҳама чизро медонистанд. Онҳо ҳама чизро дарёфта буданд. Ба рози хилқати ҳастӣ, падид омадани гуфтор, хӯрок, дам фурӯ бурдан ва баровардани он, чигунагии афкору аъмоли худоён пай бурда буданд ва дониши онон лоязолу бепоён буд. Вале оё ин арзиш дошт, ки инсон ҳама чизро бидонад, аммо аз рози «ягона», ки танҳо муҳимми ҳастӣ аст, огоҳ набошад?

Дар бисёре аз абёти ҷамили китобҳои муқаддас ва аз ҳама бештар дар «Упонишод сомоведо» аз ин жарфо сухан рафта буд. Дар он ҷо навишта шуда буд, ки «нафси ту тамоми ҳастӣ аст» ва ҳамчунин мазкур буд, ки инсон дар хоб, хобҳои амиқ ба аъмоқи даруни хеш фурӯ меравад ва дар «атаман» зист мекунад. Ҳикмати хиракунандае дар ин абёт буд. Жарфтарин дониши ҳакимтарин мардум, холис ва беғаш, ҳамонанди асале, ки занбӯрон гирд меоваранд, дар он алфози ҷовидона ҷой дошт.

На, ин ҳама ҳикматро, ки наслҳои мутамодии бараҳманон ҷамъ оварда ва маҳфуз дошта буданд, намешуд ночиз ангошт, вале ин бараҳманон, воизон, ҳукамо ва муртозоне, ки на танҳо тавфиқ ёфта буданд ба жарфои ин дониш бирасанд, бал худ низ онро ба кор гиранд, куҷо буданд? Он хааргони кор куҷо буданд, ки «атаман»-ро мӯъҷизосо аз хоб ба бедорӣ ва ҳушёрӣ кашида, дар саросари зиндагонӣ ва гуфтору рафтори худ ба кор мебурданд?

Сидҳорто бараҳманони арҷманди зиёдеро ва бартар аз ҳамаи онҳо падарашро мешинохт — покниҳод, доно ва бузургвор. Падараш рафтори ором ва бас шарофатмандона дошт. Зиндагониаш сода буд. Гуфтори ҳакимона ва афкоре содаю наҷибона дар сар дошта, вале оё ӯ бо ин ҳама донояш шодмон буд ва дар оромиш мезист?

Магар на он ки ӯ низ ҷӯяндае буд, ки ташнагиаш хеҷ гоҳ фурӯ наменишаст?

Магар на он ки ин ташнаи ҳақиқат ҳамвора мебоист ба даруни чашмаҳои муқаддас равад ва ташнагии худро дар қурбонгоҳҳою китобҳо ва муколамоти бараҳманон бартараф созад?

Чаро ӯ бо ин ҳама покию сафо мебоист ҳар рӯз оби тавба бар сар резад ва хештанро дубора поку муназзаҳ созад?

Оё «атаман» дар ниҳоди ӯ набуд ва чашмаи ҳақиқат дар дили ӯ чараён надошт?

Ин чашмаи аслиро бояд даруни хеш ҷустуҷӯ кард ва онро мулки вуҷуд сохт! Ҳар чизи дигар саргаштагӣ, ташвишу ковише беш набуд.

Афкори Сидҳорто инчунин буд ва ташнагию андӯҳаш бад-ин насақ.

Сидҳорто аглаб ҷумалоте аз «Ҷондугё-упонишод»[1]-ро бо худ мехонд: ба олами боло дар хоҳад шуд. Ин ҷаҳони боло аглаб барои ӯ хеле наздик ба назар мерасид, вале ҳеҷ гоҳ наметавонист ба он даст ёбад ва ташнагии хешро фурӯ нишонад. Ҳеҷ як аз ҳукамое, ки ӯ эшонро мешинохт ва аз дониши онон баҳра гирифта буд, ҳатто бузургтарини онҳо низ натавониста буданд ба он ҷаҳони боло даст ёбанд ва аташи ҷовидонаи худро бартараф доранд.

Сидҳорто ба дӯсти худ гуфт: «Гюндо, дӯсти азизам, биё бо ҳам ба зери дарахти анҷир шавем ва ба муроқибат нишинем».

Онон ба тарафи дарахти анҷир рафтанд ва Гюндо бист қадам дуртар аз Сидҳорто зери дарахт нишаст. Сидҳорто дар ҳоле ки худро омода месохт, то «ам»-ро бар забон оварад, зери лаб ин абётро замзама мекард:

> «Ам» камон асту равон тири он,
> Бараҳман ҳадафи тир аст.
> Ки бе муҳобо бояд нишона рафт.

Ҳамин ки замони «муроқибат» сипарӣ шуд, Гюндо бархост. Гуруб фаро расида ва замони он буд, ки гусли шомгоҳро огоз кунанд. Вай Сидҳорторо ба ном садо зад, вале ӯ ҷавобе надод. Сидҳорто мугаррақ дар афкори хеш нишаста буд. Чашмонаш ба ҳадафе дурдаст хира шуда буд. Нӯки забонаш каме аз миёни дандонҳо берун омада буд ва чунон ба назар мерасид, ки нафас намекашад. Чунон дар муроқибат гарқа шуда буд, ки танҳо ба «Ам» меандешид ва равонаш чун тире бараҳманро ҳадаф қарор дода буд.

Чанд тан аз «шаманон»[2] аз шаҳри Сидҳорто мегузаштанд. Онон се тан мӯътакифи саргардон, се марди оташфурӯнишонда ва ором буданд. На ҷавон ва на чандон пир.

---

[1] *Упонишод* — маҷмӯаи гузоришотест дар бораи Вед. (Мутарҷим).

[2] Муртазони мазҳабии Ҳинд, ба маънии буту бутпараст низ омадаст (Мутарҷим).

Шонаҳои тақрибан лухташон дар зери офтоб сӯхта буд ва ғуборгирифта ва хунолуд ба назар меомад. Гӯшагир, ғариба ва душмани дунё. Чун шағолони наҳифе дар миёни одамиён. Дар пои эшон боди гарме мевазид, ки бӯе аз эхсосоти ороми хидматии заволёфта ва ҷудой аз «худ бидуни зараре гузашт дошт.

Шомгоҳон, баъд аз он ки соати муроқибат ба итмом расид, Сидҳорто ба Гюндо гуфт:

«Дӯсти ман, фардо субҳ зуд Сидҳорто назди шаманон хоҳад рафт ва худ низ шамане дар миёни онҳо хоҳад шуд».

Чун Гюндо ин калимотро шунид ва иродаи дӯсти худро дар сурати оромаш хонд, ранг аз рухсораш парид. Иродаи инҳирофнопазир чун тири раҳогаштае аз камон.

Ба зудӣ ва бо аввалин нигоҳ Гюндо дарк кард, ки акнун дигар ҳама чиз оғоз мешавад. Сидҳорто роҳи худро дар пеш мегирад, сарнавишташ мешукуфад ва дар паи сарнавишти Сидҳорто сарнавишти ӯ низ дигаргунӣ меёбад. Ранги ӯ чунон парида буд, ки ба пӯсти мавизи хушкидае шабоҳат дошт. Вай бонг зад: «Сидҳорто, оё падарат иҷозат хоҳад дод?». Сидҳорто ба сони касе, ки тоза аз хоб парида бошад, ба атроф назар афканд. Ӯ ба зудӣ осори тарс ва дар айни ҳол хушнудиро даруни Гюндо мушоҳида намуд. Ба оромӣ гуфт:

«Гюндо, мо намехоҳем суханони беҳуда бар забон оварем. Фардо субҳи зуд мо зиндагонии шаманонро оғоз хоҳем кард. Беш аз ин дар ин хусус сӯҳбат мадор».

Сидҳорто ба утоқе, ки падараш он ҷо рӯи ҳасире аз пӯсти гиёҳон нишаста буд, дохил шуд ва пушти падар истод, то ки падар эҳсос кард, ки касе пушти ӯ истодааст. Бараҳман ба сухан омад: «Туӣ, Сидҳорто? Он чиро, ки туро ба ин ҷо кашидааст, бозгӯ». Сидҳорто гуфт: «Бо иҷозаи ту падар. Ман омадаам, то ба ту бигӯям дар орзуи онам, ки фардо хонаи туро тарк гӯям ва ба ҷониби мӯътакифин раҳсипор гардам. Орзуям он аст, ки шаман шавам. Эй кош, падар мухолифате надошта бошад».

Бараҳман сукут ихтиёр кард ва он қадар ба сукути хеш идома дод, то ситорагон дар муқобили панҷараи кӯчак зоҳир шуданд ва то бадон ҳангом, ки чеҳраи ситорагон дигаргунӣ наёфт, сукути даруни утоқ низ ба поён нарасид. Писар сокит ва беҳаракат даст ба сина истода буд.

Ба ҳангоме, ки ситорагон осмонро фаро гирифтанд, падар, ки ҳамчунон ором ба рӯи ҳасире нишаста буд, ба сухан даромад:

«Барозандаи бараҳманон нест, ки суханони дурушту хашмолуд бар забон оваранд, вале қалби ман аз ин боб нохушнуд аст ва дигар намехоҳам ин хоҳишро барои дуввумин бор аз забони ту бишнавам». Бараҳман ба оромӣ бархост. Сидҳорто ҳамчунон хомӯш даст ба сина ба ҷой истода буд. Падар пурсид: «Мунтазири чӣ ҳастӣ?».

Сидҳорто ҷавоб дод: «Ту худ огоҳӣ». Падар бо норизоятӣ аз утоқ хориҷ шуд ва худро ба бистари хеш расонд.

Бараҳман соате баъд ҳангоме ки дид, хоб ба чашмонаш намеравад, аз ҷои хештан бархост ва ба қадам задан пардохт. Сипас аз хона хориҷ шуд. Аз миёни панҷараи кӯчаки утоқ нигоҳаш ба дарун афтод, ки Сидҳорто ҳамчунон устувор даст ба сина ба ҷой истода буд. Ҷомаи камранги ӯ андаке медурахшид. Падар нигарон ва музтариб ба бистар бозгашт. Бараҳман андаке баъд аз он ҷо, ки хоб ӯро дар намегирифт, дубора аз ҷой бархост ва ба атроф қадам зад. Ба ҷилави хона омад ва аз он ҷо чашмаш ба моҳ афтод, ки баромада буд. Ба даруни панҷара нигарист. Сидҳорто ҳамчунон устувор даст ба сина истода буд ва нури моҳтоб ба рӯи соқҳои пояш медурахшид. Дили падар ранҷа гашт ва ба бистар боз омад.

Бараҳман соате баъд ва сипас соате баъд аз он ба даруни панҷараи кӯчак назар афканд. Сидҳорто ҳамчунон дар нури моҳ, дар партави ситорагон ва дар торикии шаб бар ҷой истода буд. Падар борҳо пасе баъд аз поси дигар ба даруни утоқ нигарист ва писарро ба ҷои худ устувор дид. Қалбаш аз хашм, изтироб, ҳарос ва дард анбошта шуда буд.

Дар охирин соати шаб, ҳангоме ки дар ба субҳ намонда буд, вай дубора баргашт ва ба утоқ дохил шуд. Ҷавон ҳамчунон истода буд ва дар назари падар бас бузург ва ноошно менамуд.

— Сидҳорто, мунтазири чӣ ҳастӣ?

— Ту худ огоҳӣ.

— Оё меҳоҳӣ он қадр ин ҷо биистӣ, то рӯз шавад, сипас зӯҳр ва баъд ҳам ғуруб сар расад?

— Ман ба интиҳор хоҳам истод.

— Ту хаста хоҳӣ шуд, Сидҳорто.

— Хаста хоҳам шуд.

— Ту ба хоб хоҳӣ рафт, Сидҳорто.

— Ман ба хоб нахоҳам рафт.

— Ту мемирӣ, Сидҳорто. -Мемирам.

— Ту маргро беҳтар аз итоат аз падарат медонӣ?

— Сидҳорто ҳамеша аз падараш итоат кардааст.

— Пас аз ин кори худ даст мекашӣ?

— Сидҳорто ҳар он чиро, ки падараш бигӯяд, анҷом хоҳад дод.

Аввалин партави субҳгоҳӣ ба даруни утоқ афтод. Бараҳман мушоҳида кард, ки зонуҳои Сидҳорто ба андак ларзише афтоданд, вале дар симои ӯ ларзише эҳсос намешуд ва нигоҳашро ба дурдаст дӯхта буд. Он гоҳ падар эҳсос кард, ки Сидҳорто дигар назди ӯ ва дар хона боқӣ нахоҳад монд ва ононро тарк хоҳад гуфт.

Падар шонаҳои Сидҳорторо ламс кард ва гуфт: «Ту ба ҷангал меравӣ ва шаман мешавӣ. Агар саодатро дар ҷангал ёфтӣ, пас назди ман

ой ва онро ба ман низ биёмӯз. Вале агар дар он ҷо чизе ҷуз фиреб наёфтӣ, пас он гоҳ боз назди мо баргард ва рухсат деҳ, то дубора бо ҳам худоёнро қурбонӣ бахшем. Акнун бирав ва модаратро бибӯс. Ба ӯ бигӯ, куҷо хоҳӣ рафт. Ман ҳам ба канори рӯдхона меравам, то нахустин ғусли рӯзонаро ба ҷой оварам».

Дасташро аз шонаи писар бардошт ва хориҷ шуд. Ҳангоме ки Сидҳорто мехост қадам бардорад, пояш ларзид ва ба атроф тоб хӯрд. Ба зудӣ ба худ омад ва дар муқобили падар таъзим карда, ба ҷониби модар равон шуд, то он чиро, ки падар гуфта буд, ба ҷой орад. Замоне ки ӯ дар аввалин анвори субҳгоҳӣ бо пойҳои карахт шаҳрро, ки ҳанӯз дар оромиш фурӯ буд, тарк мекард, сояе, ки дар канори охирин кулба ҷамботама зада буд, баланд шуд ва бо ӯ пайваст — Гюндо.

Сидҳорто дар ҳоле, ки лабханд мезад, гуфт: «Омадӣ?».

Гюндо посух дод: «Омадам»...

## ЧИНГИЗ АЙТМАТОВ
**(1928)**

Аз мероси ақвоми туркзабон маълум мегардад, ки халқи қирғиз низ дар қатори халқиятҳои дигари туркзабон дар ташаккул ва бунёди адабиёти гузашта саҳм дорад. Дар ёдгориҳои асрҳои XII-XIII-и умумитуркӣ аз қабили «Қутадғу-билик» ва «Девони луғот-ит-Турк» номи қирғизҳо низ зикр гардидааст. Аммо халқи қирғиз беш аз ҳама ба мероси шифоҳии худ ифтихор дорад ва аҳдофу вазифаеро, ки дар халқҳои дигар адабиёти хаттӣ иҷро намудааст, барои қирғизҳо фолклор яъне адабиёти шифоҳӣ иҷро намудааст. Эпоси бузургҳаҷми онҳо «Манас», ки як навъ таърихномаи ин халқ аст, обрӯи ҷаҳонӣ дорад.

Бо вуҷуди ин ҳама пешрафт ва шукуфоии адабиёти миллии қирғиз ба замони шӯравӣ рост меояд. Баробари тавлиди матбуоти миллӣ каломи хаттӣ ва тадриҷан адабиёти хаттии қирғиз ташаккул ёфт. Адибони навқаламӣ қирғиз бо такя ба назми эпикии қирғизӣ ва адабиёти халқҳои дигар адабиёти миллии худро ташаккул доданд ва адибоне дар арсаи адабиёт пайдо шудаанд, ки на танҳо барои халқи қирғиз, балки барои ҳамаи халқҳои собиқ шӯравӣ боиси ифтихор гардидаанд.

Чингиз Айтматов аз зумраи ҳамин қабил адибон буда тавассути асарҳои ҳунармандона эҷод намудааш обрӯи ҷаҳонӣ дорад. Ҳарчанд дар замони кунунӣ номи Чингиз Айтматов ҳаммаъно ва ҳамрадифи халқи қирғиз гардидааст ба ҳеҷ ваҷҳ маънои онро надорад, ки адабиёти замони шӯравии қирғиз танҳо аз осори ӯ иборат бошад. Чингиз Айтматов солҳои 50-ум вориди майдони адабиёт гардид, вале то ин давр адибоне чун Токтогул Сатилганов, Тоголок Молда, Аалӣ Тоқонбоев, Мукай Элбоев, Ҷавонмард Буқанбоев, Юсуф Турусбеков, Молдоғази Тукабоев,

Аликул Усмонов, Кубаничбек Маликов, Қосималӣ Боялинов ва дигарон дар қолабҳои гуногуни назму наср асарҳо эҷод намуда, дар пешрафти адабиёти қирғиз ҳисса гузоштаанд.

Аммо Чингиз Айтматов ба адабиёт бо роҳи нав, бо рӯҳи нав ва бо нафаси тоза ворид гардид. Адиби рус Константин Симонов офаридаҳои аввалини Чингиз Айтматовро хонда бо хушнудӣ изҳор карда буд, ки «ба, адабиёти сермиллати советӣ як истеъдоди нодир ва покиза ворид шудааст».

Ин истеъдоди нодир ва покиза роҳи ҳаётии аҷоиберо низ тай намудааст. Ба эътибори эътирофи худи ӯ падар ва модараш аз аҳли савод буда ӯро низ хеле бармаҳал ба хондану навиштан водор намудаанд. Ӯ 12 декабри соли 1928 дар деҳаи Шакари райони Кирови Қирғизистон таваллуд ёфтааст. Чингиз Айтматов дар навиштааш «Қайдҳо дар бораи худам» овардааст, ки «бобоям Айтмат баъди сӯхтани осиёбаш ба падари ман Торекули 12-сола барои кор ба сохтмони туннели роҳи оҳани наздикии Маймак рафтааст. Падари ман дар ҳамин ҷо ба мактаби русӣтуземии шаҳри Авлиё-Ота (ҳозира шаҳри Ҷамбул) мефтад ва таҳсил мекунад. Солҳои аввали инқилоб падари ман аз шахсони босавод ва яке аз нахустин коммунистони қирғиз ба ҳисоб мерафт. Ӯ дар вазифаҳои роҳбарикунанда низ кор карда, аз сиёсат ва адабиёт огоҳии комил дошт. Модарам Наима Ҳамзаевна Айматова низ зани босавод ва замонавӣ буд. Маҳз ҳамонҳо маро ба маданияти рус, забони русӣ ва адабиёти рус ошно намудаанд, муҳаббат ба забони модариро дар дили ман модаркалонам бедор намудааст».

Ч. Айтматов қайд намудааст, ки дар синни 5-солагиаш бори аввалин чун тарҷумон хизмат намуда, луқмаи гӯшти обҷӯшро чун ҳаққи хизмат гирифтааст. Ин воқеа чунин будааст: Чун харвақта, тобистон дар кӯҳ ҳамроҳи модаркалонаш зиндагӣ ба сар мебурду ногаҳон як аспи колхоз, ки аз Россия харида овардаанд, дар натиҷаи истеъмоли алафи заҳрнок мемурад. Чӯпонони қирғиз барои исботи ин ва аз хароси ҷавобгарӣ аз марказ намоянда даъват мекунанд. Намоянда забони қирғизиро намедонаду чӯпонони қирғиз забони русиро. Ногаҳон ба ёдашон Чингизи 5-сола мерасад, ки аз шаҳр омадаву забони русиро медонад ва ӯро назди намоянда меоранду ӯ матлаби ҷонибҳоро ба ҳам мерасонад.

Ҳамчунин нависанда дар хотираҳояш овардааст, ки сарсониҳои оилавии мо соли 1937 баъди падарамро, ки коркуни ҳизбӣ ва шунавандаи Институти профессурии сурхи Москва буд, репрессия намудан оғоз ёфт. Дере нагузашта ҷанг оғоз меёбад ва соли 1942 Чингиз хонданро қатъ намуда, боз ба деҳа бармегардад. Вақте ки ӯро ҳамчун шахси саводноки деҳа котиби шӯрои ҷамоа таъйин намуданд, 14 - сола буд. Баъдан дар солҳои ҷанг чун корманди шӯъбаи молияи район ва ҳисобчии бригадаи тракторӣ хизмат намудааст.

Соли 1946 баъди хатми синфи хаштум ба техникуми зооветеринарии шаҳри Ҷамбул дохил шуда, онро бо баҳои аъло хатм намуд ва якбора ба Институти хоҷагии қишлоқи Қирғизистон қабул карда шуд. Институтро низ бо баҳои аъло хатм намуд.

Ба адабиёт, тарзе ишора гардид, аз ҷавонӣ рағбат дошта, солҳои донишҷӯӣ ҳамин рағбат ба як ҳисси ҷудонопазири ҳаёти ӯ қарор гирифтааст. Аммо ба кори адабӣ машғул гардидани ӯ низ як таърихчаи аҷиб дорад.

Ман бисёр мехостам, ки дар бораи ҷанг ва қаҳрамонии халқи шӯравӣ асарҳо хонам - - навиштааст дар хотираҳояш. Дар адабиёти қирғиз ин мавзӯъ он замон амиқ баррасӣ нагардида буд ва Чингиз Айтматов барои ба халқаш ошно намудани воқеоти ҷанг ихтиёрӣ асарҳои «Писари полк» («Сын полка») ва «Тӯси сафед» («Белая береза»)-ро тарҷума намуда ба нашриёт мебарад, вале аз ходимони нашриёт мефаҳмад, ки ин асарҳо кайҳо тарҷума гардидаанд. Ӯ меафзояд, ки ҳарчанд ин ҳодиса бароям ногувор буд, вале ибтидои кори адабии ман гардид.

Ба эътибори гуфтаҳои нависанда ҳикоятҳои аввалинаш ҳангоми чун зоотехник кор карданаш эҷод, шудаанд. Соли 1956 барои таҳсил дар курси олии адабии Институти ба номи Горкии шаҳри Москва рафта соли 1958, баъди хатми он чун муҳаррири маҷаллаи «Литературный Киргизстан» ва таи 5 сол чун мухбири махсуси рӯзномаи «Правда» дар Қирғизистон адои вазифа намудааст.

Чингиз Айтматов бо ду забон — русӣ ва қирғизӣ асар менависад. Навиштаҳои нахустини ӯ як навъ бардошт ва натиҷагирӣ аз зиндагии худу халқаш буда, бо самимият ва рангу бори тозааш афзалият дорад. Ӯ нависандаест, ки ранҷу заҳмат ва шодиву сурури мардуми оддиро ситоиш намуда, ҳамроҳи онҳо ғусса мехӯрад ва бо онҳо шодмонӣ менамояд.

Тарзе ишора гардид, фаъолияти эҷодии ӯ аз навиштани хабару мақола ва тарҷумаи осори адибони рус оғоз гардида, ба тадриҷ ба таълифи ҳикояву қисса ва романҳои калонҳаҷм расидааст. Ҳикояи нахустини ӯ «Рӯзномафурӯш Дзюйдо» буда, соли 1952 навишта шудааст. Рӯзгори рӯзномафурӯшӣ барои нависанда аз даврам бачагиаш шинос буда, талхиву шириниҳои ин касб дар вуҷуди худи ӯ низ омезиш ёфтаанд. Дар хотираҳояш менигорад, ки ҳангоми чун котиби ҷамоа кор кардан вазнинтарин лаҳзаҳо ба ҳамдеҳагон расонидани хабари марги наздикони онҳо дар ҷанг буд. Баъди таълифи ин ҳикоя ва хонанда пайдо намудани он ҳикояҳои «Ҳошим» (1953), «Сепоячӣ», «Борони сафед» (1954), «Ҳарифон», «Дар замини лалмӣ», «Дар соҳилҳои Бойдамол» (1955) ва ниҳоят қиссаи «Рӯ ба рӯ» (1957) ба табъ расиданд.

Аммо ибтидои шӯҳрати ҷаҳонӣ ёфтани ном ва осори Ч. Айтматов таълифи повести «Ҷамила» аст. Ин асар соли 1958 чоп гардид ва хеле ба зудӣ ба забонҳои гуногун тарҷума гардида, дар олами адаб нуфуз пайдо намуд. Номи аввали ин асар таъбири шоиронаи «Наво»-ро дошт ва адн-

би номии рус А. Твардовский онро дар маҷаллаи «Новый мир» таҳти унвони «Ҷамила» ба табъ расонид. Нависанда дар ин асар аз ишқу муҳаббати ду дилдода — Ҷамилаву Дониёр бо услуби хоси бадеӣ қисса менамояд, ки аз ҷиҳати банду баст ва мантиқи сужет ва ҳам аз лиҳози сабки эҷод дар адабиёти советии қирғиз собиқа надошт.

Дар бораи қаҳрамони ин повест Дониёр нависанда менависад: «Ӯ инсоне буд ниҳоят ошиқ. Ман ҳис мекардам, ки ӯ ҳамту ба инсони дигар ошиқ набуд. Ин ишқи дигару бузургтар буд: ба зиндагӣ, ба замин. Бале, ӯ ин муҳаббатро дар худу дар навои худ ҳифз мекард ва бо он мезист. Инсони хунсард чунин суруда наметавонист, чунин овое намедошт». Воқеан ин асар зиндагиро бо ҳама амиқию нотакрорӣ ва талхиву шириниҳояш дар худ гунҷоиш додааст. Баъди чанд моҳи дар маҷаллаи «Новый мир» чоп гардиданаш ин повест аз ҷониби нависандаи хушсалиқаи тоҷик Пӯлод Толис пазируфта шуд ва бо кӯшишу заҳмати Ф. Муҳаммадиев ба забони тоҷикӣ тарҷума гардида, дар дили хонандаи тоҷик роҳ ёфт.

Нависандаи бузурги фаронсавӣ Луӣ Арагон ин повести Ч. Айтматовро «беҳтарин дар ҷаҳон қиссаи муҳаббат» номид. Дар воқеъ образи духтари подабони қирғиз Ҷамила на танҳо дар насри бадеии қирғиз, балки дар адабиёти советӣ низ сухани тоза буд.

Повести дигари нависанда «Сарвқади рӯймолсурхаки ман», 1961, ки аз ишқи нобарори ду дилдода Илёс ва Асал ҳикоят мекунад, аз рӯи мавзӯъ ба повести «Ҷамила» наздикӣ ва қаробате дошта бошад ҳам, нависанда дар ин асар кӯшидааст рӯзгори муосирони моро бо тамоми мураккабӣ ва ихтилофоташ тасвир намояд. Қаҳрамонони ин асар Илёс ва Асал бо осонӣ ба ҳамдигар дил баста, оила бунёд мекунанд, вале кӯтоҳандешии Илёс боиси вайронии оила мегардад. Нависанда дар ин повестҳо, ки мантиқан ҳамоҳанганд, ду лаҳзаи оғозу анҷоми ишқро табиӣ ва боварибахш ба риштаи тасвир кашида фалсафаи зиндагиро дар ҳалли онҳо изҳор намудааст.

«Муаллими нахустин» (1962) повесте аст, ки аз қисмати нахустин муаллими авули Куркурев Дюшени хоксору фурӯтан ҳикоят мекунад. Дюшен дар солҳои пурошӯб дар авулҳои дурдаст мактаб кушода, ба наврасон савод меомӯзад ва онҳоро водор месозад, ки сиёҳу сафедро фарқ намуда, барои ояндаи фирӯзашон ҷадал намоянд. Қисмати Дюшен - ин нахустмуаллими авулҳои қирғизӣ қисмати онҳоест, ки пойдевори ҳаёти имрӯзро дар он солҳои пурошӯб ниҳода, умрашонро дар ин роҳ бохтаанд.

Повести «Роҳи каҳкашон» (1963) як навъ қуллаи нав дар эҷодиёти Ч. Айтматов буда, дар он муноҷоти зани оддӣ ва фурӯтани қирғиз Тулғаной дар назди инсоният, дар назди замин ва дар назди онҳоест, ки роҳи пуразоби ҷангро паймудаанд. Нависанда дили модари дилреш ва фарзандгумкардаро кушода, дард ва андешаҳои ӯро аз авули дурдасти кӯҳи-

стон ба модарони олам ва онҳое, ки дар ҷанг фарзандонашонро бохтаанд, мерасонад.

Умуман асарҳои дар тӯли солҳои 1966-80 офаридаи Ч. Айтматовро шартан ба ду гурӯҳ ҷудо намудаанд. Ба гурӯҳи аввал се повести зикр, гардида ва «Чашми уштур», «Турнаҳои бармаҳал» дохил шудаанд. Симои адабию ғоявии ин асарҳоро романтикаи инқилобӣ муайян ва мушаххас мекунад, ки аз ҷанбаи умда ва муштараки онҳост. Қаҳрамонҳои адабии ин асарҳо ғолибан фардҳои иҷтимоан фаъол — ҷавонмардон ва наврасонеанд, ки бо тақозои рӯзгор ба пешгоҳи зиндагӣ баромада ба набарди нобарор мепардозанд ва оқибат пирӯз мешаванд.

Ба гурӯҳи сонӣ повестҳои «Алвидоъ, Гулсарӣ» (1966) «Киштии сафед» (1970), «Саги алое, ки лаб- лаби баҳр метозад» (1978) ва романи «Дуроҳаи Бӯронӣ» (1980)-ро мансуб донистаанд. Асарҳои мазкур таҷассуми таҳаввули эҷодист, ки нависандаи қирғиз аз охири солҳои шаст ин ҷониб аз сар гузаронидааст. Ин ҷо сухан аз тағйир ёфтани диди эстетикии нависанда меравад, ки дар маҷрои муштараки инкишофи адабиёти советӣ сурат гирифтааст. Нависанда суст гардидани ҷанбаи романтикию дидактикӣ ва баръакс қувват гирифтани ҷанбаи реалистию фоҷиавиро дар назар дорад, ки дар насри солҳои 70-ум зоҳир мешавад.

Таълифи романи «Дуроҳаи Бӯронӣ» дар назди инсоният вазифаи нав - андешаи амики дирӯзу имрӯз ва пайванди наслҳоро гузошт. Аз нашри ин роман фурсати зиёде нагузашта, истилоҳи «манкурт» машҳур гардид ва акнун онҳоеро, ки ба муқаддасот имон намеоранд ва аслу насли худро намешиносанд, манкурт мегӯянд. Яъне ин кашфиёни нависандаи қирғиз моҳияти умумибашарӣ касб намуд.

Муҳаққиқони зиёди осори Ч. Айтматов аз истифодаи бомавқеъ ва эҷодкоронаи афсонаву гуфторҳои асотирӣ сухан ба миён овардаанд. Худи нависанда низ иқрор кардааст, ки «ривоёти қадим ба мо барои бо назари имрӯз чашмандоз кардани ниёгони дур имкон медиҳад ва мо онҳоро бояд истифода барем ва ба ҷаҳоншиносии ҳозираи худ мувофиқ гардонем».

Асарҳои дигари Ч. Айтматов «Пораабри сафеди Чингизхон» ва романи «Зеркунда» низ ба масъалаҳои муҳимми ҳаёти инсоният, сарнавишт ва қисмати башар бахшида шуда, обрӯи ҷаҳонӣ ёфтаанд. Ч. Айтматов дар сафи пеши қаламкашони ҷаҳон қарор дошта асарҳои ӯ ба 137 забони олам тарҷума гардидаанд. Ӯ ҳанӯз дар синни 35-солагиаш барои повести «Роҳи каҳкашон» сазовори мукофоти Ленинӣ гардида буд. Мирзо Турсунзода барҳақ гуфтаанд, ки: «Таърих акнун ду Чингизро медонад. Чингизи аввал мехост, ки ҷаҳонро бо шамшер таслим кунад, вале худ бадноми ҷаҳон гашт. Чингизи дуюм — Айтматов ҷаҳонро бо сухан тасхир кард ва некноми ҷаҳон гаштааст».

Ҳарчанд Ч. Айтматов ходими ҷамъиятӣ, Раиси Правленияи Иттифоқи нависандагони Қирғизистон (1968), Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ (1978), аъзои ҳақиқии Академияи улуми Қирғизистон ва Акаде-

мияи европоии улум, санъат ва адабиёт (воқеъ дар Париж 1984) ва соҳиби даҳҳо унвону мукофотҳои дигар аст, вале баландтарин мукофот барои ӯ соҳиб шудан ба муҳаббати халқ ва «некноми ҷаҳон» гаштан аст.

Ч. Айтматов барои хонандаи тоҷик нависандаи маҳбуб ва писандида аст. Он тарз, ки ишора гардид, аз ҳикояву повестҳои аввалин то асарҳои тозанашри ӯ ҳамагӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума гардидаанд. Дар тарҷумаи асарҳои ӯ нависандагон ва мутарҷимони ҳунарманди тоҷик Ф. Муҳаммадиев, Х. Ахрорӣ, Сорбон, Б. Муртазоев, Б. Абдураҳмонов, С. Салоҳ, Т. Ботирқулов, Низоми Қосим ва дигарон ҳисса гузоштаанд. Ҳамчунин миёни Ч. Айтматов ва адабону олимони тоҷик дӯстӣ ва ҳамкориҳои эҷодӣ пойдор аст, ки дар таҳкими дӯстӣ ва алоқаи адабиёти тоҷику қиргиз саҳифаҳои тоза зам менамояд.

# ДУРОҲАИ БӮРОНӢ
# (ВА АЗ ҚАРН ҲАМ ТӮЛОНИТАР БУД ОН РӮЗ)

## Роман

### Аз муаллиф

Одами заҳматкашро дар урфият одами шоиста медонанд.

Ба ин маънӣ Едигей Ҷонгелдин (ба қавли шиносонаш, Едигеи Бӯронӣ) заҳматкаши асл аст. Аз ҷумлаи касонест, ки пуштибони заминанд. Вай, ба назарам, бо замони худ робитаи қавӣ дорад, фарзанди замони худ аст ва бунёди ӯ маҳз дар ҳамин аст.

Аз ин сабаб ҳангоме, ки ба масъалаҳои дар роман аксёфта мурочиат мекардам, мехостам ба рӯйдодҳои зиндагонӣ аз дидгоҳи сарнавишти ӯ, тақдири марди ҷанговар, коргари роҳи оҳан бингарам. Ва ба қадри тавонам дар ин роҳ кӯшидам. Симои Едигеи Бӯронӣ гувоҳи муносибати ман аст ба усули реализми сотсиалистӣ, ки мавриди асли тадқиқоташ ҳамеша инсони заҳматкаш буд ва ҳаст.

Вале ман шахси заҳматкаш инсони оддӣ ва табиист ва бо кишти замин ё парвоиш чорво машғул аст, гуфта, мафҳуми «заҳматкаш»-ро ҳаргиз ба маънои мутлақ намебинам. Инсони заҳматкаш дар замини бархӯрди рӯйдодҳои абадӣ ва даргузари зиндагонӣ ба чӣ андоза чун шахс такомул ёфта бошад, олами маънавии вай ба кадом поя расида бошад, худаш низ ба ҳамон поя ҷолиб асту ба ҳамон мартаба вазн дорад. Ин аст, ки ман кӯшидаам, то Едигеи Бӯрониро дар маркази дунёи муосир қарор диҳам, дар маркази масъалаҳое бигзорам, ки моро ба изтироб овардаанд.

Едигеи Бӯронӣ на фақат аз рӯи табиат ва касбу кораш заҳматкаш аст. Зотан ҷону равони вай заҳматист. Сари ин тоифа одамон ҳамеша банди муаммоҳост. Дигарон бошанд, ба ин қабил муаммо доимо ҷавоби тайёр доранд ва аз ин сабаб кореро ба хубӣ анҷом диҳанд ҳам, онро

бидуни ҳавсала мекунанд ва рӯзгорашон аз хобу хӯроку сайру тамошо иборат аст.

Одамони ниҳодашон захматӣ, гӯё ба ҳам бародар бошанд, якдигарро мешиносанд, дили ҳамдигарро медонанд ва рафту агар надонанд ҳам, дар ин хусус таммуле доранд. Айёми мо барои фикру андешаи онҳо он қадар замина фароҳам овардааст, ки ҳеҷ кадом айём барои касе ин гуна замина надода буд. Риштаи тахайюлоту андешаҳои инсон ҳоло Заминро ба кайҳон пайванд додааст.

Эҳтимол, мусибатомезтарин тазоди охири асри XX дар он бошад, ки заковати банӣ-одам ҳадду ҳудуд надорад, аммо вуҷуди монеаҳои сиёсӣ, идеологӣ ва нажодӣ, ки империализм ба майдон овардааст, барои ҷомаи амал пӯшидани он имкон намедиҳад.

Дар шароити кунунӣ, ки на фақат барои мустақар шудан дар кайҳон имкониятҳои техникӣ пайдо мешаванд, балки эҳтиёҷоти иқтисодӣ ва экологии башарият амалӣ гардидани ин имконотро баисрор талаб мекунад, дар чунин шароит байни халқҳо оташи низоъ барафрӯхтан ва захираҳои моддию нерӯи хиради инсонро ба ихтироъ ва истеҳсоли аслиҳа талаф додан аз мудҳиштарин ҷиноятҳои алайҳи башар аст.

Имрӯз фақат коҳиши шиддати байналхалқиро сиёсати тараққипарварона метавон номид. Масъулиятноктар аз ин вазифае нест дар олам.

Агар инсоният дар сулҳу осоиш зистанро наомӯзад, ҳатман нобуд мешавад. Муҳити бадгумонӣ, ҳоли «ҳушёрбош» ва ба ҳам муқобил истодан аз пурхавфтарин таҳдидҳост ба зиндагонии орому босаодати банӣ башар.

Одамон метавонанд бо ҳамдигар муросо кунанд, аммо ҳамагӣ ба як равишу як қолаб фикр карда наметавонанд, ба шарте ки сифатҳои одамиашонро аз даст додан наҳоҳанд, ба шарте ки чун одам боқӣ монданро авло шуморанд. Орзуи аз сифатҳои хусусӣ марҳум сохтани инсон аз замони қадим то ба рӯзҳои мо муроди онҳое буд, ки даъвоҳои ҷаҳондорӣ, ҳукмронӣ ва фармонфармоӣ доштанд.

Инсоне, ки аз ёди гузаштаҳо маҳрум аст, одаме ки водор аст мавкеи хештанро дар олам ҷустуҷӯ кунад, шахсе ки аз таҷрибаи таърихии халқи худ ва халқҳои дигар бебаҳра аст, аз идроку эҳсоси рӯзгори оянда низ бенасиб мемонад ва аз ҳамин рӯзу ҳамин соати худ дуртарро дида наметавонад.

«Инқилоби маданиро» дар Хитой ба хотир биоварем, ба бозӣ андохта шудани шуури халқро, ба дараҷаи чанд иқтибосе аз «китобаки сурхи Мао» фурӯ афтодани диалектикаи мураккаботи зиндагониро, инчунин тақдири халқи дорои суннатҳои ҳазоронсоларо ёдовар шавем, - дар заминаи сиёсати имрӯзаи гегемонистии роҳбарияти Хитой равшан мебинем, ки ҳамаи ин тамоюлҳо ба ҳам муҷовиранд. Ҳарчанд ки ақли кас бовар намекунад, аммо боз як тӯда чизҳои ҳамин гуна ба ҳам наздику алоқаманд ҳастанд, чуночи, инкор кардани гузашта ё тақаллуби он; шовинизми пур аз кибр ва худписандонае, ки дар атрофаш бояд садди чинӣ бардошт, зеро афсо-

наи аз ҳамаи дигар халқҳои ҷаҳон бартарӣ доштани як халқ фақат дар ихотаи чунин садде метавонад идома дошта бошад.

Ман ин дафъа чун дар асарҳои пешинаам, ба афсонаву асотир ва ривоятҳо ҳамчун ба панднома таъя мекунам, ки наслҳои гузашта ба мерос мондаанд. Ва дар айни ҳол нахустин бор дар таҷрибаи нависандагиам аз сужети фантастикӣ истифода бурдам. Ҳам ин ва ҳам он барои ман ҳадафи ниҳоӣ нест, як навъ усули тафаккур, яке аз василаҳои таҳқиқу тафсир аст.

Воқеаҳое, ки бо тасвири робита бо тамаддуни кайҳонӣ алоқамананд ва дигар ҳодисоте, ки ба ин муносибат рух медиҳанд, албатта, ҳеҷ гуна заминаи ҳаётӣ надоранд. Дар ҳеҷ кадом гӯшаи олам космодромҳои Невада ё Сари Озек вуҷуд надоранд. Ду ҷаҳони мухталиф — ду системаи гуногунро сарфи назар аз воқеияти таърихӣ, чун қоидаи бозӣ ва ба куллӣ шартан пазируфтаам. Ҳамин воқеияти таърихиро, чун қоидаи бозӣ ва ба куллӣ шартан пазируфтаам. Ҳамин воқеоти кайҳониро фақат бо нияте аз хаёл бофта баровардаам, то он вазъиятеро ки барои сокинони сайёра хатари билқуввае дорад, дар шакли хориқулодда муболиғаомез нишон диҳам.

Оё чунин ҳол ҳодисаи хориқулоддие нест, ки дар Юнони Қадим дар айёми Бозиҳои Олимпӣ ҷангу ҷидолҳо қатъ мегардиданд, аммо дар айёми мо баъзе мамлакатҳо Олимпиадаро барои ҷанги беяроқ баҳонаи муносиб қарор додаанд?

Доир ба аҳамияти хаёлоти фантастикӣ ҳанӯз Достоевский навишта буд: «Дар санъат ҷанбаи фантастикӣ ҳадде ва қавоиде дорад. Тасвири фантастикӣ бо ҳаёти воқеӣ бояд то андозае надик бошад, ки шумо ба он тақрибан бовар кунед». Достоевский қонуни фантастикаро кушоду равшан баён кардааст. Воқеан, хоҳ асотири бостонӣ, хоҳ реализми фантастикии Гогол, Булгаков ё Маркес ва хоҳ фантастикаи илмиро бигиред, ҳамаи онҳо бо вуҷуди рангорангии худ маҳз ба нисбати қаробати худ бо рӯйдодҳои воқеӣ эътимодбахшанд. Тахайюли фантастикӣ ин ё он ҷиҳати зиндагонии воқеиро гирифта, барҷаставу назаррас карда нишон медиҳад ва ба истилоҳе «қоидаи бозиро» муайян карда, ҳамон ҷиҳатҳои рӯзгорро дар умумияти фалсафиашон намоиш медиҳад ва то ҳадди тавон мекӯшад, ки имконоти инкишофи минбаъдаи онҳоро ошкор созад.

Хаёлоти фантастикӣ истиораи зиндагонист, ки барои муоинаи он аз дидгоҳи тоза ва ғайричашмдошт имкон медиҳад. Дар асри мо ба маҷозу истиораҳо зарурате пайдо шудааст ва сабаби ин ҳол на фақат дар он аст, ки кашфиёти илму техника сар ба арсаи фантастикаи дирӯза даровардааст. Сабаб бештар дар он аст, ки оламе ки мо зиндагӣ мекунем, оламе ки аз ихтилофоти иқтисодӣ, сиёсӣ, идеологӣ, нажодӣ ба изтироб афтодаast, худ олами фантастикист.

Ва камина таманное дорам, ки киноягҳои саризекии романи ман ба инсони заҳматкаш масъулияти ӯро барои тақдири замини мо бори дигар ёдрас намоянд.

Бигир ин китобро, ки ҷисми ман аст,
Шунав ин каломро, ки ҷони ман аст.
*(Аз «Андӯҳнома»-и Григор Нарекаци, асри X)*

# 1

Барои сайде ба даст овардан аз он сойҳои беоб ва оброҳаҳои сӯхтагиёҳ ҳавсалаи бутун лозим буд. Рӯбоҳи гурусна гоҳ ҷонваракони майдаи ҳафforро дунболагирӣ мекард, ки сояи ӯро дида, бо пайроҳаи каҷмакаҷакашон бо чолокии ҳайратангезе мегурехтанд, гоҳ лонаи юрмонро бошитоб чангол зада, валангор мекард, гоҳ аз мушаки дупое ки зери димоғаи майдаяку назарнораси селгоҳи садсола пинҳон шудааст, чашм наканда, мунтазир менишаст, то мушак ба ҷои кушоде бароядy ӯ худро бо як ҷаҳиш ба вай расонад. Рӯбоҳ ба ҳамин тариқа масофа тай карда, қадам ба қадам ба роҳи оҳан наздик мешуд. Ба ҳамон хоктеппаи тирвор росте, ки аз мобайни дашт кашола шуда мегузашт ва ба дили ӯ васваса андохта, ҳам ҷалб менамуд, ҳам метарсонидаш. Ба ҳамон роҳи оҳанин, ки аз болояш замини гирду пешро ба ларза андохта, гоҳ ба ин ва гоҳ ба он сӯ гумбуросзанон қаторҳо мегузаштанд ва аз дунболи онон бӯи сӯхтагӣ ба тааффуни пурзӯре боқӣ мемонд ва бод онро ба паҳнои дашт пароканда менамуд.

Шомгоҳон рӯбоҳ дар қаъри оббурдае, дар канори хатти телеграф, миёни шилхазори хушк пеши пояҳои шингарфи тухмаш расида ҷомаи сурху маллатоби худро ба назарҳо номаълум карда хобид. Вай гӯшҳояшро гоҳ асабонӣ меҷунбонид ва гоҳо сих карда мешунавид, ки боди поингаҳи дашт ба баргу пояи хушки гиёҳҳо бархӯрда, чӣ гуна маҳинмаҳин хуштак мекашад. Симчӯбҳои телеграф низ ба як оҳанги дилбазан ғуввос мезаданд. Аммо рӯбоҳро аз онон биме набуд, зеро симчӯбҳо ноҷунбонанд ва касеро ё чизеро таъқиб намекунанд.

Аммо аз ғулғулаи гӯшкаркунандаи қаторҳои башаст гузаранда дам ба дам як қад мепарид ва сару гардани худро даруntар мекашид. Аз ғувғуви замини зери худ бо ҳамаи ҷисми нозуку майдаяк, ҳатто бо пӯсту устухонаш эҳсос мекард, ки гаронбории заминҷунбону хокфишори қаторҳо ва шиддати ҳаракати онҳо то чӣ андоза бузург аст ва бо вуҷуди он тарс ва нафрати худро аз бӯю бухори бегона ба зӯр фурӯ нишонда, аз қаъри ҷар намерафт, мунтазири соате буд, ки шаб фаро мерасад ва дар ин роҳ оромии нисбие барқарор мешавад.

Вай ба ин ҷоҳо аҳён-аҳён меомад, фақат рӯзҳое меомад, ки бағоят гурусна мондааст...

Дар фосилаи байни қаторҳо дар арсаи дашт ногаҳон сукут ҳукмрон мешуд, чунон ки баъди тарма ин гуна сукунат ба миён меояд ва дар ин хомӯшии мутлақ рӯбоҳ садоеро пай бурда, ҳушёр мегардид, ки он аз баландиҳои осмон баландии дашти нимторик базӯр ба гӯш мерасид ва

ба ягон чонзоте тааллуқ надошт. Садои чараёнҳои бод буд он ва аз ҳамин ҳоло тағйир ёфтани ҳаво дарак медод. Ин ҳолро чонварак ба ғариза эҳсос менамуд ва бо сӯзу алам хомӯш мегардид ва шах мешуду дигар ҳаракате зоҳир намекард. Мехост аз ҳисси мубҳами кадом як фалокати ом бо ҳамаи овоз нӯла кашаду фиғон бардорад. Аммо гуруснагӣ ҳатто завқи табииро низ хафаву хомӯш карда буд.

Рӯбоҳ панчаҳои аз такудав озорёфтаашро лесида, фақат паст - паст мингос мезад.

Шомгоҳон ҳаво серун мешуд, зеро тирамоҳ наздик буд. Ва шабона замин сард мегардид ва то бомдод рӯи дашт аз шабнами нопойдор мисли шӯразор сап-сафед мешуд. Айёми ҳузновари камнаволае пеш меомад барои чонварони дашт. Он сайди ночизе, ки тобистон дар ин ноҳия мезист, ба ҳар сӯ пароканда мегардид — яке ба кишварҳои гарм мерафт, дигаре дар каъри лонааш чой мегирифт, саввумӣ барои зимистонгузаронӣ ба резгорон рафта буд. Гӯё дар олам ба чинси рӯбоҳ офат расида бошад, акнун ҳар рӯбоҳ дар сар то сари дашти васеъ дар чустучӯи қути лоямут тоқаву танҳо такудаве дошт. Рӯбоҳакони чавони онсола кайҳо ба воя расида, ба ҳар тараф парешон шуда буданд. Мавсими ишқварзӣ ҳанӯз дар пеш буд. Оре, фаро нарасида буд он рӯзҳои зимистон, ки аз чаҳор тарафи ноҳия рӯбоҳони нару мода гирди ҳам меоянд ва нарҳошон ба чони ҳамдигар меафтанд ва чунон набардҳо мекунанд, ки фақат ҳаёти муқтадир метавонист аз азалончунон размгоҳе ба арсаи вучуд биоварад...

Дар оғози шаб рӯбоҳ аз чар баромад. Даме ба садоҳо гӯш дода истоду ба пуштаи роҳи оҳан равон шуд. Нарм ва бесадо давида, дам ба ин сӯву дам ба он сӯи роҳ мегузашт. Вай саркути мусофиронро чустучӯ мекард, ки аз тирезаи вагонҳо берун андохтаанд. Ӯро лозим омад, ки ҳар гуна пасмондаҳои ниҳоят бадбӯй, ҳатто нафратоварро бӯ кашида-бӯ кашида, муддати мадиде қад-қади роҳ битозад, то даме ки ягон чизи лоақал андак дархуре пайдо шавад. Ҳар ду бари роҳи оҳан аз пораҳои коғаз, рӯзномаҳои мичиқ, шишаҳои шикаста, нимсӯхтаҳои папирос, консервқуттиҳои пачақ ва соири партовҳо пур буд. Бӯе ки аз даҳони шишаҳои бутун берун меомад, махсусан мутааффин буд ва бӯи тотулаи заҳрогинро мемонд. Рӯбоҳ ин бӯйро як-ду маротиба ба димоғ кашида, сараш чарх зада буд, аз ин сабаб ҳамин ки бухори спирт ба машомаш мерасид, бинӣ афшонда, дархол худро ба каноре меандохт.

Аммо, мутаассифона, чизе ки ӯро лозим буд ва ба хотири ба даст овардани он тарсу бимашро фурӯ нишонида, ин қадар дуру дароз давутоз мекард, ба назар намерасид. Ва рӯбоҳ бо умеде, ки луқмае пайдо хоҳад шуд, ба хастагӣ нигоҳ накарда, қад-қади роҳи оҳан медавид, гоҳ ба ин сӯву гоҳ ба он сӯи пушта гузашта, пеш медавид.

Ногаҳон ӯ аз тохт бозмонд, як пои пешашро дар ҳаво муаллақ дошта, дар чояш шах шуд, ба мисли он ки ӯро касе банохост даст гирифта бошад. Бо партави хираи моҳ ҳамранг шуда, дар миёнаи ду релс чун шабаҳе

ночунбон меистод. Ғулгулаи дуре ки ба гӯшаш расида буд, қатъ нагардид. Аммо ҳанӯз хеле дур буд он садо, Рӯбоҳ думи худро ҳамчунон рост дошта, дилу бедилон пой иваз кард, гӯё меҳост аз сари роҳ дур шавад. Лекин ба чои ин ноҳост саросема шуда, аз ину аз он канори пушта ба давидан даромад. Вай ҳанӯз умед дошт, ки қути лоямуте ба даст хоҳад афтод. Ҳис мекард, ки ҳамин холо лукмае дарёб хоҳад кард. Аммо шақарроси оҳан ва гумбуроси садҳо адад чарххои пӯлодин низ бо даҳшати афзояндааш наздик мерасид, ки аз ҳамгашти роҳ чароғҳои хурду калони қӯшалокомативе намоён шуданд ва нурафканҳои пуриқтидор дашти ором хобидаро рӯз барин равшан карданд ва хушкӣ ва холигии онро бераҳмона намоиш доданд ва рӯбоҳ парвонаи болсӯхта барин худро беқаророна ба ҳар тараф меандохту муаллақзанон мегурехт. Қатор башаст медавид. Фазо аз ғубор ва дуди талх пур шуда, боди тунде бархост.

Рӯбоҳ шитобон худро ба каноре андохт. Вай дам ба дам ба пасаш менигарист ва аз тарс баъзан ба замин парӯ мешуд. Махлуқи чашмонаш оташин муддати дарозе гумбуросзанон мегузашт. Рӯбоҳ аз ҷои афтодааш чаҳида бармехосту боз роҳи гурезро пеш мегирифт...

Баъдтар ӯ нафасашро рост намуд, боз ба худ аҳд кард, ки ба роҳи оҳан баргардад ва чизе ёфта, азоби гуруснагиро рафъ намояд. Лекин дар сари роҳ боз чароғҳои фурӯзон пайдо шуданд, боз қӯшалокомотиве қатори пурбор ва тӯлониеро кашола карда наздик меомад.

Он гоҳ рӯбоҳ қарор дод, ки даштро миёнбур карда, ба қитъаи дигари роҳи оҳан бароядд, ба чунон ҷое бароядд, ки аз он маҳал қаторҳо нагузаранд...

Қаторҳо дар ин ноҳия аз шарқ ба ғарб мегузаштанду аз ғарб ба шарқ...

Аз ду самти роҳ дар ин ноҳия Сари Өзек, ба қавли мардуми таҳҷой, Мардумаки зарди биёбон, яъне Миёнадаштҳои малларанги нопайдоканор тӯл мекашиданд.

Дар ин ноҳия ҳама гуна масофаҳоро дар қиёси дур ё наздик будани роҳи оҳан чен мекарданд, чунон ки дар дигар ҷоҳо дар қиёси хатти Гринвич чен мекунанд...

Оре, қаторҳо аз шарқ ба ғарб мерафтанду аз ғарб ба шарқ...

Нимшабӣ касе ба сӯи кулбаи дидбонии ӯ медавид. Дергоҳе ва бо субот медавид. Аввал рӯи-рӯи шпалаҳо қадам мезад, баъди он ки аз муқобил қатор намоён шуд, аз пуштаи роҳ ба паҳлу фаромад ва чунон ки дар ҳавои бӯронӣ мекунанд, сару рӯяшро аз боду чангу ғубори аз зери чархҳои қатори боркаш бархоста бо дастонаш паноҳ карда, ба роҳи пуразобаш идома медод. Қатори боркаше ки он нимишаб дар ҳеҷ ҷой наистода, бидуни таваққуф мегузашт, қатори хосае буд, ки онсӯтар ба роҳи дигаре даромада, ба минтақаи мамнӯи Сари Өзеки 1 мерафт, ки роҳи оҳани он ҷо идораю хидматгорони махсуси худро дорад ва аз ин сабаб вагонҳои қатор ҳама брезентпӯш буданд ва дар платформаҳошон посбонони низомӣ доштанд.

Едигей пай бурд, ки ба назди ӯ шитобон занаш меояд ва шитобаш ҳам бечиз нест ва ягон сабаби басо ҷиддӣ дорад. Воқеан ҳамин тавр будааст,

вале то даме ки вагони дунболаи катор бо кондуктори дар айвонаки кушод истодааш аз пеши Едигей гузашта нарафт, вай аз рӯи вазифа ҳақ надошт, ки ҷои худро тарк кунад. Онҳо бо фонусҳошон ба якдигар хабар доданд, ки роҳ бехатар аст ва фақат баъди он Едигей, ки аз ғавғои бардавом гӯшҳояш маҳкам шуда буданд, ба занаш рӯй овард:

— Ҳа, чӣ шуд?

Зан нигоҳи изтиробомезе афканду чизе гуфт. Едигей ҷунбиши лабҳои ӯро дида бошад ҳам, садое ба гӯшаш нарасид. Бо вуҷуди ин фаҳмид. Бале, гумони худаш ҳам ҳамин буд.

— Биё, ба дарун дароем. Ин ҷо шамол, — гуфт ӯ ва занашро ба кулба ҳидоят намуд.

Аммо аз даҳони зан ба тасдиқи гумони бадаш ҳанӯз чизе нашунида, хотираш аз як чизи дигар мушавваш шуд. Едигей пештар ҳам медид, ки занаш пир шудааст, лекин ин дафъа ба ҳоли ӯ дилаш сӯхт: Уқубала аз шиддати тохт нафастанг шуда буд, аз даруни синааш садоҳои гирифтаю хиррие берун меомаданд ва китфҳои лоғараш ба як тарзи ғайритабиӣ, хеле бошаст болову поин мешуданд. Чароғи равшани электр дар кулбаи майдаяки деворҳояш аз оҳак сап-сафед баногоҳ дар рухсори тираи кабудчафомгардидаи Уқубала ожангҳои дигар ҳеҷ гоҳ рафънашавандаро баръалоина намоиш дод (ва ҳол он ки айёме буд, ки пайкари нарми рехтааш гандумгун буд ва чашмони сиёҳаш дурахши дилрабое доштанд)... Боз ин дандонҳои афтода... Умри зан ба охир расаду лекин як рӯз ҳам бедандон намонад, бо забони ҳол мегӯянд онҳо. (Кайҳо Уқкубаларо ба истгоҳи калон бурда, аз ҳамон дандонҳои зормондаи оҳанӣ шинондан лозим буд, ҳозир пиру ҷавон ҳамин хел дандонҳо месозонанд)... Бар болои ин боз тораҳои сап-сафеди мӯй аз таки рӯмол фаромада, ба рӯяш парешон шудааст. «Эй, занаки ман, чӣ хел пир шудай ту!» — аз дил гузаронид ӯ ва хис кард, ки дар ин ҳол гӯё худаш низ гунаҳгор аст ва ҳисси ин гуноҳ дили ӯро фишор медиҳад. Ва пай бурд, ки дилаш аз эҳсосоти сипосдорӣ моломол мегардад ва ин эҳсосот подоши ҳамаи зиндагонист, ки солҳои бисёре ба ҳам дидаанд ва хусусан подоши хидмати ҳозирааш аст, ки нимишабӣ рӯй-рӯи роҳи оҳан то ба дуртарин нуқтаи дуроҳа аз рӯи эҳтиром, аз рӯи қарзи одамӣ давида омадааст. Чунки Уқубала медонад, ки ин хабарро ба Едигей расонидан бисёр зарур аст. Едигей бояд бидонад, ки пирамарди бадбахт, мӯйсафеди бекас Қазонқоп дар кулбаи хилвати похсагинаш чашм аз олам пӯшидааст. Уқубала медонад, ки дар тамоми дунёи равшан фақат як нафар одам ҳаст ва он ҳам Едигей аст, ки аз мурдани одами яккаву танҳо ғамгин мешавад ва ҳол он ки марҳум ба вай на хеш мешавад, на табор.

— Шин, нафасата рост кун, — Едигей вақте ки ба кулба даромаданд.

— Худат ҳам шин, — гуфт Уқубала.

Ҳар ду нишастанд.

— Чӣ шуд?

— Қазонкоп мурд.

— Кай?

— Аз аҳволаш хабар гирам, шояд ягон чиз лозим бошад, гуфта, навакак даромадам. Даромадам, чароғ даргирон, дар ҷогаҳаш хоб, фақат ришаш саҳле инту ба боло сих задагӣ барин. Наздиктар рафтам. Қазаке гуфтам, ҳой Қазаке, чои гарм лозим бошад, гӯед, гуфтам. Бинам, ҷавоб нест, кайҳо тамом шудагӣ. — Укубала банохост хомӯш гардид, чашмони сурхшудааш аз ашк пур шуданд, пилкҳои бо мурури замон тунук шудааш ларзиданд ва ҳиқ-ҳиқ ба гиря сар кард. — Мана оқибат! Чӣ хел одам буд-а! Ҷон додаасту як кас нест, ки манаҳаша бандад, — ҳасрат мекард ӯ гиряомез. — Оқибати одама бин. Ҳайфи ҳамту одам… — Ӯ мехост бигӯяд, ки саги бесоҳиб барин хору зор шуда мурд, лекин нагуфт, ҳоҷати шарҳ набуд, бе ин ҳам вазъият маълум буд.

Едигей ҳанӯз аз айёми баргаштанаш аз ҷанг дар дуроҳаи Бӯранлӣ, яъне Бӯронӣ, хидмат мекард ва аз ин сабаб ҳама дар ин ноҳия ӯро Едигеи Бӯронӣ меномиданд. Вай дар рӯи тахтакати худ бо сари хам, чеҳраи гирифта, дастони решаи дарахт барин дурушт ва калон-калони вазнинашро рӯи зону гузошта менишаст. Лапари фуражкаи фарсудаи равғанолуд ба чашмонаш соя меафканд. Ба хаёл рафта буд Едигеи Бӯронӣ.

— Чи кор мекунем акнун? — садо баровард занаш.

Едигей сар бардошта, ба занаш бо заҳрхандае нигоҳ кард.

— Чӣ кор мекунем? Чӣ кор мекунанд дар ин ҳолат? Дафн мекунем. — Вай чун одаме, ки ба як қарор омадааст, аз ҷой бархост. — Ту, занак, медонӣ-чӣ? Ту зуд баргард. Аввал ба гапи ман гӯш кун.

— Гӯшам ба ту.

— Усмона бедор кун. Сардор бошад ҳам, майлаш, бедор кун, дар пеши аҷал мартабаи ҳама бадбаробар. Бигӯ, ки Қазонкоп аз олам гузашт. Чилу чор сол дар як ҷо кор кард вай. Вақте ки Қазонқоп ба ин ҷо омада кор сар карда буд, сага аз сар то пояш тилло резӣ, ба ин гӯшаи Сари Озек намеомад. Қади умри мӯйсафед аз ин ҷо чӣ қадар қаторҳо гузаштаанд, шумурам гӯй, мӯи сарат намерасад… Бигӯ, ки фикр карда бинад. Ана ҳамту бигӯ. Исто, боз гӯш кун…

— Гӯшам ба ту.

— Ҳамаро аз як сар бедор кун. Тирезаҳояшона тақ-тақ зан. Худамон чӣ қадарем — ҳамагӣ ҳашт хонавода… Ҳамаро бедор кун. Ҳамин хел як одам мурдааст, имшаб ягон кас набояд хоб кунад. Ҳамаро бедор кун.

— Рафту ҷанҷол кунанд, чӣ?

— Кори мо хабар додан, ҷанҷол кунанд, кардан гиранд. Бигӯ, ки ман фармудам, ки ҳама бедор шаванд. Виҷдон ҳам даркор ба кас. Исто!

— Боз чӣ?

— Аввал ба пеши навбатдор даро. Имшаб Шоймардон диспетчер. Бигӯ, ки воқеа ана ҳамту, фикр карда бинад. Шояд ба ҷои ман ягон касро ёбад. Сонӣ ба ман хабар диҳад. Фаҳмидӣ, ана ҳамту бигӯ!

— Мегӯям, мегӯям, — ҷавоб дод Уқубала, баъд ба мисли он ки чизи аз ҳама муҳимтари бемаврид фаромӯш кардаашро ба ёд оварда бошад, бо оҳанги гунаҳгорона гуфт: — Ана халос! Бачаҳояш чӣ? О аввал ба онҳо хабар расонидан лозим. Албатта! Падар мешавад-а…

Едигей ин гапро шунида, абрӯвонашро гиреҳ кард, андомаш боз тиратар гардид. Чизе нагуфт.

— Хоҳ нағз бошад, хоҳ ганда, фарзанд-дия, — таскиномез суханашро давом медод Уқубала. Вай медонист, ки гапҳо ба гӯши Едигей намефорад.

— Э худам ҳам медонам, — даст афшонд Едигей. — Чӣ, ба хаёли ту ман ҳеҷ фаросот надорам? Медонам, ки бачаҳояшро хабар додан лозим. Лекин агар ихтиёр ба ман мешуд, намемондам, ки паи қадамашон ба ин ҷоҳо расад!

— Едигей, ин тарафаш кори мо не. Мон ки биоянд, бо дасти худашон гӯру чӯб кунанд. Набошад, сонӣ гапу гапча чунон мӯл мешавад, ки…

— Хайр, ман чӣ гуфтам? Не гуфтам? Омадан гиранд.

— Писараш аз шаҳр расида омада метавониста бошад?

— Дилаш бошад, метавонад. Ҳанӯз парерӯз вақти ба истгоҳ рафтанам, тилгиром фиристода будам. Гуфтам, ки аҳвол чаток, падарат дар дами марг. Боз чӣ даркор! Худаша ин қадар доно метарошад, наход нафаҳмад!..

— Хайр, инту бошад, майлаш, — ба гапҳои шавҳараш розӣ шуд Уқубала, вале азбаски дар замири дил ҳанӯз андешаҳои изтиробангезашро давом медод, бо оҳанги ташвишомез гуфт: — Хуб мешуд, ки ҳамроҳи занаш меомад. Ба ҳар ҳол бегона не, падаршӯ мешавад…

— Ун тарафаш кори худашон. Инту кун, инту накун гуфтан чӣ ҳоҷат? Кӯдак не-ку!

— Ҳа, рост, ҳамту-куя, лекин бо вуҷуди он…— гуфт Уқубала дар ҳоле ки дилаш ҳанӯз аз шубҳа озод нашуда буд.

Онҳо муддате хомӯш нишастанд.

— Хайр, ту бирав, вақт нагузарад, — хотиррасон кард Едигей.

Аммо занаш ҳоло дар дил гап дошт.

— Духтараша мегӯям-а, Ойзодаи шӯрабахта мегӯям… Вай дар истгоҳи калон… Шӯяш як арақхӯри худо задагӣ, бачаҳояш лӯла-кулӯла… Охир вай ҳам бояд ба маросими дафн расида ояд.

Едигей беихтиёр табассум намуд, ба китфи занаш навозишкорона даст расонид.

— Ана халос… Акнун ту аз барои ҳар қадомаш алоҳида ғам хӯрда, сӯхта мешинӣ… Роҳи хонаи Ойзода як қадам, саҳарӣ ягон кас ба истгоҳ рафта, хабар мерасонад. Меояд, албатта. Лекин ту, занак, аклата кор фармо — ҳам аз Ойзода, ҳам аз Собитҷон, хусусан аз Собитҷон, бо вуҷуди он ки писар мешавад, мард ном дорад, як пула нафъаш намерасад. Ана мебинӣ, меоянд, ҳа, роҳа ёфта меоянд, аммо меҳмон барин дар як

гӯша рост меистанд, мурдая боз худамон гӯру чӯб мекунем, ха, кори мешудагӣ ҳамин... Бирав, бирав, корҳои ман гуфтагиро кун.

Укубала аз кулба баромад, баъд аз роҳ гаштан бозмонда, даме хаёломез рост истод ва сонӣ боз ба роҳаш идома дод. Вале ин дафъа ӯро Едигей аз роҳ дошт:

— Аз ёдат набарор, аввал ба пеши навбатдор даро, ба пеши Шоймардон, ба ҷои ман ягон касро фиристонад, ман сонӣ ба ҷои вай кор мекунам. Худораҳматӣ дар хонаи хилват хобидааст, дар пешаш ягон кас нест, нагз не... Ана ҳамту бигӯ...

Занаш ба аломати ризо сар ҷунбонду ба роҳаш рафт. Ин дам дар рӯи лавҳаи дистансионӣ асбоби хабардиҳанда чароғаки сурхашро даргиронида, ба ғурриш даромад. Ба дуроҳаи Бӯронӣ қатори наве наздик меомад. Аз рӯи супориши навбатдор ин қаторро аз роҳи эҳтиётӣ ҷой додан лозим, то ки қатори дигар, ки аз тарафи муқобил меояд ва низ ба дуроҳа наздик расидааст, бемалол ба он сӯ гузашта равад. Кори муқаррарӣ.

То даме ки қаторҳо ба роҳи худ гузашта рафтанд, Едигей гоҳ-гоҳе ба сӯи Укубала назар меафканд, ки аз паҳлӯи роҳ равон буд. Гӯё боз ягон гапи таъйиннокардааш монда бошад. Гапи мегуфтагӣ, албатта, ёфт мешавад. Маросими дафн кори ҳазл не, ҳазор як майда-чуйда дорад. Аммо Едигей на аз барои ин сӯи занаш нигоҳҳо меафканд. Вай акнун, худи ҳамин дам бо алам пай бурд, ки занаш вақтҳои охир хеле пир шудааст, қоматаш хам гаштааст ва инро дар партави зарди чароғи сари роҳ надидан мушкил буд.

«Пир шудем-дия, — аз дил гузаронид ӯ, — Мана оқибат: чолу кампир!» Саломатӣ, шукр, бад нест, тану ҷои ҳоло бақувват, лекин синнаш ба ҷое расидааст, шастсола шудааст, аниқтар ҳисоб кунад, ба шасту як қадам монд. «Ана-мана нагуфта, ду-се соли дигар мегузараду эҳтимол ба нафақа баро, гӯянд» — худ ба худ гуфт Едигей бо заҳрханда. Аммо вай медонист, ки ба ин қарибиҳо ба нафақа намеравад. Ба ҷои вай дар ин ҷоҳо одам ёфтан ҳам кори осон нест. Едигей нозири роҳ ва коргари таъмиргар аст, баъзан, агар ягон кас нотоб шуда монад ё ба таътил биравад, вазифаи роҳкушоро ҳам худаш адо менамуд. Ба ҷои вай кӣ меояд? Магар ки ба хотири музди иловагӣ биояд, ки барои дурафтода ва беоб будани ин ҷоҳо медиҳанд. Аммо гумон-дия. Дар байни ҷавонҳои ҳозира ин хел одам ёфт мешавад?

Барои зиндагӣ кардан дар дуроҳаҳои Сари Озек дили бутун даркор, набошад, нобуд мешавӣ. Дашт ҳадду каноре надорад, одам дар пеши вай як зарра. Даштро ба ҳоли ту коре нест, аҳволат хуб аст ё бад, барои вай бад-баробар. Ана ҳамин хел аст дашт ва дигар ҳам намешавад, аммо инсон ба ҳоли дунё бепарво буда наметавонад, ғам мехӯрад, хаёл мекунад, ки дар ҷои дигар, дар миёни одамони дигар мешуд, кораш барор мегирифт ва бахташ баргашта будааст, ки ба он ҷоҳо афтодааст... Ва, инак, дар пеши салобати дашти бузурги бешафқат дил бой медиҳад, яъне

аккумулятори мотосикли сечархаи Шоймардон барин мадори дилаш хушк мешавад. Соҳибаш он мотосиклро эҳтиёт мекунад, на худаш савор мешавад, на ба касе медиҳад. Мошин бекор-бекор мехобад ва ҳамин ки зарур шуд, мотораш дарнамегирад, чунки қуввати оташдиҳандааш тамом шудааст. Одами ба дуроҳаи Сари Озек афтода ҳам ба мисли ҳамин, агар ба кор начаспад, дар ин дашт реша наронад, одат накунад, — тамом, тоқат карда наметавонад. Баъзеҳо аз тирезаи вагонҳои даргузар нигоҳ карда, гиребонашонро медоранд: ё тавба, мегӯянд, одамон дар ин ҷо чӣ тавр зиндагонӣ мекарда бошанд?! Ба ҳар тараф, ки бингарӣ, фақат дашту уштур, дашту уштур! Хайр, чӣ илоҷ, зиндагӣ мекунанд. Сабру тоқаташ чӣ қадар ки бошад, ҳамон қадар зиндагонӣ мекунад. Се сол, ё зӯраш расад, чор сол бардошт медиҳад. Баъд ариза дода, ҳисобӣ мекунаду меравад. Тамом, вассалом.

Дар дуроҳаи Бӯронӣ фақат ду кас ҳамаи умри худ тоб оварда тавонист: Қазонқопу вай, яъне Едигеи Бӯронӣ. Дар ин муддат чӣ қадар одамон омада рафтанд! Дар бораи худ чизе гуфтанаш мушкил, дандон ба дандон монда, тоқат мекард, сар ҳам намекард, аммо Қазонқоп дар ин ноҳия чиҳилу чор сол заҳмат кашид. На барои он ки аз дигарҳо ғӯлтар буд. Ба Едигей бигӯянд, як худи Қазонқопро ба даҳ каси дигар иваз мекунӣ? Не мегӯяд... Мана акнун вай ҳам бирафт. Нест дигар Қазонқоп...

Қаторҳо ба роҳҳои худ гузашта рафтанд. Яке ба шарқ бирафт, дигаре ба ғарб. Дуроҳаи Бӯронӣ муддате холӣ гардид. Ва ҳама чизе ки дар атроф буд, баногоҳ равшантар аён шуд. Ситораҳои осмон гӯё дурахшонтар, ба назар намоёнтар шуданд, бод ҳам шасти худро афзуда, дар сари пуштаи роҳ, миёни шпалаҳо ва сангрезаи байни релсҳое, ки арангаранг ғуввос мезаданд ва гоҳ-гоҳ садои шиқиррос заданашон ба гӯш мерасид, сайри худро давом медод.

Едигей ба кулбааш надаромад. Ба симчӯб такя намуда, ба хаёл рафт. Дар пеш, дар он сӯи роҳи оҳан шабаҳи хираи уштуронро дид. Онҳо зери партави моҳ дар мобайни дашт ноҷунбон истода, шабро мегузарониданд. Ва аз байни онон Едигей уштури каллакалони дукӯҳони худро шинохт, ки дар Сари Озек тавонотарин ва хушрафтортарини уштурон буд ва бо соҳибаш ҳамлақаб буда, Қаранори Бӯрониаш мехонданд. Едигей онро дӯст медошт, фахр мекард. Дар нерӯ беназир буд, аммо, рости гап, идора карданаш ҳам осон набуд. Чунки Қаранор айғир буд, Едигей дар хурдиаш ахта накард, сонитар ба кор дасту дилаш нарафт.

Едигей дар дилаш гуфт, ки фардо дар қатори дигар корҳо бояд барвақттар Қаранорро ба хона оварда, зин занад. Барои саворӣ бояд дар маросими ҷаноза даркор мешавад. Ба сари Едигей боз ҳар гуна андешаҳо меомаданд.

Сокинони дуроҳа ҳанӯз дар хоби роҳат буданд. Қасабаяки Бӯронӣ аз чанд бинои хурди идора, шаш хонаи бомаш шиферпӯш, ки як вақтҳо идораи роҳи оҳан сохта буд, аз хонаи бо дасти худ бинокардаи Едигей ва

кулбаи похсагини Қазонқоп иборат буду баст. Оташдонҳои дар саҳни ҳавлиҳо, ҳар гуна хонача ва анборакҳои ин ҷо-он ҷо воқеъгашта, ҳисоракҳои девораш най барои нигоҳ доштани чорво ба ин ҳисоб, албатта, намедароянд. Дар мобайни қасаба бинои насоси обкашак воқеъ шуда буд, ки онро бод ба гардиш меовард ва ҳар гоҳ лозим шавад, ба кор меандохтанд. Дар худи ҳамин ҷо обкашаки дастӣ ҳам буд, ки солҳои охир пайдо шуда буд.

Хулосаи гап, ки ин қасаба дар сари роҳи бузурги оҳан, дар миёнаи дашти бузурги Сари Озек воқеъ гашта буд ва ҳалқаи майдаяке буд дар силсилаи чун рагҳои хунгузар сершохаи дуроҳаҳо, истгоҳҳо марказҳо ва шаҳру қарияҳои дигар... Ҳа, дар як ҷои кушод, дар гузаргоҳи ҳама бодҳои олам ва хусусан бодҳои зимистонӣ воқеъ гашта буд, ки бӯронҳои он манзилгоҳҳои Сари Озекро то ба тиреза аз барф пур мекард ва дар сари роҳи оҳан теппаҳои гарони барфин месохт... Ана аз ҳамин сабаб ин дуроҳаи даштӣ Бӯронлӣ — Бӯронӣ ном дошт ва лавҳаи номаш ҳам ба ду забон навишта шуда буд: ба забони қазоқӣ Бӯронлӣ, ба русӣ — Буранный...

Пеш аз он ки дар роҳҳо ҳар гуна мошинҳои барфтозакунак — мошинҳое, ки барфро фурӯ кашида, сонӣ тирвор ба як тараф пуф мекунанд ва мошинҳое ки бо теғҳои азимашон барфро тела дода, ба канор мебароранд, қабл аз он ки ин хел ва дигар гуна мошинҳо пайдо шаванд, ба Қазонқоп ва ӯ лозим омада буд, ки бо барфтӯдаҳои сари роҳ ҷони худро ба каф гирифта талош кунад. Гӯё ки то ҳамин қарибиҳо аҳвол чунин буд. Зимистони солҳои панҷоҳу якум ва панҷоҳу дуввум басо қаҳратун омада буд. Дар майдони ҷанг гоҳо ҳамин гуна ҳоле ба миён меомад, ки одам бояд ҳаёту мамоти худро ба адои як супориш харҷ кунад, масалан, барои як ҳамла, барои як даста граната партофтан ба зери танки душман... Дар ин ҷо ҳам аҳвол ҳамин гуна буд. Касе дар қасди ҷони онон наафтода бошад ҳам, худашон ҷон ба каф гирифта, кор мекарданд. Чӣ қадар барфтӯдаҳоро дастӣ бел мекарданд, бо чанаю чигинаҳо мекашониданд ва ҳатто дар километри ҳафтум, он ҷое ки роҳи оҳан аз пастӣ, аз мобайни теппа бурида мегузарад, барфро ба халтаҳо андохта, ба боло ба сари теппа мебароварданд. Ва ҳар дафъа ба назарашон чунон мерасид, ки ин охирин талоши онҳост бо гирдбоди бӯронӣ ва аз ин сабаб рамаке ба ҷонашон намонад ҳам, бояд талош кунанд, коре кунанд, ки фарёди парвозҳоро дар ин дашти бекарон, «Роҳ диҳед! Ро-оҳ!» гӯён дод гуфтани онҳоро дигар нашунаванд!

Аммо он барфҳо об шуданд, он қаторҳо ва он солҳо гузашта рафтанд... Акнун касе ёди онҳоро намекунад. Гӯё афсона барин, буду набуд. Кормандони роҳ акнун ба ин ҷо аз маврид ба мавриде меоянд. Инҳо, бригадаҳои нозирону таъмиргарон ҳамагӣ одамони серғавғоянд. Нақл кунӣ, бовар намекунанд, ба худ тасаввур карда наметавонанд, ки роҳи оҳанро дар дашти Сари Озек барф зер мекардаасту фақат чанд нафар

бел дар даст онро тоза мекардаанд! Муҳобот накунед-е! — мегӯянд онҳо. Баъзеҳошон рӯирост масхара мекунанд: чӣ зарур буд ба ҷонатон? Кӣ шуморо маҷбур кард, ки худатонро азоб дода, ҷон ба таҳлука андохта, ин корро кунед? Ба хотири чӣ? Ҳамин корро ба мо супоранду ҷавоб шунаванд, ҳа! Бардоред дову дастгоҳатона, ба саратон занед, мегуфтему ба ҷои дигар мерафтем, ки тартибу интизом бошад. Яъне фалон қадар кор кардӣ, марҳамат, ҳаққата бигир. Мабодо ягон кори фаврӣ баромада монад, марҳамат, мардумро ҷамъ кунед, аммо ҳаққи иловагиро тайёр кунед… «Шумо пиракиҳоро аҳмақ ёфтаанд, сазои саратон, ҳамин тавр гӯлу гумроҳ мурда меравед!..»

Аз ҳамин қабил маҳмаддоноҳои «ҳақшинос» яке ҳамсӯҳбат шавад, Қазонкоп ба суханҳояшон аҳамият намедод, гӯё ба ӯ дахл надошта бошад. Фақат худ ба худ заҳрханда мекард, гӯё дар дилаш гапе дошта бошад, ки ақли онҳо намерасад. Аммо Едигей тоб оварда наметавонист, оташин мешуд, мешӯрид, баҳс карда, дили худашро худаш хун мекард.

Лекин Едигею Қазонкоп байни худ дар ҳар хусус сӯҳбатҳо мекарданд. Ҳам дар бораи он корҳое, ки ин зотҳои роҳгузари савори вагонҳои назорату таъмир масхара мекарданд, ҳам дар хусуси бисёр дигар масъалаҳо. Аз солҳои пеш бо ҳам дарди дил изҳор мекарданд, ба қадре ки фаҳмашон мерасид, дар бораи зисту зиндагонӣ андешаҳои худро ба ҳамдигар мегуфтанд. Он вақтҳо ин маҳмаддоноҳо ҳанӯз кӯдак буданд, мавизро кака мегуфтанд. Ҳа, онҳо бисёр солҳо инҷониб — аз худи соли чилу панҷум то ба нафақа баромадани Қазонкоп роздони ҳамдигар буданд. Воқеан, Қазонкоп ба нафақа баромаду кораш барор нагирифт: акнун дар хонаи писарам зиндагонӣ мекунам, гуфта ба шаҳр рафту баъди се моҳ баргашт. Ана ҳамон вақт онҳо дар хусуси пасту баландиҳои олам сӯҳбати дурударозе доштанд. Марди хирадманде буд Қазонкоп. Дар хотири Едигей бисёр чизҳо мондааст… Ва Едигей банохост возеҳу равшан дарк намуд, ки акнун аз дӯсташ фақат хотирае боқӣ мондааст ва дилаш аз хурӯҷи дарду ҳасрат лабрез шуд…

Ӯ ба кулба ворид шуд, аппарати овоз ширик-ширик садо бароварду микрофон ба кор даромад. Аз даруни ин асбоби фалакзада аввал садои тундбод барин ғур-ғур фиш-фиш паҳн шуду сонӣ овози одам баромад:

— Едике, алё Едике, — хиррос мезад Шоймардон, диспетчери навбатдори дуроҳа, — овозамро мешунавӣ? Гап зан!

— Ҳа, мешунавам!

— Ту овозамро мешунавӣ?

— Ҳа, ҳа шунида истодаам!

— Овозам чӣ хел шунида мешавад?

— Аз он дунё гап задагӣ барин!

— Барои чӣ аз он дунё?

— Надонам.

— А-а… Яъне мӯйсафеди Қазонкоп униайлин шудааст-дия!

— Изайлин!

— Яъне ки мурдааст. — Шоймардон зўр мезад, ки суханҳои ба маврид муносиб дарёбад. — Чӣ гўям? Яъне ки унзайлинаш, вай, ҳоло номаш чӣ буд, роҳи бошарафонаи зиндагиаш ба охир расидааст.

— Ҳа, — мухтасар ҷавоб дод Едигей.

«Мур, ту ҳайвони бемағз, — аз дил гузаронид ў, — дар хусуси марги инсон ҳам одам барин гап зада наметавонад».

Шоймардон дақиқае хомўш монд. Аз микрофон садои боз ҳам баландтари хиш-хишу ғиҷиррос ва фаш-фаши нафаскашӣ баромад. Пас боз хирроси Шоймардон шунида шуд:

— Едике, акаҷон, лекин ту унзайлин накун, сари мана гаранг накун, Хайр, мурдааст, акнун чӣ, илоҷ… Ман одам надорам. Ба пеши мурда рафта шиштанат чӣ лозим? Мурда гашта унзайлин, яъне ки зинда намешавад-ку, ба хаёлам…

— Ба хаёли ман, каллаи ту кор намекунад! — ба ғазаб омад Едигей. — «Сарама гаранг накун» мегўяд-а! Ба омадани ту ду сол нашудааст, ману вай дар ин ҷо сӣ сол ҳамроҳ кор кардем. Ту каллая кор фармо. Аз миёни мо як кас вафот кардааст. Мурдаро дар хонаи хилват танҳо намемонанд, мумкин не.

— Вай аз куҷо медонад, ки унзайлин аст, яъне ки танҳо аст?

— Вай надонад, мо медонем!

— Хайр, мўйсафед, дўғ назан, унзайлин, мағал накун!

— Ман ба ту фаҳмонда истодаам.

— Хайр, охир, чӣ мехоҳӣ? Ман одам надорам. Ба он ҷо рафта, чӣ кор мекунӣ, аз ду сар, шаб торик, ҳеҷ кас нест.

— Ибодат мекунам. Расму оина адо мекунам. Дуо мехонам.

— Дуо мехонӣ? Ту, Едигеи Бўронӣ, дуо мехонӣ?

— Ҳа, ман. Ман дуоҳоя медонам.

— Ана халос. Ҳокимияти советӣ унзайлин, шастсола шудаасту…

— Гапа дароз накун, ҳокимияти советӣ ба ин ҷо чӣ дахл дорад! Аз замони қадим як одам мурад, дигарҳо ба арвоҳаш фотиҳа мехонанд. Инсон мурдааст, фаҳмидӣ, ҳайвон не!

— Хайр, фотиҳа хон, фақат унзайлин накун, дўғ назан. Ба Одилбои Дароз одам мефиристам. Розӣ шавад, меояд, ба ҷои ту унзайлин, навбатдорӣ мекунад. Ҳозир унзайлин кун, яксаду хабдаҳум наздик меояд, ба роҳи дуввуми эҳтиётӣ гузарон…

Овози Шоймардон қатъ гардид, садои шириққӣ кардани аппарати гуфтугў шунида шуд. Едигей ба ҷои роҳкушоӣ равон шуд. Ў бо кори худ машғул буду дар дилаш фикр мекард, ки оё Одилбой розӣ мешуда бошад, оё меомада бошад? Як назар дид, ки тирезаи баъзе хонаҳо равшан шуд, дар дилаш умед пайдо гардид. Одамон, охир, виҷдон доранд. Мана ак-аки сагҳо ба гўш расид. Пас, занаш бўрониҳоро аз хоб бедор карда, хабари ҷанозаро мерасонд.

Яксаду хабдахум омада, дар рохи эхтиётӣ карор гирифт. Аз дигар тараф катори нафткаш омад. Аз сар то дунболаш фақат махзани нафт. Қаторхо ба роххои худ рафтанд: яке ба шарку дигар — ба гарб...

Соат аз яки шаб гузашта буд. Ситорахои осмон дурахшонтар мешуданд, хар як ситора ҷудогона медурахшид. Мох хам дар сари дашти Сари Озек равшантар нурафшонӣ мекард. Гӯё як навъ кувваи тозаю торафт афзояндаи иловагӣ пайдо карда буд. Дар зери гунбади ситоразор то ба дуродур дашти нопайдоканори Сари Озек доман пахн карда мехобид. Фақат шабахи уштурон — дар байни онхо азамати кӯшкӯхони Каранори Бӯронӣ ва тархи хираи теппахои наздиктарин ба назар мерасиду боқимондаи масохати дашт аз хар ду самти рохи охан ба торикии беинтихои шаб рафта мепайваст. Бод хам ором намешуд. Пайваста хуштак мекашид ва хасу хошоки биёбонро хишширросзанон ба хар сӯ меронд.

Едигей гох ба кулба медаромад, гохе мебаромад, чашмаш ба рохи Одилбои Дароз чор буд. Нохост назараш ба ҷонвараке афтод. Чашмони сабзгунаш милт-милт метофтанд. Худаш дар зери сутуни телеграф меистоду на як қадам пеш меомад, на ба кафо мерафт.

— Э, ту ин ҷо чӣ кор мекунӣ! — гуфт Едигей бо ангушташ шӯхиомез тахдид карда. Рӯбох нарамид. — Ина бинед-а! Холо ман туро! — Едигей пой бар замин кӯфт.

Рӯбох каме дуртар рафту боз нишаста, ба ӯ рӯй гардонид. Вай чашмони махзунашро аз ӯ наканда, бо диккат нигох мекард. Ха, ё ба андоми ӯ нигох мекард, ё ба чизи дигаре дар наздики ӯ. Ӯро ба ин ҷо чӣ оварда бошад? Чарогхои электр ҷалб карда бошандаш, ё аз гуруснагӣ омада бошад? Дар ин ҷо пайдо шудани рӯбох ба назари Едигей галатӣ менамуд. Хайр, модоме худи сайд пеши сайде омадааст, сангеро бардошта, якта фарорад, чӣ? Едигей даст-даст карда, санги калонтареро бардошт. Нишон гирифта, даст кашиду нохост аз нияташ баргашт. Сангро ба зери пояш партофт. Баданашро арақ зер кард. Воаҷабо, ба сари одам чӣ хаёлхое меомадаанд! Худи хобу хаёл барин-а! Рӯбохро нишон гирифта, заданӣ буд, ки баногох як ривоят ба ёдаш расид. Холо дар хотир надорад, ки ровӣ кӣ буд: яке аз он зотхои рохгузар, ё сураттире ки бо ӯ хусуси худову пайгамбарон сӯхбат карда буд, ё ягон каси дигар. Э не, Собитҷон нақл карда буд, чин занад вая, доимо аз аҷоиботу гароибот мелаққад, шунаванда бошаду даханашро яла карда гӯш андозад, шуд. Ха, Собитҷон, писари Қазонкоп нақл карда буд, ки баъди мурдан ҷони одам ба тани дигар ҷонвархо кӯчида медаромадааст.

Бинед-а, худашон ба сари худ чӣ хел як ахмақи лаққиро калон карда, ба воя расониданд! Дар назари аввал бӯзбалаи дуппа-дуруст барин менамояд. Хама гапа медонад, аз хама чиз бохабар, аммо аз донистанхои вай як пула фоида нест. Ба интернат бурда, хонониданд, дар институт хонониданд, лекин одам нашуд, ки нашуд. Худситой, шаробнӯшӣ, кадахгӯӣ бошад, ин кас устухон надоранд, аммо аз кор дараке нест.

хулласи гап, ки пуч баромад бача, бо падараш қиёс ҳам карда намешавад, ҳарчанд ки диплом дорам, гуфта фукаш дар осмон. Не, одам нашуд, ба падараш нарафт. Хайр, ҳаволааш ба худо, акнун чӣ илоҷ, шудагиаш ҳамин қадар.

Хӯш, ана ҳамин Собитҷон боре нақл карда буд, ки дар Ҳиндустон як ақида будааст, ки мувофиқи он баъди мурдани одам рӯҳаш ба тани ҷонвари дигар мегузаштааст, ҳатто ба тани мӯрча барин ҷонваракони майдаяк. Мегуфтаанд, ки ҳар як парранда ё ягон хел ҷонвар ё ҳашарот зиндагӣ карда будааст. Бинобар ин дар Ҳиндустон қадом ҷонзоте набошад, куштан убол будааст. Аз пеши роҳ мор бароянд, мори айнакдор бароянд ҳам, даст намекофтанд, таъзим ба ҷо меовардаанду роҳ медодаанд.

Дар дунёи равшан чӣ бисёр? Аҷоибот. Кӣ медонад, ки ин гап рост бошад ё дурӯғ. Ин дунё дунёи васеъ, одам донистан-катӣ ба тақаш расида наметавонад. Ана аз барои ҳамин ҳам вақте ки рӯбоҳро бо санг заданӣ шуд, ба сараш хаёле омад, ки рафту рӯҳи Қазонкоп ба тани ҳамин рӯбоҳ даромада бошад? Рафту Қазонкоп ба сурати рӯбоҳ даромада бошад, ба пеши дӯсти беҳтаринаш омада бошад, чунки, охир, кулбааш баъди мурдани ӯ азохонаи бекас шуд-ку!.. «Ё тавба, аз ақл бегона шуда истодаам, аз афти кор! — худро мазаммат кард Едигей. — Ҳамин ҳам гап шуд-у! Ҳайфи ман-е! Ақлама хӯрдаам!»

Бо вуҷуди он, оҳиста ба рӯбоҳ наздиктар омада, ба оҳанге, ки вай сухани ӯро мефаҳмида бошад, гуфт:

— Ту бирав, ҷои ту ин ҷо не, бирав ба даштат. Фаҳмидӣ? Бирав. Не, ба он тараф не, он ҷо сагҳо ҳастанд. Бирав ба даштат, ёрат худо.

Рӯбоҳ пас гашту ба роҳ даромад. Як-ду маротиба ба пасаш нигоҳ карду дар оғӯши зулмот нопадид шуд.

То даме ки Одилбои Дароз омаду Едигей ба ӯ навбатдориро супорид ва ҳар ду аз воқеаи нохуш сӯҳбат карда, оҳ кашидаанду афсӯс хӯрдаанду Қазонкопро ёдоварӣ карданд, ба дуроҳаи Бӯронӣ боз ду қатор омаду ба ду тараф гузашта рафт. Едигей аз ҳама корҳо фориғ шуда, ба хона мерафт, ки банохост ҳамон чизи аз ёд баровардааш ниҳоят ба ёдаш расид: вай ба занаш нагуфта буд, дурусттараш бо вай маслиҳат накарда буд, ки ба духтарон ва домодҳои худ аз вафоти Қазонкоп чӣ хел хабар диҳанд. Ду духтари хонадоршудаи Едигей дар самти тамоман дигар — дар наздикиҳои Қизил Ӯрда мезистанд. Калониаш дар совхози шоликор буд, шавҳараш — тракторчии ҳамон совхоз. Хурдиаш аввалҳо дар истгоҳи Қазалӣ мезист, сонитар бо оилааш ба наздиктари апааш, ба худи ҳамон совхоз кӯчид. Шавҳараш ронанда шуда кор мекунад. Қазонкоп ба онҳо аз он қабил хешу табор не, ки ба ҷанозаи ӯ омаданашон фарз бошад. Лекин ба назари Едигей Қазонкоп барои онҳо аз хешу табор ҳам наздиктар буд. Духтарҳо дар ҳамин ҷо, дар Бӯронӣ ба дунё омаданд. Дар ҳамин ҷо ба воя расиданд, дар интернати истгоҳи Қумбел мехонданд. Ба интернат онҳоро бо навбат гоҳ Едигей бурда мемонд, гоҳ Қазонкоп. Едигей ба

ёд овард, ки духтарчаҳоро аз таътил ё баъди таътил ба уштур савор карда бурда меоварданд. Хурдиаш дар пеш менишаст, падар дар мобайн, калониаш — дар қафо. Секаса савор мешуданд ва Қаранор аз Бӯронӣ то Қумбел се соат ва агар зимистон бошад, аз он зиёдтар лӯқӯккунон медавид. Едигей ба рафтуомад вақт надошта бошад, Қазонкоп мерафт. Вай ҳам барои духтарчаҳо падари худашон барин буд. Едигей аҳд кард, ки пагоҳӣ ба онҳо телеграмма мефиристад, он тарафаш ихтиёр ба худашон, тавонанд, меоянд... Лекин бояд албатта бидонанд, ки мӯйсафеди Қазонкоп чашм аз олам пӯшидааст...

Сонӣ ӯ роҳ мепаймуду фикр мекард, ки саҳарӣ пеш аз ҳама Қаранорашро бояд аз чарогоҳ дошта биёрад. Даркор мешавад. Мурдани одам ҳазл не, аммо бо обрӯю иззат дафн кардан ҳам кори осон нест дар дунё... Рӯзи дафн маълум мешавад, ки ин нест, вай нест, ҳамаи ин чизҳоро, аз кафанворӣ сар карда, то ҳезуми оши худоӣ ба зудӣ пайдо кардан лозим.

Дар ҳамин лаҳза ҳаво сахт такон хӯрд, чунон ки дар фронт аз зарбаи мавҷи тавонои таркиш ҳамин тавр мешуд, ва замин дар зери пои Едигей ларзид. Ва дид, ки дар муқобили ӯ дар гӯшаи дури дашт, дар он ҷое, ки мувофиқи шуниди вай космодроми Сари Озек воқеъ гашта буд, чизе ба шакли гирдбоди оташине, чун сутуни яклухту бузурги алангае ба осмон баромад. Едигей саросема шуда монд. Вай ба мисли ҳамаи сокинони Сари Озек медонист, ки дар куҷое, тахмин дар чил километр роҳ ё андак наздиктар аз он космодроми Сари Озеки 1 ҳаст. Медонист, ки ба он ҷо аз истгоҳи Тӯтгарак Том шохаи махсуси роҳи оҳанро кашидаанд. Ҳатто ҳикоят мекарданд, ки дар ҳамон тарафҳо дар миёни дашт шаҳри калоне пайдо шудааст, ки магазинҳои калон-калон дорад. Вай ин гапҳоро аз радио, аз сӯҳбатҳо дар бораи кайҳоннавардон ва парвозҳои кайҳонӣ мешунид, аз рӯзномаҳо мехонд. Ҳамаи ин ҳодисаҳо дар ҳамин қарибиҳо рӯй медоданд. Дар консертҳои ҳаваскорони бадеии маркази вилоят, ки он ҷо Собитҷон зиндагонӣ мекунад ва он шаҳр чандон наздик набуд, — ба қатор савор шавӣ, якуним шабонарӯз роҳ гаштан лозим меомад, — ана дар ҳамон шаҳр бачаҳо суруд хонда мегуфтанд, ки онҳо хушбахттарини бачаҳои оламанд, чунки амакҳои кайҳоннавард аз сарзамини онҳо ба кайҳон парвоз мекунанд, лекин азбаски ҳар чизе ки дар атрофи космодром буд, минтақаи пӯшида ҳисоб меёфт, Едигей аз он ҷоҳо чандон дур набошад ҳам, фақат бо маълумоти аз ину он шунидааш қаноат мекард. Ва ҳоло бори нахуст бо чашми худ медид, ки мушаки кайҳонӣ чӣ тавр ба фавворaи оташин печида ва атрофу акнофро аз партави изтиробангезаш равшан сохта, ба қаъри осмони торик рафт. Едигей тамом гаранг шуд — наход дар мобайни ҳамон сутуни оташ одам нишаста бошад? Як ё ду кас? Чаро вай доимо дар ҳамин ҷо зиндагонӣ мекунаду ягон маротиба аз ин пеш лаҳзаи парвозро надидааст. Охир, ба кайҳон чанд бор париданд, шуморӣ, ҳисобашро гум мекунӣ. Шояд, он дафъаҳо киштиҳо рӯзона мепариданд? Офтоб бошад, дар ин қадар масофа, албатта,

ҳеҷ чизро дида наметавонӣ. Хайр, ин тавр бошад, чаро инаш шабона парида рафт? Пас, шитоб карданаш лозим будааст, ё мӯҳлаташ ҳамин лаҳза будааст? Ё эҳтимол, ки вай шабона аз замин парвоз мекунад ба осмон мебарояд, ки он ҷо рӯз аст? Боре Собитҷон нақл карда буд (вай бо оҳанге нақл мекард, ки гӯё худаш ҳам ба он ҷо рафта омадааст), ки дар кайҳон дар ҳар ним соат шаб рӯз мешудаасту рӯз шаб. Аз Собитҷон пурсидан даркор. Собитҷон аз ҳама гап бохабар. Бисёр мехоҳад, ки одами ҳамадон, машҳуру мӯътабар бошад. Дар маркази вилоят кор мекунад, ин ҳазл-пазл не. Хайр, бо вуҷуди он обрӯталошӣ намекард, беҳтар мешуд. Ба чӣ даркор? Ҳар кӣ ҳастӣ, ҳамон бош. «Бо фалон калоншавандa ба фалон ҷо рафтам, ба фалонӣ фалону фалон гуфтам». Одилбои Дароз нақл карда буд, ки як маротиба ба идораи вай даромадааст. Кору бори Собитҷони мо, мегӯяд, фақат даводав аз сари телефон то ба дари қабулгоҳ ва аз дари қабулгоҳ то сари телефон. «Итоат, Алҷабор Қаҳрамонович! Ба ҷону дил, Алҷабор Қаҳрамонович! Ҳӯ хӯш, хӯш, Алҷабор Қаҳрамонович! Гапаш фақат ҳамин. Сардораш бошад, аз кабинеташ намеҷунбаду гоҳ ин тугмаро пахш мекунад, гоҳе вайшро. Фурсат нашуд, ки як даҳан гапама гуфта гирам... Ана ҳамин хел коргар будааст ҳамдиёри мо, мегӯяд. Хайр, майлаш, ҳаволааш ба худо, буду шудаш ҳамин бошад, чӣ илоҷ... Фақат ба Қазонқоп дили кас месӯзад. Барои писараш бисёр ғусса мехӯрд. То дами вопасинаш дар хусуси вай як калима гапи сахт нагуфт. Ҳамроҳи писараму келинам зиндагонӣ мекунам, гуфта, кӯчашро бардошта ба шаҳр рафт, худашон омада илтимос карданд, худашон кӯчонида бурданд, аммо оқибат чӣ шуд?.. Хайр, ин тарафаша ҳоло монда истем...

Едигей он нимшабӣ машғули ҳамин хел андешаҳо ба сӯи хона роҳ мепаймуд. Вай мушаки кайҳониро то тамом ноаён шуда рафтанаш назора мекард. Дуру дароз назора мекард ин мӯъчизаро. Вақте ки сафинаи оташин торафт фишурда ва ғунча шуда, оҳир ба як нуқтаи хираи сафедтобе мубаддал гашт ва дар қаъри зулмот нопадид шуд, Едигей сарашро бо тааҷҷуб ҷунбонида ба роҳаш давом дод. Дилаш аз эҳсосоти аҷибу мухталиф моломол буд. Вай аз манзараи дидааш ба ваҷд омада бошад ҳам, дар айни замон мефаҳмид, ки парвози мушак барои ӯ як ҳодисаи бегонаест, ки ба вуҷудаш ҳайрат ва ҳарос афкандааст. Баногоҳ ҳамон рӯбоҳи ба сари роҳи оҳан омада ба ёдаш расид. Вақте ки рӯбоҳ дар осмони дашти хилват ногоҳ гирдбоди оташинро дид, ҳолаш чӣ шуда бошад? Эҳтимол, тамом даступо гум карда бошад...

Аммо худи Едигеи Бӯронӣ ҳам, гарчи шоҳиди парвози шабонаи мушаки кайҳонӣ буд, намедонист (ва донистанаш мумкин ҳам набуд), ки он парвоз парвози таъҷилии киштии кайҳонӣ бо кайҳоннавардаш буд. Парвоз бидуни ҳар гуна тантана, бидуни рапортҳо ва мусоҳибаҳои журналистҳо, ба муносибати ҳодисаи фавқулоддае дар истгоҳи кайҳонии

«Паритет» сурат гирифта буд, ки он истгоҳ мувофиқи барномаи якҷояи америкоиву советӣ зиёда аз якуним сол инҷониб дар мадори кайҳон (бо унвони «Трамплин») карорргоҳе дошт. Едигей ҳамаи инро охир аз куҷо медонист? Дар гӯшаи хаёлаш ҳам набуд, ки ин воқеа ба ӯ, ба зиндагонии ӯ низ дахл хоҳад кард ва на фақат аз он сабаби умумӣ, ки ҳар як инсон ва ҳамаи инсоният моҳиятан бо ҳам дар робитаи ногусастанӣ ҳастанд, балки ба як тарзи муайян ва бевосита ҳам ба ӯ дахл хоҳад дошт. Хусусан, ки Едигей ҳеҷ хабар надошт ва дар гумонаш ҳам набуд, ки пас аз киштие, ки аз Сари Озек ба парвоз даромад, дар гӯшаи дигари сайёра, дар штати Невада аз космодроми он ҷо киштии америкой парвоз кард ва вазифаи он сафина ҳам ҳамин гуна буд ва ба худи ҳамин истгоҳи «Паритет», ба худи ҳамон мадори «Трамплин» равона шуд. Тафовут ҳамин қадар буд, ки киштии дувум ба тарафи муқобил ба роҳ даромад.

Киштиҳо аз рӯи фармоне таъҷилӣ ба кайҳон роҳӣ карда шуданд, ки он аз сафинаи ҳавопаймобари «Конвенсия» расид ва «Конвенсия» пойгаҳи шиновари Маркази муттаҳидаи идоракунии советию америкоии барномаи «Демиург» буд.

Ҳавопаймобари «Конвенсия» дар Укёнуси Ором, дар самти ҷанубии Ҷазираҳои Алеут, дар масофати баробаре аз Владивосток ва Сан-Франсиско карорргоҳи доимие дошт. Маркази муттаҳидаи идоракунӣ, ки мухтасаран Мармутидор меномиданд, дар ин дақиқаҳо ба парвози ҳар ду сафина ба сӯи мадори «Трамплин» хеле бо диққат назорат мекард. Ҳоло ҳозир парвоз хуб давом дошт. Бо комплекси «Паритет» васл кардани киштиҳо дар пеш буд. Ин вазифа бисёр вазифаи мураккаб буд, чунки киштиҳо на дунболи ҳамдигар, на бо навбат яке аз паси дигаре бо фосилаи зарур, балки мебоист дар як лаҳза, дар як они воҳид аз ду тарафи истгоҳ расида, васл мешуданд.

«Паритет» ба сигналҳои Мармутидор, ки аз сафинаи «Конвенсия» зиёда аз дувоздаҳ соат инҷониб ба фазо мефиристод, ҷавобе намедод. Ба сигнали киштиҳои кайҳоние ки ба сӯяш мерафтанд, низ посухе намедод... Инак, фаҳмидан лозим буд, ки ба сари экипажи «Паритет» чӣ воқеае омадааст.

**Савол ва супориш:**

1.Чаро Чингизи 14-соларо котиби шӯрои ҷамоа таъйин карданд?

2.Институти адабиёти ба номи Горкии шаҳри Москваро кадом сол хатм намуд?

3.Нависанда тавассути кадом ҳикояш ба адабиёт ворид гардид?

---

*Паритет* (немисӣ) — мувозина, баробарӣ ва ҳампоягӣ.

*Трамплин* — ҷастангоҳ.

*Конвенсия* (лот.) — муоҳада.

*Демиург* (юнонӣ) — усто, ҳунарманд

4.Повести нахустии нависанда чӣ ном дорад ва он кадом сол таълиф шудааст?

5.Асарҳои ӯ ба чанд забони дунё тарҷума ва нашр гардидаанд?

6.Кадом асарҳои нависанда ба забони тоҷикӣ тарҷума ва нашр шудааст?

7.Оё шумо ягон асари Ч. Айтматовро хондаед? Агар хонда бошед, аз он лавҳаеро нақл кунед.

## ТЕОДОР ДРАЙЗЕР
(1871-1945)

Нависандагони номии асри гузашта кӯшиш ба он намудаанд, ки чигунагии асри XX-ро тасаввур намоянд. Онҳоро тақдири минбаъдаи халқашон ва ояндаи тамаддуни аврупоӣ ба ташвиш овардааст. Аз ҳамин сабаб дар осори онҳо як навъ орзӯи тантанаи ҳақиқат ва ростӣ ва пешрфти дурнамои тараққиёти ҷомеа инъикос гардидаанд. Ин масъалаҳо дар эҷодиёти нависандаи номии Амрико, баёнгари фазилат ва фаҷеати ин кишвар, романнависи машҳур Теодор Драйзер, ҳунармандона мавриди тасвир ва муҳокима қарор гирифтаанд.

Теодор Драйзер 27 августи соли 1871 дар шаҳраки Терре Хоти штати Индианаи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар оилаи коргар ба дунё омадааст. Падари ӯ Ҷон Паул Драйзер аз рӯи ихтисос бофанда буда, бо амри тақдир соли 1844 аз Германия ба Амрико ҳиҷрат кардааст. Ҳиҷрати ӯ чунонки муҳаққиқон қайд мекунанд, аввалан аз хизмати ҳарбӣ раҳо ёфтан ва сониян бо мақсади бой шудан рух додааст. Дар ибтидо воқеан корҳои ӯ барор гирифта, даромади хубе ба даст меорад. Муттассифона он дер давом намекунад. Ҳангоми таваллуди Теодор, чӣ хеле ноқидони осори нависанда хабар медиҳанд, зиндагии ин оила рӯ ба таназзул овардa, ҳатто лаҳзаҳои зиёди фоҷиа ба ин оила таҳдид намудааст. Чунин лаҳзаҳои душвори зиндагии оилавиро нависанда дар китоби тарҷумаиҳолии худ «Шафақ» (1931) ба хотир оварда навиштааст, ки «аз хотироти ман рӯзҳои хунуки пурдаҳшат ҳеҷ гоҳ фаромӯш намешавад. Хӯроки бисёр кам — он ҳам бошад, танҳо картошкабирён, баъзан шавла. Бисёр вақт гурусна будам». Бинобар ин ӯ бармаҳал барои пайдо намудани кути лоямуте ба калонослон дар гирдоварди ангишт дар роҳи оҳан ва дар хона кӯмак мерасонд.

Падари мутаассиб ва бемор Теодорро ба мактаби католикӣ гузошт, ки он айёмро нависанда бо таассуф ба хотир меорад.

То синни 16-солагӣ Драйзер барои ба Чикаго рафта, савод омӯхтан ба корҳои ҳархела машғул шуда, каме маблағ ҷамъ меоварад. Ин орзуи ӯ соли 1889 ҷомаи амал пӯшид. Бо маслиҳату тавсияи яке аз муаллимаҳои шинос Драйзер соли 1889 ба донишгоҳи шаҳри Блумингтон дохил мешавад, вале зиндагии сахти Амрикои оирӯза ӯро маҷбур намуд, ки

баъди як соли таҳсил онро тарк намуда, аз паи пайдо кардани ризку рўзӣ шавад. Ў ҳангоми таҳсил бисёр мутолиа менамуд, ба осори нависандагони Ғарб ва рус ошноӣ пайдо кард. Махсусан асарҳои Лев Толстой дар ҷаҳонбиниюю тақдири минбаъдаи Драйзер таъсири амиқе гузоштааст. Дар ин бора ў навиштааст: «Ман аз сурат гирифтани зиндагии онрўза чунон моту мабҳут ва дар ҳаяҷон будам, ки якбора дар ман андешаи нав-чӣ хел хуб аст нависанда будан, пайдо шуд. Чун Толстой навиштан лозим аст, ки тамоми ҷаҳон туро хонаду шиносад».

Ҳамин андешаҳо, яъне ташнаи навиштану шўҳратёр гардидан Драйзерро ба рўзнома овард. Солҳои 1892-1895 ў чун мухбири рўзномаҳои Чикаго, Сент-Луис, Толедо, Питсбург, Филаделфия, Ню-Йорк ҳамкорӣ мекунад. Хабару мақолаҳои ў пайваста дар бораи воқеаҳои рўз садамаи поезду киштиҳо, вохўрӣ бо одамони машҳур, мақолаҳо аз ҳаёти театру мусиқӣ, оид ба корпартоии трамвайчиён ва ғайра чоп шуда, Драйзерро бо ҳаёти ҳақиқию воқеии Амрико ва фоҷиаҳои он рў ба рў кард, ки ҷустуҷўи решаҳои он барои як ё чанд нафар Драйзер барин журналистони ҳақиқатгў гарон буд. Ин буд, ки ў бо як таассуф қайд мекунад «дар Филаделфия ба манфиати кўҳканони корпартофта сухан гуфтан мумкин нест, дар Чикаго бошад бисёриҳо сиёсатмадор ва дахлнопазиранд, дар Ню-Йорк танҳо дар бораи боигарӣ навиштан лозим меояд ва ғ...» Бинобарин ман ба пеши худ шарт гузоштам, ки аз баҳри чунин кор бароям ва дигар қалам ба даст гирифта ба навиштани хабару репортажҳо машғул нашавам. Ҳатто агар марг ба ман таҳдид кунад ҳам».

Драйзер чанд муддат аз баҳри мухбирии рўзномаҳо баромад, вале зиндагӣ ўро водор сохт, ки аз нав аз паи кор шавад. Ў соли 1897 ба маҷаллаҳои бонуфузи «Саксес» ва «Эйнслис мэгезин» чун мухбири ҷамоатӣ (ғайриштатӣ) ҳамкорӣ намуда, ба офаридани очеркҳои портретӣ машғул мешавад. Ин буд, ки ў тавассути чунин офардиаҳояш ба худ мавқеъ ва обрўи зиёде пайдо мекунад. Баробари фаъолияти журналистиаш ба омўзиши адабиёти Америка ва хориҷа машғул мешавад. Ў барои худ Балзак, Толстой, Герберт Спенсер ва дигарҳоро кашф мекунад. Осори онҳо дар навиштаҳои аввали Драйзер нақши муҳимми худро гузоштаанд.

Соли 1899 Драйзер Ню-Йоркро тарк намуда, ба деҳаи Молӣ ба назди дўсти худ, нависанда Артур Ҳенри меояд. Бо хоҳиш ва гуфтугўҳои зиёд А. Ҳенри Драйзерро маҷбур мекунад, ки ба навиштани асари калонҳаҷм машғул шавад.

Ў дар ин солҳо романи «Ҳамшираамон Карри»-ро навишта ба итмом мерасонад. Барои иншои роман Драйзер тақдири яке аз хоҳарони худро ба миён гузоштааст, ки ў дар ибтидо ба архитекторе ошноӣ пайдо намуда, аз ҳисоби ў зиндагӣ мекард. Баъд бо мудири ресторан шинос шуда, ба Канада фирор мекунад ва дар охир зиндагӣ ўро маҷбур сохтааст, ки ба Ню-Йорк баргардад.

Романи «Ҳамшираамон Карри» асосан дар бораи тақдири одамоне, ки аз байни халқ баромадаанд, дар шароити Америкои капиталистӣ баҳс мекунад.

Чӣ хеле ки муҳаққиқон қайд мекунанд, ин асарро ноширон ва мунаққидони Америко бо як ҳисси хусумат ва адоват қабул карданд. Нависанда ба саволҳои мухбири рӯзномаи «Ню-Йорк Таймс» ҷавоб дода, таъкид мекунад,ки «Мунаққидон марому мақсади манро нафаҳмидаанд, ки чӣ мехоҳам. Ин китоб аз ҳаёт гирифта шудааст. Он барои нишон додани маҳорати адабӣ офарида нашуда, балки барои инъикос кардани шароити мавҷуда ва чӣ хеле табиати забони англисӣ мебардорад, ифоданок ифроз кардан аст».

Соли 1901 дар Англия чоп шудани роман ва аз ҷониби мунаққидон баҳои мусбат гирифтани он низ ба пешравии асар дар Америка мусоидат накард. Баръакс Драйзер ба ҳуҷуми сахт рӯ ба рӯ омад. Маҷаллаву рӯзномаҳо аз чопи мақолаву ҳикояҳои Дарйзер даст кашида, ҳатто ӯро «муфлиси маънавӣ» ва «шармсори Америка» мешуморанд. Т. Драйзер маҷбур шуд чун шарик (партнёр) ва котиб дар фирмаи нашрии навтаъсиси «Б. В. Доҷэнд компани» ба кор шурӯъ кунад. Ӯ маҷбур шуд маблағи калонеро (пули нақд) барои гардиши пулию молии фирма диҳад. Ҳамин тариқ ба нависанда муяссар гардид, ки баъди ҳафт сол, яъне соли 1907 нашри дуюми роман аз ҳисоби харҷи муаллиф рӯи чопро бинад. Баъди чоп ва паҳн шудани роман (с. 1907) ноширони зиёде онро гаштаю баргашта чоп намуданд, ҳатто нашриёти «Ҳарнер энд бразерс», ки соли 1900 аз чопи аввали он рӯй гардонида буд, соли 1911 онро ба теъдоди калон чоп намуд.

Роман аз тарафи мунаққидон ва рӯзномаву маҷаллаҳои амрикоӣ бори дуввум баҳои хуб гирифт. Соли 1920 мунаққид Недол Борн навишта буд, ки «Ҳамшираамон Карри» ҳеҷ гоҳ таровати ҳаётии худро гум намекунад. Романнависи хуб ҳамеша риштаи хоҳиши инсониро пайдо карда метавонад. Ва ин ба Драйзер муяссар гаштааст».

Романи дуюми Т. Драйзер «Ҷенни Герҳард» соли 1911 рӯи чопро мебинад. Муҳаққиқон ин романро бо «Ҳамшираамон Карри» муқоиса намуда, баҳамназдикии ғояи асарҳоро қайд кардаанд. Ин романҳо дар фош намудани ҷамъияти буржуазӣ ба қувваи ягонаи оштинопазир, вале бо роҳу воситаҳои гуногун иншо шудаанд. Дар романи «Ҷенни Герҳард» аз тақдири духтараке сухан меравад, ки аз оилаи коргар баромадааст.

Вазъият ва мавқеи ҳаётии нависанда ва кушодани ишкелҳои ҷамъияти онрӯзаи Америка Драйзерро ором намегузошт. Ин буд, ки дар ӯ хоҳиши навиштани асари сегона ба вуҷуд омад.

Соли 1905 яке аз миллионерони Чикаго Чарлз Тайзон вафот мекунад, ки шояд нависанда бо вай шиносоӣ дошта бошад. Аз ин рӯ, дар ӯ хоҳиши навиштани асаре дар бораи тақдири ӯ бо номи «Сармоядор» («Финан-

сист») пайдо шуд. Пеш аз он ки Драйзер ба иншои роман машғул шавад, асарҳои сечилдаи Г. Майерс «Таърихи боигарии Америко» ва тарҷумаи ҳоли капиталистонро чуқур омӯхта, маводи фаровоне гирд овард. Баъд аз ҷамъ овардани мавод ӯ ба чунин хулосае омад, ки он барои иншои се роман кифоя аст. Аз ин рӯ сегонаи худро «Сармоядор» (1912), «Таҳамтан» (1914) ва «Матин» номгузорӣ намуд.

Хатти асосии сужет-таърихи тараққиёт, баландравӣ ва муфлисшавӣ дар асоси тарҷумаи ҳоли Чарлз Тайзон Йеркс сурат гирифтааст.

Қаҳрамони марказии романи аввали сегона Фрэнк Алджернон Каупервуд буда, дар роман дар бораи чӣ хел писарбачаи оддӣ ба даллолии биржа ба кор мегузарад, нақл мекунад.

Воқеаҳои роман дар Филаделфия мегузарад. Дар романи дуюм бошад, амалиёти қаҳрамон дар Чикаго сурат гирифта, чӣ тавр ба монополист ва миллионер бадал шудани Каупервуд нақл шудааст.

Китоби - сеюми сегона нотамом буда, воқеаҳои солҳои 90-900 умро дар бар гирифтааст. Дар ин ҷо қаҳрамони асар хеле серкору сертараддуд буда, ба интиқол ва касби капитали Америко ба Англия машғул аст. Дар натиҷаи амалиётҳои зиёд Каупервуд муфлис мегардад. Ба ӯ коллексияи расмҳо, сӯҳбати бонувон ва ғалаба аз болои онҳо хушбахтие наовард, ин буд, ки шавқу рағбати ӯ нисбат ба ҳаёт ва забонҳои он моҳияти худро гум мекунанд. Драйзер дар болои ин китоби худ бисёр заҳмат кашид, вале бо вуҷуди он нотамом монд.

Қуллаи баланди эҷодиёти нависанда ва қадамҳои нави ӯ дар адабиёти реалистии Америко ин романи «Фоҷиаи Америка» (1925) маҳсуб мешавад. Т. Драйзер ба таълифи ин асар баъди омодагии комил шурӯъ намуд. Элен Драйзер ба хотир меорад, ки нависандаи ин роман то таълифи он ба ин ном қайдҳои зиёд дошт ва 15-воқеаи ба қайд гирифтаи ӯ дар роман истифода шудааст.

Асоси романро воқеаи куштори Честер Ҷилет ташкил додааст, ки соли 1906 аз ҷониби дӯстдораш Грейс Траун сурат гирифта буд. Муҳокимаи ин ҳодиса дар замонаш доираи васеъро фаро гирифта буд ва дар романи «Фоҷиаи Америка» ҳуҷҷат ва далелҳои оид ба ин ҳодиса дар матбуот чоп гардида, истифода шудааст.

Китоби аввали роман - экспозитсияи он ба ташаккулёбии характери Клойд, китоби дуввум ба марги фоҷиавии Роберт ва китоби сеюм ба марги Клойд бахшида шудааст. Асоси сужети романро инкишофи характер ва шахсияти Клойд ва алоқаи он ба ҷамъият ташкил медиҳад.

«Фоҷиаи Америка» як боби муборизаро барои санъати реалистии Америка анҷом дод ва ин роман як навъ байроқи реализми танқидӣ дар адабиёти асри XX-и Америка гардид. Ин роман шоҳроҳи минбаъдаи инкишофи адабиёти Америкаро муайян намуд ва шукуфоии реализми танқидӣ дар ин мамлакат ба пайдоиши «Фоҷиаи Америка» иртиботи қавӣ дорад.

Драйзер соли 1927 ба Иттиҳоди Шӯравӣ ташриф оварда, дар ҳамин ҷо ба сафи ҳизби коммунистӣ қабул карда шуд. Баъди бозгашт хабарҳои худро бо номи «Назари Драйзер ба Россия» (с. 1928) чоп намуд. Дар повести «Эрнита» (1929) Драйзер бори аввал дар адабиёти Америка образи мусбати қаҳрамон-коммунистро офаридааст. Китоби монументалӣ-публисистии «Америкаи пурфоҷиа» (1931) аз мавқеи реализм иншо шуда, назари нависандаро нисбат ба воқеаву ҳодисаҳои онрӯзаи Америка ва баҳри адолату осоиш мубориза бурдани ӯро нишон медиҳад.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) ӯ чун коммунист ба ҳимоя ва дастгирии халқи шӯравӣ баромада, фашизмро маҳкум намудааст. Драйзер яке аз муассисони Конгресси ҳимояи сулҳу тамаддун дар Амстердам (1932) ба ҳисоб меравад.

Драйзер 28-декабри соли 1945 дар шаҳри Ҳолливуд аз олам гузаштааст.

Баъзе ҳикояҳои ӯро дар солҳои 60-ум Фазлиддин Муҳаммадиев ба забони тоҷикӣ тарҷума карда, дар маҷаллаи «Шарқи Сурх» чоп кардааст. Инак, «Дар торикӣ» ном ҳикояи Т. Драйзер пешкаши хонандагон мегардад.

## ДАР ТОРИКӢ

### Ҳикоя

Ин ҷо саросар торикӣ ҳукмрон аст, гуфта намешавад, чунки дар боло фонуси электр фурӯзон аст ва он ба атроф ба шакли доираи васеъ равшании зарди тиллогуне меафканад. Лекин ба ғайр аз он фонус дар наздикиҳо ягон чароғи дигар нест. Шаби хунуки моҳи январ, соат акнун аз як чоряк гузаштааст. Идораи газетаҳо — дар оғӯши зулмот ва сукунат. Мо дар роҳи пиёдагарди пеши биное истодаем, ки дар он низ яке аз редаксияҳо ҷой гирифтааст. Дар ҳама ҷо, дар ҳамаи матбааҳо мошинҳои бузурги газетачопкунӣ омодаи кор мешаванд ва агар шарфаи пои роҳгузарон намешуд, шумо садоҳои ба кор омодашавии онҳоро дарҳол мешунидед. Баъд аз андаке дастгоҳҳо ба кор медароянд ва шумо садои ҳаракати пуршиддати онҳоро мешунавед. Шумо медонед, ки аз он ҷо силсилаи бузурги хабарҳои нав мебароянд, хабарҳое, ки ҷаҳон онҳоро мунтазир аст, хабарҳое, ки ғизои ҳаррӯзаи маънавии одамонанд.

Фақат чанд дақиқа пеш дар ин ҷо касе набуд. Акнун ана дар он ҷо се ё чаҳор кас рост истода муҳокима меронанд, ки чаро замона ин қадар вазнин омад; онсӯтар дар сояи даромадгоҳи биное боз се ё чор нафари дигар истода сӯҳбат мекунанд. Шумо ба гирду атрофатон нигоҳ карда, мебинед, ки одамон аз чаҳор тараф — аз оғӯши торикӣ пайдо шуда, ба ин ҷо, ба равшанӣ, ба пеши дӯкони газетафурӯшӣ меоянд, ки он ҳанӯз холӣ аст ва соҳибааш пиразани фарбеҳи ирландӣ дар интизори моли тоза ни-

шастааст. Дар назари аввал ҳамаи ин одамон як хел — қадпасту лоғару пажмурда менамоянд. Аммо муддате мегузараду шумо яқин мекунед, ки онҳо чандон ҳам ба якдигар монанд нестанд, одамони миллатҳои гуногун мебошанд. Лекин ба имшаб шубҳае нест, ки ҳамаи онҳо ба як андоза сармо меҳӯранду ба чизе интизорӣ мекашанд. Онҳо дам ба дам аз ҷое ба ҷое мегузаранд, ба атроф ҳаёлмандона назар меафкананд, ба соати чароғдори бинои маҳкама нигоҳ мекунанд ё кӯчаро аз назар гузаронда, гоҳ-гоҳе ду-се калима гап зада мемонанд. Одамони ба ин ҷо ҷамъ омада одатан кам гап мезананд.

— Чӣ шудааст? Чӣ воқеа? — гуфта мепурсед шумо аз ҳамсояи тасодуфии худ, ки аз афти кор, асли воқеаро хуб медонад, чунки кайҳо инҷо чиниб дар ҳамин ҷо истодааст.

— Чӣ воқеа мешуд!? — сахт карда ҷавоб мегардонад ӯ. — Газетаҳои саҳариро мунтазиранд. Мехоҳанд, ки аз ҳама пеш ба худ коре пайдо кунанд.

— Ҳа, ин тавр гӯед! — хитоб мекунед шумо ва гумонеро ки фавран дар дилатон пайдо мешавад, ба ҳамсӯҳбати худ изҳор медоред: — Хӯш, онҳо мехоҳанд, ки аз дигарон пештар коре ба худ пайдо кунанд? Ва аввали шаб боз дар ин ҷо мунтазиранд? Охир ин бисёр мушкил-ку, оғо?

— Инашро намедонам. Дар ин ҷо ҳама шведу немисҳо ғун шудаанд, — мегӯяд ӯ дар ҷавоб. Аз оҳанги суханони мардак чунин хулоса мебарояд, ки гӯё ин ду миллат ва албатта, боз якчанд миллати дигар, ба муомилаи инсонӣ эҳтиёҷ надоранд. — Ҳамаи инҳо офисиант, ошпаз, буфетчӣ ва зарфшӯянд. Аз касбҳои дигар ҳам ёфт мешавад. Лекин офисианташ аз ҳама зиёдтар.

Шумо ба онҳо менигаред — оре, онҳо ҷавон, вале басо лоғаранд, лабонашон маҳини камхун, сандуқи синаашон пуч ва заиф, ранги рӯяшон зардчаи дардмандона; онҳо либоси кӯҳнае дар бар кардаанд ва ҳар кадоме дар зери бағал чизе дорад, ки ба газетпорае ё қоғази оддие печонида шудааст. Шояд он пешдомани офисиантӣ бошад.

Шумо ба андеша меафтед ва бо ёрии шарҳу эзоҳи ошнои наватон, ниҳоят, ҳамаи манзараро ба худ равшан мекунед. Оре, ин одамонро ба ин ҷо саҳифаҳои эълони газетаҳои машҳури саҳарӣ ҷалб кардаанд. Онҳо ба ин ҷо ба ҷустуҷӯи бахти худ омадаанд. Онҳо барвақт нагуфта, сармо нагуфта, ҳар саҳар ба ин ҷо меоянд, то ки аз дигарон пештар коре пайдо кунанд. Ҳар кас пештар ояд, пештар кор меёбад.

Шумо ғарқи хаёледу касе оҳиста ва бечуръатона ба шумо наздик мешавад. Ин шахс аз он касе ки шумо ҳамсӯҳбат шудед, нобарортар менамояд: вай аз ӯ ҳам лоғару пажмурдатар аст.

— Инро бинед, хӯҷаин, — мегӯяд ӯ ва кафи дасташро кушода пеш меорад ва ба шумо як чизи ҷилодори ба тилло монандеро нишон медиҳад.

— Не, ман ба чизе нигоҳ кардан намехоҳам! — гуфта асабиёна рад мекунед шумо, чунки ба ин гуна домҳо аз ин пеш афтода будед.

— Факат як бор нигаред, — ба гапаш исрор мекунад ӯ.

— Не, — мегӯед шумо боз бо ошуфтагӣ ва оташинӣ, вале бо вучуди ин ба кафи ӯ норозиёна ва беҷуръатона назаре меафканед ва ангуштарини зарринеро мебинед, ки дар рӯи нигинаш сарҳарфи номҳо навишта шудааст.

Он шахс ангуштаринашро дар кафи лоғараш фишурда, боз дар киса пинҳон мекунад.

Вай акнун аз шумо дур рафтанӣ мешавад, ки ногоҳ ба сараш хаёле меояд.

— Шумо кор меҷӯед? — мепурсад ӯ.

— Не.

— Шумо ошпаз-ку нестед?

— Не.

— Наход?! Ман гумон кардаам, ки шумо ягон соҳибкори калон ҳастед. Гоҳо соҳибкорон ҳам ба ин ҷо меоянд.

Ба таърифи духӯраи он шахс чӣ гуфтанатонро намедонед, вале аз хомӯш истодан ба ҳар хол ҳамин гуна сӯҳбат ҳам беҳтар аст гӯён андаке аз хашм мефароед.

— Ман офисиант ҳастам, — мегӯяд ӯ ниҳоят мулоим шуданатонро дида ва диққати шуморо ба худ ҷалб карда, — ман гуфтанӣ ҳастам, ки дар вақти сиҳатиам офисиантӣ мекунам. Ҳозир каме маззаам гурехтааст. Акнун аз ягон ҷо зарфшӯиро пайдо кунам ҳам, тоқиамро ба осмон мепартофтам. Лекин касбам офисиантӣ аст, як вақтҳо ҳатто буфетчӣ ҳам будам. Ана ин зотҳо ҳама дар ресторанҳои арзоннарх кор мекунанд. Дар бораи онҳо ҳоҷати гап ҳам нест. Бегоҳи шанбе қариб ҳамаашон мурданивор маст мешаванд ва агар пагоҳии якшанбе дер монанд, аз кор маҳрум мешаванд. Хӯҷаин одами нав мегирад. Онҳо бошанд, шаби якшанбе ё душанбе боз ба ин ҷо меоянд.

Шумо ҳозиред эътироф бикунед, ки ин тасвир бо мушоҳидаҳои худи шумо комилан мувофиқ аст ва баъзеи ин одамон дар ҳақиқат ба ҳамин тарз рӯз мегузаронанд, лекин, охир, дар ин ҷо боз дигар хел шахсон низ ҳастанд, ки ба назар зану фарзанддор менамоянд ва намуди корзадаи оҷизонае доранд.

— Албатта, дигар хел одамон низ ҳастанд, — сухани шуморо қувват медиҳад ошнои наватон. — Аз эълоне ки ҳар рӯз чоп мешавад, се сутунаш рангчиию наққош талаб мекунад. Қариб ҳар рӯз дар бораи коргарони матбаа як сутун эълон мешавад. Мардум хонаҳошонро соли дароз ранг мекунанд-дия. Гоҳо мардикор лозим мешавад. Ё дуредгар. Инҳо зудтар кор меёбанд. Лекин ба ошпазҳо, офисиантҳо ва зарфшӯён талабот аз ҳама зиёдтар.

Нақли ошноятон ба ақл наздик менамояд. Дар ҳақиқат аксарияти кулли ин одамон ошпазу офисиантҳоанд. Корҷӯии онҳо бояд хело барвақт сар шавад, чунки ресторану меҳмонхонаҳо одатан тамоми шаб яла мебошанд.

Мехоҳед бифаҳмед, ки чаро то ҳоло газета нест. Охир, издиҳоми калоне ҷамъ шуд, тақрибан се сад кас мебарояд.

Ходими полисия вазнин-вазнин қадам ниҳода, пасу пеш меравад, то ки аз байни издиҳом роҳ кушояд. Аз ваҷоҳаташ маълум, ки аз ӯ муомилаи хушро чашмдор шудан фоида надорад.

— Онсӯтар истед! — оташинона амр медиҳад ӯ. — Охирин бор мегӯям!

Аз байни издиҳом роҳи васее кушода мешавад.

Банохост писарбачае пайдо мешавад, ки аз газетаҳои машҳури саҳарӣ дар даст як банд бардоштааст. Вай бори худро базӯр дар мувозанат нигоҳ дошта, пеш медавад. Чунин ба назар мерасад, ки худи ҳозир издиҳом писарчаро нигоҳ дошта, газетаҳоро аз дасташ мерабояд, вале ба ҷои ин мардум бо тартиб ва бо шитоб аз паси бача равон мешаванд. Ҳамин ки писарбача ба назди пиразани ирландӣ расид, ҳалқаи издиҳом дӯкони ӯро печонида мегирад ва одамон ҳамдигарро тела дода-тела дода, газета талаб мекунанд.

Фазои кӯча аз фарёдҳои дилхароши «Ба ман! Ба ман диҳед! Зуд бошед!» пур мешавад. Савдои пурғавғо ҳамагӣ чор-панҷ дақиқа давом мекунад, баъд, чунон ки саг устухонро ба дандон гирифта, ба ҷустуҷӯи ҷои ором мешитобад, одамон низ газета дар даст ба ҳар тараф медаванд. Ҳар яке ба пеши чароғе рафта сутунҳои саҳифаи эълонро саросема аз назар мегузаронад. Баъзеҳо дар рӯи газета чӣ гуна қайдҳо гузошта, сипас шитобон ба роҳ меафтанд.

Ҳамсӯҳбати шумо — марди зарфшӯй шарҳ медиҳад, ки аксарияти ин одамон ғайр аз чойпулие, ки як кас-ним кас медиҳад, ба ивази меҳнаташон фақат панҷ доллар пул ва хӯрок мегиранду бас. Аммо, илова мекунад вай, хӯроки меҳӯрдагиашон бисёр расво аст.

Дар асной сӯҳбати шумо як шахси хушлибос, зоҳиран журналисти сердаромаде аз пешатон гузашта меравад.

— Медонед, ман хаёл карда будам, ки имрӯз кор меёбам, — мегӯяд ҳамсӯҳбати шумо, — Ман хаёл карда будам, ки ангуштаринамро ягон кас мехарад. Акнун ба ломбард[1] мебарам-дия, як доллару ҳафтоду панҷ сент хоҳанд дод. Ба трамвай ҳам пул надорам, набошад, аз ин хусус ба шумо даҳон намекушодам. Ман доимо онро аввали ҳафта ба гарав монда, дар охири ҳафта гардонда мегирам. Пагоҳӣ ба гарав мемонам ва фардоаш боз як бахтозмой карда мебинам...

Шумо даст ба киса бурда, як тангаи биступанҷ сентиро мебароред. Ба ӯ газета харида медиҳед ва «Илоҳо бахосият барояд» гуфта тасаллӣ ҳам медиҳед.

Собиқ офисиант меравад, дигарон ҳам мераванд. Дар атроф боз ҳамон шаби сард ва хомӯшии гарон ҳукмрон мегарданд. Акнун дар ин

[1] *Ломбард* — дӯконе ки дар он ҷо ашё ба гарав монда, пул қарз мебардоранд.

ҷо ҷунбуҷӯле нест, ҳоҷат ба равшание ҳам нест. Ирландизани пир дар интизории рӯз пинак меравад. Фақат гоҳ-гоҳе роҳгузаре омада аз ӯ газета мехарад.

Дигарон ба ҳар тараф пароканда шуда рафтанд. Ҳоло онҳо дар сари остонаи ресторанҳои арзоннархи Бруклин, Манҳеттен, Бронкс, Ҳобокен ва Стейтен-Айленд истодаанд; дар сари зинаи даромадгоҳҳои боҳашамат мунтазир нишастаанд, дар таки дари магазинҳо ҳуқуқи худро муҳофизат мекунанд. Онҳо ҳуқуқ доранд, ки аз ҳама пеш ба худ коре талаб кунанд, зеро аз ҳама пештар омадаанд.

Оре, аҷаб як ҳуқуқе доранд онҳо.

*Аз русӣ тарҷумаи озоди Фазлиддин Муҳаммадиев.*

**Савол ва супориш:**

1.Барои чӣ оилаи Дарйзерҳо ба Амрико ҳиҷрат намуд?

2.Аз чӣ сабаб Теодор Драйзер таҳсилро тарк намуд?

3.Фаъолияти нависандагии Драйзер аз чӣ оғоз ёфтааст?

4.Чаро романи «Ҳамшираамон Карри» дар ибтидо ба танқиди сахти мунаққидон дучор омад?

5.Хатти асосии сужети романи сегонаи Драйзерро кадом мавзӯъ ташкил додааст?

6.Асарҳои нависандаро номбар кунед.

7.Дар таъсиси Конгресси ҳимояи сулҳ Драйзер чӣ нақш дорад?

## ОЛҶАС СУЛАЙМОНОВ
**(1936)**

Таърих хосияти аҷиб дорад. Дар ҳолати касодии маънавӣ ва ё идеалогиву иқтисодӣ чун бозёфти нодир истеъдодҳое ба саҳнаи он мебароянд, ки ба тамоми ҳастиашон барои ворастан аз қолабҳо ва омилҳои монеазо ҷадал менамоянд.

Яке аз устодони назми шӯравӣ ва ходими намоёни ҷамъиятӣ, адиби номии қазоқ Олҷас Сулаймонов аз зумраи чунин истеъдодҳо буда, адабиёти замони нави қазоқиро ба сатҳи баланди инкишоф расонид.

О. Сулаймонов ба таълифи ашъори шоирона, асарҳои драмавӣ, киносценарияҳо, қайдҳои публисистӣ ва асарҳои илмиаш мазмун ва қолаби адабиёту санъати қазоқиро дигаргун сохт.

Сулаймонов Олҷас Умарович 18-майи соли 1936 дар шаҳри Алмаато дар оилаи афсари Армияи Сурх таваллуд ёфтааст. Ӯ соли 1958 факултети геологии донишгоҳи Қазоқистонро хатм намуда, барои пайванди комил пайдо намудан бо адабиёт ба Институти адабии ба номи Горкий дохил шуда, соли 1961 онро хатм намуд.

Маҳсули қалами ӯ аз соли 1959 нашр мешавад ва ӯ асосан бо забони русӣ эҷод менамояд. Истеъдоди фавқулодда, омӯзиши серпаҳно ва эҷод

бо забони русӣ омилҳое буданд, ки ба О. Сулаймонов шӯҳрат оварданд. Эҷодиёти ӯ бо анъанаи назми шифоҳӣ ва хаттии қазоқӣ иртиботи қавӣ дорад.

О. Сулаймонов зода ва парвардаи замони шӯравӣ буда, эҷодиёташ низ нақш ва таъсири дастовардҳои ин давронро дорад. Ҳаводиси хотирмони ин даврон бо мувофиқати истеъдод ва эҳсосу дарки ӯ боиси тавлиди иддаи шеърҳо, мақолаҳо ва достонҳои ӯ гардидаанд. Соли 1961 ҳодисаи хотирмон барои инсоният парвози Юрий Гагарин ба кайҳон буд. Ба ин муносибат паҳустдостони О. Слуаймонов «Замин, ба инсон суҷуд овар» таълиф гардид, ки ба зудӣ шӯҳрат ёфт. Ин асар бо пурқувватии эҳсоси шоирона ва андешаи ҳайратангез аз огози давраи нав дар таърихи инсоният фарқ мекунад. Асарҳои дигари ӯ «Аргамаки» (1961), «Шоми офтобӣ» (1962), «Шоми духтари Париж» (1963), «Лаҳзаи хуши тулӯъ» (1964), «Китоби гилин» (1969) ва «Соли маймун» (1967) бо фарохии тафаккури таърихӣ, ғояи ҳамбастагии одамон ва боварӣ ба қувваи хиради инсонӣ мақоми шоиста пайдо намудаанд.

Яке аз ҳамқаламони руси ӯ дуруст иброз намудааст, ки Қазоқистону Россия дар назми О. Сулаймонов бо ҳам омезиш ёфтанд ва ҳамчунин дар ашъори ӯ Шарқ ба истиқболи Ғарб ба ҳаракат даромад, аммо худогоҳона ва бо қутби шоиронааш.

О. Сулаймонов аз эҷодкорони сермаҳсул ва гуногунсоҳа буда, дар таълифи кинономаҳо низ муваффақият дорад. Кинофилмҳои «Замини падарон», «Маршрути кабуд», «Зимистон мавсими кишт нест» ва дигарҳо аз рӯи сенарияҳои ӯ пайдо шудаанд.

О. Сулаймонов дорандаи ҷоизаи давлатии ҷумҳуриявии ба номи Абай, мукофотҳои комсомоли Ленинии умумиттифоқ ва комсомоли ленинии Қазоқистон буда, асарҳояш ба забонҳои гуногуни олам тарҷума ва нашр гардидаанд. Ин шоири меҳрпарвар дӯст ва эътиқотманди диёри тоҷикон буда, дар ситоиши Тоҷикистону мардуми он шеърҳои ҷолиб эҷод намудааст.

Ашъори ӯ низ ба забони тоҷикӣ тарҷума гардида, миёни хонанди тоҷик маҳбубият пайдо намудааст. Маҷмӯаи шеърҳои ӯ бо номи «Тулӯъ» дар тарҷумаи У. Раҷаб ба забони тоҷикӣ нашр гардидааст.

## НАМУНАИ ОСОРИ О. СУЛАЙМОНОВ ФОЛБИНЗАН

Бар остонам по бинеҳ,
Дам гиру бо ман дам бизан.
Сӯям дари дилро кушо
Ҳамчун дари даргоҳи ман.
Он соң ки доман метакӣ,

Афшон ғубори хотират.
Во кун гиреҳ аз рози дил,
Гар бошад андак боварат.
Хоҳӣ агар, арғушт рав,
Чархе бизан, пое бикӯб.
Бигзор, ларзад шифти ман
Бигзор, афтад тирчӯб…
Шоир агар бошӣ, ғазал
Аз дафтари Саъдӣ бихон,
Аз роҳи дури зиндагӣ,
Аз роҳи дури корвон.
Аз оташи хомӯши дил
Аз нав фурӯзон гулхане,
Аз равзани дил равшанӣ
Меҳоҳ, аз тиреза не!
Дар хонае бошад агар
Танҳо касе, танҳо сараш,
Мушкил бувад дар нозада
Бигазаштан аз пеши бараш.

*Тарҷ. Раҳмат Назрӣ.*

**Савол ва супориш:**

1.Чӣ ӯро водор сохт, ки ба институти адабиёти ба номи Горкий дохил шавад?

2.О. Сулаймонов тавассути кадом достонаш шӯҳратёр гардид?

3.Ӯ асосан ба кадом забон асар иншо мекунад?

4.Мутарҷимони осори шоир дар Тоҷикистон киҳоянд?

5.Шеърро хонед ва маънидод кунед?

## ЭРАҶ МИРЗО
**(1874 - 1926)**

Эраҷ Мирзо ҳамчун шоири ширинкалом дар таърихи адабиёти муосири форсӣ мавқеи хосе дорад. Номи аслии шоир Эраҷ буда, аз сабаби дар дастгоҳҳои давлатӣ чандин сол кор карданаш тибқи анъанаи дар Эрон ҷойдошта ба дарёфти лақаби «Ҷалолулмамолик» ноил шудааст.

Эраҷ Мирзо дар соли 1874 дар Табрез таваллуд ёфта, дар ҳамон ҷо таълиму тарбия гирифта, ба камол расидааст. Ӯ дар ҷавонӣ баробари омӯхтани улуми маъмули ҳамонвақта ҳамчунин забонҳои арабӣ, туркӣ ва фаронсавиро низ ба таври комил омӯхтааст. Гӯё забони русиро ҳам медонистааст. Эраҷ Мирзо аз авлоди шоҳони Қоҷор буд. Намояндагони ин хонадон аз соли 1796 то соли 1925 дар Эрон ҳукумронӣ намудаанд. Бо

вуҷуди аз авлоди шоҳони ҳукмрон буданаш Эраҷ Мирзо дар зиндагӣ бо бисёр душвориҳои моддӣ ва иқтисодӣ гирифтор будааст. Ин душвориҳои зиндагиашро ба ёд оварда шоир дар яке аз шеърҳояш гуфтааст:

Баъди сӣ сол қаламфарсой,
Навкарӣ, «кисабурӣ», муллой.
Гоҳ ҳоким шудану гоҳ дабир,
Гаҳ надими шаҳу гаҳ ёри вазир,
Гирди сардории султон рафтан,
Бале қурбон! Бале қурбон! гуфтан
Боз ҳам кисаам аз зар холист,
Кисаам холию ҳиммат олист.

Дар синни 18-солагии Эраҷ падараш Ғуломҳусайн Мирзо вафот намуд ва бори гарони таъмини оила бар дӯши шоири ҷавон афтод.

Соли 1892 валиаҳди Эрон Музаффариддин, ки дар Табрез менишаст, Эраҷ Мирзоро барои кор ба дарбори худ даъват намуд. Шоир дар дарбори валиаҳд то соли 1896 хизмат мекунад ва баъдан дар идораҳои давлатӣ асосан дар идороти вобаста ба вазорати молия ба кор медарояд ва то соли 1924 кор мекунад. Дар соли 1924 бар асари ислоҳоти молиявӣ, ки «мушовирин»-и Америка гузарониданд, Эраҷ Мирзо аз кор «ихтисор» шуд. Шояд америкоиҳо шеъри ҳаҷвии машҳури Эраҷ «Дар бораи мусташорони Америкоӣ»-ро, ки соли 1911 навишта буд, хуб дар хотир доштанд.

Эраҷ барои пайдо кардани шуғли нав ба марказ меояд, вале дар ин ҷо ҳам кораш барор намегирад. Вазъи бади иқтисодӣ ва молии шоир боз ҳам бадтар гашта, сабаби шиддат гирифтани бемории ӯ мешавад ва ӯ дар моҳи марти соли 1926 аз дунё чашм мепӯшад.

Эраҷ Мирзо дар адабиёти муосири форсӣ ҳамчун шоири ширинкалом, навпардоз ва мутараққӣ шӯҳрат дорад. Ӯ дар синни 15-16 солагӣ ба шеъргӯӣ шурӯъ намуда, дар жанрҳои маъмули адабиёти классикии форсу тоҷик: ғазал, қасида, китъа, рубоӣ ва маснавӣ шеър эҷод кардааст. Муҳаққиқон шумораи ашъори Эраҷро дар ҳудуди чаҳор ҳазор байт донистаанд. Аз ҷиҳати сабк ва услуб ашъори Эраҷ бағоят равон ва фасеҳ буда, бо санъати баланди шеърӣ эҷод шудаанд. Аз ҷиҳати мазмун ва мундариҷа бошад, шеърҳои шоир дорои мазмунҳои муҳимми сиёсӣ - иҷтимоӣ ва панду ахлоқӣ мебошанд. Эраҷ ҳамчун шоири пешқадами замон кӯшидааст, ки дар ашъори худ зиддиятҳои иҷтимоиро инъикос намуда, ба ниёзу тақозои зиндагӣ ҷавоб гӯяд. Ин шоири тараққихоҳ душмани сарсахти ҳиҷоб ва парчамбардори озодии занон буд. Дар достони маъруфи «Орифнома» ва дар чандин шеърҳои дигараш Эраҷ нақши зан-модарро дар зиндагӣ ва ҷамъият бағоят муҳим дониста талаб менамуд, ки ба занон озодӣ дода шавад, то ки онҳо дар ҳалли мушкилоти зиндагӣ ва пешрафти ҷомеа фаъолона иштирок намоянд.

## НАМУНА АЗ ОСОРИ ЭРАҶ МИРЗО
## МУҲАББАТИ МОДАР

Писар, рав қадри модар дон, ки доим
Кашад ранҷи писар бечора модар,
Бирав, беш аз падар хоҳаш, ки хоҳад
Туро беш аз падар бечора модар.
Зи ҷон маҳбубтар дораш, ки дорад
Зи ҷон маҳбубтар бечора модар.
Нигаҳдорӣ кунад нӯҳ моҳу нӯҳ рӯз
Туро чун ҷон ба бар бечора модар.
Аз ин паҳлӯ ба он паҳлӯ нағалтад
Шаб аз бими хатар бечора модар.
Ба вақти зодани ту марги худро
Бигирад дар назар бечора модар.
Бишӯяд кӯҳна, орояд, наватро
Чу камтар коргар бечора модар.
Тамузу[1] дай[2] туро соат ба соат,
Намояд хушку тар бечора модар.
Агар як атса ояд аз димоғат,
Парад ҳушаш зи сар бечора модар.
Агар як сурфаи беҷо намоӣ,
Хӯрад хуни ҷигар бечора модар.
Барои ин ки шаб роҳат бихобӣ,
Нахобат то саҳар бечора модар.
Ду сол аз гиряи рӯзу шаби ту,
Надонад хобу х(в)ар бечора модар.
Чу дандон оварӣ, ранҷур гардӣ,
Кашад ранҷи дигар бечора модар.
Сипас чун по гирифтӣ, то наяфтӣ,
Хӯрад ғам бештар бечора модар.
Ту то як мухтасар ҷоне бигирӣ,
Кунад ҷон мухтасар бечора модар.
Ба мактаб чун равӣ, то бозгардӣ,
Бувад чашмаш ба дар бечора модар.
Агар як рубъи[3] соат дер оӣ,
Шавад аз худ бадар бечора модар.
Набинад ҳеҷ кас заҳмат ба дунё,
Зи модар бештар, бечора модар.
Тамоми ҳосилаш аз заҳмат ин аст
Ки дорад як писар бечора модар.

---

[1] *Тамуз* - тобистон.
[2] *Дай* - зимистон.
[3] *Рубъ* - чоряк

**Савол ва супориш:**

1.Чаро Эраҷ Мирзоро аз кор сабукдӯш намуданд?

2.Ӯ дар кадом жанрҳои адабиёт қувваозмоӣ намудааст?

3.Мазмуну мундариҷаи ашъори шоирро кадом мавзӯъҳо ташкил додааст?

4.Шеъри мазкур бо кадом хусусиятҳояш ба шумо маъқул шуд?

5.Шеърро хонед ва аз ёд намоед. Дар асоси шеъри мазкур дар мавзӯи «Қадри модар» иншо нависед.

## МАЛИКУШШУАРО БАҲОР
**(1886 - 1951)**

Мирзо Муҳаммад Тақии Баҳор яке аз шоирони барҷастаи муосири Эрон буда, бо ашъори рангину баландмазмуни худ, чӣ дар Эрон ва чӣ берун аз он шӯҳрати зиёде пайдо кардааст. Ин адиби номӣ моҳи декабри соли 1886 дар шаҳри Машҳад таваллуд ёфтааст. Падари Баҳор Мирзо Муҳаммад Козим мутахаллис ба Сабурӣ аз шоирони бонуфузи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX буда, лақаби «Маликушшуароӣ» доштааст.

Баҳор нахуст дар назди падараш таълим гирифта, баъдан илми арӯз, сарфу наҳви форсию арабӣ ва улуми дигарро аз донишмандони замон Адиби Нишопурӣ, Алихони Даргазӣ ва дигарон омӯхтааст. Чӣ тавре ки муҳаққиқон хотиррасон менамоянд, Баҳор дар зери таъсири падараш аз синни 9-10-солагӣ ба шеъргӯӣ шурӯъ намуда, алаккай дар синни 15-16-солагӣ дар шоирӣ ном баровардааст. Ашъори солҳои аввали эҷодиёти Баҳор аз ғазалу қасида иборат буда, дар тақлиду пайравии шуарои асрҳои X-XII суруда шудаанд. Дар соли 1904 Муҳаммад Козими Сабурӣ вафот мекунад ва Баҳор барои гирифтани лақаби «Маликушшуароӣ» талош мекунад. Вале мухолифони ӯ истеъдоди баланди шоирӣ доштанашро инкор карда, талаб мекунанд, ки ин лақаб ба Баҳор дода нашавад. Аммо ӯ дар мусоҳибаҳои адабӣ истеъдоди баланди шоирӣ нишон дода, ба гирифтани лақаби «Маликушшуаро» ноил мегардад.

Дар солҳои инқилоби Машрутаи 1905-1911 ва баъд аз он Баҳор аз моҳияти зиддихалқии дастгоҳи давлати шоҳаншоҳӣ пай бурда, аз дарбор робитаи худро меканад ва дар ашъораш минбаъд идеяҳои ватандӯстӣ, озодихоҳӣ ва сулҳу осоиши башариро тараннум менамояд. Барои ибрози афкору андешаҳои мутараққӣ ва пешқадамаш Баҳор дар охири солҳои 20-ум ва аввали солҳои 30-юм чанд маротиба зиндонӣ шудааст. Вале ба тамоми фишору таъқиботи давлати шоҳаншоҳӣ нигоҳ накарда, Баҳор аз баёни сухани ҳақ ва ифодаи афкору андешаҳои пешқадам даст накашид ва то охирин рӯзҳои зиндагиаш ҳамчун шоири пешқадам барои саодату рифоҳи халқҳои ватанаш мубориза намуд. Маликушшуаро Баҳор дар моҳи апрели соли 1951 вафот намудааст.

Чӣ тавре ки дар боло ишора рафт, Баҳор аз синни хеле ҷавонӣ ба шеъргӯӣ шурӯъ намудааст. Дар давоми беш аз 50-соли фаъолияти адабиаш ӯ дар жанрҳои маснавӣ, қасида, ғазал, қитъа таркиббанд, тарҷеъбанд, мусаммат, рубоӣ ашъори зиёде эҷод кардааст.

Қисмати зиёди мероси адабии Баҳорро қасидаҳо ва маснавиҳои ӯ ташкил медиҳанд. Агарчанде Баҳор дар жанри ғазал низ қувваозмоӣ намудааст, лекин дар муқоиса бо қасоид ва маснавиёташ теъдоди онҳо камтар аст. Муҳаққиқони адабиёти муосири форсӣ Маликушшуаро Баҳорро машҳуртарин шоири қасидасарои адабиёти форсӣ баъд аз асри XV медонанд. Ӯ дар шароити нави таърихӣ ба ин жанри шеъри классикӣ мазмуну оҳангҳои нав ворид намудааст. Дар сурудани қасоид, маснавӣ, ғазал ва дигар жанрҳои адабӣ Баҳор ба шоирони асрҳои IX-XII пайравӣ намуда, барои эҳёи сабки хуросонӣ кӯшиш кардааст.

Гуфтан лозим аст, ки Маликушшуаро Баҳор яке аз донандагони забардаст ва муҳаққиқи моҳири адабиёти классикии форсу тоҷик мебошад. Ӯ дар баробари кори эҷодӣ ба омӯзиш, тадқиқ ва баррасии забони форсӣ, адабиёти классикии он, адабиёти муосири Эрон, хулоса ба таҳқиқи таърихи гузаштаю имрӯзаи Эрон иқдом намуда, чандин рисолаву асарҳои муҳимму боарзиш, ба мисли «Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ» (дар се ҷилд), «Таърихи аҳзоби сиёсии Эрон», «Таърихи татаввури шеъри форсӣ» ва ғайраро эҷод кардааст. Баҳор ҳамчунин доир ба масъалаҳои гуногуни забон ва адабиёти форсӣ мақолаҳои зиёде навиштааст, ки дар ду ҷилд бо номи»Баҳор ва адаби форсӣ» нашр шудаанд.

Маликушшуаро Баҳор аз дӯстони самимии Ватани мо буд. Ӯ соли 1945 ба Иттиҳоди Шӯравӣ сафар намуда, дар ҷашни 25-солагии ташкилёбии Озарбойҷон иштирок намудааст. Баҳор афкору андешаҳои дӯстонаи худро нисбат ба Иттиҳоди Шӯравӣ ва халқҳои он дар шеърҳои «Файзи шимол», «Ҳадяи Боку», «Ба Пушкин» ва ғайра содиқона ифода намудааст.

## НАМУНАИ ОСОРИ БАҲОР

Ҳашмати мӯҳташамон мояи марги фуқарост,
Дод аз ин расми фурӯмоя, ки дар шаҳри шумост.
Ё раб, ин шаҳр чӣ шаҳр асту чӣ халқанд ин халқ,
Ки ба ҳар раҳгузаре наъши ғарибе пайдост?
Мешунидам саҳаре тифли ятиме мегуфт:
«Ҳар балое, ки ба мо мерасад, аз ин вузарост»,
Хонаи мӯхташам обод, ки аз ҳиммати ӯ
Шевану ғулғула дар хонаи мискину гадост.
Аз худояш ба ҳақиқат нарасад барги мурод
Он ки фориғ зи ғаму меҳнати махлуқи худост.

Нӯшдоруи насиҳат чӣ диҳад суд, Баҳор,
Ба маризе, ки ба ҳар қоида маҳкуми фаност?!

* * *

Ман нагӯям, ки маро аз қафас озод кунед,
Қафасам бурда ба боғеву дилам шод кунед.
Фасли гул мегузарад, ҳамнафасон, баҳри худо
Бинишинед ба боғеву маро ёд кунед.
Андалебон, гули сурӣ ба чаман кард вуруд,
Баҳри шобоши қудумаш ҳама фарёд кунед.
Ёд аз ин мурғи гирифтор кунед, эй мурғон,
Чун тамошои гулу лолаву шамшод кунед.
Ҳар кӣ дорад зи шумо мурғи асире ба қафас,
Бурда дар боғу ба ёди манаш озод кунед.
Ошёни мани бечора агар сӯхт, чӣ бок,
Фикри вайрон шудани хонаи сайёд кунед.
Шамъ агар кушта шуд аз бод, мадоред аҷаб,
Ёди парвонаи хасташуда барбод кунед.
Бесутун бар сари роҳ аст, мабод аз Ширин
Хабаре гуфтаву ғамгин дили Фарҳод кунед.
Ҷаври бедод кунад умри ҷавонон кӯтоҳ,
Эй бузургони ватан, баҳри худо дод кунед!
Гар шуд аз ҷаври шумо хонаи мӯрон вайрон,
Хонаи хеш маҳол аст, ки обод кунед.
Кунҷи вайронаи зиндон шуд агар саҳми Баҳор,
Шукри озодиву он ганҷи худодод кунед.

**Савол ва супориш:**

1.Баҳор дар чандсолагиаш ба шеъргӯӣ шурӯъ намудааст?

2.Барои ба лақаби «Маликушшуаро»-й соҳиб шудан чӣ корҳоро ба анҷом бояд расонд.

3.Чаро Баҳор тарки дарбор намуд?

4.Барои кадом амалҳояш ӯро зиндон карданд?

5.Дар мероси адабии шоир кадом жанри адабӣ мавқеи муҳим доштааст?

6.Дар эҷодиёти Баҳор рисолаҳои тадқиқотӣ чӣ мавқеъ доштаанд?

7.Шеърҳоро хонед ва мавзӯи онро гӯед.

## ҶЕК ЛОНДОН
**(1876-1916)**

Нависандаи номии Амрико Ҷек Лондон (номи аслиаш Ҷон Гриффит) аз ҷониби доираи васеи хонандагон пазируфта шудааст. Муҳаббати ӯ нисбат ба мардуми меҳнатӣ, кӯшиш барои ҳақиқати иҷтимоӣ, нафрат ба

худбиниву худпарастӣ ба фаҳмиши хонандаи демократии ҷаҳон наздикӣ ва қаробат дорад.

Ҳаёти нависанда на камтар аз ҳаёти қаҳрамононаш пур аз ҳаводис ва ихтилофоти тезутунд аст.

Ӯ 12-январи соли 1876 дар Сан-Франсиско дар оилаи фермери қашшоқгардида таваллуд ёфта, аз бачагӣ машғули корҳои гуногун гардидааст. Дар ибтидо чун рӯзномафурӯш ва коргари фабрикаи консерв кор карда, сипас чун оворагард роҳҳои дарози Амрикоро барои пайдо намудани дастмузд тай намудааст. Ҷек Лондон дар ин оворагардиҳо аз тақдири ваҳмангези меҳнаткашони Америкаи капиталистӣ, ки бекорӣ боиси бехонумонии онҳо гардидааст, огоҳӣ пайдо намуд ва дарди онҳоро дарк мекардагӣ шуд. Ӯ чун матрос дар уқёнуси Ором низ шино намуда, борҳо касбу корашро тағйир дод ва соли 1897 ба Аляска рафт, ки каме пештар дар он ҷо тилло ёфта буданд. Ба ӯ имконияти дар ин кони парокандаи тилло сарват ҷамъ кардан пайдо нагардид, аммо таассурот аз муборизаи инсон бо табиати қаҳратуни Шимол барои ҳикояҳои нахустини ӯ чун мавод хизмат намуданд. Ҷек Лондон соли 1899 ба нашри ҳикояҳое дар мавзӯи Шимол сар кард, ки он ҳикояҳо дар маҷмӯаҳои «Бачаи гург» (1900), «Худои падарони ӯ» (1901) ва «Фарзандони Сармо» (1902) ба табъ расидаанд.

Бо эҷоди ҳамин ҳикояҳо Ҷек Лондон чун чеҳраи эҷодӣ эътироф гардид. Қаҳрамони ҳикояҳои ӯ мардони фидоӣ ва муборизонеанд, ки дур аз шаҳр, дур аз дунёи пастиву дуздӣ ҳаёт ба сар мебаранд. Онҳо шахсони ҷасур, пуркувват ва дар дӯстиву вафо устуворанд.

Қаҳрамони ҳикояи «Сукути сафед» Мезон аз ҷумлаи чунин инсонҳо буда, ҳангоме ки ӯро дарахт пахш мекунад, аз нобуд шуданаш дар биёбони барфӣ наҳаросида, аз ҳамсараш ва рафиқаш Кид талаб менамояд, ки барои ӯ шуда ҳаёташонро дар хатар нагузоранд ва ӯро ба ҳоли худ монда ба сӯи истиқоматгоҳи инсонӣ роҳ пеш гиранд. Ҳамин қаҳрамон, яъне Мелмут Кид дар ҳикояи дигари нависанда «Барои онҳое, ки дар роҳанд» бо дарки ҳақиқат ва эҳсоси ҳамдардӣ ба онҳое, ки аз зӯроварон ва сарватмандон ранҷидаанд, пайдо ва тасвир мешавад.

Қаҳрамони ҳикояи «Зани қавиирода» зани орому ботамкин Пассук, ки эҳсоси қавии муҳаббатро дорад, аз гуруснагӣ ба хотири он ҷон медиҳад, ки шавҳари ӯ тавонад роҳи пурхатарро ба поён расонида, ба одамон дар бораи шаҳраки ба гуруснагӣ гирифтор шуда хабар диҳад. «Дар талоши ҳаёт» аз асарҳои шӯҳратёфтаи Ҷек Лондон буда, дар он устувории характери қаҳрамон ва шуҷоати инсонӣ мавқеъ дорад. Ҳамин мардонагӣ ва устуворӣ ба инсони бемадору мурдаистода имкон медиҳад, ки дар муборизаи алайҳи гург ғолиб ояд. Дар як қатор ҳикояву повестҳои Ҷек Лондон аз қабили «Дандони сафед», «Даъвати ниёгон», «Майкл бародари Ҷерри» дар қатори одамон ҳайвонҳо чун қаҳрамон амал мекунанд, ки нависанда бо ҳисси муҳаббат ва фаҳмиши амиқ ба риштаи тасвир кашидааст.

Чек Лондон, ки кашшоқӣ ва азобҳои бекориро аз сар гузаронида буд, хуб медонист, ки инсон на танҳо бо табиати вазнини биёбон мубориза бояд барад, балки эҷодиёти ӯ баёнгари таҳлука ва ноороми аз он аст, ки чӣ тавр озодии шахсии инсонҳо барқарор гардад.

Ин андешаҳо алибро бо идеалҳои сотсиалистӣ ва ҳаракати коргарии сотсиалистӣ наздик сохт.

Ӯ соли 1895 ба ҳизби сотсиалистии коргарии Америка дохил шуд ва солҳои 1901-1916 узви ҳизби сотсиалистии Америка буд. Аз соли 1910 аз фаъолияти сиёсӣ даст кашид ва дар охири умраш аз сафи ҳизб низ баромад.

Мубориза алайҳи ноҳаққӣ ва ноадолатии иҷтимоӣ, огоҳӣ аз инқилоби сотсиалистӣ мазмуну мӯҳтавои романи «Панҷаи пои оҳанин» - (1907)-ро ташкил медиҳад, ки дар замонаш коргарони мамлакатҳои зиёд бо шавқ мехонданд. Дар роман нависанда бовариеро баён месозад, ки новобаста аз шикасти муваққатӣ Инқилоби сотсиалистӣ бояд аз болои ҷаҳолати иҷтимоӣ ғалаба кунад. Дар ин асар дурӯғ ва бофта будани озодии демократӣ дар Америка фош карда шуда, ногузирии сотсиализм таъкид мешавад.

Муаммои аҳволи нависандаи ҳақиқӣ дар ҷамъияти буржуазӣ барои Чек Лондон хосатан наздик буд.

Ба тақдири фоҷиавии нависандаи аз миёни халқ баромада новобаста аз он, ки дар охир соҳибшӯҳрат ва сарватманд гардидааст, яке аз асарҳои беҳтарини Чек Лондон романи «Мартин Иден» (1909) бахшида шудааст. Пеш аз таълифи ин роман Чек Лондон бо эҷодиёти нависандаи рус М. Горкий ва хусусан романи ӯ «Фома Гордеев» шиносоӣ доштааст ва баъди ин дар эҷодиёти ӯ масъалаи ҳимояи мазлумон бештар мавқеъ пайдо мекунад. Чек Лондон таъкид менамояд, ки нависанда ба тасвири ҳақиқати дурушти зиндагӣ ҳуқуқ дошта, ба ҳаёти фаъолона дахолат карда метавонад.

Қаҳрамони романи «Мартин Иден» намояндаи халқ буда, бо баҳои заҳмат ва худфидоӣ тавонист орзуи худро амалӣ созад, яъне нависанда шавад. Ба санъати дурӯғини буржуазӣ, ки ҳақиқати ҳаётро таҳриф мекунад, Мартин Иден эҷодиёти реалистиашро муқобил мегузорад. Қаҳрамони роман то дер обрӯ пайдо намекунад ва танҳо тавассути парасторони тасодуфии аз тоифаи амалдорон пайдошуда ӯ соҳиби шӯҳрат ва сарват мегардад. Аммо ин шӯҳрат барои ӯ танҳо яъсу ноумедӣ овард ва ӯ ба хубӣ эҳсос намуд, ки парасторони ӯ шахсони ношуд ва пастанд.

Мартин Иден, ки алоқаи худро ба мардуми оддӣ ва дӯстони ҷавониаш гум карда буд, танҳоии ботиниро бардошта натавонист ва ҳаёти худро бо худкушӣ қатъ намуд.

Худи нависанда низ ҳарчанд, ки қаҳрамони асарашро алайҳи тоифаҳои болоии ҷамъият тасвир менамояд, вале дар баъзе асарҳояш ба завқи хонандаи буржуазӣ-мешанӣ майл дорад. Аммо Чек Лондон барои мо чун нависандаи тавоно ва навовару мубориз шиносу азиз аст. Ӯ ба-

рои татбиқи анъанаҳои реалистӣ дар адабиёти муосири Америка кӯшиши зиёде намудааст. Ҳамчунин ӯ яке аз асосгузорони адабиёти пролетарӣ дар Ғарб буда, шӯҳрати ҷаҳонӣ дорад.

Аз навиштаҳои ӯ ҳикояи «Дар талоши ҳаёт» (соли 1937), маҷмӯаи ҳикояҳо ва китобе бо номи «Гург» (1940) ба забони тоҷикӣ тарҷума гардида буд. Ҳамчунин соли 1981 романи машҳури ӯ «Мартин Иден» дар тарҷумаи Ӯктами Холикназар ба забони тоҷикӣ нашр гардида, мақбули хонандагон шуд.

## НАМУНАИ ОСОР:
## (Дар талоши ҳаёт)
## (Ҳикоя)

Гашти рӯз ӯ ба ҷое расид, ки як тӯда устухон ба ҳар тараф паҳну пароканда хобида буд. Маълум мешавад, гургҳо сайди худро ҳамин ҷо ба чанголи худ даровардa, онро нӯши ҷон кардаанд. Як соат пеш ин гавазни зиндае буда, чобукона ҷастухез мекард ва хушҳолона маос мезад. Одам ба ин устухонҳо нигоҳ мекард, ки тамом хоидашуда, суфта ва гулобиранг буданд, аз он ҷиҳат гулобиранг буданд, ки оташи ҳастӣ дар ҳуҷайраҳои онҳо ҳанӯз хомӯш нагашта буд. Наход ки аз худи ӯ ҳам пеш аз он ки ҳамин рӯз ба охир расад, фақат як тӯда устухон боқӣ монаду бас? Чунин аст зиндагӣ, зиндагии фонӣ ва гузарон. Фақат зиндагӣ ба кас дарду ранҷ меорад. Дар марг азоб ва уқубате нест. Мурдан мисли он аст, ки кас ба хоб равад. Марг — яъне ба охир расидани зиндагӣ, осудагӣ аст. Агар ин тавр бошад, пас чаро ӯ мурдан намехоҳад?

Вале ӯ ба чунин фикру андешаҳо бисёр гарқ нашуд. Дере нагузашта дар рӯи ушна ба зону нишаста, устухонеро ба таги дандонҳояш зер карда ва бо ҳавсалаи тамом онро хоидан гирифт, гӯё мехост аз он боқимондаи шираи ҳаётро, ки гулгунии ранги устухон аз он буд, макида гирад. Бӯю мазаи ширин ва нозуки гӯшт, ки ба зӯр ҳис карда мешуд, қариб буд ӯро аз ақл бегона кунад. Ӯ дандонҳояшро маҳкамтар зер карда, ба хоидани устухон сар кард. Гоҳе устухон мешикаст ва гоҳе дандонаш. Баъд ӯ санге пайдо карда, устухонҳоро бо он кӯфта майда карда фурӯ бурдан гирифт. Аз саросемагӣ чанд бор санг на ба устухон, балки ба ангуштонаш расид, бо вуҷуди он ки шитоб мекард, фурсат ёфта, тааҷҷуб мекард, ки барои чӣ дарди зарби сангро ҳис намекунад.

Рӯзҳои мудҳиши барфу боронгарӣ фаро расиданд. Ӯ акнун намедонист, чӣ вақт барои хоб қарор мегирифт ва чӣ вақт ба роҳ медаромад. Шабу рӯз нагуфта, вақту новақт нагуфта роҳ мерафт, ҳар ҷое ки афтида монад, дар ҳамон ҷо қарор гирифта, истироҳат менамуд ва ҳар боре ки оташи хомӯшшавандаи ҳаёт дар ӯ андаке боло гирифта ва қадре равшантар сӯзад, бо зӯру машаққат ҳам бошад, пеш мерафт. Ӯ дигар мисли

одамон мубориза намебурд. Фақат худи ҳаёт буд, ки нобуд шудан намехост ва пайваста ӯро ба пеш тела медод. Ӯ дигар азоб намекашид; асабҳояш акнун кунд, карахт ва бехис шуда буданд, майна ва идрокаш бошад, ба манзараҳои аҷибу ғариб ва хобҳои ҳайратфазо ғарқ буд.

Ӯ дам нагирифта устухонҳои гавазнбарраро, ки якто намонда аз рӯи замин ғундошта, гард-гард карда, бо худ гирифта буд, мемакиду мехоид. Ӯ дигар ба талҳо набаромада ва аз шохҷӯйҳо нагузашта, балки беихтиёр аз лаб-лаби наҳри васее, ки аз дараи фарохе ҷорӣ буд, ҳаракат менамуд. Дар пеши чашмонаш фақат манзараҳои хаёлӣ ҷилвагар буданду бас. Ҷон ва ҷисми ӯ ҳамроҳ ва дар як ҷилд бошанд ҳам, ҷудо-ҷудо равон буданд — риштае, ки ин ҳар дуро ба ҳам мепайваст, то ҳамин андоза нозук шуда буд.

Боре ногоҳӣ ба ҳуш омада, худро дар рӯи харсанге рӯ ба боло хобида дид. Офтоби тобон нурпошӣ мекард. Аз дур садои маоси гавазнбаррагон ба гӯш мерасид. Борон, барф ва шамол хира-хира дар хотираш монда бошад ҳам, лекин нағз намедонист, ки ин шӯриши ҳаво чӣ қадар вақт давом кардааст — ду рӯз ё ду ҳафта.

Хеле вақт наҷунбида дароз кашид ва офтоби босаховат нури худро ба ӯ рехта бадани оҷизи ӯро гарм менамуд. «Чӣ рӯзи хубест!» гуфта аз дилаш гузаронид. Эҳтимол, акнун аз рӯи офтоб тарафҳои оламро муайян кардан ба ӯ муяссар гардад. Бо зӯру азоби зиёд ба паҳлуи дигар гашт. Дар поён наҳри васеъе ба оҳистагӣ равон буд. Ин наҳр ба ӯ ношинос буд ва ин ӯро дар тааҷҷуб андохт. Ӯ оҳиста-оҳиста ба рафти ҷараёни оби он нигоҳ кардан гирифт ва дид, ки вай аз миёни талҳои урён ва андӯҳоваре, ки аз ҳамаи талҳои то ҳол дидааш боз ҳам ғамангезтар ва пасттар менамуданд, печутоб хӯрда мегузарад. Вай саросема нашуда, бепарвоёна, бе ҳеҷ ҳаяҷон ва ҳавасе рафти оби наҳри ношиносро то худи уфуқ таъқиб намуда, якбора дид, ки он рафта ба баҳри сафеди дурахшоне дохил мешавад. Ҳамин ҳам ӯро ба ҳаяҷон наовард. «Аҷабо, ин чӣ бошад, — гуфта аз фикраш гузаронд, — ин ё сароб аст, ё манзараи хаёлӣ — самараи ақли парешон аст!» Ҳангоме ки дар миёни баҳри дурахшон киштии лангарпартофтаро дид, дар ҳамин гумони худ боз бештар устувор шуд. Як дақиқа чашмонашро пӯшида боз кушод. Аҷиб аст, ки сароб ғоиб намешавад! Зотан ҳеҷ ҷои тааҷҷуб нест. Ӯ медонист, ки дар дили ин биёбони урёни беҷон на баҳре ҳаст ва на киштӣ, чунон ки дар милтиқи холиаш тире нест.

Ногоҳ дар қафои худ як навъ садои фиш-фише ба гӯшаш расид, ки ба оҳу воҳ ё сулфа монанд буд. Бо оҳистагии тамом дар ҳолате ки дар хастии худ як лакотии аз андоза берун ва дар ҳама аъзои баданаш карахтӣ ҳис мекард, паҳлу гашт. Дар наздикии худ чизеро надид, вале бо сабр ба овоз гӯш дод. Боз ҳамон овози фиш-фиш ва сулфа ба гӯшаш расид ва дар миёни ду харсанг бист қадам дуртар аз худ каллаи хокиранги гурге ба чашмаш намудор гашт. Гӯшҳои он ба монанди гӯшҳои гургҳои дигар сих набуданд, чашмонаш хира ва пурхун, каллааш аз камоли оҷизӣ поин

хамида буд. Гург зоҳиран бемор буд: вай ҳар дам атса мезад ва сулфа мекард.

«Ҳеҷ набошад, ана ҳаминаш чизи ҳақиқӣ аст» гуфта фикр кард ӯ ва боз ба дигар паҳлу гашт, то ки олами ҳақиқии акнун бо пардаи хаёлот папахнашударо бубинад. Вале баҳр ҳамчунон дар дуродур ба назар метофт ва киштӣ ҳам равшан намудор мешуд. «Шояд ин аз олами ҳақиқат бошад?». Ӯ чашм пӯшида, муддате ба фикр фурӯ рафт ва ниҳоят дар куҷо будани гапро фаҳмид. Маълум мешавад, ӯ роҳи худро гум карда аз наҳри Диз хеле дур шудааст ва ба тарафи шимоли шарқ равон шуда, ба дараи дарёи Коппермайн афтида мондааст. Ин дарёи васеъе, ки оҳиста-оҳиста ҷорист, дарёи Коппермайн аст ва ин баҳри дурахшон укёнуси Яхбастаи Шимолӣ мебошад. Ин киштӣ ҳам киштии наҳангсайдкунӣ аст, ки аз ғарб аз резишгоҳи дарёи Маккензи хеле дур ба тарафи шарқ рафта ва иттифоқан ба ин ҷоҳо афтида мондааст ва акнун дар халиҷи Коронация лангар партофтааст. Ӯ харитаи ширкати Гудзонро, ки як вақтҳо дида буд, ба хотир овард ва ҳамааш акнун барои ӯ равшан шуд.

Ӯ нимхез шуда нишаст ва дар бораи кору бор ва эҳтиёҷоти зарурии худ ба андеша фурӯ рафт. Парчаҳои кампал, ки ба поҳояш печонида буд, акнун тамом дарида ва фарсуда шуда ва поҳояш суп-сурх гӯшт гардида хунчакон шуда буданд. Кампали охиринаш ҳам масруф шуд. Милтиқ ва кордашро гум карда буд. Телпакаш ҳам гум шуда, бо он якҷоя як қисми гӯгирд, ки ба астараш пинҳон карда буд, низ аз даст рафтааст. Вале он ҳиссаи гӯгирд, ки дар даруни халтачаи тамоку коғазпеч буд, ҳанӯз дар ҷояш буда ва нам нагирифта буд. Ӯ ба соат нигоҳ кард. Соат ҳанӯз мегашт ва соати ёздаҳи пагоҳиро нишон медод. Маълум мешавад, ӯ ҳар рӯз тоб додани онро аз ёд намебаровардааст.

Ӯ ором ва хушаш дар ҷояш буд. Бо вуҷуди беҳолӣ ва хастагии аз андоза берун ӯ ҳеҷ дардро ҳис наменамуд. Дилаш ҳеҷ чиз намехост. Фикри хӯрок ба ӯ ҳатто нофорам буд ва ҳар чӣ, ки мекард, ба амри идроки худ мекард. Ӯ шалворашро то зону дарронда гирифта, кафи поҳояшро бо он баст. Аз чӣ сабаб бошад, ки сатилчаро напартофт: пеш аз он ки ба сӯи киштӣ роҳ сар кунад, об ҷӯшонда нӯшиданаш лозим мешавад; ӯ пешакӣ медонист, ки ин роҳ роҳи бисёр сахт хоҳад буд.

Ҳама ҳаракатҳои ӯ оҳиста-оҳиста ва суст буд. Гӯё ки шал шуда бошад, ҳама аъзои баданаш меларзид. Қадре хасу хошоки хушк чиданӣ шуд, аммо ба по рост шуда натавонист. Ӯ чанд бор зӯр зада ба по хестанӣ шуд, лекин натавониста охир гавак кашида рафтан гирифт. Боре ӯ хазида-хазида ба гурги бемор хеле наздик шуд. Гург забонашро ба зӯр ҷунбонда фукашро лесида дилубедилон худро канор гирифта, роҳ дод. Одам дид, ки забони гург мисли забони гургони солим сурх набуда, балки ранги зардча дошта ва чирк дар рӯи он қарахш бастааст.

Оби ҷӯш нӯшида ҳис кард, ки акнун ба по рост истода ва ҳатто роҳ рафта метавонад, агарчанде дар поҳояш мадор намонда буд. Қариб ҳар

дакика маҷбур мешуд, ки аз роҳ бозистода дам гирад. Ӯ бо кадами суст ва ноҳамвор роҳ мерафт ва гург ҳам аз паи ӯ бо қадамҳои суст ва ноҳамвор кашола шуда меомад.

Имшаб, вақте ки баҳри дурахшон дар оғӯши торикӣ пинҳон гашт, одам фаҳмид, ки ба сӯи он баҳр бисёр бошад, чор мил наздик омадааст.

Шаби дароз пайваста овози сулфаи гурги бемор ба гӯшаш мерасид ва гоҳ-гоҳе садои гавазнбарраҳоро низ мешунид. Дар атрофи ӯ зиндагӣ, зиндагии пурзӯр ва солим дар ҷӯшу хурӯш буд ва ӯ мефаҳмид, ки гурги бемор барои ҳамин аз паи одами бемор кашола шуда меояд, ки ба пеш аз худ мурдани вай умедвор аст. Пагоҳӣ чашм кушода дид, ки гург ба ӯ бо чашми пурҳасрат ва гурусна нигоҳ мекунад. Гург сари худро поин андохта, думи худро зер карда истода буд ва дар ин ҳол ба саги хастаи бедимоғе монанд буд. Вай аз таъсири боди хунуки пагоҳонӣ дир-дир меларзид ва вақте ки одам бо овози пичирросии хиррӣ бо ӯ ба гап даромад, андӯҳгинона дандонашро намоён кард.

Офтоби тобон баромада, ҳама ҷоро мунаввар кард ва одам тамоми пагоҳӣ калавида-калавида ва афтону хезон ба сӯи киштӣ, ки дар баҳри дурахшон намудор мешуд, ҳаракат мекард. Ҳаво бисёр нағз буд. Ин он фасли хомпази тирамоҳ буд, ки дар кишварҳои шимол бисёр кӯтоҳ мешавад. Ин фасл мумкин буд як ҳафта давом кунад, мумкин буд як ё ду рӯз истода, баъд барҳам хӯрад.

Дар нисфи рӯз ӯ ба нақши пое бархӯрд. Ин нақши пои одами дигаре буд; маълум мешуд, ӯ ба по роҳ нарафта, балки гавак кашида-гавак кашида ҳаракат мекардааст. Ба хотираш расид, ки ин шояд нақши пои Билл бошад, вале дар ин бора бепарвоёна ва бе ҳеҷ як ҳаяҷон фикр кард. Барои ӯ фарқ надошт. Аслан, ҳисси ҳаяҷон ва ҳайрат низ ӯро тарк карда буд. Ӯ дигар дардро ҳис наменамуд. Меъда ва асабҳояш тамоман карахт шуда буданд. Лекин ҳаёт, ки дар ҳастиаш ҳанӯз кӯрдуд месӯхт, ӯро ба пеш рафтан вомедошт. Ӯ бисёр хаста ва бетоб шуда бошад ҳам, ҳаёт ба марг таслим шудан намехост; ва аз он ҷо, ки ҳаёт ба марг таслим шудан намехост, одам ҳанӯз меваҳои ёбоии ботлоқиро чида ва моҳичаҳоро дошта мехӯрд, оби ҷӯш менӯшид ва аз гурги бемор чашм намеканд.

Ӯ паи он одамеро, ки қадам назада, балки гавак кашида мерафт, гирифта равон шуд ва дере нагузашта охири роҳи вайро дид, яъне як тӯда устухонҳои ба тозагӣ хоидашудаеро дид, ки дар рӯи ушнаи тар афтода мехобид ва дар гирдогирди онҳо нақши пои гургони зиёде низ намоён буд. Ногоҳ чашмаш ба халтачаи аз чарми оҳу дӯхташудае афтод, ки дандонҳои тези гургон онро сӯрох-сӯрох карда буданд; ин айнан мисли ҳамон халтачае буд, ки пеш худаш ҳам аз он дошт. Онро аз рӯи замин боло бардошт, гарчанде ки ангуштони бемадораш ин гуна чизи вазнинро нигоҳ дошта наметавонистанд. Маълум мешавад, Билл то дами охири ҳаёти худ аз тилло ҷудо нашуда будааст. Ҳо-ҳо! Ӯ боз ба Билл

хоҳад хандид. Ӯ зинда мемонад ва ин халтачаи тиллоро гирифта, бо худ ба киштие, ки дар миёни баҳри дурахшон истодааст, мебарад. Садои хандаи ӯ хиррӣ ва ҳавлангез буда, ба кар-кари зоғи сиёҳ монанд буд, гурги бемор ҳам ба ӯ ҳамовоз шуда бо овози хиррӣ нула кашид. Одам якбора хандаашро катъ карда, хомӯш шуд ва аз дили худ гузаронд: ӯ чӣ ҳақ дорад ва чӣ тавр метавонад, ки ба ҳоли Билл хандад, дар сурате ки медонад ҳамаи он чӣ дар ин ҷо ҳаст, Билл аст ва ин устухонҳои покиза ва гулобиранги сафедча он аст, ки аз Билл боқӣ мондааст?

Ӯ рӯяшро ба тарафи дигар гардонд. Хайр, майлаш, Билл ӯро партофта рафта бошад ҳам, вале ӯ тиллоро намегирад ва устухонҳои Биллро намехояд. Аммо Билл бешубҳа, агар дар ҷои ӯ мебуд, андеша карда наистода албатта ин корро мекард, — гуфта худ ба худ фикр намуд ва лангон-лангон пеш рафтан гирифт.

Ӯ ба назди кӯлмаке омад. Дар ҷустуҷӯи моҳичаҳо ба болои он хам шуда ва якбора чун моргазида худро ақиб кашид. Ӯ дар об акси рӯи худро дида буд. Ин акс чунон даҳшатовар буд, ки ҳатто ҳуш ва идроки карахтшудаашро бедор кард. Дар даруни кӯлмак се моҳича шино мекарданд, вале кӯлмак бисёр калон буд ва ӯ онро холӣ карда наметавонист; моҳичаҳоро бо сатилчааш доштанӣ шуд, лекин дар охир аз баҳри ин фикр гузашт. Ӯ метарсид, ки аз камоли бемаҷолӣ ба об афтида, ғарк мешавад. Аз ҳамин сабаб ҳам ҷуръат накард, ки ба болои яке аз чӯбҳое, ки дар канори регзори дарё хобида буданд, савор шуда, шинокунон ба рафти ҷараёни об равад.

Дар ҳамон рӯз ӯ ба сӯи киштӣ се мил роҳ рафт. Рӯзи дигар фақат ду милро тай карда тавонист, зеро акнун ӯ монанди Билл гавак кашида мерафт. Дар охири рӯзи панҷум то киштӣ ҳанӯз ҳафт мил масофа монда буд, вай бошад, ақаллан маҷоли рӯзе як мил роҳ гаштанро ҳам надошт. Ҳаво ҳанӯз гарм буд, ӯ бошад гоҳ гавак мекашид ва гоҳ бехуш шуда меафтид ва аз паи ӯ пайваста сулфакунон ва атсазанон гурги бемор кашола шуда меомад. Зонуҳо ва кафи поҳояш суп-сурх гӯшт шуда буданд ва агарчи вай аз куртаи худ чанд парча канда онҳоро латтабанд карда буд, бо вуҷуди он хуи пайваста мечакид ва аз кафояш дар рӯи уша ва сангҳо изи хунолуд кашол мешуд. Як бор рӯ ба ақиб гардонида гургро дид, ки бо хирси тамом ин нақши хунолудро мелесид ва дарҳол равшан ба пеши назараш овард, ки агар худаш кори гургро тамом накунад, ӯро чӣ оқибат дар пеш аст. Ва он гоҳ муборизаи сахттарин сар шуд, ки мисллаш дар зиндагӣ кам дида мешавад: аз як тараф одами бемор, ки гавак кашида меравад, аз тарафи дигар гурги бемор, ки лангон-лангон аз паи ӯ равон аст, — ду махлуқи нимҷоне, ки дар биёбони урёи бо зӯру машаққат пеш мераванд ва қасди шикори якдигар доранд.

Агар гург тандуруст ва солим мебуд, одам ин тавр муқобилат намекард, аммо аз фикри он ки ботини ин махлуқи нафратоварро, ки қариб аст ба лоша мубаддал гардад, бо ҷисми худ сер кунонад, нафраташ ме-

омад. Аз ин фикри нафратовар дилаш беҳузур шуд. Вай ҳушашро бохта, боз ғарқи хаёлоти мавҳум гашт ва фосилаҳои кушоиши фикр ва дақиқаҳои ҳушёрӣ торафт кӯтоҳтар ва камтар мешуд.

Як бор ба ҳуш омад, ки касе ҳарсасзанон дар худи пеши гӯшаш нафас мекашад. Ин гург буд, ки ақиб чаҳид ва аз бемадорӣ пешпо хӯрда афтид. Ин манзараи хеле хандаоваре буд, вале одам табассум накард. Ӯ ҳатто аз ин ҳол ҳеч наваҳмид. Тарс дигар барои ӯ вуҷуд надошт. Вале дақиқае ҳуши ӯ равшан шуд ва ӯ дароз кашида саъй мекард ҳавосашро ба як ҷо ғун карда, аҳволро мулоҳиза намояд. То ба киштӣ ҳоло бисёр бошад, чаҳор мил роҳ мондааст. Чашмонашро, ки пеши онҳоро гӯё пардае гирифта буд, бо дасташ молида, киштиро равшан дид ва ҳатто бодбони сафеди завраки майдаро низ дид, ки мавҷҳои баҳри дурахшонро бурида шино мекард. Аммо ин чаҳор мили боқимондаро бо гаваккашӣ тай кардан аз қувваи ӯ берун аст. Ӯ инро медонист ва ба ин осуда ва бепарвоёна нигоҳ мекард. Ӯ медонист, ки ним мил ҳам хазида наметавонад. Бо ин ҳама, ӯ зиндагӣ кардан мехост. Баъд аз ҳамин қадар азобу уқубате, ки аз сар гузаронидааст, ҳозир мурдан ба ӯ бемаънӣ менамуд. Тақдир ба ӯ беамон буд. Ҳатто дар ҳолате ҳам ки дар дами марг буд, ба аҷал тан намедод. Шояд ки ин беақлӣ ва девонагии ҳақиқӣ буд, лекин бо ин ҳама гирифтори панҷаи марг бошад ҳам, ӯ ба он эълони ҷанг менамуд ва аз талош даст мекашид.

Вай чашмонашро пӯшида, бо камоли эҳтиёт ҳамаи қуввaи худро ба як ҷо ҷамъ кард. Ӯ худашро устувор гирифта, саъй мекард ба он ҳисси дилбехудшавӣ, ки мисли мадди оби баҳр тамоми ҳастии ӯро ба худ ғарқ карда буд, тан надиҳад. Ин ҳис монанди мавҷ баланд шуда, ҳушашаро хира мекард. Гоҳе мешуд, ки ӯ дар ин дарёи беҳудӣ ва беҳушӣ ғарқ мегардид ва дар мавҷҳои он дасту по зада ба рӯй баромаданӣ мешуд, лекин ба тарзе ки чӣ хел шуданашро худаш ҳам намефаҳмид, боқимондаи иродааш ба ӯ мададгор мешуду ӯ боз ба рӯи об мебаромад.

Ӯ беҳаракат рӯ ба боло хобида, пайваста овози хиррии нафаскашии гурги беморро мешунид, ки қадам ба қадам ба ӯ наздик мешуд. Вай торафт наздиктар ва наздиктар меомад, вақт бисёр ба оҳистагӣ мегузашт, аммо одам ягон бор ҳам ҳаракате накард. Ана овози нафаскашии гург аз пеши гӯшаш мебарояд. Забони дурушт ва хушки гург рӯи ӯро мисли коғази чилбур харошид. Якбора дастонаш боло бардошта шуданд — ҳеҷ набошад ӯ дастонашро боло бардоштан мехост, — ангуштонаш мисли чанголи дарранда ба ҳам кашида шуданд, вале ӯ танҳо ҳаворо даст гирифту бас. Тезӣ ва чолокии ҳаракат қувват талаб мекунад, ӯ бошад, дигар мадоре надошт.

Гург пурсабр буд; аммо одам ҳам дар сабру тоқат аз вай мондани надошт. Нисфи рӯз ӯ наҷунбида ёзид, дар ҳолате ки бо ҳуҷуми беҳушӣ мубориза мекард ва пайваста гургро мепоид, ки мехост ӯро бихӯрад, дар сурате ки худаш ҳам агар метавонист, вайро мехӯрд. Гоҳ-гоҳ дарёи

бехушӣ ӯро ба худ гарк менамуд ва ӯ хобҳои дурударозе медид; лекин ҳам дар хоб ва ҳам дар бедорӣ нафаси хиррӣ ва расидани забони дурушти гургро поида меистод.

Овози нафаскаширо нашунида бошад ҳам, ногоҳ ба дасташ расидани забони шахшӯлро ҳис карда бедор шуд. Ӯ нақунбида окибати корро нигарон шуд. Ду дандон аввал ба сустӣ ва баъд сахттар ба дасташ халидан гирифтанд — гург ҳар чи кувват дар хастиаш монда, зӯр мезад, то ба шикоре ки ин кадар вакт боз аз паи он мегашт, дандон халонад. Аммо одам ҳам бисёр интизорӣ кашида буд ва ӯ бо дасте, ки гург газида истода буд, лунҷи гургро зер кардан гирифт. Дар он вакт ки гург бо сустӣ ва бемадорона муқобилат мекард ва як дасти одам низ ҳамин тавр бо сустӣ лунҷи вайро зер мекард, дасти дигараш дароз шуда, аз гулӯи гург гирифт. Панҷ дакика баъдтар одам бо тамоми вазнинии худ ба болои гург афтида, вайро ба замин пахш кард. Барои буғӣ карда куштани гург кувати дасташ намерасид, бинобар ин одам рӯяшро ба гардани гург ҷафс кард ва дандонашро ба кор андохт ва ба андак вакт даҳонаш пур аз пашм шуд. Ним соат гузашт ва одам ҳис кард, ки ба гулӯяш қатра-қатра як чизи гарми обакӣ мерезад. Ин бисёр азобовар буд, гӯё ки ба меъдааш кӯрғошими обкардашудаеро рехта истода бошанд ва танҳо бо зӯри ирода худро ба тоқат кардани ин маҷбур менамуд. Баъд одам ба пушт гашта, ба хоб рафт.

* * *

Дар киштии наҳангсайдкунӣ, ки «Бедфорд» ном дошт, чанд нафар аъзои экспедисияи илмӣ нишаста буданд. Аз болои киштӣ онҳо дар канори баҳр махлуки аҷиберо диданд. Вай дар рӯи рег базӯр-базӯр хазида, ба сӯи баҳр ҳаракат менамуд. Олимҳо чӣ махлуқ будани онро фаҳмида наметавонистанд ва азбаски аҳли илми табиатшиносӣ буданд, ба завраке савор шуданду ба канори баҳр фуромаданд. Онҳо махлуки зиндаеро диданд, лекин вайро одам номидан маҳол буд. Вай ҳеҷ чизро намефаҳмид ва монанди кирми хорикулчуссае дар рӯи замин печутоб мехӯрд. Вай қариб ҳеҷ пеш намерафт, вале пас ҳам намегашт ва печутоб хӯрда, дар миёни як соат ҳамагӣ бист қадам пеш мерафт.

Пас аз се ҳафта одами дар яке аз ҳуҷраҳои киштии «Бедфорд» хобида, бо оби дида ҳикоят мекард, ки ӯ кист ва чӣ ҳодисаҳоеро аз сари худ гузаронидааст. Ва боз ӯ аз модари худ, аз кишвари офтобии Калифорния, аз ҳавлии худ, ки дар миёни афлесунзор ва гулзор будааст, чизе бесару нӯг ва нимгурма накл менамуд.

Чанд рӯз гузашт ва акнун ӯ дар қатори аъзоёни экспедисияи илмӣ ва капитани киштӣ дар сари як мизи хӯрокхӯрӣ менишастагӣ шуд. Аз зиёдӣ ва фаровонии хӯрокворӣ дар рӯи миз хурсанд мешуд ва ҳар бор, ки медид аз ин хӯрокворӣ лукма-лукма дар даҳони дигарон гоиб шуда меравад, хотираш парешон мегашт ва дар ин дамҳо дар чеҳрааш аломати

таассуф намудор мегардид. Ақлаш ба ҷо ва солим бошад ҳам, дар дилаш дар вақти наҳорӣ нисбат ба ҳамаи ин хӯрандагон кинаву нафрат пайдо мешуд. Тарси ин ки хӯрокворӣ нарасида мемонад, дақиқае ҳам ӯро осуда намегузошт. Ӯ аз ошпаз ва аз дастёри ошпаз, аз худи капитани киштӣ ва аз ҳар касе ки пеш ояд, дар бораи хӯрокворӣ пурсуҷӯ мекард. Ҳамаи онҳо хотирашро ҷамъ ва дилашро пур мекарданд, ки хӯрокворӣ зиёд аст ва ҳар қадаре хоҳӣ, ёфт мешавад, лекин ӯ ба ҳеҷ кас бовар намекард ва рустӣ ба анбор рафта хабар мегирифт, то худ бо чашми худ дида, қаноат ҳосил кунад.

Аз назари ҳеҷ кас пинҳон намонд, ки вай ба ин зудӣ гӯшт гирифта ва басе фарбеҳ шуда истодааст. Бадани ӯ рӯз аз рӯз ғафстар мешуд. Одамон сар ҷунбонида дар ин бора ҳар гуна назарияҳо изҳор мекарданд. Ба вай камтар хӯрок медодагӣ шуданд, бо вуҷуди ин баданаш, хусусан, миёнаш торафт ғафстар ва сербартар мешуд.

Матросҳо зери лаб механдиданд. Зеро онҳо таги гапро медонистанд. Олимҳо ҳам вақте ки рафтори ӯро таҳти назорати худ гирифтанд, боиси ин фарбеҳшавиашро зуд фаҳмиданд. Онҳо диданд, ки баъд аз ноҳто ӯ поида-поида ба қисми пеши киштӣ мерафт ва гадоҳо барин ба ягон касе аз матросҳо даст дароз мекард. Матрос табассумкунон ба ӯ як бурда нони қоки баҳрӣ медод. Одам нони қокро харисона қапида, ба он муддате чун хасис ба тилло, нигоҳ мекард ва баъд ба бағалаш руст менамуд. Матросони дигар ҳам зери лаб хандакунон ба вай чунин садақа медоданд.

Олимон чизе нагуфтанд ва ӯро ба ҳоли худ гузоштанд. Вале онҳо рустӣ омада, ҷои хоби ӯро аз назар гузарониданд. Зери каташ, даруни бистараш, хулоса ҳар гӯшаву сӯрохе, ки дар ҳуҷрааш буд, аз ин нони қоки баҳрӣ пур буд. Бо ин ҳама, ақлаш безиён ва дар ҷояш буд! Ҳама фаҳмиданд, ки бо ин кори худ ӯ фақат пешакӣ ҷораи эҳтимоли гуруснагиро мебинаду бас. «Ин васваса мегузарад!» гуфтанд олимон. Дар ҳақиқат ҳам гузашт ва ҳанӯз киштии «Бедфорд» омада дар бандаргоҳи Сан-Франсиско лангар напартофта буд, ки ӯ аз ин васваса раҳоӣ ёфт.

**Савол ва супориш:**

1.Нодорӣ ва оворагиҳои даврaи ҷавонӣ ба Ҷек Лондон чӣ таъсир расонид?

2.Ҳикояҳои нахустини нависанда кадомҳоянд, мавзӯашон чӣ аст?

3.Барои қаҳрамонони асарҳои Ҷек Лондон кадом хусусиятҳо хос аст?

4.Нависанда чаро узви ҳизб гардид ва чаро онро тарк намуд?

5.Қаҳрамони романи «Мартин Иден» чӣ хислатҳо дорад, ин асар ба асари кадом нависандаи рус
наздикӣ дорад?

6.Порчаеро аз ҳикояи «Дар талоши ҳаёт»-ро хонед ва маънидод кунед.

# МУХТОР АВЕЗОВ
## (1897-1961)

Дар таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ ва ҳолати хатарноки давлату кишварҳо бисёрҳо шуда, ки фарзандони содиқ ва сарсупурда рӯи кор меоянд ва барои наҷоти миллату кишвари хеш бурдборона ҷадал менамоянд.

Мухтор Авезов барои миллати парешони қазоқ аз зумраи ҳамин истеъдодҳои фитрӣ буда, дар замони гирудори инқилобҳо дар замини паҳновари қазоқ нури маърифат пошидааст.

Нависандаи бузурги қазоқ лауреати мукофоти Ленинӣ ва Давлатӣ, аъзои ҳақиқии АИ Қазоқистон Мухтор Умархонович Авезов 28 сентябри соли 1897 дар райони ҳозираи Абай, вилояти Семипалатинск таваллуд ёфтааст.

Авули М. Авезов ба авули шоир ва маорифпарвар Абай хеле наздик буд ва бобои нависанда Авез бо Абай дӯстии мустаҳкам дошт. Аз ҳамин сабаб Мухтори наврас ба шеъру шоирӣ аз ҳамон вақтҳо муҳаббат пайдо кард. Авезбобо набераҳои худ ва фарзандаш Умархонро маҷбур мекард, ки шеърҳои Абайро аз ёд кунанд. Дертар М. Авезов дар ёддоштҳои худ қайд мекунад, ки ман маънии он шеърҳоро дар бачагиам намефаҳмидам. Татяна кӣ буд, Онегин кӣ буд — намедонистам. Вале ҳам шеърҳои Абай ва ҳам мактубҳои Татянаро ба Онегин, ки Абай навишта буд, ҳифз мекардам. Онҳо ҳофизаи маро мустаҳкам менамуданд, малакаи шеъргӯӣ ва шеърхонии маро қавӣ сохтанд.

М. Авезов аввал дар мактаби кӯҳна, баъд дар мадрасаи Семипалатинск таҳсил кард. Чанд муддат дар мактаби русии маҳаллӣ таҳсил карда, забони русиро омӯхт. Баъди ғалабаи Инқилоби Октябр М. Авезов факултети шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Ленинградро хатм кард ва баъд дар Тошканд аспирантураро хатм намуд. Ба ҳамин тариқ, ӯ аз ҷавонии худ сар карда, ҳамчун адиб ва олим ташаккул меёфт. Дар солҳои аввали Ҳокимияти Шӯравӣ солҳои 1918-25 Мухтор Авезов вазифаҳои гуногуни давлатиро иҷро кард. Ӯ котиби сулҳ, раиси ҷамоаи районӣ, шаҳр ва монанди инҳо буд. Дертар тамоман ба кори эҷодӣ, омӯзгорию илмӣ машғул гардид. Дар Донишгоҳи давлатии Қазоқистон аз фолклори қазоқ ва адабиёти пеш аз инқилобии он дарс мегуфт. Як муддати муайян дар Донишгоҳи давлатии Москва курси махсуси «Адабиёти халқҳои СССР»-ро таълим дод ва то охири умри худ 27.VI.1961 мудири сектори фолклори Институти забон ва адабиёти Қазоқистон ба ҳисоб мерафт.

Эҷодиёти М. Авезов бо Инқилоби Октябр баробар оғоз ёфтааст. Ӯ дар ибтидо шеър, ҳикоя ва асарҳои драмавӣ менавишт. Аввалин песаи ӯ «Енлик Кебек» ном дорад, ки соли 1917 навишта шудааст. Драматургияи советии қазоқ аз ҳамин ибтидо мегирад. Ин песа дар бораи Енлик ва Кебек ном ошиқу маъшуқи номурод ҳикоят мекунад.

Ин намоишнома, ки достони зиндагии ғамангез ва дардноки зани қазоқ аст, чунон мавриди истиқболи мардум қарор гирифт, ки ибтидо дар чарогоҳҳо ва хаймаҳои қазоқӣ тавассути мардуми кӯчнишин ичро шуд. Дар соли 1922 ба сурати китоб мунташир шуд ва бо таъсиси театри Қазоқистон дар соли 1926 ба саҳна гузошта шуд. Минбаъд М. Авезов бо драматургия фаъолона машғул шуда, зиёда аз 20 песа навиштааст.

Муҳаққиқони Қазоқистон «Дар себзор» ном песаи ӯро, ки ба ҳаёти зиёиён бахшида шудааст, яке аз асарҳои муҳимми драматургияи советии қазоқ мешуморанд. Драмаҳои М. Авезов на танҳо ба воқеаҳои таърихӣ ва зиндагии сотсиалистӣ бахшида шуданд, балки ӯ дар асоси сюжетҳои фолклорӣ-афсонавӣ низ песаҳо навиштааст. Дар ин бора песаи ӯ «Қобландӣ» шаҳодат медиҳад.

Ҳарчанд ки М. Авезов дар жанрҳои гуногуни адабӣ қувваозмой кардааст, вале истеъдоди баланди ӯ бештар аз ҳама, дар насри бадеи зуҳур кардааст. Ҳикоя, повест ва романҳои ӯ ҳама ба ҳаёти халқи меҳнаткаш, мубориза ҳои синфӣ ва мавқеи коммунистон дар сохтмонҳои сотсиалистӣ бахшида шудаанд.

Аввалин повести М. Авезов «Воқеаи қараш-қараш» дар соли 1927 навишта шудааст. Бо ин асар дар насри бадеии қазоқ методи реализми сотсиалистӣ қадам гузошт. Зеро «Воқеаи қараш-қараш» аз ҳаёти гузаштаи халқи қазоқ ва саъю талоши вакилони халқ барои ҳаёти осудаҳолона инъикос ёфтааст. Ҳамчунин бо ин асар дар насри қазоқ аввалин маротиба образи марди меҳнаткаш дохил шуд ва бо ин асар бори аввал муборизаҳои синфӣ тасвир ёфт. Қаҳрамони «Воқеаи қараш-қараш» Бахтигул ном мардест, ки маишати худро бо дуздиву ғоратгарӣ мегузаронад. Вале ин тарзи рӯзгор ба дилаш зада, ба назди ҳокими қишлоқ Чарасбой меояд, то ки ӯро ба ягон коре таъмин намояд. Вале Чарасбой ба ҷои он ки ба Бахтигул кӯмак расонад, ӯро гунаҳгор ҳисобида, ҷазо медиҳад. Бахтигул Чарасбойро мекушад ва ба кӯҳистон мегурезад. Вайро дастгир карда бадарға мекунанд. Дар бадарға бо револютсионерон шинос шуда мефаҳмад, ки бо роҳи нодуруст рафтааст. Пеш аз вафоташ ба писараш насиҳат мекунад, ки бо роҳи ӯ наравад.

М. Авезов дар солҳои 30-юм як қатор повесту ҳикояҳо навиштааст, ки дар байни онҳо «Тақдири бенавоён» ном повести ӯ хеле машҳур аст. Бузургтарин асаре, ки ба М. Авезов шӯҳрати ҷаҳонӣ овард, эпопеяи «Абай» мебошад. Чунон ки гуфтем, М. Авезов дар бораи Абай аз айёми бачагиаш маълумот дошт ва аз солҳои 30-юм сар карда дар бораи Абай асарҳои драмавӣ менавишт. Худи М. Авезов навиштааст, ки «Пеш аз он ки навиштани романро оғоз кунам, ба таҳқиқ дар бораи аҳвол ва осори шоир пардохтам. Осори ӯро борҳо хондам ва вироиш кардам ва рӯйдодҳои таърихи зиндагии шоир ва осори ӯро гирдоварӣ намудам». Ба муносибати садсолагии рӯзи таваллуди Абай ӯ либреттои «Абай»-ро таълиф кард (с. 1945).

Аввалин романи ӯ бошад, дар бораи Абай соли 1943 ба табъ расидааст. Китоби дуюми онро соли 1947 ба итмом расонид. Соли 1952 романи дигари худро низ дар мавзӯи Абай таълиф кард, ки «Роҳи Абай» ном дошт. Бо ҳамроҳии нависандаи рус Леонид Соболев ин романҳоро ба забони русӣ тарҷума кард. Эпопеяи Абай ба туфайли тарҷумаи русиаш ба бисёр забонҳои халқҳои собики Шӯравӣ ва бо забонҳои гуногуни хориҷӣ тарҷума шудааст.

Нависандаи франсавӣ Луи Арагон М. Авезовро «Шоири бузурги Шарқ» номидааст. Зеро эпопеяи ӯ бо санъати олии нависандагӣ навишта шуда, ҷараёни ҳаёт ва муборизаи Абайро дар роҳи адолат, инсониятпарварӣ, маърифатнок кардани халқи қазоқ ва ба маданияти пешқадами рус наздик кардани он хеле реалистона инъикос мекунад.

Дар китоби якуми роман муҳити бачагию наврасии Абай тасвир ёфтааст. Нависанда нишон медиҳад, ки чашми Абай аз айёми бачагиаш ба низоъу зиддиятҳои қабилавии қазоқ ва муборизаҳои авлодӣ, ба горатгарии феодалҳо ва азобу шиканҷаи мардуми оддии қазоқ ошно буд. Конфликти асосии роман дар байни писар ва падар ба вуҷуд моеяд. Падари Абай, ки Султон огои Қунанбой ном дошт, феодали калон буд. Ӯ бо зӯрӣ, ба зулм ва шиканҷа замин ва молу ҳоли мардумони бечораро аз худ менамуд. Қунанбой мехост, ки Абай ҳамчун фарзанди оқилу донои ӯ давомдиҳандаи кораш бошад. Вале Абай бо илму маърифат ошно шуда, аз беадолатиҳои падари худаш бештар огоҳ мегардад ва тадриҷан душмани падари худ мегардад. Дар китоби якум шоирӣ, шеърхонӣ ва баъзан ба маҳбубааш Тоғҷон навиштани мактубҳои ошиқона тасвир мегардид. Нависанда нишон медиҳад, ки Қунанбой на танҳо чун феодал золим буд, балки чун падар низ марди дилсахту дилозор аст. Падар роҳ намедиҳад, ки Абайи ошиқ Тоғҷонро бигирад, балки ӯро бо Дилда ном духтар маҷбуран хонадор менамояд.

Дар роман образи занон мавқеи хоса дорад. Модар ва момои Абай ҳамчун занҳои мушфиқ тасвир ёфтаанд. Образҳои Тоғҷон ва Ойилим хеле хуб нишон дода шудааст.

М. Авезов типҳои гуногуни занонро нишон медиҳад. Чунончи Салтанат, яке аз дугонаҳои Тоғҷон мутеи тақдир, вале Солеҳа ҷасур ва далеру нотарс буда, дар муҳаббат устувор аст. Ӯ бо маҳбуби худ роҳи гурезро пеш гирифта ба ин васила бахти худро меёбад.

Дар китоби дуюми роман Абай чун тарғиботчии адабиёти рус нишон дода шудааст. Муҳаббати Абай нисбат ба адабиёти рус дар мулоқотҳои ӯ бо Михайлов, ки ӯро бо эҷодиёти Чернишевский ошно мекунад, тасвир ёфтааст.

М. Авезов дар таҳқиқоти адабии худ аз забони форсии тоҷикӣ низ гофил набудааст. Ӯ борҳо дар мақолаҳо ва рисолаҳояш аз таъсири таърихии забон ва адабиёти форсии тоҷикӣ ба забон ва адабиёти қазоқӣ сухан рондааст. Ӯ дар асараш «Аҳвол ва осори Абай» менависад: «Абай ба афсонаҳо ва ҳамосаҳои динӣ ва қаҳрамонии араб ва Эрон ошной

дошт. Фирдавсӣ, Низомӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Навоӣ ва Фузулиро мешинохт ва гоҳо дар ибтидои кори худ аз онон пайравӣ мекард. Аввалин бор тавассути Абай буд, ки шеъри арӯзӣ ба ҳамроҳиии вожаҳои арабӣ ва форсӣ вориди шеъри қазоқ гардид».

М. Авезоврo дар Тоҷикистон чун нависандаи забардаст, донишманди тавоно, фидоии миллати қазоқ мешиносанд ва чун устод Айнӣ, Лоҳутӣ, Турсунзода эҳтиром мекунанд. Романи машҳури ӯ «Абай» ҳанӯз солҳои панҷоҳум дар Тоҷикистон тарҷума ва нашр гардид. Дар бораи аҳволу осори ӯ дар Тоҷикистон мақолаву рисолаҳои зиёд таълиф ва нашр гардиданд. Мирзо Турсунзода ӯро адиби забардаст меномад ва аз шӯҳрати ҷаҳониаш мебоалад. Ҷалол Икромӣ аз дастгирии ҷавонмардонаи М. Авезов ёд карда, ӯро дар радифи Айнӣ устоди худ мешуморад. «Дари меҳру муҳаббатро, менависад. Ҷ. Икромӣ ба сарзамини қазоқ ва мардуми аҷибаш ба рӯи ман асарҳои М. Авезов кушод. Ман баъди мутолиаи «Роҳи Абай» ин даштҳо ва мардуми онро бештар дӯст медоштагӣ шудам».

Анъанаи неки М. Авезоврo имрӯз адибони тоҷику қазоқ идома медиҳанд, ки нишони бақои риштаҳои дӯстии халқҳо ва адабиётҳо мебошад.

Намунаи осор:

Порча аз романи «Абай»

## БОЗГАШТ

## 1

Бача ба хона мешитофт. Ӯ бисёр мехост, ки рӯзи сеюми сафар рӯзи охирини сафар шавад. Тамоми рӯз ӯ аз ҳамроҳонаш ба масофаи тиррас пеш гузашта, аспашро метозонд. Байтас ва Ҷумабои пир ин бетоқатии ӯро дида мегуфтанд:

— Бубин, ин бача ба авули худ чӣ хел шитоб мекунад!

— Бечора! Аз афташ, дар мадраса бисёр зиқ шудааст!

Ва ҳар дуяшон ҳам аспҳояшонро камчин зада, гоҳ резу гоҳе хез карда, ба бача расида мегирифтанд. Ҷумабой шокпари[1] сиёҳи худро дар таги зонуяш зер карда менишаст, Байтас бо нӯги мӯзааш соили[2] дарози хадангиро нигоҳ медошт.

— Бе мо натоз! Ҷарии Есембой бошишгоҳи дуздони роҳзан аст! — фарёд кард аз қафо Байтас.

— Эҳтимол роҳзанҳо аз паси ту пойида гашта истода бошанд, — илова кард Ҷумабой. — «Ин нотарсро, мегӯянд бубинед, ки якка худаш асп метозонад!» Ба сарат калтак зада, коратро мекунанд!

---

[1] Шокпар-калтаки лӯндасар, ки дар асбоби ҷанги дастбагиребон ба сифати аслиҳа кор фармуда мешавад.

[2] Соил-ходаи дарози чангаклори аспдорӣ аст, ки хизмати силоҳро ҳам иҷро мекунад

Ба тобиктигиҳо ин қабилаҳо ҳамсоя буданд: дар ҷануб — Керей, дар гарб — Каракесек, дар шимол — Уак ва дар шарқ — Сибан.

Қабилаи Тобикти ба чанд авлод тақсим мешуд, ки аз онҳо дар ин роман иргизбойҳо, чигитекҳо, бўкеншиҳо, торғайҳо, топайҳо, кўтибакҳо, мамайҳо, қаработирҳо, кўкшеҳо ва дигарон иштирок доранд.

Абай аз авлоди Иргизбой буд.

— Хайр шумо барои чӣ?

— Ой-бой! Бо онҳо мо чӣ кор карда метавонем? Мо ду кас...

— Онҳо бошанд, як даста! Агар моро ҳамқабилаи худ гумон кунанд, чӣ хуб — беофат мегузарем. Вагарна — кор бад — писарбачаро тарсондани шуда, гуфт дар охир Ҷумабой.

Аммо ин суханҳо писарбачаро фақат ба ғайрат оварданд.

- Хайр, агар шумо ҳам ҳеҷ кор карда наметавониста бошед, пас ман хоҳ як худам равам ва хоҳ бо шумо чӣ фарқ дорад?

Ў ба аспаш қамчин зад, онро давонда то худи пастхамии Есембой ягон бор ҳам ба ақибаш баргашта нигоҳ накард.

Ҳамроҳонаш ўро қариб аз назарашон гум карда буданд, вале ў ҳамчунон асп медавонд. Роҳ аз миёни пастию баландиҳо мегузашт. Вақте ки авулҳо ба кўҳи Чингиз кўч кунанд, ин ҷо тамоман камодам шуда мемонад. Он гоҳ аз болои ҳар баландӣ ҳаракати саворагони роҳгузарро пойидан осон мешавад ва барои онҳое ки ризқашонро аз роҳи ғорат кардани моли дигарон меёбанд, аз оббурдаҳо ва пастхамиҳо баромада, ба роҳгузар ҳуҷум кардан кори мушкиле нест.

Байтас ба аломати афсўс сар ҷунбонд.

— Охир ин бача чӣ хел наметарсад? Худоё, ақли ин бача дар ҷояш бошад ё не?

— Ба падараш рафтааст! Бо рафтори худ ў мегўяд, ки « Ман писари гурги боронидида ҳастам «.. Чӣ чора, Байтас, мо ҳам ки аз ў қафо монда наметавонем! Онҳо ҳам аспҳошонро ба тоз андохтанд. Дар таги Байтас аспи бидави ёлсиёҳи худи . Кунанбой буд. Савории Ҷумабой ҳам аспи хўҷаин-тои калонҷуссаи қадбаланди сафеди бидав буд, ки лақабаш Найман-кўк буд. Як кўтал ба зудӣ дар қафо монд, аспҳо ба сўи кўтали дигар тохтанд. Саворон ба қуллаи тале парида баромаданд, аммо писарбача ҳанўз ҳам ба назар наменамуд. Онҳо тохти худро давом доданд. Ва ҳангоме ки ба пастхамӣ ба фуромадан сар карданд, Ҷумабой баногоҳ аз тарафи дасти чап овози суми аспро шунид. Овоз аз тарафи кўтали Есембой, аз он ҳам бадтар—рост аз тарафи ҷаррии Есембой меомад.

«Оҳ, баромад, шайтон! Кори бачекро тамом карду акнун аз думболи мо афтдааст!» — гўён аз дилаш гузаронд. Ҷумабой ва дар ҳолате ки аз тарс тамом дасту по гум карда буд ва ҳатто ба баргашта нигоҳ кардан ҳам ҷуръат надошт, аспашро тозонд. Аммо ҳамон дам овози ҳавлангези манқанамоеро шунид, ки мегуфт:

— Чашматро пўш!

Ҷумабой баргашта нигоҳ кард: рӯи савор бо рӯймоле баста шуда буд, — дар ин ҷоҳо роҳзанон ҳамеша дар вақти ҳуҷумҳои рӯзона ҳамин тавр мекунанд. Байтас сари аспашро ба тарафе гардонда хомӯшона асп тозонд. Пас, ба балои ногаҳонӣ дучор шудан фақат насиби як худи ӯ, Ҷумабой будааст... «Ҳар чӣ ҳам бошад, тан намедиҳам», — гӯён муқаррар кард ӯ дар дилаш ва даст ба шоқпар бурд, ки ба таги зонуяш зер карда буд. Аммо ҳамон лаҳза як фикри даҳшатангезе ба хотираш расид: охир дузд ҳам бо шоқпари худ ба сари ӯ кӯфта метавонад, — ин аст, ки ӯ сарашро ба болои ёли асп хам кард.

Одами ношинос ба Ҷумабой маҷоли аз таги зонуяш калтак кашиданро надод: вай ба пирмард дарафтиду телпаки сиёҳи лапарвасеи сиёҳашро зуд ба болои чашмонаш фуровард. Ҷумабой ёрои сар бардоштан надошт. Ба талош кардан бо душман вай ҷасорат намекард, аз дасти вай бадар канам гӯяд, акнун роҳи ин кор баста буд. Роҳзан аз саросемагии ӯ истифода бурда ва ба як тарзи густохона шоқпарро аз дасти ӯ зада гирифт. Найман-кӯк нохост гӯё ин ки монеае аз пешаш баромада бошад, дар айни тохт истод. Ҷумабой боэҳтиёт сарашро бардошт ва ларзон телпакашро аз пешонааш боло кард.

Ин ки мебинад, дар хоб аст ё дар бедорӣ? Дар рӯ ба рӯи вай дар болои асп писарбача нишастааст!.. Ана ҳамин будааст, ки ба ӯ дарафтида, шоқпарро аз дасташ зада гирифта, аспашро нигоҳ дошта ва акнун қоҳ-қоҳ механдаду аз шиддати ханда калимае аз даҳан баровarda наметавонад. Не, Ҷумабой саҳв накардааст: дар ҳақиқат ҳам дар рӯ ба рӯи вай «гургбачаи Қунанбой» — Абай истода буд.

Ҷумабой барои аз писарбача ин тавр аз ҳад берун тарсиданаш ҳам шармаш омад ва ҳам аз худ дар қаҳру ғазаб шуд.

— Ой, писарам, бо ин ҳазлу шӯхиҳоят ба сарамон ягон офате биёрӣ ҳам аҷаб нест! Ҷои шӯхиро ёфтӣ — дар худи лонаи دуздон! — норозиёна гуфт вай.

Рӯи сиёҳгуни писарбача аз хандае, ки онро нигоҳ доштанӣ мешуд, сурх шуд ва ӯ сарашро хам карда, телпаки чаппа кардашудаи худро роста карда гирифт. Абай монанди роҳзанони ҳақиқӣ ҷома ва кулоҳчини худро чаппакарда пӯшида, рӯяшро бо рӯймол баста буд ва аз паси Ҷумабой асп тозонда мисли дузди ботаҷриба овозашро дигар карда ва суханҳоро аз пешгоҳи димоғаш бароварда дод мезад, ки ӯро аз овозаш нашиносанд.

Дар ин дам Байтас баргашта ба пеши онҳо омад. Гуфтан маҳол буд, ки вай тарсидааст ё не. Акнун шӯхии Абай будани ин корро фаҳмида бо хандаи хушҳолона наздик мешуд:

— Нигоҳ кун, ӯ ҳатто қашқаи пешонаи самандашро ҳам лой молидааст!

Ҷумабой фақат ҳозир дид, ки писарбача қашқаи аспашро лой молида будааст. Аммо Ҷумабой одат карда буд, ки ҳама вайро иззат кунанд

ва бинобар ин асло намехост, ки хандахариш шавад. Ӯ ҳамаи кори шудагиро ба шӯхӣ гардонданӣ шуд ва зӯр ба зӯракӣ табассумкунон гуфт:

— Оҳ, ин бачекро бинед — тамом ба падараш рафтааст! Ҳам кереиҳо ва ҳам уакҳо доим меноланд: «Тобиқтигиҳо дуздҳои гузаро, тобиқтигиҳо роҳзан мебошанд!» Охир онҳо чӣ хел наноланд, ки дар Тобиқти[1] ҳатто ба кӯдаки ширмак ҳам ҳама ҳилаю найрангҳои дуздон маълум аст?

Абай кайҳо ҳис карда буд, ки падараш ин пирмардро ҳурмат мекунад. Ӯ барои чӣ ба шаҳр рафтани Ҷумабойро аниқ намедонист, аммо аз гуфтугӯҳое ки дар роҳ шуд, фаҳмид, ки вай ба шаҳр барои кори муҳимме омадааст ва ин кор супориши худи Қунанбой аст. Писарбача хандаро бас кард ва ба Ҷумабой наздик шуд.

— Роҳамон ҳоло дуру дароз аст, — ман ҳам дилҳо як қадар кушода шавад, гуфта шӯхӣ кардам. Маро бубахшед, Ҷумаке!

Суханҳои ӯ бо оҳанги навозиш гуфта шуда буданд ва Ҷумабой аз ин хурсанд шуда чизе нагуфта фақат ба Абай нигоҳ карда монд.

Найман-кӯк ба резачорпои ҳамвори тез гузашт, аспҳои дигар ҳам бо ҳамон гашт аз паи вай афтоданд. Писарбача гӯё бол баровард. Он ҳиссе, ки ӯро ба авули зоидашудааш моил мекард, боз дар дилаш боло гирифт ва аспашро қамчин зада пеш тохт. Ҳамроҳонаш ӯро боз нигоҳ доштанӣ шуданд.

— Бас кун, мегӯянд ба ту, писарам! Аспро тозонда аз кор мебарорӣ.

— Танҳо ки пеш рафтӣ — ҳақиқатан ҳам ба дасти роҳзанҳо афтоданат мумкин аст.

Аммо дили писарбачаи навакак аз шаҳр, аз мадрасаи хобовари дилгиркунанда халосхӯрда он қадар ба сӯи авули азизаш кашол буд, ки ӯ ба ин насиҳатҳо гӯш намедод. Ғайр аз ин ҳам ҷарии Есембой ва роҳзаноне, ки ҳамроҳони ӯро ин тавр дар даҳшат андохта буданд, барои ӯ чандон ҷои ваҳм надоштанд! Дар охири охирон ин роҳзанон аз қазоқҳои дигари ин гирду атроф чӣ фарқ доранд? Магар ки фарқашон фақат дар ин аст, ки либосашон куҳнатар, абзоли аспашон бекаррӯфар аст ва ҳам дар дастҳошон соил доранд.

Теппаи Қаравулон, дараи Ниҳон ба Абай баробари авули худ шиносо мебошанд. Соле ду бор — дар баҳор ва тирамоҳ — авули Қунанбой ба ин ҷо кӯч мекунад ва муддати дарозе дар ин ҷо мемонад. Ҳар дара, ҷар, пастхамӣ, ҷоҳое ки тойчаҳоро мебанданд ва ё юртҳоро рост мекунанд, чарогоҳҳои гӯсфандон дар болои он баландие ки аз роҳ аён мешавад, — ҳамаи ин ҷоҳо ба Абай шиносо ва ба дили ӯ наздик аст. Дар ҳамин қарибиҳо пеш аз рафтанаш ба шаҳр ӯ дар ин ҷо шӯхию бозӣ карда мегашт, бо бачаҳо дав-давакбозӣ мекард, баҳс ба баҳс медавид, бо бачаҳои дигар

---

[1] *Тобиқти* — қабилаи калони қазоқҳои Жузи Миёна (Ӯрдаи Миёна), ки дар ҷануби вилояти ҳозираи Семипалатинск — дар ҳамаи территорияи қаторкӯҳи Чингиз ва дар даштҳои шимолтари он сокин буданд.

ба калтатойҳо савор шуда, пойга барпо мекарданд, бучулбозӣ мекарданд.

Ва акнун, ки: «Дар ин ҷо бошишгоҳи дуздон, ҷои хатарнок, макони ҳар гуна касофатҳо аст» мегӯянд, ҳеч кадоме аз ин суханони пурвоҳима ба ӯ таъсире намекунанд. Дар пеши назари ӯ талҳои зард, маргзорҳои сабз, майдони яланги нопайдоканори ковилзори[1] нукратоб, ки пеши онро гӯё пардаи ларзоне гирифтааст, густурда шудаанд. Абай ба атроф - ба дашти беканор, ба баландиҳое, ки ӯ дар ин ҷоҳо зоида шуда ва давраи бачагиашро гузарондааст, бо муҳаббат ва ҳаяҷон нигоҳ мекунад. Ҳамаи инҳоро оғӯш карданаш ва гарм-гарм бӯсиданаш меояд. Боди серуни даштӣ, ки на шиддат мекунад ва на ороми беҳаракат мешавад, чӣ фараҳбахш аст! Дашт яксар аз ин сар то он сар аз ин бод лапиш мехӯрад ва ковил мавҷ мезанад. Не ин дашт нест, — баҳри беканор, баҳри афсонавӣ аст… Абай аз он чашм канда наметавонад, ӯ хомӯшона ин дашти бениҳоятро тамошо мекунад. Абай аз он тарсе дар дил надорад,—ӯ агар метавонист лабонашро ба рӯи он мерасонду бо камоли меҳру муҳаббат пичирросзанон мегуфт: «Ман туро хеле пазмон шудам! Эҳтимол дорад, ту ба дигарон ҳайбатангез намоӣ — лекин на ба ман! Диёри азизам, дашти ҷоночонам!..»

Писарбача пеш метозад ва дар дуродури сабзи нукратоб базӯр ба назар намоён мешавад. Ӯро нигоҳ доштан маҳол аст.

Кор аз рӯи дилхоҳи Абай шуд: аз худи Қориқ саворон як бор ҳам барои дамгирӣ қарор нагирифтанд. Тамоми рӯз онҳо аз болои асп нафуромаданд, аспҳошон кафк карда буданд ва қарибиҳои намози шом буд, ки саворон ниҳоят ба авули Қунанбой расиданд: ин авул дар Кӯлқайнар воқеъ буда ва дар он модари Абай — Улҷон истиқомат дошт.

Кӯлқайнар бо чашмаи зулоли обаш адонашаванда шӯҳрат дошта бошад ҳам, лекин онро бошишгоҳи калон номидан мумкин нест. Одатан дар болои роҳ дар вақти ба кӯҳи Чингиз барои тобистонгузаронӣ рафтан чанд авули Қунанбой дар ин ҷо қарор мегиранд[2].

---

[1] *Ковил* — як навъ гиёҳи ёбоӣ.

[2] Дар қазоқони кӯчманчӣ авул иборат аз як гурӯҳ юртҳое буд, ки мувофиқи нишонаҳои хоҷагӣ ва оилавӣ муттаҳид мешуданд. Авул барои аз ҷое ба ҷое кӯчидан бошишгоҳҳо дошт: «кӯктав» — бошишгоҳи баҳрӣ, «чайлав» — тобистонӣ, «кузев» — тирамоҳӣ, «қистав» — зимистонӣ. Дар пушти авул иморатҳои чӯбкорӣ ва лоиш сохта мешуданд. Бошишгоҳҳо мувофиқи созиши байни сардорҳои авлодҳо баста шуда, ба фалон авул вобаста карда мешуданд ва доим сабаби низои байни авулҳои ҷудогона ва авлодҳо буданд.

Соҳиби авул одами бобизоат, сардори оила, бой ё оқсақол буд ва авул ба худ номи вайро мегирифт. Юрти калони вай дар сари авул рост карда мешуд, аз он поинтар камонвор «отавҳо» — яъне юртҳои наврескардашудаи писарони шидораш, пас аз он юртҳои хешҳои наздик, юртҳои махсуси меҳмондорӣ барои мусофирон ва аз ниҳо поинтар юртҳои ҳамсоягони ба авул хизматкунанда ҷой мегирифтанд. Дар ин сари авул «кӯтан» — қураи гӯсфандон, «челӣ» — ҷои гойчабандӣ дуруст

Дар назди юртҳои худи Қунанбой юртҳои зану бачаҳояш зич-зич ҷо гирифта буданд. Нафаси ҳаёт ба дашта бегоҳонӣ ҷон медаровард. Ак-аки сагон, доду фарёдҳои чӯпонон, маосзании гӯсфандон ва баррагон, овози суми аспон, ки дартоз ба обхӯра мерафтанд ва ҷанги тиллорангеро мехезонданд, шиҳакашии тойчагон, ки нав аз ресмон кушода шуда ва дар ҷустуҷӯи модарҳошон дар дашт аз ин сӯ ба он сӯ медавиданд... Дуде ки аз гулханҳо рӯ ба осмони софи бегоҳонӣ баланд мешавад, мисли пардаи хокистарранги сиёҳтобе яксар бар болои юртҳо овезон аст. Писарбача дар шаҳр ана ҳаминҳоро ёд мекард! Ана ҳамин чизҳост, ки дили ӯро мо-нанди аспи бидави шӯх аз шиддати ҳаяҷон ба ширин-ширин тапидан во-дор мекунад, ана ҳамин чизҳост, ки тамоми ҳастии ӯро фаро мегирад!..

Саворон ба авул, ки дар лаби худи чашма воқеъ шуда буд, наздик омаданд. Панҷ юрти сафед дар пешгоҳ истода буданд. Ин манзили серодами ду зани хурдии Қунанбой — Улҷон ва Айғиз буд. Зани калонӣ — Кунке — дар авули дигар зиндагӣ мекард.

Саворонро дарров шинохтанд. Онҳо аз миёни рамаи гӯсфандон, ки ба ҷарои шабона равон буданд, ба худ роҳ кушода, рост ба тарафи юртҳои калони сафед асп тозонданд. Аз ҳама пеш онҳоро занони дар миёни рамаи гӯсфандон будагӣ диданд. Онҳо сатил дар даст, барҳои доманашонро ба миёнашон халонда ва пешгирҳои калон баста, гӯсфандҳоро меҷӯшиданд. Онҳо ба ояндагон синча карда, ҳама якбора ба гап даромаданд:

— Инҳо аз шаҳр! Аз шаҳр баргаштанд!

— Ана Абай ҳам!.. Абай, азизам!

— Ин Телқаро-ку! Худоё, Телқаро![1] Тохта рафта, ба модараш мужда расонам! — Инро гуфта зани ҷавон сатилро партофту ба тарафи Юрти Калон тохт.

---

карда мешуд; барои паширпазӣ ва ҳоказо юртҳои алоҳида рост карда мешуданд. Писарон ва хешовандони наздики соҳиби авул бо вай якҷоя кӯч мекарданд ва ин то он даме давом мекард, ки саршумори рамаи авул аз миқдори муқарраршуда мегузашт, обдиҳии чорпоён, ҷарондан ва нигоҳубини онҳо дигар душворӣ мекард (чунончи, масалан дар як рама аз ҳазор сар гӯсфанд зиёдтар нигоҳ доштан мумкин набуд). Он гоҳ аъзоёни оила бо чорпоён, юртҳо ва ҳамсоягони худ аз авули Калон ҷудо шуда, авули нави мутсақил ташкил медоданд, ки алоҳида, вале одатан дар наздики авули падар кӯч мекунад ва зимистон мегузаронад.

Ҳама корҳои рӯзгорро дар авул ҳамсоягон — яъне хешовандони камбағал ва ё батракҳо иҷро мекарданд, ки ба бадали хизмати худ ҷинсан, чунончи ҳиссае аз шир, пашм ё якчанд сар чорпо барои кушта хӯрдан ҳақ мегирифтанд. Камбағалтарин қисми ҳамсоягон — ҷатакҳо — бо авул мавсим ба мавсим кӯч намекарданд, балки дар бошишгоҳи зимистонӣ монда, иморатҳоро дидбонӣ мекарданд (Қайди муаллиф).

[1] Лақаби бачагии Абай аст, ки ӯро модар ва модаркалонаш калон карда буданд; Тел — бачаи ширмаки чорпоест, ки ба он ду мода шир дода бошанд; қаро — сиёҳ гуфтан аст.

Улҷон дар интизории писараш ком шуда буд. Аз худи ҳамон дақиқае, ки Байтас аз паси ӯ ба шаҳр равон шуд, кори модараш рӯзу соатшумурӣ шуд. Вақти роҳи рафтуомадро ҳисоб карда, рӯзи омадани онҳоро ҳамин рӯз тахмин карда буд. Овози нидоҳои занон зуд ба гӯши вай расиданд.

Улҷон бо рӯи фарбеҳаш табассумкунон аз дасти кампире гирифта аз юрт баромад; ин модари Қунанбой, модаршӯи пираш Зере буд, ки омадани набераи дӯстдорашро ба вай хабар дода буд.

Абай нав аз болои асп фуромада буд, ки касе аспи ӯро гирифта бурд. Мардуми бисёре ҷамъ шуда бошанд ҳам, писарбача дарҳол модари худро дид. Ҳамон дам ба сӯи модараш тохт, аммо Улҷон ӯро боздошт:

— Э, писарам, нури чашмам, нигоҳ кун-ҳӯ падарат истодааст! Аввал ба он кас салом деҳ!

Абай зуд баргашт ва фақат акнун падарашро дид. Қунанбой бо чанд нафар мӯйсафед андаке он тарафтар, дар ақиби Юрти Меҳмонфарой истода буд. Писарбача аз саҳви худ дар хиҷолат монда, ба тарафи падар равон шуд. Байтас ва Ҷумабой пиёда шуда ва аспҳоро аз лаҷомашон гирифта, низ ба тарафи Қунанбой мерафтанд. Қунанбой, ки марди қоматбаланди тануманди ришмошубиринҷе буд, ба тарафи онҳо ҳатто назаре ҳам наандохт: вай якчашма буда, ин як чашмаш дар чеҳраи рангпаридаи гӯё шахшудамондааш ба тарзи аҷибе медурахшид. Аз тарафи дигари авул ба сӯи вай якчанд саворагони фарбеҳ, хушлибос наздик меомаданд, ки дар зери пояшон аспҳои бисёр хуб буд. Ба андозае, ки аз дур ҳукм кардан мумкин буд, инҳо ҳама оқсақолҳо буданд. Қунанбой гӯё омадани онҳоро мунтазир буд: вай ба ояндагон чашм дӯхта буд.

Байтас ва Ҷумабой ҳанӯз ба назди Қунанбой нарасида буданд, ки Абай ба пеши падараш омада истод. Қунанбой сарашро гардонд, саломи писарашро қабул кард, аммо аз ҷояш наҷунбид, писарашро ба пеши худ чеғ назад. Вай фақат ба Абай нигоҳи тезутунде карду гуфт:

— Ту калон шудӣ ва ба воя расидӣ. Оё донишҳоят ҳам дар баробари худат комил шудаанд?

Ин писханд аст ё шубҳа? Оё ҳақиқатан ҳам падар ҳоли ӯро пурсиданӣ аст?.. Писарбача аз кӯдакиаш ба чашм накандан аз ҳар ҳаракати абрувони падараш одат карда буд, — чӯпони ботаҷриба ҳам ҳамин тавр дар соли ҷут аз абрҳои осмон чашм намеканад ва падараш барои ин ҳушёриаш ӯро аз ҳама бачагони дигараш фарқ мекард. Ҳозир равшан буд, ки фикри Қунанбой асло на ба писараш, балки ба саворагони наздикоянда банд аст. Аммо Абай ҳаминро ҳам нағз медонист, ки падараш ба саволи худ ҷавоб нашуниданро ҳеҷ тобу тоқат надорад, бинобар ин ӯ бо тамкин гуфт:

---

*Ҷут* — офати табиист, ки дар вақти бисёр хунук омадани ҳавои зимистон чорпоён аз таги қабати ғафси барф ва ё аз таги пардаи ях ба худ хӯрок пайдо карда наметавонанд ва аз бехӯрокӣ мемуранд.



12 – 19

— Шукр ба худо, падар! — Ва баъд аз андаке сукут илова кард: — Дарс ҳанӯз тамом нашудааст, лекин шумо аз паси ман асп фиристодед. Ҳазрат фотиҳа дод ва ман ба хона баргаштам.

Дар назди падар бо ҳамроҳии навкараш Майбасар истода буд — вай додари хурдии Кунанбой, писари яке аз занҳои падари Кунанбой буд. Кунанбой имсол оғосултон[1] ки шуд, Майбасарро ба болои қабилаи Тобикти ҳокими волост карда монд.

Майбасар аз ҷавоби Абай хурсанд шуда, ба гап сар кард:

— Ӯ акнун тамоман калон шудааст…

Аммо Кунанбой сухани вайро бурида кӯтоҳакак гуфт:

— Бирав, писарам, бо модаронат вохӯрдӣ кун!

Абай ҳам фақат ба ҳамин нигарон буд. Ӯ ба сӯи модараш тохт, аммо касе ӯро даст гирифта, оғӯш кард ва ҳамон дам ба сару рӯи ӯ жолавор бӯсаҳои занону мардони пири бисёре боридан гирифт. Маълум мешавад, дар назари онҳо Абай ҳанӯз хам кӯдак аст?.. Писар ҳатто аз хиҷолат сурх шуда, чӣ кор карданашро надонист: оташин шавад ё ин ки ба ин навозишу дӯстдориҳо бо хурсандӣ ҷавоб гардонад? Дар чашми баъзе кампирҳо ашк намудор буд.

Абай ниҳоят аз ин оғӯшҳо раҳой ёфта, ба пеши модараш рафт. Модараш Улҷон ва зани сеюми Кунанбой, Айғизи хушрӯй дар паҳлуи якдигар рост истода буданд. Айғиз гуфт:

— Ана хар хел одамҳои чиркин бо оби даҳанашон ҳамаи рӯи бачаи моро тар кардаанд, акнун ҷои бӯса кардан ҳам намондааст! — Инро гуфта вай бо як лабханди ҳавобаландона Абайро аз чашмонаш бӯсид.

Ҳангоме ки ӯ ниҳоят ба назди модари худ омад, вай ӯро бӯса накард: вай писарашро фақат маҳкам дар бағал кашида, ба синааш зер карду бӯи мӯйсари ӯро ҳарисона бӯ кашидан гирифт. Камоли худдории ба ҳеҷ ҳаяҷон таннадиҳанда ва камоли хунсардии падараш кайҳо ба модараш ҳам гузашта буд; писар инро медонист ва аз ин зиёдтарро чашм надошт. Аммо дар оғӯши хомӯшонаи модар ӯ чунон як гармӣ ва муҳаббат ҳис кард, ки дилаш дар сандуқи синааш сахт-сахт ба задан даромад…

Улҷон ӯро дар пеши худ бисёр нигоҳ надошт.

— Ба пеши модаркалонат рав, — гуфт вай ва сари писарашро ба тарафи Юрти Калон гардонд.

Зереи пир ба асо такякунон дар ҳаққи Аббай ғур-ғур мекард:

— Бачаи нобакор, рост ба пеши ман наомад! Аввал ба пеши падарат рафтӣ, нобакор! — гӯён ғурунг-ғурунг мекард вай. Аммо ҳамин ки наберaашро дар оғӯши худ дид, ҷои таънаву коҳишро суханҳои пурнавози-

[1] *Огосултон* — сардори приказн округӣ. Вай дар ҷамъомади умумии округ аз байни сардорони авлодҳои қазоқ интихоб карда шуда, аз тарафи генерал-губернатори Сибири Ғарбӣ тасдиқ карда мешуд ва бо ҳамроҳии ноибаш — амалдор ё офисери рус корҳои қазоқони сокини як округро месанҷид. Кунанбой дар солҳои 1857-1858 ого-султони округи Қаркаралӣ буд.

ши муҳаббатомез гирифт. — Нури чашмам, бачаи хурдакакам, Абай, дилу ҷонакам! — мегуфт модаркалонаш ва дар чашмонаш донаҳои калон-калони ашки шаффоф чарх заданд.

То ба даруни юрт даромадан кампир Абайро аз оғӯшаш сар надод. Ӯ дар ин ҷо бисёр нишаст. Рӯз тамоман торик шуда монд. Модаронаш ӯро дам кимиз, дам гӯшти яхнӣ, дам чой зиёфат мекарданд, аммо дили Абай ҳеҷ чиз намекашид, — агарчи аз худи пагоҳӣ чизе ба даҳан накарда бошад ҳам, гуруснагиро ҳис намекард. Ҳар ду модар ва занони дигар пай дар пай писарбачаро саволборон мекарданд:

— Хонданатро тамом кардӣ?

— Хонда мулло шудӣ?

— Аз ҳама зиёдтар киро ёд мекардӣ?

Абай ба ҳама саволҳо ҳа-не гуфта ҷавоб медод. Аммо саволи охирин ӯро хушёр кард.

— Оспан куҷост? Вай куҷо рафт? — Ҳама фаҳмиданд, ки ӯ аз ҳама зиёдтар додари хурдиаш, Оспани шӯхро пазмон шудааст.

— Кӣ медонад? Ягон ҷо бозӣ карда гаштагист, бекорхӯҷа. Вай имрӯз ҳамаи моро танг кард, ана аз барои ҳамин ману модаркалонат вайро пеш кардем. — Инро гуфта Улҷон ба тарафи Зере ишорат кард.

Кампир дар бораи вай сухан рафтанро фаҳмид ва пурсид:

— А? Шумо чӣ гуфтед? Чӣ гуфта истоданатонро намешунавам.

Абай модаркалонашро дар оғӯш кард ва бо овози баланд, даҳони худро ба гӯши вай наздик оварда гуфт:

— Бибӣ, порсол ту ин хел набудӣ. Гӯшатро чӣ шуд?

— Аз бибиат чӣ монд, нури чашмам? Як фақат устухон! — андӯҳгинона ҷавоб дод кампир.

Дили Абай ба ҳоли кампир, ки дар миёни одамон бошад ҳам, ба танҳоӣ маҳкум аст, бисёр сӯхт.

— Гӯшатро нағз кардан мумкин! Як озмоӣ чӣ?

Ҳам Зере ва ҳам ҳамаи дар атроф будагон хандиданд, аммо кампир бача наранҷад гуфта бо табассум ҷавоб дод:

— Агар мулло дуо хонда, куфу суф кунад, гоҳо мешавад, ки гӯшам мешунавад. Ин нафъ мекунад.

— Хайр, чӣ — гуфт бо лабханд Айғиз, — набераат аллакай мулло шуд, модом ки куфу суф нафъ мекарда бошад, куф кунад-дия!

Аммо занони дигар ҳам гӯё ин ки ҳақиқатан ҳам ба муллоии Абай умед дошта бошанд, бо оҳанги ҷиддӣ такрор карданд:

— Ба гӯшаш як куф кунад! Ҳеҷ набошад, дили кампири бечора сабук-ку мешавад...

Абай медонист, ки ин усули табобат, яъне куфу суф кардан, ҳам ба ҷои дарднок оби рангаи дам- андохташударо пошидан, — ҳама усулҳои муқаррарии ҳар мулло мебошанд, ки аз корҳои фолбинзани оддӣ ҳеҷ фарқ надоранд. Абай табассумкунон менишаст, гӯё ба нохинҷории вазъияте ки афти-

да буд, тааҷҷуб мекард, баъд нохост дасташро ба гардани бибиаш ҳалқа кард ва ба гӯши вай гоҳ пичирросзанон ва гоҳ ба нимовоз гуфтан гирифт:

Чеҳрааш равшантар аз гулҳои боғ,
Чашмҳояш гавҳарони шабчароғ.
Рӯй сурху гарданаш бошад сафед,
Дасти қудрат абрувонашро кашид…

Дар юрт нишастагон чизеро сарфаҳм нарафтанд. Ҳама ӯ дуо хонда истодааст, гуфта муқаррар карданд. Писарбача чорзону нишаста бо қиёфати ҷиддӣ лабҳояшро меҷунбонд ва баъд аз хонда шудани ҳар банд мисли муллои ҳақиқӣ ба гӯши модаркалонаш куфу суф мекард:

— Су-ууф!

Ин шеъри худи ӯ буд. Ӯ ин шеърро баҳор ба тақлиди шеърҳои Навоӣ ва Фузулӣ навишта буд. Аммо занҳо ҳанӯз ҳам дар куҷо будани гапро намефаҳмиданд, — ба онҳо чунин менамуд, ки Абай дуо хонда истодааст. Барои давом додани ин саҳви онҳо писарбача бо нимпичиррос гап мезад ва танҳо дар охир ҳилаи худро дигар пинҳон накарда, овозашро баланд кард. Муллоҳои қуръонхон барин ӯ ҳам чашмонашро нимпӯш карда ва баданашро пасу пеш бурда оварда хондани шеърашро ин тариқ тамом кард:

Паранда шитобад ба сӯи ҷануб,
Ту ҳам маҳлиқо мешитобӣ чунон…
Шуда гӯши бибии ман кар, варо
Ба шеърам табобат намоям, бидон!
Ва ӯ боз ба гӯши Зере суф кард.

Фақат акнун ҳама ба шӯхии ӯ пай бурданд ва хандиданд. Худи модаркалон ҳам фаҳмид. Вай оҳистакак хандид ва хурсанд шуда, рӯяшро ба пешонаи наберааш расонда, чанд бор ӯро дӯстдорона тип-тип ба тахтапушташ зада монд.

Ӯ модаркалонашро оғӯш карда пурсид:

— Хайр акнун чӣ, нағз мешунавӣ?

— Ҳа, даррав нағз шуд. Илоҳӣ сафедбахт шавӣ, — дуо кард модаркалонаш.

Шӯхии писарбача калонсолонро ҳам хандонд ва ҳам ҳайрон кард.

Модараш Улҷон хандид, вале дертар аз дигарон. Вай ба қиёфати андешамандона ба писараш нигоҳ кард. Ӯ дар ин як сол хеле калон шудааст, ба камол расидааст, дар чашмонаш аломати зиракӣ ва ҳушмандӣ намоён аст ва ӯ аз бародарони худ чӣ андоза фарқи калон дорад!

Ба даруни юрт шабармани[1] Майбасар, Қамисбои ришкалон даромад. Аз остона қадам монда ба писарбача рӯй оварда гуфт:

[1] *Шабарман* — косид, чапар

— Абай, азизам, падарат туро чеғ мезанад!

Юртро ҳамон дам як хомӯшӣ фаро гирифт. Он ҳиссиёте, ки Абай тамоми бегоҳӣ ба онҳо дода шуда буд, якбора ба як он ғоиб гаштанд. Ӯ чизе нагуфта баромад.

Юрти Меҳмонфаройӣ тамоман ба юрти модаронаш монанд нест, ҳатто намуди зоҳириаш ҳам сард аст. Абай ба юрт даромадан замон бо овози баланд ва ба таври сареҳ ба ҳама салом дод. Калонсолон ҳам ба саломи ӯ ҳамон тавр ҷавоб гардониданд. Одамон бисёр набуданд: Қунанбой, Майбасар, Ҷумабой ва якчанд нафар аз оқсақолони қабилаи Тобиқти — Байсал Бужей, Қаратой ва Суюндик ҳозир буданд. Аз ҷавонон дар ин ҷо як Ҷиренше нишаста буд, ки додарзодаи Байсал буд; вай аз Абай ба сол калонтар бошад ҳам, бо ӯ ҷӯрагӣ мекард.

Абай аз бачагиаш медонист, ки агар падараш бо ин гуна одамон, хусусан бо чанд нафар оқсақолҳои обрӯманд машварат мекарда бошад, маънои ин чунин аст, ки як кори аз одат берунеро пеш гирифтанӣ шудааст. То ин дам Абай дар ин гуна кенгошҳо иштирок намекард. Имрӯз падараш ӯро дафъаи якум чеғ задааст ва ин корро зоҳиран бо мақсаде кардааст.

Ҳамин ки Абай нишаст, пирамардҳо аз ӯ дар бораи тарзи зиндагиаш дар шаҳр, аз таҳсилаш ва ниҳоят аз саломатиаш пурсидан гирифтанд. Хусусан Қаратой, ки пирмарди хушчақчақи кушодарӯе буд, ба Абай меҳрубонӣ ва илтифот кард. Вай ба Абай нигоҳ карда истода писарони дигари Қунанбойро ҳам ёд кард.

— Тақиҷони ту ҷавони ҷасур аст, — гуфт вай, — бисёр чобуки ҳушёр...

**Савол ва супориш:**

1.Мухтор Авезов чӣ гуна таҳсил кардаву дар кадом вазифаҳо кор кардааст?

2.Нависанда ба ном ва мероси классики адабиёти қазоқ Абай аз кадом давра шинос аст?

3.Нависанда дар оғози фаъолияти нависандагиаш чиҳо навиштааст?

4.Повести нахустини нависанда чӣ ном дорад ва ба кадом масъала бахшида шудааст?

5.Романи «Абай» дар кадом давраи эҷодиёти нависанда таълиф гардидааст, мавзӯаш чӣ аст?

6.Миёни М. Авезов ва адибони тоҷик чӣ иртиботе вуҷуд дорад?

7.Порчаи додашударо аз романи «Абай» хонед ва маънидод намоед.

## ЗИЁ ҚОРИЗОДА
**(1922-1989)**

Зиё Қоризода аз шоирони маъруфи Афғонистон маҳсуб шуда, соли 1922 дар Кобул таваллуд ёфтааст. Падари шоир, ки марди босаводу

бофарҳанг буд, барои таълими фарзанди худ тамоми шароитҳои мавҷударо фароҳам меоварад, то ки ӯ шахси ҳунарманду босавод ба воя расад. Бар замми ин падар мекӯшад, ки Зиё баробари омӯхтани илмҳои замонааш ба аз худ карадани шеър ва навохтани асбобҳои мусиқӣ низ балад гардид. Зиё Қоризода мактаби «Наҷот»-ро бо баҳои хубу аъло ба итмом расонида, чанде дар «Анҷумани таърих» ифои вазифа мекунад. Қобилияту истеъдоди ӯро ба инобат гирифта, намояндаи матбуоти Афғонистон дар Туркия таъйин мекунанд. Қоризода дар Туркия низ тавассути мақолаву шеърҳои оташини худ ваҳдати қавмҳои Афғонистонро тараннум кардааст:

Биё, ки якдилу якрангу ҳамзабон бошем,
Барои ваҳдати ин қавм ҷонфишон бошем...
Биё, ки мамлакат аз мо вифоқ металабад,
Биё, ки муттафиқу шоду тавъамон бошем.

Чунин андешаҳои ватандӯстонаву меҳнатпарастии Қоризодаро дар шеърҳои «Ҳадаф ё мурод», «Ҳадафи миллӣ», «Наргиси бедор», «Равиши чарх» ва ғайра эҳсос намудан мумкин аст. Ӯ дар радифи шоирону нависандагони равшанфикр ба монанди Маҳмуди Тарзӣ, Абдулалии Мӯстағнӣ, Абдулҳодӣ Довӣ, Исмоили Сиёҳ, Орифи Чаёбӣ ва дигар суханварони афғон дар рушду нумӯ ва ба роҳҳои пешқадам ҳидоя ва раҳсипор намудани адабиёти миллии худ хизматҳои барозандае кардааст.

Зиё Қоризода баъди бозгашт аз Туркия ба вазифаи директори театри миллии Афғонистон пазируфта шуд. Чанд муддат мушовирии вазорати маданияти ин кишварро низ ба ӯҳда дошт.

Мероси адабии Зиё Қоризода хеле бой ва рангин буда маҷмӯаҳои ашъори ӯ «Найнавоз» (1949), «Паёми бохабар ва забони табиат» (1958), «Ашъори нав» (1958), «Ҳадаф» (1959), «Озодагон» (1961), «Мунтахаби ашъор» (1964) ва ғайра аз шӯҳрат ва эътибори ӯ дар ин кишвар шаҳодат медиҳад.

Чӣ хеле, ки муҳаққиқони адабиёти Афғонистон таъкид мекунанд, адабиёти нави ин кишвар аз соли 1919 шурӯъ шуда, то имрӯз идома меёбад. Раванди адабиёти Афғонистон бо ҳаёти халқу мамлакат сахт пайванд буда, масъалаҳои мубрами рӯз ва масоили ҳассоси зиндагӣ дар навиштаҳои уламову удабои ин кишвар инъикос ёфтааст. Кӯшишҳои демократикунонии адабиёт ва ба нафъи мардум равона кардани каломи бадеӣ низ аз ҳамин давра оғоз ёфтааст.

З. Қоризода низ чун фарзанди ин миҳани ҷабрдида дар ашъори худ ба масъалаи озодиву истиқлол, инъикоси ҳаёти воқеӣ, тараннуми зиндагии халқи заҳматкаш, ғаму шодӣ, комёбиву нокомӣ, ранҷу азоб, ишқ, умуман ҷаҳони ботинии инсон диққати ҷиддӣ додааст, зеро:

Нағма кун, нола бикаш, сел шаву шӯъла бизой,
Сар ба каф, шӯр ба дил, дида ба дунё бархез.

Ин сухан дар вараќи лола навиштанд ба хун,
Ки манеҳ фурсати имрӯз ба фардо, бархез.

## НАМУНАИ ОСОРИ ЗИЁ ҚОРИЗОДА
## СУРОҒИ МАНЗИЛ

Рафтанд корвонҳо во мондаанд моро,
Чун гард аз паи хеш афтондаанд моро.
Дур аз суроғи манзил афтодаем ғофил,
Чун нақши пои маҳмил хобондаанд моро.
З-ин базми бемурувват уммеди равшанӣ нест,
Аз сар буридани шамъ тарсондаанд моро.
То чанд нолаву оҳ пай гум кунад дар ин роҳ,
Ин хайли норасоён шармондаанд моро.
Аз ҳарзатозии барқ дар кишти бенасибон
Чун абри навбаҳорӣ гирёндаанд моро.
Тардоманон, ки гоҳе бо зӯҳди хушк ҷӯшанд,
Пироҳане зи сад айб пӯшондаанд моро,
Бӯи кабоби дилҳо аз шеъри мо баланд аст,
Азбас ба оташи доғ гардондаанд моро.

## ҲАДАФИ МИЛЛӢ

Биё, ки якдилу якрангу якзабон бошем,
Барои ваҳдати ин қавм ҷонфишон бошем.
Биё, ки заҳмати мӯре ба амд напсандем,
Қарини меҳру мурувват ба ҳамгинон бошем.
Биё, ки мамлакат аз мо вифоқ металабад,
Биё, ки муттафиқу шоду тавъамон бошем.
Нифоқро нагузорем по ниҳад ба миён,
Зи макру ҳилаи айём дар амон бошем.
Биё, ки хидмати халқ аст беҳтарини ҳадаф,
Ба ин ҳадаф бигароему шодмон бошем.
Биё, ки хоину бадхоҳу муртаҷеъ нашавем,
Ба дӯстони ватандор меҳрубон бошем.
Биё, ки гулшани ағёр дӯзахи ҷон аст,
Замини худ биситоему осмон бошем.
Биё, ки маҳбаси миҳан зи хулди ғайр хуш аст,
Биё, ки ошиқи ин марзи бостон бошем.
Биё, ки ҷон ба раҳи хоки худ нисор кунем,
Биё, ки зинда ба таърих ҷовидон бошем.

# МИРЗО ФАТҲАЛӢ ОХУНДОВ
**(1812-1878)**

Дар нимаи аввали асари XIX бо таъсири адабиёт ва маданияти пешқадами рус дар Озарбойҷон шохаи демократӣ-прогрессивии маданият ва рукнҳои дигари ҷомеа қувват мегирад. Ҳамроҳшавии Озарбойҷон ба Россия ба истисиои хусусиятҳои манфиаш нақши ба маданият кашиданро бозидааст. Дар ҳамин давр бо таъсири адабиёти рус дар Озарбойҷон ҳаракати мубориза алайҳи зулму ҷаҳолат ривоҷ меёбад.

Намояндагони ин ҳаракат ба адабиёт новелла ва достони реалистӣ барин жанрҳои навро ворид намуда, перомуни рӯйдодҳои ҳаёт озодона муҳокима меронданд.

Миёни ҳамин намояндагони моарифпарвар нависанда ва файласуфи материалист, шоир ва ходими сиёсӣ Мирзо Фатҳалӣ Охундов мавқеи ҷудогона дорад.

М.Ф. Охундов 12-июли соли 1812 дар Шекӣ ном мавзеи Озарбойҷон таваллуд ёфтааст. Саводи ибтидоии ӯ дар мактаби усули қадим мебарояд. Баъд ӯ чанд забонро омӯхта, ба омӯзиши адабиёт ҷиддан машғул мешавад. Дар Тифлис дар мактаби русӣ-тоторӣ адабиёт ва забони русиро омӯхта, ба эҷодиёти Пушкин дилбастагӣ пайдо мекунад ва ақоиди инқилобчиёни рус Герсен, Белинский, Чернишевский, Добролюбов ва дигарон диққати ӯро ба худ ҷалб менамояд. Натиҷаи бардоштаи ӯ аз ин гуна омӯзиш дарки он аст, ки сабаби ба аҳволи бад дучор шудани халқу пеш аз ҳама бесаводии меҳнаткашон аст. Аз ҳамин сабаб М. Ф. Охундов барои дар байни халқ паҳн намудани маърифат, ба хондан ҷалб намудани фарзандон бо истифода аз тамоми имкониятҳо ҷадал менамояд. Худи ӯ низ дар омӯзишгоҳи уездии Тифлис аз забонҳои форсӣ ва туркӣ дарс гуфта, бо шарофати забондониаш дар коргоҳи сардори Управлениям Қафқоз ба сифати тарҷумони забонҳои Шарқ хизмат кардааст.

Фаъолияти эҷодии М. Ф. Охундов аз охири солҳои 20-уми асри XIX оғоз ёфтааст. Асарҳои аввалини ӯ «Шикоят аз замона» ва «Поэмаи Шарқ» буда, таълифи онҳо аз пайдо гардидани як истеъдоди нодир дар адабиёт дарак медод. М. Ф. Охундов ба ном ва осори доҳии адабиёти рус А. С. Пушкин бармаҳал шинос шуда, мафтуни ҳунари шоирии ӯ гардида буд. Натиҷаи ҳамин меҳру рағбат ба осори Пушкин аст, ки соли 1837 баробари шунидани хабари марги Пушкин достони марсиявии «Поэмаи Шарқ»-ро ба забони форсии тоҷикӣ иншо намуд.

Паҳлӯи дигар ва асосии эҷодиёти М.Ф. Охундов эҷоди комедияҳои реалистӣ буда, барои ташаккули театри миллии Озарбойҷон замина ба вуҷуд овардааст. Аз соли 1850 то 1856 шаш мазҳака офарид, ки дар онҳо ҳаёти Озарбойҷони асри XIX реалистона тасвир ёфтааст. Аз ҷумла комедияҳои «Мулло Иброҳим Халили Кимиёгар» (1850), «Саргузашти

марди хасис» (1852) ва «Табиатшинос Мӯсо Жардан» (1850) чун айбнома ба доираҳои ҳукмрони ҷамъияти феодалӣ садо медиҳад.

Драматург дар «Табиатшинос Мӯсо Жардан» ба ҳаҷви тезутунд ва хандаи тамасхуромез симои ҳақиқии шахси бефаросат ва помешики мумсик Ҳотам - ого, духтари ӯ Шарафнисо ва ҳамсари ӯ Шаҳрбонуро фош менамояд.

Дар мазҳакаи «Мулло Иброҳим Халили Кимиёгар» бошад, доираҳои ҳукмрони замони худро ба воситаи образҳои масхараомези заргар Мошадӣ, Ҷаббор рӯҳонӣ, Мулло Салмон, помешик Сафарбой ва амсоли онҳо тасвир кардааст. М. Ф. Охундов ба муқобили ин образҳои манфӣ образҳои шахсони маърифатӣ ва мубориэони далер аз қабили Ҳоҷӣ Нуриро мегузорад.

Мазҳакаи дигари ӯ «Саргузашти вазири хони Ленкоран» (1850) ахлоқи вайрони вазирон, тирагии ақоиди хонҳо ва манзараҳои мудҳиши ҳаётро тасвир намудааст.

Дар асари дигари ӯ «Хирс фотеҳи роҳзан» (1851) ҳаёти мардуми Озарбойҷон дар миёнаи асри XIX бо хусусиятҳои характернокаш тасвир мешавад.

М.Ф. Охундов чун нависанда ба анъанаҳои гузаштаи халқаш такя намуда, аз мазмуну мавзӯъҳои фолклорӣ бошуурона истифода бурда, соли 1857 повести ҳаҷвии «Ситораҳои фиребхӯрда»-ро эҷод намуд, ки аз пайдоиши насри реалистӣ дар адабиёти Озарбойҷон дарак медод.

Дар эҷодиёти М. Ф. Охундов анъанаҳои беҳтарини назми классикии рус бо анъанаҳои наҷиби адабиёти классикии Шарқ бо ҳам омезиш ёфта боиси пайдоиши асарҳои дархури замон гардидаанд.

Дар баъзе паҳлӯҳо миёни асарҳои драмавии М.Ф. Охундов ва Грибоедов умумият ба назар мерасад. Аз ҷумла образи Чатский аз комедияи «Дод аз дасти ақл»-и Гирбоедов ва образи шоир Ҳоҷӣ Нурӣ аз комедияи «Мулло Иброҳим Халили Кимиёгар»-и М.Ф. Охундов бо ҳам наздикӣ ва умумият доранд.

Умуман фаъолияти ҷамъиятӣ ва эҷодии М. Ф. Охундов ифодагари анъанаҳои неки дӯстӣ ва иттифоқи халқҳои русу озар мебошад. Таълифи достони «Поэмаи Шарқ», ки тарзе таъкид гардид, аз офаридаҳои давраи аввали эҷодиёти Охундов аст, худ шаҳодати тафоҳуми таърихии халқҳои мусулмони Шарқ ва халқи рус аст. Дар мавриди таълифи ин асар М. Турсунзода ишораи ҷолибе намудаанд: «Аввалин достони назмие, ки дар Шарқи мо Пушкини бузургро таърифу тавсиф карда ва ғаму андӯҳи халқро аз вафоти ӯ изҳор намудааст, достони адиби бузург Мирзо Фатҳалӣ Охундов аст, ки онро одамони пешқадами Осиёи Миёна аз даҳон ба даҳон гузаронида, аз дафтар ба дафтар мекӯчониданд».

Ин асари адиби озарӣ, ки худ ба забони тоҷикии форсӣ таълиф гардидааст, миёни олимону хонандагони тоҷик низ маҳбубият пайдо намуд. Муҳаққиқи адабиётшиносии муқоисавӣ Валӣ Самад дар мавриди ин асар

мақолаҳои ҷолиб навишта достонро қисм-қисм шарҳ ва маънидод намудааст.

М. Ф. Охундов дар рисолаи фалсафии «Се мактуби шоҳзодаи ҳинд Камолуддавла ба шоҳзодаи Эрон Ҷалолуддавла ва ҷавоби ӯ», ки бо забонҳои туркӣ, форсӣ ва русӣ навишта шудааст ва мақолаи «Ҷавоб ба ҳакими англис Юм» ақидаҳои материалистӣ ва атеистиро инкишоф дода, ба омӯзиши табиат даъват менамояд.

М. Ф. Охундов бар зидди зулми иҷтимоӣ, ба ҳимояи ҳуқуқи занони Шарқ баромада, оид ба истифода аз қувва барои сарнагун сохтани истисморгарон ақидаҳои пешқадам баён намудааст.

Симои М. Ф. Охундов чун нависанда ва драматург, асосгузори насри реалистӣ ва маорифпарвари бузург дар таърихи адабиёту маданияти озар ва халқҳои дигар равшан буда, осори ӯ ба забонҳои русӣ, немисӣ, фаронсавӣ, англисӣ ва бисёр забонҳои халқҳои Иттиҳод тарҷума гардидааст.

## Намунаи осор:
## «Поэмаи Шарқ».

Надода дида ба хобу нишаста дар шаби тор,
Бигуфтаме ба дил, эй кони гавҳари асрор!
Чӣ шуд, ки булбули гулзорат аз наво монда,
Чӣ шуд, ки тӯтии нуткат намекунад гуфтор?
Чӣ шуд, ки роҳи сухансанҷиат шуда масдуд?
Чи шуд,ки пайки хаёлат бимонда аз рафтор?
Баҳор омад, ҳон, ҳар яке аз баноти набот[1]
Ҷамоли хеш ба ороише кунад изҳор.
Бунафшазор шуд атрофи ҷӯйбори чаман,
Шукуфт ғунчаи норӣ ба гулбуни гулзор.
Арӯси дашт музайян варо зи баҳри нисор,
Пур аз ҷавоҳири азҳор[2] домани куҳсор,
Ниҳода тоҷ шукуфа ба торак[3] андар боғ,
Нишаста хусрави ашҷор бо камоли виқор.
Сарони савсану занбақ, ба шодиаш нӯшанд
Шароби жола зи ақдоҳи[4] лола бо такрор.
Чунон зи ёсуман оростаст базми чаман,
Ки хира аз нигаҳаш чашми наргиси хуммор.
Ба расми тӯҳфа хушомадкунон барад булбул

---

[1] *Баноти набот* - сабзаҳои навхез.
[2] *Азҳор* - гулҳо.
[3] *Торак* - ин ҷо ба маънои фарқи сар.
[4] *Ақдоҳ* - қадаҳҳо

Ба соирон вараки гул, гирифта дар минқор.
Ба обпошии гулшан саҳоб баста камар,
Насими субҳ ба таътири ӯ шуда аттор,
Ба санги нарм саҳаргаҳ навосарост туюр,[1]
Ки аз ниқоби туроб, эй нигори сабза, сар ор
Ҳар он чи ҳаст тихидаст, нест аз ҳунаре,
Зи ҳар кадом матоъест андар ин бозор.
Яке ба ҳусни диловези ишва ҷилвагар аст,
Яке ба нола кунад ишқбозиаш ашъор.
Ҳама ба завқу тараб вакти хеш мегузарад
Видоъ карда дар ин ҳол бо алам якбор
Магар ту, к-аз фараҳу шӯр бенасиб шуда,
Зи хоби хомушӣ, эй дил, намешавӣ бедор?
На дар дилат ҳавасе, на ба сар ҳавои касе,
Зи майли номварию хаёли шеър канор.
Магар най ту ҳамон дил, ки ҳини ғӯтаварӣ
Ба баҳри фикр паи назм чун дури шаҳвор?
Ҳазор духтари маънии турфаро додӣ
Аз он лаолии манзума зевари рухсор.
Кунун надонамат охир малулият зи куҷост?
Кунун чарой чу мотамзада ғамину фигор?
Ҷавоб дод, ки эй мӯнисам ба танҳой,
Маро дигар пас аз ин дар мадори худ бигзор!
Чу шоҳидони чаман ман ҳам ар надонистам,
Ки ҳаст боди хазон аз паи насими баҳор.
Бидон ба теғи забон, қомати савори сухан
Зи баҳри ном биёростам дар ин пайкор.
Вале маро шуда маълум бевафоии даҳр.
Маоли оқибати хешу ҷабри он ғаддор.
На бихрадест зи мурғе, ки дида дом ба чашм,
Барои донаи ӯ боз мехӯрад темор.
Садои шӯҳрату овозаи ҳунар ту бидон,
Мисоли тавф дар ин ҷавфи гунбади даввор.
Магӯ хаёли дигар, донам он ки бар аҳлаш
Чӣ гуна аҷр[2] диҳад ин сипеҳри каҷрафтор.
Магар ту, эй зи ҷаҳон бехабар, набишнидӣ
Зи Пушкини ба хайли суханварон солор?
Чи Пушкин, ки ба ҳангоми нуктапардозеш
Садои мадҳ зи ҳар гӯша хостӣ сад бор,
Чи Пушкин, ки коғаз шудӣ сияҳрӯ з-он,

---

[1] *Туюр* - паррандаҳо.
[2] *Аҷр* - натиҷа, самара.

Ки кош ҳомаи вайро фитад ба Рум гузор.
Хаёл дошт ба ҳар гардишаш, ки чун товус
Ҳазор нақши ғариб аз сухан шуда намудор.
Ба ҳусни табъ биёрост байти назми Ломо
носуф хаёли вай он ҷо гирифт истиқрор[1]
Агарчи мулки суханро гирифт Державин
Ба ҳукмронии назмаш, вале шуд ӯ мухтор
Карамзин аз маи ирфон бикард пур ҷоме,
Вале бихӯрд вай он май зи косаи саршор.
Гирифт шӯҳрати фазлаш ҷаҳон бад-он гуна,
Ки шавкати Никулой аз Хитой то Тотор.
Мушор[2] буд ба ангушт дар фазои Шимол,
Чунон ки машриқиёнрост моҳи тоза мушор.
Писар ба фаҳм чунону писар ба табъ чунин,
Зи ҳафт аб[3] на бизоида буд, модари чор,
Ба тири марг вуҷудаш нишона бинмуданд,
Зи рӯзгори вай оварда, сад дареғ, димор.
Ба як тагарк[4] саҳоби сиёҳ дур афканд
Ба амрашон дарахти ҳаёти ӯро бор.
Чароғи рӯҳи варо кард тундбоди аҷал
Хамӯшу сохт шабистони ҷисми ӯро тор.
Ба тешаи ситам ин боғбони пир бурид
Ниҳоли навраси қаддаш зи саҳни ин гулзор.
Сараш, ки махзани ганҷи маонии дил буд,
Зи даври мортабиат бигашт хонаи мор.
Вале чу ғунча, ки меҳонд булбули табъаш,
Ба ҳастиаш, бизада сар кунун зи хокаш хор.
Парид мурғи равонаш зи ошёни бадан,
Бикард аниси алам ҷумлаи сиғору кибор.
Замини Рус ба яъсу ҳазан кунад навҳа,
Ки, эй қотил, аз дасти қутули бадкирдор
Туро накард халос он тилисми ту, ҳаққо.
Зи шарри соҳирии ин аҷузи ҷодукор...
Зи дӯстони заминӣ чу дур афтодӣ,
Дар осмон туро бод раҳмати ҳақ ёр,
Зи мулки Боғчасаро бӯи атр аз он ду гул аст,
Диҳад ба хоки ту фаввора бо насими баҳор.
Аз ин хабар шуда пири сафедмӯ Қафқоз
Ба шеърҳои Сабуҳӣ[5] туроcт мотамдор.

---

[1] *Истиқрор* - қарор гирифтан
[2] *Мушор* - ишоратшуда, ангуштнамо
[3] *Аб* - падар
[4] *Тагарк* - жола
[5] *Сабуҳӣ* - тахаллуси шоирии Охундов аст

**Савол ва супориш:**

1.М. Ф. Охундов кадом забонҳоро медонист?

2.Асарҳои аввалини ӯ кадомҳоянд?

3.Сабаби таълифи «Поэмаи Шарқ» чӣ аст, асар ба кадом забон таълиф гардидааст?

4.Мавзӯи комедияҳои М.Ф. Охундов чӣ аст?

5.«Поэмаи Шарқ»-ро ба қисмҳо ҷудо намуда хонед ва таҳлил намоед.

## ЯНКА КУПАЛА
**(1882 - 1942)**

Таърихи халқи белорус ба таърихи халқҳои славян, махсусан халқҳои русу украин алоқаи қавӣ дошта, дар дарозои асрҳо мероси бою ғании санъат ва адабиётро ба вуҷуд овардаанд.

Намунаҳои дерина ва барҷастаи адабиёти белорус дар шакли эҷодиёти даҳонии халқ ба вуҷуд омада дар таърихи тараққиёти худ ҳаёти халқ, маданият, забон ва хусусиятҳои миллии онро инъикос кардааст.

Дар охири асри XVIII ба Россия ҳамроҳ шудани Белоруссия ҳодисаи бузурги таърихӣ буда, чун омили муҳим ба инкишофи маданияти белорус хизмат намуд ва дар ибтидои асри XIX дар ташаккули адабиёт нақши асосӣ бозӣ намуд. Воқеаҳои инқилоби ибтидои асри XX дар ҳаёти халқи белорус як такone буданд, ки ба тараққиёти адабиёти инқилобӣ-демократӣ шароит фароҳам оварданд. Инқилоби 1905, ки халқро ба ҳаёти фаъолонаи иҷтимоӣ даъват мекард, Янка Купала, Якуб Колас, Алоида Тётка ва Максим Багданович барин эҷодкорони демократии белорусро ба майдони адабиёт баровард. Баъдан Янка Купала ва Якуб Колас ба равияи инқилобӣ-демократии адабиёти белорус сарварӣ намуда, адабиёти реалистии халқиро инкишоф доданд.

Янка Купала (Иван Доминикович Лусевич) 7июли соли 1882 дар деҳаи Вязинкаи райони Молодечненскии вилояти Минск дар оилаи деҳқони камбағал ба дунё омадааст. Нодорӣ ва меҳнати вазнин, зуд-зуд ҷои кор ивазнамоии волидайн дар хонаҳои мансабдорон, монеаи ба таври системанок саводнокшавии Янка Купала гардид. Ӯ саводи худро ба мушкилиҳо баровардa дар равшании маҳтоб ва ё атрофи гулхан он чи дар шароити тоинқилобии деҳоти Белорус пайдо намудан мумкин буд, аз бар намуд. Ақлу дили ин ҷавони деҳотиро Некрасов, Шевченко, Салтыков-Шедрин, Колсов ва адибибони демократи белорус Я. Лучина ва Ф. Богушевич бо навиштаҳояшон тасхир намуда буданд. Дере нагузашта худи ӯ қалам ба даст гирифт ва барои ибрози дардҳои халқи ба маҳрумиятҳо дучоргардида ҷадал намуда, дар вуҷуди худ қувваи барои бахт ва ҳаёти озодона муборизабарандаро эҳсос намуд.

Янка Купала ҳанӯз ҳангоми коргари кироям заводи хусусии яке аз помешикон буданаш ба яке аз рӯзномаҳое, ки ба забони русӣ дар Минск

бо номи «Северо — Западный край» нашр мегардид, «Мужик» ном шеъре фиристод. 15-маи соли 1905 ин шеър дар саҳифаи рӯзнома ба табъ расид ва миёни меҳнаткашон қаноатмандиву миёни мансабдорони шоҳӣ ғазабро ба вуҷуд овард. Аз ҳамин шеъри нахустин симои Янка Купала чун шоири демократ ва инсони мубориз падидор гардид.

Ҳарчанд, ки соли 1906 маҷмӯаи нахустини шеърҳои Янка Купала бо номи «Жалейка» дар Петербург ба табъ расида, дар симои шоири ҷавон ҳокимияти замон душмани ашаддии худро дида буд ва ин асар мусодира гардида, масъулони нашру муаллиф ба таъқиб гирифтор шуда буданд, нашри ашъори ӯ дар саҳифаҳои ягона рӯзномаи белорусӣ «Наша Нива» аз соли 1907 шурӯъ гардид.

Ашъори Янка Купала ба зудӣ миёни оммаи халқ хонанда пайдо намуд ва бо хусусиятҳои боигарии забони образхо, оҳангнокӣ ва қаробати наздикаш ба сурудаҳои халқӣ маъруфияти бештар пайдо намуд. Минбаъд Янка Купала фаъолияти худро ҷиддан ба ҳаракати револютсионии озодихоҳии оммаи халқ пайваст намуд ва маҷмӯаҳои ашъори ӯ паиҳам нашр гардида, мавқеи ӯро дар ин ҳаракат устувор ва обрӯи шоирии ӯро бештар намуданд.

Маҷмӯаи шеърҳои «Най» (1908), «Ҷангнавоз» (1910), «Бо роҳи ҳаёт» (1918), достонҳои лирикии эпикӣ ва драмавии «Суруди азалӣ» (1908), «Қӯрғон», «Хоб дар Қӯрғон» (1910), «Бандаровна» (1913) ва «Лонаи вайроншуда» (1913) дар атрофи муаллиф ҳамаи қувваҳои демократии зиёиёни белорусро муттаҳид сохтанд.

Инқилоби Октябр барои халқи белорус озодии комил фароҳам овард. Соли 1919 Республикаи Советии сотсиалистии Белоруссия ташкил ёфт ва сурудаҳои шоири тавоно Янка Купала дар ватани озодаш бо тарзи дигар садо доданд. Янка Купала вассофи озодии халқи худ гардид, озодие, ки дар натиҷаи мубориаи шадид ба даст омадаасту дар он шоир низ фаъолона ширкат доштааст. Ӯ дар ҳамин давр суруди «Интернасионал»-ро ба забони белорусӣ тарҷума намуда ва худаш низ дар ситоиши инқилоб ва озодӣ шеъру достонҳои ҳаяҷоновар иншо намуд.

Соли 1925 Янка Купаларо ҳукумати Белоруссия барои хизматҳои шоёнаш дар соҳаи адабиёт бо унвони Шоири Халқии республика ва соли 1928 баробари таъсиси Академияи илмҳо академики Академияи илмҳои Белоруссия ва соли 1929 академики Академияи илмҳои Украина интихоб намуданд.

Дар давраи шӯравӣ Янка Купала аз мубориза барои сохтмони сотсиализм ва дигаргуниҳои сифатан тоза илҳом гирифта дар ашъораш - - маҷмӯаи шеърҳои «Мерос» (1922), «Беном» (1925), «Суруди сохтмон» (1936), «Ба Белоруссияи ордендор» (1937), «Аз самими дил» (!940), достонҳои «Рӯи рӯди Одесса» (1939), «Қисмати Тарас» (1939) ва дигар офаридаҳояш тозакориҳои куллии ҳаёти халқи белорусро тасвир кардааст.

Ҷанги Бузурги Ватаниро Янка Купала чун ҷанговари матин пешвоз гирифт ва бо сухани оташинаш халқи худро ба мубориза даъват намуда, дар дили мубориза боварӣ ба ғалабаро бедор менамуд.

Шеърҳо ва мақолаҳои публисистии ӯ, ки дар саҳифаҳои рӯзномаҳои «Правда», «Известия» ва дигар рӯзномаҳои фронтиву партизанӣ ба табъ мерасиданд, саршори боварӣ ба ғалабаи халқи советӣ бар фашизм буд. Бо назардошти чунин хизматҳо Янка Купала соли 1941 сазовори Лауреати Мукофоти давлатӣ гардидааст. Ба Янка Купала насиб нагардид, ки ҳамроҳи кулли мубориза халқи советӣ ғалабаро таҷлил намояд. Ӯ 28 июни соли 1942 дар шаҳри Москва вафот кард.

Асарҳои Янка Купала ба бисёр забонҳои халқҳои шӯравӣ ва хориҷӣ тарҷума шудаанд. Офаридаҳои ӯ дар саҳифаҳои матбуот ва ба шакли китобҳои алоҳида ба забонҳои тоҷикӣ низ ба табъ расидаанд.

Шоири тоҷик А. Лоҳутӣ шеъри «Октябр ва шоир»-ро, ки соли 1935 дар шаҳри Москва эҷод карда буд, ба ин адиби номии белорус бахшидааст.

Намунаи осори ӯ бо номҳои «Писарон ва лётчик» (Сталинобод, 1953), «Ба офтоб» (Душанбе, 1965), «Сарнавишти Белорус» (Душанбе, 1982) дар Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

### Аз маҷмӯаи «Сарнавишти Белорус»

## ВАТАН

Маро риштае бо осмону бо замин пайваст,
Нахоҳад гашт ҳаргиз канда он пайванди ҷовидон:
Маро ин сарзамин, монанди фарзандаш, нигаҳбон аст,
Дилу ҷони маро хуршеди тобон аст нурафшон.
Ҳануз аз аллаҳои фораму ширину хобовар
Бароям шуд азиз ин кишвари маҳбуби ҷонпарвар.
Худамро ҳис кунам
як қисмаки хурди ватан-модар,
Нигаҳ дорам ба дил анвори кавкабҳои ин кишвар.
Бале ин сарзаминро арҷманди хеш медонам,
Накарда ҳеҷ гаҳ таслими дасти худ дигарҳоро.
Сари худро ба китфаш бо камоли меҳр мемонам
Вале гар ногаҳон хандида
таҳқирам кунанд аъдо-
Ҳақорат медиҳанд он нобакорон бар диёри мо,
Гаронтар сад карат бошад маро ин хандаи онҳо.

*Соли 1915*

## БАРОИ ОН ЧӢ...

Барои он чӣ буд дар зиндагонӣ,
Барои он чӣ бар ман халқ бахшид:
Барои гӯшае дар ин маконе,
Ки ҳам нону намак дорам, ҳам уммед,

Ба халқи хештан хидмат намудам
Ба нури дидаву бо ҷӯшиши дил:
Ба роҳи бахти ӯ ғайрат намудам,
Ки то ёбад наҷот аз ҳоли мушкил.

Барои сарзамини арҷмандам,
Ки кулфатдида буду хору мискин,
Сурудам шеъру аз ин сарбаландам,
Талаб кардам фараҳ бар халқи ғамгин.

Барои бахту беҳбудии инсон
Ҷадал кардам ба зидду ғуссаву ғам,
Навиштам шеърҳоро дар кӯҳнадаврон,
Намудам қатра-қатра хуни дил кам.

Ба ҷидду ҷаҳд дар ҷангу ҷадалҳо
Ба назми хеш ман ҳам будам, охир.
Дигар чӣ? Беш аз ин дигар шуморо
Чӣ лозим? Чӣ намояд боз шоир?

***Соли 1926***

## АЗ «ОҲАНГҲОИ БЕЛОРУССИЯИ ҒАРБӢ»

### I. Алла

Бихоб, ороми ҷони ман, писарҷон,
Бихоб осудаву хуш, эй ҷигарбанд.
Басе дидем мо шабҳои ҳиҷрон,
Басо рӯзҳо, ки мо будем дар банд.

Намедонам падарҷонат куҷо шуд,
Аҷаб не дар ягон маҳбас бипӯсид.
Маро осоиши ту ҷонфизо шуд,
Маро аз гиряи ту дил бихӯсид.

* * *

Бихоб орому бепарво, писарҷон,
Калон бар толеи ман мешавӣ ту!
Бибин: чун боди озодии даврон,
Вазид аз водии иқболи дилҷӯ.

Нахоҳӣ буд дар банди асорат,
Нахоҳӣ дид ранҷи бандагиро,
Биёмад аз ҳаёти нав башорат,
Бибин фирӯзиву фархундагиро!

* * *

Бихоб, эй ҷони ширинам, ки дигар
Набинем аз талошу ҷаҳд коҳиш,-
Фишонад аз Кремли Сурх ахтар
Сафои бефано аз рӯи хоҳиш.

Нахоҳӣ дид ту шабҳои ҳиҷрон,
Равад бо роҳи дигар зиндагонӣ.
Бувад дар қисмати ту, эй писарҷон,
Баҳори бахту нури шодмонӣ!

*Соли 1939*
*Тарҷумаи М. Фарҳат*

**Савол ва супориш:**

1.Адабиёту маданияти белорус ба кадом адабиёту маданият наздикӣ ва қаробат дорад?

2.Нахустин шеъри Янка Купала чӣ ном дорад ва дар кадом нашрия чоп шудааст?

3.Чаро Янка Купаларо шоири демократ ва мубориз гуфтаанд?

4.Ашъори дар замони шӯравӣ эҷод кардаи шоир ба кадом мавзӯъҳо бахшида шудааст.

5.Дар Тоҷикистон кадом маҷмӯаҳои шоир ба табъ расидаанд?

6.Шеъреро аз ашъори шоир қироат намоед ва таҳлил кунед.

## ЭДУАРДАС МЕЖЕЛАЙТИС
## (1919)

Агар тамоми адабиёти муосири литвониро ба осмони пурситорае ташбеҳ диҳему адибони онро ба ситораҳо, дар байн ситорае ба чашм мерасад, ки тобиш ва дурахши ҷудогонае дорад. Ин ситораи тобон дар фазои назми дилкаши литвонӣ симои шоири машҳур Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ,

лауреати Мукофоти Ленинӣ Эдуардас Межелайтис буда, тавассути навиштаҳояш ба дили хонандагони гуногунзабон роҳ ёфтааст.

Э. Межелайтис соли 1919 дар деҳаи Карайвишки ноҳияи ҳозираи Пакроуйски Литва дар оилаи марди камбағал ба дунё омадааст. Ӯ дар гимназия ва факултети ҳуқуқшиносии донишгоҳи Каунас ва Вилнюс таҳсил намудааст.

Саргузашти ин шоири маҳбуб мисли ҷумҳурияти азизаш хеле пурпечутоб ва пурихтилофу ноҳамвор буд. Ӯ аз хурдӣ чӣ будани меҳнат, машаққат, ноадолатӣ ва адолатхоҳӣ барин омилҳои инсониро ба хубӣ дарк ва эҳсос намуд. Аз ин рӯ, минбаъд қисмати инсон ва қисмати башар дар эҷодиёти ӯ мавқеи ҷудогона гирифтанд.

Ба арсаи эҷод омадани истеъдодҳо гуногун буда, заминаву хусусиятҳои хоси худро доранд. Тавъам будани ишқу шеър ва ё шеъру ишқ амри воқеист. Э. Межелайтис низ дар синни 9-солагӣ ба яке аз шарикдарсонаш ошиқ шудаву дар равиши дарс ба номи ӯ шеъре навиштааст. Дар вақти хондани шеър устоди мактабӣ аз ин ҳол огоҳ шуда, шеърро хонда, хурсанд мешавад ва ба духтар мегӯяд: «Ба муаллифи шеър расонед, ки навиштанро давом диҳад».

Ин гуфтаи устоди мактаб боис шуду Э. Межелайтис домони шеърро мустаҳкамтар гирифт.

Аз рӯи гуфтаҳои тадқиқгарони эҷодиёти шоир нашри оммавии аввалин шеърҳои Межелайтис ба солҳои 1935-1936 рост меояд. Дар ин солҳо ташкилоти махфии комсомолие амал мекард, ки Межелайтис низ аъзои он шуда буд. Ин ташкилот бори аввал намунаҳои ашъори ба мубориза даъваткунандаи шоирро чоп намуд ва ин иқдоми нек сабаби то андозае паҳншавии обрӯи шоирии Межелайтис гардид. Маълум, ки ҳар адабиёт ва эҷодиёти ҳар як эҷодкор сарчашмаҳои худро дорад. Сарчашмаи асосии ашъори Межелайтис пеш аз ҳама ёдгориҳои таърихии халқи худаш ва адабиёти классикии он аст. Литвониҳо аз халқҳои соҳибтахту соҳибтаърихи Назди Балтик буда, ёдгории аввалини хаттии онҳо дар асри XIV таълиф шудааст. Китоби нахустин бо ин забон соли 1547 бо номи «Катехизис» аз тарафи Мажвидас номи литвонӣ эҷод шудааст.

Сарчашмаи дигари эҷодиёти Э. Межелайтис адабиёти классикиву муосири рус ва адабиёти дигар халқҳо буда, истифодаи эҷодкорона аз он натиҷаи нек додааст.

Э. Межелайтис дуруст гуфтааст, ки «назми литвонӣ дарахти булути сершохеро мемонад, ки дар соҳили Неман қад афрохтааст. Вай дар замини муқаддаси Литва мустаҳкам ва чуқур реша давонда шохҳои сарсабзаш озодона паҳн шудаанд. Ҳар сол вай боз ҳам баландтар сар мекашад. Ин дарахт аз дуриҳо ба назар мерасад ва диққати бисёр одамони мамлакатҳои дигарро ба худ ҷалб кардааст».

Соли 1943 маҷмӯаи шеърҳои шоир «Лирика» аз чоп баромад, ки аз як шоири навҷӯ ва ҳунарманд пайғоми самимие барои хонандагон буд. Баъ-

дан маҷмӯаҳои «Насиме аз ватн» (1946), «Достони бародар» (1954) аз чоп баромад, ки барои ин ва маҷмӯаҳои дигари ӯ кӯшиши амиқан бой гардонидани омилҳои ҳаётан муҳимми инсонӣ характернок аст. Аз ҳамин сабаб эҷодиёти Межелайтес диққати олимону ҳавасмандониадабиётро ба зудӣ ба худ ҷалб намуд. Чаро, ки дарди ҳамаи инсонҳо дарди шоир аст ва васфи шуҷоату қудрати инсон маҳаки эҷодиёти ӯст. Ин масъалаи басо муҳим дар силсилаи шеърҳои ӯ «Инсон» (1961-1975) ҳалли худро ёфтааст. Ин силсила аз ҳафт китоб ва ё қисм иборат буда, муаллиф соли 1962 барои китоби аввал сазовори ҷоизаи Ленинӣ гардид. Гуфтан мумкин аст, ки инъикоси мавзӯи дӯстии халқҳо ба шӯҳрати шоир шӯҳрат зам кард ва номи ӯро ба дуриҳо бурд. Ашъори Межелайтис дорои хусусиятҳои хоси миллӣ буда, дар навбати худ аз осори адибони дигар бархурдор аст. Тарзе, ки худи ӯ қайд кардааст, ягон адабиёти миллӣ аз маҷмӯи таъсироти беруна ҷудо нест ва ба ин гуна адабиёт фазо, ҳавои рӯҳафзо намерасад.

Эҷоди «Достони бародар» гувоҳи ин гуфтаҳо буда, ба шоир шӯҳрати умумиттифоқӣ овард. Маҳз баъди эҷоди ҳамин асар маҷмӯаҳои дигари Эдуардас Межелайтис ба забони русӣ ва забонҳи дигар паиҳам нашр гардиданд. Ба мисли «Инсон» (1962-65), «Автопортрет, қайдҳои болои самолёт» (1962), «Кардиограмма» (1963), «Нон ва сухан» (1965), «Шабпарак» (1966) ва дигарҳо.

Пӯшида нест, ки Э. Межилайтис аз сермаҳсултарин адиби литвоӣ буда, зикри номи ҳамаи асарҳои ӯ ва маълумот додан оид ба ҳар қаломи он асарҳо аз имкон берун аст. Танҳо қайд кардан ба маврид аст, ки Э. Межелайтис ба ҷуз эҷоди шеър инчунин оид ба чигунагии шеър, вазифаи иҷтимоии шеър ва адабиёт назари худро дорад. Аз ҷумла дар мақолааш «Назм дар олами гирдгардон» (Ба тоҷикӣ тарҷумаи Бахром Фирӯз) чунин овардааст:

«... Дар шеър бояд инсон муроҷиат кунад. Он гоҳ ҳама чиз ба ҷои худ меафтад. Агар мо дар пеши назар шунавандаро надида, бо тарзи умумӣ ва номафҳум шеъргӯӣ кунем, худ ба худ риторика, назми пучу уреи пеш мебарояд. Шоир ба ашёҳо ва ҳодисаҳо ҳар гоҳ, ки шахсияти худро омехт, он гоҳ онҳо зинда гашта, ба ҳаракат медароянд».

Ҳамчунин Межелайтис ба забони литвоӣ як қатор асарҳои адабиёти классикии рус ва назми муосирро баргардон намуд, дар мавриди масъалаҳои мубрами ҷомеа мақолаҳои публисистӣ низ навиштааст. Хонандагони тоҷик ба намунаҳои шеъри ин шоири забардаст кайҳо боз шиносанд ва ҳамеша майли хондани шеъри Межелайтис мекунанд, зеро медонанд, ки эҷодкори дар бораи шоирӣ баҳои зайл дода ҳеҷ гоҳ шеъри оддӣ намегӯяд:

«Шоир бояд ба қаъри зиндагӣ фурӯ равад, ба авҷи Зуҳал сарашро сунда, хонандаро раҳнамо бошад. Чӣ тавре, ки Вергилий Дантеро ба сӯи биҳишту дӯзах гирифта бурд, шоир ҳам хонандаашро ба сӯи матлаб ба худ барад».

Худи Э. Межелайтис ҳамин гуна шоир буд, хонандагони бешумори худро ба сӯи матлаб бурдааст. Шоирони тоҷик Боқӣ Раҳимзода, Ғ. Мирзо, Лоиқ, Бозор Собир, У. Раҷаб, Гулназар, Мастон Шералӣ, А. Адҳам,

Одина Мирак, М. Бокӣ ва дигарон намунаҳои шеъри Межелайтисро ба тоҷикӣ гардонида, худи онҳо низ то андозае аз файзи сухани ӯ баҳра бардоштаанд.

Соли 1969 нашриёти «Ирфон» бахшида ба Даҳаи адабиёт ва санъати Литва дар Тоҷикистон маҷмӯаеро бо номи «Ситораи Литва» ба табъ расонд, ки тарҷумаи шеърҳои беҳтарини Межелайтис низ ба он дохил шудааст. Инчунин олимони шинохтаи тоҷик А. Сайфуллоев, Х. Шодиқулов ва дигарон доир ба адабиёти Литва ва эҷодиёти Э. Межелайтис мақолаҳо ба табъ расонидаанд. Мавриди қайд аст, ки хонандаи литвонӣ низ дерест, ки ба абадиёти классикиву муосири тоҷик ошноӣ дорад. Солҳои сиюм шоири литвонӣ Алексис Хурчинас рубоиёти Хайёмро ба забони литвонӣ тарҷума ва нашр карда буд. Намунаҳои ғазалиёти А. Ҷомӣ дар тарҷумаи шоири дигари литвонӣ Бложе ба хонандагони литвонӣ шинос аст.

Аз адабиёти муосири тоҷик асарҳои устод С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода, М. Миршакар, А. Шукӯҳӣ, Ю. Акобиров, М. Қаноат, Лоиқ, Бозор Собир ва дигарон ба литвонӣ тарҷума шудаву мақбули хонандагони литвонӣ гардидаанд.

Инчунин адибони зиёди литвонӣ баъди сафари Тоҷикистон дар васфи диёри мо асарҳо эҷод кардаанд. Э. Межелайтис, низ ба халқи тоҷику адабиёти он муҳаббати хоса дошта, аз дӯстони наздики устод М. Турсунзода низ будааст ва пас аз сафари диёри тоҷикон очерк ва шеъри «Қуллаи Помир»-ро эҷод кардааст.

Ин гуна ҳамкориҳову муҳаббати тарафайн барои равнақи адабиётҳо ва наздикшавии халқҳо кӯмак мерасонд.

**Намунаи осор:**

## ШАҲРЗОД

Дар мулки лоҷвардат боре набудаам ман,
Эй Шаҳрзодаи ман, фирӯза Шаҳрзода.
Дар обгир фитода маҳтоби заъфаронранг,
Аз ёди кишвари ту шӯре ба сар фитода.
Пӯшида чашмҳоро ман мепарам хаёлӣ
Бар сӯи кишвари ту, к-абру ғуборпӯш аст.
Он ҷо, ки регҳо ҳам парвоз карда села,
Дар сафҳаҳои Қуръон хоҳанд таҳнишин гашт,
Он ҷо, ки дар баҳорон хонад ҳазордастон,
Дилинтизор бошад дар саҳни боғу бӯстон
Гул ғунчаи лабонро дар булбулон кушода.
Дар баргҳои гулҳо гарду ғубор шинад,
Хоҳад ҷавонии ман он ҷо макон гузинад.
Эй Шаҳрзодаи ман, фирӯза Шаҳрзода.

Боре надида рӯят, дар хоб бинамат ман
Дар даштҳои тафбод, эй духтари сияҳмӯ.
Донам, ки гаҳ барои дар пеши чойхона
Маҳзуну дидагирён дар зери чархи мину.
Бо воҳаҳои хуррам дар даштҳои бедод,
Бо корвон бирафта ёрат ба сӯи Бағдод.
Оё дар он ғарибӣ ёри дигар нагирад?
Аз офтоби рӯят оё биоварад ёд?
Ишқ аст оташи гул, ҳам кафки мавҷи дарё,
Чун сураҳои Қуръон накшуда ин муаммо.
Ишқ аст чун ҳилоли болои масҷиди дур,
Дар даштҳои бекас бонги дирост гӯё.
Пушти тавораи боғ онро наметавон ёфт,
Эй Шаҳрзодаи ман, фирӯза Шаҳрзода.
Оё шунидаӣ ту, дар даҳр кишваре ҳаст
Он сӯи рӯду дарё, дар пушти кӯҳсорон?
Дар пои тӯс он ҷо дӯшизаи тиломӯй
Пазмони ман нишинад ҳар шоми навбаҳорон.
Бар пушти хоки он ҷо аксар ҷаҳон наарзад,
Тӯсу булут дорад дар пуштаю адирҳо.
Дар баҳри шом чун қу созад шинову зебост
Аз моҳи кишвари ту маҳтоби кишвари мо.
Бӯсу канор кардам бо он нигор то шом,
Ёре бадеътар буд аз гулшани баҳорӣ.
Чун нопадид гарданд истораҳо зи гардун,
Дигар варо набинӣ, мирӣ дар интизорӣ...
Бас соли ман гузашта чун сел зи рӯи Неман,
Бар дӯши хотири ман, сарбори ғам ниҳода,
Эй Шаҳрзодаи ман, фирӯза Шаҳрзода.
Эй кош дидамат ман имрӯз ногаҳонӣ,
Дастони нозукатро бар сина мениҳодам.
Аз партави ҷамолат ман ёфта тасаллӣ,
Аз ишқи бебарорам асрор мекушодам.
Мегуфтамат ҳикоят аз ҳусни кишвари худ
Аз баргҳои шумтол аз навдаҳои печон,
Мегуфтамат ҳикоят аз дарди хотири худ,
Аз мӯйҳои заррин, аз кокули парешон.
Эй кош бинамат ман бо чашми хеш боре,
Нили ду чашми худро бахшам ба ёдгорӣ,
Эй духтари биёбон, эй мешчашми саҳро.
Аз хӯшаҳои ҷавдор хирвори зар бубахшам,
Қокуи водҳоро чун тоҷи сар бубахшам,
Бахшам ба ёдгорӣ ишқи ниҳони дилро.

Ишқ аст оташи гул, чун мавҷ носабур аст,
Ҳамчу ҳилоли бурҷи масҷидҳои дур аст.
Бонги дирост гӯё аз корвони рафта.
Моро кунад мусофир дар даштҳои бедод,
Моро ғариб созад дар даштҳои Бағдод,
Эй Шаҳрзодаи ман, фирӯза Шаҳрзода.

## ИЗҲОРИ МУҲАББАТ Ё ХОТИРАЕ АЗ САФАРИ ТОҶИКИСТОН

Чун кунам зеби рақам васфи талу кӯҳу фароз,
Ки қадам бори нахустин биниходам он ҷо?
Кӯҳҳо даст сӯи меҳри ҷаҳон карда дароз,
Бадар аз синаи офоқ биёранд варо.
Саллае баста ба сар аз яху аз тармаи пир,
Ҷомаи сабз ба бар.
Рӯи дара, чашмхумор,
Чу як оила ситода паси ҳам кӯҳу адир,
Гӯш доранд ба савти фараҳафзои ҳазор,
Деҳа бедор шуд аз хоб аён шуд ба назар
Чу яке лонаи досак зи бару кӯҳу камар,
Ҳамраҳи шӯълаи хуршед садои рамаро
Сӯи водӣ бубарад боди сабуксайри саҳар.
Рӯдҳо аз дараҳо нуқрасифат дартозанд,
Оташе ҳаст магар дар бағали тармаву ях?
Боғҳо бо гулу меваи худ менозанд,
Мастам аз бӯи хуши меваи боғи сари шах.
Кӯҳ печида ба пероҳани чун докаи абр,
Қомати хеш кунад рост ба болои сарам,
Медамад субҳи мусаффо зи дили тираи шаб
Бо дусад файзу сахо боз ба пеши назарам.
Аз сари қуллаи кух сӯи замин менигарам,
Ки бар афлок аз иқбол ниҳода сари хеш.
Нафаси гарми Ватанро ба ҳавас гӯш кунам,
Дили бебоки маро тобу тавон ояд беш.
Боде абру нигаҳи тезтар аз барқи уқоб
Боз дар қулла ба оғӯш бигиранд маро...
Боз хуршед диҳад аз сари кӯҳи ҳамабин
Ба ҷаҳон нури сахо чун аламе субҳи сафо.

**Савол ва супориш:**

1. Межелайтис нахустин шеърашро дар чандсолагиаш навиштааст, чӣ боис шуд, ки ӯ домани шеърро мустаҳкам дорад?

2. Намунаи ашъори ӯ бори аввал тавассути кадом ташкилот ба табъ расид?

3. Сарчашмаи эҷодиёти шоир кадомҳоянд?

4. Маҷмӯаи шеърҳои «Инсон» аз чанд қисм иборат аст ва кадом мавзӯъро фаро гирифтааст?

5. Межелайтис ба шеър чӣ баҳо додааст?

6. Кадом адибони тоҷик шеърҳои ӯро ба забони тоҷикӣ тарҷума намудаанд.

7. Шеъри «Изҳори муҳаббат ё хотирае аз сафари Тоҷикистон»-ро хонед ва таҳлил намоед.

# Мундарича

*МУҚАДДИМА* .................... 3
АВЕСТО .................... 4
БИБЛИЯ .................... 6
ҚУРЪОН .................... 7
МИФОЛОГИЯИ ЮНОНИ ҚАДИМ .................... 10
“ИЛИАДА” .................... 12
“ОДИССЕЯ” .................... 13
Адабиёти Юнон дар давраи тараққиёт ва бўҳрони давлатҳо. Фоҷиаҳо.
Эҷодиёти Эсхил .................... 15
Драма ва театри Юнон .................... 15
Фоҷианомаҳои Юнон .................... 16
ЭСХИЛ .................... 16
СОФОКЛ .................... 17
ЕВРИПИД .................... 19
АДАБИЁТИ РИМ .................... 21
ВЕРГИЛИЙ .................... 23
ҲОРАТСИЙ .................... 24
ОВИДИЙ .................... 26
“МАҲАБҲАРАТА” .................... 27
“РАМАЯНА” .................... 28
“Рамаяна” .................... 30
Дар ситоиши салтанати Дашаратҳа ва пойтахти ў .................... 30
“ГЎРЎҒЛӢ” .................... 31

"МАНАС" ........................................................................ 32

Мурочиати Хоникей ба паҳлавони довталаби қирғиз: ........................ 35

"АЛПОМИШ" ..................................................................... 35

"КАЛЕВАЛА" .................................................................... 36

"ГЭСЭРИАДА" ................................................................... 36

"ОЛОНҲО" ...................................................................... 37

"ДОВУДИ СОСУНӢ" ............................................................... 38

Порча аз эпоси "Довуди Сосунӣ" ............................................... 39

Забти Сасун ва зиндон шудани Довуд .......................................... 39

"КУТАДҒУ БИЛИҚ" .............................................................. 42

«ДОСТОНИ ПОЛКИ ИГОР» ......................................................... 44

АЛИШЕРИ НАВОӢ ................................................................ 46

ҒАЗАЛИЁТИ НАВОӢ .............................................................. 48

ДЕВОНИ ФОНӢ .................................................................. 49

"ХАМСА" ....................................................................... 50

НАМУНАҲО АЗ ДЕВОНИ ФОРСӢ-ТОҶИКИИ НАВОӢ—ФОНӢ 54

Татаббӯи Хоча Ҳофиз .......................................................... 54

ТАТАББӮИ ХОЧА ................................................................ 55

АЗ "ХАМСАТ-УЛ-МУТАҲАЙИРИН" ................................................... 56

Қитъа ......................................................................... 56

БАЙТ .......................................................................... 56

Матлаъ ........................................................................ 57

АБАЙ .......................................................................... 57

НАМУНАҲО АЗ ЭҶОДИЁТИ АБАЙ .................................................... 60

ЭЙ ДИЛ ........................................................................ 60

ДИЛО, АЗ НАВ МУҲАББАТ МЕПАРАСТӢ ............................................... 61

МАХДУМҚУЛӢ .......... 62
НАМУНАҲО АЗ ЭҶОДИЁТИ МАХДУМҚУЛӢ .......... 66
ФИРОҚӢ .......... 66
ОТАШ .......... 67
ДИЛ .......... 67
МУРҒИ САОДАТ .......... 68
Т. Г. ШЕВЧЕНКО .......... 69
НАМУНАИ ОСОРИ Т.Г. ШЕВЧЕНКО .......... 72
ВАСИЯТ .......... 72
САРНАВИШТИ МО .......... 73
ХАЙР, ЭЙ ҚӮСАРАЛ1 .......... 73
БА ГОГОЛ .......... 73
САЙЁДИ НАВО .......... 75
НАМУНАҲО АЗ ОСОРИ САЙЁДИ НАВО .......... 76
КАСРО МАЁЗОР .......... 77
ЁРИ БОВАФОЯТ МАН .......... 78
НИГОРИ ШӮХ .......... 78
БЕ ТУ КАЙ ГИРАМ НАФАС .......... 79
СӮХТӢ, РАФТӢ .......... 80
ШОТА РУСТАВЕЛӢ .......... 80
ФУЗУЛӢ .......... 85
НАМУНАҲО АЗ АШЪОРИ ФОРСИИ ШОИР .......... 87
"АНИС-УЛ-ҚАЛБ" .......... 89
СОДИҚ ҲИДОЯТ .......... 91
СЕ ҚАТРА ХУН .......... 94
БУЗУРГ АЛАВӢ .......... 101

ҚУРБОНӢ ..... 105
Аз маҷмӯаи “Девори сафед” ..... 105
РОБИНДРОНАТ ТАКУР ..... 113
НАМУНА АЗ ОСОРИ РОБИНДРОНАТ ТАКУР ..... 115
ҚУРБОНӢ ..... 115
II ..... 118
МАКТУБИ ЗАН ..... 119
НОЗИМ ҲИКМАТ ..... 132
НАМУНАИ ОСОР: ..... 134
Мактубҳо аз зиндон ..... 134
АСРИ БИСТУМ ..... 134
ТСЮЙ ЮАН ..... 135
ДАНТЕ АЛИГЕРИ ..... 137
Мазҳакаи илоҳӣ ..... 138
СУРУДИ АВВАЛ ..... 138
СУРУДИ ДУЮМ ..... 142
ФРАНСУА РАБЛЕ ..... 147
СЕРВАНТЕС ..... 149
“ДОН КИХОТ” ..... 153
ПОРЧА АЗ ДОСТОН ..... 153
Ҳикояти бемор шудани Дон Кихот, васиятномааш ва
вафоташ ..... 153
ВИЛЯМ ШЕКСПИР ..... 158
Сонетҳо ..... 160
ИОҲАНН ВОЛФГАНГ ГЁТЕ ..... 162
НАМУНАҲО АЗ “ДЕВОНИ ҒАРБИЮ ШАРҚӢ”-И ГЁТЕ ..... 166

ҲИҶРАТ ........................................................................ 166
БЕПОЁН ........................................................................ 167
ФАТВО ........................................................................ 168
БА ҲОФИЗ ........................................................................ 168
ПАЙРАВӢ ........................................................................ 169
ЗУЛАЙХО ........................................................................ 169
ҚИТЪАҲО ........................................................................ 170
АЗ "ҲИКМАТНОМА" ........................................................................ 170
ҶОРҶ БАЙРОН ........................................................................ 171
НАМУНАҲО АЗ ЭҶОДИЁТИ ҶОРҶ БАЙРОН ........................................................................ 175
КОФАР ........................................................................ 175
ҚАСИДАИ ИШҚ ........................................................................ 177
СТЕНДАЛ ........................................................................ 180
ПОРЧА АЗ РОМАНИ «СУРХ ВА СИЁҲ» ........................................................................ 183
ШАҲРЧА ........................................................................ 183
II ........................................................................ 186
ҶАНОБИ ҲОКИМ ........................................................................ 186
ВИКТОР ҲЮГО ........................................................................ 189
НАМУНАҲО АЗ ЭҶОДИЁТИ ВИКТОР ҲЮГО ........................................................................ 192
ОЗОДӢ ........................................................................ 192
ИН ГУЛРО БАРОИ ТУ ЧИДАМ ........................................................................ 193
АЗ КИТОБИ "САВТҲОИ МАШРИҚ" ........................................................................ 193
ФИРДАВСӢ ........................................................................ 193
ШОҲИ ФОРС ........................................................................ 194
СИНФИ 11 ........................................................................ 195
ҲАМЗА ҲАКИМЗОДА НИЁЗӢ ........................................................................ 195

ОЛЕС ГОНЧАР .......... 200
«БАЙРАҚБАРДОРОН» .......... 201
ХАЧАТУР АБОВЯН .......... 205
НАМУНА АЗ ОСОРИ ХАЧАТУР АБОВЯН .......... 208
ҚАЛЪАИ ЕРЕВАН .......... 208
ҶУБРОН ХАЛИЛ ҶУБРОН .......... 212
НАМУНАҲО АЗ ЭҶОДИЁТИ ҶУБРОН ХАЛИЛ .......... 214
СУЛҲ .......... 215
ЁР .......... 216
Никох .......... 217
АЗ КИТОБИ “РЕГ ВА КАФК” .......... 217
ШОИР .......... 217
МУҲАММАД ИҚБОЛ .......... 218
МЕРОСИ АДАБИИ МУҲАММАД ИҚБОЛ .......... 222
НАМУНАҲО АЗ ОСОРИ МУҲАММАД ИҚБОЛ .......... 224
ҶӮИ ОБ .......... 224
МАИ БОҚӢ .......... 224
АЗ “ЗАБУРИ АҶАМ” .......... 225
АЗ ҒАЗАЛИЁТ .......... 226
АЗИЗ НЕСИН .......... 227
ТАРЗАН .......... 228
АДАМ МИСКЕВИЧ .......... 233
НАМУНАҲО АЗ АШЪОРИ АДАМ МИСКЕВИЧ .......... 236
СОНЕТҲОИ ҚРИМ .......... 236
БИЁБОНИ АККАРМАН .......... 236
СУКУНАТ .......... 237

БОҒЧАСАРОЙ .................................................................... 237
ШАБОНГАҲИ БОҒЧАСАРОЙ ............................................... 238
ШАРҚ ВА ШИМОЛ ............................................................... 238
РАСУЛ ҒАМЗАТОВ ............................................................... 239
НАМУНАҲО АЗ АШЪОРИ РАСУЛ ҒАМЗАТОВ ..................... 243
ЭЙ ҲАЁТИ МАН ................................................................... 243
ЁД МЕКУНАМ ...................................................................... 243
МОДАРОНРО ПОС ДОРЕД! .................................................. 244
АЗ "ДОҒИСТОНИ МАН" ........................................................ 245
ЗАБОН ................................................................................. 245
МӮСО ҶАЛИЛ ...................................................................... 247
БЕПО ................................................................................... 250
БОВАР МАКУН ..................................................................... 251
ШОИР .................................................................................. 252
ҲЕРМАН ҲЕССЕ ................................................................... 253
ЧИНГИЗ АЙТМАТОВ ............................................................ 262
ДУРОҲАИ БӮРОНӢ ............................................................. 267
1 .......................................................................................... 270
ТЕОДОР ДРАЙЗЕР ................................................................ 286
ДАР ТОРИКӢ ....................................................................... 290
ОЛҶАС СУЛАЙМОНОВ ......................................................... 294
НАМУНАИ ОСОРИ О. СУЛАЙМОНОВ ................................... 295
ФОЛБИНЗАН ....................................................................... 295
ЭРАҶ МИРЗО ...................................................................... 296
НАМУНА АЗ ОСОРИ ЭРАҶ МИРЗО ...................................... 298
МУҲАББАТИ МОДАР ........................................................... 298

МАЛИКУШШУАРО БАҲОР ........ 299
НАМУНАИ ОСОРИ БАҲОР ........ 300
ҶЕК ЛОНДОН ........ 301
НАМУНАИ ОСОР: ........ 304
МУХТОР АВЕЗОВ ........ 312
БОЗГАШТ ........ 315
ЗИЁ ҚОРИЗОДА ........ 325
НАМУНАИ ОСОРИ ЗИЁ ҚОРИЗОДА ........ 327
СУРОҒИ МАНЗИЛ ........ 327
МИРЗО ФАТҲАЛӢ ОХУНДОВ ........ 327
Намунаи осор: «Поэмаи Шарқ» ........ 330
ЯНКА КУПАЛА ........ 333
Аз маҷмӯаи «Сарнавишти Белорус» ........ 335
ВАТАН ........ 335
БАРОИ ОН ЧӢ... ........ 335
АЗ «ОҲАНГҲОИ БЕЛОРУССИЯИ ҒАРБӢ» ........ 336
ЭДУАРДАС МЕЖЕЛАЙТИС ........ 337
ШАҲРЗОД ........ 340
ИЗҲОРИ МУҲАББАТ Ё ХОТИРАЕ АЗ САФАРИ
ТОҶИКИСТОН ........ 342

ЗАЙНИДДИНОВ МУРТАЗО
ХУДОЙДОДОВ АЪЗАМ

АДАБИЁТИ ХАЛҚҲОИ ҶАҲОН
Барои синфҳои X-XI

Муҳаррири ороиш *М. Умаров*
Муҳаррири техникӣ *Ш. Муродов*
Мусаҳҳеҳ *Р. Латифова*

ЗАЙНИДДИНОВ МУРТАЗО
ХУДОЙДОДОВ АЪЗАМ

МИРОВАЯ ЛИТЕРАТУРА
Учебник для 10-11 классов средней школы

Редактор *М. Умаров*
Технический редактор *Ш. Муродов*
Корректор *Р. Латифова*

Дизайн обложки и юбилейного знака
*М. Муродов, Т. Бабаев*

Подписано в печать 8.08.2001. Формат 60x90 1/16.
Гарнитура Times New Roman. Печать офсетная. Печ. л. 22.
Тираж 100 000 экз. Заказ № 19.

ЛР № 010162 от 06.03.97 г.

Отпечатано на производственно-издательском комбинате
«Офсет».
660049, г. Красноярск, ул. Республики, 51.
Тел. (3912) 23-36-81. E-mail: marketing@ofset.krsn.ru

[illegible]

**НИШОНИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН**



**ПАРЧАМИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН**



## СУРУДИ МИЛЛИИ
## ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Шеъри Гулназар Келдӣ* *Оҳанги Сулаймон Юдаков*

*Диёри арҷманди мо,*
*Ба бахти мо сари азизи ту баланд бод,*
*Саодати ту, давлати ту бегазанд бод.*
*Зи дурии замонаҳо расидаем,*
*Ба зери парчами ту саф кашидаем,*
*кашидаем,*

*Зинда бош, эй Ватан,*
*Тоҷикистони озоди ман!*

*Барои нангу номи мо*
*Ту аз умеди рафтагони мо нишонаӣ,*
*Ту баҳри ворисон ҷаҳони ҷовидонаӣ,*
*Хазон намерасад ба навбаҳори ту,*
*Ки мазраи вафо бувад канори ту,*
*канори ту,*

*Зинда бош, эй Ватан,*
*Тоҷикистони озоди ман!*

*Ту модарӣ ягонаӣ,*
*Бақои ту бувад бақои хонадони мо,*
*Мароми ту бувад мароми ҷисму ҷони мо,*
*Зи ту саодати абад насиби мост,*
*Ту ҳастиву ҳама ҷаҳон ҳабиби мост,*
*ҳабиби мост,*

*Зинда бош, эй Ватан,*
*Тоҷикистони озоди ман!*


ХАЗИНАИ ХАЙРИЯИ
САРПАРАСТ
БЛАГОТВОРИТЕЛЬНЫЙ ФОНД
ОФСЕТ
РОССИЙСКО - ТАДЖИКСКОЕ
РОСТАДИ
ИЗДАТЕЛЬСТВО